ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ
РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

УДК: 891.709
ББК 83.3Тад
Ҳ25

ҶУМАҚУЛ ҲАМРОЕВ

ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИК

Китоби дарсӣ
барои донишҷӯёни бахшҳои факултетҳои филологӣ аз рӯи тахассуси 5120100-филология ва омӯзиши забонҳо (забони тоҷикӣ)

Тошкент
«Ўзбекитон миллий энциклопедияси»,
2014

Аннотатсия

Китоби дарсии «Таърихи адабиёти навини тоҷик» васоити омӯзишӣ буда, равишу тамоюлҳои асосии инкишофи адабиёти навини тоҷикро аз нимаи дуюми асри XIX то ба рӯзҳои мо фаро мегирад. Китоб бо назардошти дидгоҳҳои нав оид ба арзишҳои асосии бадеӣ ва тамоюлҳои ташаккулу таҳаввули адабиёти навини тоҷик таълиф шудааст.

Китоб барои донишҷӯён, магистрҳо ва аспирантҳои факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ, факултетҳои ховаршиносии кишвар, ҳамчунин ҳамаи алоқамандони адабиёти тоҷик тавсия мешавад.

Аннотация

В учебном пособии «История новейшей таджикской литературы» на фоне новых взглядов на основные художественные ценности, творческие принципы и тенденции рассматриваются важные направления развития таджикской литературы, начиная со второй половины XIX века до наших дней.

Книга предназначается для студентов, магистров и аспирантов факультета таджикской филологии СамГУ им. А. Навои, Востоковедческих факультетов ВУЗов страны, а также для тех, кто интересуется таджикской литературой.

Аннотация

“Янги тожик адабиёти тарихи” янги типдаги ўқув адабиёти бўлиб, унда адабий жараёнлар, бадиий адабиётнинг шаклланиш тамойиллари, ўз аксини топган. Мазкур дарслик XIX асрнинг иккинчи ярмидан бошлаб ҳозирги кунга қадар янги давр адабиётининг тарихий босқичларини қамраб олади. Дарсликда тожик адабиётининг тарихий шаклланиш тамойиллари янгича ёндашувлар, талқинлар ва қарашлар асосида таҳлил ва тадқиқ этилган.

Китоб юртимизнинг филология йўналишида таълим олаётган барча талабалар, магистрлар, катта илмий тадқиқотчи-изланувчилар, шарқшунослик институтлари талабалари, шунингдек барча адабиёт ихлосмандларига тавсия этилади.

Муҳаррири масъул: доктори илмҳои филологӣ, проф. С.Саъдиев

М у қ а р р и з о н:
доктори фанҳои филологӣ,
профессор Ш.С.Сироҷиддинов

доктори фанҳои филологӣ,
профессор Ш.Ҳасанов

МУҚАДДИМА

Таърихи адабиёти навин ҷузъи таърихи адабиёти ҳазорсолаи тоҷикист ва махсусиятҳои адабиёти ин даврaро ифода мекунад. Барои амиқ донистани ҳодисаҳои таърихи адабиёт ва дарёфти заминаҳои воқеии инкишофи он, омӯзиши даврaҳои ташаккули он ниҳоят муҳим мебошад.

Бинобар ин, ба ифодаи устод Айнӣ, мо «сари адабиёти навини тоҷикӣ»-ро пештар бурдем. Адабиёти маорифпарвариро, ки замони пайдоиш ва ташаккули он нимаи дуюми асри XIX аст, ибтидои ин адабиёт донистем ва ки ин далели худро дорад. Дар ин равиш дигаргуниҳои ғоявию бадеии адабиёти нимаи дуюми асри XIX маҳаки асосии тақсимбандии мо қарор дошт. Чунин тақсимбандӣ шояд зоҳиран шартӣ ба назар ояд, аммо дар воқеъ аломатҳои хоси адабиёти навини тоҷик на дар даҳсолаи аввали асри XX, балки дар нимаи дуюми садаи пешин зоҳир шудаанд. Аз ҳамин мавқеъ мо ба махсусиятҳои адабиёти маорифпарварӣ ва сарнавишти инсониву ҳунарии намояндагони саршиноси он таваҷҷӯҳ кардем. Дар ин замина ба шахсиятҳое эътибор додем, ки сарнавишти ҳунариашон воқеияти адабии даврро то андозае бозтоб мекунад. Дар шинохти ин гуна шахсиятҳо ҳақиқати ҳунарӣ маҳак ва меъёри арзёбӣ буд.

Дар тадқиқотҳои қаблӣ адабиёти ин давра аз назари иҷтимоъгароӣ таҳлилу таҳқиқ шуда, воқеияти аслии ҳаёти адабӣ сарпечида тафсир мешуд ва гоҳо барғалат маънидод мегардид. Кӯшише ба харҷ рафт, то дар ин росто сарнавишти нависандагӣ ва инсонии намояндагони адабиёти ин давра чун Аҳмад махдуми Дониш воқеъбинона баррасӣ шавад.

Устод Айнӣ ба далели он ки «Аҳмад махдуми Дониш дар боби адабиёти мансура хеле роҳи нав ва услуби тозаро бо илҳоми даҳо ва

истеъдоди фитрии худ эҷод карда» (1,529), ин даврарo ҳангоми тақсимбандии адабиёт тафовут додааст. Вай бо вуҷуди таъкид ба махсусиятҳои ҳунарӣ ва равишҳои тозаи эҷодиёти Аҳмади Дониш давраи то инқилоби 1905-и милодиро оғози адабиёти нави тоҷик намедонад, балки Айнӣ соли 1905-ро ҳамчун «сари таърихи адабиёти нави тоҷик» ба ин далел шинохтааст: «вақте ки инқилоби мазкур ба вуқӯъ омада, чопи рӯзномаҷот ва китобҳои тоза дар Бухоро ва Туркистон умумият гирифт, соҳибқаламони тозанавис ҷо-ҷо сар баровардand» (ҳамон ҷо).

Агар мо сари ин сухани Айнӣ пофишорӣ кунем, аз ҳақиқати ҳаёти адабӣ то андозае дур хоҳем шуд. Воқеият ҳамон аст, ки худи Айнӣ иқрор кардааст. Аҳмади Дониш на фақат «дар роҳи адабиёти мансура хеле роҳи нав ва услуби тозаро» эҷод кард, балки мазмуни адабиёти ин даврарo низ дигар сохт. Вай ақибмондагии иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии Бухоро ва барномаи мадорисро сахт танқид карда, «роҳҳои тараққии замонии сарзамини тоҷиконро муайян намуда буд» (113,111). Ин далелҳо кофӣ буд, то мо суханро аз адабиёти навини тоҷикӣ маҳз аз эҷодиёти Аҳмади Дониш шурӯъ кунем.

Воқеан ҳам санадҳои адабиёт гувоҳанд, ки тафаккури бадеӣ на фақат баъди инқилоб, балки пештар аз он дигар шуда ва ин дигаргунӣ дар адабиёти тоҷикӣ аз нимаи асри XIX, яъне аз замони пайдоиши адабиёти маорифпарварӣ оғоз гардидаву минбаъд тақвият ёфтааст. Аксари муҳаққиқон ҷиддитарин натиҷаҳои эстетикии ин марҳиларо ба замони баъди Инқилоб маҳсуб медонанд, ки ба назари мо саҳеҳ нест. Балки ҳанӯз аз замони фаъолияти эҷодии Аҳмади Дониш ва баъд мазмуну шакли адабиёт ба суръат дигар мешуд. Дар ин марҳила дар радифи осори Аҳмади Дониш, хоса «Наводир-ул-вақоеъ»-и ӯ осори дигаре, монанди «Тӯҳафи аҳли Бухор»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким, «Мунозира», «Баёноти Сайёҳи ҳиндӣ», «Раҳбари наҷот»-и А. Фитрат, маснавиҳои Сайид Аҳмадхоҷаи Аҷзӣ «Миръоти ибрат»,

«Анҷумани арвоҳ» ва ғайра ба майдон омаданд, ки пайки наве дар ҳаёти адабӣ буданд.

Яке аз шохаҳои адабиёти маорифпарварӣ адабиёти ҷадида буд. То замони бозсозӣ адабиётшиносӣ дар заминаи шуури эстетикии иҷтимогаро ва сотсиологизми вулгар шакл гирифта буд ва ҳаракати ҷадидия низ монанди бисёр ҳодисаҳои адабӣ ғайривоқеӣ тафсир мешуд. Дар ин боб солҳои охир муҳаққиқон на танҳо сухани тоза гуфтанд, балки бисёр номҳое, ки ба тақозои сиёсати зӯровар аз ёд рафта буданд ва ё аҳёнан ёдоварӣ мешуданд. Акнун имкони он даст дод, то дар бораи намояндагони таърихи адабиёти муосир ва навини тоҷикӣ аз қабили Фитрат, Аҷзӣ ва Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ҳарфи воқеӣ гӯем.

Зикри номҳо ва шахсиятҳои баргузида дар ин таърих бозгӯи воқеияти ҳаёти адабии замони шӯравии тоҷик аст. Дар ин равиш мо воқеъияти таърихии ҳаёти адабиро бо дар назардошти тамоюлҳо ва равишҳои эҷодӣ баррасӣ кардем. Вале таваҷҷӯҳ бештар ба ҷиҳатҳои мусбати адабиёт воқеъ шуд. Дар ин замина асосан арзишҳои бадеии эҷодиёти ин ё он адиб мавриди назар буданд.

Албатта, хонандаи огоҳ ба қадри арзишҳои воқеии бадеӣ новобаста ба шароити ба вуҷудоии онҳо мерасад ва ба онҳо мустақиман баҳо медиҳад. Вале таърихи ҷараёни адабӣ ин гуна санадҳоро наметавонад фурӯ гузорад. Мутаассифона, адабиётшиносии замони шӯравии тоҷик дар ин замина роҳи мустақим надошт. Вай асосан тобеъи зургӯиҳои давлат ва ҳизби эҷодгари идеалогияи расмӣ ва зӯровар буд. Маҳз дар ҳамин замина адабиёти тоҷик чун саҳнаи фаъолияти чеҳраҳои баргузидаи адабӣ шинохта шуда, эҷодиёти намояндагони он дар қиёс бо намондагони ҳамин гуна шахсиятҳои адабиёти иттифоқ таҳлилу тадқиқ мешуд. Яъне адабиётшиносии қиёсӣ низ мушкилоти худро дар зери таъсири ҷараёни идеологии зургӯ вазъ карда буд.

Таъсири ҳамин равиш буд, ки адабиёти сирфан беарзиши замонӣ аз навсозиҳои сохтмони сотсиалистӣ чун намудҳои баргузидаи ҳунар

тавсиф шуда, осори бисёре аз шахсиятҳои эҷодкор, ки воқеан асарҳояшон арзишҳои бадеӣ ва маънавӣ доштанд, аз назарҳо дур мемонд. Ин гуна чеҳраҳо аз ёдҳо рафта ва ё қурбони дасисаҳои сиёсии зургӯёни вақт мешуданд.

Мо чунин муносибатро дар тамоми даврaҳои таърихи адабиёти навини тоҷик мушоҳида мекунем. Дар ҳама ҳолат арзиши маънавӣ ва мавқеи фарҳангии адабӣ сарфи назар мешуд. Таъсири ҳамин гуна афкор буд, ки ҳанӯз ҳам адабиётшиносӣ сухани арзишманде ва воқеие дар боби шахсияти инсонӣ ва ҳайсияти адабии Айнӣ, Фитрат, Беҳбудӣ ва адибони дигар нагуфтааст. Албатта, дар ин замина ишорае аз ҷониби донишманди адабиёт Муҳаммадҷони Шакурӣ воқеъ шуд (114,106). Вале дар маҷмӯъ ин мушкилот ҳал нашудааст. Ба ҳамин сабаб на ҳар адабиётшинос тарафҳои гуногуни фаъолияти Айниро эътироф мекунад. Инчунин мақоми ҷараёни ҷадидия ва намояндагони он - Фитрату Беҳбудӣ, ки ба навъе ифодагарони рӯҳи илмӣ буданд, низ хамчунон мавриди таваҷҷӯҳи амиқ қарор намегиранд. Ҳол он ки бисёр шахсиятҳои адабиёти ибтидои аср дар эҳёи миллӣ ва таърихии халқ хидмати арзандае доштанд.

Шахсияти пурғунҷоиши Айнии ҷадид, Айнии солномanависи «қадамҳои қатъии сотсиализм», Айнии сирфан миллатдӯсту ватанпараст дар маҷмӯъ мутааллиқ ба таърихи ҷараёни адабии ин давра аст. Як соҳаи фаъолияти ҳунарии ӯ – адабиётшиносӣ низ таҷдиди назар мехоҳад. Вай шояд аз аввалин ва охирин касоне буд, ки таърихи адабиёти пешинро ба хизмати муосирон кашид. Ифтихороти маънавиро дар пешрафти миллат арзишманд шинохт. Лобалои ҳама гуна арзишҳои сиёсӣ, пайвандҳои таърихӣ ва маънавии миллатҳоро таъкид кард.

Интихоби номҳо ва осори бадеӣ, арзиши онҳо аз мушкилоти мавҷуд ва ҳалнашудаи таърихи адабиёти навин аст. Ҳанӯз ҳам шахсиятҳои маъруф ва осори онҳо дар китобҳои дарсӣ бо фаҳмиши кӯҳна зикру тафсир мешаванд. Вале муҳим он аст, ки дар ин замина ҳеҷ кас ба шахсияти сарнавиштсоз будани Айнӣ шубҳа надорад, вале

паҳлӯҳои сафеду сиёҳи фаъолияти ӯ бояд аз мавқеи адабиёти асил арзёбӣ шавад.

Дар солҳои фошгӯии бозсозӣ низ, мутаассифона, консепсияи фаҳмиши ҷомеъ ва амиқи адабиёт дар адабиётшиносии мо рӯи кор наомад. Шояд таъсири ин ҳодиса буд, ки имрӯз низ адабиёти тоҷик саҳнаи хандахези эҷоди асарҳои косибона аст. Ба хусус ҳолати инкишофи наср таассуфовар буда, ҳуввияти эҷодии адибон эҳсос намешавад. Дар солҳои бозсозӣ тамоюли шинохти ҳақиқати ҳунарӣ, бешак, зиёд буд. Вале дар ин равиш низ ҳадшиносӣ меъёри нигоҳи мунақидону адабиётшиносон набуд. Яъне Айнӣ ва осори ӯ халалнопазир шинохта шуда, Турсунзодаро санг задан раво дониста мешуд. Шахсиятҳои дигар сирфан мавриди назар қарор намегирифтанд. Дар ҳама ҳолат номҳои Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ пеши назар буданд.

Таасуфангез ин аст, ки дар адабиётшиносӣ чунин консепсияе зуҳур накард, то асарҳои бо арзиш ва беарзиши бадеиро ташхис дода бошад. Мо ҷуръат намекунем ба хонанда талқин кунем, ки осори фалон адиб арзиши бадеӣ ва иҷтимоӣ надорад ва баръакс фалон асарҳо дорои арзиши бадеӣ ва қобили омӯзишанд.

Дар асарҳои баъзе аз муҳаққиқон таъкиди мақоми дастнорасии ин ё он адиб низ ба гӯш мерасад. Чунон ки назари интиқодии Раҳими Мусулмониёнро муҳити адабӣ напазируфт ва аз «шахсияти бенуқси сарояндаи сулҳу амонӣ» ҳимоя ҷуст. Умуман то ба имрӯз бозгӯи дастоварду камбудиҳои адибони «дастнорас» расм нашудааст. Илова бар ин адабиётшиносон дар гуфтани сухани воқеӣ дар ҳаққи қаламкашони нисбатан ҷавон, ки ҳарфашон бевазн аст, истиҳола мекунанд, ки ин ҳама назари хонанда махсусан, донишомӯзонро тира медорад.

Ин гуфторро мо барои донишҷӯён таҳия намуда, кӯшиш кардем, ки назари сатҳӣ ва яктарафаро ба осори адабӣ, аз ҷумла, эҷодиёти ин ё он адиб ба қадри ҳол ислоҳ кунем. Аз рӯи дастурҳои адабиётшиносӣ бояд,

қабл аз ҳама, кам ё беш дастоварди бадеии соҳибони каломи бадеъ тафовут дода шавад. Аз ҳамин мавқеъ мо дар интихоби номҳо низ меъёрҳои қаблии адабиётшиносиро то ҳадде шикастем. Дар ин замина меъёри назар завқи ҳунарии соҳибони каломи бадеъ буд.

АДАБИЁТИ МАОРИФПАРВАРӢ

Нимаи дуюми асри XIX дар роҳи инкишофи афкори иҷтимоӣ ва раванди таърихии ташакулли таърихи адабиёти тоҷик марҳилаи пураҳамият мебошад ва муҳимтарин ҳодисае, ки дар ҳаёти фарҳангии Осиёи Марказии нимаи дуюми асри XIX воқеъ шуд, зуҳури ҷараёни маорифпарварист. Пайдоиши ин ҷараён ҳодисаи тасодуфӣ набуд, балки зуҳури он диди аҳли назарро ба воқеият, шароити иҷтимоӣ ва вазъи ҳаёти ҷомеаи аморати Бухоро тағйир дод.

Табиист, ки ҳама гуна падида дар фазои холӣ пайдо намешавад ва барои арзи ҳастӣ намудани он ангезае лозим меояд. Аз ҳамин нуқтаи назар метавон гуфт: харобиҳое, ки сулолаи манғитиён дар иқтисод ва фарҳанги кишвар ворид сохта буданд, оқибатҳои фоҷиаангезе ба бор оварда, дар зиндагӣ бори гароне бар дӯши мардум гардид. Ва маҳз заминаҳои иҷтимоӣ шароити аввалӣ буд барои пайдоиши ин ҷараёни маорифпарварӣ.

Зимнан, бояд гуфт, ки равия ё худ ҷараёни маорифпарварӣ дар адабиёти тоҷик қабл аз ҳама дар заминаи анъанаҳои худӣ зуҳур ва рушд кард. Сониян, инкишофи ин ҷараён аз таъсири тамаддуни ғарбӣ низ бархурдор будааст.

Мо бар асоси маводи дастрас ба хулосае омадем, ки ҷараёни маорифпарварӣ дар нимаи дуюми асри XIX шомили ду равиш будааст. Намояндагони равиши аввал асосан пайгири ақоиди озодандешона дар заминаи адабиёти пешин ва ахлоқи исломӣ будаанд, ки дар ин роҳ фаъолияти Возеҳ ва Шоҳину Ҳайратро метавон ба қадр шинохт.

Равиши дувуми ин ҷараён, ки Аҳмади Дониш сарвари бебадали он буд, дар таҳлили иҷтимоӣ ва илмии муҳити ҷомеъ саҳми чашмгир дошт. Сарманшаи тозаҷӯйиҳои ин равиш ҳаёти пурвоқиаи замон буд.

Хусусияти дигари ин ҷараён иборат аз он буд, ки ғояҳои равшангароӣ ба шеър ба ваҷҳи устувории анъанаҳои адабӣ камтар ворид мешуд, вале дар наср ба зудиву бонатиҷа амалӣ мегардид. Ҳарчанд

ҳукумати вақт барои рушди ҳамаҷонибаи мактабу маориф ва илму адабиёт имконоти лозимаро муҳайё накарда буд, вале чеҳраҳое арзи вуҷуд карданд, ки бо хидматҳои адабӣ дар таърихи адабу фарҳанги тоҷик зинда монданд.

Аҳмади Дониш аз баргузидаи ин таърих ва маорифпарвари бузурги тоҷик аст, ки сухани воқеиро оид ба таърихи садаи XIX Бухоро гуфтааст. Вай аз шахсиятҳое буд, ки барномаи таълиму тарбияро сахт танқид карда, роҳҳои наҷотро аз ақибмондагии иҷтимоиву сиёсӣ нишон дода буд. Аз ин ҷиҳат навиштаҳои Аҳмади Дониш саҳифаи тоза дар таърихи адабиёти тоҷик маҳсуб мешаванд. Маҳз ба кӯшиши Аҳмади Дониш ва ҳаммаслакони ӯ дар ин давра мазмуну шакли адабиёт то ҳадде дигаргун шуд.

Муҳаққиқони таърихи адабиёт Аҳмади Донишро чун сарвари насли аввали маорифпарварони тоҷик тавсия кардаанд. Маҳз бо таъсири фаъолияти насли якуми маорифпарварон аз оғози садаи XX насли дуюми маорифпарварон ба майдон омаданд, ки Ҳайрат, Аҷзӣ, Асирӣ, Саҳбо, Фитрат, Айнӣ, Мирзо Сироҷ ва дигарон ворисони ин насланд. Аз ҳамин давра мазмуну шакли адабиёт комилан тағйир ёфт. Асарҳое таълиф гардиданд, ки роҳу равиши тозаеро дар адабиёт ифтитоҳ карданд. Дар ин раванд асари Мирзо Сироҷиддини Ҳаким «Туҳафи аҳли Бухоро» (1911), аввалин асарҳои Абдуррауфи Фитрат «Мунозира» (1909), «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» (1912), «Раҳбари наҷот» (1915), маҷмӯаи шеърҳои ӯ «Сайҳа» (1910), маснавиҳои Сайид Аҳмадхоҷаи Аҷзӣ «Миръоти ибрат» (1913) ва «Анҷумани арвоҳ» (1913), маҷмӯаи ғазалиёти иҷтимоии ӯ «Ганҷинаи ҳикмат» (1913) ва «Айн-ул-адаб» (1916), ашъори Тошхӯҷаи Асирӣ, баъзе нигоштаҳои Айнӣ, осори Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва дигарон буданд. Воқеан, дар чунин навиштаҳо доираи мавзӯву масъалаҳо комилан нав буд. Бори аввал устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ба ин масъала ишора карда, аз ҷумла навишта буд, ки мавзӯи ин гуна осор «ба эътибори умумият ватан, миллат, дин, илм ва маориф буда, ташвиқ ба муқобили

ҳукумати мустабида зимнан, ҳуҷум ба уламо сароҳан аз мавзӯҳои муҳими ин давра ба шумор мерафт» (1,529).

Дар ҳамин равиш адабиёти равшангарии тоҷик, ки адабиёти ҷадида низ як шохаи он аст, зуҳур кард ва инкишоф ёфт. Мутаасифона, солиёни дароз адабиёти ҷадида ҳамчун зуҳуроти манфӣ дар таърихи адабиёт зикр мешуд. Дар асл ҷараёни ҷадида дар таърихи адабӣ тоҷик мақоми мусбат дошта, дар замонааш рисолати бузурги иҷтимоиро бар дӯш дошта будааст. Моҳияти ин равишро донишманди маъруфи таърихи адабиёт Муҳаммадҷон Шукуров хеле возеҳ тавсиф кардааст. Ӯ менависад, ки «равшангарон нисбат ба муҳофизакорони кӯҳнапараст, нисбат ба қадимиён худро ҷадид номиданд ва хостанд ҷомеъаро нав кунанд, миллатро аз гирдоби ҳуруфоту таассубот берун оварда, ба шаҳроҳи тараққии илму фанни замон бароранд, то ки миллат аз фарҳанги тозаи асри мо, аз дастовардҳои илму маорифи нави даврон баҳра бардорад» (113,111-112).

Воқеан ҳам ҷадидон мехостанд миллатро аз чанги вомондагӣ раҳо бахшанд. Бинобар ин ҳам таъкид мекарданд, ки «аввалин наҷотдиҳандаи мо илм аст».

Дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX назм инкишофи зоҳирӣ дошт. Кӯшиши амирони манғит дар роҳи ҷалби аҳли адаб ба дарбор чандон самаре надошт. Бо вуҷуди он ки Бухоро маркази ҷомеъи фарҳангӣ ба назар меомад, рушди неруҳои адабӣ ба ҳоли худ буд. Муҳаққиқон ду равия, яъне адабиёти дарборӣ ва берун аз дарбор – ба истилоҳ мухолифро дар адабиёти ин давр зикр кардаанд, ки ба назари мо чандон муҳим наменамояд.

Умуман адабиёти ин даврaро вобаста ба пешрати ҷамъият бояд баррасӣ кард. Танҳо ба ҳамин васила арзиши аслии осори адибон муайян хоҳад шуд. Яъне арзиши аслии осори маддоҳона ва адлҷӯёна танҳо дар қиёс равшан мешавад. Муқоиса нишон медиҳад, ки шеър дар ин давра чандон рушд надоштааст. Ҳатто дар эҷодиёти шоири тавонои ин аҳд Шоҳин таҷаддудхоҳиро намебинем, ҷустуҷӯҳои озодихоҳона ва

равшангароёнаи ӯ аз заминаи суннатҳои мавҷудаи адабиёти пешин берун намеравад. Аммо тағйироти чашмраси адабиёти ин давр дар бештарин ҳол ба рушди наср вобастааст. Дар ҳамин замина насри ин даврароякнавъ давраи бедорӣ ва худшиносии он низ метавон таъбир кард. Ин адабиёт танҳо дар ҳамин замина ҳамвора бо вазъи пурошӯби замона муқовимат карда, бешак, дорои хусусиятҳои тоза гардид.

Чунон ки таъкид шуд, агар дар даврaҳои пешин асосан шеър бештар инкишоф ёфта бошад, дар ин аҳд наср мақом ва манзалати хос пайдо кард.

Дар рушди беҳтарин фазилатҳои адабиёти ин давр хизмати мутафаккирони бузург Аҳмад махдуми Дониш зиёд аст. Аҳмади Дониш бо таълифи як силсила осор адабиётро аз худхоҳӣ берун овард, рӯи онро ҷониби ҷомеа гардонид. Махсусан, асарҳои ӯ «Рисола ё таърихи мухтасари сулолаи Манғития» ва «Наводир-ул-вақоеъ» дар ин раванд бесобиқа буданд.

Аз намояндагони пешқадами адабиёти ин аҳд Шамсиддини Шоҳин, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Музтариб, Исо Махдум, Дилкаш, Сипандии Самарқандӣ ва ғайраро метавон зикр кард.

Як шохаи тозаи адабиёти маорифпарварӣ – адабиёти ҷадида маҳз дар ҳамин замина зуҳур ва рушд кард.

Мутаассифона, дар адабиётшиносии мо кам касоне ин ҳаракатро саҳеҳ арзёбӣ кардаанд. Ҳатто баъди бозсозию ошкорбаёнӣ низ афкори муҳити адабӣ нисбат ба ин равия ва намояндагони он бетағйир монд. Ҳатто мо фаҳмиши ғалатро доир ба ҷадидия дар муқаддимае, ки дар китоби Мирзо Сироҷи Ҳаким «Туҳафи аҳли Бухоро» омадааст, низ мебинем. Муаллиф барғалат миёни маорифпарварӣ ва ҷадида мухолифат мебинад ва таъкид мекунад, ки «аммо баръакси ҷунбиши ҷадидизм, ки бо ғояҳои исломпарастӣ ва туркпарастӣ пайваста буда, дар байни синфҳои истисморкунандаи мамолики Шарқ интишор ёфта буд, ҳаракати маорифпарварӣ чун дар замони фаъолияти Аҳмади Дониш беҳтарин хусусиятҳои худро нигоҳ медошт: кӯшиши хидмат кардан ба

мардум, танқиду мазаммати аморат, таваҷҷӯҳ ба Россия ва кишварҳои пешқадами Аврупои Ғарбӣ» (47,4). Ин тафсир билкул ғалат аст, зеро моҳияти равияи ҷадида чунин набуд. Ҷадидон барномаи комили навсозии маорифпарваронаи ҷомеаро ба миён гузошта буданд. Дар нигоҳи ин гурӯҳ бозҷусти роҳи фардо бо танқиди сохти воқеияти замонӣ ҳамроҳ мерафт. Интиқоду ифшогарӣ аз хусусиятҳои аслии адабиёти ин равия буд. Ормонҳои олии маорифпарварии навхоҳон дар асарҳои намояндагони ин равия Фитрат, Аҷзӣ, Беҳбудӣ равшан ба назар мерасад.

Дар вақташ Фитрат каҷфаҳмиҳоро дар шинохти мароми ҷадидон хеле равшан тафсир карда буд, ки имрӯз низ арзиш дорад. Ӯ сабаби ихтилофоти ҷадиду қадимро шарҳ додаву таъкид карда буд, ки «миллати наҷибаи Бухороро пӯшида нахоҳад буд, ки муддатест ихтилофи ҷадид ва қадим, ки мабдаъаш ба ҷуз иштибоҳкорӣ ва фасодати баъзе хоинони миллат чизи дигаре нест, Ватани муқаддаси моро фаро гирифта, ҷамоъаи муттаҳидаи аҳолиро ба унвони ҷадид ва қадим -ду фирқа ва ҳар кадомро нохушнудони дигар намуд.

Бадеҳист, ки сабаби умдаи хорӣ ва харобии мусулмонон нест магар ҳамин ихтилофоти маъно! Бинобар он ҳар ки худро ходими дини мубини ислом медонад, мекӯшад то ин ихтилофи хонабарандозро аз миёни мо бухориён[1] бардоранд» (101,7).

Мутаассифона, назари нодуруст нисбат ба моҳияти ин равия то имрӯз идома дорад. Дар асл бо навиштаҳои маорифпарварон афкори иҷтимоӣ қадаме бузург гузошта ва шуури шинохти зебоӣ хеле тағйир ёфта бошад, бо зуҳури ҷадидия ва афкори ҷадидон мафҳумҳои «Ватан», «Миллат», «Ислом» ва «Ватандорӣ» маънои тозаи иҷтимоӣ касб карда, асли адабиёт қарор ёфт.

Дар ин замина, воқеан ҳам «адабиёт комилан мазмуни иҷтимоӣ пайдо кард ва адабиёти миллӣ шуд, на танҳо дар бораи инсон, балки бештар дар бораи миллат сухан меронд, сарнавишти миллатро, имрӯзу фардои онро ба андеша гирифт ва агарчи он гоҳ дар бораи миллату

[1]. Манзури муаллиф: аҳолии аморати Бухоро.

миллият тасаввурот ҳанӯз чандон мушаххас набуд, ба ҳар ҳол адабиёт ба ташаккули худшиносии миллӣ мусоидат кард» (М.Шакурӣ). «Дар бораи миллату миллият» тасаввуроти «ҳанӯз чандон мушаххас» надоштани ҷадидон аз барномаи воқеии онҳо сарманша мегирад. Ислом рукни идеологии ҷадидон буд. Онҳо танҳо дар заминаи ахлоқ ва афкори исломӣ, на ҳуруфот барномаи амалашонро мураттаб сохта буданд.

Маълум аст, ки ислом ба ҳамаи ақвоми муслим қадр ва манзалати мусовирро қоил аст. Ана дар ҳамин заминаи муҳим ҳуввияти кулли муслимин буд, ки «миллати Бухоро» ҷузъе аз он аст. Намояндагони адабиёти ҷадида ҳамин ақоиди бунёдиро маҳаки амали хеш шинохта, дар ин замина Туркияро чун «паноҳгоҳи афкору ормонҳои хеш» мешинохтанд. Аз ҳамин манша муносибати ҷадидия ва пантуркизмро муҳаққиқон матраҳ кардаанд, ки дар баъзе аз мавридҳо воқеан хилофкориҳое доштааст.

И.С.Брагинский менависад, ки «дар асл ҷадидияи Осиёи Миёна нисбат ба маорифпарварӣ қадаме ба пас буд» (19, 441). Ин хулоса низ ба сабаби таҳқими мафкураи ғалат нисбат ба ин равия ба миён омадааст. Дар асл ҳақ ба ҷониби Муҳаммадҷони Шакурист, ки дигаргуниҳоеро, ки дар оғози садаи гузашта ва пеш аз инқилоби 1917 дар адабиёти форсии тоҷикӣ рӯй доданд, дигаргуниҳои куллӣ шинохта, даври рушди адабиётро ба он вобаста медонанд.

Воқеан ҳам танҳо аз навиштаҳои барномавии Абдуррауфи Фитрат «Раҳбари наҷот» ва «Оила» пай бурдан мумкин аст, ки ҷадидон сарфи назар аз ихтилофҳои ғоявӣ, ҳадафҳои волои маърифатӣ ва ватанхоҳӣ доштаанд ва адабиёти таҷаддудхоҳи ҷадидия низ ҳамин гуна мақсаду маромро ифода мекард. Муҳимтарин ҳадафи ин адабиёт таблиғи худшиносии миллӣ, халқпарварӣ ва ватандӯстӣ буд.

Бо таъсиси аввалин рӯзномаҳову бунёди чопхонаҳо вазъи интишори афкори ҷадидия дар кишвар рӯ ба беҳбуди ниҳод. Танҳо дар давоми солҳои 1906-1917 беш аз 10 номгӯ рӯзномаву маҷалла арзи вуҷуд кард. Аз рӯзномаи «Ӯрта Осиёнинг умргузорлигӣ» сар карда, ба баъд

нашрияҳои зер ба чоп мерасид, ки муҳимтарини онҳо – «Тараққӣ» (нахустин рӯзномаи хоси ҷадидон), «Хуршед», «Шӯҳрат», «Осиё», «Бухорои Шариф», «Тӯрон», «Самарқанд», «Оина», «Садои Фарғона», «Садои Туркистон», «Шарқӣ» мебошанд. Бояд гуфт, ки аксари ин нашрияҳо ба забонҳои ӯзбекӣ ва туркӣ чоп мешуданд. Дар ин миён танҳо рӯзномаи «Бухорои шариф» махсус ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ нашр мешуд. Муҳаққиқон сарчашмаи ғоявии ҷадидия ва адабиёти онро ба се манбаъ таъин кардаанд: нахуст манбаи он ақоиди ҷадидони тотори Поволже будааст; манбаи дигар панисломизм ва пантуркизми Шарқ, хосса Туркия; сеюм, манбаи равияи маорифпарварии нимаи дуюми асри XIX Бухорост.

Ҳангоме ки дар бораи адабиёти ҷадида сухан меронем, мо бояд маводи рӯзномаҳову маҷаллаҳои ин давр, ҳамчунин васоити таълимии мактабҳои усули нав ва муҳимтар аз инҳо адабиёти бадеиро ташхис дода тавонем.

Чунонки ишора шуд, ҷадидон барномаи мушаххаси ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавиро пайгирӣ мекарданд. Дар ин замина онҳо тақозои ҷиддиро дар тағйири таълиму тадрис дар макотиб ва мадорис доштанд. Онҳо мехостанд дасти таҳрир ба сиёсати вақт, усули идораи амирӣ ворид созанд, бунёди иқтисод ва тиҷорати рӯ ба инкишоф, беҳдошти шароити зиндагии мардум аз нақшаҳои айнулвақти эшон буд. Рушди тиҷорат, бунёди корхонаҳои бузурги саноеъ аз муҳимтарин ҳадафҳои ин равия буд. Ормонҳои идеологии онон исломи рошидӣ буда, ҳама гуна хурофотро маҳкум мекарданд. Ин армонҳо дар осори намояндагони адабиёти ин давра инъикос мешуд.

Боиси таассуф аст, ки тамоми фаъолияти адибони ҷадид дар тахърихи адабиёти мо то ба имрӯз алоқаманд бо «идеологияи зиёновари ҷадидия» маҳкум шудаанд. Дар асл ҳақиқати ҳол чунин набуд. Дар уфуқи аморати Бухоро қабл аз инқилоб ҷадидон вопасин пайки умеди мардум дар роҳи рушди маънавию иҷтимоӣ буданд. Ҷадидон мехостанд исломи рошидиро ба саҳнаи сиёсат оваранд, ки он ҳуввияти фард, Ватан,

дин ва миллатро воло медонист. Онҳо исломи расмиро, ки ҳукумати вақт ба воситаи он ғаразҳои хешро ба амал мебаровард, сахт танқид мекарданд ва таъкид менамуданд, ки ин усули пайравӣ аз ислом оммаи халқро дар торикӣ, нодонӣ ва шароити танги иқтисодӣ нигоҳ дошта, дари рушду камолро ба мардум мебанданд.

Ҳадафҳои ғоявии адабиёти ин равия низ дар ҳамин замина шарҳ ёфтааст, ки муҳимтаринаш озодии шахсият, рафоҳияти рӯҳ, беҳдошти мактабу маориф, шароити зиндагии ҷомеъа, озодии занон ва ғайра будааст.

Муҳаққиқон Садри Зиё, домулло Икром, Садриддин Айнӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдуррауфи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Бехбудӣ, Ҳабибуллоҳи Авҳадӣ, Мунзим, Ҳамдӣ ва дигаронро намояндагони саршиноси адабиёти ҷадидия шинохтаанд, ки ҳар кадоми онон дар ин замина хизмате доштаанд.

Осори адабиёти ҷадидӣ, бешак, як саҳифаи пурмӯҳтавои таърихи адабиёти навини тоҷик аст. Ин адабиёт, аввалан, идомабахши беҳини майлонҳои адабиёти ҳазорсолаи мо, минҷумла адабиёти маорифпарварӣ буда, ҳамчунин аз лиҳози ғояву бадеият аз адабиёти даҳаҳои баъди инқилоб, хоса солҳои бист волотар аст. Сониян адабиёти ҷадидия баёнгари мафкураи судманди табақаи пешқадами ҷомеъаи ибтидои садаи бист аст, ки ҳадафҳои пуразиши ватанхоҳӣ дошт ва озодии ватану миллатро муҳимтарин рисолати хеш медонист. Гузашта аз ин, таърихи дину миллат барои адибони ҷадид арзиши бузург дошта, ба назари онон, ин ба суннатҳои неки ахлоқиву фарҳангии гузаштагон роҳи мустақиме буд, ки ҷомеаро аз касодии ахлоқиву маънавӣ мераҳонад.

Дар ин замина онон ба воқеият аз равзанаи адабиёт нигариста, камбудиҳои муҳити ахлоқӣ ва маънавии ҷомеаро ошкор менамуданд ва муосиронро ба ислоҳи он вомедоштанд. Зимнан бояд гуфт, ки ин адабиёти билкул воқеанавис набуд, балки арзиши хоси бадеӣ низ дошт. Ҳарфи намояндагони он шираи адабиёти ҳазорсоларо дошт, суханашон

вазну тамкини хосе доро буд, ҳусне дошт, яъне аз бадеият орӣ набуд. Дар ин замина ба тамаддунҳои дигар эҳтироми хосро қоил буданд. Бар фарҳанг ва адабиёти Аврупо арҷ додани онҳо низ далели пешрав будани ин ҷараён аст.

Адабиёти дарсии ҷадидия низ маҳз дар хамин замина таълиф гардида буд, ки билкул хусусияти маърифатӣ ва равшангароӣ дошт. Дар ин замина аз «Гулдастаи адабиёт»–и Шакурӣ, «Устод»–и Абдулмаҷидзода, «Раҳбари наҷот» –и И. Раҳматуллоев ва ғайра метавон ном бурд. Ин асарҳо илова ба моҳияти тарбиявӣ арзиши бадеӣ низ доштанд.

Барои бисёре аз намояндагони ин равия ҳадафҳои фарҳангӣ нисбат ба ормонҳои сиёсӣ арзиши бештаре дошт. Маҳз бо шинохти ин мушкилот онҳо ба таълиму тадрис ва бо маърифат кардани мардум бештар таваҷҷӯҳ мекарданд. Баъди инқилоб маҳз ҳамин тамоюл равнақи тоза касб кард.

Дидгоҳи танқидӣ ва воқеият баъди инқилоб намояндагони адабиёти ҷадидиро ба иқдомҳои ҷиддитар водошт. Махсусан, равияи танқидии ин адабиётро баъзе намояндагони он ба хизмати вақт кашиданд. Худи инқилоб ба инкишофи ин равия имконият фароҳам овард, «дидгоҳи тозае эҷод кард» (114). Вале танқид низ ҳадафи сиёсӣ дошт, на ислоҳотхоҳӣ. Замони гузашта ва бозмондаҳои он мавриди накӯҳиш қарор мегирифт. Маҳз дар ҳамин равия дидгоҳи воқеъашиносие тарҳ ёфт, ки минбаъд боиси коҳиш ёфтани принсипҳои асили адабиёт гардид ва адабиёти асилро аз маҷрои воқеии инкишоф берун бурд, арзишҳои ғоявию бадеии онро коҳиш дод.

Аз баррасии иҷмолии ин мавзӯъ хулосаи дигаре бармеояд: оҳангҳои таблиғии адабиёти маорифпарварии оғози сада, ки бунёди он бар ватандӯстӣ, миллатпарварӣ буд, пас аз соли 1917 идома ёфт ва мазмунан дигар шуд. Муҳимтарин ҳадафҳои ин равия даъват ба мактабу маорифи шӯравӣ, фаъолиятмандии иҷтимоӣ, озодии занон, мубориза барои бунёди ҷомеъаи бесинфу табақа шинохта шуда буд. Назар ба

пайбурди донишманди адабиёт Муҳаммадҷони Шакурӣ «оҳанги маорифпарваронаи тарғибу ташвиқи адабӣ дар замони шӯравӣ зуд аз байн рафта, ҷои худро ба таблиғи сиёсӣ, ба таблиғи урёни инқилобӣ дод, бо тарғиби ҷангҷӯёнаи табақотӣ, зидди дин, зидди анъанаҳо ва урфу одати миллӣ, бо тарғибе, ки моҳиятан зидди шахсият ва миллат равона гардида буд, иваз шуд» (113,113). Бисёре аз намояндагони адабиёти ҷадидия дар ин гирдоб ғӯтавар шуда, ҳадафҳои аслии ғоявию бадеии хешро фурӯ гузоштанд, ки баъдтар ин муросокорӣ гурӯҳе аз онҳоро аз доругири солҳои Истолинӣ наҷот набахшид.

Зимнан, чанд мушоҳидаи дигарро дар бораи адабиёти ин давр, даврабандии он ва тааллуқоти ин ё он адибро ба ин давраҳо бояд зикр кунем.

Чунон ки гуфтем, бар хилофи пиндошти Айнӣ мо сари адабиёти навини тоҷикро нимаи дуюми асри XIX шинохтем ва дар ин росто чанд далелро пеш гузоштем. Агар мо ба моҳияти воқеаҳои адабӣ таваҷҷӯҳ кунем, ба хубӣ хоҳем дид, ки адабиёти ҷадидия дар асри XX дар вобастагии меросӣ ва заминаи эҷодии Аҳмади Дониш ва пайравони вай дар охири садаи XIX зуҳур кард. Чеҳраи Аҳмади Дониш табдилнашаванда аст. Вай бо тафаккур ва иқдомоти адабию ислоҳотхоҳияш дар саргаҳи таҷаддудхоҳиҳои асри баъд меистад. Хидмати ӯ, махсусан, дар роҳи эҳёи насри комилан нав шоиста аст. Роҳе, ки ӯ падид овард, пайравон пайдо кард ва минбаъд боиси эҳёи равишҳои тозаву судманди адабӣ гардид. Гузоришоти вай дар «Наводир-ул-вақоеъ» диди сареҳи бадеӣ ва ҷомеашиносии ӯро собит мекунад. Аҳмади Дониш ҳам дар шеър ва ҳам дар наср ҷонибдору таҳкимбахши майлҳои тозакориву таҷаддудхоҳӣ буд.

Муҳим он аст, ки таҷрибаи Аҳмади Дониш барои равияҳои баъдии адабиёт, хоса адабиёти ҷадидия пурсамар омад. Ҳатто ин таҷрибаро яке аз чеҳраҳои саршиноси адабиёти шӯравии тоҷик Садриддин Айнӣ амалан дар эҷодиёташ корбаст намуд.

ЧЕҲРАҲОИ САРШИНОСИ АДАБИЁТИ МАОРИФПАРВАРИИ ТОҶИК

Аҳмади Дониш
(1826-1897).

Шахсият ва ҳайсияти инсонию адабии Аҳмади Дониш дар муҳити адабии Бухорои асри XIX беназир аст. Ӯ як шахси худододе буд, ки аз роҳи ҳақ дида ба муҳити нобасомони аморати Бухоро кушода буд. Ба воқеияти сиёсӣ ва иҷтимоии замонаш назари хос дошт. Ба қавли устод Айнӣ «Маълум аст, ки дар он овон дар Бухоро аз фикрҳои нав ва адабиёти ҷадида асаре набуд. Пас маълум мешавад, ки ин модарзод ҳамаи афкорашро аз ғайри талқини касе ва китобе, маҳзи тадаббуру тафаккури худ маишат ва дунёро ҳосил кардааст» (1,289).

Сарнавишти инсонӣ ва адабии Аҳмади Дониш дар бештарин ҳолат бо қалами худи ӯ то ба мо расидааст. Дар адабиётшиносии мо бори аввал санадҳои тарҷумаи ҳоли Аҳмади Донишро дар рисолаи хеш «Аҳмади Дониш» Сотим Улуғзода зикр кардааст. Баъдан А. Мирзоев ва М. Занд ба ин навишта санадҳое афзудаанд. Вале тадқиқоти комилтар ва ҷомеъ доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Аҳмади Дониш ба қалами адабиётшинос ва нависанда Расул Ҳодизода тааллуқ дорад. Ин муаллиф дар таҳқиқу нашри осори Аҳмади Дониш хизмати арзанда карда, ҳамчунин роҷеъ ба сарнавишти ӯ романи пурмӯҳтавои «Ситорае дар тирашаб»-ро таълиф намуд.

Сотим Улуғзода дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти ин аллома дроми «Алломаи Адҳам»–ро таълиф кард ва филме низ дар «Тоҷикфилм» аз зиндагиномаи Дониш ба навор гирифта шуд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти адабии ин шахсияти олимақом ба қадри имкон таҳқиқ шуда ва муҳимтарин саҳифаҳои осори ӯ ба чоп расидаанд. Мо ҳангоми фарогирии санадҳои ҳаёт ва эҷодиёти Аҳмади Дониш ба ин сарчашмаҳо истинод кардем.

Аҳмад исм ва Дониш тахаллуси адабии ӯст. Вай лақаби «Муҳандис»-ро ба сабаби тахассусаш дар илмҳои табиӣ баргузидааст ва ҳамзамононаш ба вақҳи бузургсариаш ӯро «Калла» лақаб кардаанд.

Аҳмади Дониш соли 1827 дар шаҳри Бухоро дар хонаводаи Носир ба дунё омадааст. Падараш шахси камбизоат, вале аҳли савод будааст. Аҳмад, ки фарзанди ягонаи ин хонадон буд, дар омӯзишу парвариши ӯ ҷиддан саъй гирифтанд. Саводи авваларо ӯ аз модар гирифта, минбаъд онро такмил кардааст ва ба наққошию хаттотӣ низ майли том дошта, ин ҳунарҳоро низ омӯхтааст.

Аҳмади Дониш дар боби омӯзиши ҳунари наққошӣ чунин ёддоште дорад: «…дар арзи 1 сол дар ин сӯи илм (наққошӣ) даромадам, аз он тараф берун рафтам ва ҳарчи ба қаламу паргор саноону нодира кор кунанд, карда аз имтиҳонот бароварда, ҳатто қоидаҳо ва зобитаҳо дар ин фан вазъ кардаанд. Аз лавҳ ҷадвалу нақши сақф ва дар кашидани тасвири офоқӣ ва хориҷии иморат ва боғ ва бӯстон ва ҳайати ҳайвонот ва инсон аз мурғ ва моҳӣ ва тарҳи дашту саҳро ва кӯҳу дарё. Ал-аттафсил бар тахта расм намудам ба ҳаракоти мухталиф ва анвои мункасир ва навиштани китобаҳо бар ҳошияи иморат аст» (30, 187-188).

Аз ин ёддошт бармеояд, ки Аҳмади Дониш аз оғоз унсурҳои муҳимми санъати наққоширо аз бар карда, ҳатто сулсу райҳону зулф барин анвои мураккаби хатро медонистааст. Вале ба тасдиқи ӯ, ин ҳунар дар зиндагиаш ба кор нарафта ва ӯ «тарки ин саноеъ» гуфта.

Адабиётшинос Расул Ҳодизода дуруст пай бурдааст, ки «ихтилофи адабие, ки дар байни орзуҳои ҷавони нек ва воқеияти тираи он замон аз пеши роҳи Аҳмади Дониш баромад, пардае аз рӯи ҳақиқати талх бардошт» (30,189). Ин заминае буд барои дарки воқеияти иҷтимоӣ, ки минбаъд Аҳмади Донишро ба фаҳмидани моҳияти сиёсат ва авзои иҷтимоъ далер кард.

Аҳмади Дониш зиндагии пурвоқеа ва туфониро ба сар бурда, бо амирони вақт наздикӣ ҷуста, дар ниҳояти кор консепсияи бардошти худашро аз воқеияти замони амирӣ тарҳ додааст.

Дар охири умр Аҳмади Дониш бемори барҷомонда шуда бошад ҳам, вале дӯстонаш ӯро аз ҳалқаи худ раҳо накардаанд. Вафоти Аҳмади Дониш ба соли 1314 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 1897 милодист. Марсияҳое, ки дар фавти ӯ навишта шудаанд, гувоҳи онанд, ки марги ӯ барои муҳити фарҳангии Бухоро фоҷиаи гарон шинохта шудааст. Ин худ далели эътибор ва манзалату мақоми Аҳмади Дониш аст, ки воқеан ҳам дар муҳити тираи аморати Бухоро ситорае буд тобноку фурӯзон.

Чунон ки ишора шуд, Аҳмади Дониш дар охири садаи XIX мавқеъро дарёфт, ки бисёре аз қаламкашони ибтидои асри XX онро орзу мекарданд. Вай бо мероси боқимондааш собит кард, ки як марди равшанфикри таҷаддудхоҳе будааст. Ӯ дидгоҳи наверо дар адабиёти охири аср вазъ кард. Он чи ӯ кард, бунёдӣ ва дар адабиёти ин давра билкул нав буд. Тарзи идроки бадеии ӯ дар адабиёти мо собиқа надошт.

Аҳмади Дониш дар наср қалами тавоно дошт. Вале эҳтиёҷоти вақтро, ки шеър дарёфт, насрро муҳимтар аз назм шинохт дар баёни андешаву ормони хеш. Дар ҳамин замина асарҳои ӯ «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисола дар назди тамаддун ва таовун», «Тарҷумаи ҳоли амирони Бухорои Шариф», «Номус-ул-аъзам» ва «Меъёр-ут-тадоюн» арзиши фаровони бадеию иҷтимоӣ ва таърихӣ доранд.

Дар ин миён муҳаққиқон ба «Наводир-ул-вақоеъ» арзиши бештареро қоил ҳастанд, ки бедалел нест. Ба қавли устод Айнӣ ин асар дар вақташ дар ӯ як инқилоби фикрӣ ба вуҷуд оварда буд. Ин китоб ва рисолаҳои дигари Аҳмади Дониш на фақат Айниро ҳушёр кард, балки чашми бисёре аз равшанфикрони Бухорои онрӯзаро ба воқеият кушод. Шоири тавонои он вақт Ҳайрат дар марсияе мақоми Донишро таъкид карда, андӯҳи сӯзони хешро аз марги ӯ ба қалам медиҳад:

…**Мир Аҳмади мунаҷҷими ӯроқ, онки з-ӯ**

Рамзи фунуни фазл набудеш дар нуҳуфт.

Сард аз баҳори олами ошӯб кард дил,

Ҳам дар ҳамал ба маҳмили танги лаҳад бихуфт.

Гар з-ин фироқ чок занӣ пираҳан сазост.

Ғофил шудему доманаш аз даст рафт муфт.

(2,239).

Аҳмади Дониш тасодуфан ба эҷоди асарҳое чун «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» напардохтааст. Ин асарҳо натиҷаи тааммуқи бардавоми ӯ сари мушкилоти ҳаёти ҷомеъа будаанд. Ӯ, ки воқеияти зиндагиро бо диди таҷаддудхоҳӣ санҷида, дар ҷараёни қаробаташ бо дарбору дарбориён сабабҳои решагии фасоди ҷомеъаро дарёфта буд, сари муҳимтарин масоили ахлоқӣ, фаннӣ ва иҷтимоӣ ба муроқиба рафт.

Шояд дар ҳайати рикоби амир ба Россия сафар кардан воситаи дигаре буд барои дарёфти ҳақиқат аз ҷониби Аҳмади Дониш. Он чиро, ки вай дар Россия дид, дар қиёс ба воқеъияти Бухоро ҳайратангез намуд ва ӯро водошт, то ба ислоҳи назми тамаддун ва таовун дар аморат бикӯшад, яъне эҳтиёҷи рӯҳонии ӯро ба навиштани ин рисолаҳо водошт.

Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» дар мавриди масоили ахлоқӣ, исломӣ, фалсафӣ, хонаводагӣ ва ғайра баҳс мекунад.

Он чи ӯ дар ин баҳсҳояш ба миён мегузорад, дар он замон кӯшиши таҷаддудхоҳӣ буд. Муҳимтарин ғояе, ки ин мутафаккир пеш гузоштааст, ҳамоно ғояи ислоҳи муҳити ҷомеаи нобасомони аморат буд.

Аҳмади Дониш тавассути нақли рӯйдодҳое, ки ӯро ҳангоми се сафараш ба кишвари рус иттифоқ афтодаанд, чашми хонандаро ба фоҷиаҳои аморат мекушояд. Ҳарчанд ошкоро набошад ҳам, зимни тасвир хонандаро во медорад, ки аз он чи ӯ нақл мекунад, натиҷаеро пайгирӣ кунад. Дар ин замина ӯ ба озодии занон, суръати инкишофи илм, пешрафти ҷомеъа ва ғайра таваҷҷӯҳи хонандаро ҷалб мекунад. Таваҷҷӯҳ ба пешрафти илм дар Россия, донистани забон аз масоилест, ки

Аҳмади Дониш ба он зиёда эътибор медиҳад. Вай ҳамин мавқеъ ба тарзи ошкору ниҳон ба тарғиби фарҳанги русӣ даст меёбад.

Амну рифоҳ дар мамлакат аз муҳимтарин масъалаҳоест, ки Аҳмади Дониш перомуни он меандешад. Ва андешаҳои худро дар зимни тасвири воқеа ё ҳикояте баён мекунад. Ҳамин гуна воқеаро аз забони марди Ҳоҷӣ, ки ҳангоми сафар ба воситаи Каркӣ ба Бухоро молу амволашро аз даст медиҳад, нақл карда, аз забони губернатори рус чунин меоварад: «Безабтии замини Туркистон чун нур маълум аст. Туро боист азимати ин диёрро аз болои мамлакати рус мусаммам кард, ки он ба амн ва рифоҳ наздиктар бувад». Ин ҷо Аҳмади Дониш истилоҳотеро дар умури интизомии аморат хостагор шуда, костагии назмро дар умури идорӣ таъкид мекунад.

Назари Аҳмади Дониш ба воқеияти аморати Бухоро иҷтимоиву иҷборӣ нест, балки фароху аз рӯи эҳтиёҷи маънавии муаллиф будааст. Аз ин ҷиҳат дар бораи гумроҳӣ, бесаводиву таассуби рӯҳониён барин иллатҳои муҳити ҷомеъаи Бухорои амирӣ бо маъсулият сухан мегӯяд. Дар ин замина масъалаҳои мураккаби ахлоқӣ ва иҷтимоиро ба миён гузошта, роҳи ҳалли онҳоро низ пешгӯӣ мекунад. Дар бисёр мавридҳо муаллиф барои тағйири афкору ормони хеш аз усулҳои тасвири бадеӣ истифода мекунад, лаҳзаҳои воқеиро аз зиндагии одамон бармегузинад ва гоҳ тафсири ин ангораҳоро ба хонанда ҳавола мекунад, то хонандаи огоҳ аз он натиҷа гирад.

Асарҳои Аҳмади Дониш воқеан ҳам дар бедории муҳити фарҳангии Бухоро нақши бузург бозидаанд. Аз он ҷиҳат ӯ кореро, ки Мирзо Фатҳалӣ Охундов, Мирзо Малкумхон, Зайнулобиддин Мароғӣ ва Абдураҳим Толибов барои ҷомеаи форсӣ кардаанд, қабл аз эшон барои аҳли аморати Бухоро ва фарҳанги тоҷикӣ кардааст.

Аҳмади Дониш ислоҳоти куллиро дар умури аморат хостгор буд ва бо неруи ақл пеш бурдани корҳои идориро таъкид мекард.

Мутаасифона, ба сабабҳои маълум дар асарҳои тадқиқотие, ки доир ба эҷодиёти Аҳмади Дониш навишта шудаанд, як ҷиҳати бунёдии

назари ӯ ба эътибор гирифта нашудааст. Тамоми ислоҳотеро, ки Аҳмади Дониш мехост воқеъ шавад, мебоист дар заминаи муносибати нав ба дини ислом воқеӣ кард. Дар ин замина назари таҷаддудҳоҳии ӯ ба дин ошкор мегардад. Муқовимати ӯ бо рӯҳониёни ҷоҳил ва таваҷҷӯҳ ба илму маърифати замонӣ низ ба ҳамин далел аст. Аҳмади Дониш аз дину мазҳаб ҳимоя мекунад, вале мехоҳад, то амир ба адли Илоҳӣ рӯ оварад, ақлро аз ҷаҳл тарҷеҳ диҳад. Ба таъкид дар оғози китоб меоварад, ки «вилоят доштан… халифагии ҳақ таъоло кардан аст». Ва дар ин равиш масъулияти халифаро таъкид мекунад. Дар ин маром ӯ ба Саид Ҷалолиддини Афғон, Муҳаммад Абдо дар равиши андеша ба ҳам мерасанд. Аҳмади Дониш мехост дину шариатро дар хидмати тараққиёти миллӣ ва фаннӣ гузорад.

Аз ҳамин мавқеъ Аҳмад Махдум «соҳаи билоди Мовароуннаҳро, ки дорулсалтанати он Бухорои Шариф аст, арсаи шаҳристони Лут» шинохта, дар он ба боло гирифтани «наҳсу бозори фисқу фуҷури ин кишвар» таъкид мекунад ва оқибати онро низ пешгӯӣ карда, менаваисад, ки «наздик аст чун марзи Фароина ба хитоби «ҳазо дорулфосиқин» машҳур шавад». Маҳз дар чунин вазъият «ҳангоме ки дар Бухоро аҳамияти иҷтимоӣ ва сиёсии калимаи «танқид»-ро шояд касе намедонист. Аҳмад махдуми Калла, ки дар ҳақиқат мунаққиди бузурги замони худ буд, зиндагонӣ ва тарзи ҳукуматдории амир Музаффарро чун як интиқодгари тавоно тасвир намуд. Аммо вазъияти замони гузаштаи Бухоро имкон надод, ки дигар андешаҳои рӯшани мунаққидонаи ӯ рӯи рӯшноиро бинанд » (102, 4).

Аҳмади Дониш барномаи ислоҳоти осоишта, вале куллии тамоми соҳаҳои идории аморатро дар «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» пеш мегузорад. Ӯ бо мақсади ислоҳоти куллӣ рисоларо ба амир Музаффар пешниҳод кард. Ва навишт, ки «агар раъйи султон ин иқтизо дорад, ки ман зумраи аҳли қалам дар ҷаридаи асҳоби сайф духул ёбам, бояд низоми аҳли дувал дар ин давлат ҷорӣ бошанд.» Вале ин хоҳиши

ватандӯстона ва адлчӯёнаи адиби бузург аз ҷониби султони вақт пазируфта нашуд.

Принсипи асосии Аҳмади Дониш дар шинохти мавқеи «султони вақт» илм ва амал буд. Ӯ таъкид кардааст, ки «асл дар вилоятдорӣ ва ҳукумат илм ва амал аст». Ба ақидаи ӯ, танҳо ақл метавонад дар идораи мамлакат адолатро таҳким бахшад: «то ғазаб ва шаҳват мусаххари ақл бошад, адл сурат набандад ва адл аз камоли ақл хезад».

Аҳмади Дониш ба мақсади ислоҳи умури идорӣ тартиботи вазоратро ҷорӣ кардан мехоҳад. Ба ин далел, ки ҳар вазорат бояд масъули корҳои муайяни хоҷагӣ ва ҳаёти мамлакат бошад. Ва низоми кори чунин вазоратҳоро таъин мекунад. Ӯ ҳатто дар вазорат шӯрои мушовараро пешбинӣ кардааст. Дар ин замина менависад, ки «ва султонро гузир набувад аз вуҷуди мардумони зирак аз ҳар табақа, то дар лавозими муҳим истишора аз ҳар қисме кунад, балки дор-ул-машвара таъин кунад ва бар он раисе адиб мансуб гардонад ва мавоҷиб муқаррар гардонад, то ҳар рӯзе дар он аз табақоти мардум гирд оянд, дар умури мулкӣ ва молӣ ва ободии вилоят мушоварат мекунанд ва манофеъ ва музирри ҳар маслиҳатро мешумуранд, то ба як амр иттифоқ афтад». Нутфаи ин фикр озодандешона аст, ки аз табиати Аҳмади Дониши донишманд ва озодандеш башорат медиҳад. Вай бо уламо ва аиммаи дин арҷ дода, ҷаҳолат ва риёкориро маҳкум мекунад ва дар умури идории давлат мавқеи эшонро шарҳ медиҳад. Ба ин ваҷҳ менависад, ки «… уламо ва аиммаи динро шарҳ ва иззат дорад ва ба истисвоби эшон ҳукм ронад, то салтанат мутеи шаръ бошад, на шариат забуни салтанат». Аз таҷрибаи идории аморат Аҳмади Дониш яқин карда буд, ки дар он шариат забуни салтанат гардидааст.

Адиби бузург аз таҷрибаи ҳукуматдории амирони манғит, аз ҷумла, амир Музаффар чунин натиҷагирӣ карда, шаҳодат медиҳад, ки «амир агар ба доруссалтанат бошад шаб то субҳ ба фасод ва фисқ эҳё кунанд, як ҷамоъа аз раққосони амрад, як ҷамоъа аз раққосони зан баъд аз ъашо ба ҳарамсаро, ки бонуҳои хоса дароранд, зан ва мард дар ҳузури

амир ба рақс ва суруд оянд, ки тарҷеъбанди он:… ҳазрат саломат бошад. Ин тарҷеъро бо овози баланд гӯянд, то ки аксари мардуми шаҳр бишнаванд, ифтиҳои ин маҷлис аз бонги намози ъашо бувад, ҳеҷ кас ба бонги азон гӯш надиҳад ва ҷавоб надиҳад». Ва чун субҳ қариб ояд, амир ҳамроҳи ду-се амрад хоболуда бетаҳорат намози хуфтан хонад, алфавр бомдод бихонад, бихуспад то соати даҳу ним аз рӯз, он гоҳ ба хало равад, худро холӣ кунад ва дасташ бишӯяд. Пас бо оина ва шона ва сурма ва ғозаи хеш бипардозад то ним соат ва пас барояд барои салом гирифтан ва гоҳо ин саломро пеш аз тулӯъи офтоб бигирад».

Ин ҳама сират ва сурати саффокона воқеан ҳам аз назари Аҳмади Дониш ғайришаръӣ буд. Шариат, ки салотинро хулафои рашид баргузида буд, аз дасти табақаи ин бедиёнат забун гардид, балки асбоби дасти гурӯҳе аз уламои манфиатҷӯ ва муллоёни зоҳирпараст бедиёнат шуда буд. Аз ҳамин вақҳ Аҳмади Дониш воқеабинона сарой ва сурати гурӯҳро қаламдод карда, табоҳии маънавию ахлоқии ононро ошкор сохт. Ӯ навишта буд, ки «аммо ва вазир, уламо ва умаро ҳама ҳамқадам бар қадами якдигар буданд, олим ва мутааллим ҳамшакл буданд ҳама ҳимматан мақсур ва мақфур ҳама саргарми он ки султон ӯро бишносад, қозӣ дар паҳлӯи хеш нишонад ва ба Раис ҳамкоса ва ба асас ҳамсоя бошад. Агар ҳоли султонро тафтиш кунӣ, фосиқу золиму саффоке. Қозӣ-марди муртади ҳаромхоре, Раис-к…фурӯши бедиёнате, асас махмуре саркардаи роҳзанон ва сарҳалқаи сорикон мебуд».

Аҳмади Дониш бисёр хуб дониста буд, ки уламои дин ин усули идораро «мувофиқи шаръиат» ва «фармудаи Худову расул» шиносида, оммаро ба тоъаташ маҷбур менамуданд ва муқобилат карданро ба он куфр мешумурданд, ҳама разолат, хиёнат ва зулмҳои амир ва атрофиёнаш дар паси пардаи «дин» ва «шаръиат» пӯшида буд. Аҳмади Дониш медонист, ки гурӯҳе аз уламои дин дар ин хиёнату зулмҳо шарик буданд, бинобар ин аз амир тақозо мекард, ки шаръиати исломи рашидиро эҳтиром гузорад, балки медонист, ки ҳиммати инсонии амир ба ислоҳи ахлоқаш намерасад. Бинобар ин ҳам баъдан ба навиштани

рисолае дар бораи амирони Бухоро пардохт ва чун шоҳид номаи аъмоли ононро қаламдод кард.

Чунон ки гуфтем Аҳмади Дониш на танҳо дидгоҳҳои суннатии адабиёти моро тағйир бахшид, балки чун як марди таҷаддудхоҳ адабиётро, навиштаҳояшро дар хидмати мардум гузошт ва заминае барои рушди афкори равшангаройӣ муҳайё сохт, ки дастгири ҷадидон дар ҳаракатҳои ибтидои асри онон гардид.

Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ

(1818-1894)

Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, агар аз қавли устод Айнӣ бигӯем, «дар адабиёти форсӣ аз ҷумлаи мутабаҳирини замони худ буд. Дар адабиёти араб, дар Моваруннаҳр аз муосиронаш пешӣ мекард. Дар риёзиёт ва илми тиб низ соҳиби дасти дароз буд. Дар тафсир, ҳадис, таърих ва тароҷими аҳвол, аз ҷумлаи мутахассисин буд.» (Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. Теҳрон, 1385, с.258). Ин аввалин маълумоти мухтасаре, ки устод Айнӣ дар бораи Возеҳ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» овардааст. Соли 1954 донишманди фақид Расул Ҳодизода тадқиқоти ҷомеъеро доир ба ҳаёт ва эҷодиёти ин адиби тавоно анҷом дод, ки бори аввал доир ба зиндагинома ва тавсифи эҷодиёти шоир маълумоти мухтасарро дар бар мегирифт. (Р. Ҳодизода. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века. Сталинабад, 1956,с. 17-29) Баъдтар Т. Неъматзода оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Возеҳ тадқиқотеро анҷом дод, ки бо номи «Дар бораи Возеҳ ва асари ӯ «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» чоп шудааст. Соли 1968 Р. Ҳодизода рисолаеро бо номи «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX» чоп кард, ки низ маълумотеро дар бораи Возеҳ ва осори ӯ дарбар мегирад. Маълумоти дар ин рисола омада бо андаке тағйир дар китоби Р. Ҳодизода, У.Каримов ва С. Саъдиев «Адабиёти

тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX»(Душанбе, 1988) низ нақл шудааст.

Дар асоси тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX, тадқиқотҳои мавҷуда, осори худи Возеҳ метавон гуфт, ки Қорӣ Раҳматуллоҳ ибни Ошур Муҳаммад, ки дар шеър тахаллуси Возеҳ ба худ гирифтааст, соли 1818 дар Бухоро ба дунё омада, соли 1893 аз дунё гузаштааст. Соли таваллуди Возеҳ дар ҳеҷ сарчашмае зикр нашудааст. Вале Расул Ҳодизода бо иснод ба қавли Садри Зиё, ки дар тазкирааш дар синни 78-солагӣ даргузаштани ӯро таъйид мекунад (Зи умраш ба сар рафт ҳафтоду ҳашт), санаи таваллуди Возеҳро муайян кардааст. Доир ба солҳои кӯдакӣ ва таҳсилоти ӯ муаллифони тазкираҳои охири асри XIX ва аввали асри XX, аз ҷумла Ҳашмат, Шаръӣ, Афзал, Абдӣ, Муҳтарам, Садри Зиё ҳеҷ ахборе наовардаанд. Дар ин боб худи Возеҳ, дар «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» маълумоти мухтасаре меоварад ва дар асоси он метавон гуфт, ки Возеҳ «дар хурдсолӣ ба қироати «Қуръон» машғул шуда, баъд дар мадраса таҳсил намуда будааст. Натиҷаи дигар он аст, ки вай дар айёми таҳсили мадраса аз падар ва дигар наздикони оилааш ё ба сабаби марги онҳо, ё ба мӯҷиби дигаре ҷудо мондааст» (Р. Ходизода. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX. Душанбе: нашриёти «Дониш», 1968,с.185)

Дар бораи дигар аз ҷузъиёти зиндагии ӯ, аз ҷумла дар мадраса устоди ӯ будани Муҳаммад Хуҷандӣ (машҳур ба Домулло Хоҷибой) Ҳашмат дар тазкирааш «Тазкират-уш-шуаро» хабар медиҳад. Возеҳ дар тазкирааш «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» дар бораи ду устоди дигараш- Мулло Саъдии Моҳир, ки дар илми фароиз (яке аз шӯъбаҳои илми ҳуқуқ) устод будааст ва Мунири Кашмирӣ- олим ва шоири тавоно ёд мекунад, ки аз ӯ илми тиб омӯхта будааст.

Аз Возеҳ «қасидаи теъдодулфазоил» боқӣ мондааст, ки сарчашмаи бисёр ҳам боэътимодест доир ба баъзе лаҳзаҳои зиндагӣ ва фазоили инсонии ӯ. Аз ин қасида бармеояд, ки Возеҳ дар синни бисту ҳафтсолгӣ мадрасаро хатм кардааст. Дигар ин, ки ӯ худро «ҳофизи Қуръони ҳақ»

номида, «тафсири лафзи маънии он» карда тавонистанашро бо сароҳат дар ин қасида хабар дода, «аз ҳадиси сарвари олам ба қадре сад ҳазор» аз ёд донистанашро таъйид мекунад. Ҳамчунин Возеҳ дар ин қасида ифтихор мекунад, ки нест «оҷиз зи тадриси улум». Инчунин дар пораи зерини ин қасида аз дигар фазилатҳои инсонияш ёд мекунад:

...Илми тибро бас, ки мақбули ҷамеъи олам аст,
Дарс гуфтам борҳо бар аҳли илм аз сарварӣ.
Фиқҳу сарфу наҳву мантиқ, бо калому ҳикматаш
Ҳам усулу илми тафсиру ҳадиси азҳарӣ.
.. .Ҳам зи таърихи шаҳону қиссаи пешиниён,
Ҳамчунон хонам, ки занги кулфат аз дил вобарӣ.

Аз ин қасида ва нақди Айнӣ маълум мешавад, ки Возеҳ илмҳои дар замонааш маъмулро аз худ карда, дар назм ва наср маҳорати комил пайдо карда будааст. Ҳамчунин ӯ дар гуфтани назму наср ба забонҳои арабӣ ва туркӣ низ дасти тамом доштааст. Чунон ки Расул Ҳодизода дар асоси ахбори тазкираҳо таъкид мекунад, «дар синни сисолагӣ Возеҳ аз шахсони бомаърифаттарини замони худ» будааст. Бо вуҷуди чунин мартабаи баланд, ба қавли устод Айнӣ, «бо вуҷуди ин ҳама фазоил, ғайри он ки дар айёми валиаҳдии амир Музаффар чанд гоҳе ба дарбор маҳрам шуд, дар камоли эҳтиёҷ, лекин бо истиғнои тамом аз дунё гузашт» (С. Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. с. 258)

Ба шаҳодати Ҳашмат манбаи ягонаи даромади ӯ хаттотӣ будааст. Ӯ осори гуногунро рӯнависӣ карда, ба ин васила рӯз гузаронидааст.

Аз рӯи маълумоти тазкираҳо ва шаҳодати худи Возеҳ дар «Тӯҳфат-ул-аҳбоб», вай ба дарбори Музаффар роҳ ёфта будааст. Ҳашмат дар «Тазкират-уш-шуаро» меафзояд, ки ҳангоми дар Кармина ҳоким будани Музаффар Возеҳ аз надимони ӯ будааст. Чанд муддат дар дарбори Музаффар будани Возеҳ маълум нест, вале шоир дар тазкирааш «ба андак васила» (бо гуноҳе) ба ғазаби ҳоким гирифтор шудан, «эҳроми ҳирмон баста ба маҳрамияти андӯҳ ба Бухоро» омадан ва «дар маркази

аслии хориву бемиқдорӣ» қарор гирифтанашро хабар медиҳад. Ин хориву бемиқдорӣ баъди ба тахти аморат нишастани Музаффар зиёд мешавад, ҳарчанд ки Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» чанд гоҳе ба дарбори амир Музаффар маҳрам шудани ӯро таъкид мекунад.

Дар бораи сабаби ранҷиши амир Музаффар аз Возеҳ на Ҳашмат ва на муаллифони дигар тазкираҳо чизе намегӯянд. Вале Ҳашмат, ки писари амир Музаффар буд, ишорае дорад, ки ранҷиши Музаффарро аз Возеҳ дар Кармина тасдиқ карда, «баъд аз ҷулус (яъне баъди амир шудани Музаффар) мавриди итобу хитоб» қарор гирифтани ӯро тасдиқ мекунад. Далели дигари «мавриди итобу хитоб»-и амир Музаффар қарор гирифтани Возеҳ ин аст, ки вай он солҳо ошкоро ба дидори дӯстон ва эътиқодмандонаш рафта наметавонистааст. Дар ин бора боз ҳамон Ҳашмат гувоҳӣ медиҳад, ки дар айёми амир Музаффар дар кунҷи инзиво ба сар мебурд ва махфӣ ба пеши акобир рафту омад дошт.

Расул Ҳодизода менависад, ки «пас аз ба тахт нишастани амир Музаффар Возеҳ ба чи кор машғул буд, ин ҳам маълум нест. На худи Возеҳ, на тазкиранависони дигар ишорае ба он надоранд, ки ӯ дар ин давр ё пас аз ин ба мударрисӣ ва иҷрои вазифаи маъмурие, (муфтӣ, қозӣ, раис ва ғайра) машғул будааст ё не. Аз ин ҷо эҳтимол меравад, ки асбоби таъмини рӯзгори ӯ ҳамон китобати нусхаҳои хаттӣ ба музди муайяне ва қироати «Қуръон» дар маросимҳои динӣ будааст.

Воқеияти бад шудани муносибати Возеҳро бо амир Музаффар як шеъри шоир тасдиқ мекунад. Дар ин шеър шоир ба мухотаби номаълум, ки эҳтимол меравад, амир Музаффар аст, муроҷиат карда, пеши ӯ узр меоварад ва мегӯяд:

Ба ҳаққи тавбаи одам, ба ҳаққи тавбаи Нӯҳ,
Ки кардаам зи хатоҳои худ ҳамон тавба.
... Дил баста омадам ба ҷанобат ба сад зорӣ...

Возеҳ ба умеди шафқати амир Музаффар тазкираи «Тӯҳфат-ул-аҳбоб»-ро низ ба ӯ бахшидааст. Вале ин ҳама «маълум нест, ки хашму

ғазаби амир Музаффар баъди ин ба вай камтар шуд, аммо маълум аст, ки ҳолу зиндагии Возеҳ дар ин солҳо ҳеҷ беҳбудие надошт. Ин вазъи ногувор ва ҳолати сахти худро Возеҳ дар бисёр шеърҳои хеш бо яъсу навмедӣ ба забони ҳол овардааст» (Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX. Душанбе: Маориф,1988.-с.343)

Аз як ёддошти Садри Зиё метавон чунин натиҷа гирифт, ки Возеҳ дигар ба дарбори амир Музаффар роҳ наёфта, балки он чанд қасидаи мадҳӣ ва осорро танҳо ба хотири амнияти худ ба амир бахшида будааст. Садри Зиё менависад, ки Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ «бинобар истиғнову ғурур, ки лозими зоти аҳли хираду шуур аст, аз хидмати амир мутаннафир буд» Баъди ин сухан Садри Зиё рубоии зерини Возеҳро дар ёддоштҳояш меоварад, ки гувоҳи ҳоли шоир дар он айём аст:

Эй чарх, басе ситам ба ҷонам кардӣ,
Аз фоқию фақр саргардонам кардӣ.
Афганда ба кунҷи узлат охир, имрӯз,
Мӯҳтоҷ ба як порча нонам кардӣ.

Ин далелҳо гувоҳи онанд, ки баъди ба тахт нишастанаш амир ё Возеҳро набахшидааст, ё ӯ воқеан ҳам, ба қавли Садри Зиё, ба хидмат дар дарбор нафрат доштааст.

Аз як фикраи Ҳашмат, ки гуфтааст «фузало ва судурро иноят дар бораи ӯ бисёр буд», бармеояд, ки Возеҳ дар доираҳои илму адаб нуфуз ва эътибор доштааст.

Доир ба зиндагии то соли 1885-и шоир дигар ҳеҷ маълумоте дар даст нест. Фақат баъди соли 1886 дар заминаи баъзе асарҳои ӯ ва маълумоти тазкиранависон метавон хулоса кард, ки тағйир дар вазъи зиндагии ӯ ворид шуда будааст ва муҳимтарини он сафар ба Макка мебошад. Возеҳ дар 3 моҳи шаъбони соли 1303-и ҳиҷрӣ ба воситаи поезд аз Бухоро (Когон) ба Марв, сипас ба Ашхобод, Боку, Тифлис, Ботуми, Истамбул меравад ва аз онҷо ба воситаи Баҳри Миёназамин ва Баҳри

Сурх ба Макка меравад. Дар бозгашт аз тариқи Карбало, Наҷаф ва Бағдод ба Эрон меояд ва шаҳрҳои Кирмоншоҳ, Теҳрон ва Машҳадро зиёрат карда, сипас ба Бухоро бармегардад. Ин сафари ӯ қариб як сол тӯл мекашад.

Муҳимтарин дастоварди ин сафари Возеҳ рисолаи «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» буд. Ин китоби муҳим маҷмӯи хотирот ва таассуроти сафари ӯ буда, бо номи «Ғароибулахбор фӣ аҷоибуссафар» низ ёд мешавад. Возеҳ ин асарашро ба амир Абдулаҳад бахшида ва шояд ба ҳамин васила ба дарбори ӯ қаробат пайдо мекунад. Дар ин рӯзгор ба шаҳодати тазкиранависон, аз ҷумла Ҳашмат, зиндагии Возеҳ рӯ ба беҳӣ оварда, ниҳоят хонадор ҳам мешавад. Вале ин осоиш низ барои ӯ муваққатӣ буд. Аҳволи ӯро ин дар давр як қасидааш равшан инъикос мекунад. Аз тавзеҳоти шоир бармеояд, ки омили аслии ранҷу азоб ва итобу хитоби баъзе аз муосирони фитнагараш шиамазҳаб будани ӯст. Дар шароити тираву тори Бухорои он рӯзгор, ки таассуби динӣ авҷ гирифта буд, иғвогарии бадхоҳони шоир сабаб шуд, ки ӯ аз «назари марҳамати ҷаноби олӣ» дур афтад. Ин лаҳзаҳои душвори зиндагии ӯ дар қасидае, ки ба амир Абдулаҳад навишта буд, хеле хуб муҷассам шудааст.

Шоири бузург дар ин қасида ба воситаи тасвири образнок ҳоли худро, ки ба сабаби эронӣ ва шиамазҳаб будан гирифтори дасиса шудааст, равшан баён мекунад. Дар қасида шоир образи «нигори озарӣ» -ро офарида, ба ин васила бо истеҳзо аз шарофати инсонӣ сухан мекунад, қадру манзалати инсонро дар донишу фазли ӯ медонад.

Дар қасида муколамаи шоир бо он «нигори озарӣ» масъаларо хеле равшан таҷассум кардааст, ки аҳмияти инсонпарваронаи он имрӯз низ аз байн нарафтааст.

Возеҳ дар назди «нигори озарӣ» фазлу дониш, сифатҳои неки инсонии худро шумурда, сипас бо истеҳзо ва таъриз мегӯяд:

Қадри як ҷав нест қадрам пеши чашми мардумон,
Ин чи бедоду чи зулмат, ин чи бераҳмигарӣ?

Дар ҷавоб он «нигори озарӣ» мегӯяд:

Гар зи дигар қавм будӣ, мешудӣ мақбули мо,
Хоҳ мебудӣ зи Масчоҳ, хоҳ будӣ фалғарӣ.
Ҳар кӣ аз ҳар ҷинс дар ин шаҳр дорад эътибор
Балхию кӯлобию ҳиндустонӣ, барбарӣ.
Мо зи васли суҳбати эрониён дорем ор,
Бигзарад гар филмасал фазлаш зи Моҳу Муштарӣ.

Возеҳ дар қасида ин далелро рад мекунад ва меъёри шинохт ва кадрдонии инсонро танҳо ба дониш ва фазоили ахлоқии ӯ марбут медонад. Вале он «нигори туркнажод» ин назари худро назари подшоҳ медонад ва ба шоир истиғно мекунад, ки агар шоҳ розӣ шавад, «аз висолам бархурӣ». Баъди ин байти истиғноии «нигори туркнажод» Возеҳ ба амир мурочиат карда мегӯяд:

Хусраво, ин бевафо маъшук иқболи ман аст,
Менаояд бар сарам аз роҳи шафқатгустарӣ.

Расул Ҳодизода аз ин қасидаи шоир ба чунин хулоса меояд, ки «шоир ба воситаи образи «нигори туркнажод» бо бахти худ ва дар зери пардаи ин рамз бо ҳукмрони замони худ гуфтугӯ мекунад ва ба муқобили беасолатӣ ва ноинсофии замон нисбат ба ноинсофии замон, нисбат ба ӯ эътироз баён мекунад» (Р. Ҳодизода. ҳамон асар, с. 192). Шояд ин охирин мурочиати шоир ба амир будааст, ки дигар дар осораш аз амир ёд накардааст.

Возеҳ ба ин ҳол, яъне ба шаҳодати устод Айнӣ, то поёни умр «дар камоли эҳтиёҷ, лекин бо истиғно» зиста, соли 1311/1894 дар Бухоро аз дунё даргузашт, вале ҷои дафнаш маълум нест.

Бо вуҷуди фишорҳои зиндагӣ ва рӯзгори нобасомон иродати комили инсонӣ ва собитқадамӣ дар роҳи илму дониш ба Возеҳ имконеро фароҳам овард, ки аз худ осори зиёди илмиву бадеӣ ёдгор гузорад. Осори

боқимонда ва дастраси ин адиби бузург гувоҳи вуқуфи комили ӯ аз воқеияти зиндагии асараш ва ҳунари нигаҳдорандагӣ мебошад.

Ба шаҳодати муҳаққиқони осори шоир на ҳамаи мероси ӯ то ба мо расидааст. Ҳашмат сабаби инро дар он мебинад, ки «ворисони ӯ кутуби бисёреро, ки аз ӯ монда буд ва чун ҷоҳил буданд, дар маърази байъ даровардand...» Шояд ба сабаби ба фурӯш гузошта шудани китобҳояш, қисме аз осори хаттии худи ӯ низ талаф шуда бошад.

Дар баъзе сарчашмаҳо, аз ҷумла тазкираҳои Шарҳӣ, Афзал ва Муҳтарам номи асарҳои ӯ сабт шудаанд. Аммо бахше аз он осоре, ки дар тазкираҳо зикр шудаанд, низ то замони мо нарасидааст. Номгӯи осори ӯ ба тариқи зайл мебошад:

1. «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул-асҳоб».
2. «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик».
3. «Кони лаззат ва хони неъмат».
4. «Ақоид-ун-нисо».
5. Осори манзуми Возеҳ
6. «Шақоиқ-уд-дақоиқ».
7. «Ароис-ул-абкор ва наводир-ул-афкор».
8. «Тӯҳфат-ул-амония»
9. «Дар аквоми уструлоб» (тарҷумаи рислаи Ҳотам Шайх Бахоӣ).
10. «Баръуссоат»(тарҷумаи рисолаи тиббии Муҳаммади Закариё).

Аз он чи зикр шуд, қисми ками осори ӯ ба мо расидааст. Вале он чи боқӣ монд, гувоҳи истеъдод ва камолоти ҳунарии ӯ мебошанд.

Возеҳ ашъорашро, ки як навъ инъикосгари воқеияти зиндагии ӯ ва фоҷеаҳои муҳити иҷтимоии нимаи дувуми асри XIX мебошанд, дар шаклҳои ғазал, қасида, рубоӣ ва пораҳои шеърӣ гуфтааст. Дар яке аз аввалин асарҳояш, ки устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» аз тазкираи Ҳоҷӣ Азими Шарҳӣ бо номи «Қасида дар шикоят аз толеъи худ» нақд кардааст, вазъи рӯҳии худро хеле амиқ ва равшан ба қалам додааст. Шикояти ӯ дар ин қасида аз толеъи худ моҳияти шахсӣ надошт.

Он чи ӯро ба дард оварда буд, мансуб мешуд ба нобасомониҳои муҳити иҷтимоии замони зиндагиаш. Таваҷҷӯҳ ба ин қасида моро ба чунин натиҷа мерасонад, ки Возеҳ аз оғози фаъолияти шоириаш ба масоили дардноки зиндагӣ, ноаҳлии замон, бемеҳрии мардуми замона ва беқадрии аҳли ҳунар диққат додааст. Байтҳои зерини қасидаи зикршуда ифодагари ҳоли шоиранд:.

Зи бас гирифта дил аз вазъи олами пирам,
Ба рӯзгори ҷавонӣ чу ғунча дилгирам...
Чунон шикаставу ошуфтаву парешонам,
Ки ҳамчу мавҷ набошад қабули таъмирам.
Насиби ман ба ҷаҳон ғайри талхкомӣ нест,
Магар ки рехта айём заҳр дар ширам.
Ҳадиси ояти ҳичрон рақам задӣ, Возеҳ,
Ки нест ҳоҷати шарҳи саҳеҳу тафсирам.

Аввалин намунаҳои осори манзуми Возеҳ гувоҳи онанд, ки шоир ба воқеияти муҳит ба дидаи таҳқиқ нигариста, қабоҳат ва разолати муҳитро фош месозад ва ба ин васила ба ислоҳи он умед мебандад. Агар чунин умед дар зеҳни ӯ намебуд, баъди ба дарбори амир кашида шуданаш боз ҳам дар осораш оҳанги ҳузну андӯҳ ва шикваю шикоят афзалият пайдо намекард. Ҳатто дар яке аз қасидаҳояш, ки ба амир бахшидааст, боз ҳам аз бахти забун ва толеъи номувофиқи худ шиква мекунад. Аз ҷумла, дар қасидае, ки ӯ ба амир Музаффар бахшидааст, оҳанги шикоят ва эътироз хеле бақувват аст:

Манам он ғамзадаи хастаи мазлуми дилфигор,
Ки зи девони қазо ҷуз ситамам нест муқаддар.
Манаму дидаи ғамдидаи аз чарх пур аз хун,
Манаму хотири бас фотире аз даҳри муқаррар.

Воқеан ҳам, «ин шикваҳои Возеҳ хеле эҳтиёткорона аст ва ҳамеша ба оҳанги додхоҳонае ифода ёфтааст». Аммо аз ин байтҳо садои эътирози шахсе шунида мешавад, ки дар «боргоҳи олӣ» зиллату хории

маънавӣ ҳис мекунад. Ин оҳанг ҳатто дар ғазалҳое ҳам, ки гоҳе байтҳои мадеҳавӣ доранд, низ шунида мешавад.» (Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев. Адабиёти тоҷик, с. 346).

Шикваю шикоят дар шеъри Возеҳ аз танқиди низоми иҷтимоии давр ҷудо нест. Возеҳ хилқати амирони саффок ва ҳампоёни онҳоро хуб дида ва санҷида буд. Шояд яке аз сабабҳои баъдтар аз дарбор дури ҷустанаш ҳам ҳамин бошад. Ба ҳар сурат, он чӣ дар ин замина аз ин шоири озода боқӣ мондааст, ифодагари диди равшангароёнаи ӯст. Ин гуна андешаҳои равшангароёна на фақат дар байтҳои ҷудогона, балки дар ғазалҳои тамом низ ба назар мерасанд. Ин гуна шеърҳои пурэътироз ба даврaҳои ҷудогонаи эҷодиёти ӯ тааллуқ надоранд, балки дар тӯли зиндагӣ нуқсу камоли ҷомеаи он замон ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи ин шоири озодандеш будааст.

Возеҳро бо тамоюли андешамандии равшангароёна, ки иборат буд аз фошсозии иллатҳои иҷтимоӣ, метавон аз намояндагони содиқи ҷараёни маорифпарварӣ шинохт. Ин тамоюли фикрӣ, махсусан баъди сафари ӯ ба Макка ва аз як қатор кишварҳо дидан карданаш афзоиш ёфт, ҳатто гоҳо дар баъзе байтҳои шеърҳои лирикиаш низ афкори танқидии худро ҷой медод. Аз ҷумла, дар як ғазали ишқӣ, ки бо байти зерин сар мешавад:

То кашид аз баҳри қатлам он ситамгар теғро,
Бар гулӯ донам зи оби Хизр хуштар теғро. –

Мо бо чунин байтҳои иҷтимоимазмун дучор мешавем, ки моҳияти аслии андешаҳои шоирро ифода мекунанд:

Лофи дониш бо танаъум барнаёмад, хуш дор,
Ғайри хун хӯрдан чӣ ҳосил шуд зи ҷавҳар теғро? .. .
Пайкарам аз захм холӣ нест, гӯӣ дар азал
Дасти қудрат карда дар ҷисмам мухаммар теғро.

Дар ин ғазал байте ҳаст, ки ба мадҳи амир Музаффар бахшида шудааст. Бо вуҷуди хусусияти мадҳӣ доштани ғазал шоир дар ду байти

боло ҳоли номусоиди худ ва ҳамсолони худро нишон додааст, ки мақсади олиаш хабар кардани амир аз воқеияти сарнавишти инсонҳо мебошад.

Қисми зиёди осори шоирро ашъори ишқӣ ташкил медиҳанд.Бо вуҷуди зиндагии вазнин шоир дар ин гуна осораш хеле хушбин ва ҳаётдӯст ба назар меояд. Шеърҳои ошиқонаи ӯ аз рамзиёти динӣ ва такдиргароии маҳз дур буда, забони тасвираш аз воқеият баҳра бурдааст.

Аз каломи шоиронаи ӯ маънии ишки заминӣ ва ҳақиқии инсонӣ бармеояд. Дар мисоли ин гуна ғазалу рубоиҳои Возеҳ метавон хулоса кард,ки шеъри ӯ бо вуҷуди қаробат ва баҳрабардориаш аз сабки Бедил то ҷое содаву бекироя буда, ба суннатҳои лафзии адабиёти пешин нагароидааст. Вай дар шеъраш (дар насраш низ) бештар ба мӯҳтаво эътибор дода, ба суханороӣ машғул нашудааст.

Ғазале, ки бо матлаъи

«Ёр тимори дили хастаи мо кард? Накард.
Гузаре ҷониби арбоби вафо кард? Накард.»

сар мешавад, тарзи хеле содаи ифода дорад ва ба таронаҳои халқӣ наздик аст. Муҳимтарин чизе, ки ғазалҳои дар ин мавзӯъ навиштаи Возеҳро дилнишин ва хотирмон кардааст, усули дилангез ва таъсиргузори баёни эҳсосоти пурқуввати ишқи инсонӣ мебошад.

Дар ашъори лирикии Возеҳ мо бо мавзӯҳои мадеҳавӣ ва мутоибавӣ низ дучор мешавем. Ин гуна шеърҳои шоир чандон зиёд набошанд ҳам бо хусусиятҳои хоси худ фарқ мекунанд. Мадҳияҳои Возеҳ пурдабдабаву пурмуболиға нестанд. Шоир баъди анд мисраъи мадҳиявӣ ба баён ва тасвири ҳоли худ мегузарад, чи аксаран баёнгари сарнавишти тираи ӯ мебошанд.

Ашъори ҳаҷвӣ ва хубиёти ӯ низ аз чунин осори дар доираҳои адабии он замон маъмул фарқ мекунанд. Ҳаҷвиёташ ӯро шоири хеле чиддӣ ва аз шӯъбадабозиҳо дур менамоёнад.

Баъзе аз ҳаҷвияҳои ӯ зарофати хоси сухан ва таассуроти мардумиро ифода кардаанд, ки хусусиятҳои хоси сабки хаҷвиясароии ӯро муҷассам намудаанд. Ӯ чунон ки худ иқрор мешавад, аз шаккари ин гуна мутоибот «дар коми аҳли завқ» «шаҳди шавқ» рехтааст. Ба ҳар ҳол, ин гуна хубиёти шоир бозгӯи ҳол ва завқу тафаккури дарбориёни он замон аст, зеро аксари чунин ашъор ба тақозои завқи аҳли рикоб гуфта ва хонда мешуд.

Возеҳ дар баробари осори пуразиши манзум осори насрӣ хам таълиф кардааст, ки тазкираи «Тӯҳфат-ул-аҳбоб», сафарномаи «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» ва «Ақоид-ун-нисо» намунаҳое аз онҳоанд.

Тазкираи Возеҳ, ки бо номи «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул-асҳоб» машҳур аст, маъхази муҳим ва пуразише мебошад барои омӯхтани ҳаёти адабии нимаи дувуми асри XIX. Возеҳ тазкираро соли 1288/ 1871 навишта, онро ба амир Музаффар бахшидааст. Тазкира аз кисматҳои муқаддимаи муаллиф, тарҷумаи ҳоли шоирон бо намунаи ашъори онҳо дар 26 боб ва хотима иборат мебошад.

Дар мукддима нахуст муаллиф амирро ситоиш карда, сипас ба баёни сабаби таълифи асар мегузарад. Сабаби таълифи тазкираро дар тӯли сад сол навишта нашудани чунин асаре оид ба аҳвол ва осори шоирону олимони он давра медонад. Возеҳ дар тазкирааш доир ба ҳаёт ва осори шоироне, ки то замони ӯ зистаанд, шоирон ва фозилоне, ки то замони таълифи тазкира фавтидаанд ё пирсол будаанд, муосирони худӣ ва шоирони чавоне, ки ё машғули таҳлил буданд, ё акнун ба кори эҷодиву хидмати давлат шурӯъ намудаанд, маълумот фароҳам кардааст. Дар тазкира доир ба ҳаёт ва фаъолияти 145 шоир шарҳ омадааст, ки баъзеи онҳо чандон мақоми муҳим надоштаанд.

Тазкираи Возеҳ аз он ҷиҳат чолиб аст, ки вай аввал дар бораи ном, мартаба, унвон ва баъзе хислатҳои шоирону фозилон маълумот дода, сипас доир ба зиндагиномаи онон маълумоти мухтасар меоварад ва баъд

мулоҳизоташро доир ба хусусиятҳои эҷодиёти онхо баён мекунад ва дар фасли охир намунаи осори онҳоро меоварад.

Тазкираи Возеҳ доир ба адабиёти асри XVIII ва нимаи дуюми асри XIX сарчашмаи бебаҳо буда, ифодагари назари интиқодии ӯ ба осори шоирони ин даврахо мебошад.

Дигар аз осори насрии Возеҳ «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» мебошад, ки соли 1304-и хичрӣ мутобиқ бар 1887 мелодӣ таълиф шудааст. Ин асар маҷмӯи дидаю шунидаҳои муаллиф ҳангоми сафари шоир ба Макка мебошад. Асар зоҳиран аз се қисм-муқаддима, тасвири сафар ва хотима иборат мебошад. Дар муқаддима ҳамду наът ва максади сафарашро баён карда, баъд ба мақсади асосӣ, яъне сабти таассуроти сафар мегузарад ва воқеоти сафарро ба тафсил баён мекунад. Возеҳ ҳар он чиро, ки дар ин сафар дидааст, нақлу тасвир мекунад. Маълумоти ӯ дар бораи шаҳру деҳот, расму оини мардуми манотиқи мухталиф ва тавсифи шаҳрҳои бузурге монанди Маккаву Мадина арзиши бузурги адабию таърихӣ дорад, барои муҳаққиқон сарчашмаи пураризиш аст, фикрҳои пешқадам ва маорифпарваронаи ӯ мебошад. Муҳимтарин хусусияти ин асар ба усули мубоҳисавӣ таълиф шудани он аст. Возеҳ дар роҳи сафари Макка бо ашхоси гуногун рӯ ба рӯ меояд, бо онҳо сӯҳбатҳо меорояд, суолу ҷавоб мекунад. Дар сӯҳбатҳояш аз хакикат, аз арзишхои маънавии исломӣ, ки метавонанд инсонро такмил бахшанд, химоят мекунад.

Худи номаҳои китоб баёнгари ғояи пешқадами он аст. Он чи ки Возеҳ дар ин сафар дида ва хостааст, ба ҳамватанонаш нақл кунад, фақат баёнгари воқеаҳои роҳ ва масофаи байни мамлакатҳо нест. Возеҳад мехохад, то амирони ватанаш бо чашми ботин ба дунё нигаранд, дар қиёс бо кишварҳои дигар тағйироте дар низоми давлатдорӣ ба вуҷуд оранд.

Дар асар нависанда аз ғояҳои пешбари исломӣ ҳимоя карда, бад-ин васила таассуботи динӣ ва ҷаҳолату кӯтоҳандешии уламои замонашро маҳкум менамояд. Возеҳ дар вақти наклу тасвири воқеаҳо, сӯҳбату

хулосабарориҳояш «аз такаллуфоту тасаннуоти мазҳабӣ ва таассуботи миллатӣ» сарфи назар кардааст, ки ин худ мавқеи ӯро чун шахси пешқадам нишон медиҳад.

Мақсади Возеҳ аз накли аҳоиботи сафари Макка, пеш аз ҳама тарғиби маърифат ва ба ҳамватанонаш нишон додани пешрафти кишварҳои исломӣ мебошад. Вай бо ин таълифоташ ҷараёни ислоҳотхоҳии Ахмади Донишро давом дода хостааст ба ин васила ба Бухорои торикистон рӯшанӣ бахшад. Ҳикоятҳои воқеие, ки Возеҳ дар китобаш меоварад, баёнгари пешрафти кишварҳои ҳамҷавори Бухоро ва тағйирёбии назари халқҳо ба воқеияти ҷаҳони он аср мебошад, ки моҳияти аслиааш тараққихоҳӣ мебошад. Дар ин замина адиби равшанбин хостааст ба хамватанаш дар бораи сохти сиёсии пешрафта, дараҷаи инкишофи иқтисодиёт, техника, маданият ва илму дониши мамлакатҳое, ки дар онҳо сафар кардааст, накл намояд. Ин гуна тасвирҳои муқоисавии ӯ аз шаҳри Марв, ки ба сабаби ба Руссия ҳамроҳ шудан, қадаме дар роҳи тараққӣ гузоштааст, шурӯъ мешавад. Вай Марви навро чунин дида ва тасвир кардааст: «Бинои шаҳри мазкур бар лаби дарёи Марв воқеъ шуда, имороти бисёр аз сарою дукон кардаанд. Аз мардуми ҳар вилоят дар ин ҷо чамъ шуда, саргарми иморат ва тиҷоратанд. Аммо ба таассуби хамдигар ва саргармии кор ҳамоно хабар надоранд». Возеҳ баъди 11 моҳи сафар дубора аз Марв гузашта, аз тағйирот ва пешрафте, ки дар ин муддат дар ин шаҳр рух додааст, ба ҳайрат меояд ва бо ҳаяҷон менависад: «Аз ҳангоми убури мо то алҳол, ки ёздах моҳ аст, Марв бисёр обод шуда... ва ба ҷиҳати даре пуле сохтаанд, муштамил бар сездаҳ хона аз чӯб. Ва аробаҳои оташӣ, ки онро «жилез» ва «мошин» ва «вагон» ва «вогун» ва «оҳан» хонанд, бар лаби дарё муҳтавӣ бар чанд роҳи оҳан вазъ кардаанд...» Нависанда доир ба ҳамин гуна пешрафтҳои техникии дигар шаҳрҳои дидааш ҳикоятҳои воқеӣ меоварад ва мақсади аслиаш аз ин дидаҳову намуданҳо чашми ҳамватанонашро ба воқеияти дунёи муосир кушодан асту бас.

Дар охири ин баҳс пораеро аз асари Возеҳ, иктибос мекунем, ки моҳияти ақидаҳои навхоҳонаи ӯро ба таври равшан ифода мекунанд. Возеҳ менависад: «Алҳол, ки кавн (дунё) дар таракқист ва истеъдодоти мутақосира (бисёр) аз мабдаи фаёзи мутанозила ва улвиёти саъида (яъне аз осмон, аз пеши қувваи илохӣ) асари тарбияти худро зоҳир намуда. Ва он чи соҳиби китоби «Матлаъ-ул-улум» фармуда, ки «инсоф он аст, ки ҳукамои Юнон тухми амалро дар ин замини амал коштанд ва самараи онро надиданд ва аҳли фарангӣ маҳсули он тухмро даравид ва хирман карда, интифоъ (манфиат) пазируфтаанд, корҳо ва тадбирҳо, ки насорои фарангии Ландан ва Фаронса ва Немиса ва соири насоро мисли тилигроф ва роҳи оҳан ва чиҳози дудӣ ва амсоли инҳоро воқеъ шуда, аз ҳукамои собиқ содир ва ворид нагардида».- хуб сухане гуфта ва дурри маънӣ суфта».

Чунон ки мебинем, сухани Возеҳ мутаваққеҳи роҳбарони Бухорои он замон аст. Ӯ ҳам мисли Аҳмади Дониш хостааст, то ватанашро аз ҷаҳолати асримиёнагӣ озод кунад.

Чеҳраи Возеҳ аз ин асар ҳамчун як мусалмони комил, тараққихоҳ ва адолатҷӯ пеши назар меояд. Ӯ аз дини ислом ҳимоят карда, таассуботи динӣ ва қавмиро рад мекунад. Ҳатто фаҳмишаш то ҷое мерасад, ки дахолати динро ба кори давлат нолозим медонад ва таъкид ҳам мекунад, ки «...барои подшоҳ мамлакату раияту давлат зарур аст...».Дар мамлакатҳои пешрафтае, ки ӯ дидааст, «корҳо ҳама мувофиқи низому қонун» будааст ва инро омили аслии пешрафт ва тараққии ин гуна кишварҳо медонад.

Ин асари Возеҳ хам бо мазмуну ғоя ва ҳам ҳунари нигориш, бешубҳа, аз намунаи дилхоҳи насри адабиёти нимаи дуюми асри XIX мебошад, ки мутаассифона, ҳанӯз ба таври комил таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст. Хол он ки таъсири он ба адабиёти маорифпарварии он аср ва баъди он воқеият аст. Ин асар, сафари муаллифи он на фақат ҷаҳонбинии Возеҳро тағйир дод, балки дар такомули афкори пешқадам марҳилаи муҳим гардид.

Дигар аз осори муҳими насрии Возеҳ, ки низ баёнгари ақидаҳои пешкадам ва дидгоҳҳои таҷаддудхоҳонаи ӯст, «Ақоид-ун-нисо» мебошад. Ин асари нависанда чандон калон набошад ҳам, вале бо мазмун ва моҳият, усули иншо, ки ҳаҷвист, ҳодисаи чашмраси адабиёти нимаи дуюми асри XIX-и тоҷик маҳсуб мешавад. Таърихи иншои он, ки аз муқаддима, шонздаҳ боб ва хотима иборат мебошад, маълум нест.

Аз муқаддимаи муаллиф чунин ба назар мерасад, ки вай дар бораи расму оини маъмул миёни занон бо ҷиддият сухан карданист. Дар нигоҳи аввал неши мутоиботи тези ӯ дида намешавад. Вақте ки хонанда вориди тасвири бамуддаои адиб шуд, бо афъоли «афзали фузало ва уламои занон», ки панҷ нафар будаанд, мисли «аввал Бибӣ Шохзайнаб, дуввум Биби холи Ҷӯйборӣ, саввум Бибӣ Моҷони Базморо, чаҳорум Биби холи Панири Хавзи Лесакӣ, панҷум Бибӣ ҚалмоҚи Оллоҳгӯй» шинос мешавад, ба моддияти ҳадафи ғоявии нависанда сарфаҳм меравад.

Нависанда бо тасвири хислатҳои маҳдуд ва хурофотпарстии ин занон ба вазъи иҷтимоӣ ва маънавии кулли занони аморати Бухоро ишора мекунад. Вай дар симои ин панч зан, ки ҳатто номҳояшон моҳияти ҳастии онҳоро ифода мекунад, «ҳамон кампирҳои дуохон, фолбин ва аласу кӯчурмакунандаро дар назар дорад, ки маншаъ ва манбаи ҷаҳолату нодонӣ буданд ва ба ақидаи ваҳшёнаи худ дар байни мардум тухми хурофоту ҷаҳолат мекоштанд» (Р. Ҳодизода. Ҳамон асар, с.254).

Ин рисола дар назари аввал асари ахлоқии динӣ менамояд. Вале дар боб таъризе дар муқобили хурофотпарастӣ ва аъмоли занони ҷоҳил мебошад. Нависанда содагӣ ва бедонишии мардум ва ҷаҳолати «уламои занон»-ро хеле нуктагирона фош мекунад. Дар боби чаҳордаҳуми асар, ки ба таърифи «вақти мустаҷоб шудани дуоҳо» ихтисос ёфтааст, Возеҳ ҳамоқати ахлоқии тоифаи занони хурофотпарастро баён мекунад. Вай менависад: «Дар вақтҳое, ки дуо мустаҷоб аст: Аввал, вақти нағора задан, ки дуо рад намешавад. Дуюм, дар вақти навохтани соз, хусусан сурнай ва камонча. Сеюм, вақти таом пухтан ва масолеҳ рехтан.

Чаҳорум, вакти ҳино бастани арӯс, хусусан дуои духтарон ба чиҳати шавҳар. Панҷум, вақти хоб рафтан. Шашум, вақти хатна кардани писарон, хусусан дуои духтарони ба шавҳар нарафта. Ҳафтум, вақти таваллуди фарзанд». Бо ин тавсияҳои масхараомез, ки воқеият дошту дорад, Возеҳ мардуми ҷоҳил ва мутаассиби замонаашро неш мезанад, вале арзи ахлоқии навиштаи ӯ имрӯз низ барҷост.

Қабоҳати амали каҳрамонони асар гоҳо навиштаи адибро ба хабсиёт табдил медиҳад, сухани ӯ қабеҳ ва аз одоб берун мешавад. Яъне, нависанда саъй мекунад, ки қабоҳат ва разолати ахлоқии замонашро бо сароҳат нишон диҳад.

«Ақоид-ун-нисо» зоҳиран асари динии ахлоқист. Он ба тамоми маънӣ асари бадеӣ буда, навпардозиҳои муаллиф дар мазмуну мӯҳтаво ва услуби баён равшан ба назар мерасад. Дар асар нависанда образи муаллифро, ки хеле ҷоҳил ва мутаассиб аст, бо сароҳат тасвир карда, ба воситаи «уламои занон» - он панҷ тан зани хурофотипараст дараҷаи фаҳму идроки занонро «афзали фузало ва уламои занон» ном мебарад, ки тимсоли муҳити чаҳолатпешаи аморати Бухорост. Возеҳ тасодуфан ба тасвир ва намудани маънавиёти зан напардохтааст. Нависанда, ки занро рукни аслӣ ва пешбари зиндагӣ мешиносад, бо баёни ин мавзӯъ дар боби хатари фарогири ахлокӣ хушдор медиҳад.

Возеҳ шоир, нависанда ва донишмандест, ки ба воқеияти зиндагӣ такия карда, бештар мавзӯъ ва масъалаҳои муҳими воқеиро ба тасвир гирифтааст. Бинобар ин ҳам сабки шеър ва насри ӯ бо равонӣ, содагӣ ва таъсиргузорӣ фарқ мекунад. Шеър ва насраш аз такаллуфот ва лафзбозиҳои беҳадаф холӣ буда, забонаш ба тарзи баёни содда, аз зиндагии мардум маншаъ гирифта, ба гуфтугӯи мардум наздик аст. Ба ин далелҳо ва дар заминаи осори дигари ӯ метавон натиҷа гирифт, ки Возеҳ аз чеҳраҳои намоёни адабиёти нимаи дуюми асри XIX ба шумор меояд ва осори ӯ намоёнгари беҳтарин ҷиҳатҳои адабиёти ин давра мебошад.

ШАРИФҶОН МАХДУМИ САДРИ ЗИЁ

(1867-1932)

Устод Садриддин Айнӣ гувоҳӣ медиҳад, ки Шарифҷон Махдум «аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд». Беш аз ин Айнӣ таъкид мекунад, ки Шарифҷон Махдум «аз мухлисони Аҳмади Калла ва Сомӣ буда, иншо, мактуб ва хотироти худро боз ҳам соддатар ва оммафаҳмтар карда менавишт».

Ин ду далел аз фаъолияти мулкию адабии Садри Зиё гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ аз ҳаммаслакони Аҳмади Дониш буда, шахсияти таҷаддудхоҳ шинохта шудааст.

Ба шаҳодати фарзанди Садри Зиё донишманди машҳури адабиёт Муҳаммадҷон Шакурӣ – Шарифҷон махдуми Садри Зиё (1867-1932) шоир, насрнавис ва таърихнигори тоҷик аст. Шариф номи ӯст, «махдум» калимаест, ки ба номи муллозодагон илова мекарданд, садр унвони илмии динист, ки дар Бухорои асрҳои охир саввумин (баъд аз ӯроқ ва судур) ва олитарин унвони уламо ба шумор меомад. Зиё тахаллуси адабист. Номи Садри Зиё дар сарчашмаҳои таърихӣ Мирзо Муҳаммадшариф, қозӣ Шарифҷон ва ғайра низ зикр ёфтааст **(117, 104).**

Падари Садри Зиё Абдушакур низ аз фозилони замон буд ва бо тахаллуси Оят шеър мегуфт. Ӯро устод чун марди ҳақҷӯю ҳақгӯй тавсиф мекунад.

Садри Зиё таҳсили ибтидоиро аз падар гирифта, баъд муддате аз шоири тавоно ва пайраву дӯсти Аҳмади Дониш –Исо Махдум низ сабақ гирифтааст ва сипас дар мадраса таҳсили илм кардааст.

Солҳое, ки Садри Зиё дар мадраса таҳсил мекард, ҳавлии ӯ маҳфили адабиро мемонд. Ба шаҳодати Айнӣ, ҳар ҳафта се шаби таътил –сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе дар ҳавлии ӯ «шоирон, шеършиносон, латифагӯён ва ширинкорон» ҷамъ мешуданд. Ин гурӯҳ, ба мушоҳидаи Айнӣ, «донишманд ва озодфкри ҳамон замон» буданд. Айнӣ мушоҳида кардааст, ки аҳли маҷлисҳо «ҳамеша як навъ ҳаракати

опозитсионӣ нишон медоданд». Дар ин гуфтушунидҳо «аз бадкирдориҳои роҳбарони ҳукумат ва калонони замон шикоят мерафт».

Аз ин маҷлисҳои ҳақгӯиву ҳақҷӯӣ устод Айнӣ аз Саҳбо ёд меоварад, ки «ҳамеша камбудиҳои дарбори амирро фош» намуда, гоҳо «дар ҳузури амир ҳам аз ҳақгӯӣ» иҷтиноб накардааст. Айнӣ дар ин замина қитъаеро аз Садри Зиё меорад, ки дар тавсифи хислатҳои поки Саҳбо гуфта шудааст.

Ба изҳори ҳақ ошкору ниҳон,
Надорад ҳазар аз кеҳону меҳон.
Ба ҳадде, ки дар пеши шаҳ з-ин насақ,
Кунад доимо нашр эъломи ҳақ.

Агар ин гуфтушунуфтҳо санаде барои тасдиқи ҳақшиносӣ ва таҷаддудхоҳиҳои Садри Зиё бошад, пайванди рӯҳонии ӯ бо Аҳмади Дониш далели қотеъ бар мароми таҷаддудхоҳии ӯст.

Воқеан ҳам Аҳмади Дониш дар маҳфили Садри Зиё эътибори том доштааст. Айнӣ гувоҳӣ медиҳад, ки «яке аз дӯстдорони ӯ (Аҳмади Дониш – Ҷ.Ҳ.), ки ба ақидаи ман, аз ҳама бештар ба ӯ баҳои баланд медод, Шарифҷон Махдум низ гувоҳи муҳаббат ва ихлоси ӯ ба ин адиби ислоҳотталаб буд».

Ҳайрат моҳияти иҷтимоии сӯҳбатҳои Садри Зиёро ёдрас карда, меоварад, ки «Шарифҷон Махдум фозили машҳури замони мо буда, ҳавлии ӯ мактаби адабиёти ҳамин давра аст».

«Мактаби адабиёт»-и Садри Зиё шогирдони ҳамақида ва ҳаммаслакро гирд оварда, дар тарбияи маорифпарварон ва инқилобиёни оянда саҳм гузошт. Айниву Хайрату Мунзим худро аз тарбиятдидагони ин мактаб донистаанд. Айнӣ тасдиқ мекунад, «материалҳои ибтидоӣ, лекин муҳимми адабии худро аз он ҳавлӣ гирд» овардааст ва ба ин далел Садри Зиёро «аввалин тарбиятгари маънавии худ» шинохтааст.

Тамоюли фикрии Садри Зиёро адабиётшинос Муҳаммадҷони Шакурӣ дар заминаи гуфтаҳои ӯ дар бораи инқилоби соли 1905 Россия

таъин кардааст. Муаллиф менависад, ки «Вай (Садри Зиё – Ҷ.Ҳ.) аз падидаҳои хашму ғазаби халқ бо хайрхоҳӣ сухан ронда, сабаби воқеаҳои соли 1905-ро дар Россия аз сиёсати подшоҳи рус ҷустааст ва дар «Рӯзнома» гуфтааст:

Асоси адолат бадал шуд ба ҷавр,
Рифоҳи раъият сар омад ба давр.
Гаҳе аз яҳудон кашидӣ димор,
Ки гаштанд овораи ҳар диёр.
Гаҳе арманиро намудӣ ситам,
Ки хатту забонаш равад дар адам.
Вале чун ба мардум ситам пеша кард,
Ҳаме бех вайрон аз он теша кард.
Дили халқҳо хаставу реш кард,
Ҳама халқро душмани хеш кард.
(117, 107).

Ин санад далели кофист аз мароми адабии Садри Зиё. Ӯ аз шахсиятҳое будааст, ки ба умқи воқеъияти давр расида, раванди ҳодисаҳоро мешинохт ва пай мебурд.

Садри Зиё аз замоне, ки мадрасаро хатм кард, то ба ғалабаи инқилоби Бухоро дар музофотҳои мухталифи аморат қозӣ буд. Мароми худро Садри Зиё дар ин мансаб чунин ифода кардааст:

Гоҳ иҷрои шариат буд, гоҳе дафъи зулм,
Алғараз, бекор неву кору боре доштем.

Санадҳо далеланд, ки Садри Зиё дар вақти иҷрои шариат (қонуни он замон) аз роҳи ҳақ берун нарафта, барои «дафъи зулм» кӯшидааст.

Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» фазилатҳои Садри Зиёро баршумурда, аз ҷумла, менависад, ки «Шарифҷон махдум дар хушхатӣ, хушсаводӣ, шерфаҳмӣ ва маорифдӯстӣ дар байни муллозодагони Бухоро қариб ягона буд».

Беҳин фазилатҳои ӯ аз назари муосиронаш дур намондаанд. Аз ҷумла, Афзал махдуми Пирмастӣ дар тазкирааш меоварад: «бо вуҷуди

он ки қомати истеъдодаш ба ҳаляи (зевари) ин ҳама фазоил ороставу пироста аст, ҳаргиз нотиқи (камарбанди) лоуболӣ аз хотира намгузаронад ва хоки пои аҳли маъниро кули босира (сурмаи чашмон) мешуморад».

Дар боло аз «мактаби адабиёт»-и Садри Зиё ёд кардем. Назар ба шаҳодати Айнӣ, доираи иштирокдорони ин мактаб фарох будааст. Дар маҷлисҳои хонаи Садри Зиё адибу фозилони равшанфикри Бухоро, аз қабили Мирзо Назруллоҳи Лутфӣ, Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдуллохоҷаи Таҳсин, мулло Бурҳони Муштоқӣ (мутахаллис ба Бисмил), Қорӣ Абдукарими Офаринӣ – «Дӯзахӣ», Мирзо Азими Сомии Бӯстонӣ, мулло Раҳмати Сартарон ва Азимхоҷаи Азиз ширкат меҷустанд, ки ба қавли Айнӣ, ҳар яке аз онҳо кам ё беш «нисбат ба сохти замони худ норозигӣ доштанд».

Дар ин маҳфилҳо сухан аз адабиёт мерафт, адабиёти пешқадам, ки дар ислоҳи муҳити ахлоқӣ саҳим бошад. Ҳамчунин дар ин сӯҳбатҳо «Хубиҳои баъзе касони намоён», ба монанди Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин, Мирзо Ҳайати Саҳбо ва ғайра зикр меёфт. Ин маҳфил барои адибони ҷавон «сарчашмаи ҳаётбахш» буд.

Устод Айнӣ аз муҳимтарин асарҳои Садри Зиё «Наводири зиёия», «Рӯзнома», «Тазкират-ул-хаттотин», «Таърих» ва «Тазкори ашъор»-ро зикр кардааст.

Дар ин миён «Наводири зиёия» аз асарҳои пурмӯҳтавои адиб буда, ба навъе маҷмӯаи асарҳост ва аз муқаддимаву панҷ асар иборат аст. Дар оташи муборизаҳои солҳои аввали инқилоб, ба қавли муаллиф, «ин китоб мафқуд» (нобуд) гашт. Баъди ба хизматҳои ҳукумати шӯроӣ даромадан муаллиф онро аз нав навиштааст.

Дар қисмати аввали «Наводири зиёия», ки «Тарҷумаи ҳоли муаллиф ва бобову аҷдоди ӯ» унвон шудааст, ду қисмат ба ҳам меояд. Дар қисми аввал доир ба ҳаёти падари муаллиф Абдушакури Оят сухан рафта, қисми дигар иборат аз зиндагиномаи муаллиф аст. Арзиши таърихии ин қисматҳои китоб дар он аст, ки муаллиф вобаста ба шарҳи

зиндагиномаи падар ва худаш муҳимтарин воқеаҳои таърихии давр ва лаҳзоти зиндагии уламою удабои асрро ба ёд меоварад.

Дар қисмати дуввуми «Наводири зиёия», ки «Тазкират-ул-вузаро» унвон шудааст, муаллиф аз муосирони худ ва пешиниён, аз қабили Абӯалӣ ибни Сино, Аҳмад бинни Ҳасани Маймандӣ, Низомулмулк – вазири Маликшоҳи Салчуқӣ, Алишери Навоӣ, Мирзо Насруллоҳи Қушбегӣ – вазири Абдулаҳаду Олимхони манғит ва дигарон маълумот додаст. Назар ба мушоҳидаи ӯ ин вазирон ҳама донишманд ва оқилу сиёсатмадор буда, барои беҳбуди зиндагии мардум, ривоҷи илму адабиёт ва тавоноии мамлакат хизмат кардаанд.

«Сабабҳои инқилоби Бухоро» асари саввуми «Наводири зиёия» буда, муаллиф дар он харобии мамлакатро дар замони ҳукмронии Музаффар (1860-1885), Абдулаҳад (1885-1910) ва Олимхон (1910-1920) маънидод мекунад. Ба ақидаи Садри Зиё, пастравии умури мулкӣ, илмӣ ва динӣ дар Бухоро аз белаёқатӣ, зарпарастӣ, маишатдӯстӣ, бадахлоқӣ ва фориғболии амирон, бесаводӣ, ҷаҳолат, сиёсатнадонӣ, золимӣ ва порахӯрии қозикалон, хиёнаткории вазиру дигар соҳибмансабон будааст. Ин хулосаи худро муаллиф дар асоси далелҳо тақвият мебахшад.

Чорумин асари «Наводири зиёия», «Латоифу матоибот» аст. Ин асар аз ду қисм иборат буда, дар қисми аввал муаллиф аз ҳаёти баъзе мударрисони номдори Бухорои асри XIX ба монанди домулло Шермуҳаммад, Абдулҳайхоҷа мутахаллис ба «Қозикалони шал», домулло Ҳасан, Абдушакури Оят ва шоиру олимони охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX чун Саидҷон махдуми Нозимӣ, Мирзо Назруллоҳи Лутфӣ ва дигарон нақлу ривоятҳои марғуб меоварад. Дар қисми дуюм, ки «Мадҳу зам (м), бадеҳа ва суолу ҷавоби шуаро» унвон дорад, байту рубоӣ ва ашъори ҷудогонаи бадоҳатан дар ҷавоби якдигар гуфта, шоирони асри XIX ва ибтидои асри XX Султонхоҷаи Адо, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Шавқӣ, Таслим, Дилкаш, Музтариб, Афсар,

Мӯҳтарам, Мунзим, Писандӣ, Азиз, Ҳомид, Фитрат, Зафунун, Дониш, Доӣ, Афзал, Сират, Сарир, Сомию Савдо ва дигарон омадаанд.

Охирин асари «Наводири зиёия», «Тазкират-ул-ҳумақо» буда, иборат аз ду қисм аст. Дар қисми аввал тарҷумаи ҳол ва намунаи ашъори сустбунёди 23 нафар шоири белаёқат, вале соҳибмансаби Бухоро, аз қабили Афлокӣ, Акбар, Аҳмадӣ, Банда, Қозии Насафӣ, мулло Музаффари Дониш, Розӣ, Одил, Ҳаким Ғарибӣ, Комил, Лаҳконӣ, Норасо, Васлӣ ва дигарон нақлу масхара шудааст.

Дар қисмати дуюми асар рафтору кирдор, тарзи маишат, одоби муошират «умарову вузаро»-и аҳмақи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ҳамчун Ҷонмирзои Қушбегӣ, Усмонбеги Қушбегӣ, Бурҳониддини Қозикалон, қозӣ Олимхоҷаи Судур, қозӣ Тешахоҷа, Абдулҳаким Савлати Раис ва дигарон тасвир ва танқид шудаанд.

«Наводири зиёия» намунаи насри бадеии ибтидои асри XX –и адабиёти тоҷик аст. Ин асар ҳунари нависандагии адибро собит мекунад.

Муҳимтарин хусусияти насри бадеии Садри Зиё соддагии забон ва образнокии тасвир мебошад. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» ба тарзи нигориши Садри Зиё ишора карда, аз ҷумла, менависад, ки «Шарифҷон махдум, ки аз иншонависони машҳури замони худ буд, аз мухлисони Аҳмади Калла ва Сомӣ буда, иншо, мактуб ва хотироти худро боз ҳам соддатар ва оммафаҳмтар карда менавишт.»

Ҳикоятҳои «Наводири зиёия» бунёди воқеӣ ва ёддоштӣ дошта, як навъ идомабахши суннатҳои адабиёти маорифпарварӣ ҳастанд. Аз ин ҷиҳат ҳақ ба ҷониби устод Айнист, ки гуфта буд: «Шарифҷон махдум, бешубҳа, аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд».

Мо дар боло асосан аз фаъолияти адабии Садри Зиё ёд кардем. Маълум аст, ки ин марди фозил соли 1886 мадрасаро хатм карда, то инқилоби Бухоро дар чандин ноҳияву вилоят–Ҷондор, Чорҷӯй, Ғиждувон, Қаршӣ, Каркӣ, Шаҳрисабз ва ғайра қозӣ буд. Ва байти зерини ӯ амалашро то андозае тафсир мекунад:

Гоҳ иҷрои шариат буду гоҳе дафъи зулм,

Алғараз, бекор неву кору боре доштем.

Мутаассифона, маҳз ҳамин паҳлӯи фаъолияти Садри Зиёро баъзе муҳаққиқони таърихи адабиёт ба фаҳмиши нодуруст баррасӣ кардаанд. Аз ҷумла, адабиётшинос С. Табаров бо номи «Амали носавоб» («Садои шарқ», 1989, 9 сах. 120) мақола навишта, ин тарафи фаъолияти Садри Зиёро зери шубҳа мегузорад.С.Табаров Шарифҷон-махдумро дастнишондаи амир медонад. Вай аз номи Айнӣ сухан ронда, мегӯяд, ки «гӯё Садри Зиё солҳои қозигӣ дар ҳаққи «душманони амир ва аморат» ҳам «ҳукмоварии шаръӣ» мекард. Мо ба ин хулосаи муаллиф кор надорем зеро Шарифҷон-махдум дар ҳақиқат қозии замонаш буд ва шояд аксаран ба тақозои шаръиат ҳукм мебароварад. Мо ин нуктаро бояд ба назар гирем, ки муҳаққиқ наметавонад тамоми фаъолияти ин марди равшанбинро сиёҳу зиёновар ҷилва диҳад. Садри Зиё, бешак, аз рӯшанфикрони бузурги замонааш буд ва устод Айнӣ, ки тарбияи ӯро дидааст, аз ӯ бо некӣ ёд мекунад. Зиёда аз ин фаъолияти маорифпарварӣ ва хизмати расмии Садри Зиё баробар ва ҳамзамон давом ёфта, ҳамеша ба якдигар таъсир доштанд, ба якдигар нақш мегузоштанд. Масалан, мо медонем, ки асарҳои асосиашро Садри Зиё солҳои қозигиаш навиштааст: «Наводири зиёия» солҳои 1904-1905 таълиф шуда, маҳз ҳамин вақт вай барои мактаби нави Мунзиму Айнӣ ва ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол» пинҳонӣ ҳар моҳ пул медод. Ба шаҳодати академик М. Шакурӣ, фарзанди худ Зарифро ба он мактаб гузошта буд. Фаъолияти амалӣ ва асноде, ки дар асарҳояш меоварад, гувоҳи он аст, ки Садри Зиё дар фаъолияти қозигиаш низ таҷаддудхоҳ ва равшанзамир будааст. Ӯ ба хотири мансаб ҳақиқатро зери по накарда, дар бисёр мавридҳо манфиати ҷафодидагонро ҳимоя кардааст.

Далели асосии С. Табаров барои сиёҳ таъсир кардани фаъолияти қозигии Садри Зиё он будааст, ки устод Айнӣ дар боби «Сабаби нақот ё гирифторӣ!»-и романи «Дохунда» Ёдгорро, ки аз зиндон гурехта буд, ба дасти қозии Вобканд дошта, ба Бухоро мефиристад. Вале асли гап

ин аст, ки «ин лаҳзаи воқеаҳои «Дохунда» монанди бисёре аз лаҳзаҳои сужети ин роман ва дигар асарҳои Айнӣ асоси воқеӣ доштааст, яъне дар ҳақиқат боре бандиёни зиндони Бухоро нақб канда гурехта буданд ва яке аз гурезагонро Садри Зиё, ки он гоҳ қозии Вобканд будааст, дастгир кардааст. Баъдҳо Садри Зиё ин воқеаро ба Айнӣ ҳикоя карда будааст. Устод Айнӣ ҳангоми таълифи «Дохунда» воқеаи аз зиндон гурехтани бандиёнро дар сужетбофӣ чун як ҷузъи саргузашти Ёдгор истифода намудааст. Мо ин ҷо сужетбофӣ гуфтем, чунки ҳарчанд бисёр тасвирҳои романи «Дохунда» асоси воқеӣ доранд, вале агар сужетро ба яклухтӣ гирем, бофтаи нависанда аст: Ёдгору Гулнор, Бозор ва дигар персонажҳо қаҳрамони воқеиву таърихӣ нестанд, чунин ашхос вуҷуд надоштанд, саргузашти онҳоро худи нависанда бофтааст. Лекин устод дар ин бофтаи худ ҷо-ҷо руйдодҳои воқеӣ дохил карда, гоҳ асоси воқеии сужетро хеле фарох гирифта, бунёди таърихии романро устуворӣ бахшидааст. Яке аз чунин ҷузъҳои воқеии сужет аз зиндон гурехтан ва боз дастгир шудани қаҳрамон аст. Агарчӣ қаҳрамон шахси воқеӣ нест, ин лаҳза ва дигар чанд лаҳзаи саргузашти ӯ воқеист. Ин ҷо диалектикаи инкишофи сужет намоён мешавад. (113,101). Соҳиб Табаров, мутаассифона, воқеаи дастгир шудани Ёдгорро ҳамчун ҳуҷҷати адабӣ не, балки ҳуҷҷати таърихӣ қабул карда, баъдтар як муколамаи дарози қозӣ ва Ёдгорро айнан нақл карда, бо исрор таъкид мекунад, ки чун қозӣ дар ин гуфтушунид як мансабдори золиму ноинсон аст, устод Айнӣ «образи ӯро ҳамчун қозии золим, бешафқат, «ҷазодиҳандаи» одамони бегуноҳи мазлум тасвир менамояд» (94, 118).

Соҳиб Табаров зери таъсири назарияи кӯҳнашудаи шинохти шахсият қарор гирифтааст. Дар ҳақиқат ҳам солҳои пеш ҳар кас мафҳуми мубориза ва муносибатҳои синфиро ба он тарзе мефаҳмид, ки равиши таълими дастурҳои назарии асарҳои классикони марксизм – ленинизм тақозо мекард. Воқеан ҳам дар ҳамин замина мо ба таърих, ҳодисаҳои он ва фаъолияти афроди гуногун танҳо аз мавқеи манфиатҳои ин он синф баҳо додем, аксаран хизматҳои инсонии гурӯҳи дигарро дар

пешбурди ҳаёти ҷомеа нодида гирифтем. Рӯзгори равшанфикронамонро ба вақҳи он, ки бо муҳити дарбор алоқаманд буданд, сиёҳ ангоштем. Ин гуноҳро имрӯз мо танҳо ба гардани сиёсат андохта наметавонем. Масъулияти инсонӣ ва таърихии хешро дар назди дирӯзу имрӯз бояд иқрор кард. Вагарна боз ҳам метавон ба вартаи хатокориҳо афтид. Акнун рӯзгори ин афродро фақат аз мавқеи манфиатҳои синфӣ баҳо додан гузашту рафт.

Дар гирдоби талошҳои синфӣ касоне низ фурӯ рафтанд, ки дар муҳит худ равшанӣ андохтаанд, муҳити маърифат ва адабиёт сохтанд, чароғе дар маҳфили бесарон буданд. Ва бешак, Садри Зиё аз ҳамин гуна равшанфикрони баномуси замони худ буд.

Чунон ки мебинем, нуқтае, ки С. Табаров ва фарзанди Садри Зиё донишманди маъруф М. Шакурӣ сари он созиш надоранд, ҳамон мулоҳизаҳои устод Айнӣ аз мақолаи «ҷавоби ман» аст. Соҳиб Табаров таъкид мекунад, ки «на роқими ин сатрҳо, балки устод Айнӣ ба ҳама дохундаомӯзон маълумот медиҳад, ки «қозии Вобканд, ки яке аз бандиёнро аз дуои тумори каллапӯшаш ёфта гирифта» ба заданаш фармон дода буд, «ба сахт нигоҳ доштани забон (то бурдан ба зиндону обхонаи Бухоро- С. Табаров) амр фармуд», Шарифҷон-махдум буд». Ин ҳақиқатест, ки худи Айнӣ эътироф ва таъкид кардааст. Вале паҳлуи дигари ин ҳақиқатро низ дидан лозим аст. Дар ин бора мулоҳизаи зерини М.Шукуров то дараҷае моҳияти масъаларо равшан мекунад: «Не, мо ҳеҷ асос надорем, ки ҳама ҷузъиёти воқеаҳои ин бобро рӯйдодҳои воқеӣ ҳисоб кунем, ягон порчаи боб ё тамоми бобро ба сифати санади таърих қабул намоем. Илм тасвири бадеиро ба муқобили касе чун ҳуҷҷат айбнома қабул карда наметавонад. Тасвири бадеӣ асоси воқеӣ дошта бошад ҳам, ба сифати санад қувват надорад…» Муаллиф боз меафзояд: «ҷузъиёти асари бадеиро айни воқеият донистан ҳамчунон хеле оддӣ ва соддалавҳона фаҳмидани тасвири типӣ дар адабиёт аст».

Асли гап он аст, ки Садри Зиё яке аз шахсиятҳои барҷастаи адабиёт ва сиёсати охири асри XIX ва ибтидои асри XX буд. Ҳикоятҳое,

ки вай дар «Наводири зиёия» нақл мекунад, гувоҳи он аст, ки шахси суботкор ва ростгӯю боҷуръат будааст. Вай ҳатто ҳангоми гуфтани гапи ҳақ мисли Аҳмади Дониш аз гирифтани номи мансабдорони калони амир намеҳаросад, балки лозим ояд, чеҳраи қабеҳи инсонии ононро мекашад. Масалан, ҳикояти ӯ дар бораи Усмонбеки қушбегӣ ва писараш Гулҷон, ки пур аз масхараи шахсияти «вазири аъзам ва ноибу қоиммақоми амир Олимхони махлӯъ (бекоршуда) – амири Бухоро буд» ва «дар сафоҳат (нодонӣ) ва ҳамоқат назиру адил (монанд) надошт», ба ин гуфтаҳо далел буда, собит месозад, ки Садри Зиё марди ҷасур ва ҳақшинос будааст. Ин гуна мисолҳоро, ки муносибати ӯро ба золимони мансабдор нишон медиҳад, аз «Наводири зиёия» фаровон нақл кардан мумкин аст.

Ин марди тараққихоҳ, ба шаҳодати фарзандаш Муҳаммадҷон Шакурӣ, баъди ғалабаи Инқилоби русӣ муддате дар идораҳои нав кор карда, аз солҳои 1923-1924 ба баъд дар ҳеҷ ҷо кор накардааст.

Садри Зиё дар охири умр ҳангоми беморӣ ҳабс шуд ва бар асари бемории тиф дар ҳабсхона аз ҷаҳон гузашт. Манзараи даргузашти ӯро писараш – Муҳаммадҷон Шакурӣ басо дардовар ёддошт кардааст: «Вале як чиз ҳеҷ аз ёдам намеравад. Рӯзе модарам аз ҳабсхона, аз падарам хатчае гирифтанд. Хат ба дасти падарам навишта шуда буд. Мазмуни хат ин буд, ки «пасфардо 25 апрел ман озод мешавам, азбаски нотоб ҳастам, барои бурдани ман фойтун, як ҷомаи серпахта ва асо биёред.» Мо аз хабари озодии падар хурсанд шудем ва модарам ҳавлирӯбиро ба ман фармуда, худашон хонабарорӣ сар карданд. Рӯзи дигар, ки мо ба пешвози падар ҳавливу хона тоза мекардем, касе дарвозаро тақ-тақ кард. Ӯ хабар оварда буд, ки Шарифҷон-махдум аз дунё гузаштанд» (117, 122). Зиндагии ин шахси бузурги илму адаб ҳамин тавр ба поён расида, умри дуввум ва ҷовидонаи ӯ дар тақвими ҷаҳони боқӣ шурӯъ шуд ва то замоне, ки одамизод бо илму адаб сару кор дорад, идома хоҳад ёфт.

Садриддин Айнӣ

(1878 – 1954)

Айнӣ фарзанди Бухоро буд. Дар Бухоро парвариш ёфт ва ба камол расид. Беҳтарин сифатҳои зиндагиаш бо ин шаҳри фарҳангӣ ва таърихӣ пайванд аст. Аз ин назар ӯ аз оғози ҳаёти бошууронааш ба сарнавишти Бухоро бепарво буда наметавонист. Шояд аввалин андешаҳои ӯ дар бораи Бухоро ва қисмати мардуми он аз замоне шурӯъ шуда бошад, ки вай ҳамчун толибилми мадраса дар ҳавлии Садри Зиё хидмат мегузорид ва ба моҳияти гуфту шунуфти онҳое, ки дар маҳфилҳои адабии Садри Зиё иштирок мекарданд, таваҷҷӯҳ мекард, аз он маънӣ мекашид. Баъдтар ҳангоми таълифи «Ёддоштҳо» ба ин мунозираҳо баҳои таърихӣ низ дод.

Айнӣ маҳз ба воситаи маҳфили адабии Садри Зиё бо ақоиди тачаддудхоҳонаи Аҳмади Дониш ошно шуд. Аҳмади Дониш дар сӯҳбатҳои хонаи Садри Зиё ҳамеша ғоибона ҳузур дошт.

Айнӣ тамоюли иҷтимоии сӯҳбатҳои хонаи Садри Зиёро таъкид карда, мегӯяд, ки Садри Зиё ва ҳавлии ӯ барои инкишофи адабиёти пешқадами тоҷик дар ибтидои асри XX нақши муҳим бозида буд. Пайванди Айнӣ бо ин мактаб алоқамандии ӯро на танҳо бо рӯшанфикрони Бухоро зиёд кард, балки ӯро ба роҳи тачаддудхоҳӣ ҳидоят намуд. Бевачҳ набуд, ки Айнӣ Садри Зиёро ҳамчун «аввалин тарбиятгари маънавии худ» шинохтааст. Маҳз Садри Зиё соли 1900 Айниро ба «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ошно кард ва ин ошноӣ боиси «инқилоби фикрии» Айнӣ гардид.

Маҳфили адабии Садри Зиё муносибати Айниро бо рӯшанфикрони Бухоро таъин кард. Вай дар ин маҳфил бо бисёре аз шоиру олимон шинос шуд ва сабақе барои зиндагии худ дарёфт.

Айнӣ ба соҳиби ин «мактаби адабӣ» Садри Зиё эҳтироми хосро қоил буд. Ӯ медонист ва эътироф мекард, ки маҳз Садри Зиё тақдирчунбони ӯ гардида, ба мадраса ташфиқ кард, дари китобхонаашро ба рӯи вай боз дошт, барои истиқомати доимиаш дар мадраса низ саъй намуд. Аз ҳамин чиҳатҳо буд, ки Айнӣ ба шахсияти Садри Зиё ва

фаъолияти адабии ӯ баҳои баланд дод. Аввалин мушоҳизаашро дар бораи Садри Зиё дар китоби «Таърихи инқилоби Бухоро» баён кардааст. Айнӣ Садри Зиёро «яке аз мухлисони Аҳмад махдум, яке аз уламои тараққипарвари ҳозираи Бухоро» медонад. Зиёда аз ин дар «Ёддоштҳо» ба хулосае меояд, ки «Шарифҷон махдум, бешубҳа, аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд».

Ҳамаи ин санадҳо робитаи Айниро бо рӯшанфикрони Бухоро таъин карда, мавқеи ӯро дар дигаргуниҳои иҷтимоию маънавии муҳити Бухорои онвақта нишон медиҳад.

Мо дар боби муносибати Айнӣ ва Садри Зиё ҳарф зада, бевосита ба мавқеи инсонӣ ва иҷтимоии онон дар ҳаёти адабии оғози садаи XX дахл мекунем.

Нахустин бархурди Айнии наврас ба Садри Зиё замони сафари ӯ ба Ғиждувон воқеъ шудааст. Айнии 11-12 - сола маҳз бо тавсияи Садри Зиё барои таҳсил ба Бухоро меояд ва муддате дар ҳавлии ӯ зиндагӣ карда, аз китобхонаи машҳури Садри Зиё баҳра мебарад. Маҳз дар ҳамин даргоҳ «ба доираи рӯшанфикрони пешқадам, ки рӯҳияи оппозитсионӣ доштанд» (114), роҳ меёбад. Ба қавли Муҳаммадҷон Шакурӣ, «ин барои ташаккули шахсияти Айнӣ, барои муайян шудани роҳи баъдинаи ӯ аҳамияти калон дошт. Устод як умр аз ин хусус бо сипосгузорӣ сухан рондааст».

Айнӣ бо моҳияти афкору осори Аҳмади Дониш маҳз дар ҳавлии Садри Зиё ва ба воситаи «мактаби адабиёт»-и вай ошно гардид. Ин шиносоиро Айнӣ боиси «инқилоби фикрӣ»-и хеш тавзеҳ кардааст.

Баъди аз ҳавлии Садри Зиё рафтани Айнӣ алоқаи дӯстонаи онҳо бурида нашудааст. Далели дигаре ҳаст, ки муҳаббати Садри Зиёро ба Айнӣ тасдиқ мекунад. Айнӣ баъди аз хонаи Садри Зиё кӯчидан, муддате бе ҷои зист мемонад. Садри Зиё аз оворагиҳои Айнӣ хабар ёфта, аз мадрасаи Кӯкалтош ҳуҷрае харида, ба Айнӣ медиҳад. Ба шаҳодати Айнӣ, вай дар ин ҳуҷра аз соли 1907 то соли 1917 зиндагӣ кардааст.

Садри Зиё ба мактаби усули наве, ки дар Бухоро ба кӯшиши Айнӣ ва Мунзим соли 1907 таъсис ёфта буд, аз ҷиҳати молиявӣ ёрӣ мекунад. Маҳз ҳамин далел ҷаҳди мувофиқати онҳо дар роҳи пешбурди ҷунбишҳои прогрессивии ибтидои қарни XX будааст.

Айнӣ низ аз аҳволи Садри Зиё ҳеҷ вақт бехабар набудааст. Вай соли 1917 ба мансаби қозикалон таъин шудани Садри Зиёро воқеъбинона чунин шарҳ медиҳад. «Зиё аз ҷумлаи уламои тараққипарвар ба шумор меравад. Бинобар ин, амир Олим дар соли 1917 барои фармони ислоҳот мумилайҳро дар Бухоро қозикалон кард». Ин санадро Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» меоварад

Дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» мегӯяд, ки қозӣ Шарифҷон «ба ислоҳот як дараҷа тарафдор буд» ва ба ин далел қозикалон таъин гардид.

Минбаъд ҷараёни воқеаҳо чунин сурат гирифт, ки хавфи аз байн бурдани Айниро Садри Зиё эҳсос кард. Амир нафақат ислоҳотро намехост, балки ба таъқиби ислоҳотхоҳон пардохт. Дар ин лаҳзаи ҳассос Садри Зиё мактуби қушбегиро ба Айнӣ нишон дода, ӯро аз хавфи ба миён омада огоҳ месозад. Шояд сабаби дар «намоиши шукрона»-и 8 апрел иштирок накардани Айнӣ ҳамин буд. Бо вуҷуди ин Айнӣ аз чанголи амир халосӣ наёфт. Ӯро аз ҳуҷрааш бурданд ва 75 чӯб зада, ба обхона партофтанд.

Ба гувоҳии фарзанди Садри Зиё, донишманди маъруфи тоҷик Муҳаммадҷон Шакурӣ «устод Айнӣ пас аз чандин сол ҳам ҳар гоҳ он рӯзҳои пурдаҳшатро ба ёд оварад ва ба фарзандонаш ҳикоя кунад, аз ҷумла, мегуфт, ки чун фармони 75 дарра ҷазо додани ӯ содир шуд, Садри Зиё ба амир бо илтимоси бекор кардани он фармон мурочиат намуд. Вай гуфт: «Амирам, ҷаноби олӣ! Раҳм кунед. Айнӣ ягонаи даврон аст. Аз гуноҳаш гузаред!» Вале амир фармонашро бекор накард». Ин тафсилотро Муҳаммадҷон Шакурӣ аз забони фарзанди нависанда Камол Айнӣ нақл мекунад.

Баъдтар Садри Зиё дар «Рӯзнома»-аш таассуроти худро аз ин воқеаи мудҳиш ба тариқи зайл баён доштааст. «Бародари мӯҳтарамам Садриддинхоҷаи Ғиждувонии Айнӣ тахаллусро, ки назман ва насран аввали Амир Хованд (Мирхонд) ва сонии Саъдии Шерозӣ ва дар ҳадди зоташ ранҷуру касалманд буд, аз мадрасаи Кӯкалтош ба ҳоли аҷибе оварда, ба дарвозаи Арки Бухоро бераҳмона ва бешармона амиру вазир ба иқтизои аҳли балво 75 чӯб таъзир карданд ва ба яке аз маҳбасҳои он ҷо, ки обхона меноманд, ба ҳамон ҳол андохтанд». Баъдтар Садри Зиё ҳам сазовори чунин «мукофот»-и амир гардид.

Дарки воқеият ва бархурд бо одамони равшанфикр чашми Айниро ба ҳодисаҳои аср боз мекард. Ӯро ба дарёфти ҳақиқати адабӣ вомедошт. Иштироки ӯ дар маҳфилҳои хонаи Садри Зиё бисёр мушкилоти эҷодиро барои ӯ ҳаллу фасл мекард. Худи устод ба ёд меовараd, ки «дар он маҷлис (маҷлисҳои хонаи Садри Зиё – Ҷ.Ҳ.) бисёртар сухан дар бораи шеъру адабиёт мерафт ва бештарин меҳмонон ё шоир буданд ё шеършинос. Агар баъзеашон аз адабиёт хабардор набошанд ҳам, хушгап, ширинсухан, зариф ва мавқеъгӯй буданд, ки дар рафти сӯҳбат латифаҳои ширин мегуфтанд ва мувофиқи мақом воқеаҳои намакин нақл менамуданд: шоирон ба тарзи мушоира ва бадеҳа мисраҳои ногаҳонӣ гуфта мисраҳои якдигарро тазмин мекарданд, шеършиносон аз шеърҳои гузаштагон ба тарзи мисол байтҳои баланд мехонданд ва тақлиди бемуваффақиятонаи он мазмунҳо будани шеърҳои шоирони замони худашонро исбот карда танқид менамуданд; гоҳо мешуд, ки ин мушоираҳо ва шеърхониҳо ба ҳаҷв ё мадҳи якдигар, ё ба масхара кардани касони ғоиб оид мешуд» (С.Айнӣ, Куллиёт, ҷ. 6., саҳ. 356).

Ин нишастҳо, чунон ки Айнӣ эътироф мекунад, ба сари худ мактаби шеъру шоирӣ буд. Истеъдоди Айнӣ маҳз дар ҳамин суннатпарастию таҷаддудхоҳӣ парвариш ёфта, ӯро ба гуфтани шеър во медорад.

Айнӣ нахустин шеърҳои худро дар фарoварди аср гуфтааст ва он шеърҳо бештар мазмуни ишқӣ доштанд. Дар қисме аз шеърҳои ибтидои фаъолияти эҷодиаш тахаллуси «Сифлӣ», «Мӯҳтоҷӣ», «Ҷунунӣ»-ро интихоб кардааст. Аз соли 1896 баъд тахаллуси «Айнӣ»-ро қабул мекунад. Ва аз ҳамин давра сар карда осори манзумаш дар нашрияву тазкираҳо чоп мешаванд.

Аввалин маротиба Афзал махдуми Пирмастӣ дар тазкирааш ашъори Айниро иқтибос карда, маълумотеро низ зикр мекунад. Афзал, аз ҷумла, менависад, ки Айнӣ тахаллуси фазоилмаоб, камолотинтисоб ва муаллохитоб мулло Садриддинхоҷа аст. Мавлидаш ба қарияи Хоҷа Садпирӣ, ки яке аз қурои машҳураш қасабаи Ғиждувон аст ва марде некбин ва пурдон ва дохили зумраи аҳли ирфон ва ӯро дар ҳалли ғумуз ва кашфи румузи бадоеъ ва дақоиқи фунун иқтидори вофӣ ва дар ашъори ҷамила дараҷаи ҷалила ва дар ҳусни гуфтор равияи ҷазила дорад, ки муқаддароти афкори худро бо камоли тароват дар ҷилва меорад. Ва аз омми абёташ бӯи муҳаббат меояд. Агар ҷигарсӯхтагони таашшуқпеша ашъорашро вайлои дили муҳаббат манзил кунанд, мешояд». Абдӣ низ дар тазкирааш дар боби ашъори Айнӣ сухан гуфта, намунаҳое иқтибос мекунад. Ҳамон вақт Абдӣ ба дурустӣ пай бурда буд, ки «Агар тарбият ёбад, дар тариқи илмӣ ва шеърӣ саромади рӯзгор хоҳад гардидан ва маомини гули маънӣ ва мазмуни тоза бисёр хоҳад чидан».

Айнӣ «Гули сурх»-ро аввалин шеъри ҷиддии худаш шинохта, онро ба ислоҳи дӯсташ Ҳайрат интишор дод. Ин шеър ба Шарифҷон махдум низ писанд афтода буд.

Воқеан шеъри «Гули сурх», ки аз аввалин шеърҳои Айнист, бо мазмуну мӯҳтаво ва санъат диққатангез аст. Ин шеър ҳақиқати мушаххасро аз сарнавишти муаллиф фаро гирифта буд. Тасвири мушкии ҳоловар шеърро муассир ва шахсияти қаҳрамони лирикиро хотирмон ҷилва додааст. Ҳолати қаҳрамони лирикие, ки бо сабаби мӯҳтоҷӣ аз кайфияти рӯзгор бебаҳра мондааст, хеле муассир воқеъ

шуда, дар ин шеър шоир бо ҳассосияти тамом нобаробарии иҷтимоии одамонро таъкид карда, бо ифодаҳои шартӣ умедвории худро аз дунё ифода мекунад.

Табаддулоти фикрие, ки дар хонаи Шарифҷон махдум дар ниҳоди Айнӣ рух дод, минбаъд дар ҷараёни таҳсили мадраса ва ошноияш бо ашхоси равшанфикр амиқ рафт. Махсусан ошноӣ бо «Наводир-ул-вақоеъ» мавқеи ӯро дар шинохти воқеъияти зиндагӣ, баду нек муайян сохт. Айнӣ аз ин баъд ошкору ниҳон бо таҷаддудхоҳони Бухоро пайваст. Чун ҷараёни ҷадидия дар таърихи адабиёти мо реаксионӣ шинохта шуда буд, аксари адабиётшиносон дар тӯли солҳои пеш кӯшиш мекарданд, ки Айниро бо ин ҷараён олуда насозанд.

Дар асл Айнӣ яке аз пурқувваттарин таҷаддудхоҳони ибтидои аср буд. Бо тақозои вақт Айнӣ бо ҳамроҳии Мирзо Абдувоҳиди Мунзим мактаби нави тоҷикӣ таъсис медиҳанд. Айнӣ барои мактаб китобҳои дарсӣ менависад. «Таҳзиб-ус-сибён» маҳсули ҳамин давра аст. Айнӣ ҳамчунин яке аз бунёдгузорони ҷамъияти ислоҳотталаби мактабу мадраса - «тарбияи атфол» буд. Чун моҳияти кӯшишҳои навҷӯёнаи Айнӣ писанди сиёсати давр набуд, зуд пеши роҳи ин навҷӯиву ислоҳотталабӣ гирифта мешуд.

Фаъолияти Айниро дар ин давр аз ҳаракати таҷаддудхоҳони Бухоро ҷудо маънидод кардан хилофи воқеияти таърихист. Айнӣ аз ҷумлаи ҷавонон тозафикре буд, ки ҷон ба каф гирифта, дар роҳи мубориза барои инкишофи маорифу маданияти нави замон қадам гузошта буданд. Айнӣ дар роҳи бедорӣ ва худшиносии мардум хидмати босазо кардааст.

Муатаассифона, саҳнаҳои зиндагии баъдии Айниро муҳаққиқон аз фаъолияти ин давраинаи ӯ ҷудо мекунанд. Аксарият аз он метарсанд, ки мабодо Айниро бо ҷадидия пайванданд. Дар асл Айнӣ ҷонибдори ислоҳоти демократии ҷадидон буд. Вай аз фаъолони ҷунбиши таҷаддудхоҳии ин давра буда, фаъолияти ӯ барои ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсии ватан ва миллат нигаронида шуда, ӯ

муассиси нахустин мактаби усули нав буд ва ҳамроҳи Мунзим алифбои нави мактаби ҷадидиро навишт. Аз китобҳои дарсии дар ин давра навиштаи ӯ «Таҳзиб-ус-сибён» арзиши бузурги ахлоқиву маърифатӣ дошт. Ин китобро муаллиф соли 1909 мураттаб сохт ва ба сабаби навҷӯиҳои муаллиф ба рӯҳониён писанд набуд, зеро маводи дар китоб фароҳам омада, мақолаю шеърҳои таҳия шуда, муқобили ҷаҳолатпарастон нигаронида шуда буд.

Китоб аз сарнавишти писарбачаи баодобе ҳикоят мекард. Ба ин васила муаллиф аз тавсифи табиати зинда, аз мадҳи маориф, адабиёт, озодии занон ва ғайра сухан ба миён оварда буд, ки ин мавқеияташ ӯро дар назари «қадимиён ҷадид» ҷилва медод. Дар ҳамин шароити мураккаби таърихӣ ин китоб арзиши муҳимми маърифативу ахлоқӣ дошт. Илова ба ин диди навро танзиму таълифи васоити нави таълимӣ шарҳ медод.

Айнӣ дар ин асар қабл аз ҳама «маданияти нав, одоби нав, ҳусни ахлоқи нав, образи одамони нав, мактаби нав»-ро (Х. Мирзозода) тавсиф ва тарғиб мекунад. Дар ин зинаи инкишофи ҷомеа омӯзишу парвариш мақоми аввал дошт. Айнӣ инро дарк карда буд ва беҳуда набуд, ки дар китобаш паси ҳам чандин шеърро дар ситоиши мактабу маориф ҷой додааст. Шеърҳои «Маснавӣ дар васфи мактаб», «Замзамаи дабистон», «Мактаб», «Боз мактаб», «Саҳаргоҳон» ҳамин гуна мароми муаллифро ифода мекунад.

Мактаб аз назари Айнӣ мояи саодат аст. Ин ғояи вай ба воситаи силсилаи ҳикояҳои «Хонадони хушбахт» низ дар «Таҳзиб-ус-сибён» баён гардидааст. Айнӣ дар ин силсила қабл аз ҳама ба суоли «Хонадони хушбахтчист?» ҷавоби сареҳ медиҳад: «Хушбахт он касе ҳаст, ки дар хонадони ӯ касе беилму бетарбия набошад. Ҳамаи афроди хонаводаи хушбахт соҳибони ахлоқи нек, ботамиз, некӯкирдор мешаванд. Саркори хонадони саодатманд ҳамаи авлод ва атбоашро илму дониш меомӯзад. Чизҳои ба дунё ва уқбо дар кор меомадагиро медиҳад».

Айнӣ чеҳраи ин гуна одамони маорифпарварро дар симои Муҳаммад Юсуф тасвир мекунад. Ормонеро дунболгирӣ мекард, ки афроди ҷомеа бояд тарбиятдида ба воя расанд, аз «Қуръону зарурийёти динийя» ва «илми ҳисоб, таърих, ҷуғрофия, илми ашё, фанни тарбият ва ҳифз-ус-сиҳа» хабардор бошанд, «қавоиди дафтарнависӣ» ва «тариқи хариду фурӯши ҳар чиз»-ро донанд. Айнӣ чашми ибрати муосиронашро ба ҳамин гуна шахсият, яъне Муҳаммад Юсуф боз мекунад. Аз ин мавқеъ арзиши ахлоқию маънавии ин асар имрӯз низ аз байн нарафта, балки ба ҷои бисёр китобҳои бемояи дарсӣ барои атфол метавонад хидмат кунад.

Инқилоби аввали рус ба бедории фикрии Айнӣ бетаъсир набудааст. Айнӣ тасдиқ мекунад, ки «революцияи 1905-и Россия дар Бухоро» таъсири калон бахшид, ҳаракати прогрессивӣ, ки пештар дар доираҳои танги ҷудогона буд, хеле вусъат ёфт» (4, 58).

Адабиётшинос Атохон Сайфуллоев дар фаъолияти ин давраинаи С. Айнӣ се ҷиҳатро ташхис дода, таъкид мекунад, ки «омӯзиши таҷрибаи мактабҳои тоторӣ ва истифодаи методи илмии таълиму тарбия дар мактаби усули нав», фаъолияти ӯ дар заводи пахтатозакунии Қизилтеппа ва зиндонии амир шудани ӯ гардише дар афкору омоли нависанда буд **(80,154).**

Воқеият ин аст, ки таъсири инқилоби аввали рус дар Бухоро калон буд. Бухоро дар ин айём шаҳри ошӯбзадаро мемонд. Баъди инқилоби русӣ роҳи рӯзномаву маҷаллаҳо ба Бухоро кушода шуд. Ин ҳама дигаргуниҳои баъди инқилобӣ соли 1905 ба ҳаёти Айнӣ бетаъсир намонд. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки баъди инқилоб, яъне «тахминан аз соли 1907 давраи нави эҷодиёти ӯ оғоз ёфт» (М. Шукуров). Ба мушоҳидаи адабиётшинос Муҳаммадҷон Шукуров «аз асарҳое, ки Айнӣ дар соли 1905-1917 навиштааст, маълум мешавад, ки ӯ аз баъзе ҷиҳатҳо қадам ба қадам ба фаҳмидани хоҳишу дархостҳои халқ наздик мешуд. Аввалҳо баъзе хусусиятҳои зиндагии халқ ва орзуву омоли ӯ ба навиштаҳои Айнӣ асосан ба воситаи лаҳзаҳои алоҳидаи зиндагии

шахсии худи ӯ - камбағаливу қашшоқӣ, мавзӯи беҳуқрагиву базмгардӣ ва монанди инҳо сар дароварда буд. Баъдтар аҳволи дигароне, ки мисли худаш ҳастанд, низ бештар ба доираи мулоҳизоти ӯ ва ба шеъраш роҳ ёфтан гирифтанд» (115, 40). Ин муҳимтарин тағйироти фикрии Айнӣ дар усули эҷод буд.

Тағйироти дигаре, ки баъди Инқилоби аввали рус дар эҷодиёти Айни чашмрас аст, ҳамоно аз лирикаи ишқӣ тамоман даст кашидани ӯст. Чунин фикри Салимӣ дар иловаи тазкираи Возеҳ «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» зиёда муҳим аст. Вай таъкид мекунад, ки «Айнӣ алҳол аз шеъри ишқу ошиқӣ танаффур карда, ашъорҳои миллӣ менависад» (117). Ин ҷо мафҳуми «ашъорҳои миллӣ»-ро М.Шукуров «лирикаи иҷтимоӣ» тавзеҳ кардааст. Ба назари мо, ғунҷоиши он фаротар буда, ҳуввияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мазҳаби шеърро таъкид кардан аст, ки он солҳо зиёда муҳим гардида буд. Аз ин мавқеь шеъри Айнӣ дар ин давра бештар мазмуни пандомезона гирифта, дар васфи мактабу маориф ва илму дониш гуфта мешуд.

Хулоса, инқилоби аввали рус дар эҷодиёти Айнӣ рӯҳияи озодандешӣ, худшиносии миллӣ ва иҷтимоӣ, навҷӯӣ ва тамоюлписандиро ба вуҷуд овард ва равнақ бахшид, ки таъсири ин равишро дар даврaҳои баъдии фаъолияти ӯ равшан мушоҳида мекунем.

Фоҷиаҳои паси ҳами Бухоро, махсусан таъқибу фишор Айниро маҷбур кард, ки ба Самарқанд фирор кунад. Айнӣ баъди «75 чӯб» ва муолиҷа дар касалхонаи Когон 3 июни соли 1917 ба Самарқанд омад. Айнӣ ин таърихро дар шеъри «Ба муносибати ҳиҷрат ба Самарқанд» (ноябри 1917) тасвир кардааст.

Баъди фоҷиаҳои баҳори соли 1918, кушта шудани бародараш Сироҷиддин ва зиёд гардидани таъқиботи амир Айнӣ ба Тошканд паноҳ бурда, боз ба Самарқанд бармегардад. Сонитар ба айби «Айнии худшинос» бародараш Муҳиддинро низ ба қатл мерасонанд. Ин ҳама фоҷиаҳо ба Айнӣ беътасир набуд, вале рӯҳи ӯро шикаста натавонист.

Моҳи августи соли 1918 Айнӣ дар кушта шудани бародараш Сироҷоддин марсияи ҷонсӯзе гуфт. Сироҷиддин, ки узви ҷамъияти «Тарбияи атфол» буд, аввал дар «обхона»маҳбус ва баъд кушта шуд.

Муҳаммадҷон Шакуров барҳақ менависад, ки «ин марсия фақат ба дараҷаи ифодаи дарду алам ва сӯзу гудоз, ба дараҷаи ибрози эҳсосоти шахсӣ намондааст, балки мазмуни баланди иҷтимоӣ дорад. Айнӣ моҳияти ситамгории аморатро бо сухани олии пурсӯз фош намуда, мардумро ба сарнагун кардани он тахту тоҷ даъват намудааст:

Хоҳам он хонаи бедоду ситам вайрон бод!
Хоҳам он маҳкамаи ҷавр мазористон бод!
Хоҳам он тахт, ки шуд боиси бадбахтии мо,
Реза-реза шуда бо хоки сияҳ яксон бод!
Хоҳам он тоҷ, ки зеби сари хунхоре шуд,
Бо сари соҳиби худ зебдеҳи зиндон бод!
Хоҳам он қаср, ки ишратгаҳи ҷаллодон аст,
Пора-пора шуда дар зери замин пинҳон бод!
Хоҳам он зумра, ки имрӯз таҳаккум дорад,
Даст баста ба дари маҳакамҳо ҳайрон бод!
Хоҳам он муфтию он қозию он шоҳу вазир
Сарнагун гашта ба хуни худашон ғалтон бод!
К-ин ҳама зулм ба даврон, ки бад-ин ваҳшат рафт,
Баҳри омодагии ишрати ин ҳазрат рафт».

(117,57).

Агар марсияи Айниро, ки шаклан ба марсияи дар ҳақи фарзандаш навиштаи Ҷомӣ монанд аст, муқоиса кунем, тафовутҳои ҷиддиеро рӯ ба рӯ мешавем. Нахустин фарқияте, ки ба назар мерасад, ин аст, ки Айнӣ бори аввал дар таърихи адабиётамон марсияро «мазмуни амиқи иҷтимоӣ ва рӯҳи инқилобӣ» (М. Шукуров) бахшид, «қаҳрамони лирикии ин шеър интиқомҷӯи ҷарроре ва муборизи шӯълаварест, ки олами ҷабру ситамро зеру забар кардан мехоҳад» (117, **57).** Муҳаммадҷон Шукуров ин шеърро якумин шеъри инқилобии Айнӣ дониста, замони дигаргунии ҷиддиро

дар тафаккури маорифпарварон ба он марбут мешиносад, ки дуруст аст.

Тафовути дигари ҷиддии ин марсия аз асари Ҷомӣ он аст, ки «дар он на танҳо рӯҳияи ҳузновар ва ҳиссиёти пурғаму андӯҳ, чунонки одатан дар марсияҳо дида мешавад, акс наёфта, балки хашму ғазаб ва эътирози қавии шоир нисбат ба сабабгори фоҷиа ва мусибат, ки амир ва сохти амирист, бо як оҳанги ҷасурона ифода ёфтааст» (41,55)

Дар мисоли ин ва бисёр шеърҳои дигари Айнӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки вай аз шоироне буд, ки дар баробари ба шеър ворид кардани мазмуну мундариҷаи нав ва забон, шаклҳои суннатии шеъри пешинро сахт эҳтиром мекард. Бинобар ин, ӯ на суннатгаро, балки суннатписанд буд. Айнӣ, ки дар мактаби пешинаи назарияи шеър парвариш ёфта буд, саҳву хатои шаклиро дар шеър намеписандид. Салоҳияти шоирро дар шинохти вазн ва қофия ба хусус таъкид мекард.

Айнӣ ба эътирофи худаш ҳамчун шогирди чилсолаи Октябр ба адабиёт омад. Дар шинохти ҳақиқати инқилоб саргум нашуд, балки Инқилобро чун наҷотгари заҳматкашон шинохта, дар таҳкими ғояҳои инқилобӣ саҳм гирифт. Дар ҳамин замина «таронаҳои инқилобӣ» ва пазируфтани сохти навро ба дӯстону душманон итминон дод.

Шеъри Айнӣ сарнавишти худи ӯст, ки пастиву баландиҳое дошт. Ҷое, ки шеърро дар мавзӯи суннатӣ гуфтааст, аз назари ҳунар тамомияте дорад. Ҷое, ки дар мавзӯи инқилобу мактабу маориф сухан мекунад, шеъраш хусусияти воқеагароии дурушт мегирад ва савқу савияи шоириаш халалпазир мешавад. Ин ҳама дар сарнавишти Айнӣ тазодҳое дорад, ки бояд таҳқиқ ва муайян шавад.

Айнӣ сарояндаи комили сурудҳои инқилобӣ буд. Аввалин шеъри инқилобии тоҷик низ ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Ин шеър «Суруди озодӣ» ё худ «Марши ҳуррият» унвон дошта, соли 1918 эҷод шуда ва соли 1919 дар «Шӯълаи инқилоб» (Самарқанд) ба чоп расидааст. Ба оҳанги «Марселёза» навишта шудани ин шеърро худи Айнӣ таъкид кардааст. Вале муҳаққиқи эҷодиёти ӯ И.С.Брангинский фаротар рафта

менависад, ки «таҳлили ин суруд, ки «марш» номида мешавад, нишон медиҳад, ки сарманшаи он на матни тоинқилобии «Марселёза» (Аз дунёи кӯҳан рӯй метобем), балки «Марселёзаи коргарӣ»-и Демян Бедний буд (20,57

Бояд гуфт, ки дар адабиётшиносии мо дар баҳо додан ба ин шеъри устод Айнӣ назарияи максималистӣ афзалият пайдо кардааст. Хатто донишманди маъруфи адабиёт М.Шукуров «рӯзи ба майдони ҳаёту мубориза баромадани «Марши ҳуррият» 7-и ноябри соли 1918-ро рӯзи таваллуди адабиёти советии тоҷик» (117, 62) медонад, ки воқеӣ нест. Дар асл ин шеър ҷуз ҷанбаи таблиғиву сиёсӣ шояд арзиши дигаре надошта бошад. Айнӣ низ як навъ пайрави чунин даъвати Маяковский буд, ки мегуфт:

Нависанда он аст дар ин рӯзгор,
Ки марше сарояд, бигӯяд шиор.

Ин шеър аз дигар ҷиҳат мавқеи ғоявӣ ва тазаҳуроти фикрии Айниро дар назди ҳукумати нав бешубҳа гузошт, ки шояд ин барои Айнӣ зиёда муҳим буд.

Саид Аҳмадхоҷаи Аҷзӣ
(1864-1927)

Саид Аҳмадхоҷаи Аҷзиро аксари муҳаққиқони таърихи адабиёт ба унвони яке аз барҷастатарин маорифпарварони фидокори тоҷик эътироф кардаанд. Ин марди равшанбин ва оянданигар дар пурпечутобтарин давраи таърихи Осиёи Марказӣ, дар замони тағйироти азими сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зиндагӣ ва эҷод карда, бо осори гаронмояш ёди нек аз худ боқӣ гузоштааст. Вале бо камоли афсӯс бояд иқрор шуд, ки дар бораи зиндагиномаи ӯ то имрӯз санади қобили таваҷҷӯҳе дар даст нест. Аввалин касе, ки ба баъзе аз паҳлӯҳои зиндагиномаи Аҷзӣ равшанӣ андохтааст, донишманди фақид Муҳммадҷони Шакурӣ мебошад. М. Шакурӣ дар заминаи маълумоти мухтасаре, ки дар тазкираҳо, аз ҷумла «Тӯҳфат-ул-аҳбоб»-и Мӯҳтарам

омадааст, нақлҳои фарзанди Аҷзӣ Аъзамхони Аҷзӣ, ки охири солҳои чил дар институти забон ва адабиёти Академияи Улуми Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон кор кардааст, маълумоти устод Айнӣ, маводи Х. Мирзозода ва Ш. Ҳусейнзода, ки солҳои сӣ дар Самарқанд ҷамъ кардаанд, инчунин аз рӯи ахбори рӯзномаву маҷаллаҳо, ҳуҷҷатҳои бойгонии вилояти Самарқанд ва Бойгонии Марказии Давлатии Таърихи Ӯзбекистон то ҷое ба баъзе паҳлӯҳои ҳаёт ва фаъолияти Аҷзӣ равшанӣ андохтааст.

Саид Аҳмадхоҷа (Ҳасанхоҷаев) Сиддиқии мутахаллис ба «Аҷзӣ» дар соли 1864 дар гузари Ёминии шаҳри Самарқанд ба дунё омадааст. Хонаводааш пушт ба пушт косиб будаанд ва бофандагӣ касби онҳо будааст. Падараш Ҳасанхоҷа қаламибоф будааст ва аз ин касб рӯзгори оилаи худро таъмин мекардааст. Аҷзӣ хеле барвақт, яъне дар соли 1868 аз падар ятим мемонад. Саид Аҳмад дар панҷсолагӣ аз падар ҷудо шуда, ҳамроҳи модар ва хоҳараш дар тарбияи бобои падариаш Алихоҷа мемонад. Саид Аҳмад саводи аввалро аз янгаи худ-зани тағояш, ки мактабдорӣ мекард, мегирад. Баъдтар модараш ӯро ба соатсозе шогирд мегузорад ва ӯ ин касбро ёд мегирад. Аз рӯи ахбори фарзандаш Аъзамхон устодаш ӯро бераҳмона кор фармуда, ба азобҳои сахте дучор карда будааст. Дар ҳар сурат Саид Аҳмад ҳунари соатсозиро ёд гирифта, дар 11-12 - солагӣ ба зиндагии мустақилона ва таъмини маоши аъзои хонаводааш шурӯъ мекунад. Чун мебинад, ки танҳо бо касби соатсозӣ рӯзаш намегузарад, касби қаламибофии меросии падариро низ идома медиҳад. Ин ҳама зиндагиашро таъмин намекунад. Бинобар ин, вобаста ба талаботи бозор ва эҳтиёҷи хонавода касбҳои дигар, аз ҷумла дӯзандагӣ (ҷомадӯзӣ), хаттотӣ, мӯҳрканӣ, шикор, заргарӣ, наққошӣ, деҳқониро низ аз худ мекунад. Ӯ касби навозандагӣ, ба хусус навохтани оҳангҳои «Шашмақом»-ро ба хубӣ ёд мегирад.

Ба сабаби камбизоатӣ хеле дертар, яъне дар 17-18 солагиаш ба мадраса дохил мешавад. Вале сабаби писанд наомадани барнома ва усули таълими мадраса баъди ду –се сол онро тарк мегӯяд ва минбаъд ба худомӯзӣ машғул мешавад. Баъди гузаштани фурсате ва такмили донишу

малакааш ва ҳам барои қонеъ кардани эҳтиёҷи хонаводагӣ ба Хатирчӣ меравад ва дар он ҷо мирзои қозӣ мешавад. Вале ин хидмати расмӣ низ чандон тӯл намекашад ва зуд ба Самарқанд баргашта, аз ҳамагуна фаъолиятҳои расмӣ даст мекашад. Ҳатто баъдтар таъсири манфии бардошташро аз мансаб ва мансабдорӣ дар байти зер чунин баён кардааст:

Маро зи мансабу ҷоҳу ҷалол ҳарф мазан,
Чӣ донад он, ки набӣ нест рутбаи меъроҷ.

Шоири ҳунарманд тақрибан дар соли 1887 ба Бухоро меравад ва дар шаҳр ба ҳунари заргарӣ машғул мешавад. Ба ин васила бо аҳли адаб ва рӯшанфикрони Бухоро алоқа пайдо мекунад. Баъд аз ду-се соли зиндагӣ дар ин шаҳр мебинад, ки шароит дар ин ҷо аз Самарқанд беҳтар нест, боз ба зодгоҳаш бармегардад.

Аз зиндагиномаи Аҷзӣ бармеояд, ки ӯ то 25-26 - солагӣ мушкилоти зиндагиро аз сар гузаронида, аз ҳоли табақаҳои мухталифи аҳолӣ низ хабардор мешавад. Табиист, ки вай чун шахси огоҳ наметавонист дар бораи аҳволи иҷтимоии мардум фикр накунад. Шароити зиндагӣ тадриҷан андешаҳои иҷтимоии ӯро шакл медиҳанд. Дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ таъсири рӯзномаву маҷаллоти кишварҳои дигар, ки ба Самарқанду Бухоро ворид мешуданд, низ калон аст. Вадуд Маҳмудӣ дар рисолаи «Муаллим Абулқодири Шакурӣ» менависад, ки дар оғози садаи ХХ ба Самарқанд аз Миср, Калката, Истамбул, Теҳрон, Боку, Тифлис, Қазон, Оренбург ва Боғчасарой рӯзнома ворид мешуд. Вадуд Маҳмудӣ дар замина рӯномаҳои «Сури исрофил», «Чеҳранамо», «Танин», «Эрони нав», «Иқбол», «Вақт», «Юлдуз», «Тарҷумон», ва маҷаллаҳои «Сиротулмустақим», «Шӯро», «Ад-дин-вал-адаб», «Тилмиз», «Фуюз», «Мулло Насриддин»-ро зикр мекунад. Албатта, раванди густурдаи маорифпарварӣ, ки Шарқро фаро гирифта буд, ба мафкураи рӯшанфикрони Самарқанду Бухоро, аз ҷумла Аҷзӣ бетаъсир набуд (Вадуд Маҳмудӣ. Муаллим Абдулқодири Шакурӣ//Садои Шарқ, 1990, №8,саҳ.33).

Зери таъсири ҳамин ҷараён Аҷзӣ ба ҷодаи маорифпарварӣ қадам мегузорад. Яке аз аввалин иқдомҳои ӯ дар ин роҳ зарурати омӯхтани забони русиро таъкид ва пайгирӣ карданаш буд. Худаш яке аз аввалин маорифпарварони тоҷик буд, ки ба омӯхтани забони русӣ шурӯъ кард. Дар ин кор ба ӯ ду муаллими рус, ки дар Самарқанд кор мекарданд ва Қипчоқбой ном қазоқ, ки дӯсти шоир буд, ёрӣ доданд ва ӯ тадриҷан забони русиро ёд гирифт. Сонитар донистани забони русӣ ба ӯ имкон дод, ки илмҳои геометрия, астрономия, география, физика, табиатшиносӣ ва таърихи Русия ва Ғарбро биомӯзад. Донистани забон шароит муҳайё кард, ки бо адабиёти рус ошно шавад.

Шоир соли 1901 боғчаи меросии падарашро фурӯхта, ба ҳаҷ меравад. Дар роҳи сафари ҳаҷ Туркия, баъзе мамлакатҳои баҳри Миёназамин ва Мисрро тамошо мекунад. Дар шаҳри Ҷидда чанд муддат дар консулхонаи Русия тарҷумонӣ карда, дар бозгашт шаҳри Одесса, Маскав ва Петербургро зиёрат мекунад. Дар ин сафар дар Тифлис ва Боку низ таваққуф карда, бо ҳаёти халқҳои Қафқоз шинос мешавад. Дар Тифлис бо яке аз рӯшанфикрони озарбойҷонӣ Ҷалил Мамадқулизода мулоқот мекунад.

М. Шакурӣ аз таъсири сафари Қафқоз ба Аҷзӣ ёд карда, менависад, ки «пас аз ин ӯ ба туркии усмонӣ ва озарӣ шеър гуфтан оғоз намуд. Маҷмӯаи ӯ «Айн-ул-адаб» (1915) асосан аз шеъри туркӣ иборат аст. Дар ин девонча назираи шеъри Собир ҳам аст» (М. Шакурӣ. Зиндагиномаи Аҷзӣ.- Дар китоби: Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист.-Душанбе;2006.-с871).

Баъди се соли мусофират Аҷзӣ ба Самарқанд бармегардад ва шоири равшанбин ният мекунад, ки тамаддуни нави аврупоӣ, илму техника ва пеш аз ҳама забони русиро дар байни халқҳои Осиёи Миёна ташвиқ намояд. Яке аз иқдомҳои аввалини ӯ дар ин роҳ кушодани мактаби усули нав дар даҳ километрии Самарқанд дар деҳаи Хатирчӣ буд. Азбаски вай дар барномаи ин мактаб таълими забони русиро низ

дохил карда буд, рӯҳониён таълими забони русиро бидъат ва куфр эълон карданд ва қозии Самарқанд онро баст.

Шоир талошашро дар ин замина идома дода, бо мусоидати генерал-губернатори Туркистон дар деҳаи Ҳалвоӣ мактаби русии маҳаллӣ кушод. Худаш дар ин мактаб забони русӣ дарс медод.

Бо гузашти вақт, яъне баъди сафари Руссия ва Инқилоби соли 1905 мазмуни эҷодиёти шоир низ рӯ ба навӣ ниҳод. М. Шакурӣ менависад, ки «вай шеърҳои ошиқонаи худро сӯзонида, навиштани шеърҳои иҷтимоии ватандӯстона ва маорифпарвариро давом дод. Дар шеър аз сабки бедилӣ даст кашида, ба содданависӣ гузашт. Вай адабиёти русро бодиққат меомӯхт. Махсусан, асарҳои Гогол, Тургенев, Лермонтов ва Толстойро мехонд ва «Шинел»-и Гогол, «Шикор»-и Тургеневро тарҷума карда, ба қатори китобҳои дарсии мактаби Ҳалвоӣ дохил намуд. Дар худи ҳамин вақт тақлидан ба «Шикор»-и Тургенев бо номи «Шикор» ҳикояте навишта буд, ки ҳаёти шикорчиён ва шикори ҳайвонҳои гуногунро тасвир мекард» (М. Шакурӣ. Асари зикршуда, саҳ.73).

Соли 1909 Аҷзӣ достони «Миръоти ибрат»-ро менависад. Баътар баъди мулоқоташ бо Айнӣ, ки дар Самарқанд воқеъ мешавад, бо маслиҳати ӯ достони дуюмаш «Анҷумани арвоҳ»-ро таълиф мекунад. Ин асарҳо зуд дар байни толибилмони Самарқанд паҳн мешавад ва ба қавли Вадуд Маҳмудӣ, ки он вақтҳо дар мактаби Шакурӣ мехондааст, «Миръоти ибрат» ва «Анҷумани арвоҳ» дар он рӯзҳо даст ба даст мегашт. Дар ҳуҷраҳо ҷои Бедил, Соиб ва Низомихониҳоро гирифта буд (Вадуди Маҳмудӣ. Ҳамон асар с. 28).

Асарҳои дигари ӯ «Ганҷинаи ҳикмат» ва «Айн-ул-адаб», ки дар солхои 1914-1915 дар Самарқанд чоп мешаванд, зуд шӯҳрат меёбанд. Ашхоси иртиҷоӣ аз асарҳои ӯ, аз русидониаш, аз сафараш ба Русия ва ғайра огоҳ мешаванд, дар бораи шахси беэътиқод ва шубҳанок будани вай овозаҳо паҳн карда, ӯро маҷбур мекунанд, ки аз фаъолияти муаллимӣ даст кашад. Аҷзӣ зери таъқибҳо ва бадгӯиҳо аз вазифаи мудирии мактаб низ даст мекашад.

Ба ҳамин дастур шоир аз муаллимӣ ва мудирии мактаби русии Ҳалвоӣ баромада, чанд муддат дар он деҳа деҳқонӣ мекунад, сипас ба шаҳри Самарқанд баргашта, ба мактабҳои усули нав бевосита ёрӣ мерасонад. Зиндагиашро аз ҳисоби касби соатсозӣ, мӯҳраканӣ, аризанависӣ (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ) сомон медиҳад.

Ба қавли Вадуд Маҳмудӣ вай яке аз фаъолони мактаби усули нав ва «дасти рости муаллим Шакурӣ буд» (В. Маҳмудӣ. Ҳамон ҷо, с. 78). Аз ёддошти В. Маҳмудӣ бармеояд, ки Аҷзӣ дар ин мактаб аз забони русӣ дарс гуфтааст.

Баъди нашри достонҳои «Миръоти ибрат» ва «Анҷумани арвоҳ» таъқиби Аҷзӣ авҷ мегирад. Ҳатто кор ба ҷое мерасад, ки вақте модараш вафот мекунад, ҷанозаи ӯро имоми маҳалла намехонад ва аҳли гузар тобути ӯро намебардоранд. Муаллим Шакурӣ шогирдҳо ва ошноҳои худашро ҷамъ карда, ҷанозаро то қабристони Хоҷа Абду мебарад (В. Маҳмудӣ. Ҳамон асар, саҳ 21).

Баъди ин таъқиб аз ҷониби доираҳои ҳукмрон ва рӯҳониёни мутаассиб зиёд мегардад. Кор ба ҷое мерасад, ки барои кофир эълон кардану сангсор намудани шоир сардорони рӯҳониёни Самарқанд маслиҳат карда, аз Аббос ном сӯфии (муаззини) мадрасаи Улуғбек, ки аслан фалғарӣ будааст, истифода мекунанд. Аҷзӣ мазмуни фатвои ин муаззинро ба тариқи зер сабт кардааст: «Эй муъминон шариат аз даст рафт. Ҳеҷ кас парвои дину мазҳабро надорад. Мана ин рисоларо, ки мебинед, ана ҳамин Саид Аҳмади Аҷзӣ навиштааст ва дар ин рисола «арвоҳи амирони гузаштаро ҷеғ зада, бо онҳо сӯҳбат кардаам», гуфтааст. Ин ошкоро куфр аст!» (В. Маҳмудӣ. Асари зикршуда, саҳ 28-29).

Ба шаҳодати М. Шакурӣ, дар он вақт оид ба ин воқеаи ҳаёти шоир дар маҷаллаи «Одина» ду хабар нашр мешавад. Аз ин хабарҳо маълум мешавад, ки сӯфӣ Аббос Аҷзиро «кофир, рус, ҳамчунин кофир ва рускунанда» номида, халқро даъват кардааст, ки ба рисолаи Аҷзӣ «Анҷумани арвоҳ» эътиқод накунанд» (М. Шакурӣ. Асари мазкур, саҳ.81).

Аҷзӣ баъди ин воқеа ба номи «Дар ҷавоби такфиркунандагон» чанд рӯбоӣ навишта, нафраташро ба такфиркунандагон ва ҳукуматдорон баён мекунад, ки намунааш рубоии зерин аст:

Умрест ба ростӣ сабақ мехонам,
Олӣ дурусе дар ин варақ мехонам.
Аз ҳақгӯӣ забон кашидан куфр аст,
То ҷон дорам, каломи ҳақ мехонам.

Аҷзӣ баъди ин ҳам фаъолияти навхоҳиашро давом дода, моҳи маи соли 1914 дар деҳаи Полвонариқи Самарқанд мактаби усули нав мекушояд ва 24 нафар талабагонро ба хондан фаро мегирад. Ҳамчунин дар ҳамин вақт дар Самарқанд бо номи «Зарафшон» дукони китобфурӯшӣ мекушояд. Дар ин дӯкон китобҳои қадимӣ ва нав, ашёи мактабӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳо низ фурӯхта, обуна ҳам қабул мекардааст.

Аҷзӣ инқилоби февралро бо рӯҳбаландӣ пешвоз мегирад ва дар ин давра даҳ мақолаи публитсистӣ нашр мекунад. Ин мақолаҳо манфиатҳои халқро ифода мекарданд. Соли 1916 дар Самарқанд ҷамъияти «Иттифоқ» ташкил мешавад, ки пеш аз ҳама манфиатҳои мардуми бечораро ҳимоя мекард. Аҷзӣ яке аз ташаббускорони таъсиси ин ҷамъият буд ва худаш хазиначии он интихоб мешавад. Баътар ин ташкилот зери таъсири болшевикон қарор мегирад. Аҷзӣ ҳам ба ин васила ба ҳизби болшевикон наздик мешавад. Муборизаи Аҷзӣ ранги сиёсӣ гирифта, дар муқовиматаш бо аъзоёни «Ҷамъияти исломӣ» ба авҷ мерасад. Дар ҷараёни ин мубориза манфиати меҳнаткашонро ҳимоя карда, баъди ғалабаи Инқилоби Октябр фаъолияти ҷамъиятиаш авҷ мегирад. Дар давоми соли 1918 ӯ тадриҷан ба хидмати низоми нав, ки дар шакли Шӯрои вакилони коргарон ва деҳқонони мусулмони шаҳри Самарқанд амал мекард, ҷалб карда мешавад ва баъдтар ҷонишини комиссари адлия интихоб мешавад.

Вале соли 1920 ба сабаби беморӣ ба деҳаи Ҳалвоӣ бармегардад ва бовуҷуди сиҳатии комил надоштанаш дар мактаби ин деҳа мудирӣ ва муаллимӣ мекунад.

Аз соли 1924 сар карда боз ба адабиёт машғул мешавад. Аввал «Шинел»-и Гоголро ба ӯзбекӣ тарҷума карда, дар рӯзномаи «Маориф ва ӯқитувчӣ» чоп мекунад. Аз соли 1925 шеърҳои ҳаҷвии шоир дар матбуот пайваста чоп мешаванд. Соли 1926 омодагӣ барои таъсис ва нашри маҷаллаи «Мулло Мушвиқӣ» сар мешавад ва шумораи аввали он 27 сентябри ҳамон сол чоп мешавад, ки Аҷзӣ то охири умр дар кори табъу нашри журнал фаъолона иштирок мекунад.

Аҷзӣ 16 июни соли 1927 аз бемории истисқо вафот мекунад. Дар соли 1925 ҳукумати Ӯзбекистон хидмати ӯро дар соҳаи маориф қадр карда, ба ӯ унвони фахрии Муаллими шоистаи ҷумҳурият дода, шоирро бо нафақаи якумрӣ таъмин менамояд.

Мероси адабие, ки аз Аҷзӣ боқӣ мондааст, иборат аз маснавиҳои «Миръоти ибрат» (1913) ва «Анҷумани арвоҳ», ду маҷмӯаи шеърҳо- «Ганҷинаи ҳикмат» (1915) ва «Айн-ул-адаб» (1916) ва шеърҳои пароканда мебошанд. Ҳаҷми осори ӯ ба тариқи зайл аст:

«Миръоти ибрат» - 373 байт, «Анҷумани арвоҳ» - 330 байт, «Миръоти ибрат»-и туркии озарбойҷонӣ - 42 байт, арабӣ - 3 байт, ҳамагӣ 410 байт, «Айн-ул-адаб»-и тоҷикӣ - 48 байт, туркии озарбойҷонӣ - 317 байт, арабӣ - 23 байт, ҳамагӣ 383 байт, шеърҳое, ки дар рӯзномаву маҷалла ва маҷмӯаҳои пеш аз инқилоб чоп шудаанд ва пораҳое, ки чоп нашудаанд, ба тоҷикӣ 127 байт, туркии озарбойҷонӣ ва ӯзбекӣ 389 байт мебошанд. Дар маҷаллаи ҳаҷвии «Мулло Мушвиқӣ» 114 байт, дар маҷаллаи ҳаҷвии «Машраб»и-и ӯзбекӣ 261 байт; туркии озарбойҷонӣ 810 байт; ӯзбекӣ 263 байт; арабӣ 26 байт;

Дар маҷмӯъ мероси адабии ӯ аз 1479 байт ё ин ки 4958 мисраъ иборат буда, 8 ҷузъи дигари онро ҳамроҳи «Шинел» наср ташкил медиҳад.

Аз зикри миқдори осори Аҷзӣ маълум мешавад, ки вай яке аз сермаҳсултарин намояндагони адабиёти ин давра будааст. Дар ин миён баъзе осори ӯ, монанди повести «Муколимаи фаҷеия», тарҷумаи тоҷикии «Шинел», тарҷумаи «Шикор»-и Тургенев, «Шикор» ном ҳикояи худаш аз байн рафтаанд.

Аҷзӣ дар тиратарин давраи таърихи халқҳои Осиёи Миёна чароғи илму донишро афрӯхт. Хост халқро аз ҷаҳлу нодонӣ раҳоӣ бахшад. Дар ин роҳ ба муқовимат ва зиддияти душманони маърифат дучор шуд ва зарбаҳо ҳам дид.

Дар осораш низ ӯ таблиғгари илму дониш ва ахлоқи нек буд. Ба хонанда роҳи саодат ва некномиро нишон дод. Чашми хонандаро ба воқеияти зиндагӣ кушода, зиёни хурофотро ба насли инсон нишон медод.

Аҷзӣ дар достони нотамомаш, ки тасвири муборизаи халқи серб бахшида шудааст, масъалаи озодӣ ва ҳифзи ватанро ба миён мегузорад, ки баёнгари идеали ватанхоҳии худи шоир низ ҳаст. Байти зер ифодагарӣ ҳадафи аслии шоир аз эҷоди ин достон аст, ки имрӯз пораҳое аз он то ба мо расидааст:

Ҳар он ки Ватан кард қурбони хеш,
Барад мақсади хештан кай ба пеш.

Суханони зерини устод Айнӣ дар таъкиди нақш ва ҷойгоҳи ин адиби ҷонфидои роҳи саодати инсон мебошад: «Ба фаҳми ман фазилати бисёр муҳими Аҷзӣ ин аст, ки ӯ аз байни зиёиёни кӯҳна дар замони кӯҳна аввалин касест, ки забони русиро омӯхтааст ва ба омӯхтани забон ва маданияти рус мардумро ҷиддиёна ва гарму ҷӯшон ташвиқ намудааст»// М. Шакурӣ, саҳ. 104).

Мутаассифона, Айнӣ дар тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» дар бораи Аҷзӣ маълумот наовардааст. Сабаби ин маълум нест. Вале мо ҳамин қадар метавонем хулоса кунем, ки Аҷзӣ бо фаъолияти адабӣ ва ҷамъиятиаш дар таърихи адабиёти ибтидои асри бист ҷойгоҳи хос дорад.

Тошхоҷаи Асирӣ

(1864-1916)

Тошхоҷаи Асирии Хуҷандӣ яке аз чеҳраҳои маъруфи адабиёти равшангаро ва таҷаддудхоҳи тоҷик буда, аз як мисраи шеъраш – «чиҳилусесола ҷавони адабомӯхтаам» - фаҳмидан мумкин аст, ки вай дар 1864-65 мелодӣ дар гузари Сангбуррон шаҳри Хуҷанд дар хонаводаи марди ҳунарманд ба дунё омадааст. Вай аз чаҳорсолагӣ ба саводомӯзӣ шурӯъ карда, дар назди хаттоти хуҷандӣ Мирсалими Мӯҳркан машқи хат низ кардааст.

Тошхоҷаи Асирӣ баъди таълими ибтидоӣ дар мадрасаи Шоҳии Хуқанд таҳсилашро идома медиҳад. Сонитар ба Хуқанд рафта, ба муддати ҳашт сол дар мадрасаи Хоними ин шаҳри фарҳангӣ такмили дониш мекунад. Баъди таҳсили тӯлонӣ ба зодгоҳаш баргашта, асосан ба сангиосиётарошӣ машғул мешавад ва бо ҳокимияти вақт қаробат намеҷӯяд.

Назар ба маълумоте, ки устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» овардааст, «Асирӣ марди қаландармизоҷ ва озодтабъ» буда, шахси хушомадгӯю маддоҳ набудааст (1,216).

Бояд гуфт, ки таҳсили Асирӣ дар Хуқанд тасодуфӣ набуд. Ин шаҳр дар нимаи дуюми асри XIX аз марказҳои бузурги илмию адабии Осиёи Марказӣ шинохта шуда, дар он ҷо як зумра адибон, монанди Муқимӣ, Фурқат, Завқӣ ва дигарон ҷамъ омада буданд. Шоир ҳангоми таҳсил дар ин шаҳр бо ин зумраи адибони ӯзбек алоқаҳои дӯстона доштааст. Ошноӣ ва хабардории ӯ аз ҳолу аҳволи коргарону баъзе равшанфикрони рус низ маҳз дар ҳамин шаҳр ба вуқӯъ пайвастааст.

Назар ба маълумоте, ки дар даст аст, Тошхоҷаи Асирӣ хеле барвақт ба шеъргӯӣ шурӯъ намуда, дар ибтидои фаъолияти эҷодиаш ба ашъори шоирони ӯзбеку озар ошноӣ пайдо карда будааст. Ҳангоми дар Хуҷанд таҳсил кардан аҳли адаби ин шаҳр ӯро чун шоир ва соҳибсухан шинохта, истеъдодашро қадр кардаанд. Дар ин бора маълумоти зерини худи Асирӣ ҷолиби диққат мебошад. Ӯ менависад, ки «ҳангоми таҳсил

карданам шоири шаҳир ва фозили кабир, яъне мулло Юнусҷони Шағовул (ин шахс замоне Қозии Хуқанд буда, марди тарақихоҳе будааст-шарҳи мо)… аз миёни ҷузвҳои қоғазпораҳо ғазалеро баргузида ва «писарам ба мувашшаҳи мо, мубтанӣ бар исми Юлдошхон ба тариқи татаббӯъ ва мухаммасе гӯед ва ё назира нависед»-гӯён ба камина иршод фармуданд.

Вақте ки девони ашъори Асириро аз назар мегузаронем, маълум мешавад, ки вай дар оғози фаъолияти шоириаш асосан ба татаббӯъи шеъри гузаштагон ва муосирон машғул будааст. Вале ин фикр чунин маънӣ надорад, ки вай аз оғоз роҳи мустақили шоириро напаймудааст. Баръакс, татаббӯъи шеъри Ҷомӣ, Бедил, Васлии Самарқандӣ барин шоирон ба сари худ як навъ қувваозмоӣ дар майдони шеъри асил буд, ки оҳиста-оҳиста чашми шоирро ба воқеият боз карда, ба гуфтани шеъри иҷтимоӣ ва судманд во дошт.

Воқеъияти охири асри XIX, қафомонӣ, зиллати муҳити хонадонҳои шоҳии Осиёи Марказӣ имкони озодандешӣ ва ҳақгӯиву ҳақшиносиро барои аҳли қалами ҳушёру ҳақбин муҳайё сохт. Асирӣ низ бо он завқи худододе, ки дошт, наметавонист азобу машаққатеро, ки ба сари халқи Худо омада буд, нодида гирад. Вай заминаи бадбахтиҳоӣ халқро дар усули нодурусти идорӣ медид ва нафраташро дар шеърҳояш нисбат ба амиру амалдорон қотеъона баён мекард. Таваҷҷӯҳ кунед, ки ӯ дар қитъаи зер хитобан ба амир, бо ҷасорати тамом чӣ мегӯяд:

Ман амиратро ба як мирӣ намегирам, бирав,
Илтифоти ӯ надорад қимати як дона ҷав.
Гарчи номи ман Асирӣ, худ асираш нестам,
В-арна ӯ медод азоби беҳисобам нав ба нав.

Асирӣ бо ҷасорати шоириаш ва он ғояву хостаҳое, ки дар шеъраш ифода кардааст, аз равшанфикрон ва навхонони шуҷои адабиёти ин давраи тоҷик буда, дар замонаи тираву тор овозашро ба муқобили беадолатӣ, ҷаҳолат ва монанди инҳо баланд карда буд. Аз ин ҷиҳат вай бо тамоми ҳастиаш илму маърифатро миёни мардум ташвиқу тарғиб

мекард. Ба ифодаи дигар, мехост ба воситаи шеъраш ба мардум саодатро раҳнамоӣ кунад. Дар яке аз шеърҳояш роҳи «рушди миллат» - ро чунин раҳнамоӣ мекунад:

Макотибҳои нав эҷод карданд,
Раҳи дарси ҷадид иршод карданд.
Сару кори дигар бояд гирифтан,
Ба роҳи тоза бояд пеш рафтан.
Агар Чин аст ё Маскав, ба ҳар ҳол,
Сазад рафтан паи такмили икмол…
Бар ҳар лафзе, ки дар фанни фалоҳат,
Китобе рафта таълифи саноат.
Чи аз Олмону аз ифранҷу русӣ,
Чи аз ёпунӣ ё худ англисӣ.
Ба лафзи миллӣ ё динӣ дароранд,
Ба нақлу тарҷума ҳиммат гуморанд.

Асирии шоир ва мутафаккирро фикри иҷтимоъ ва беҳбудии шароити зиндагии мардум ором намегузошт. Вай яке аз омилҳои ақибмонии кишварро дар харобии системаи обёрии он медид. Вай афсӯс мехӯрд, ки мардум хору каммоя ҳастанд. Бинобар ин ҳам вай аз бунёди ҷӯйи Бекобод изҳори шодиву қаноатмандӣ карда, орзуманд буд, ки чунин ҷӯйборҳо аз рӯдхонаҳои пуроби Сайҳуну (Сир) Ҷайҳун (Аму) кушода шаванд, то «Бухору Хеваро фирдавс созанд». Қитъаи зерини ӯ дар ҳамин боб аст:

Арозӣ қобили зар асту беоб,
Аҳолӣ ҷоҳилу дар бистари хоб.
Гар аз Ҷайҳун ду-се ҷӯ ҳафр оранд,
Бухору Хеваро фирдавс созанд.
Ба Сайҳун боз як шохе физоянд,
Ба саҳрои Чуқурбекат кушоянд.
Шавад он ҷо ҷаҳони тоза пайдо,
Замину осмони тоза пайдо.

Устод Айнӣ дар назм Асириро аз муқаллидони Бедил медонад. Шояд нисбат ба шаклҳои асарҳои Асирӣ ин гуфтаи устод ҷоиз бошад, вале аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа Асирӣ шоири комилан мустақил буда, аз ин ҷиҳат вай дар адабиёти ин давра мақоми шоён ва хос дорад.

Дар асоси як қитъае, ки Зуфархони Ҷавҳарӣ дар марги Тошхоҷаи Асирӣ гуфтааст, яъне дар заминаи мисраи «баромад аз чароғи анҷуман дуд» метавон гуфт, ки ин шоири тозаназар сеюми марти соли 1915 ҷаҳони фониро тарк гуфтааст.

Мутаассифона, ашъори ин шоири тозаназар дар замони шӯравӣ дар байни хонандагон хеле кам ташвиқ шудааст. Нахустин китоби нисбатан ҷомеъи осори ӯ бо саъй ва кӯшиши Саъдулло Асадуллоев соли 1987 бо номи «Тошхоҷа Асирии Хуҷандӣ. Ашъори мунтахаб» ба василаи нашриёти «Адиб», дар Душанбе ба чоп расид, ки намунаҳои шеъри ӯ, аз ҷумлаи маснавиёт, қасоид, ғазалиёт, мухаммасот, муқаттаъот, рубоиёт ва дубайтиҳо, фардиёт ва ашъори ӯзбекиро дар бар мегирад.

Бо саъйи комили мураттиб дар ин маҷмӯъа панҷ маснавии шоир гирд омадааст, ки дар миёни онҳо ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм ва ҳам аз назари мазмун маснавии «Тимсол», ки дар ҷавоби «Миръоти ибрат»-и Ақзии Самарқандӣ гуфта шудааст, афзалият дорад.

Муаллиф дар боби «Сабаби назми китоб» аз як нафар тоҷири Самарқандӣ бо номи Исмоилхон ба ӯ расидани достони Ақзиро хабар дода, мегӯяд:

Китоб аз Ақзии фархундафитрат,
Мусаммо буд бо «Миръоти ибрат».
Маромашро ба худ ҳамдард дидам,
Ту гӯӣ, ганҷи бодовард дидам.
Ҷавобашро ба худ воҷиб шумурдам,
Агарчи нест имкон, ранҷ бурдам.

Дар ин баёнот ду накутаи муҳим аст. Аввалан, Асирӣ худро бо Аҷзӣ, ки аз шоирони тачаддудхоҳи замон буд « ҳаммарому ҳамдард» мешиносад, сониян, асари худро тимсоли достони Аҷзӣ медонад, ки ин нуқтаро бояд тавзеҳ дод.

Ҳарчанд Асирӣ асарашро тимсол шинохтааст, дар асл ин достон нусхаи асари Аҷзӣ нест, балки комилан мустақил дар маънӣ ва шакл мебошад. Вале муаллиф дар консепсияи ташвиқи мактабу маориф пайрав ва ҷонибдори Аҷзист. Аз боби «Дар насиҳати фарзанд» мароми маърифатҷӯиву маърифатхоҳии ӯ равшан ба назар мерасад:

Биё, эй нури чашму ҷони дида,
Зи ман бишнав яке панди ҳамида.
Зи илму дини обо тӯша андӯз,
Дигар фанни маоши аср омӯз.
На он илме, ки мӯътоди замон аст,
Маолаш саллаву зеби чапон аст.

Асирӣ дар боби дигари достонаш, яъне «Ҳикоят ба сабили тамсил» бо овардани тамсиле аз амали уламои суннатгаро таъкид мекунад, ки зоҳирпарастӣ ва суннатгароии маҳз инсонро аз роҳи ҷустуҷӯву такомул ва бознигарӣ ба воқеият ақиб мекашад. Ба ин маънӣ, шоир аммомаро нишони камол намеҳисобад.

Дар қисмати дигаре аз раҳравони роҳи саодат ёд меоварад ва аз сарнавишти яке аз чунин мардони барӯманди «Нашри маориф»-Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ бо дарду алам ёд мекунад:

Ду-се рӯзе чароғи ибрат афрӯхт,
Чу фонус аз шарори хеш худ сӯхт.

Аз ин баёноти ӯ маълум мешавад, ки бо фаъолияти тачаддудхоҳии Беҳбудӣ барин шахсиятҳо пурра ошно буда, аз онҳо қадршиносӣ мекардааст.

Дар қисматҳои дигари ин асар Асирӣ сабабҳои фақру нодорӣ ва ақибмондагиро баён карда, роҳи наҷоти халқу кишварро танҳо дар

фарогирии улуми замонӣ ва ободу маъмур сохтани мамлакат мебинад, ки арзиши хоси маърифатӣ дорад.

Як муламмаи ҷолиби дигари Асирӣ, ки аз он ҳамагӣ 55 байт то мо расидааст, ба забонҳои арабӣ, форсӣ, туркӣ ва русӣ гуфта шудааст. Ин муламмаъро шоир дар ҷавоби номаи Файёзи Хуҷандӣ навиштааст, ки арзиши хоси таърихӣ дорад.

Маснавии дигаре, ки дар маҷмӯа омадааст, ҳаҷман бузург набуда, ба қавли худи Асирӣ «Дар ҷавоби мактуби Юлдошбой ном тоҷири бухороӣ» ба тариқи маснавӣ эҷод шудааст. Дар ин маснавӣ, ки як навъ изҳори хоҳишу орзумандии шоир аст, байтҳои ҷолибе ҳастанд. Масалан, шоир байти

Ба анбарфурӯшон агар бигзарӣ,
Ҷамоат шавад сар ба сар анбарӣ

-ро аз Фирдавсӣ нақл карда, бо як лутфи хос ба мухотабаш мегӯяд:

Яке доманафшон ба боди сабо,
Бигӯ, эй ҳавохои аҳли вафо.
Бигир ин ғубори абирогинам,
Чу бӯи гул аз домани гулшанам.

Маснавиҳои дигари шоир, аз ҷумла, «Дар ҷавоби Файёз» ва манзумаи «Нафс-ул-манзира» низ чандон бузургҳаҷм набошанд ҳам, дар мақоми худ асарҳои хуби ахлоқии шоир ҳастанд.

Асирӣ дар жанри қасида низ устодии худро зоҳир месозад. Дар ҳақиқат вай дар гуфтани қасида завқ ва сабки хос дорад. Ба ин ҷиҳати маромаш ишора карда, дар яке аз қасидаҳояш, ки дар мазаммати замон гуфта шудааст, меоварад:

Ман аз риштаи худ қасаб менигорам,
Набофам, Асирӣ, палоси касона.

Мо ҳатто дар қасидаҳое, ки Асирӣ сирфан дар пайравии Бедил гуфтааст, нақши қалами хоси шоирро ҳис мекунем. Ҳарчанд ин қасидаҳо ғаррову беназир набошанд ҳам, аммо байту пораҳои

дилангези шоирона доранд. Масалан, ин байти як қасидаи ӯ ҷолиб ва тасвирист, маъниаш низ амиқу хаёлангез аст:

Намози шукри саломати ӯ тавонад он кас гузорад, аммо
Зи субҳи ҳастӣ қиём варзад суҷудаш ба шоми мурдан.

Яке аз вижагиҳои қасоиди Асирӣ ба ҳолу авзои мушаххас тааллуқ доштани онҳост. Ва худи Асирӣ аксар вақт шарҳе дар ҳошияи ин гуна қасидаҳо навиштааст. Масалан, дар ҳошияи қасидае, ки бо байти

Эй шамъ туӣ ҳамнафаси сӯзи дарунам,
Ҳамрози забондонаму асрори ҷунунам.

оғоз мешавад, шоир таъкид мекунад, ки ин ифодагари «Қиссаи доғи дил»-и хунини ӯст. «Дебои ин қасидаи ҳамида бофтаи коргоҳи хаёли яъсмаъоли Асирии саропо аҷзу тақсир аст, ки ҷиҳати ҳоли малолат метавон гуфт».

«Бурҳони Асирӣ»-ро низ метавон аз беҳтарин қасидаҳои ӯ шинохт, ки мазмуни баланди инсонпарварона ва маърифатхоҳона дорад. Байти матлаъи он –

Одамият чист?-Худро дур аз шар доштан,
Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан. –

моҳияти аслии диди шоирро аз ин қасида ифода мекунад. Байтҳои дигари қасида дар таъкиди мароми таҷаддудхоҳӣ ва фидокории шоир аст. Масалан:

Равзаи ризвони миллатро ба оби иҷтиҳод,
Ҳамчу боғи худ доим тозаву тар доштан.

Мо дар боло аз хусусиятҳои қасоиди Асирӣ сухан гуфта, махсусияти замонӣ ва ҳолии онҳоро таъкид карда будем. Дар қасидаи «Қареҳа» ва «Таъбири манзумаи хоби муаммо ба «Ҳадиқаи Вафо» ва ниҳоят ба «қадим ва ҷадид» ин хусусият афзалияти зиёд пайдо мекунад. Яъне, дар ин қасидаҳо таассурот, хаёл ва воқеият мояи асосии шеърand, ки дар бисёр мавридҳо шеъри ӯро камоли ҳусну маънӣ бахшидаанд.

Асирӣ ба миқдори на чандон зиёд ғазал ҳам гуфтааст. Ин ғазалҳо бештар хусусияти ҷавобияро доранд ва шоир низ дар бештарин ҳолатҳо мақсади навиштани ин ё он ғазалро гирифтааст. Масалан, ду ғазале, ки дар ҷавоби Зуфархон Ҷавҳарӣ гуфта, таърих ва сабаби навишта шуданашон низ баён шудааст.

Шоир дар аксари ғазалҳо ва мухаммасоте, ки дар пайравии Бедил гуфтааст, мустақилияти эҷодӣ надорад. Дар ин гуна ғазалҳо образҳои шеърии Будилро такрор мекунад. Ба ин тарз:

Фиреби домани ҳастӣ махӯр чу тифли сиришт,
Саре зи ҷайби одам мабин, ки по ин ҷост.
Ҷаҳон чу сояи ваҳмест дар гузаргоҳи абр,
Маҷӯ бақои иқомат, ки бебақо ин ҷост.

Дар ин ду байт ифодаҳои обарзноки «Фиреби домани ҳастӣ», «Сояи ваҳшист» ва ғайра ҳамон аст, ки Бедил дар шеъраш истифода карда, дар шеъри Асирӣ такрори бо малоле беш нестанд.

Вақте ки ашъори Асириро мехонем ва таҳлил мекунем, натиҷагирӣ чунин хоҳад буд, ки ӯ дар ҳунари шоирӣ шахси тасодуфӣ набудааст, ҳарчанд ки ҷанбаи тақлид дар шеъраш, ҳатто дар рубоиҳояш хеле назаррас аст. Бо вуҷуди ин шеъри ӯ аз шеъри суннатӣ ва пурмояву ҳунармандона гуфташудаи классикӣ сарчашма гирифта, аз ин назар хосу поку камолоиш аст.

Асирӣ зиндагии нобоберо ба сар бурдааст. Маоши зиндагиаш асосан аз ҳисоби касбу кор будааст. Нақши ин рӯҳия, ки гувоҳи мустақилӣ ва бехалал будани шахсияти ӯст, дар пораҳое аз шеърҳояш равшан ба назар мерасад. Масалан, ба мазмуни ин рубоӣ таваҷҷӯҳ кунед:

Ё раб, дари халқ такягоҳам макунӣ,
Мӯҳтоҷи вазиру подшоҳам макунӣ.
Мӯйи сияҳам аз карамат гашта сафед,
Бо мӯйи сафед рӯсиёҳам макунӣ.

Асирӣ байту пораҳои ҳикматомезе дорад, ки метавон онҳоро дар маҳаллу мақоми хос иқтибос кард ва ё чун катибае дар мавриде истифода намуд. Масалан:

Дарсе, ки ҳақиқат аст, дар сина бувад,
Дарсе набувад ҳар он чи дар сина бувад.
Сад хона китоб хониву судат накунад,
Бояд, ки китобхона дар сина бувад.

Дар хотимаи ин гуфтор, ки ёде аз шоири таҷаддудхоҳ Тошхоҷаи Асирӣ буд, як байти ӯро ҷиҳати шодбоши рӯҳаш меоварем ва ба рӯҳи покаш итминон медиҳем, ки ӯ танҳову фаромӯшшуда нест, балки шеъри ӯ хати иртиботи азалӣ миёни ӯву наслҳои баъдист.

Ҳамчу он шамъе, ки афрӯзанд дар лавҳи мазор,
Сӯхтам аз дасти танҳоӣ, касе ёдам накард.

Мо дар боло аз қасидаи «Бурҳони Асирӣ» мухтасар ёд кардем. Дар хотимаи ин таҳлил гуфтанием, ки донишманди фақиди тоҷик Раҳим Ҳошим қасидаи «Бурҳони Асирӣ», «Одамият чист?»-и Тошхоҷаи Асириро «яке аз шоҳкорҳои безаволи» шоир дониста, дар бораи ин қасида фикрҳои ҷолибе баён кардааст. Азбаски таҳлилаш бисёр арзишманд аст ва моҳияти ичтимоию бадеии ин асар ва савияи ҳунари шоирии Асириро хеле хуб ва воқеӣ нишон медиҳад, мо муфид донистем, ки онро комилан иқтибос кунем.

Раҳим Ҳошим менависад: «Одамият чист?» ба тамоми маънои ин мафҳум як асари фалсафист ва моияи басо хушбахтии мост, ки бисёр гуфтаҳои шоир аз байн нарафта, пурра ба дасти мо расидааст. Ин қасида маромномаи зиндагии шоир аст. Ӯ фаҳмиши худро дар бораи маънои зиндагӣ, нигариши худро дар бораи одамони муҳити худ ва он чи ки дар давру бари худ мебинад, дар ин қасида ба ифода кардан кӯшидааст. Ин қасида аз ҷиҳати маъно, амиқии андеша ва қимати фалсафии худ бо қасидаи машҳури Абдураҳмони Ҷомӣ «Луҷҷат-ул-асрор» ва қасидаи фалсафии Алишер Навоӣ «Тӯҳфат-ул-афкор» баробар

меистад, ки бо матлаи «Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст», оғоз меёбад.

Қасидаи «Одамият чист?» гимнест, суруди пуртантанаи пурҷӯшу хурӯшест дар маънии инсон, дар васфи фазилат ва бузургии инсони халлоқ, инсони эҷодкор. Асирӣ дар ин қасидаи худ инсонро меситояд, ки халлоқи тамоми неъматҳои заминист, инсоне, ки дар парвози андешаҳои худ муаммоҳои кашфнашудаи табиат ва муҳити худро мавриди тааммуқ ва тааммул қарор дода, онҳоро кашф ва табиати саркашро ба хизмат кардан ба худ маҷбур намуда, ҳамеша барои осудагӣ ва рифоҳи ҳоли худ кӯшидааст. Одамият дар назари мутафаккир ва донишмандон аз ҳамин мубориза барои некӣ, хушбахтӣ ва осудагии башарият иборат будааст.

Вале дар замоне, ки Асирӣ мезист, ба инсон на аз рӯи қувваи эҷодӣ, хислатҳои олии ӯ баҳо дода мешуд, балки мақом ва бузургии одам фақат бо калонии салла ва фарбеҳии ҳамёнаш муайян карда мешуд. Як гурӯҳ муллонамо ва давлатмандон, ки лаҷоми идораи замонаро ба даст гирифта, худро соҳибихтиёри ҳастию нестӣ, тақдири имрӯзу фардои оммаи мардум ҳисоб мекарданд, фақат сарват андӯхтан ва бо ин роҳ обрӯ ва эътибор пайдо карданро ба худ мақсади зиндагӣ қарор дода, аз тамоми фазилатҳои инсонӣ маҳрум буданд ва барои ба даст овардани нуфуз ва сарват аз ҳеҷ разолат ва пастфитратӣ худдорӣ намекарданд, дар назари онҳо халқ хору паст буда, илму дониш барои хизмат ба рифоҳи халқ не, балки барои ба ғафлат андохтан ва дар таҳти итоати худ нигоҳ доштани вай восита гардида буд. Мазмуну маъно эътибори худро гум карда, ороиши зоҳирӣ меъёри қадру мартаба шуда буд. Илму дониш, аз ҷумла, шеъру шоирӣ низ вазифаи худро, ки ҳидоят ва раҳнамоӣ ба сӯи мърифат, худшиносӣ ва талқини хулқу хислатҳои нек ба халқ мебошад, дар дасти як гурӯҳ олим ва шоиртарошон олати худнамоӣ ва тамаллуқу хушомадгӯӣ гардида буд.

Асирӣ дар қасида чунин хислатҳои зишти забардастони замони худро мазаммат ва сарзаниш карда, он чиро, ки дар ҳақиқат меъёри

одамият аст ва лаҷомдорони замони Асирӣ аз он маҳруму бенасиб буданд, бармешуморад. Хайрхоҳи халқ будан, дили худро аз ғубори кинаву бадхоҳӣ пок нигоҳ доштан, бо вуҷуди давлатмандӣ ва донишмандӣ камтару хоксор будан, «қомати ҳастӣ ба дебои камол ороста», ба хӯю хислатҳои нек соҳиб будан, караму саховатро пеша кардан, ба сари мӯҳтоҷон бо ёррмандиҳои ғайри намоишкорона соя афкандан, бо меҳнати худ, бо арақи ҷабини худ касбу кор кардан ва фақат ба ин восита обрӯву эътибор ба даст даровардан – инҳост дар назари Асирӣ меъёру андозаи одамгарӣ. Касе, ки ин хислатҳоро надорад, касе, ки бо ғайри ин роҳ зиндагонӣ мекунад, ӯ одам нест, ӯро одам номидан раво нест, мегӯяд Асирӣ. Ӯ дар муҳите, ки ҷаҳлу нодонӣ ва хушомад ҳукмфармо буд, ба сӯи илму дониш раҳнамоӣ кардани халқро вазифаи асосии соҳибони донишу маърифат ҳисоб мекард. Вале муллоҳои замонаш халқро баръакс ба сӯи ғафлат мекашиданд, мағзи сари толибони илму донишро на бо илмҳои дар зиндагӣ фоиданок, балки бо хуруфоту маълумот пур мекарданд. Асирӣ ба ин қабил муллоҳо беибо ҳуҷум карда, онҳоро «зоҳидони наҷосаттинат» ва тортанакҳое меномад, ки мазлумонро ба тору доми ҳилаву найранги худ мепечонанд, хунашонро мемаканд. Аз зӯҳд ва эътикоф – гӯшанишинӣ ва парҳезкории зоҳирӣ мақсади онҳо фақат «Сайфи мазлумон» аст, мегӯяд шоир. Онҳо дар зоҳир суф мепӯшанд, аммо дар талаби дебову атлас ҳастанд, кулоҳи сӯфигӣ ба сар гузоштаанд, аммо ҳавои қайсар шудан дар калла доранд.

Вале оташи хашму ғазаби шоир бо ин суханон хомӯш намешавад, ӯ бо дили лабрез аз ғазаб дод зада мегӯяд:

Аз сари кори намозу рӯзаи эшон мапурс,
Хешро дар зери бори охират хар доштан.

Муллоён аз номи дин ин дунёро бебақо ва гузаранда номида, мардумро ба хотири ба даст даровардани роҳатиҳои охирати мавҳум ба намозу рӯза ва тоату итоат ҳавола мекарданд. Оммаи мардум маҳсули меҳнати сахти худро ба ин гурӯҳ дода, дар бадалаш гӯё

охирати мавҳумро мехарид. Асирӣ ин корро дар зери бори охират хар шудан меномад ва нотарсона ба яке аз асосҳои мӯътабари дини ислом, ки «охиратталабӣ» мебошад, ҳуҷум мекунад.Чунин шеър навиштан дар замон ва муҳите, ки Асирӣ мезист, ҷасорати хеле калонро талаб мекард. Ин ҷуръатро фақат касе карда метавонист, ки ба тамоми илму дониш, фазлу одоби замони худ шомил буда, дар камолот ва дониш аз ҳамзамононаш як қад болотар истода, бо меҳнати сахти худ рӯз мегузаронд, сангтароширо, ки аз сахттарин ва сермеҳнаттарин касбҳост, барои худ воситаи рӯзгузаронӣ интихоб карда буд. Ӯ барои ҳамин шеър мегуфт, ки атри ҳусни гуфтор димоғи хонандагонашро муаттар гардонад:

Аз шамими атри зулфи шоҳиди ҳусни баён,
Шомаи асҳоби маъниро муаттар доштан.

Ба эътиқоди Асирӣ шеър набояд воситаи хушомадгӯӣ ва изҳори фазл бошад. Ӯ такрори маъниҳои гуфташударо, ки аксаран шоирони замонаш пеш гирифта буданд, мазаммат ва маломат карда мегӯяд, ки:

Ман аз ришгаи худ қасаб менигорам,
Набофам, Асирӣ, палоси касона.

Ӯ дар ин шеъри худ, ки як манзумаи ҳасби ҳолист ва бо матлаи «Фиғон, к-аз ситамҳои даври замона» сар мешавад, аз носозгориҳои замона бо аҳли фазлу дониши ҳақиқӣ шикоятҳо дорад ва

Чаро ганҷро кунҷи вайрона маскан,
Чаро ранҷи хотири ман хазона?…

гуфта мепурсад. Асирӣ дар ин қасидаи фалсафии худ, ки мавриди назари мост, сӯзи дили худро аз танҳоии маънавиаш баён мекунад.

Қасидаи «Одамият чист?» шоҳиди дараҷаи баланди дониш ва маърифат ва гувоҳи истеъдоди олии шеърии Асирист, ки мисл ва баробари он дар эҷодиёти ҳамзамононаш дида намешавад.

Абдурауф Фитрати Бухоро̄ӣ
(1886-1938)

Абдурраупфи Фитрат соли 1886 таваллуд шуда, соли 1938 аз дунё гузаштааст. Ӯ низ монанди садҳо одамони боистеъдод қурбони дасисаҳои Сталинӣ гашта, сармояи умрашро аз даст дод. Зодгоҳи ӯ шаҳри Бухорост. Фитрат баъди хатми мактаби ибтидоӣ муддате дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил карда, соли 1909 онро тарк намуд ва аз Бухоро фирор карда, ба Истанбул рафт ва он ҷо дар мадрасаи Воизин таҳсил намуд.

Ба ифодаи Айнӣ, Фитрат «зотан аз мустаъидтарин талабагони Бухоро буда, дар адабиёти қадима ва улуми арабийа» маҳорати комил доштааст.

Фитрат баҳори соли 1910 барои таҳсил ба Истанбул меравад ва дар баробари таҳсил ба навиштани асарҳо шурӯъ мекунад.

Нахустин асари тоҷикии ӯ «Мунозира» буд ва дар он низоми қадиму ҷадид мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Айнӣ дар «Таърих»… гувоҳӣ медиҳад, ки ин асар азбаски ба забони содда ва возеҳи форсӣ ба эътибор гирифтани аҳволи рӯҳияи халқи Бухоро ба тариқи роман навишта шуда буд, ба халқи Бухоро хеле таъсири хубе бахшид» (3,102).

Асари дигари Фитрат «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» ном дошта, низ ба услуби роман навишта шудааст. Дар ин асар аҳволи илмӣ, сиёсӣ ва иқтисодии Бухоро бераҳмона ба тариқи ҳаҷв тасвир ва гоҳо танқид шуда буд. Ин асари Фитрат арзиши фаровони бадеиву таблиғӣ дошта, имрӯз низ беаҳамият нест.

Фитрат дар шеъргӯӣ низ маҳорати комил дошт. Маҷмӯаи шеърҳои форсии ӯ бо номи «Сайҳа» чоп шудааст. Ашъори ин маҷмӯа пур аз масъалаҳои иҷтимоӣ буданд. Шоир аз зулму бедодӣ ва нотавонбиние, ки ҷаҳонгирон дар ҳаққи мардуми Шарқ кардаанд, ба алам ва дарди ватанхоҳона сухан мегӯяд. Устод Айнӣ аз таъсири ин асар

сухан карда мегӯяд, ки «агар бигӯем, ки ин асар ба хонандагон чун қувваи электрик таъсири сареъ ва қавӣ дошт, ҳаргиз муболиға накардаем» (3, 102).

Абдуррауфи Фитрат дар асари дигараш «Раҳбари наҷот» масъалаҳоеро, ки ба далелҳои ақлӣ ва нақлӣ баён дошта, ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ раҳнамо буданд, фаро гирифтааст.

Эҷодиёти А. Фитрат мутааллиқ ба ду халқ - халқҳои тоҷик ва ӯзбек мебошад. Вай ба адабиёт ва фарҳанги ин ду халқ хизмат карда, асарҳояшро низ ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ навиштааст.

Устод Айнӣ ба истеъдоди Фитрат ишора карда, навишта буд, ки вай «аз талабагони истеъдоднок ва аз ҳама фозили Бухоро ба шумор мерафт».

Абдуррауфи Фитрат аз ҷумлаи шахсиятҳоест, ки зери таъсири инқилоби соли 1905 рус ба гурӯҳи равшанфикрони ислоҳотгарои миллӣ пайваста, дар роҳи бедории халқ хидмат кард. Омилҳои дигаре низ буданд, ки боиси бедорӣ ва мустақилияти фикрии Фитрат гаштаанд. Омили аввал воқеияти Туркия ва ҷараёнҳои пешрави идеалогии он ва омили сонӣ ҳаракати озодихоҳон, яъне машрутахоҳони Эрон буд, ки ин омилҳо ба бедории фикрӣ ва таҷаддудхоҳии иҷтимоии Фитрат бетаъсир набудаанд. Вай дар Истанбул таҳсил карда, ба эҷоди асарҳояш ҷиддан машғул гардид. Маҷмӯаи ашъораш «Сайҳа» (соли 1909) ва қиссаҳои мансури «Мунозира» (соли 1909), «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» (соли 1912) дар ҳамин ҷо ба чоп расид. Асарҳои дигари ӯ «Раҳбари наҷот» ва «Оила» низ дар ҳамин давра нашр шуданд, ки дорои мазмуни иҷтимоиву фалсафӣ ва публисистӣ мебошанд. Фитрат аксари асарҳояшро ба забони соддаи тоҷикӣ навишта, дар муқаддимаи «Мунозира» таъкид мекунад, ки асарашро «ба таври муҳовараи бухориён» навиштааст. Дар ин замина меарзад, ки ӯро аввалин эҷодкори насри нави комилан иҷтимоии тоҷикӣ гӯем. Устод Айнӣ ба ин маънӣ ишора карда, дар «Намунаи адабиёти тоҷик» меоварад, ки «ҳарчанд аз соли 1905 сар шуда, дар ҷароиди хориҷа мақолоти форсӣ аз тарафи тоҷикон ба қалам

омад» (чунончӣ, Мирхон Порсозода ба «Ҳабл-ул-матин» менавишт) ва аз тарафи Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва дигарон китобҳои дарсӣ таълиф шуд, аммо ранги адабиёти нав гирифтани забони тоҷикӣ дар наср аз Абдуррауфи Фитрат оғоз мебад. Абдуррауфи Фитрат фаъолияти таҷаддудхоҳиашро дар муҳити тираи Бухоро қабл аз инқилоби русӣ оғоз карда, ба ифодаи Холиқ Мирзозода, «дар давраи нави ҳаракати озодхоҳии халқи тоҷик ҳамаи дониш, истеъдод ва маҳорати нависандагии худро барои ғалабаи ҳаёти нав ва мубориза барои ҳуқуқи аввалаи одам, барои озодӣ равона кардааст (44, 12). Асарҳои аввалини Фитрат айбномаи сахте бар зидди аморат ва усули идории давлатдории Бухоро буданд. Вай дар навиштаҳояш амирону ҳокимон, қозиёну мударрисонро танқид карда, усули таълиму тарбияро дар мактабу мадрасаҳо сабабгори асосии ақибмондагии халқу кишвар медонад. Асарҳои Фитрат моҳияти амиқи ватанпарварӣ доштанд, зулму ҷаҳолати ҳокимияти вақтро беамон фош мекарданд. Бинобар ин, навиштаҳояш барои аморат ва ҳам маъмурияти подшоҳи рус қобили қабул набуд. Соли 1914 аз маҷмӯаи «Сайҳа»-и Фитрат шеъри ватанхоҳонаи ӯ «Бухоро» дар рӯзномаи «Садои Туркистон» чоп шуд, ки сензураи русӣ онро зуд мусодира кард.

Бисёре аз шеъру мақолаҳое, ки Фитрат то инқилоби феврал навишта буд, дар маҷаллаи Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ «Оина» чоп мешуданд ва маҷмӯаи пурмазмуни «Мавлуди шариф» ё худ «Миръоти хайр-ул-башар» аз он ҷумлаанд. Баъди инқилоби феврал муддате муҳарририи рӯзномаи «Ҳурриёт»-ро низ бар ӯҳда доштааст.

Қабл аз инқилоб Фитрат асосан ба кори мактабу маориф пардохта, асарҳояшро низ асосан ба забони тоҷикӣ таълиф кардааст. Аз ин мавқеъ, ба қавли устод Айнӣ ӯро яке аз асосгузорони ин равияи муфид бояд донист. Баъдтар Фитрат асарҳояшро ба забони ӯзбекӣ менавиштагӣ шуд. Ба суоли «Чаро Фитрат аз навиштан ба забони модариаш даст кашид? – устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ҷавоби дуруст ва равшан додааст:» Баъд аз инқилоби Октябр дар

Туркистон ва Бухоро ҳукуматҳои Шӯроӣ азбаски ба номи ӯзбек таъсис ёфт, рӯзномаҳо, фармонҳо, дастурамалҳо, китобҳои мактабӣ ва китобҳои сиёсӣ ҳама ба забони ӯзбекӣ нашр шуданд… Адибони тоҷик, ки умре ба адабиёт машғулӣ доштанд, дар ин аҳд аз ривоҷи маслаку пешаи худ тамоман маъюс шуданд, худро ба гӯшаҳои нокомӣ кашиданд ва ба забони ҳол гӯё мутараннуми «Он Нили маърифат, ки ту доштӣ, хароб шуд» гардиданд.

Дар чунин шароит Фитрат маҷбур шуд, ки асарҳои баъдиашро ба забони ӯзбекӣ нависад ва чоп кунад. Баъди инқилоби Бухоро Фитрат аввал ба забони ӯзбекӣ шеърҳо гуфт ва онҳо дар маҷмӯаи «Ӯзбек ёш шоирларӣ» (Тошканд, 1922) ба чоп расидаанд. Ин шеърҳо назар ба мушоҳидаи адабиётшинос Холиқ Мирзозода «аз ҷиҳати ғоявӣ ва бадеӣ баланд нестанд».Назар ба қавли муосиронаш, шахсияти Фитрат басо мураккаб ва пурихтилоф будааст. Замонаи пурихтилоф ва замондорони бепарво низ дар чунин вазъияти душворе ба ӯ раҳм накарданд ва касе пайдо нашуд, ки ӯро ба роҳи дуруст раҳнамоӣ кунад. Ба шаҳодати Холиқ Мирзозода ҷумҳурии навташкили мухтори Тоҷикистон низ ба ӯ меҳрубонӣ накард ва китоби «Санъатҳои бадеӣ»-ашро комиссари маориф Нисор Муҳаммад «Ҳоло вақти алифбо, на санъати шеърӣ» гӯён рад карда будааст. Бо вуҷуди ин Фитрат он солҳо худро аз адабиёти тоҷик канор нагирифтааст. Ҷавоби ӯ ба шеъри «Инқилоби сурх»-и Лоҳутӣ худ далели қотеъ аст, ки ӯ «худро аз адабиёти советии тоҷик канор нагирифтааст». Дар замоне, ки қарори КМ ВКП (б) дар бораи ВКП ҳамсафарон чоп шуд (25 июли соли 1925) Фитрат дар чунин вазъият қарор дошт.

Баъдтар, вақте ки рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ чоп шуданд, фаъолияти эҷодии Фитрат хеле вусъат ёфт. Вай барои бачаҳову наврасон шеърҳо менавишт. Ҳамчунин барои китобҳои дарсӣ, аз ҷумла, китоби дарсии Вадуд Маҳмудӣ «Дастури амалӣ» ва китоби Турақул Зеҳниву Вадуд Маҳмудӣ «Омӯзиш» шеърҳо навишт, ки моҳияти тарбиявию ахлоқӣ доштанд.

Фитрат диди замонӣ ва навхоҳона дошт. Вай аз шоирони аввалине буд, ки маромҳои кӯҳнаро дар шеъри замонӣ писанд намекард. Ин маромашро вай ҳанӯз соли 1909 дар асари ҷолибаш «Мунозира» равшан баён карда буд. Вале дар шеърҳои инзамониаш вай ба сухани бадеӣ ва ҳунар эҳтироми хос дошт. Воқеиятро шоирона медид. Масалан, заруру нозарур ба шеърҳои дар мавзӯи табиат навиштааш масъалаҳои иҷтимоиро дохил намекард. Ин ҳодиса боис шудааст, ки муҳаққиқон ин паҳлуи фаъолияти ӯро танқид кунанд (96, 148). Муаллифони ин қисмати «Таърих…» аз шеърҳои пейзажии Фитрат камбудӣ ҷуста гуфтаанд, ки «дар адабиёти танқидии охири солҳои бист шеърҳои ба мавсими зимистон ва тирамоҳ бахшидаи Фитратро ифодаи рамзии ғояҳои зидди советӣ маънидод кардаанд» (96,148). Ба пайбурди муаллифони «Таърих…» дар ҳақиқат, аз баъзе байтҳои як шеъри ӯ оҳанги норозигӣ аз замони нав низ шунида мешавад (96). Вақте имрӯз он шеърҳои Фитратро таҳлил мекунем, мебинем, ки ин даъвоҳо заминаҳои сиёсӣ ва душманона дошта, худи Фитрат низ аз он зуд огоҳ шуда, бо мақсади эҳтиёткорӣ дар «мактуби кушод ба идора» баъдтар навишта буд: «Ман бисёр нағз медонам, ки ислоҳоти замин, алифбои нав, комёбиҳоро дар инкишофи худогоҳии сиёсию миллии оммаи деҳқонони Ӯзбекистони советӣ ва тамоми Шарқи советӣ имрӯз ба ғайр аз Инқилоби октябр ҳеҷ як қувваи дигар дода наметавонист» (96,148).

Аксари шеърҳое, ки Фитрат дар васфи табиат, фаслҳои сол ва ҳодисаҳои табиӣ навиштааст, барои китобҳои дарсӣ таҳия шудаанд ва шоир дар ин гуна шеърҳо хусусияти тафаккур ва сину соли кӯдакон ва наврасонро сахт ба эътибор гирифтааст, ки гувоҳи маҳорати ҳунарии ӯст.Масалан, қитъаи зер, ки дар васфи фасли зимистон аст, бо соддагӣ ва равонию фаҳмрасиаш ҷолиб аст:

Зимистон расидаст, ҷони бародар,
Ҷаҳонро гирифтаст сармо саросар.
Ҳама дар таҳи барф гардида пинҳон,
Чи кӯҳу чи саҳро, чи девору чи дар.

Чунон абр бебок гардида ин фасл,
Ки хуршед аз абр н-орад бурун сар.
Чӣ ёро, ки оҳу ба саҳро занад сум,
Чӣ ҳадде, ки пашша занад дар ҳаво пар.

Муаллифони «Таърих…» шеърҳои ба мавзӯи табиат бахшидаи Фитратро таҳлил карда, ба чунин хулоса омадаанд, ки пейзажҳои Фитрат аз ҳиссиёти амиқи табиатдӯстӣ ва мулоҳизоти фалсафӣ маҳруманд. Сабаби ин ҳолат он нест, ки ин шеърҳо барои мактаббачагон навишта шудаанд» (96,150). Вале мо ба чунин хулоса омадем, ки Фитрат барин шахсияти адабӣ, ки дар хазинаи адабиёти пешин тарбият ёфта буд, бо бачагон чӣ гуфтанашро хуб медонист. Хуб медонист, ки кӯдакону наврасон омодаи фаҳмидани таҳлилҳо ва хулосабарориҳои мураккаби шеърӣ нестанд, бо онҳо мувофиқи фаҳму идрокашон бояд сухан гуфт, хоса дар шеър.

Он чи дар «Таърих…» оид ба фаъолияти шоирии Фитрат гуфта шудааст, ҳанӯз комил нест. Мутаасифона, ашъори ӯ то ба имрӯз комилан ҷамъоварӣ ва нашр нагардидааст.

Саҳнаи фаъолияти Фитрат дар он замони мураккабу пурихтилоф васеъ буд. Вайро мо бояд чун яке аз аввалин драманавиосни тоҷик қадр кунем, зеро вай ҳанӯз он солҳо намоишномаи «Шӯриши Восеъ»-ро навишт. Ӯ аз аввалин адабиётшиносон буда, мақолаҳои пурмазмуни «Сайфи Исфарагӣ», «Луғати Ҳофизи Убаҳӣ» ба қаламаш таалуқ доранд. Фитрат дар таҳияи алифбои лотинии тоҷикӣ низ саҳми арзанда гузоштааст.

Фитрат афкори иҷтимоиашро асосан дар асарҳои насриаш ифода кардааст. Яке аз чунин навиштаҳои ҷолиби ӯ «Аморати Бухоро» мебошад, ки соли 1930 ба забони тоҷикӣ нашр шуд. «Дар ин асар, - менависад Х.Мирзозода, - моҳияти зидди халқии хонадони манғитияи Бухоро фош ва ақидаҳои зидди феодалии муаллиф, ки дар асарҳои пеш аз инқилобиаш равшан таҷассум ёфта буданд, ҷамъбаст шудаанд».

Дигар аз асарҳои ҷолиб ва пурмазмуни Абдурауфи Фитрат «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» мебошад. Ин асар аз «Муқаддима» ва «Шурӯъ», ки қисми асосии он аст, иборат буда, нависанда дар муқаддимаи асараш шаҳрвандони мамлакатро ба се гурӯҳ – уламо, умаро ва аҳолӣ ҷудо карда, ҳар гурӯҳро тавсиф мекунад.

Қаҳрамони асосии қисса сайёҳи донишманди ҳиндист. Ин мусулмони донишманду равшанфикр бо ёрии одамони тараққихоҳи Бухоро шаҳри Бухоро ва ноҳияҳои ғарбии аморатро саёҳат карда, бо камбудиҳо ва ақибмонии фикрии он шинос мешавад ва онро зери танқид мегирад. Сайёҳи донишманди ҳиндӣ барои муаллиф воситаи баёни фикр буда, дар асл худи ӯ прототипи ин қаҳрамон аст. Дар асар персонажи дигаре низ ҳаст, ки оид ба масъалаҳои тандурустӣ маслиҳат медиҳад ва ин фарди рус мебошад.

Фитрат дар муқаддимаи асар мақсаду мароми сайёҳи донишманди ҳиндиро баён карда, баъди тавсифи қишрҳои мардуми Бухоро ба баёни мақсади асосӣ мегузарад. Ва баъд аз ин мо баёноти муфассали сайёҳи донишманди ҳиндиро дар бораи уламо, умаро ва фуқаро мешунавему мехонем.

Пас аз хондани қисмати «Уламо» мо чеҳраи ҷомеаро мешиносем, ки «имрӯз аз улуми ҳақиқия хабаре надоранд, бист сол таҳсил ва бист соли дигар фаребгӯӣ карда, баъд аз он ба мансаби муфтигӣ расида, бо мутолиа кутуби арабиеро мушкил ва худро ба истеъмоли кутуби фақҳияи форсия маҷбур медонанд, мақоми ҷалили рӯҳонияти Бухороро гирифтаанд» (103,15). Оре,Фитрат бо диди огоҳ ва моҳиятҷӯ аз ақибмондагии Бухорои замони истибдод сухани бадард мегӯяд. Чеҳраи уламое, ки Фитрат офаридааст, ба мо ошност ва чеҳраи ин тоифаро баъдтар Айнӣ бо тамоми қабоҳати зиндагиашон дар осори бадеиаш офарид. Вале Фитрат дар асараш аз воқеияти муҳити тираи Бухоро сухан мегӯяд. Ба ибораи дигар, воқеиятро дар пешорӯи мо мегузорад. Ва мо бо қиёси таърихӣ бовар мекунем, ки дар ҳақиқат ҳам ҳамин гуна ҷамоаи уламо «аз тарафе ҳамагии ақвофи Бухороро ғайри шарти воқиф нӯши ҷон намоянд,

аз тарафи дигар, аҳолии мискин, ки номи таҳсили фоиданокро ҳам нашунидаанд, буду набуди худро ба номи шогирдӣ фидои онҳо месозад» **(103,15).** Сайёҳи ҳиндӣ бо ин баёнот уламоро бо аъмоли зишташон ба мурофия мекашад. Фитрати ватандӯст ва халқпарвар ҳамчунон, ки дар «Мунозира» дидем, дар ин асар низ мехоҳад, то мардуми кишвараш дигар шаванд, ба тараққӣ бирасанд. Вале дар «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» вай ба омилҳои қафомондагии кишвар бештар диққат дода, ин омилҳои зиёноварро ном мебарад ва зина-зина аҳволи ватандорони Бухороро, ки умарову фуқаро низ ҷузъи онҳо ҳастанд, фош месозад.Мо «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ»-ро бо шавқ хонда ба поён мерасонем. Ва байти охири асар моро ба андеша мебарад:

Муроди мо насиҳат буд, гуфтем,
Ҳаволат бо худо кардему рафтем.

Фитрат чӣ қадар мехостааст кишвараш дигар шавад! Ғояи эҳёи миллату давлат, ки дар пояи мактабу маориф, илм ва иқтисоду сайёҳату тиҷорати комил устувор бошад, аз армонҳои бо худ бурдаи Фитрат будааст.

Асари дигари бисёр баарзиши Фитрат «Раҳбари наҷот» мебошад, «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» ва «Роҳбари наҷот» то ҷое якдигарро такмил мебахшанд. Дар ин асар низ муаллиф сабабҳои ақибмондагии иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми аморати Бухороро бо камоли диққат ва ҳавсала нишон медиҳад. «Раҳбари наҷот» низ мисли «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» асари публисистӣ буда, ғояи бозсозӣ ва бунёдкории кишвар онро оро медиҳад. Фитрат китобашро «Маҷмӯаи ахлоқия» медонад, ки роҳи наҷотро бар мардум бояд роҳбарӣ кунад. Рисола бо «Ҳасби ҳол» шурӯъ шуда, муаллиф сабабҳо ва решаҳои ақибмонии фарҳангӣ ва иҷтимоии мардуми аморати Бухороро бо далелҳои шаръӣ баён медорад. Ва сабаби қафомонии миллатро аз ҷамоаи Урупо танҳо дар танбалӣ, бедонишӣ ва раҳношиносии он мебинад. Дар боби муқаддима ҳаёт ва ғояи ҳаётиро тафсир карда, вазифаҳои ахлоқияро баён мекунад, ки иборат аз а) вазифаи нафсия б) вазифаи оила ва в) вазифаи навъия ё

инсония мебошанд. Ва ҳар яке аз ин вазифаҳоро дар яке аз қисматҳои китоби худ шарҳ медиҳад.

Фитрат дар ин замина вазоифи нафсонияро аввал медонад ва таъкид мекунад, ки «инсон барои ҳифзи тараққии хеш» ба адои вазифаи нафсонӣ «маҷбур аст», «яъне ҳар одамеро лозим аст, ки нафси худро (чунончи лозимаи одамият аст) ба дараҷаи камол расонад». Ва камоли нафсро дар он мебинад, ки бояд «одамӣ ҳам ба худ ва ҳам ба ҳамҷинсони худ фоидабахш ва нофеъ (нафърасон) гардад». Ба фикри Фитрат, инсон ба ин дараҷа замоне мерасад, ки нафсашро ба аъмоли нек оро диҳад ва аъмоли бадро аз худ дур кунад. Рӯшангари бузург дар ҳамин равиш тарҳи роҳи саодатро барои ҳамватанонаш мекашад. Нахуст роҳи дастёбӣ ба камолоти нафсониро нишон дода, дар ин замина ҳикмат, иффат, шуҷоат ва адолатро рукни асосии вазифаҳои нафсонӣ ҳисоб мекунад. Дар роҳи комёб шудан ба ин амал ислоҳи қувваи ақлияро воҷиб медонад, ки он бе таҳсили илм ғайриимкон аст. Адиб дар ҳамин равиш андешаҳояшро «дар ҳаққи илму тариқи таҳсилот ва таъини фавоидаш» баён мекунад. Дар ин раванд омӯхтани илм, аз ҷумла, илмҳои шоеъи замонаш, монанди илми тафсир, илми ҳадис, илми фиқҳ, илми калом, улуми лисония, илми таърих, ҷуғрофия, илми табобат, илми ҳикмати табиия, илми наботот, илми ҳайвонот, илми маодин (маъдан), улуми риёзия бо чаҳор шӯъбааш 1) ҳисоб, 2) ҷабр, 3) ҳандаса, 4) ҳайат, улуми фалсафия бо рукнҳои он – илми рӯҳ, илми илоҳӣ (теософия) , илми ахлоқ, илми мантиқро зарур медонад.

Дар он замонаи тираву тор ба ин кор иқдом кардани Фитрат осон набуд. Вай қабл аз ҳама мехост усули таълимро аз бадбахтиҳои домангир наҷот диҳад. Ҳарфҳои зерини ӯ дуди ҳасрати дили пурдарди ӯянд, ки аз ғами бедонишии қавм ва усули хароби давлатдорӣ шарҳа-шарҳа гашта, имрӯз низ хеле – хеле замонӣ ба гӯш мерасад. Таваҷҷӯҳ кунед. Фитрат чӣ мегӯяд? «Мо туркистониҳо бо он ки муддати бист сол бо камоли машаққату меҳнат таҳсил мекунем ва бо он ки таҳсили бистсолаи мо ба забони арабӣ ҷорист, бо он ки ҳамагӣ улуме, ки мо

мехонем, динист (?!) чаро дар миёни мо олиме, як масъалаи фақеҳияро бо куллиёти усули фиқҳ татбиқ кунад, надорем? Чаро аз фозиле, ки ақаллан сад касеро ба давраи худ ҷамъ карда, ҳадиси шариф дарс гӯяд, маҳрумем? Чаро як муфассире, ки ҳосили маънои як ояти каримро ба мо фаҳмонад, намебинем? Чаро…Чаро!?».

Бубинед, Фитрат қаблан аз усули таълими дин танқид мекунад. Ба назари ӯ коре, ки мадрасаҳо бояд кунанд, ҳамин аст, вале ҳамин кор низ натиҷаи ҳеҷ доштааст.

Фитрат дар рисола барномаи мукаммали инсони комилро, ки бояд дар пешрафти илму фарҳанг ва иқтисоди кишвар саҳмгузор бошад, тартиб медиҳад.

Ин барнома роҳҳои дастёбӣ ва пешрафти иқтисодро низ шарҳ дода, дар ин замина пешрафти кишоварзӣ, саноат ва тиҷоратро шарти муҳими ислоҳот медонад.

Бисёр мулоҳизаҳое, ки Фитрат баён кардааст, имрӯз низ муҳим ва корбасти онҳо судманд мебошад. Аз ин мавқеъ арзиши ин рисола, бо гузашти замон кам нашуда ва низ кам нахоҳад шуд. Ба ҳамин далел чеҳраи ин марди ватанпарвар барои бозмондагонаш, ки насли имрӯз аст, бояд азиз ва мукаррам бошад.

Боиси таассуф аст, ки замонаи номард дар хаққи Фитрат ва даҳҳо ҳаммаслакони ӯ носипосӣ кард. Баъд аз инқилоб нигилистон ва пайравони сотсиологизми вулгар борҳо Фитратро бадном карданӣ шуданд ва ин тоифаро адиби оташинқалам дар як шеъри худ «сияҳтинатони ниқоби сурхпӯш» номидааст:

Фитрат, махӯр фиреби сиёҳтинатони зуҳд,
Ҳарчанд бастаанд ба ораз ниқоби сурх.

Ва ниҳоят ин «сияҳтинатон» солҳои ҷабри сталинӣ ба муроди нопоки худ расиданд. Онҳо гуноҳҳои набударо ба сари Фитрат бор карда, аввал таъбидаш карданд, баъд сарашро хӯрданд. Имрӯз дар оғози садаи нав чеҳраи Фитрат аз ҷилдҳои кутуби меросгузоштааш бо

ҳамон покиву ҷаррорӣ, ҳақгӯиву ҳақҷӯӣ ва арҷмандӣ беолоиш ва азизу гиромиқадр ба назар меояд.

Асари дигари ӯ «Оила» дар боби масъалаҳои ислоҳи ҳаёти оилавӣ баҳс мекунад. Адиб суннатҳои неки оиладориро дастгирӣ карда, мухолифи ҳама гуна хуруфот аст. Дар ин боб вай бо Аҳмади Дониш ҳамфикр мебошад.

Фитрат асари Исмоилбеки Ғаспаринский «Дор-ур-оҳати мусулмон»-ро низ бо номи «Мусулмони Дор-ур-роҳат» тарҷума кардааст, ки дар замонаш таъсири зиёди маърифатӣ доштааст.

Фитрат қисми осорашро бо туркӣ навишта, замоне сахт туркгаро низ будааст. Ин паҳлӯи фаъолияти пантуркистии ӯ барои тоҷикон, ки худи ӯ намояндаи онҳо буд, сахт зиёновар буд. Аз ҳамин мавқеъ мо бояд хидмати ӯро дар таърихи фарҳанги тоҷикӣ арзёбӣ кунем.

ЧЕҲРАҲОИ ШИНОХТАИ АДАБИЁТИ СУННАТГАРОИ ОХИРҲОИ АСРИ XIX ВА АВВАЛИ АСРИ XX

Суннат ва суннатгаро̄й

Муҳаққиқон дигаргуниҳоро дар равияи эҷодии адабиёти маъорифпарвар̄й эътироф кардаанд ва мо бо равишҳои асосии он дар фасли гузашта шинос шудем. Вале ин тағйиротро наметавон ба сифати дигаргунии куллӣ шинохт. Дар адабиёти ин давра гароиш ба суннатҳои адабиёти классик̄й ҳам дар шаклҳои адаб̄й ва ҳам дар сабку тарзи тасвири бадеӣ низ равшан ба назар мерасад. Ҳатто осори пешвоёни ин ҷараён Аҳмади Дониш, Шоҳин, Возеҳ ва дигарон суннатҳои мондагори адабиёти гузаштаро ҳифз доштаанд ва инкишоф додаанд.

Адабиёти ин давра, аз ҷумла, осори адибони маъорифпарвар даставвал суннатҳои жанрии адабиёти гузаштаро нигоҳ доштаанд, ва аз сӯйи дигар, хусусиятҳои хоси худро доранд. Маъмултарин жанрҳои адабиёти ин давр ифодагари корбасти суннатҳои қадимии адабиёти форсии тоҷик̄й мебошанд. Аз ҷумла, навъи лирик̄й ифдогари яке аз равишҳои ҷараёни суннатгароии адабиёти ин давр маҳсуб мешавад, ки нисбат ба дигар навъҳо дорои нақшу ҷойгоҳи хосест. Намуди асосии ин навъ ғазал буда, дар сабки шоирони ин аҳд дар шакли зоҳирии он дигаргуние ба вуҷуд наомадааст. Ҳамчунонки Расул Ҳодизода собит кардааст, «дар ғазалиёти Возеҳ ва баъзе муаллифони пайрави Бедил ва сабки ҳинд̄й дар ғазал гоҳо ба радифбанд̄й бештар майл зоҳир гардад, дар ғазалиёти Шоҳин ва Ҳайрат мо ин якрангии қофиябандиро намебинем. Ин ду шоир бештар ба гуногун намудани қофия, махсусан овардани қофияҳои душвор, аммо шинам дар ғазал низ мисли ғазалҳои асри XV гуногун ва бештар ба мазмуни ғазал влбаста аст»(Расул Ҳодизода. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX.-Дешанбе: «Дониш»,1968-с.113-114).

Ҳамчунин ҳифзи суннатҳои тасвири балоғ̄й низ дар ғазалҳои шоирони ин давр ба мушоҳида мерасад, ки ба бетағйир мондани шакли зоҳир̄й ва поэтикаи шеъри ин давр, аз ҷумла намуди ғазал мусоидат

кардааст. Дар шакли зоҳирии ғазал таъсири тарзи баёни Бедил ва таркиби балоғии шеъри вай низ то ҷое побарҷост.

Ҳамчунонки муҳаққиқон Расул Ҳодизода ва Садрӣ Саъдиев ёдрас кардаанд, дар шеъри ин давра намудҳои дигари навъи лирикӣ - рубоӣ ва қитъа зиёд набошанд ҳам, вале дар эҷоди ин намудҳо шоирон суннатҳои шеъри классикиро комилан риоят намудаанд. Аз шоирони ин давр Возеҳ ва Савдо, ки бештар суннатгаро ҳастанд, ба миқдори хеле кам рубоӣ гуфтаанд. Вале дар ҳамин миқдор рубоӣ ва қитъаҳои онҳо хусусиятҳои ин намуди шеъри гузаштагон нигоҳ дошта шудааст. Дар девони шоири дигари маъруфи ин давра-Шоҳин низ миқдори рубоӣ ва қитъа чандон зиёд нест.

Дар суннати қасидагӯӣ низ шоирони ин аҳд пайрави гузаштагон будаанд. Расул Ҳодизода сабаби ин ҳодисаро «ҳам ба ҳукми анъана, ҳам ба таъсиру тақвияти доираи дарбор вобаста» медонад. Ин донишманд дар ин замина равиши манфии суннатгароиро дар эҷоди қасида дар он дидааст, ки шоирон бештар мутаваҷҷеҳи мадҳи амир шуда, ба тарзи ифодаи мадҳ эътибдор надодаанд.

Шоирон дар сурудани қасида, пеш аз ҳама, ҳадди маъмулии лаҳну мавзӯъ ва суннати сохтории қасидаи классикиро риоят намудаанд. Дар қасидаҳои шоирони суннатгарои ин давра мадҳу ифтихор чун дар қасидаҳои пешиниён ҷойгоҳи хос дорад. Ҳамчунин онҳо мисли пешгузаштагон нукоти ахлоқӣ, ҳикамӣ, динӣ ва ғайраро низ дар қасида фаро гирифтаанд. Дар қасидаҳои ин аҳд мо чаҳор хусусияти суннатии ин намуди шеъриро равшан мушоҳида мекунем: аввал ин, ки шоирони қасидагӯ мисли гузаштагон дар оғози қасида риояти насиб (тағаззул) кардаанд. Одатан ин муқаддима аз мадҳи маъшуқ, тавсифи зебоиҳои табиат, васфи маҷлиси базм ва аз ин қабил иборат мебошад. Ҳадафи шоирон аз ин муқаддима мисли пешгузаштагон ҷалби таваҷҷӯҳи мамдӯҳ ба шунидани шеър будааст. Хусусияти дуввуми суннатии ин қасидаҳо дар он аст, ки шоирон мисли пешгузаштагон ба воситаи чанд байте насибро ба қисмати баъдии қасида мепайвандаанд. Саввум ин, ки шоирон

чун дар қасидаи суннатӣ танаи аслии ин намудро дар мадҳ тартиб дода, ба мадҳи мамдӯҳ пардохтаанд ва бо иғроқ ӯро ба сурати як қаҳрамони ҳамосии хориқулирода, ки гӯё аъмоли ҳайратоваре анҷом додааст, тавсиф кардаанд. Ин ҳолатро мо дар қасидаҳои аксари шорони ин давра мушоҳида мекунем, ки намунааш қасидаи Шоҳин аст, ки бо мисраи «Дишаб, ки буд пуршафақ аз бода ҷоми чарх» оғоз мешавад. Ниҳоят дар поёни ин қасидаҳо, ки дар истилоҳ шарита аст, шоирон суннати дар ҳаққи мамдӯҳ дуо гуфтанро низ риоят кардаанд. Ин дуо маъмулан дуои таъбид аст, яъне, умри абадӣ хостан барои мамдӯҳ. Шоирон дар гуфтани дуо низ суннати гузаштаро, ки дуоро ба сурати ҷумлаҳои шартӣ баён мекарданд, комилан риоят намудаанд. Ҳамчунон ки қасидаи зикршудаи Шоҳин бо чунин дуо ба поён мерасад:

То чархро фурӯғ бувад аз фурӯғи моҳ,
То моҳро субот бувад аз давоми чарх.
Ҷуз бурҷи толеъи ту мабодо масири моҳ,
Ҷуз хоки даргаҳи ту мабодо мақоми чарх.

Дар ин гуна қасидаҳо суннати истифода аз санъатҳои шеърӣ низ қатъан риоя шудааст. Яъне, шоирон аз ҷиҳати шакл анъанаҳои санъати шеъри пешинро нигоҳ дошта ва пайравӣ намудаанд.

Дар достонсароии суннатӣ фақат Шоҳин пайрави гузаштагон будааст ва достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро дар пайравии достонҳои ишқӣ - романтикии адабиёти гузашта эҷод кардааст. Вай маснавии «Тӯҳфаи дӯстон»-ро дар пайравии «Бӯстон»-и Саъдӣ гуфтааст ва дар он суннатҳои маснавиҳои ахлоқию ҳикамии гузашта комилан риоят шудааст.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки дар жанрҳои адабӣ ва нормаҳои санъати анъанавии адабиёти классикӣ шоирони ин давр пайрави суннатҳои ҳунарии пешгузаштагони худ будаанд.

Равиши дигари суннатгароиро дар адабиёти ин давра ҳодисаи адабии пайравӣ ва таъсирпазирӣ аз сабки ҳиндӣ равшан ифода мекунад. Ин таъсирпзирӣ аз сабки ҳиндӣ, ба хусус эҷодиёти Бедил дар нимаи

дуюми асри XIX низ ҳамчунон барқарор буд. Ин ҷараён дар баробари паҳлуҳои мусбати ҳунарӣ боиси ба вуҷуд омадани равиши манфии тақлиди маҳз низ гардид.

Намояндагони адабиёти ин давра на фақат аз шакли зоҳирӣ, балки аз мазмунҳои мазҳабиву тасаввуфии шеъри Бедил ва салафҳои ӯ истиқбол мекарданд. Чунин равиши суннатгароии маҳзро мо дар эҷодиёти Садри Сарир Сипандӣ, Сират, Бебок ва баъзе шоирони дигар мушоҳида мекунем. Истиқбол аз тарзи Бедил дар эҷодиёти Аҳмади Дониш, Савдо, Исо Махдум, Возеҳ, Шоҳин ва Музтариб низ ба назар мерасад, ки паҳлуҳои мусбати соданависӣ низ дорад.

Аксари шоироне, ки ба суннатҳои шеъри гузашта, аз ҷумла Бедил пайравӣ кардаанд, пеш аз ҳама на фақат образҳои шеърӣ ва истилоҳу таъсироти шеъри Бедил, балки тарзи образофаринӣ ва сабки нигориши ӯро истиқбол кардаанд.

Ҳамин тариқ, равияи суннатгароӣ дар адабиёти ин аҳд тарафҳои мусбат ва манфӣ дошта, дар маҷмӯъ бозгӯи савияи ҳунарии шоиронест, ки адабиётро василаи ифшо ва баёни розу ниёзи маънавӣ ва ҳунарӣ шинохтаанд ва дар ин замина барои ҳифзи асолати ҳунари пешгузаштагон талош варзидаанд.

Шамсиддини Шоҳин

(1859-1893)

Идрис Махдум Роҷии Бухороӣ дар таърихи фавти Шоҳин ӯро «хусрави мулки дониш» хитоб кардааст, ки ҳам тавсифи дараҷаи ӯст ва ҳам ба ҳисоби абҷад баёни соли вафоти шоир аст, ки ба соли 1893 рост меояд. Шоҳин дар соли 1859 дар Бухоро ба дунё меояд. Падари ӯ аслан зодаи шаҳри Кулоби Тоҷикистон буда, дар замони ҳукмронии амир Ҳайдар барои таҳсил ба Бухоро меояд. Дар ибтидо ду сол дар Самарқанд таҳсил карда, сипас таҳсилашро дар мадрасаи «Ғарибия»-и Бухоро давом медиҳад. Падари Шоҳин, ки шахси бомаърифат буд, аз рӯзҳои аввал ба тарбияи фарзандаш эътибори ҷиддӣ медиҳад.

Зимнан бояд гуфт, ки бисёр лаҳзаҳои зиндагии Шоҳин дар осори ӯ инъикос ёфтааст. Аз ҷумла дар «Тӯҳфаи дӯстон» дар бораи падараш, дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун» аз фавти падар ва хоҳараш ёд мекунад. Ҳамчунин хабар медиҳад, ки дар хурдсолӣ ӯро ба «дабистони дӯшезагон(духтарон)» супурдаанд.

Шоҳин дар синни 10-11 - солагӣ «зи девони Ҳофиз» сабақ гирифта, хидмати падарашро дар таълиму тарбияташ таъкид мекунад. Вакте ки падараш дар синни 87 - солагӣ вафот меёбад, ӯ ҳанӯз бачаи хурдсол буда, «яке хидмат аз дасти» ӯ намеояд. Шоҳин дар бораи модараш ҳеҷ маълумоте наовардааст. Фақат дар ёддошти ӯ дар «Тӯҳфаи дӯстон» маълум мешавад, ки баъд аз вафоти падар ранҷи бепарастории кашида, ниҳоят ӯро шоир ва фозили нобинои асри XIX Муҳаммадтоҳир Зарири Ҷӯйборӣ фарзанд мехонад ва тарбият менамояд.

Аз қасидаи «Дар иштиёқи мадрасаи «Шодимбӣ»-и ӯ маълум мешавад, ки дар ҳамин мадрасаи Бухоро таҳсил карда, баъд аз сари Зарири Ҷӯйборӣ аз падари Қозӣ Бадриддин ва гоҳе аз амир Музаффар марҳамат дидааст.

Устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» хабар медиҳад, ки «дар овони дарсхонӣ ба дарсгӯӣ иштиғол намуда, ба наздаш талаба низ аз пешустодони замонаш камтар ҷамъ нашудаанд» (Намунаи адабиёти тоҷик. Теҳрон, 1385, с. 185). Ҳамчунин худи Шоҳин низ дар мисрае ба ин мавзӯъ ишора карда мегӯяд: «Куҳансолон аз ту дарсомӯзи фазланду камол». Аз баёноти худи Шоҳин бар меояд, ки вай илмҳои замонаашро омӯхта, на аз ҳамаи онҳо қонеъ будааст:

Худоё, улуме, ки мо хондаем,
На илм аст, дар хутба дармондаем.

Шоҳин баъди хатми мадраса дар яке аз масҷидҳои шаҳри Бухоро имоматӣ карда, дар як вақт мирзогӣ низ кардааст. Ҳомии ӯ дар ин давра

Абдуқодири парвоначӣ будааст, ки баъдтар ҳокими Шеробод мешавад. Шоҳин бо духтари ҳомии худ хонадор шуда, баъди чанде хамсараш сари хишт меравад ва аз ӯ «тифли ҳуҷистарӯ» мемонад. Шоҳин ин лаҳзаи зиндагии нобарорашро бо алам дар достони «Лайлию Маҷнун» ёд меоварад.

Соли 1889 шоирро ба муҳити дарбор даъват мекунанд. Вале хидмат дар дарбори Абдулаҳадхон барои ӯ рӯҳан вазнин буд. Ҳолати рӯҳияи ӯ дар дарбори амир дар шеъри «Танаффур ва иҷтиноб аз суҳбати амир» хеле равшан ифода шудааст. Муҳити нобасомони дарбор, тамаллуққориҳои аҳли он ба Шоҳин, ки марди озодае буд, писанд намеомад. Гоҳо бо истеҳзо дар ин боб шеър мегуфт:

Рутбаи Шоҳиниям «ҳосил шуд» аз «имдоди» шоҳ,
В-арна будам пеш аз ин калхоти бечангол барин.

Ниҳоят муносибати ӯ бо шоҳ ва дарбориён ба бадӣ мегарояд. Муносибати дугонаи онҳоро дар байте ба сароҳат баён кардааст:

Зи рӯи забон меҳрубонӣ кунанд,
Вале кинаҳои ниҳонӣ кунанд.

Сафарҳои зиёд дар рикоби амир, фишорҳои пайиҳам Шоҳинро ба бемории сил гирифтор месозад. Дар ин боб устод Айнӣ менависад: «Амир ҳар вақт таъна мезад, ки Шоҳин як муллобачаи пойлуч буд, ман ӯро ба мансаби олии надимӣ нишондам. Ба қатори умаро ва ҳукамо ҷой додам. Чун пастмояи давлатнодида буд, бори давлатро бардошта натавонист. Куфрон, ғурур ва кӯрнамакӣ мекунад» (Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. Теҳрон... с. 185) Як байти Шоҳин, ки дар он ба амир ҷавоби адабии қотеъ медиҳад, ин мулоҳизаи Айниро тасдиқ мекунад:

Ҷойи миннат нест бо ман чархро, к-аз хони ӯ,
Чун маҳи нав бо лаби ноне қаноат доштам.

Дар байти зер боз ҳам бо тамасхур ва истеҳзо мегӯяд:

«Ёфтам» аз остони шоҳ, Шоҳин , «обрӯ»,
Ман, ки рӯи аҷз бар хоки мазаллат доштам.

Айнӣ менависад, ки Шоҳин ба он қадар алам ва ситамҳо тоб наоварда, оқибат сил шуд. Дар ин ҳолат ҳам аз хидмати дарбор канор нарафт. Хатто боре дар соли 1307 (1889) бистарӣ шуда, ба сафари амир иштирок карда наметавонад. Амир аз ин кори ӯ ранҷида, ба Қозӣ Баҳриддин хат навишта, надими дигар ёфтани ӯро тақозо кардааст. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» матни он мактубро овардааст, ки чунин аст: « Шумо арз кунед, мо биёрем, мисли ҷавонмарги Шоҳин кунад, хуб не. Бадбахти чавонмарг баромада озод ҳам накард ё ман бетоб гуфта арз ҳам накард, асло мо аз кулобӣ ва ҳисорӣ толеъ надоштем» (С. Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик с. 186). Бо вуҷуди ин ҳама ранҷу таҳқир Шоҳин соли 1894 дар рикоби амир ба Шаҳрисабз ва Қаршӣ сафар карда, хеле ҷавон, дар синни 35 - солагӣ вафот мекунад.

Марги Шоҳин рӯшанфикрони Бухороро андӯҳгин сохт. Аз ҷумла, Аҳмади Дониш марсияи пурдарде навишта, аз ҷаҳон чашм пӯшидани «яке аз аҳли маънӣ»-ро «Шамсиддинмахдум» бирафту шеър афтод аз паяш» унвон кард.

Яке аз шахсиятҳои маъруф ва равшанзамири он рӯзгор Садри Зиё дар китобаш «Тазкори ашъор» бо чунин сатрҳои пурсӯз аз Шоҳин ёд мекунад:

Нашуд бахту иқболи ӯ ёрвар,
Чунин фазлу дониш нашуд коргар.
Аз ин раҳ басе ранҷу меҳнат кашид,
Ба олам даме рӯи роҳат надид.
Ба ҳасрат аз ин хокдони хароб,
Бурун рафт бо дидагони пуроб.
Зиёро ба марги касе дарду ғам,
Бад-ин поя, гӯё, расидаст кам.

Баъзе муаллифон, аз ҷумла Афзал махдуми Пирмастӣ ва Ҳочӣ Раҳматуллоҳи Муҳтарам ӯро мағруру худписанд ва ношукр гуфта, ба маргаш таъна ҳам задаанд. Аз ҷумла, Мӯҳтарам навиштааст:

Гумон мабар, ки ту чун бигзарӣ, ҷаҳон бигзашт,
Ҳазор шамъ бикуштанду анҷуман боқист.

Байти зерини Шоҳин имрӯз ҳамчун ҷавоб ба гурӯҳе аз муонидони муосираш, ки шахсияти ӯро эътироф намекарданд, садо медиҳад:

Бар далели дониши ман гӯш нанҳод осмон,
В-арна бар даъвии худ чандин ривоят доштам.

Шоҳин худ шаҳодат медиҳад, ки аз ҷавонӣ «зи девони Ҳофиз сабақ» бардоштааст. Устод Айнӣ низ таъкид мекунад, ки Шоҳин ба шеъргӯӣ аз бачагӣ оғоз кардааст. Худи Шоҳин низ дар «Тӯҳфаи дӯстон» «зи шаб то саҳар шеър» гуфтан, «гаҳе дар гаҳе муҳра суфтан», «зи ишқе, ки дар хурдӣ» андӯхтааст, «ҳамин шеваи шеър» омӯхтанашро таъкид кардааст. Ба ифодаи дигар бигӯем, Шоҳин дар нимаи дуюми асри XIX аз тавонотарин меросбари шеъру адаби хазорсолаи тоҷик будааст. Чунонки худаш эътироф мекунад, «мурғи табъи Саъдӣ ба» ӯ шикор шуда, дар эҷоди достон ба Хусрви Деҳлавӣ назар дошта ва аз шеъри Ҳофиз баҳра хӯрдааст.

Аз Шоҳин достони «Лайлӣ ва Маҷнун», маснавии «Тӯҳфаи дӯстон», қасида, ғазал, рубоӣ, мухаммас, тарҷеъбанд ва рисолаи «Бадоеъ-ус-саноеъ» мерос мондааст.

Дар асоси мазмуну мӯҳтаво ва маҳорати ҳунарии шоир эҷодиёти ӯро метавон ба се давра тақсим кард. Давраи аввалро машқҳои эҷодӣ ва пайравӣ ба осори гузаштагон ташкил медиҳад. Муҳимтарин осори индавраинаи ӯ достони «Лайлӣ ва Маҷнун» мебошад. Давраи дуюми эҷодиёти ӯро осори панду ахлоқӣ ва ғазалу қасоиди мадҳӣ ташкил медиҳанд. Дар байни ин осор маснавии «Тӯҳфаи дӯстон» мақоми хос дорад. Давраи сеюми эҷодиёти ӯ аз осори равшангароёна ва ислоҳотхоҳона иборат буда, моҳияти маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳӣ

доранд. Асари мансури «Бадоеъ-ус-саноеъ» ҷолибтарин намунаи осори индавраинаи шоир мебошад.

Дар оғози фаъолияти эҷодиаш Шоҳин бештар дар шаклҳои ғазал, қасида, рубоӣ ва қитъа шеър гуфтааст. Ин шеърҳо дар мавзӯҳои ишқӣ, мадҳиявӣ ва ислоҳотхоҳона навишта шудаанд.

Шоир дар ашъори ошиқонааш зебоӣ, ахлоқи неки инсонӣ, муҳаббату дӯстдорӣ ва самимияту собитқадамиро васф кардааст. Ин гуна шеърҳоро ӯ аксаран дар шакли ғазал гуфта ва аз оғоз устодиашро дар гуфтани чунин намуди шеърӣ собит кардааст. Ҳамчунин ин гуна ашъори ӯ гувоҳи онанд, ки Шоҳин аз меросбарони эҷодкор ва тозаҷӯи суннатҳои шеъри ҳазорсолаи тоҷик мебошад. Муҳимтарин фазилати ҳунарии ӯ дар ин давра он аст, ки вай пойбанди қолаб нашуда, дар шакл ва мундаричаи шеърҳояш навпардозӣ ва навовариҳо кардааст.

Мавзӯи ишқ ва тасвирҳои ошиқона аз равиши асосии ҳунарии шеъри классикии форсу тоҷик мебошад. Шоҳин дар ҳамин мактаб парвариш ёфта, ба камол расидааст. Вале аз нахустин кадамҳои эҷодиаш вай оҳангҳои ишқию иҷтимоиро ба ҳам созиш дода, дар ин замина барои ифодаи мазмуну ғояҳои нав даст ёфтааст. Ба ин далел ӯро метавон аз барҷастатарин шоирони замони худ шумурд.

Ҳиссиёти амиқи ошиқона, умеду орзуи инсонӣ, покии дилу назар муҳимтарин унсурҳои шеъри ошиқонаи ӯ мебошанд. Дар ин гуна шеърҳо эҳсоси фараҳангез ва созанда, ки некбинонаанд, бар заъфу нотавонӣ ғолиб меоянд. Қаҳрамони лирикӣ дар тасаввури шоиронаи Шоҳин ба зебоӣ ва осоиши мутлақ табдил меёбад ва дар партави ин андеша шоир саодатманду пирӯз ба назар меояд. Дар аксари ин гуна шеърҳо тасвири шоир заминаи воқеӣ дошта, аз тарзи баёни сӯфимашрабона то ҷое фосила мегирад. Ин фазилат шеъри ӯро бештар қарини рӯҳу андешаи хонанда месозад. Чанд байте, ки дар поён меоварем, далели самимият, табиият ва пайванди комили он бо ҳиссу андешаи заминии инсонанд, ки Шоҳин гуфтааст:

Ман, ки дар пойи ту кардам сари савдоиро,
Бохтам дар сари савдои ту муллоиро...
Дамаке аз рухи худ парда барандоз, ки ман
Аз рухат об диҳам чашми тамошоиро.
Табъи Шоҳин, ки ба ширинсуханӣ машҳур аст,
Ҳама аз лаъли ту омӯхт шакархоиро.

Мавзӯи ишқ дар тасвири шоир тарзи хоси баён дорад, ки истифода аз зарофату мутоибаҳои дилангез навъе аз он аст. Шоҳин шояд беҳтарин шоирест, ки эҳсоси поку самимии ишқи инсониро бо зарофати хоси шоирона бозгӯ мекунад ва ин нукта ба наъве пайванди табиии шеър ва андешаю орои ӯро бо ҳаёти заминӣ тасдиқ мекунад. Чунонки дар байтҳои поён ҳамин усул устодона корбаст шудааст:

Қурбони лаби лаъли шакархои ту гардам,
Мафтуни хати ғолияпирои ту гардам.
Лаб мегазӣ, эй шӯх, надонам, ки чӣ гӯӣ,
Аз нозукии тарзи адоҳои ту гардам.

Вале он чи гуфтем ба ин маънӣ нест, ки ҳамаи осори ишқии Шоҳин иборат аз оҳангҳои тарабангез ва шодиву нишот аст. Зиндагӣ ва носозгориҳои он ба тафаккури бадеии Шоҳин низ захмҳои дилозор гузошта буд. Муҳити нобасомони амирӣ, робитаҳои носолим ва фитнаангезу тамаъҷӯёнаи муосирон ва ниҳоят хеле бармаҳал аз даст додани ҳамсар ва тифли ятими «нофнобурида, в-аз шири ту (модар) чошнӣ надида» оҳанги фироқ ва навмедиро низ дар ашъори ошиқонаи ӯ ба вуҷуд овардаанд. Бинобар ин, ҳам қисме аз ашъори ошиқонааш моломоли оҳангҳои ҳичрон ва сӯзу гудози бедармони ишқ мебошанд. Ва худаш низ ба ин тарафи сарнавишташ ишора мекунад:

Касе чу ман набувад дар ҷаҳон нишони фироқ,
Ҳазор тири бало хурда аз камони фироқ.

Ҳамин тариқ, Шоҳин аз шоиронест, ки шояд бештар аз ҳама ба воқеияти ҳаёти инсон таваҷҷӯҳ доштааст. Аз ин ҷиҳат ӯ наметавонист ҳиссиёти олии ошиқонаи инсониро низ ҷудо аз воқеият якрӯву ноқис тасвир кунад. Ба ифодаи сареҳтаре бигӯем, шеъри ӯ симфонияи комили бисёрҷиҳатаи ишқи инсонист, ки зеру бомаш огандаи шодиву сурур ва ғаму дарду сӯзу гудоз аст, ки ҳардуяш ҳам дар тани як инсон мерӯяду месабзаду мегудозад.

Дигар аз анвои шеъри Шоҳин мадҳӣ буда, асосан дар қолабҳои ғазалу қасида суруда шудаанд. Чунон ки ишора ҳам шуд, Шоҳин бо дарбори амирони манғит робитаи наздик ва корӣ дошт. Вай аз надимони амирон Музаффар ва Абдулаҳад буд. Бинобар ин ҳам, бештарин қисмати осори мадҳияшро ба онҳо бахшидааст. Ин гуна қасидаҳои шоир ба талаботи назарии қасидаи классикӣ ҷавобгӯ буда, аз қисматҳои ташбиб, гурез, мадҳ, талаб ва хотима иборат мебошанд. Шоҳин ҳам ба тақозо ва талаби шаклии қасидаи классикӣ шеър гуфта, аз мадҳи шоҳ дурӣ ҷуста наметавонист.

Бад-ин лиҳоз, дар оғози фаъолияташ амирони манғитро ситоиш карда, ба ин васила онҳоро ба адлу инсоф даъват намудааст. Вале тадриҷан умедашро аз онҳо канда, ҳатто ба чунин хулоса меояд, ки

Аз ин қавм уммеди ёрӣ хатост,
Ки аз душман уммедворӣ хатост.

Замоне, ки аллакай миёни ӯ ва амир Абдулаҳад сардӣ афтид, мадҳияҳои ӯ мазмун ва оҳанги дигар мегиранд. Акнун бо мамдӯҳи фарзияш бо киноя, истеҳзо ва таъриз сухан мегӯяд. «Қасидаи узрхоҳӣ ба ташбиби асп» аз ҷумлаи ҳамин гуна қасидаҳост. Мо дар боло мактуби амирро ба қозӣ иқтибос кардем. Он вақт Шоҳин натавонистааст ба рикоби амир расад ва сафар дер мемонад ва ба қаҳру итоби амир гирифтор мешавад. Баъдтар барои дили амирро аз кудурат пок кардан қасидаи зикршударо месарояд. Қасида зоҳиран дар наъту мадҳи амир

Абдулаҳад мебошад. Вале дар асл таъризе дар ҳолу аҳволи амиру усули давлатдории ӯст. Дар ташбиби қасида шоир сабаби аз сафар дер монданашро ба он вобаста медонад, ки аспаш харобу лоғар буд ва ӯро сари вақт ба манзил расонида натавонист. Шоир сифатҳои бади «то ту яке лоғару бадному асав» (пир)-и худро бо камоли зарофатмандӣ тасвир карда, ҳолу ҳавои давлатдории амирро нишон медиҳад ва бо зарофат мегӯяд, ки магар ҳамин гуна аспи бадрӯю ганда, пиру корношоям сазовори надими амир аст. Шоҳин бо ин қасидаи мадҳӣ ва усули тасвиру баёни бозарофат амирро гул зада, ҳам худашро раҳо мекунад, ҳам нафраташро ба тарзи ғайри инсонии раҳбарии аморат баён мекунад.

Ҳамин оҳанг дар шеъри «Танаффур ва иҷтиноб аз сӯҳбати амир» хеле қавӣ ва таъсиргузор мегардад. Ин шеърро шоир замоне навишта буд, ки муносибаташ бо амир хуб набуд ва аз амиру аморат дурӣ меҷуст. Сарчашмаи нафрати шоир бетаваҷҷӯҳии амир ба инсони софдил ва поквиҷдону ҳунарманд аст, ки худи ӯ аз ин зумра буд. Шоҳин дар шеър воқеияти дарбори амирӣ, бекадрии аҳли ҳунар ва болошинохтану қадр кардани беҳунаронро чун фоҷеаи дарбор, ки худ низ хидматгузори ӯ буд, нишон дода, менависад:

3-ин сон, ки хоҳиши даҳр ҷуз шӯру шарр набошад,
Бадтар дар ин замона айб аз ҳунар набошад.
Суди матои дониш ғайр аз зарар набошад,
Одам касе нахонанд онро, ки хар набошад.
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад.

Шоҳин мисли Аҳмади Дониш ҳамоқати муҳити иҷтимоии замонаашро хеле амиқ дарк карда, мақоми Аҳмади Донишро низ равшан шинохта, дар як қасидааш аз ӯ ифтихор ҳам карда буд:

Чун иттиҳоди исму мусаммо муқаррар аст,
Гар хонамат паямбари охирзамон, чӣ шак?

Шеърҳои ин давраинаи Шоҳин бештар оҳанги навмедӣ доранд, ки зери фишори муҳити нобасомони иҷтимоии нимаи дуюми асри XIX ба вуҷуд омадааст. Ин оҳангҳои ифодакунандаи андешаҳои як нафар шоири равшанбин ва озодихоҳест, ки мехоҳад бандҳои маснӯъии иҷтимоию иқтисодӣ шикаста шаванд ва ҳокимони давр ба инсоф оянд. Вале талошҳояшро бенатиҷа дида, ба ҳасрат менигорад:

Чӣ мекунӣ гила аз мардуми замон, Шоҳин,
Ба гӯши хар натвон дод ҳарза бонги азон.

Дигар аз асарҳои диққатангези Шоҳин маснавии «Тӯҳфаи дӯстон» мебошад, ки дар пайравии «Бӯстон»-и Саъдӣ навиштааст. Шоир ҳарчанд байте-

Чу оғозу анҷоми солаш накӯст,
«Накӯии таърих» таърихи ӯст.-

соли хатми маснавиро 1307/1890 муайян кардааст, вале аз он танҳо қисме аз муқаддима ва як ҳикоят аз боби аввали он боқӣ мондаасту бас. Бинобар ин, ақидаи он ки ин асар нотамом аст, хақиқат наменамояд.

Бо вуҷуди он ки асар нотамом аст, ҳамон қисматҳои боқимонда олами маънавӣ ва ҷаҳонбинии Шоҳинро бозгӯ мекунанд. Аввалин манфиате, ки аз ҳамин ҳисматҳои боқимондаи асар бармеояд, арзиши тарҷумаиҳолии он мебошад. Дигар арзиши ин асар боз ҳам намудани чеҳраи саффок ва разилонаи амирони замон- падару писар Музаффар ва Абдулаҳад мебошад. Назари Шоҳин дар бораи амирони Бухоро ва тарзи кору рафтори онҳо аз назари Аҳмади Дониш фарқ надорад.Ӯ, ки бо Аҳмади Дониш хамнишаст ва ҳамфикр буд, наметавонист аз равиши ислоҳотхоҳонаи пешвои маорифпарварон дурӣ ҷӯяд. Аз ин ҷиҳат андешаи рӯшанфикронаи ӯ бо он чӣ Аҳмади Дониш дар ислоҳи муҳити аморат лозим медонад, ҳамоҳанг аст.

Аксари муҳаққиқон «Бадоеъ-ус-саноеъ»-ро аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, ғоя ва шакл аз муҳимтарин таълифоти Шоҳин эътироф кардаанд. Шоҳин ин асарро дар охири умраш, яъне солҳои 1893-1894 таълиф кардааст. Ҳарчанд номи асар ба ҷанбаи илмии он ишора кунад ҳам, вале «Бадоеъ-ус-саноеъ» асари бадеӣ буда, ба наср навишта шудааст. Асар бобҳо ва сужети ягона дорад, аз параҳои алоҳидаи ба ҳам пайванди маънавӣ дошта ва гоҳо мустақил иборат мебошад.

Шоҳин ин асари худро «Маҷмаъат-уш-шикоят» низ унвон карда, мақсади эҷодашро чунин баён кардааст: «Шоҳин аз он ҷиҳат, ки муҷиби ихтилофи афкор ва боиси инҳирофи атвор гардида буд, хост, ки ба муқтазои ҳол (ба) «Маҷмаъат-уш-шикоят» пардозад ва дар адои шикоят дастури ғариб оғозад. Чунон ки нигорандаро илалфавр эҷоби ханда ва баъдалғавр гиря тавонад намуд». Ин баёни Шоҳин ва мазмуну мӯҳтавои «Бадоеъ-ус-саноеъ» гувоҳи он аст, ки шоир дар вақти эҷоди ин асар аз бадкирдориҳои ҳокимони давр ба дод омада, хостааст ба ин васила ба фикру андешаи муосиронаш таъсир расонад, яъне ба қадри имкон вазъро ислоҳ намояд. Вазъи замон ба ӯ чунон таъсири манфӣ расонидааст, ки ҳокимони вақтро ба боди масхара мекашад. Дар муҳити хафақоновари аморати Бухоро фақат ӯ тавонистааст, ки афкори озодихоҳонаашро бо забони рамзу киноя баён намояд. Ӯ нафраташро ба низоми зидди инсонии амирӣ бо киноя, истиора ва тамсил ифода карда тавониста буд. Дигар роҳҳои баёни озод бар ӯ баста буд, зеро «замона ҳар заҳри коғазпече, ки омезад, чун кадуи нос дар коми» ӯ мерехт ва гетӣ «ҳар дуди талхе, ки» меангехт, « чун найи қалён дар димоғи» ӯ мебехт.

Аз ин ҷиҳат Шоҳин хеле боэҳтиёт сухан карда, бенизомиҳои чамъияти даврашро чунин тасвир мекунад: «Аллоҳ,Аллоҳ, дунё турфа тамошогоҳе шуда, афсус, ки дидаи бино ва дили огоҳ нест, то он чӣ ба дида бинад, ба дил гузорад, ба саҳфа нигорад... Аз устухони паҳлӯи ятим паркола бояд дод, то пораи ҷигари бевазан аз ҳилоли дандони ин зангиёни одамхор ситонидан тавонӣ ва домони паризоди саломат аз

кафи ихтиёр бояд ниҳод, то дар гӯшаи узлат аз санги маломати ин одамони девсар эмин бимонӣ». Шоҳин вазъро сареҳ ва фаҳмо баён мекунад. Вале вақти маслиҳат илоҷи онро медиҳад, хеле пӯшида ва рамзомез сухан мегӯяд, ки танҳо барои эҳтиёт аст: «Бода он ҷо ки хумор нашканад, пунба дар даҳони шиша неҳ, об ҳар гоҳ бар ноҳияи нахл қувват наяфзояд, дами теша беҳ». Чунон ки аз маънии ин ҳарфҳо бар меояд, бо ислоҳи чузъӣ ҷомеа обод ва осуда намешавад. Омилони ин ҳама вайрониро низ Шоҳин хеле пардапӯшона нишон медиҳад, ки амир ва аҳли рикоби ӯ мебошанд: «Обмӯрӣ агар аз боғ калон аст, гила на аз кундии хору пастии девор (балки) аблаҳии боғбон аст».

Шоҳин поёни ин мусибати иҷтимоиро намебинад ва ноумедона менависад: «Чун тирабахтӣ муҳити ҷомеа ҷиҳати аҳволи мост, бар тақдири инқилоб низ аз фирӯзии иқболи мо ҷои умед нест... то дӯстони якҷиҳат хотири афсурда ва табъи пажмурдаи моро ба татмеъи табаддули шарру вуболи имрӯзаи мо ба хайру наволи фардо тасаллӣ надиҳанд, ки напиндорем ва ҷомаи ҳирсу озо моро ба зевари қалб пардоз накунанд, ки бовар надорем....»

Аз вазъи нофарҷоми ҷомеаи давронаш шоир ба сарҳади маргдӯстӣ мерасад ва зиндагиашро ба ин тарз хулоса мекунад: «Мехоҳам, ки аз тангнои зиндагӣ, ки машғалаи он ҷуз харбандагӣ нест, ба олами бакр, ки фарохнои озодист ва холӣ аз татовули бедодӣ, пои реҳлат фаро ниҳам ва вопасмондагонро хайрбоде кунам ва дуо бидиҳам...»

Бо вуҷуди гуфтори рамзомез, Шоҳин дар хотимаи рисолааш нафраташро ба ҳокимони давр ошкоро ва сахт баён мекунад. Ин далели ҷойгоҳи ӯ дар ҷараёни ислиҳотхоҳии даври зиндагиаш аст, ки сарварии ин ҷараёнро Аҳмади Дониш ба ӯҳда дошт. Ӯ менависад: «Сафҳаи ҷаҳон аз хутути имтиёз орист ва ҷаҳл дар мизоҷи ҳар тоифа сорӣ. Оҳ аз ин бесаводон, ки исми аъзамро исми азим мехонанд ва лифофаи ракимаро ливотаи рукия медонанд. Гӯсола то гов ва мошоба то палов фарқе натавонанд намуд. Бале, мард дар назари ин тоифа муаннас аст, аз он ки

худҳо муаннасанд...». Шоир дар хотимаи рисола ба Худо паноҳ мебарад ва дуояш даъвати ошкоро ба тағйири низом мебошад: «Худоё, ба ман ҳақро ҳақ нишон деҳ ва ба ҳақ пайравӣ намуданро рӯзӣ кун ва ботилро ботил нишон деҳ ва аз ботил парҳез намуданро рӯзӣ кун...»

Абдулқодирхоҷаи Савдо

(1823-1873)

Абдулқодирхоҷаи Савдо яке аз шоирони тавонои адабиёти нимаи дуюми асри XIX тоҷик буда, бо ашъори рангин, бахусус лирикаи дилангез ва ҳаҷвиёти иҷтимоиаш дар таърихи адабиёти тоҷик нақш ва ҷойгоҳи хос дорад. Мутаассифона, дар бораи зиндагиномаи ин шоири равшанбин ва тозаназар чандон маълумоти дақиқе дар даст нест. Фақат аз нишондоди тазкираҳо бармеояд, ки вай миёни солҳои 1823-1824 дар шаҳри Бухоро ба дунё омада, дар ҳамин шаҳр хату савод баровардааст.

Назар ба шаҳодати Возеҳ, Савдо аз авлоди шоир ва олими маъруфи асри XVII Мавлоно Шариф будааст. Аз ин гуфтаи Возеҳ метавон тахмин кард, ки падари Савдо низ шахси фозили даврони худ будааст.

Аз маълумоте, ки Возеҳ меоварад, бармеояд, ки Савдо дар синни бист-бистудусолагӣ мадрасаро хатм карда, дар заминаи илмҳои замонаш дониши кофӣ доштааст. Ҳамчунин вай дар қатори илмҳои маъмули замонаш бисёр ҳунарҳои дигарро аз худ карда, дар ин замина дониш ва таҷрибаи комил доштааст. Назар ба қавли Возеҳ, Савдо дар илмҳои табиӣ ва санъатҳои нафиса низ дониши хуб ва таҷрибаи кофӣ ҳосил карда будааст. Ҳамчунин дар илмҳои нуҷум, мусиқӣ, адвор ва наққошиву заргарӣ низ дониш ва таҷрибаи кофӣ доштааст. Тазкиранависони дигар, Ҳашмат ва Садри Зиё маҳорати ӯро дар хаттотӣ ва танбӯрнавозӣ таъйид кардаанд.

Вале чеҳраи ин марди донишу ҳунарро барои замони мо ҳунари волои шоириаш ҳифз кардааст. Аз рӯи ахбори тазкираҳо маълум мешавад, ки вай ҳанӯз замони таҳсил дар мадраса ба гуфтани шеър шурӯъ карда ва дар ин замина шӯҳрат ҳам ёфта будааст. Шоир

шеърҳояшро бо тахаллуси Савдо ва Бепул гуфта, барои ашъори лирикиаш тахаллуси аввал ва барои осори ҳаҷвиаш тахаллуси сониро интихоб кардааст. Аз як қитъаи маснавии Мирзо Абдулазими Сомӣ «Миръот-ул-хаёл» бармеояд, ки Савдо дар замони аморати амир Насруллоҳхон, яъне дар солҳои 1826-1860 маъмури тарроҳӣ ва наққошӣ дар дарбори амир будааст. Сомӣ меоварад, ки –

Дар айёми султони волоҷаноб,
Амир Насруллоҳ – баҳодурхитоб.
Ба тарроҳиву нақш маъмур буд,
Зи инъоми алтоф масрур буд.

Ин санад собит месозад, ки Савдо на фақат дар хидмати дарбор будааст, балки «инъоми алтоф»-и амирро низ дида ва масрур ҳам будааст. Вале дар боби ҳолу аҳволи ӯ дар ин давра маълумоти дақиқ ва ҷомеъе дар даст нест. Ба шаҳодати тазкиранависон, аз ҷумла Возеҳ, Садри Зиё, Савдо баъди амир Насруллоҳ, яъне дар замони аморати Музаффар низ аз надимони боэътибор ва дар сафарҳои амир ҳамрикоб будааст. Аммо адабиётшиносон Р. Ҳодизода, У. Каримов ва С. Саъдиев чунин ҳадс задаанд, ки «…наздикии Савдо ба амир гумон аст, фақат баъди ба тахт нишастани Музаффар воқеъ гашта бошад. Ба назари мо, Музаффар Савдоро ҳанӯз дар вақти зиндагии падараш мешинохт ва аз эҳтимол дур нест, ки Савдо солҳои дар Кармина будани Музаффар чанд вақт дар хидмати ӯ буда бошад.» (Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX. –Душанбе: «Маориф», 1988.-С.362).

Мутаассифона, Савдо ашъорашро дар як девон ҷамъ наовардааст. Бо вуҷуди ин ба воситаи ҷунгу тазкираҳо аз ӯ ба миқдори муайян ғазалу қасида, мухаммас ва рубоӣ то ба мо расидааст. Савдо ба ҷуз ашъори лирикӣ ҳикояҳои хурди ҳаҷвӣ низ навиштааст, ки бо номи «Музҳикот» машҳур аст.

Симои шоирӣ ва мавқияти Савдоро ашъори ғиноӣ (лирикӣ) ва ҳаҷвиёти ӯ равшан ифода мекунанд. Ба ифодаи дигар, осори аз ӯ боқимонда баёнгари рӯҳия ва андешаҳои инсонию ҳунарияш мебошанд.

Дар оғози фаъолияти ҳунариаш Савдо низ чун бисёре аз ҳамзамононаш зери таъсири сабки бедилӣ қарор дошт. Ин таъсир бештар дар ғазалиёти зоҳидонаи ӯ чашмрас буд. Бо вуҷуди ин тафаккури бадеии ӯ аз воқеияти зиндагӣ маншаъ мегирифт ва дар ҳамон осори тақлидиаш низ андешаҳои танқидӣ ва таблиғи хайру ахлоқи неку парҳез аз разоили ахлоқӣ ҷойгоҳи хос дошт. Ин гуна осори шоир ҳунармандона гуфта шуда, дар онҳо ҳунари суханварии ӯ ба ҳадди камол аст. Аз ҷумла, ғазали зерин, ки дар пайравии Бедил гуфта шудааст, бо мазмуну мӯҳтаво ва балоғату фасоҳати тасвир ҷолиби таваҷҷӯҳ аст. Шоири тавоно ғазалро дар такия ба воқеияти замони зиндагиаш гуфта, ба фасоди ахлоқии шоеъ дар замон ишораҳои равшан ва кӯбанда дорад. Чунончи:

Ғайри ранҷурон зи кас аҳволи ранҷурон мапурс,
Захм донад чист ҳоли ҷисми лоғар теғро.
Донишат гар ҳаст асбоби тамаллуқ гӯ, мабош,
Зевараш лозим набошад, ҳаст гавҳар теғро.
Аз мувосоҳои софитинатон эмин мабош,
Фитнаҳо дар табъи ҳамвор аст музмар теғро.
Аз фусуни тарбиятҳои замон эмин мабош,
Рӯй бар санг аст аз дасти фасонгар теғро.
Табъи Савдо пур зи истеҳсони дунон, тира аст,
Санги нохуш аз фасон созад муқаддар теғро.

Ин байтҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки шоирро муҳити зиндагӣ ва фаъолияташ то ҷое озурда медорад, ки пеш аз ҳама ба ахлоқи муосиронаш вобастагӣ дорад. Ифодаҳои «дунон», «фитнаҳои софитинатон», «истеҳсони дунон», «санги нохуш» ва ғайра ифодагари нафрати шоир ва муҳити ахлоқист, ки ӯро ранҷи моддӣ ва маънавӣ медиҳад.

Оҳанги яъсу навмедӣ ва гоҳо шикоятҳои талхе, ки дар ашъори шоир дида мешавад, ба воқеияти зиндагии ӯ рабт мегирад. Аз маълумоти сарчашмаҳо бармеояд, ки Савдо муншии мирзохонаи амир будааст. Ҳамчунин вазифаи меъмори дарборро низ иҷро мекардааст. Баъди чанде надими дарбор таъин шуда, унвони уроқӣ мегирад. Вале ҳамаи ин зиндагии ӯро таъмин намекард.

Аз китобҳои таърихӣ ба мо маълум аст, ки амир ба дарбориён маоши моҳона намедод. Ягона сарчашмаи зиндагии онҳо «хизматона» буд, ки онҳо ба ивази иҷрои маъмурияте дарёфт менамуданд. Устод Айнӣ дар боби тарзи зиндагии Савдо сухан ронда, аз ҷумла дар бораи «хизматона» чунин менависад: «Ин даромади садақамонанди номуайян на танҳо рӯзгори ӯро, ҳатто аспон ва саиси дар дарбор доштаашро ҳам сер намекардааст.» (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, қ.3. Сталинобод, 1950, саҳ-127).

Чунин вазъи зиндагӣ ба рӯҳияи шоир бетаъсир буда наметавонист. Бинобар ин ҳам дар ашъори ӯ ҷой гирифтани мавзӯи қарз ва тангии рӯзгор ҳодисаи тасодуфӣ набуд. Ин ҳолати рӯзгори ӯ дар бисёре аз шеърҳояш ба такрор зикр шуда, аз як тараф вазъи ногувори ҳаёти маишии шоирро нишон диҳад, аз тарафи дигар, шароит ва тарзи зиндагонӣ, рӯзгузаронии табақаҳои гуногуни мардумро ба тарзи воқеӣ тачассум мекунад. Чунин мавзӯъ, ки бешак, бозгӯи ҳолати зиндагии худи шоир низ ҳаст, дар ғазали зер воқеъбинона ва таъсиргузор тасвир шудааст:

Эй ки пул дорӣ, ба ҳоли бепулон тасхар макун,
Хотири ин бенавоёнро зи ғам абтар макун.
Дарди сар бисёр дорад дафтари тумори қарз,
Ҷуз фаромӯшӣ агар бинвишт, яке аз бар макун.
Ҳар кас ин ҷо воқифи кайфияти қарзи худ аст,
Қарзи мардумро зи ман, гар бишнавӣ, бовар макун.
Он ки бо мо додаӣ қарзе зи баҳри маҳҷурӣ,
Як-ду рӯзи дигаре ҳам сабр кун, маҳзар макун.
Домане дорӣ зи доғи муфлисӣ пур аз дирам,

То дирамҳоят нарезад бар замин, чодар макун.

(Савдо. Мунтахабот. Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958.-с.30).

Ин қабил шеърҳои Савдо кам нестанд ва шоир дар онҳо вазъи ахлоқӣ ва маишии ҷомеаро ба тасвир кашидааст. Чунин вазъи зиндагӣ фақат марбути шоири ранҷида набуд, балки ӯ дар матни воқеияте шеър мегуфт, ки муосири рӯшанбинаш Аҳмади Дониш дар сифати он навишта буд: «…шаб то субҳ фасоду фисқ эҳё кунад» (С. Улуғзода. Аҳмади Дониш. Сталинобод:Нашрдавтоҷ, 1964, с.44). Ҳамин гуна муҳити дарборӣ шоирро озор медод. Ҳеҷ мумкин набуд, ки Савдои надими амир ба вазъи ахлоқии аҳли дарбор, ба ҳоли мардум, ки худаш яке аз онҳо буд, бепарво бошад. Махсусан тарзи зиндагӣ, завқи шахсии амир, хулқиёти ӯ амалу кирдори аҳли рикобаш, ки Аҳмади Дониш тасвир карда буд, шоири озодаро бетараф намегузошт. Табъаш «зи истеҳсони дунон тира» будааст.

Дар асари насриаш «Музҳика» аз қадр ва манзалати хеш бо алам ёд мекунад ва мегӯяд: «Аз ҳар пеша, ки дар ҳеҷ мақом борам надоданд ва дар ҳеҷ маҳфил эътиборам накарданд. Умрест искофу наддофам мехонад ва ин аллофам медонад, вай саррофам мегӯяд, он саҳҳофам мешуморад. Ӯ гумон дорад, ки таввофу ҳаррофам, ки шарафи қабули зурафо дарёфта, муште аз ҷуволи маънӣ гӯшаи руймол баста бошам ва муфтахирона тарфи кулоҳи нихват шикаста, аз боди бурут тунд нишаста. Бале, бале метавонад, ки саҳҳофам сар аз дарвозаи дутабақаи китоб дарун карда бошад. Ман ҳам дар бораи он к…фурӯш гумони фаросате доштам». (Савдо. Ҳамон асар, саҳ.125).

Шоир ҳарчанд аз ин рақиби мунодиаш мушаххасан ном намебарад, вале шахсияти ӯро ба бодияи масхара мекашад ва таҳқираш мекунад. Савдо дар ин пора ва бисёре аз дигар намунаҳои осори дар бораи шахсияте ё ашхосе ҳарф мезанад. Вай онҳоро чашми дидан надоштааст, балки онҳо душманони воқеии ҳунари шоир будаанд..

Ҳатто дар як қасидае, ки бо мисраи «Шоме нишаста будам, чун ғам ба хилвати дил» оғоз мешавад, шоири ҳунарманд аз ҳунари шоириаш бо камоли маҳорат истифода карда, бо воситаи саноеъи бадеии иҳому киноя ва истиора ҳоли рӯҳӣ ва мавқеияти иҷтимоии худро равшан нишон медиҳад. Шоир тасвир мекунад, ки «Шоме нишаста будам чун ғам ба хилвати дил, Ногаҳ даромад аз дар он нозаниншамоил. Чини ғазаб бар абру, ҳарфи ситеза бар лаб». Шоир аз ӯ мепурсад, ки «Ман ҳаргиз инчунинат пур хашму кин надидамат», «баҳри кадом тақсир бо мо итоб дорӣ». Он «нозаниншамоил» тақсирҳои шоирро «бо ҳуҷҷату далоил» бар гарданаш мегузорад ва дар идомаи мунозира мегӯяд:

Ҳеҷат нагашта маълум, к-ин нӯҳравоқи доир,
Ҳеҷат нагашта мафҳум, к-ин рӯзгори ҳоил.
Баҳри чӣ бар маромат гоҳе назад мувофиқ?!
Баҳри чӣ бар муродат коме накард ҳосил?!
Ҳолат чаро забун аст, бахтад чаро нагун аст,
Он ҳолу ин камолот , он бахту ин фазоил?
Табъе бад-ин равонӣ, бошад чаро фусуда?
Фикре бад-он баландӣ, баҳри чӣ монда отил?
Қарзат гузашта аз ҳад, харҷат нагашта ноқис,
Рафт аз миён фароиз, ту дар ғами навофил.
Эй бехирад, бад-ин сон савдои хом то кай,
То чанд дар димоғат бошад хаёли ботил?
Он нестӣ, ки умре сарфи камол кардӣ,
Акнун чаро фитодӣ дар зумраи арозил?
Он нестӣ, ки гоҳе шеъре агар бихонӣ,
Аз шаш тараф бигӯянд: «Лиллоҳ дур(р) қоил?»
Табъат чунончӣ донам, аз ҳарчи ҳаст, олӣ,
Бахтад, чунин ки бинам, аз ҳар чӣ ҳаст софил.

(Савдо. Ҳамон ҷо.с.184-185).

Он «нозаниншамоил»-и шоир, яъне қаҳрамони лирикии фарзӣ дар идомаи байтҳои ин қасидаи ғарро шоирро ба мурофиа мекашад, чеҳраи

зору залилашро дар оинаи зиндагии нобасомонаш нишон медиҳад, ҳеҷ узри шоирро намеписандад. Шоир ҳатто вақте сабаби ба чунин ҳол расиданашро ба қазову қадар ҳавола мекунад. Он «нозаниншамоил» бармеошӯбад ва ҳарфи шоирро дар ин боб рад карда мегӯяд:

Умре гузашт, то кай, монанди Амри мафъул
Зарби замона хӯрдан аз дасти Зайди фоил?
Авқот сарф кардӣ, аъмоли зишт боқист,
Ҳарчанд хонда бошӣ аз «Сарф» ал- Авомил.

(Савдо, саифаи 85).

Шоир аз истинтоқи он «нозаниншамоил», ки ғами ӯро мехӯрад ва ба сарнавишти шоир бетараф нест, ранҷи рӯҳӣ мебарад ва дар ҷавоб байтҳои пурдарде мегӯяд, ҳоли дилу рӯҳи ӯро дар баробари рӯзгори бемеҳру барсиёқ таҷассум мекунад:

Андар ҷигар маро ҳаст чандин ҳазор сӯрох,
Аз касрати махориҷ, аз қиллати мадохил.
Маккораи замона дар соғари умедам,
Аз дарди муфлисӣ рехт ин шарбати ҳалоҳил.

(Савдо, саҳ-85)

Зимнан, агар ба ёд оварем, ки Савдо дар чӣ замоне мезист ва надими чӣ гуна амире буд, он вақт тафсири ин қасидаи пурдарди шоирро бояд аз айбномаҳое, ки Аҳмади Дониш ба усули роҳбарии амир Музаффар баста буд, ҷӯё шавем.

Баъзе муҳаққиқон дар шинохти воқеияти замон ва дарки таҳаввулоти иҷтимоии он давра Савдоро аз Аҳмади Дониш ва ҷараёни рӯшангариҳои он рӯзгор ҷудо кардаанд, ки ба ҳақиқат рост намеояд (ниг. Р. Ҳодизода. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX. – Душанбе: нашриёти Дониш, 1968.-саҳ-152). Ҳамчунон ки Сотим Улуғзода дар рисолаи «Аҳмади Дониш» навиштааст, «меҳмонхонаи Аҳмад махдум салоне буд, ки интилигенсияи аз замона норозӣ дар вай ҷамъ шуда, дарду ҳасрат мекарданд, мусоҳибаҳои илмӣ ва адабӣ менамуданд, шеърҳо мехонданд. Дар он ҷо ҳар вақт донишманди аксари

илмҳои замон Абдулмаҷиди Зуфунунро дидан мумкин буд, ки ғайр аз тоҷикӣ боз ба забонҳои туркӣ-усмонӣ ва арабӣ шеърҳо мегуфту ба амир ва дарбориён нафрати сахт дошт, ин нафрати худро пинҳон ҳам намекард ва барои он ки ба ҷавобгарӣ накашанд, худро ба девонагӣ зада мегашт, шоир ва танбурии «озодалибос, озодмиҷоз ва хуррамтабиат (ба қавли С.Айнӣ) Мулло Каромати Дилкашро дидан мумкин буд, ки садои танбӯраш бухориёнро мафтун карда буд. Инҳо шогирдони Аҳмади Дониш буданд. Донишманди илмҳои адаби тоҷикӣ ва арабӣ, мусиқашиноси номӣ Эссо (Исо) махдум, ки оҳангҳои шашмақомро худ мехонд, дар танбӯр менавохт ва онҳоро аввалин бор ба нота ҳам дароварда буд, аз мусоҳибони хоси Аҳмади Дониш буд. Инчунин шоири машҳур Шамсиддин махдуми Шоҳин, луғатдон, тарҷумаиҳолнавис ва соҳиби тазкира Ҳоҷӣ Азими Шаръӣ, наисандаи ғазали машҳури «Гуфтам: ҳама побанди ту шуд, гуфт: шумо чӣ?» Мирзо Ҳайати Саҳбо, аз фозилони замон Мулло Маҳмуд Симо, шоир ва муншӣ Мирзо Азими Сомӣ, шоири забардаст ва хуштабъ Савдо ва боз як чанд фозилони дигар ба меҳмонхонаи Аҳмади Дониш рафтуой доштанд ва мусоҳибони ӯ буданд» (С. Улуғзода. Аҳмади Дониш. –Сталинобод: нашрдавтоҷ, 1946. саҳ-83).

Ҳеҷ мумкин набуд, ки Савдо дар ин мусоҳибатҳо фақат хомӯшӣ ихтиёр карда, худро аз доираи андешаҳои рӯшанфикронаи Аҳмади Дониш ва дигар ҳамсӯҳбатонаш канор гирифта бошад ва ё аз воқеияти сиёсӣ ва иҷтимоие, ки дар Бухорои амирӣ ҷараён дошт, комилан бехабар бошад. Агар ҳамин тавр мебуд, агар ӯ худро ба нодонӣ мезад, сатрҳои пурсӯз ва пуреътирози ашъори кӯбандааш ба майдон намеомаданд. Ҳеҷ мумкин набуд, ки надими амир Музаффар буда, аз он чи дар тавсифи ҳолу аҳволи манғити саффок Аҳмади Дониш гуфтааст, бехабар бошад. Албатта, он чи Аҳмади Дониш дар пораи зер гуфтааст, ӯ бо чашми сар медид, мушоҳида мекард ва дар шеъраш ба қазовати куллии он мепардохт.

Сотим Улуғзода пораи зерро аз забони Аҳмади Дониш дар тафсили яке аз сафарҳои Амир Музаффар ба Қаршӣ меоварад, ки ин аст: «…сармо ва соиқа ва барфи шадид меборид, амир аз Қаршӣ баромада, азимати Бухоро мутасаммим намуда, дар он шаб аз вуфури (зӯрии) боду соиқа ва борону барф аксари ҷодаҳо (роҳҳо) аз назар пӯшида шуда, бисёр касон дар дашт аз роҳ баромада, ба ҳалокат расиданд. То дар манзили аввал Хоҷа Муборак 30 нафар аз сарбози пиёда бероҳа гашта мурда, мурдаи онҳоро оварданд. Худи ин ҳақир низ ҳамроҳи рафиқон ба ҷон тарсида, ба қиёсу шавоҳид роҳ гум накарда, ба манзил расидем… Рафта нузул намудем… дар хонаи тангтар аз қасри вазир ва сиёҳтар аз бахти амир он шабро ба рӯз овардем» (С. Улуғзода, ҳамон ҷо. саҳ-49).

Савдо аз ҳолу аҳволи аморат огоҳ буд ва ашъорашро дар матни ҳаводиси фоҷиабори замони зиндагиаш гуфтааст. Дар як маснавиаш, ки мутоибаомез аст, аз марги фарзанди бузургсолаш бо дарду алам ёд карда, замонро ба бодияи масхара мекашад:

Ман ин нома аз гуфтаи бостон,
Бипайвастам аз ранг чун бӯстон.
Бар онам, ки шояд зи аҳли хирад,
Ба хондан равонам ба ёд оварад,
Маро аз чиҳил шуд фузун солиён,
Басе дидам аз даҳр суду зиён.
Басе шодию сӯҳбати дӯстон,
Басе боғу роғу басе бӯстон.
Басе молу ҷоҳу басе ҳирсу оз,
Басе заҳмату ранҷҳои дароз.
Ҳама ранҷ аз сина берун шавад,
Ба ҷуз доғи фарзанд, к-афзун шавад.
Дареғо, тану ҷону чашми чароғ
Ба хок андарун, фориғ аз боғу роғ.
Дареғо, ҳамон бурзу болои ӯ,
Дареғо, ҳамон кифту волои ӯ!

Кунун ман киро гирам андар канор,
Ки бошад ба ҳар ғам маро ғамгусор?
Маро зиндагонӣ кунун рафта гир,
Агар моҳу сол аст, худ ҳафта гир,
Ки аз умр чандон ки паймудаам,
Бар онам, ки бар ҳеҷ афзудаам.
Дили ман кунун аз сухан шуд дижам,
Хамӯшӣ гузинам, ки ҷаффалқалам.[2]

(Савдо. саҳ-109).

Шоири ҳассос ва мушоҳидакор аз беадолатии тақдир, чарх, ки ба мафҳуми «хармизоҷ» - одамони беилму дониш ва разил мои ласт ва онҳоро мӯҳтарам медорад, меситезад ва бо ҳузни ҷигарсӯз мезорад:

Эй чарх, бигӯ, ки дар чӣ созӣ,
То чанд маро наменавозӣ?
Зулми ту зи мағзи ҷон гузаштаст,
Бедоди ту з-устухон гузаштаст.
З-ин сон, ки ба мо ҷафо намудӣ,
Бар мардуми дун вафо намудӣ.
Моро ту чунин хароб кардӣ,
Бошад, ки ту ҳам хароб гардӣ.
Гар мавҷиби марҳамат намудан,
Дар назди ту буд сифла будан,
Мо ҳам шудаем сифла, бинвоз!
Бар ҳоли хароби мо бипардоз!
Бо мо дилат арчи сахт санг аст,
Бингар ки чӣ гуна ҳол танг аст!
То чанд ба хармизоҷ мардум,
Созӣ ту муруввату тараҳҳум.
Мо ҳам шудаем хар, ҷуле деҳ!
Аҳмақ шудаем, ҳам пуле деҳ!

[2] ҷаффалқалам-сиёҳии қалам хушк шуд.

(Савдо, ҳамон ҷо. саҳ-110-111).

Ҳарфҳои тамасхуромези Савдо ба онҳое нигаронида шуда буд, ки воқеан ҳам сифла ва хармизоҷ буданд ва ғами инсонҳои дигарро намехӯрданд. Шароити аморат шоирро ба ҳолате овардааст, ки бояд сухани дурушт ва гоҳо қабеҳ гӯяд, замон ва замондоронро бо ҷасорати тамом таҳқир кунад. Дар ин равиш ӯ бо Аҳмади Дониш ҳамсадост.

Савдо дар муҳити адабӣ ва ҷамъиятии Бухоро ҳамчун инсони хоксор ва хушхулқ эътибор дошт. Дар шеъраш ва амалан ҳам мардуми ранҷдидаро ҳимоят мекард. Устод Айнӣ дар таъкиди фазилати халқпарварии ӯ дар «Ёддоштҳо» лаҳзаи бисёр ҷолиберо аз нақли писари шоир меоварад. Мо низ онро иқтибос мекунем зеро ин пора чеҳраи ботинӣ ва зоҳирии Савдоро хеле равшан таҷассум кардааст:

«Дигар аз нақлҳои писари Савдо ин буд, ки назди амире боре ба Шаҳрисабз рафтааст. Дар он ҷо одат ин будааст, ки ҳар кас ба касе даъвое дошта бошад, ариза навишта оварда, ба яке аз дарбориён медодааст, ки ба амир расонда ҳукме барорад.

Рӯзе дар Шаҳрисабз дар пеши дарбори амир Савдо бо либосҳои расмии худ ба лаби суфачае нишаста будааст. Яке аз имомҳои деҳот аризаеро бо ривояти муфтии вилоят ба ӯ супурдааст, ки ба амир расонад. Мазмуни ариза ин будааст, ки як деҳқон бо ин имом дар вақти талаби ҳаққи имоматӣ низоъ карда, ӯро «дар ҳалқат фалон» гуфта ҳақорат кардааст ва мазмуни ривоят ин будааст, ки авоме муллоеро «ҳалқ» гуфта ҳақорат кунад, кофир мешавад ва куштани ӯ аз рӯи шариат лозим аст.

Савдо баъд аз мутолиаи ариза ва ривоят ба он мулло гуфтааст:

-Касе касеро «ҳалқ» гуфта ҳақорат кунад, кофир намешавад. чунки ҳалқ тобеи шикам аст, шикам бошад, пур аз наҷосат аст. Ҳамин тарз фарз кунед, ки оби гандае ба хандақ рафтааст. Агар бовар накунед, ман ҳам ба ҳалқатон фалон кунам! Дида истодаед, ки бо ин алфоз ман кофир нашудам, пас он деҳқон чаро кофир шавад? Хезед, дафъ шавед. Мулло, ки аз одами расмии дарбор ин муомиларо дидааст, ариза ва ривояти худро партофта гурехтааст» (С. Айнӣ. Ёддоштҳо. қ.3.

Сталинобод, с.128). Ин ривояти Айнӣ, ки аз забони писари Савдо нақл кардааст, аввалан вазъи зиндагии ин шоирро дар охири умраш нишон диҳад, сониян хулқиёти неки инсонӣ ва ҷасорати ӯро собит месозад.

Ин шоири ранҷкашида ва ҳақшинос баҳори соли 1220 ҳичрӣ (1873 мелодӣ) бо маъмурияте дар роҳи сафари Балҷувон ғарқ шуда мемирад, ҷасадашро дар Бухоро оварда, дар саҳни масҷиди Мавлоно Шариф дафн мекунанд. Ин масҷид дар гузари пештараи Мавлоно Шариф (хиёбон ҳозираи Хоразм) воқеъ будааст. Савдо натавонистааст, ки дар замони зиндагониаш девони осорашро мураттаб созад. Шояд аз ҳамин сабаб он чӣ ки аз ӯ боқӣ мондааст, ба миқдор кам аст. Вале осори боқимондаи шоир миқдоран кам бошанд ҳам, аз ҷиҳати мазмун, мундариҷа ва фасоҳату балоғат ҷолиби диққат мебошанд. Яке аз аввалин муҳаққиқони осори шоир Г. Галимова мероси боқимондаи Савдоро «тақрибан аз ҳазору нӯҳсад мисраъ иборат» (Савдо. с.19) медонад, ки аз ғазал, қасида, марсия, мухаммас, тарҷеъбанд, маснавӣ, қитъа, рубоӣ, фард ва таърих таркиб ёфтааст. Ҳамчунин намунаи шеърҳои ӯзбекӣ ва «Музҳикот»-аш, ки дар шакли наср гуфтааст, низ имрӯз дастраси хонандагон мебошанд.

Муҳаққиқи дигари ҳаёт ва осори шоир Расул Ҳодизода тамоми осори манзуми шоирро ба ду қисм – «ба лирикаи ишқӣ ва ашъори ҳаҷвию мутоибавӣ ҷудо карда, дар ин замина оид ба мавзӯю мундариҷа ва ҳунари шоирии Савдо баъзе мулоҳизаҳо баён доштааст». (Р. Ҳодизода. ҳамон асар, с.137-182). Ин донишманд дуруст хулоса кардааст, ки « вақте мо мавзӯи умумии ашъори лирикии Савдоро аз назар мегузаронем, мумкин аст, чунин тасаввуроте ҳосил шавад, ки ӯ дар ғазалиёташ ҳамон оҳангу мазмунҳои «анъанавии» назми классикиро давом додааст ва дар лирикаи ишқӣ чизи наве дохил накардааст. Албатта, ин тавр гуфтан тамоман нодуруст аст. Лирикаи Савдо ба андозаи муайяне инъикоси муҳити давраи худаш буд ва ин муҳитро бо роҳу равиши махсуси худ акс кунонидааст.» (Р. Ҳодизода. ҳамон асар, с.125).

Воқеан ҳам, чунон ки дар боло ишора ҳам шуд, Савдо шоири хоси даврони худ аст ва дар ифодаи мавзӯъ ва тарзи нигориш тариқи худро вазъ кардааст.

Мутаасифона, адабиётшиносии вулгарии солҳои панҷоҳу шаст бо тафсири нодурусти масъалаи пайравӣ ба Бедил ба шахсияти бисёре аз шоироне, ки дар татаббӯъи Бедил шеър гуфтаанд, то ҷое латма ворид карда, чеҳраи ҳунарии онҳоро хира ва ғайривоқеӣ ба қалам дод, ки Савдо низ аз осебдидагони ҳамин ҷараёни фикрист.

Албатта, Савдо дар шакл баъзе ғазалҳояшро дар пайравии Бедил гуфтааст. Вале он панҷоҳ ғазале, ки дар мунтахаботи ӯ гирд омадаанд, танҳо шаклан ба тарзи Бедил монандӣ доранд. Ба ифодаи дигар ӯ аз фасоҳат ва балоғати Бедил истиқбол кардааст, ки марбут мешавад ба фазилати сухангустарӣ ва тасвиркории шоир. Дар асл чун ба мазмуну мӯҳтавои ин ғазалҳо менигарем, мебинем, ки соҳиби онҳо дар заминаи воқеияти дигар бо савияи ҳунарии дигар шеъри ба воқеият наздик гуфтааст. Яъне, андешаҳои шоиронаи ин суханвари ба қавли Айнӣ «қашшоқу лоубол» (С. Айнӣ. Ёддоштҳо. қ.3. с.127) дар заминаи он чи ӯ дида ва ҳис кардааст, шакл гирифтааст. Аз ин ҷиҳат шеъри Савдо ба шеъри ҳеҷ яке аз муосиронаш ва пешиниён низ монанд нест. Савдо шояд ягона шоирест, ки шеъри иҷтимоиро ба ғиноӣ пайваста, ин намуди осори бадеиро аз ифодаҳои хушку забонзада холӣ кард ва ба он ҳусни бадеӣ бахшид. Зиёда аз ин шоир тавонист, ки ба воситаи ашъори тасвирӣ андешаҳои интиқодӣ ва ахлоқии худро баён кунад. Ин гуна ашъори Савдо такрори тарзу тариқи гузаштагон набуд. Савдо дар ғазалҳо ва шаклҳои дигари шеърӣ мушоҳидаҳояшро аз воқеияти замонаш ба шеър овардааст.

Чунин тамоили аз воқеият маншаъ гирифтани андешаи шоирон ба сохт ва мундариҷаи ашъори ӯ таъсири мусбат расонида, бисёре аз намунаҳои осори ӯро ҷовидонӣ сохтааст, ки якеи онҳо ғазали ғаррои «Омадӣ ҳарфи ниҳонӣ, ба ту дорам, бинишин» мебошад. Расул Ҳодизода барҳақ мегӯяд, ки «дар ин ғазал на фақат як вазъияти муайяни висоли ёр,

балки бо образҳои барҷаставу равшан эҳсос ва саргузашти ҳиҷрони ошиқ, гуфтан мумкин аст, ба як тарзи реалӣ тасвир гардидааст. Эҳтимол аст, ки чунин ғазалҳои лирикӣ дар эҷодиёти барвақт қатъгаштаи Савдо қадамҳои аввалин бошанд. Аммо ба ҳар ҳол ин равияи сар кардаи Савдо дар лирика ба инкишофи минбаъдаи назми он давр бетаъсир намонд ва дар лирикаи Шоҳин ва Ҳайрат махсусан ба тарзи эҷодӣ истифода ва тараққӣ ёфт» (Р. Ҳодизода. ҳамон асар. с.160).

Паҳлӯи дигари эҷодиёти ӯро ҳаҷв ва мутоибот ташкил медиҳад, ки дар шаклҳои гуногуни шеърӣ ва наср гуфтааст. Чунонки ишора ҳам кардем, ҳаҷву мутоибот дар баъзе ашъори лирикии ӯ низ ба назар мерасанд. Тазкиранависон, аз ҷумла Возеҳ ва Абдӣ маҳорати ӯро дар боби ҳазлиёт низ баланд шинохтаанд.

Расул Ҳодизода осори манзум ва мансури ҳаҷвӣ мутоибаомези Савдоро ба се қисм ҷудо кардааст: яъне якум, ашъори ҳазломез ва мутоиботе, ки ба тарзи шӯхӣ ва зарофат навишта шудаанд; дувум шеърҳое, ки ба равияи ашъори Абӯисҳоқи Атъима эҷод шудаанд ва ниҳоят ҳаҷвияҳое, ки дар он нуқсону иллатҳои иҷтимоии замони шоир инъикос ёфтаанд.

Дар ин самт муҳимтарин хизмати Савдо он аст, ки новобаста ба шакли шеърӣ анъанаи бо зарофат ва мутоибаи ҳазломез шеър гуфтанро ба вуҷуд овард ва ин равиш ба эҷодиёти шоирони баъди ӯ таъсири муфид доштааст.

Шоир қисми дигар ашъори ҳаҷвиашро зоҳиран дар пайравии Абӯисҳоқи Шерозӣ, мутахаллис ба Атъима гуфтааст. Зоҳиран ин қабил шеърҳои ӯ дар тавсифи таомҳо эҷод шуда, дар асл ҳадафи иҷтимоӣ доранд ва боз ҳам воқеияти ҳаёти моддӣ ва маънавии Бухорои нимаи дувуми асри XIX-ро таҷассум менамоянд. Шоир дар ин гуна ашъораш, пеш аз ҳама сирати ахлоқии муосиронаш «шикамхорон»-ро фош кардааст. Зайли намуна ба ин пораи шеърӣ тавоҷҷӯҳ кунед:

Ҳарифонанд дар бозори имкон,

Ки хӯрдан дӯст медоранд аз ҷон.
Зи ҷинси хӯрданӣ чизе, ки ёбанд,
Ба рағбат мехӯранд, илло пушаймон.
Ғаму савганд пеши пову ҳасрат,
Лагад бо чӯбу нафрини фаровон!
Ҳар он чизе, ки саг ҳаргиз нахӯрдӣ,
Агар бигзоштандӣ ба сари хон,
Шикамхорон ба ҳар давре бихӯрданд,
На чандону на чандону на чандон.

(Савдо. Мунтахабот, с.73).

Қисми дигари ашъори ҳаҷвии шоир ба танқид ва накӯҳиши нуқсонҳои замон бахшида шудааст, ки мавзӯъҳои гуногунро дар бар мегиранд. Савдо дар як силсила шеърҳои ҳаҷвиаш ҳарисии одамонро ба молу сарват мазаммат мекунад. Дар шеъри ӯ дар муқобили чеҳраи ҳарисонаи дунёхор симо ва ҳоли инсони муфлис низ таҷассум ёфта, интихоби тахаллуси Бепул низ аз ҷониби шоир ҳадафи ғоявӣ дошт. Байти зерин дар ин равиш ифодагари консепсияи фикрии ӯст.

Гарчи пулдорист дар олам маноти эътибор,
Ғам махӯр аз бепулӣ, Бепул, ки дарё бепул аст.

Шеърҳои дар ин замина гуфтаи шоир ифодагари ҳолу ҳавои муосирони ӯянд, ки якеро ҳирсу оз ба дом кашида, дигаре аз муфлисӣ ранҷ мебарад ва сеюмиро қарз ба варатаи ранҷу ано кашидааст.

Мероси боқимонда ва дастраси ин шоири озода, ки чандон зиёд нест, аз ҷиҳати мазмуну мӯҳтаво ва фасоҳату балоғат арзишманд буда, номи соҳибашро дар фаросӯи таърих зинда медорад.

Нақибхони Туғрал
(1865-1919)

Нақибхони Туғрал охирин ҳалқаи адабиёти классикии тоҷик аст, ки суннатҳои суварӣ, маънавӣ ва зебоишинохтии гузаштаро ба мо расондааст. Ин шоири шаҳид ғуруби дунёи кӯҳна ва пурситаму ноҳамворро дида, ба умеди расидан ба «Наврӯз» тулӯъи офтоби дигар-

замони Шӯравиро ба хушӣ истиқбол кард ва дар аввалин рӯзҳои гомбардории ин низоми нав дар қаламрави зодгоҳаш қитъаи истиқболӣ низ гуфт. Гуфтани ин қитъа таърих дорад, ки моҳияти андешаи соҳибашро бо замони нав ва навиҳои рӯзгор сареҳан ифода мекунад. Соли 1919 дар деҳаи Похути қаламрави Фалғар (ноҳияи Айнии Тоҷикистони имрӯза) мактаби нав ташкил мешавад ва Туғрал ба муносибати Иди Наврӯз ба он мактаб рафта, мактабиёнро муборакбод мегӯяд ва рубоии зеринро ба ин муносибат мехонад:

Баҳ-баҳ, ки рабеъу иди Наврӯз омад,
Наврӯз шуду ба халқ нав рӯз омад.
Тифлони дабистон ҳама гаштанд озод,
Озодии «Наврӯз» зи наврӯз омад!

Ин қитъа шояд яке аз вопасин сурудаҳои шоир бошад, ки пеш аз қатли ваҳшиёнааш эҷод кардааст. Паёмҳое, ки ӯ дар ашъораш барои мо дорад, ёди моро ба гузаштаи начандон дур ба ҳалқаи рӯшанфикрони Бухорову Самарқанди охири асри XIX ва ибтидои асри XX мебарад, ба ҳалқае, ки иштирокдоронаш тафаккури хоси дарки воқеият ва шинохти суннатҳои меросӣ доштаанд. Туғрал ҷисман ва маънан ба ин ҳалқа пайваста буд. Арзишҳои ҳунарии меросӣ ӯро ба муҳити адабии Бухорову Самарқанд ҷазб мекард. Худи ӯ низ аз тарафи иштирокдорони ин ҳалқаи адабӣ суроғ мешуд. Ин буд, ки дар маргаш даврдорони ҳамин муҳити адабӣ бештар сӯхтаанд.

Ва Мирсиддиқи Ҳашмат аз аввалин касоне буд, ки дар «Тазкират-уш-шуаро»-и худ аз ӯ бо қадршиносӣ ёд кардааст. Ин тазкира дар охири солҳои навадуми асри нуздаҳ навишта шуда, муаллифи он дар бораи аслу насаб, тахаллуси адабӣ, таҳсили улум дар Бухоро ва хасоили инсониву ҳунарии Туғрал маълумот оварда, ғазалеро аз ӯ иқтибос мекунад ва дар қайди ҳаёт будани шоирро ёдрас менамояд.

Ҳамчунин Ҳашмат аз воқеаи оромгоҳи ҷадди худ Ҳоҷа Аҳрори Валиро «пушти по задан» ва ба сабаби ин густохӣ муддате «саропо васвосу молихулёангез» шудани Туғрал ривоят мекунад, ки ба ҳақиқат

рост намеояд. Ин тазкиранигор дар бораи Туғрал бештар аз ин маълумот наовардааст.

Аз тазкиранигорони дигари охири қарни XIX ва ибтидои асри XX Абдулхоқаи Абдӣ низ дар « Тазкират-уш-шуаро»- и худ, ки соли 1904 дар Бухоро ба поён расидааст, ки Туғралро ҳамчун шоири тавонои соҳибмақом ва шинохташуда муаррифӣ карда, ӯро «матмаҳи партави маъонии рангин ва машриқи хуршеди мазомини қудсойин» меномад. Муаллифи ин тазкира аз шогирди Шоҳин будани Туғрал ёд карда, се ғазалеро чун намуна аз «ашъори обдору манзумоти волоиёр»-и «дар ҳар равия» гуфтаи шоир меоварад.

Дигар аз муаллифони ин замон Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Мӯҳтарам дар тазкирааш «Тазкират-уш-шуаро», ки охирин санаи таҳрираш ба солҳои 1908-1909 рост меояд, аз Туғрал бо эҳтиром ёд карда, ӯро «булбули достонсарои риёзи Самарқанд ва тӯтии шакархори нахлистони наҷотпайванд, сухантирози бӯстони хушгуфторӣ ва нуктапардози чаманистони маънинигорӣ» медонад. Муҳтарам нахустин бор бо нигоҳи наққодона ба эҷодиёти Туғрал нигариста, «саводи иборат» ва «фурӯғи маонӣ»-ро дар шеъри ӯ камоли ҳунар медонад ва таъкид мекунад, ки «дар боби суханронӣ табъаш бисёр баланд ва хаёлаш аршпайванд аст». Ин тазкиранигор намунаҳои осори Туғралро низ зикр мекунад, ки аз як рубоӣ, чаҳор ғазал дар « Маҷмӯаи Салимӣ», ки соҳибаш Мирзосалим валади Мирзораҳими мутахалис ба Салимӣ буда, таснифаш замимае бар тазкираи « Тӯҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул-асҳоб»-и Возеҳ мебошад, ғазале аз Туғрал нақл карда, ӯро дар радифи шоирони тавонои замон зикр мекунад.

Дар замони нав нахустин касе, ки дар бораи Туғрал ҳарфи воқеӣ ва бо далел гуфтааст, устод Садриддин Айнӣ мебошад. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» соли вафоти Туғралро 1337 зикр карда, сипас се ғазали шоирро нақл мекунад ва оид ба шарҳи ҳоли Туғрал меоварад: «Нақибхони Туғрал, дар кӯҳистони Фалғар таваллуд ёфта, дар Самарқанд ва Бухоро таҳсили камол намудааст. Дар охирҳои ҳол обу

ҳавои тозаи кӯҳистонро аз зиндагонии шаъшаъдори пурташвиши шаҳрҳо тавзеҳ карда, дар он ҷо ба деҳқонӣ ва чорводорӣ машғулӣ гузида буд. Дар соли (1919) ба хидмати ҳукумати шӯроӣ даромада, ба ватани худ Фалғар кор мекард. Дар вақти ҳуҷуми босмачиёни Масчоҳ ба Фалғар ҳамроҳи аскари сурх ба акси ҳуҷум иштирок намуда буд. Дар он сафар ба сабабе кушта шуд» // Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик.-Теҳрон,1385-с.209/

Айнӣ Туғралро муқаллиди Бедил дониста, дар ин равиш ӯро «мисли бисёртарин муқаллидони Бедил» муваффақ намедонад. Айнӣ фикри Абдиро дар бораи шогирди Шоҳин будани Туғрал таъйид мекунад ва соҳибдевон будани шоир ва дар матбааи Когони Бухоро чоп шудани онро низ таъкид кардааст.

Устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» таърихи кушта шудани Туғралро аз забони Ҳоҷӣ Абдуллоҳ Файёзи Хуҷандӣ ба тариқи зайл меоварад:

Ду боло шуд зи саҳбои шаҳодат,

Ба базми ҷовидонӣ кайфи Туғрал.

Хирад фармуд бо «Файёз» бар гӯ,

Ба таърихи вафоташ «ҳайфи Туғрал» (СадриддинАйнӣ. Ҳамон асар, с.209).

Устод Айнӣ нахустин касест, ки дар ин тазкира доир ба ҳиссиёти инсонӣ ва ҳунарии Туғрал андешаҳояшро баён кардааст.

Аз муҳаққиқони тоҷик аввалин касе, ки ба ҷамъоварӣ, нашр ва таҳқиқи осори Туғрал камар баста буд, Носирҷон Маъсумӣ мебошад. Ӯ бори аввал соли 1961 бо ҳамкории М. Шукуров (М. Шакурӣ) дар маҷаллаи «Шарқи сурх» (№12) намунаҳои ашъори Туғралро чоп кард ва хонандагонро аз ҳолу аҳвол ва осори шоир огоҳ кард. Носирҷон Маъсумӣ фаъолияташро дар ин самт идома дода, соли 1964 зери унвони «Мунтахаботи ашъор» қисмати асосии осори Туғралро ба чоп расонд. Ин донишманд бо нашри ин китоб, аввалан, нахустин бор хонандагонро бо ашъори шоири ширинкалом ошно кард, сониян, тавонист бо нашри

як мақолаи муқаддимавӣ бо номи «Туғрал ва муҳити адабии ӯ» алоқамандони адабиёт ва мутахассисони соҳаро аз ҷараёни зиндагӣ ва хусусиятҳои осори шоир хабардор кунад. Ниҳоят, ӯ дар ин китоб ёддошти чанд тан аз ҳамзамонону дӯстони шоирро зери унвони «Хотирот дар бораи Туғрал» ҳамчун замима нашр кард, ки дар маҷмӯъ сарчашмаи боэтимодест дар бораи ҳаёту осори шоир ва муҳите, ки ӯ зиставу эҷод кардааст.

Баъд аз нашри китоби зикршуда соли 1973 ба эҳтимоми Т. Зеҳнӣ ва С. Саъдиев маҷмӯаи «Суханварони сайқали рӯи замин» чоп шуд, ки мураттибон ба ваҷҳи он, ки гузаштагони Туғрал аз Самарқанд буданд, доир ба ӯ маълумот оварда ва як ғазалашро низ чоп кардаанд.

Осори ин шоир минбаъд дар рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, баёзу тазкираҳо, аз ҷумла тазкираи «Гулшани адаб» ба чоп расида, дар бисёре аз мақолаву рисола ба паҳлуҳои мухталифи ҳаёт ва осори шоир дахолат шудааст.

Ниҳоят соли 1986 бо саъй ва ҳиммати адабиётшинос Асрор Раҳмонов ва Абдулҳамид Пӯлодов китоби нисбатан мукаммали осори Туғрал таҳти унвони «Гиёҳи меҳр» аз чоп баромад, ки дар роҳи шиносондани оммаи хонандагон ба ҳаёт ва осори шоир қадаме ба пеш буд.// Туғрал. Гиёҳи меҳр. Мунтахаби ашъор. Муаллифони дебоча ва муртиби матну луғот А. Пӯлодов ва А. Раҳмонов. Душанбе: нашриёти «Ирфон»: 1986.-352 с.//

Муаллифони сарсухани муфассали ин китоб А. Раҳмонов ва А. Пӯлодов дар асоси қиёсу муқобилаи асноди таърихӣ ва ишораҳои худи Туғрал доир ба зиндагинома ва осори шоир маълумоти дақиқ ва арзишманд ба нашр расонидаанд. Мураттибон дар натиҷаи ҷустуҷӯи зиёд муваффақ шудаанд, ки намунаҳои тозаи ашъори шоирро дарёфт намоянд ва дар ин китоб ҷой диҳанд. Ҳамчунин мақолае, ки дар оғози китоб бо номи «Шамъи маҳфили шеър» омадааст, аввалин маълумоти нисбатан ҷомеъ доир ба ҳаёт ва фаъолияти Туғрал мебошад.

Ниҳоят соли 2012 бо саъйи Мирзо Шукурзода нашри тозаи «Девони Туғрал» дастраси хонандагон гардид, ки нисбат ба чопҳои пешина ҷомеътару беғалат аст. Мураттиб ашъори то ба имрӯз чопнашудаи шоирро низ нашр намудааст. // Туғрал. Девони ашъор.- Душанбе,-2011.-380 с./

Бо тавзеҳи корҳои анҷомгирифта доир ба ҳаёт ва осори Туғрал метавон гуфт, ки имрӯз ба қадри ҳол осори шоир дастраси кулли хонандагони тоҷикзабони дунёст. Вале, мутаассифона, таҳқиқ ва арзёбии мероси шоир, ки ба вазъи меъёрҳои идиологии замони Шӯравӣ ва адабиётшиносии иҷтимоъгаро ба дараҷаи лозимӣ сурат нагирифт, маҷол ва андешаи дигар мехоҳад.

Дар бораи ном ва шаҷараи аҷдодии Туғрал қотеътарин ва саҳеҳтарин маълумотро шоири ҳамрӯзгор ва ҳаммаҳфилаш Аҳмади Васлӣ дар «Хотимат-ут-табъ»-и «Девони Туғрал» чунин нигоштааст: «Мирзо Муҳаммадхон Нақиби Туғрал ибни Шоҳносирхон ибни Муҳаммад Содиқхоҷа ал-мулаққаб ба Афзалхон ибни Муҳаммад Солеҳхоҷа ибни Муҳаммад Сиддиқхоҷа Аҳрории Сиддиқӣ». Ин тавзеҳи Васлӣ шаҷараи аҷдоди Туғралро муайян мекунад, ки воқеан якеи ин ҳафт пушт Хоҷа Аҳрори Валӣ будааст.

Нақибхон 26-уми марти соли 1865 дар деҳаи Зосуни Фалғар (имрӯза ноҳияи Айнии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба дунё омадааст. Гузаштагони ӯ самарқандӣ буда, шояд ба ваҷҳе ба ҷониби Фалғар фирор карда бошанд. Шоир дар байте ба дудмонаш ишораи сареҳи ифтихоромезе дорад:

Мерасад аслам ба Аҳрори Валӣ,
Дудаи ман бошад аз ин дудмон. (Девон, с.8).

Даврони кӯдакӣ ва наврасии ӯ дар зодгоҳаш гузаштааст. Аввалҳо дар тарбияи падар буда, баъдҳо бародаронаш Тӯрахон, Мансурхон, Ҳамзахон ва Акобирхон дар парвариши ӯ саҳм гирифтаанд. Таҳсили ибтидоиро низ дар деҳа гирифтааст.

Дар овони ҷавониаш аввал бо саъйи падар ба Самарқанд меояд ва барои таҳсили осуда ва самарабахшаш падар дар Мадрасаи Тиллокории Регистони Самарқанд барои ӯ ба арзиши 11 ҳазор тангаи мирӣ хуҷра мехарад, то фарзандаш он ҷо истиқомат кунаду хонад. Ҳангоми таҳсил дар мадраса аз донишмандон Абӯсаид Махдуми Зарринқалам, Махдуми Гардан ва Домулло Бадахшӣ илм меомӯзад. Баътар ба Бухоро меравад ва онҷо донишашро такмил медиҳад. Баъди анҷоми таҳсил ба зодгоҳаш баргашта, бар хилофи хости падар бо духтаре ба номи Истам бинти Аваз издивоҷ мекунад ва баъди нуҳ сол соҳиби фарзанд мешавад. Аз як қитъаи Туғрал маълум мешавад, ки ин фарзанд зуд аз дунё даргузашта будааст:

Борҳо дар дили ман буд таманнои писар,
Лутф созад ба мани хаста худованд агар.
Омад охир зи карам нахли муродам ба самар,
Монд ҳасрат ба дилу кард аз ин дар сафар (Девон, с 9).

Назар ба ёддоштҳои мардум, бадхоҳони шоир сабаби марги фарзанди ӯ шуда, баъд ҳамсарашро низ ба воситаи заҳр безурриёт мекунанд. Баъди ин фоҷеа шоир аз зани аввалааш ҷудо шуда, бо Муқаддара Аслиддинова хонадор мешавад, вале аз ин издивоҷ соҳиби фарзанд намешавад.

Нақибхони Туғрал дар тӯли зиндагии кӯтоҳ, вале босамараш нақши ногусастанӣ дар таърихи адабу фарҳанги мо ва хотираи нек дар ёди муосиронашу баъдиёнаш боқӣ гузоштааст. Вай ҳамчун шахсияти адабию фарҳангии донишманд, боҳунар ва тавоно чӣ дар замоне, ки донишомӯзи мадориси Самарқанду Бухоро буд, чи ҳангоме ки дар кӯҳистон мезисту эҷод мекард, дар доираҳои адабии ин ду шаҳри бузурги фарҳангӣ маҳбубият ва нуфуз дошт. Агар чунин намебуд, дар «Маснавӣ дар хусуси табъи девон ва муҷиби чопи он ва зикри аҳбобу дӯстони соъй ва ҳар як аз ақлобу номи эшон» аз як даста мардони фарҳангӣ ва некхоҳи Самарқанду Бухоро, ки ҳамёр, ҳамсӯҳбат, ҳавохоҳ ва ёригараш будаанд, монанди Аҳмади Васлӣ, Масеҳои Тамҳид, Аҳмади Равнақ,

Исҳоқбеки Ваҳҳоҷ, Қурбӣ, Ҳасратӣ, Гулханӣ, Лутфӣ, Муҳаммадқулии Тарҷумон, Ашрафи Туҷҷор, Абулфайёзи Қаровулбегӣ бо муҳаббат ва сипос ёд намекард.

Туғрал, ба ифодаи Айнӣ «ҳавои тозаи куҳистонро аз зиндагии шаъшаадори пурташвиши шаҳрҳо тарҷеҳ карда», бо вуҷуди он, ки аз одамони бадхоҳи ҳамдиёраш бадрафториҳо ҳам дид, умрашро дар ҳамон сангистони камлутфу камҳиммату каминоят ба поён бурд. Бо вуҷуди сахтиҳои дидааш аз шеър, аз адабиёт фосила нагирифт ва ҳамчунонки донишманд ва шоири тавоно буд. Ҳамон тавр монд: Чунонки худаш низ иқрор кардааст:

Кӯҳ бувад гарчи ба Туғрал ватан,
Дар ҷабали назм шигарфаждаҳост (Девон, 253).

Файз ва таъсири ҳунари ин «шигарфаждаҳо» буд, ки куштори ваҳшиёнаи ӯро соҳибдилони Самарқанду Бухорову Хуҷанд бо ҳисси пушаймониву ҳамдардӣ қабул карданд ва баъзеашон дар пои рӯҳаш марсият гуфтанд. Мо дар боло аз қитъаи Файёзи Хуҷандӣ доир ба таърихи қатли шоир ёд кардем. Шоири дигари ҳамзамону ҳавохоҳаш Наберахоҷаи Хилъат дар қитъае «соли қатли Туғрал » гуфтааст, ки ин аст:

Ба соли қатли Туғрал, гуфт Хилъат,
Зи чап бинвис нуздаҳ, боз нуздаҳ,
Агар хоҳӣ, ки орӣ соли ҳичрӣ,
Беҳ аст аз рост ҳафту сею сездаҳ (Девон, с. 19).

Дар ин соли шум шоир ба тӯҳмат аз тири афсари артиши Шӯравӣ кушта шуд. Ба ифодаи дигар, то 30-юми декабри соли 1965 номи шоир сиёҳ буд. Фақат дар санаи зикршуда номи шоир сафед гардида, ба нашри осораш иҷоза дода шуд.

Ашъори ӯ асосан аз рӯи матни «Девони Туғрали Аҳрорӣ», ки соли 1916 дар матбааи Когони Бухоро чоп шудааст ва дафтари мусаввадаи ашъори Туғрал ба нашр расидаанд, ки ғазалиёт, мустазод, мухамасот,

мусаддас, тарҷеъбанд, қасоид, «Фироқнома», «Соқинома», «Тасдиқот», маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун» ва ғайраро дар бар мегирад.

Вақте ки мо имрӯз дар бораи мазмуну мундариҷа ва моҳияти ҳунарии осори Туғрал сухан мегӯем, бояд ба чанд нукта таваҷҷӯҳ дошта бошем. Аввал ин, ки дар замони Шӯравӣ азбаски сиёсати иҷтимоъигароии адабиёт нуфуз дошт ва ба осори содаю бепироя ҳунарӣ афзалият дода мешуд, табиист, ки осори шоироне чун Туғрал, ки мазмунҳо ва тасвирҳои печида доштанд ва ба истилоҳ, дар пайравӣ ё муқаллидии Бедил иншо шудаанд, мавриди қабул ва писанд қарор намегирифтанд.

Дар асл ин гуна осори адабии боҳунарона гуфта шуда, маънию мазмунҳои ахлоқию иҷтимоиро дар перояи тасвир ифода мекарданд, яъне шеър аз ҳарфи оддии рӯзмара фарқ дошт. Дигар ин, ки имрӯз бояд мо аз равиши маъмулии таҳлили адабиётшиносӣ, ки сахт иҷтимоигарост, таҳрир ворид кунем. Дар таҳлил арзишҳои суварӣ (эстетикӣ) ва маънавӣ бояд мақоми аввал дошта бошад.

Дар ин замина метавон бо камоли итминон гуфт, ки Туғрал шоири тавоно ва соҳиби сабки хосси эҷод аст. Вай, чунон ки худаш ба такрор иқрор шудааст ва муҳаққиқон низ собит кардаанд, аз пайравони содиқ ва сарсахти Бедил будааст. Вале дар адабиётшиносии мо пайравӣ ё худ масъалаи истиқбол аз сабки бедилиро якрӯя, берун аз масъалаи иртиботи шеър ва таҷрибаи шоир тафсир кардаанд, ки ин амали якрӯя ва нораво буда, Туғрал низ шикори чунин кӯтоҳназарӣ шудааст. Дар ин замина таҷрибаи шеърии Туғрал чизе нест, ки ҳосили иродаи танҳо худи ӯ бошад, балки як рӯйдоди рӯҳист, ки ноогоҳ дар замири ӯ инъикос меёбад, маҷмӯае аз ҳаводиси зиндагии ӯст. Аз ин назар, моҳияти ҳамин таҷрибаи шеъриро дарк ва кашф кард.

Туғрал ба Бедил кӯркӯрона ва ё беҳунарона пайравӣ накардааст. Ҳам Бедил ва ҳам Туғрал дар зиндагии хоси худ таҷрибаҳои вежаи хешро доштанд. Табъан, сувари хаёл дар тарзи сухани онҳо мушаххас аст ва шеваи хосе дорад, ки хоси ҳар кадоми онҳост. Туғрал аз охирин

шоиронест, ки шеъри таъсирӣ гуфтааст. Дар назари ӯ ва бисёре аз бузургони шеъру адаби форсии тоҷикӣ мазмуни воқеаҳои зиндагӣ ба сари худ шеър намешаванд, гапҳои рӯзмара шеър нестанд. Аз ин назар, шинохти саҳеҳи шеъри Туғрал ба кашфи моҳият ва чигунагии он вобаста мебошад. Агар шоир соҳиби шахсияте бешу кам ихтисосӣ набошад, шахсияти мустақили шеърӣ ва шоирӣ пайдо намекунад. Шеърашро бо ахз (гирифтан) ва сирқат (дуздидан) дар заминаи хаёлҳои шеърии дигарон ба вуҷуд меоварад, ки мондагор нест. Осори боқимондаи Туғрал гувоҳ аст, ки ӯ соҳиби шахсияте комилан ихтисосӣ ва аз асрори шеъру шоирӣ огоҳ будааст.

Вай дар саросари осори боқимандааш ба муаммоҳои шеъру шоирӣ, тариқати шоирии шоирони гуногун диққат дода, дар «Қасидаи бузургон» назари интиқодиашро ба сабки шоирии намояндагони адабиёти гузашта баён мекунад ва ба ин васила нақшу ҷойгоҳи ҳар кадомеро муайян месозад. Аз ҷумла байтҳои зер дар ин боб аз ҳамин қасидаанд:

Гуфтаи Салмон ҳамаро дидаам,
Шоири хушлаҳҷаи ширинадост.
Унсурию Асҷадию Фаррухӣ -
Нағмаи ҳарсе ҳама аз як садост.
Нағмасаро Булҳасани Рӯдакӣ,
Гунбази чарх аз суханаш пурсадост…
Монд зи Ваҳшӣ ду-се маснавӣ,
Сади сухан улфати ваҳшӣ куҷост?
Ҳотифӣ гуфтаст яке маснавӣ,
Маснавии ӯ ҳама афсонаҳост.
Хишти зери буқъаи мо бошад аз хоки адам,
Ваҳми ободӣ надорад хонаи вайрони мо. (с. 52).

Вақте ғазалҳои Туғрал ва дигар намудҳои ашъорашро мехонем, як фазилати бисёр муҳими шеваи шоирии ӯ ошкор мешавад: ӯ шоири

бадбин нест, балки шодхор аст, зиндадил ва ояндабин аст. Ҳатто дар душвортарин лаҳзаҳо ҳам аз устуворӣ, тоқат ва поймардӣ сухан мегӯяд:

Ҳикоят ёд дорам ман зи устод,
Ки мушкил бар сарат он дам, ки уфтод,
Ба ӯ сабре намову кун таҳаммул,
Ки то гардӣ зи қайди ғам ту озод (с. 132).

Ва ё:

Зи меъмори харобӣ баски ҳамчун ганҷ маъмурам,
Чу марҳам оқибат гул мекунад аз захми носурам.
Ҷуз оҳанги муҳаббат нест дар мизроби ман дигар,
Ҳамин «Ушшоқ» меояд ба гӯш аз сози танбӯрам (с. 206).

Туғрал дар шеъраш асосан ба авомил (омилҳо) ва тахайюлоти шахсӣ гароиш дорад. Вале ин амалро набояд як навъ амал ва ё изҳори навмедию бетарафӣ нисбат ба халқ ва муҳит маънидод кард. Шоир дар шеъраш ҳеҷ гоҳ ба ишрат ва шодхории маҳз напаноҳидааст. Бинобар ин ҳам бисёре аз такбайтҳои ин шоири рамзошноро дар партави авзоъ ва аҳволи иҷтимоии асри зиндагиаш метавон тафсир кард. Бисёре аз шеърҳои шоир аз ноҳамоҳангӣ бо муҳит ва шароити асри шоир ҳикоят мекунанд. Ин эҳтимолро ба назар бояд гирифт, ки дар каломи Туғрал барин шоирони ҳассос насиҳат ва ибрат ҳам гоҳ-гоҳе ниқобест барои тасвири ҳадафи хилофи он. Аз ҷумала Туғрал дар «Фироқнома»-аш, ки дар ҷавоби «Фироқнома»-и Ҳаким Анварӣ ва Хоҷуи Кирмонӣ навиштааст, андешаҳояшро ба ҳамин равиш баён кардааст. Хонандаи огоҳ бо хондани байти аввали асар

Фиғон зи гардиши чархи ситамгари ғаддор,
Ҳазор марҳала дурам афканд аз дидор. (Девон, с. 247).

ва байти охири он

Макун шикоят аз ин чархи нилгун, Туғрал,
Ки нест ғайри тазаллум бар ин сипеҳр мадор (Девон, с. 252)

зуд дарк мекунад, ки «вусъати машраб» дар ин шеър ва бисёре аз дигар шеърҳои шоир «қадри зиндагиро донистан» аст. Шеъри «Бадеҳаи

шуаро», ки дар шакли ғазал гуфта шудааст, ҳамин равиши эҷодии шоирро таъйид мекунад:

Як нафас вошуданӣ дошт дилам, гул заду бурд,
Мисраи нолаи ман буд, ки булбул заду бурд.
Заъфарон зардии ранг аз рухи ман ҳосил кард,
Печутоби дили ман буд, ки сунбул заду бурд…(Девон, с. 291).

Ҳамин тариқ, ашъори ин шоири озодахую ҳунарманд ифодагари ҳолу ҳаво ва сарнавишти инсонҳо буда, бо ҳадафҳои таълимӣ ва ҳунарӣ аз матни рӯзгори мо ҷудо нест ва бо гузашти солҳо қадру манзалати ин осор ва соҳибаш коста нахоҳад шуд.

ДАВРОНИ ИНКОРИ СУННАТҲО ВА МЕРОС

(аз соли 1920 то охири солҳои панҷоҳ)

Сиёсати саффок ва террорписанди ҳукумати Россияи подшоҳӣ бо мақсади пиёда сохтани ҳадафҳои геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ мехост аморати Бухороро ба воситаи худаш аз байн барад. Бо ин мақсад шароити сиёсиро омода сохт. Баъди нокомии инқилоби аввали рус бедории равшанфикрони Бухоро барои ин кор шароити мусоидеро фароҳам овард. Нақшаи зидди равшанфикрони Бухоро дар зинаи аввал тартиб ёфт. Сонӣ, амир кори худро бо аксари онҳо тамом кард. Арафаи Инқилоби болшевикӣ шароити мусоидеро барои ин амал муҳайё кард. Амир дастгирони ғоявиашро аз даст дод ва нерӯи низомиаш низ коршоям набуд. Ин ҳама боиси фурӯпошии аморат ва минбаъд таҳкими ҳукумати болшевикии рус дар Осиёи Марказӣ гардид.

Ҳукумати нав заминаи мусоиди идеологиеро дар кишвари мусулмонӣ фароҳам овард. Бо барангехтани як низоъи фарогири идеологӣ миёни уламои ислом ва рӯшанфикрони Бухороӣ ҷанги сард ва худфурӯширо вусъат бахшид. Аз майдони ин муборизаи шадид якта-нимта зинда мондаҳоро ҷудо кард, ба онҳо «хилъат» пӯшонд ва заминаеро барои «фарҳанги нави миллӣ», ки усулҳои идеологии болшевикиро пазиро бошад, омода сохт.

Нахустин вассофони сустниҳоди Инқилоб муаллифони китобу рисолаҳои тараннумӣ гардиданд. Маҳз ҳамин замонаро аксари адабиётшиносон замони тавлиди адабиёти шӯравии тоҷик шинохтаанд. Ин адабиёт дар оғоз рисолати вассофиро бар ӯҳда дошт. Удабо асосан ба васфи Инқилоб ва дастовардҳои он машғул буданд. Дар ин замина рӯҳия ва маслаки сарфи назар кардан аз гузашта тадриҷан боло мерафт, ки минбаъд ба авҷ гирифтан ва реша рондани нигилизми миллӣ боис шуд. Дар ҳамин шароит аввалин гурӯҳҳо ва ҷамъиятҳои адабӣ ба вуҷуд омад.

Дар аксари адабиётҳои илмӣ ибтидои солҳои бистро бо сабаби набудани матбуоти тоҷикӣ давраи холигии адабиёт гуфтаанд. Албатта чунин баҳо натиҷаи ноогоҳӣ аз вазъият буд. Ягона касе, ки ҳаддалимкон

ба омӯзиши ҳуҷҷатҳои адабии ин давра машғул шуда буд, донишманди фақид Холиқ Мирзозода мебошад. Ин марди огоҳ соли 1965 бо номи «Муносибати партия ба адабиёт ва тарбияи кадрҳои адабӣ» мақолае чоп кард, ки дар он оид ба ҷамъиятҳо ва қуввахои нахустини адабӣ сухан меравад. Муаллиф аз будани қуввахое хабар медиҳад, ки барои ба вуҷуд овардани ташкилоти адабии тоҷикӣ саъй доштаанд. Дар натиҷаи кӯшиши чунин гурӯҳҳо нахустин ташкилоти адабӣ соли 1922 дар Самарқанд бо номи «Ҷамъияти шоирон» таъсис шуда будааст, ки муассиси он Абулқайюми Қурбии Самарқандӣ ва роҳбаронаш Васливу Тамҳид буданд. Назар ба маълумоти Х.Мирзозода соли 1925 низ дар Самарқанд аввал «Ҷамъияти муҳаррирон» ва баъд (соли 1930) сексияи тоҷикии ташкилоти адабии нависандагони тоҷикзабони Ӯзбекистон бо номи «Қалами сурх» амал мекарданд.

«Қалами сурх» бештар ҷамъияти сиёсӣ буд ва маҳз дар заминаи ҳамин ташкилот «соли 1930 (7 феврал) сексияи нависандагони шӯроии тоҷик» таъсис шуд. Соли 1931 ба ҷои ин сексия ассотсеатсияи анҷумани нависандагони пролетарии Тоҷикистон ташкил ёфт ва соли 1932 ин ҷамъият барҳам дода шуда ва дар заминаи он Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон таъсис гардид.

Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон нависандагони пролетариро ҷамъ карда ба узвияти худ қабул мекард ва бо ин адабиёти пролетариро тараққӣ медод. Дар ҳамин давраи мураккаб тозакунии сафи аъзоёни Иттифоқи нависандагон шурӯъ шуд, ки дар ин маърака гурӯҳҳои «Содиқ ҳар қадар тавонистанд, муқобили «ҳамсафарон» - онҳое, ки ба идеалҳои сотсиализм садоқати комил надоштанд, мубориза карданд. Дар ин талошҳои синфӣ даҳҳо тан аз адибони тоҷик зарарҳо дида, қисме аз онҳо дар зиндонҳои сталинӣ нобуд шудаанд. Аз шоирони баркамоли тоҷик Пайрав Сулаймонӣ низ дар ин муборизаҳо зиёни бисёр кашидааст.

Ин давра замони оғози адабиёти Шӯравии тоҷик аст. Бинобар ин ҳам ҳар чизе ки дар адабиёт ба вуҷуд омад, зери таъсири сиёсати давлати нав ва сиёсати барои муҳити маънавии халқҳои Осиёи Марказӣ комилан

нав шакл мегирифт. Табиист, ки адабиёт, аз ҷумла, назм низ зери таъсири идеологияи расмӣ шакл мегирифт ва назми дар ин давра ба вуҷуд омада, аз ҷиҳати шакл бо шеъри гузашта наздикӣ дошта бошад ҳам, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа чизи тамоман нав буд. Ба ин маънӣ, муҳаққиқон санаи дақиқи тавлиди шеъри советии тоҷикро соли 1918 мелодӣ донистаанд. Дар ин давра Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ, Розӣ, Зеҳнӣ, Ҳилмӣ барин шоирон бо шеърҳои тараннумии инқилобӣ баромад карда, аввалин қадамҳои инқилоб ва ҳокимияти навро таҷассум кардаанд.

Дар солҳои аввали ташкили давлати нав барои аҳли қалами тоҷик вазъияти ногуворе фароҳам омад. Солҳои 1922-1924 амалан матбуоти тоҷик вуҷуд надошт. Ба ҳамин сабаб аз рӯзи баста шудани маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» (моҳи декабри соли 1921) то нашри рӯзномаи «Овози тоҷик» (25 августи соли 1924) ягон шеъри тоҷикӣ чоп нашудааст.

Дар саргаҳи адабиёти нави тоҷикӣ Садриддин Айнӣ меистод. Аввалин шеъри ба истилоҳ нави тоҷикиро низ ӯ гуфтааст. Ин шеър «Суруди озодӣ» ё худ «Марши ҳуррият» ном дошт ва соли 1919 дар шумораи 23 маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» ба чоп расид. Ин шеър ба маънои томаш нахустин шеъри иҷтимоии тоҷикӣ буд, ки мардумро ба қиёми синфӣ даъват мекард. Айнӣ шояд аз аввалин шахсиятҳои адабӣ буд, ки мақсаду сиёсати давлати навро нисбат ба Осиёи Марказӣ амиқ дарк кард. Айнӣ роҳи дигар ҳам надошт, ҷуз хизмат ба инқилоб ва сиёсати русҳо, чунки маҳз аскарони инқилобии рус баъди 75 дарра хӯрданаш наҷотбахши ӯ шуданд ва вай зери ниқоби «табааи Россия» ба Самарқанд паноҳ бурда, зинда монд. Бо он ҳама ҳаводисе, ки Айнӣ аз сар гузаронида буд, бо таасуроти тира ва даҳшатборе, ки аз сохти мустабиди аморати Бухоро дошт, наметавонист овозашро бар зидди «бедоду ситам» баланд накунад. Оҳанги эътироз ва нафрати Айнӣ зидди ҳукумати амирӣ дар шеъри дигари ӯ, ки баъди аз тарафи ҷаллодони амир қатл гардидани бародараш Сироҷиддин гуфтааст, қавитар садо медиҳад. Ин шеър моҳи августи соли 1918 навишта шудааст. Ин фақат марсияи оддӣ набуда, балки суруди нафрат, дуои аламгири Айнии шоир нисбат

ба онҳое буд, ки «хонаи бедоду ситам» сохта, сабабгори бадбахтии ҳазорон беваю бечора гашта буданд.

Дар шеърҳое, ки Айнӣ солҳои бист чоп кард, асосан инқилоб ва дастовардҳои он мадҳ шудаанд. Шеърҳои ин давраи Айнӣ оҳангҳои иҷтимоӣ, таблиғӣ дошта, таблиғи дониш, тасвири табиат ва ғайраро дар бар мегирифтанд.

Дар қатори Айнӣ шоирони дигар, аз қабили Тӯрақул Зеҳнӣ, Абдувоҳиди Мунзим, Фитрат, Ҳамдӣ ва дигарон низ дар ин давра шеър гуфтаанд, ки мавзӯи осорашон табрику тавсифи Ҳокимияти Советӣ ва истиқболи хуш аз таълиму тарбияи маҷбурӣ дар мактаби Шӯравӣ буд. Бештари ин шеърҳо дар шакли суннатии қасида навишта шуда бошанд ҳам, аз ҷиҳати бадеӣ суст буданд.

Баъди дахолати ҳизбу давлат ба масоили адабиёт (соли 1925) бисёр шоиру нависандагоне, ки як навъ хомӯшӣ ихтиёр карда буданд, аз нав ба фаъолият шурӯъ намуданд, ки Мунзим, Ҳамдӣ, Сарвар, Пайрав, Ноил Шерзода, Зеҳнӣ, Пинадӯз, Аҷзӣ, Муинзода, Ҷавҳарӣ ва сонитар Раҳимию Сулаймонӣ ва Аминзода аз қабили онҳо буданд.

Яке аз шоирони пуркудрати ин давра Пайрав Сулаймонӣ нахустин шеърҳояшро маҳз дар ҳамин давра гуфтааст. Пайрав низ чун Айнӣ Инқилоби Бухороро бо шеъри «Ба муносибати Инқилоби Бухоро» (1920) муборакбод гуфт. Ҳарчанд фаъолияти Пайрав дар боби гуфтани шеърҳои ишқӣ дар ин давра аз ҷониби танқиди расмӣ сахт сарзаниш шуда бошад ҳам, вале ин шеърҳо аз ҷиҳати баён ва тасвиркории шоирона аз беҳтарин офаридаҳои ин давраинаи Пайрав маҳсуб мешаванд.

Муҳаққиқони таърихи адабиёти тоҷик эҷодиёти яке аз шоирони кӯҳансоли ин давра Зуфархони Ҷавҳариро «ҷолиби диққат» (96, 34) шинохтаанд. Ҷавҳарӣ, ки қабл аз инқилоб шеърҳои ирфонӣ мегуфт, низ Инқилобро хушҳолона истиқбол кард ва дар ситоиши замони нав бо шаклҳои анъанавӣ қасидаҳо гуфт. Вале шеърҳои ин давраинаи ӯ аз

ҷиҳати ҳунари шоирона бо ашъори қабл аз инқилобиаш ҳамвазн нестанд (94, 5-26).

Аз шоирони дигари ин давра, ки дар таърихҳо ёд шуда ва то инқилоб аосан дар таблиғи илму дониш ва мактабу маориф шеърҳо гуфтааст, Мирҳайдари Сарвар мебошад. Сарвар ибтидои солҳои бист асосан хомӯш буда, фақат соли 1925 баъд аз даъвати ҳукумати Тоҷикистон бо номи «Адабиёт» шеъре гуфтааст.

Яке аз намудҳои шеър, ки ин солҳо хеле ривоҷ ёфт, ашъори ҳаҷвӣ мебошад. Дар ин намуд беш аз ҳама Суҳайлӣ, Аҷзӣ, Аминзода, Муинзода, Шерзода, Ализода ва дигарон шеър гуфтаанд.

Мазмуни асосии шеърҳои солҳои бистро лирикаи иҷтимоӣ, таблиғи илму дониш ва мактабу маориф, ишқ ва тасвири табиат ташкил медиҳад.

Дар лирикаи иҷтимоии ин солҳо мавзӯи асосӣ инқилоб ва тараннуми ғояҳои он буд. Шоирон мекӯшиданд, ки Инқилобро чун оғози давраи нави созандагӣ дар таърихи башар маънидод кунанд. Ва дар ин мавзӯъ, чунонки ишора шуд, Айнӣ аввалин шеърро гуфт. Баъд шеърҳои дигаре аз қабили «Ба шарафи Инқилоб» (1921) ва ғайраҳоро эҷод кард, ки асосан истиқболи хуш ва қаноатмандии ӯро аз Инқилоб ва сохти шӯравӣ ифода мекарданд. Ин шеърҳои Айнӣ ду нишона доштанд: яке зидди дунёи истибдод буд ва дигаре пазириш ва истиқбол аз «воқеаи Уктабр». Ҷамъияти нав мардумро ба табақа ҷудо кард. Дар шуури Айнӣ низ мафҳумҳои синф, пролетар, муздур оҳиста-оҳиста реша гирифт ва Айнӣ шеърҳое гуфт, ки ҳадафҳои сиёсию иҷтимоӣ доштанд.

Ин шеърҳо даъвати рӯйрост ба ситезу ҷанг алайҳи синфи муқобил доштанд. Ба ин маънӣ, адабиёти ин давр, хоса шеър дар зери ливои Инқилоб заминаи таблиғию ғоявии ҷанги ҳамватаниро дар Осиёи Марказӣ омода сохт. Ин мавзӯи муқовиматҷӯӣ дар шеъри ин давра рӯз аз рӯз густариш пайдо мекард. Сарҳади адабиёти нави тоҷикро мо аз назари принсипи идеологӣ таъин карда будем, ки ба воқеият рост намеояд. Вале имрӯз равшан гардид, ки адабиёти бадеӣ ва сарҳади онро

аз рӯи меъёрҳои идеологӣ ва ҳатто сиёсӣ наметавон муайян кард. Вале ин омилҳоро инкор кардан ҳам намешавад. Бо таъсири метологияи сиёсӣ (на илмӣ) адабиёти як халқ, як муҳит бо шохаҳо тақсим карда мешуд, моҳияти ин адабиёт дар ягонагӣ таҳқиқ намешуд: ташхиси адабиёти дарборӣ ва опозитсионӣ дар таърихи навини адабиёти тоҷик аз чунин тамоюлҳои номатлуб аст. Инқилоб адабиётро танҳо аз мавқеи сиёсӣ тақсимбандӣ кард. Амалан пайвандҳои адабии форсизабонон, ки як адабиёт ва фарҳанги ҷомеъаро пайгир буданд, гусаста шуд. Ҷудоии бузург солҳои баъди инқилоб рух дод. Дар дохил табақабандӣ ва тафриқаандозии идеологӣ бо суръат оғоз гардид, ки оқибатҳои он барои халқи тоҷик фоҷиабор омад. Дар адабиёт ононе имтиёз доштанд, ки воқеан «адиби пролетарӣ» шинохта шуда буданд. Дар шинохти эшон арзишҳои ҳунариро тамоюли идеологӣ иваз мекард. Завқи ҳунарӣ низ чандон коршоям набуд. Ин равия заминае гузошт барои равнақи адабиёти косибонаву беҳунарона ва низ имкони дигареро фароҳам овард, ки бисёр шахсиятҳои тавонои адабиёти ҷадидия ҷисман ва ё маънан «безарар» карда шаванд. Амалан аз он солҳо ба баъд адабиёти мамнӯъ ва эътирофшуда рӯи кор омад. Номи адибони осорашон мамнӯъ буда, дар таърихҳо чун далели «раҳгуми идеологӣ» зикр мешуд. Мутаассифона, идеологияи расмӣ ба «адабиёти пролетарӣ»-е арҷ медод, ки танҳо аз ҷиҳати идеологӣ хизмати замонро иҷро мекард. Дар асл ин адабиёт арзиши ғоявӣ ва ҳунарӣ надошт.

Ҳамин тариқ, аз нахустин солҳои Инқилоб сар карда, адабиёт тадриҷан давраи гузаришро ҳам аз лиҳози шакл, ҳам аз лиҳози мазмуну мундариҷа аз сар гузаронд. Ин адабиёт акнун ба адабиёти солҳои қабл аз инқилоб ҳамвазн набуд. Шеър мавқеъ ва мақоми аввалаашро аз даст дод. Вай номаи рӯз гардид. Наср мавқеи бештаре пайдо кард.

Дар шаклҳои шеърӣ тағйироти ҷиддие ба вуҷуд омад. Суннатшикани ба хотири фарогирии мавзӯи рӯз бо суръат идома пайдо кард. Устувории қофия ва вазни шеър зина-зина аз байн рафт. Адабиёти

нав ритми замонаи навро тақлид мекард ва асарҳои ҳамвазни «иншоотҳои бузурги аср» ба майдон меомаданд.

Аз ибтидои солҳои бист асолати ҳунарӣ дар адабиёт муҳим шинохта намешуд. Камбағалии маънавӣ аз ҳамин солҳо шурӯъ гардид ва то солҳои панҷоҳ бо суръат идома ёфт. Аз шоирони тавонои тоҷик Пайрав дар ин равиш зарбаҳои сахте дида, худ ҳунарашро қурбони принсипҳои соддаи адабиёт карда, ниҳоят худро низ дар ин роҳ бохт.

Дар тафаккури мардуми мо сухан ва аҳли сухан мавқеи қудсӣ доштанд. Мутаассифона, дар ибтидои солҳои мавриди назар сухан ва аҳли он мавқеи худро сахт аз даст доданд. Онҳо дастхуши замона гардиданд ва сабабгори ба вуҷудоии адабиёти фармудаю хидматгузори сиёсат равон шуданд. Ин шароит на танҳо қадри осори асили бадеиро кост, балки мавқеи онро танг кард. Акнун адабиёт рисолати фалсафӣ, таърихӣ, иқтисод ва дигар осори гуманитариро бар дӯш гирифт. Ҳукумат аз хизмати адибони сустниҳод истифода мекард. Баъди инқилоб мақоми раҳбарии адабиёт густариш ёфт. Маънавияти динӣ, адабиёти шифоҳиро танг карда, адибон кӯшиш мекарданд, ки зиндагиро дар асоси образҳои тавсифӣ бунёд ниҳанд. Хонандаи шӯравӣ, аз ҷумла, тоҷик дар ҳамин савия тарбия меёфт. Вай асарҳои тавсиявиро ҳатман бояд меомӯхт, ба қаҳрамонони писандида пайравӣ мекард. Вай метавонист ба рӯзномаҳо таваҷҷӯҳ накунад, вале адабиёти шӯравиро ақалан дар мактаб бояд омӯзад. Чеҳраҳои таълимии адабиёти рус ба адабиётҳои дигар кӯчиданд. Образҳои Чапаев, Павел Корчагин тимсолҳои муқаддас ба назар меомаданд. Дар китобҳои дарсии тоҷикӣ «Достони марди ҳақиқӣ»-и Б.Полевой мақоми хос дошт.

Як ҳодисаи басо таассуфовар дар адабиёти ин давраи тоҷик он аст, ки дар асрҳои қаблӣ, ҳатто асри XIX шоирону нависандагони косибнамову беҳунар ба дараҷае, ки дар адабиёти замони шӯравӣ пайдо шуданд, набуданд. Ҳатто агар он эроди Ҷомиро ба шеъри замонааш ҷиддан муқоиса кунем, дармеёбем, ки он шоирони маъзул шинохтаи

Ҷомӣ аз лиҳози завқи ҳунарӣ аз бисёре аз аҳли қалами саршиноси солҳои бист ва баъд мақоми волотаре доштанд.

Пас аз Инқилоб дар адабиёти тоҷик усули реалистии тасвирро пайгир шуд ва аз лиҳози жанру услуб низ дигаргуниҳои ҷиддӣ ва мусбату манфӣ рух дод. Наср аз назм пешсафтар гардида, махсусан достонҳои кӯчак, румон ва достонҳои миёна равнақ пайдо карданд. Пайдоиши дром ба зуҳури театри миллӣ мусоидат кард. Аз солҳои баъди инқилоб дигаргуниҳои шакливу маънавӣ дар назм ба вуҷуд омад. Дар раванди дигаргуниҳо адабиёти рус бештар таъсири худро гузошт ва ин таъсир шакли тақлидро ба худ гирифт, ки натиҷаҳои мусбат ҳам дошт. Фурӯ гузоштани шаклҳои адабиёти худӣ ва ҳамзамон рӯ овардан ба жанру равияҳои эҷодии адабиёти рус натиҷаи ин тақлиду пайравиҳо буд. Ба мушоҳидаи Муҳаммадҷони Шакурӣ, «адабиёти русӣ ҳар лаҳза ба адабиёти тоҷикӣ нақше мегузошт. Ин нақшҳо гоҳ хосияти мусбат доштанд, гоҳ хосияти манфӣ, гоҳ ба адабиёти тоҷикӣ рангҳои наву ҷолиб меовардand, гоҳ онро аз вижагиҳои миллиаш маҳрум месохтанд. Бешак, ривоҷи роману повест ё ҳикояҳои реалистӣ, шаклҳои нави достони манзум ё қофиябандиҳои тоза, пайдоиши навъҳои мухталифи намоишнома – дром, фоҷиа, мазҳака ва бисёр навпардозиҳои дигар, ки дар адабиёти тоҷикӣ пайваста сурат мегирифтанд, ҳамаро рӯйдоди муҳиме ба шумор бояд овард. Мо дар ин роҳ аз адабиёти русӣ намуна мегирифтем ва аксаран нависандагони рус моро дар роҳҳои нав ва бозҷуст мебурданд. Ин роҳҳо ноҳамвор буданд, каҷу килеби зиёд доштанд ва баъзан мо ба сӯи кӯчаҳои бумбаст раҳнамунӣ медидем. Дар чунин мавридҳо на адабиёти русӣ, ки яке аз адабиётҳои бузурги ҷаҳон аст, балки баъзе нависандагон, дурусттар он, ки режими шӯравии томравоию истеъморӣ, идеологияи ҳизбӣ гунаҳкор буд» **(113,113).**

Боиси таассуф аст, ки адабиёти навини тоҷикӣ аз рӯзҳои аввали баъди Инқилоб роҳи сареҳи инкишофро аз даст дод. Методи реализми сотсиалистӣ, ки ба гардани ин адабиёт бор шуд, бисёр нависандагонро аз роҳи мустақими инкишофи эҷодӣ берун бурд. Ҳатто дастовардҳои ин

адабиёти қадим дар роҳи шинохти воқеият ва дарки фалсафии ҳаёт зери пардаи иштибоҳоти сотсиализми вулгар монд. Чунонки равшан аст, адабиёти садаи XIX бо насри Аҳмади Дониш дар оғози асри нав бо осори Абдуррауфи Фитрат усули тозаи воқеигароиро пеш гирифта буд ва ин маҷроро реализми маорифпарварӣ шинохтаанд. Сиёсати зӯровар адабиёти тоҷикро на фақат ба роҳи барғалати дарки воқеият ҳидоят кард, балки аз бозҷустҳои қаблии маънавият низ маҳрум сохт. Фақат Пайрав Сулаймонӣ дар баъзе аз шеърҳои ин вақт гуфтааш, аз ҷумла «Ба муносибати Инқилоби Бухоро» (1920) оҳанги қасосу кинаро фурӯ гузошта, фақат ҷавононро даъват кардааст, ки дар бунёди ҳаёти нав саҳм гиранд:

Ҳон, мужда шуд озодии ҷумҳурии моён,
Эй ҷамъи ҷавоно,
Шуд навбати моён!
Шуд байрақи сурх аз дару девор парафшон,
Чун меҳри дурахшон,
Ҳар сӯ шуда тобон…

Мазмуни иҷтимоии шеърҳои Аҳмадҷони Ҳамдӣ «Хитоб ба фақирони Бухоро» (1920) ва «Асари омол» (1920) он буд, ки вай «бо қувваи каломи бадеӣ» (6, 8) халқро «ба қиёми умумӣ» (ҳамон ҷо), ҷанги табақотии зидди ҳамдигар даъват мекард:

Хезед, дӯстони киромӣ, ғазо кунед!
Бо золимони миллати худ моҷаро кунед!…

Яке аз мазмунҳои муфиде, ки дар шеърҳои ин давра роҳ ёфт – дӯстиву бародарӣ ва баробарҳуқуқии инсонҳо сарфи назар аз миллату қавм буд. Манзумаи «Иди занони пролетар»-и Ҳамдӣ мавқеияти бисёр қаламкашонро ифода мекард.

Ӯзбеку тоҷикему русу яҳуд,
Нест фарқе миёни мо мавҷуд.
Мо ба ҳам ҷумла ёру дӯст шавем,
Пурлетарона мағзу пӯст шавем…

Ашъори иҷтимоии мазмуни ин, давра дар баробари истиқболи Инқилоб, масъалаҳои мактабу маориф муқовимат бо дунёи кӯҳна, дин ва хуровот, муқовимати синфӣ дар сатҳи ҷаҳон ва ғайраро низ фаро гирифтааст. Дар ин замина Айнӣ, Пайрав ва баъдтар Лоҳутӣ шеърҳои сиёсатолуд ва синфиятҷӯй гуфтаанд, ки чандон арзиши бадеӣ надоранд. Ин шеърҳо сухани оддӣ буда, танҳо бо вазну қофия гуфта шудаанд. Масалан, ба ин байти Пайрав аз шеъри «Ду ҳуҷум» диққат диҳед:

Ин ҷо ҳуҷум баҳри халосии Чину Ҳинд,
Он ҷо ҳуҷум баҳри асирии Ҳинду Чин.

Идеологияи дунёи дуқутбӣ ва муборизаю муқовимати ду дунё – сотсиалистию капиталистӣ бо ҳамин усул дар шеъри тоҷик ҷой гирифт ва реша давонд. Ҳамин тариқ, мавзӯи «ҷанги дувал» дар шеъри тоҷик аз мавзӯъҳои муҳим ва аз нигоҳи идеологияи Шӯравӣ «ҷовидона» гардид. Мо дар ин мавзӯъ шеърҳои каммояи Пайрав, баъдтар Лоҳутӣ, Раҳимӣ ва дигаронро метавонем зикр кунем. Идеяи ниқорталабии идеологиро дар шеъри ин давра, ин байти Пайрав хеле барҷаста ифода кардааст:

Дашту биёбон шавад пас аз ту гулистон,
Бадбахт хушбахт гардад, хушбахт бадбахт.

Дигар аз паҳлӯҳои шеъри иҷтимоии ин давр назми меҳнат буд, ки қитъаи зерини Сарвар тимсоли хаёлу андешаи шоирони ин давр дар мавзӯи меҳнат аст.

Чи хуш соли хуб аст ин соли ҷорӣ,
Ҳама гашта машғули кишти баҳорӣ.
Яке ғӯза корад, дигар гандуму ҷав,
Яке пила монад, дигар пахтакорӣ.

Аслан ҳарфи шоирона дар бораи меҳнат, бунёдкорӣ ва ба ин монанд фазилатҳо арзиши ахлоқӣ дошт, вале бадии кор дар он буд, ки дар зимни ин мавзӯъҳо шеър ба майдони муқовимат, кашмакаш ва низоъҳои сиёсиву табақотӣ бадал шуд. Дар ин гуна шеърҳо ҷои тасвирҳои шоиронаро сухани хушки берӯҳи шеъргуна гирифт.

Мазмуни маърифатпарварӣ низ дар шеъри ин давра хеле роиҷ буд. Аз устод Айнӣ сар карда, ҳамаи шоирон оид ба аҳамияти илму маориф дар ҳаёти инсон ва мамлакат сухан мегуфтанд. Вале, мутаассифона, дар оғоз хосияти умумиинсонӣ доштани илму дониш сарфи назар шуд ва мавқеияти синфӣ нуфуз кард. Илму дониш барои «Бани инсон» не, балки хоси табақаи «муздур» дониста мешуд. Матлаи ин ақида дар шеъри ин давра байти зерини Мунзим аст:

Дар олам агар мардуми нодон набувад ҳеҷ,
Бар тоифаи муфтхурон нон набувад ҳеҷ.

Бештарин шеърҳое, ки Раҳимӣ, Аминзода, Мунзим ва дигарон дар ин мавзӯъ гуфтаанд, аз даъвати хушк иборат буда, арзиши таблиғотӣ доштанд. Дар бештарини ҳол рӯи суханони шоирон ҷониби занҳо буд, ки Инқилоб шароити хонданро ба онҳо муҳайё сохта буд. Лоҳутӣ дар ин мавзӯъ ба радифи «мебоист кард» шеъре гуфт ва Мунзиму Пайрав онро тазмин карданд. Ин ду пора, ки аз Мунзиму Пайрав меоварем намунаи ҳолати умумии ин мавзӯъи шеъри он солҳост.

Аз Мунзим:

Ҷаҳлро аз Тоҷикистон дур мебоист кард,
Аз барои дурии ӯ сур мебоист кард.
Миллати тоҷик то гардад халос аз дарди ҷаҳл,
Духтари тоҷикро духтур мебоист кард.

Аз Пайрав:

Бори нодонӣ зи дасти духтарон бояд фиканд,
Фикрашон аз маърифат пурнур мебоист кард.
Ин асоси кӯҳнаро барбод мебоист дод,
Бо таҷаддуд пайравӣ маҷбур мебоист кард.

Дар заминаи таблиғи илму дониш шоироне чун Лоҳутӣ исломро сабабгори асосии қафомонии иқтисоду маданияти Шарқ донистанд. Дар ин бора Лоҳутӣ гуфта буд:

Гар дини араб равшанӣ аз Шарқ намебурд,

Тоҷик чунин мондаву торик намешуд.

Чунин шеърҳоро, ки маъниҳои мулҳидона доштанд, мо дар эҷодиёти Пайрав, Аминзода ва дигарон мушоҳида мекунем. Ин шеърҳо номаҳои манзуми таблиғотӣ буданд ва ҳамчун осори адабӣ дар адабиёт мавқеъе надоранд.

Дигар аз намудҳои шеъри солҳои бист ашъори ишқӣ ва пейзажӣ буд. Махсусан шеъри ошиқона номаи тозаи зебоиписандиро корбаст мекард. Сарманшаи чунин назар адабиёти маорифпарварӣ буд, ки ин гуна шеърҳоро мо дар эҷодиёти Мирзо Сироҷи Ҳаким, Фитрат ва дигарон пайдо карда метавонем. Дигар аз омилҳои навангезии ин мавзӯъ шеъри машрутахоҳони Эрон буд. Акнун чашми ошиқ маъшуқаро аз дидгоҳи ҳунар арзёбӣ мекард, акнун қадри занро на фақат ҳусн, балки ақлу дониш, касбу ҳунари ӯ низ муайян менамуд. Шеърҳои шиормонанди ишқӣ оҳанги амиқи таблиғотӣ доштанд. Масалан, ба ин пораи шеъри Лоҳутӣ таваҷҷӯҳ кунед.

Андар ин даври тамаддун, санамо, лоиқ нест,

Дилбаре чун ту зи ороиши дониш ба канор.

Зишт набвад санаме чун ту зи дониш маҳрум?

Ҳайф набвад шаҷаре чун ту тиҳидаст аз бор?

Дар баробари ин дар адабиёти ин давр чунин консепсияи назарии адабӣ тарҳ мешуд, ки тасвири ишқи суннатиро инкор мекард:

Шоири сурх, магӯ ҷуз сухани озодӣ,

Васфи холу хати ҷонона чӣ маънӣ дорад?

Ҳамин консепсия таносуб ва мазмуни образҳои анъанавиро дар тасвири мавзӯи ишқ тағйир дод. Беш аз ин, «оҳанги ишқиву гражданӣ» (96,139)-ро «маҳбуба не, балки револютсия, халқ, синфи пролетар ва арзишҳои дигари инқилобӣ гардид. Ва ин ҳодисаҳо ба омили суст шудани ҷанбаҳои қудсӣ ва инсонии шеър мубаддал гардид, ба таҳкими назари сохтаву лоқайдона дар шеъри ошиқона мусоидат кард.

Дар раванди чунин ҳодисаи таассуфангези адабӣ Пайрав шеърҳои ошиқонаи дардолуд ва Фитрат шеърҳои пейзажие, ки «ҳеҷ вобастагие ба ягон масъалаи иҷтимоӣ» (96, 148) надоштанд, гуфтанд ва оқибат ҳар ду ҳам ноҳақона саркӯб шуданд.

Насри солҳои бист. Муҳаққиқони таърихи адабиёти тоҷик солҳои бистро «давраи пайдоиш ва ташаккули насри советии тоҷик» **(96,188)** дониста, аз публисистикаи «Шӯълаи инқилоб» (1919-1921) то нашри повести Айнӣ «Одина»-ро «давраи пайдоиши насри нави реалистӣ» ва «давраи ташаккули онро солҳои 1927-1930 муайян кардаанд» **(96).**

Аз муаллифоне, ки дар ин давра беш аз ҳама дар шаклгирии публисистикаи тоҷик саҳм гузоштааст, фақат Айниро метавон ном бурд. Ба ғайр аз мақолаҳои публисистӣ дар ин давра Айнӣ очеркҳои таърихии «Таърихи амирони манғиятияи Бухоро», «Материалҳои таърихи инқилоби Бухоро», повестҳои «Ҷаллодони Бухоро» ва «Одина»-ро таълиф кард. Воқеан ҳам «ин асарҳо таҳкурсии насри советии тоҷикро ба вуҷуд овардаанд ва монанди назм «шарафи асосгузории он ҳам ба устод Айнӣ насиб гардид» **(96, 189).** Баъдтар Айнӣ маҳораташро такмил дода, ҳикояи «Моҳрӯй», повестҳои «Аҳмади девбанд», «Қулбобо» ва романи «Дохунда»-ро навишт ва бо ин асарҳои худ «роҳи тараққии насри бадеиро муайян кард» **(96, 189).** Айнӣ ҳам дар очеркҳои таърихии дар аввал зикршудааш, ҳам дар повестҳову романи «Дохунда» нахустин бор «воқеиятро ҳаққонию таърихан конкрет ва дар тараққии револютсионӣ ба шакли хоси миллӣ» **(96,189)** нишон дод.

Дар охири солҳои бистум ба майдони наср ҷавононе чун Ҷ. Икромӣ, Б. Азизӣ, А.Деҳотӣ, Ҳаким Карим, С. Улуғзода, Бадриддин Икромӣ, Абдулғанӣ Мирзоев ва Қурбон Баҳлулзода омаданд, ки ҳикояву очерк ва мақолаҳои танқидӣ менавиштанд. Дар ин давра Пайрав низ дар наср қувваозмоӣ карда, ҳикояи «Гуландом» ва повести нотамоми «Духтари чингиз»-ро навишт. Абдулвоҳиди Мунзим ҳикояи «Обшори чашмдор»-ро эҷод кард.

Агар Айнӣ дар асарҳояш ба воқеияти таърихӣ муроҷиат карда бошад, нависандагони ҷавон кӯшиш мекунанд, ки дар мавзӯи рӯз асар нависанд.

Вале диди таърихӣ ва назари амиқу моҳиятҷӯ ба Айнӣ шароити фикриеро муҳаё сохт, ки дар насри солҳои бист сухани бавазну баэътибор гӯяд. Агар Айнӣ дар мақолаҳои публисистӣ ва очеркҳои таърихиаш «мубориза дар роҳи сарнагун сохтани дунёи истибдоди феодалӣ ва ба даст овардани истиқлоли миллӣ»-ро ҳадафи асосии ғоявӣ қарор дода бошад, дар асарҳои баъдиаш ба воситаи таҷассуми бадеии воқеияти таърихӣ моҳияти истибдод ва арзишҳои инсонпарваронаи инқилобиро таъкид мекунад.

Арзиши таърихӣ ва гуманистии аввалин повести советии тоҷик дар он буд, ки нависанда ҳақиқати талх ва фоҷиаомези ҳаёти халқро дар аморати Бухоро бо камоли дақиқназарӣ тасвир намуд. Ин повест ҳам монанди дигар асарҳои Айнӣ зери таъсири идеяҳои инқилоб навишта шуда, моҳиятан назари синфиятҷӯӣ дар он афзалият дорад. Бо вуҷуди ин муваффақияти бузурги нависанда дар он буд, ки моҳияти ғайриинсонии сохти давлатдории амириро бо тамоми қабоҳаташ ошкор сохт. Чунин ғояи инсонпарварона нафақат дар изҳори ҳамдардӣ ва раҳму шафқат нисбат ба мақтулҳо, балки дар ифодаи нафрату ғазаб, қароҳат ва эътирози сохти иҷтимоӣ нисбат ба тартиботи сохти ҷамъияте зуҳур кардааст, ки боиси кушта шудани мардуми бегуноҳ мегардад (96, 229). Аз ин ҷиҳат тири аввалини Айнӣ ба муқобили низоми давлатдории ғайриинсонӣ равона шуда, моҳияти назари мондагори иҷтимоии нависандаро муайян мекунад.

Повести «Одина» намунаи дигари насри ин солҳост. Устод Айнӣ дар асар «аҳволи коргарон ва деҳқони тоҷикро дар арафаи Инқилоби Бухоро тасвир карда, дар эҷоди он «худи ҳаёт мушоҳидаҳои нависанда, воқеаҳои реалӣ ва таърихан конкрет, саргузашти одамони воқеӣ, маълумоти вакилони тоҷикони кӯҳистон оид ба маишат, урфу одат бошад» (96, 235) ба нависанда кӯмак кардааст.

Донишманди маъруф М.Шукуров дар бораи повестҳои «Ҷаллодони Бухоро» ва «Одина» сухан ронда, гуфта буд, ки ҳар қадами Айнӣ «дар насри тоҷик дар роҳи тасвири реалистии зиндагонӣ як қадами нав, ҳар сухани ӯ як сухани тоза буд. Ҳар сухани тозаи ӯ реализми тасвирро як дараҷа такмил медод ва як поя боло мебурд» (116,101).

Дар насри солҳои бист ин ду асари Айнӣ ҷойгоҳи хос доранд. Сарфи назар аз таъсир ва ба коргирии идеологияи ҳоким Айнӣ тавонист, ки ба воситаи ин асарҳояш аввалан моҳияти ғайриинсонии сохти давлатдории амириро нишон диҳад, баъдан неруи бузурги халқро дар роҳи дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва тағйири дунёи зулм арзишманд шиносад.

Айнӣ дар фароварди даҳаи аввали «гардишҳои инқилобӣ» романи «Дохунда»-ро чоп кард (1927-1930). Вай дар ин роман низ дар партави воқеият ва сиёсати расмии замон Айнӣ масъалаи озодӣ ва истиқлоли маънавию моддии инсонро аз муҳимтарин муаммоҳо медонад. Вале ин масъала дар роман аз мавқеи манфиатҳои синфӣ ҳал мегардад. Чунин назар ба нависанда имкон намедиҳад, ки дар сари категорияҳои фалсафии инсон, озодӣ, замон ва макон ба хулосаи саҳеҳ ояд. Аз ҳамин мавқеият фаъолияти ҷадидон дар роман маҳкум мешавад, ки ба ҳақиқати таърих рост намеояд. Хулосаи Айнӣ ин аст, ки озодии инсонро на назми давлатдорӣ, балки сохти он таъмин месозад.

Дар он замон ва баъд романи «Дохунда» миссияи бузурги таблиғотӣ дошт. Ҳатто ин таъсир ба дараҷае буд, ки қаҳрамонони асар талмеҳи образҳои адабӣ дар назму наср гардиданд. Дар шеър такрор ба такрор ба сифати образи шеърии қиёсӣ истифода шуданд.

Насри солҳои бист бо асарҳои Айнӣ ҳодисаи дигареро дар ҳаёти фарҳангии тоҷикон тасдиқ кард. Ин ба ҳукми забони устувори насри бадеӣ мавқеъ гирифтани забони тоҷикӣ буд. Ин забоне буд, ки аз забони ноби форсии классикӣ гирифта, бо кӯшиши Айнӣ бо роҳи истифодаи санҷидакорона аз забони мардумӣ сайқал ёфт ва мавқеият пайдо кард.

Чунонки дар боло ишора кардем, охири солҳои бист як гурӯҳ ҷавонон ба арсаи адабиёт омаданд, ки «бо роҳбарӣ ва маслиҳати Айнӣ»

(96, 318) дар роҳи ташаккули насри он солҳо саҳми босазо гузоштанд. Аз ин гурӯҳ танҳо Ҷ. Икромӣ, А. Деҳотӣ, Б. Аҷзӣ, С. Улуғзода ва Ҳ. Карим тавонистанд, ки бо саъю кӯшиши тамом номашонро дар адабиёт сабт кунанд. Ин гурӯҳи адибон асосан ба навиштани ҳикоя майлу рағбат доштанд. Ҳамин майл буд, ки Пайрав ҳикояи «Гуландом»-ро навишт ва ҳикояи «Обшори чашмдор»-и Мунзим низ дар ҳамин давра чоп шуд. Ҳикояҳои ин нависандагон бо заминаи воқеии тасвир ва падид овардани ҳолу ҳавои замон фарқ мекарданд. Аксари муаллифон дар бораи рӯйдоди воқеӣ будани мазмуни ҳикояи «Ширин» чунин фикрро баён карда буданд. Дар ин замина ҳикояҳои Ҷ. Икромӣ «Ғалаба», «Ширин», Деҳотӣ «Ҳамидаи сиёҳбахт», Аҷзӣ «Никоҳи дилхоҳ», М. Абдулғанӣ «Истиқлол» ва ғайраро метавон ном бурд. Нависандагон дар ин ҳикояҳо асосан ба воқеияти рӯз такя карда, муносибатҳои нави ҷамъиятро ташвиқ мекарданд. Табиист, ки низоъҳои сиёсии замона, аз ҷумла бархӯрдҳои синфӣ дар маркази сужети ин ҳикояҳо буд. Ҳикояҳои Ҷ. Икромӣ «Як ҳавзи пурхун», Деҳотӣ «Доғи фарзанд» ва Б.Азизӣ «Подшоҳ-подшоҳ» фоҷиаи зиддиятҳои синфиро баён мекунанд. Бале, «ба мо баён мекунад» гуфтем, зеро ин ҳикояҳо ҳанӯз аз тасвири батааннии амалу кирдори қаҳрамонон дур буданд.

Дар мисоли навиштаҳои ин нависандаҳо баъзе махсусиятҳои насри ин давраро ёдрас кардан мумкин аст. Таваҷҷӯҳ ба воқиаҳои иҷтимоию ахлоқӣ ва маишиву ҳаёти маънавии мардум, ки зимни ин муборизаҳои синфӣ ва макру фиреби боёну рӯҳониён ва расми зиёновар тафсир мешуд, аз мавқеияти ғоявии насри ин давра хабар медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар насри солҳои бист «асосан эҷодиёти Айнӣ – повестҳои «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Аҳмади девбанд» ва романи «Дохунда» мавқеи марказиро ишғол (Таърих…, саҳ. 323) менамоянд. Ин асарҳо на фақат ташаккули реализми сотсиалистиро дар насри тоҷик нишон медоданд, балки услуби эҷодии нависандаро, ки зуҳуроти фардию конкрети метод мебошад, низ муайян» кардаанд.

Драматургия дар адабиёти советии тоҷик ҳодисаи нав буд. Бо вуҷуди ин аз оғоз адибон ба эҳёи ин жанр кӯшиданд ва нахустин драмаҳои тоҷикӣ ба қалами Беҳбудӣ ва Фитрат тааллуқ дорад. Беҳбудӣ песаи «Падаркуш» ва Фитрат песаи таърихии «Рустам ва Сӯҳроб»-ро навишт. Ин песаҳо дар он замона арзиши таблиғотӣ доштанд.

Аввалин намунаҳои нави нақди адабӣ ва адабиётшиносии тоҷик солҳои бист ба вуҷуд омаданд. Вале ин нақд ҳанӯз нақди комилан ташаккулёфта набуд. Хусусияти ин нақд аз он иборат буд, ки «ба шуури тафаккури зиёиён, ки аз ҷиҳати ҷаҳонбинӣ, дониш ва таҷрибаи ҳаётию эҷодӣ дар як поя набуданд, ба тадриҷ марксистию ленинӣ, назари материалистӣ ба таърих, воқеият ва адабиёту санъат қувват мегирифт. Чунин ҳолат, аввалан, махсусияти роҳу равиши танқиди адабии тоҷикро муайян кунад, сониян, майлу ақидаҳои мухталифро дар маънидоди вазъи адабӣ, адабиёти классикӣ, анъанаву навоварӣ ва шаклу мазмун нишон медиҳад» (14, 205).

Воқеият ин аст, ки ба сабаби набудани нашрияҳо нимаи аввали солҳои бист намунаи ҷиддии нақди адабиро пайдо карда наметавонем. Вале баъди таъсиси рӯзномаву маҷаллаҳо ва нашриёт намунаҳои танқид ва адабиётшиносӣ пайдо шуданд. Аввалин падидаи чашмгир дар адабиётшиносӣ – китоби устод Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) буд. Устод Айнӣ бо таҳлилҳои амиқ ва нақди осор дар ин китоб амалан ба пайдоиши нақди нав ва адабиётшиносӣ асос гузошт. Дар ин давра баъзе мақолаҳо чоп мешуд, ки дар онҳо нисбат ба мероси гузашта назари манфӣ ва нодуруст баён мешуд. Дар ин замина мақолаҳои Акмал Аминзода, «Дар майдони адабиёт», Ғ. Ализода «Чароғ пои худро равшан намекунад» Н. Бектош «Дастовез барои ташвиқотчиёни алифбои нав» нисбат ба мероси гузашта назари нодурустро таблиғ мекарданд. Ин гуна мақолаҳо низ натиҷаи сиёсати нодурусти расмӣ дар мавриди мероси гузашта буд.

Тамоми ҷустуҷӯҳои танқиди ин давра дар бораи адабиёт вобаста ба сиёсати ҳизб буд ва мунаққидон принсипу воситаҳои эҷоди бадеиро

дар асоси тезисҳои сиёсӣ ҳаллу фасл мекарданд. Ҳамин мавқеият доираи масъалаҳо ва рӯҳи интиқодии нақди адабиро муайян мекард.

Дар нимаи дуюми солҳои бистум нахустин мақолаҳои обзорӣ ба чашм мехӯрданд, ки дар онҳо муаллифон асосан ба муаммоҳои барои он вақт муҳим – нақши ҷамъиятии адабиёт ва санъат, анъанаву навоварӣ, ягонагии шаклу мазмун, вазну қофия ва ғайра бештар диққат додаанд. Дар ин робита чанд мақолаҳои Мирзо Мӯҳсини Иброҳимӣ «Адабиёт ва санъат дар партави марксизм», Собит Манофзода «Порчаҳои адабии мо», Раҳим Ҳошим «Адабиёти инқилобии тоҷик», Б. Азизӣ «Як назар ба шеърҳои тоҷикӣ», Т. Зеҳнӣ «Вазни арӯз ва вазни ҳиҷоӣ», Фахриддин Розӣ «Ҷамъияти муҳаррирони гиромӣ» ва ғайраро метавон ном бурд.

Ба фикри мунаққид Ҷ. Бақозода, «бо вуҷуди маҳдудияти доираи назар, ихтилофот дар баёни фикру андеша, аҳамияти ин маколаҳо дар он аст, ки муаллифон бо ҷӯшу хурӯш, бо як нав ҳарорат, бо рӯҳбаландии инқилобӣ барои муайян кардани принсипҳои адабиёти нави сотсиалистӣ кӯшидаанд. Сифатҳои хоси назму насрро, ки ҳанӯз миқдоран зиёд набуд, нишон додаанд». (14, 210).

Аксари мақолаҳои дар ин давра чоп шуда аслан сиёсати ҳизбро дар соҳаи адабиёт пиёда кардаанд. Бинобар ин, дар ин мақолаҳо моҳият ва савияи адабиёти бадеӣ ба ҷои дуюм фаромада, арзиши сиёсии он ба ҷои аввал мегузарад. Мақолаи дар боло ишорашудаи С. Манофзода ҳам ҳамин гуна хусусият дорад. Вале дар мақолаи ӯ аввлин кӯшиши нақди шеър ба назар мерасад, ки барои танқиди адабии он солҳо падидаи муҳим буд.

Дар ин солҳо гуфтугӯи нисбатан ҷиддӣ дар атрфои маҷмӯаи адибони тоҷик «Сабзаи навхез» бо мақолаи Набӣ Фахрӣ «Сабзаи навхез» ва адабиёти имрӯзаи мо ба вуқӯъ пайваст. Муҳимтарин фикри мунаққид дар ин мақола таъкиди вай ба арзиши бадеии осори ҳунарист. Вай вазифаи адабиёти бадеиро барои дигарон дар бедор кардани завқи табиӣ, ҳаяҷони бадеӣ ва мавҷи инқилобӣ медонад.

Маълум аст, ки солҳои бистум аввалин намунаҳои насри тоҷикӣ ба майдон омад. Дар атрофи ин асарҳо низ фикру мулоҳизаҳо баён мешуданд. Аз ҳамин мавқеъ повести устод Айнӣ «Одина» ва ҳикояи Ҷ. Икромӣ «Ширин» мавриди гуфтугӯи аҳли танқид қарор гирифт.

Нақди адабии тоҷик дар солҳои 20-ум дар шароити душвори идеологӣ ва муборизаҳои синфӣ ба вуҷуд омад ва бо вуҷуди кӯтаҳназариҳо онҳое, ки хишти аввали ин биноро гузоштанд, хидмате кардан ва мо бояд онҳоро ба некӣ ёд кунем.

Идеологияи ҳизб ва ҳукумати болшевикӣ дар забон аз мероси гузашта ҳимоят мекард, вале дар амал сиёсати зӯровари зидди миллӣ ба равнақи адабиёт ва фарҳанги асил, ки аз зоти худ ҷудо набошад, муқобилат мекард.

Шароити сиёсиву иҷтимоии кишвари тоҷикон, ки хеле хароб шуда буд, ба ҳукумати нав имкони ҷонбахши ҳаётсозро фароҳам овард, ки зуд дар тамоми ҷабҳаҳо тарафдор пайдо кунад. Дар ҳамин замина, ки ҷаҳолати рӯҳониёни мутаассиб ва мансабдорони фисқбунёд умеди мардумро барбод дода буд, онҳо инқилобро чун «гардиши бузурги таърихӣ» пазируфтанд. Нерӯҳои озодихоҳиву миллатдӯст низ ба ҳукми таърих тан доданд. Вале баъдтар маълум шуд, ки «ин гардиши бузурги таърихӣ» аз бисёр ҷиҳат барои халқи тоҷик гарон будааст.

Аввалан, сиёсати зӯргӯ фарҳанг ва иқтисоди кишварро аз раванди табиии инкишоф сирфан берун бурд. Сониян, сиёсати «тафриқа андозу ҳукумат кун» бозиҳоеро ба роҳ андохт, ки хиёнати бузург ба манфиатҳои миллии тоҷикон буд.

Мероси гузаштаи илмӣ ва адабии тоҷикон тӯли солҳои дароз душмани сохти нав шинохта шуд ва амри расмии онҳо ин гардид, ки тоҷикон ва дигар қавмҳои Осиёи Марказӣ бояд аз гузаштаи хеш даст бишӯянд. Ин кӯшиши тарҳрезишуда ба он нигаронида шуда буд, ки халқ аз бунёди маънавияш маҳрум ва сохти бозҷустҳои адабию фарҳангии ночиз гардид. Таблиғи назарияи «Маданияти пролетарӣ» ба он овард, ки чеҳраҳои саршиноси адабу фарҳанги тоҷикӣ аз мероси

гузашта рӯ гардонанд. «Инқилоби адабие»-ро ба роҳ андохтанд, ки бепояву каммоя будани онро мо ҳанӯз ҳам амиқ дарк намекардем.

Абдушукур Пирмуҳуммадзода навишта буд, ки «баъд аз ба вуҷуд баромадани Инқилоби Октябр, ки умуман бар зидди расму одат, усули зиндагонии қадим ва алифбои кӯҳна табаддулоти намоён гардид, бар зидди адабиёти кӯҳна ҳам, ки ҳазорон сол боз давом карда омада истодааст, як инқилоб ва дигаргунӣ пайдо шуд. Шиори ба вуҷуд овардани «Инқилоби адабӣ» дар миёни шоирон ва адабиётчиёни тоҷик ҳам рӯз то рӯз ривоҷ гирифт» (79, 274).

Ин идеалогияи армонии болшевикон ва душманони халқи тоҷик заминаи мусоидеро барои зуҳур ва инкишофи адабиёти гапдаро ва хидматгузори доираҳои сиёсӣ фароҳам овард. Агар ин тавр намебуд, Бектош бо эҳсос хитоб намекард, ки «Ачабо, мо чӣ дорем?. Ғайр аз якчандто девон, луғат ва тазкира чизи дигар надорем, ки барои ҷамъияти мо дар оянда ба кор ояд. Магар ҳамон девонҳои адабиёти синфии моро тамоми одамоне, ки бо алифбои кӯҳна савод доранд, мефаҳманд? Албатта не. Адабиёти синфии мо, гуфтан мумкин нест, ки тамоман дар болои тасаввуф ниҳода шудааст. Бинобар ин иборат аз истиораҳои махсус ва ифодаҳои дарун ба дарун мураккаб аст, ки ҳар кадом одами босавод наметавонад бевосита фаҳмад. Барои фаҳмидани адабиёти кӯҳнаи мо тахассус лозим аст» (78).

Ин ҳукмҳо дар ҷараёни таҳкими мавқеи сиёсии ҳукумат шакли қотеъонаро мегирифт ва фикри дигар дар ин миён мавқеъ надошт. Аз ин ҷиҳат, чунин мулоҳизаи Ғ. Ализода тасодуфӣ набуд: «Бале, танҳо як адабиёти тоҷик буд: адабиёти феодалӣ ва буржуазӣ… Он адабиёт, назму наср ҳама хизмати ҳамон табақаи боло, феодалҳо (амирон, амалдорон, ҳокимон ва хонҳо) ва буржуазҳоро мекард. Ҳамаи ин назму насрҳои тоҷикӣ, ки дар давраи феодалӣ ва буржуазӣ буданд, барои пролетар ва камбағалони тоҷик ҳеҷ фоида надошта, балки афкори пролетарҳоро заҳролуд мекард»

Чунин иқдомҳо дар роҳи нашинохтани бунёди маънавӣ заминаҳои туркгароӣ низ дошт. Дар ин замина бо овардани иқтибосе аз мақолаи Вадуд Маҳмудӣ «Бугунги шоиримиз ва санъаткорларимиз» («Маориф ӯқитувчи» 1925, 2, саҳ. 57-58) қаноат мекунем. Ӯ менависад: «Биздаги адабиёт Туркия адабиёти тақлиди билан башлангандир. Шунинг учунда бизнинг адабиётимиз билан Туркия адабиёти умумий, муштаракдир. Руҳ, шаклда Туркистон, Кофқоз, Крим доимо Туркияга эргашадир».

Ҳатто ҳизби болшевик расман ин назарияро дастгирӣ мекард. Зиёда аз ин мероси адабиву фарҳангии гузаштаро зарарнок эълон карда буд, аз чопи «маҷмӯаи назми бостонии Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва ғайра худдорӣ» карданро ташвиқ мекард.

Донишманди адабиёт Муҳаммадҷони Шакурӣ барҳақ менависад, ки дар натиҷаи чунин қарорҳову тасмимҳо, ки бисёр содир мешуданд, соли 1930 китоби устод Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) аз фурӯш чида шуд. Дар тӯли даҳаи сиюм ҳар сари чанд гоҳ мақолае ва санаде бо мазмуни қарорномаи боло пайдо мегардид. Дар чунин шароит машғул шудан бо таҳқиқи таърихи адабиёт имкон надошт. Ин ҳолат барои ба адабиёти бадеӣ роҳ ёфтани суннату анъанаҳои миллӣ, барои устувор шудани бунёди миллии осори нависандагон сахт халал мерасонид, монеае дар роҳи рушди таърихиву фарҳангии миллат ва худшиносии миллӣ буд» (113,115).

Ҳамин тариқ, ин ҳодиса аз оғози солҳои бистум ва баъд тадриҷан ба маҳрум шудан аз бунёди маънавӣ оварда, ниҳоят камбағалии муҳити маънавиро авҷ бахшид, ки дар ин миён беш аз ҳама мисли Пайрав адибони пурҳунар зиён диданд ва ҳатто ангезаҳои фоҷианоке барои чунин адибон эъмор гардид.

Бузургтарин фоҷиа ин шуд, ки адабиёт ба хизматгузори сиёсати расмии ҳизб ва ҳукумати вақт табдил ёфт. Ҳуввияти адабиву инсонӣ аз даст рафт. Адибон дар навиштаҳои худ идеологияи ҳизбиро ба раҳбарӣ гирифта, дар ин замина асарҳои қолабӣ эҷод мекарданд, ки аз лиҳози ҳунар арзиш надоштанд. Ҳизб зимни қарорҳо мавзӯоти муҳимро

барои адабиёт талқин мекард.Ин талқини усулӣ то охири солҳои 80 таъкид мешуд.

Адабиёти навини тоҷик аз нахустин солҳои зуҳураш ба нишондодҳои ҳизб тобеъияти комил зоҳир намуд. Чунин суханони Маяковский «нависанда он аст дар ин рӯзгор, ки марше сарояд, нависад шиор»- маҳаки эҷодии адибони тоҷик қарор гирифт. Ва муҳаққиқони адабиёти марксистӣ Айниро дар саргаҳи ин тарроҳии адабиёти нав аз дидгоҳи сотсиализм ва ҳизб дидаанд. Ба ифодаи М. Шукуров, ба кӯшиши адибоне чун Айнӣ «ба адабиёти халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон ҷараёни пурқуввати замони нави инқилоби сотсиалистӣ, мубориза ва дигарсозиҳои иҷтимоӣ дохил мегардад» (113,63).

Адабиёти нави тоҷикӣ дар заминаи дастурҳои ҳизбӣ ва талқини чеҳраҳои саршиноси адабиёти рус, ки «афсарони собитқадами идеологияи ҳизбӣ» шинохта шуда буданд, тадриҷан ҳуввият ва асолати хешро аз даст дода, ба зоҳир «шаклан милливу мазмунан сотсиалистӣ» шуда монд. Горкий адабиёти ягона – адабиёти умумииттифоқро писандид. Ин идеология инсонро «винтик» шинохта, инженерони рӯҳи одамизод донист. Муҳимтарин рисолати ин адабиёт рисолати идеологӣ буд, яъне таблиғи ғояи дӯстии халқҳо, ягонагии маънавии сиёсии онҳо, ватандӯстии советӣ.

Назоратчиёни адабиётшиносии марксистӣ назарияи адабиёти навро тарҳ дода, методи ягонаи эҷодиро барои адабиёти шӯравӣ таъин карданд. Ҳамин тариқ, соли 1932 мафҳуми «Методи асосии адабиёти шӯравӣ – реализми сотсиалистӣ» ба майдон омад. Назар ба пиндошти муҳаққиқони адабиёти рус пеш аз вақт баъзе асарҳо, аз ҷумла «Модар»-и Горкий низ ба ин метод мутааллиқ шинохта шуда буд. (30, 26).

Чунин «пешбиниҳои» ғайри илмӣ дар адабиётишносии тоҷик низ ба вуқуъ пайваст. Бисёр аз асарҳое, ки қабл аз зода шудани методи «реализми сотсиалистӣ» эҷод шуда буданд, низ мутааллиқ ба ин метод дониста шуданд.

Воқеияти пеши назар ин аст, ки Айнӣ реализми сотсиалистиро аз Максим Горкий ва Владимир Маяковский барин адибони пролетарӣ омӯхт. Ҳамчунин муҳаққиқон бар чунин ҳақиқате итминон доранд, ки «Эҷодиёти адибони рус, аз қобили А.Фадеев, А.Толстой, А.Серафимович, М. Шолохов, Ф. Гладков, К. Федин, Н. Тихонов ба инкишофи адабиёти миллии мо таъсири басо калоне доштааст (97,9).

Ин таъсир ҷанбаи амиқи тақлидӣ дошта, аз оғоз монеъи ҷустуҷӯҳои ғоявию бадеии адабиёти асил гардидааст. Дар ин робита ба чунин ақидаи Муҳаммадҷон Шакурӣ метавон розӣ шуд. Ӯ таъкид мекунад, ки «бешак, ривоҷи роману повест ё ҳикояҳои реалистӣ, шаклҳои нави достони манзум ё қофиябандиҳои тоза, пайдоиши навъҳои мухталифи намоишнома-дром, фоҷиа, мазҳака ва бисёр навпардозиҳои дигар, ки дар адабиёти тоҷикӣ пайваста сурат мегирифтанд, ҳамаро рӯйдоди муҳимме ба шумор бояд овард». Вале, мутаассифона, чунин «намунагириҳо аз адабиёти рус» нависандагони моро дар бозҷусти роҳҳои нав аксаран ноком гузоштанд. Ин нокомӣ маҳсули режими шӯравии комравоию истеъморӣ ва идеологияи ҳукмрони ҳизбӣ буд.

Ин равиши тақлидӣ ҳамагароии бесудро дар адабиёти тоҷик равнақ бахшид. Агар адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми садаи нуздаҳ ва оғози садаи ХХ бо насри Аҳмади Дониш, эҷодҳои Фитрат «кам-кам воқеъагироии нав пеш гирифта» (115) бошад, баъдтар аз ин роҳи такомули тадриҷии таърихӣ берун рафт. Усули реализми сотсиалистӣ ин гуна мавқеъро дар адабиёти нави тоҷикӣ таҳким бахшид. Ба тақозои ин метод нависандагон мебоист ҳаётро аз назари ҳизбӣ ва табақотӣ тасвир мекарданд, то ҷавобгӯи сиёсати ҳизб ва талаботи идеологӣ бошанд. Аз ҳамин мавқеъ реализми сотсиалистӣ тақозо мекард, ки ҳаётро аз дидгоҳи ҳизб ва манфиатҳои табақотӣ бояд тасвир ва тафсир кард. Бинобар ин ҳам зиндагии мардуми шӯравӣ аксаран на мутобиқи воқеият, балки тибқи нишондоди ҳизб нигориш меёфт. Ба ҳамин сабаб, назар ба мушоҳидаи М. Шакурӣ, «бисёре аз асарҳое, ки дар бораи ҷанги дохилии шаҳрвандӣ, озодии занон, сохтмони колхоз ва ҳаёти колхозӣ

навишта шудаанд, ба ҳамин тарз ба миён омадаанд ва моҳияти падидаҳои иҷтимоиро он тавре ки буд, ифода накардаанд». Ин асарҳо аз воқеъият хеле дур буда, ғояи талқиншударо ифода мекарданд.

Зимнан бояд гуфт, ки дар оғози пайдоиши мафҳуми «методи реализми сотсиалистӣ» муҳаққиқон маънии онро васеътар тафсир кардаанд. Аз ҷумла, А.Луначарский дар маърӯзааш «Реализми сотсиалистӣ» (1993) таъкид мекунад, ки «Реализми сотсиалистӣ барномаи пурвусъат буда, вай методҳои мухталифро, ки мо дорем ва баъзеро ба даст меорем, пайванд медиҳад» (30,26). Ҳамчунин А. Лежнев менависад, «Реализми сотсиалистиро ба он маънии маҳдуде, ки символизм ва футуризм ба назар меоянд, набояд фаҳмид. Ин мактабе нест, ки хурдтарин ҷузъиёти меъёрҳои бадеӣ кор хӯрда бошад, балки вай соҳиби сирру мӯъҷизанокист, ки ба тақозои табиаташ махсус ва содиқ ба назар намеояд (ҳамон ҷо). Вале ин мунаққидонро низ дар Россияи Шӯравӣ шунидан нахостанд. Лунчарский пурҳасрат ҳамон сол фавтид, Лежневро баъди ба чоп расидани китобаш «Дарбори санъат» парронданд.

Реализми сотсиалистӣ аз оғози солҳои сӣ сар карда ба меъёри тасвири шиорҳои сиёсӣ табдил ёфт. Идеализатсияи воқеияти ғайриидеалӣ реализм буда наметавонист. Ин воқеъияти инкишофи адабиёт танҳо хоси наср набуд, балки назмро низ фаро гирифта буд. Ҳатто дар солҳои ҳафтодум, ки дигарандешӣ дар ҷомеа каму беш воқеъ мешуд, шоирони тозаандеши тоҷик Лоиқ, Бозор Собир, Мастон Шералӣ маҳз барои «Назари носолим ба ҳаёти сотсиалистӣ» сазовори танқиду маломатҳои зиёд гардидаанд. Дигарандешии шоирони тозаҷӯро ҳатто Мирзо Турсунзода зуҳури майли хатарноки «ҳиссиёти бадбинона, сентиментализм ва ҳатто майл ба тасаввуф» дониста буд.

Ҳамин тамоюл адабиётро аз роҳи мустаҳками инкишоф берун бурд, адабиёти қолабӣ ва берӯҳро ба майдон оварад.

Ибтидои таърихи навини шеъри тоҷикиро муҳаққиқон ба иттифоқ соли 1918 шинохтаанд. Солҳои 1922-1924 саҳифаҳои ин китоб холӣ мемонад.

Ин солҳое буд, ки дастгоҳи расмӣ ба иттифоқи пантуркистон халқи тоҷикро бе минбар сохт, яъне мардуми мо бе матбуот монд. То нашри «Овози тоҷик» (15 августи соли 1924) шеъри тоҷикӣ чоп нашудааст.

Муҳаққиқони таърихи назми ин солҳо романтикаро аз хусусияти умдаи шеъри ин давра шинохтаанд. Ин равияро дар эҷодиёти Айнӣ, Аҷзӣ ва баъдтар Лоҳутӣ ба мушоҳида гирифта, мусовӣ набудани онро таъкид кардаанд (96, 27). Ва ин романтизм то дараҷае аз романтизми маорифпарварӣ тафовут дошт ва дорои ҷанбаи инқилобӣ ва моҳияти пурқуввати таблиғотӣ буд. Махсусан, шеърҳои ин давраи Лоҳутӣ дорои қувваи нави инқилобӣ буданд. Вале «Хаёлоти романтикии маорифпарваронаи Айнии шоир бо романтикаи инқилобии Лоҳутӣ як шуда, романтикаи адабиёти советии тоҷикро ба вуҷуд овард. Воқеияти инқилобӣ ва муборизаҳои қаҳрамононаи халқ заминаи ҳаётии ин романтикаро ташкил менамуд» (96,27).

Айнӣ сарвари адабиёти нав ва нахустшоири гардишҳои нави инқилобӣ гардид. «Суруди озодӣ»-ро навишт. Ҳаёти пурфоҷиаи аморати Бухоро, ки ӯро қариб ба ҳалокат расонида буд, заминае гардид барои таронаҳои васфии ӯ дар бораи Инқилоб. Дар шеърҳои васфии ӯ агар тараннуми ҳавохоҳонаи бебори ҳаводиси нави ҳаётӣ тасаллут дошта бошад, дар шеъри «Марисия»-и ӯ, ки дар марги бародараш Сироҷиддин гуфта шудааст, чеҳраи шахсияти пурқудрату қавиирода пеши назар меояд. Эҳсос мешавад, ки «Ин шеър аз ҷиҳати ҷӯшу хурӯши ҳиссиёт, андӯҳи бепоён ва ғазабу кинаи фаровон беҳтарин намунаи лирикаи оташафрӯзест, ки бо роҳи исён ва инқилоб обёрӣ шудааст» (73, 77).

Дар эҷодиёти манзуми ин давраи Айнӣ ин қабил шеърҳое, ки арзиши иҷтимоӣ доштанд, аз бадеият низ холӣ нестанд, ба назар мерасанд. Вале умуман назми ин давра аз тараннуми хушк ва бемояи Инқилоб, мактабу маориф, озодии зан ва ғайра иборат буда, зиндагӣ ва воқеоти онро танҳо аз дидгоҳи сиёсӣ ва табақотӣ тафсир мекунад. Дар бисёр мавридҳо ин қабил шеърҳо ҷуз тафсири манзуми воқеияти рӯз чизи дигаре надоранд.

Дар радифи шеъри Айнӣ мо аз матбуоти ин давра шеърҳои Т. Зеҳнӣ, Ш. Ҳилмӣ, А. Мунзим, А. Фитрат, Ҳамдӣ ва дигаронро низ дучор меоем, ки воқеан ҳам «дар бораи воқеаҳои муҳимми замон бо шеър фикру мулоҳиза баён кардаанд» (96, 32). Ин шеърҳо бештар хусусияти даъватӣ ва таблиғӣ дошта, аз лиҳози бадеият камарзишанд. Муҳаққиқони адабиёт ин давраи назми тоҷикро марҳалаи нахусти зуҳур ва инкишофи он донистаанд.

Марҳалаи дуюми он аз соли 1924 оғоз мешавад ва ин марҳала бо ташкили ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон ва таъсиси матбуоти тоҷикӣ - «Овози тоҷик» алоқаманд аст. Дар ин давра инқилоби нокомшудаи Эрон Лоҳутӣ барин шоирро ба Шӯравӣ овард, ки баъд Тоҷикистонро дуввумин ватани хеш интихоб намуд. Пайки инқилобии Лоҳутӣ дар ин давра шеъри «Инқилоби сурх» буд, ки шоирони тоҷик Айнӣ, Ҳамдӣ, Мунзим, Фитрат, Авҳадӣ ба он ҷавоб гуфта, Лоҳутиро ба «Адиби сурх» мусаммо карданд.

Муҳаққиқони шеъри Лоҳутӣ, аз ҷумла Сипонлу Лоҳутиро «Шоири духавоӣ» хонда, вуруди ӯро ба Шӯравӣ марҳалаи заволи шоириаш донистааст. Донишманди тоҷик М. Шакурӣ низ бар ин ақида аст, ки «он гоҳ, ки Абулқосим Лоҳутӣ аз Эрон ба Шӯравӣ паноҳанда шуд (1922) бунёди фалсафии шеъраш қавӣ буд. Дар кишвари Шӯравӣ шеърҳое аз қабили қасидаи «Кремл» (1922), як силсила рубоиву ғазалҳо сурудааст, ки аз биниши фалсафии ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Аммо баъдтар, ба вежа дар даҳаи сиюм шеъри иҷтимоии Лоҳутӣ аз ҳикматписандӣ дур рафтан гирифт ва мазмунан аз дастурҳои дастгоҳи идеологии рӯз иборат асту бас. Дар солҳои ҷанги зидди фашизми Олмон дар шеъри Лоҳутӣ боз ҷамъбастҳои амиқи умумиинсонӣ мавқеъи бештар пайдо карданд. Чун худ муборизи ҷаррор буд, ҷанги озодихоҳӣ боз чашмаи илҳоми моҳиятҷӯии ӯро ба ҷӯш овард» (М. Шакурӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист, «Садои Шарқ», 1998, 1-6 саҳ-116).

Фаъолияти шоирии Айнӣ дар ин давра мусовӣ бо фаъолияти носириаш идома дошт. Бисёре аз шеърҳои Айнӣ, Лоҳутӣ ва ҳамсафони

дигари онҳо аз таъсири манфии ҷараёни идеологии вақт, ки бар адабиёт ва муҳити адабӣ нуфуз дошт, озод набуданд.

Дар чунин шароити номусоид низ «баъзе нависандагони бузург имкон ёфтанд, ки то андозае ба ҷамъбастҳои адабии фалсафӣ даст заданд» (115). Муҳаққиқ муҳимтарин тамоюли судманди эҷодии Айниро дар повести «Одина» (1924), «Дохунда» (1930), «Ғуломон» (1934) таҳқиқи бадеии «Худшиносии иҷтимоии заҳматкашони оддӣ» медонад ва инро муҳим мешуморад. Вале дар ҳамин асарҳои Айнӣ низ ҳарфи ӯ дар бораи гузашта таъсиргузор ва боварибахш аст. Аз он чи ки он аз замони нав ҳикоят мекунад, гурез эҳсос мешавад. Айнӣ низ аз фоҷиаҳое, ки сохти нав ба сари халқ овард, қатъи назар карда аз ибтидо чун «шогирди чилсолаи инқилоб» ҳамин мавқеъро ишғол мекунад.

Шоирони дигаре чун Фитрат, Ҳамдӣ, Зеҳнӣ гоҳо ба воқеияти муҳит бо чашми ибрат нигариста, баду неки онро падид меоварданд ва табиист, ки дар таърихҳо боиси маломат низ гаштаанд. Чунин шеърҳои Фитратро муаррихони таърихи адабиёт моҳиятан «Зидди халқӣ» шинохта, таъкид варзидаанд, ки ин қабил шеърҳо «рӯҳ ва кайфияти миллатчиёни буржуазиро, ки аз револютсия ва озодии халқ норозӣ ҳастанд, ифода мекардааст» (68,38). Дар ин замина шеъри «Тирамоҳ»-и Фитрат, «Бе мо чаро ба роҳи хато меравӣ? Марав»-и Ҳамдӣ ва шеърҳои миллатдӯстдоронаи Зеҳнӣ сахт танқид шудаанд.

Дар асл Абдуррауфи Фитрат дар шеъри зикршуда аҳволӣ фоҷиабори кишварро хеле воқеъбинона ва шоирона ба қалам додааст, ки аз назари шеърият низ аз бисёр навиштаҳои он солҳо бартарӣ дорад. Муҳимтар аз ҳама воқеияти он солҳоро бозгӯ мекунад:

Ин фасли хазон аст, дарахтон ҳама зарданд,
Ку сабза, куҷо лола, ба гулзор чӣ карданд?
Аз чангу ғуборе, ки бувад моҳи хазонро
Бечора дарахтон ҳама олудаи гарданд.
Мурғони ғазалхон, ки зи гулзор париданд,
То фасли баҳорони дигар ҳеҷ нагарданд.

Ҳар ғаллаву ҳар донаву ҳар мева, ки дидем,
Бурданд зи саҳрову ба анбор супурданд.

Ҳамчунон, ки ишора шуд, «Одина», «Ҷаллодони Бухоро», «Дохунда», «Ғуломон»-и устод Айнӣ, «Шодӣ» ва «Ман гунаҳгорам»-и Ҷалол Икромӣ , «Навобод»-и Сотим Улуғзода, «Одамони ҷовид»-и Раҳим Ҷалил ва ғайра аз аввалин намунаҳои насри он солҳо буданд. Дар ин миён қиёсан «Марги судхӯр»-и устод Айнӣ ва «Ман гунаҳгорам»-и Ҷалол Икромӣ аз назари ҳунари нависандагӣ дар маҷрои умумии насри ин давра мутафовит ҳастанд.

Дар ин маврид бояд гуфт, ки дар ҳамаи асарҳо Айнӣ, аз ҷумла «Марги судхӯр» низ назари синфӣ бараъло мушоҳида мешавад. Аз назари Айнӣ маҳз ҳаракати бемайлон ва пурвусъати инқилобӣ анбӯҳи бузурги оммаро ба пешгоҳи таърих бароварда. Дар «Марги судхӯр» низ нависанда эътимод дорад, ки қимати иҷтимоию ахлоқии инсонро муносибати вай ба инқилоб, ба ҳокимияти нав муайян мекунад. Дар ҳамин замина чашмандози ӯ ба типҳои манфӣ моҳияти бештари иҷтимоӣ касб мекунад. Дар мисоли «Марги судхӯр» назари ӯ пурвусъат ва ҳамабин аст. Бинобар ин ҳам Айнӣ тавонистааст, ки симои ҳаҷвии персонажҳояшро бо тамоми қабоҳати ахлоқию маънавӣ падид оварад. Тамасхури Айнӣ моломоли нафрат ва ғазаб аст. Аз ин мавқеъ Қорӣ-ишкамба танҳо портрети классикии хасис нест, ки дар заминаи судхӯрии Бухорои феодалӣ сабзидааст, балки портретест, ки дар қувваи иҷтимоию ҷамъбасти бадеӣ аз мумсикҳои Моллйер ва Балзак паст намеистад. Ин асари Айнӣ дар раванди инкишофи насри ин солҳо ҳодисаи муҳим буда, аз бисёр фазилатҳои адабӣ бархурдор аст ва дар ин замина тадқиқотҳо низ ба анҷом расидаанд.

Романи Ҷалол Икромӣ «Ман гунаҳгорам» низ бо бисёр ҷиҳатҳо дар адабиёти ин солҳо суннатшикан ва навоварона аст. Нависанда бори нахуст дар насри ин солҳо «Таҳлили ҳартарафаи психологиро воситаи асосии ҳалли масъалаҳои ахлоқи иҷтимоӣ қарор дода буд» (115). Беш аз ин низои асар ботинӣ буда, ҷанбаи рӯҳии онро афзудааст.

Арзиши ин романро дар қиёси воқеияти адабии ин солҳо он нуқта низ таъкид мекунад, ки нависанда назарияи «беконфликт»-ро пушти по зад, нахустин бор зиддиятҳои рӯҳиву маънавии ҳаёти ҷомеъаро тарҳи бадеӣ дод. Дар ин асар образи зан низ мавқеи дигар дорад. Нависандаро мавқеи иҷтимоӣ ва қудсии зан ба андеша бурдааст, ки аз ин ҷиҳат биниши бадеии ӯ тозагие касб мекунад.

Бисёр муҳаққиқони адабиёт, хоса солҳои сию панҷоҳ дар баробари тафовут наздикии биниши бадеии Икромиро бо Айнӣ дар мисоли баъзе бобҳои повести «Марги судхӯр» иқрор шудаанд, ки шояд дуруст бошад. Вале, ба назари мо, муҳим он аст, ки Икромӣ дар ин асар чун Айнӣ ба таҳқиқи бадеии хилқати инсон ва воқеияти иҷтимоӣ таваҷҷӯҳи хос пайдо кард. Айнӣ оғози инқирози Қорӣ-ишкамбаро тасвир карда, ҳолати рӯҳии судхӯрро ҳангоми ҳис кардани хавфи марговаре, ҳангоми дигаргунии дардомези рӯҳияи ӯ бо тасвири амиқи психологӣ нишон медиҳад» (29,29). Назар ба мушоҳидаи М. Шукуров «чунин таҳлили психологӣ он гоҳ чун як тарзи таҳқиқ фақат дар баъзе мавридҳо вуҷуд дошт, аммо дар «Ман гунаҳкорам» тамоми таҳқиқро фаро гирифт, воситаи асосии тасвири инсон, принсипи тасвир гардид».

Бояд гуфт, ки назари тира ба мероси гузашта бо наздик расидани ҷанги қарибулвуқӯъи Олмону Шӯравӣ як дараҷа коҳиш ёфт. Муносибати ҳизб ва ҳукумат ба мероси гузашта андаке беҳтар шуд. Ҳизб ин амалро низ бо мақсади боло бурдани ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстии мардуми Шӯравӣ рӯи кор гирифт. Аввалин корҳои судманде, ки дар ин замина анҷом гирифт, таҷлил ва бузургдошти солрӯзи афроди фарҳангиву таърихӣ буд. Дар Россия ҷашн гирифтани солрӯзи шукӯҳманди Пушкин роҳро барои чунин маросимҳо дар ҷумҳуриҳои миллӣ ҳамвор кард. Сонитар ҳазору садсолагии зодрӯзи Рӯдакӣ, ҳаштсадсолагии Низомии Ганҷавӣ, панҷсадсолагии Алишер Навоӣ таҷлил гардид, ки ҳофизаи таърихии мардумро бедор кард. Дар ҳамин раванд устод Айнӣ асарҳои «Шайхурраис Абӯалии Сино» (1932), «Устод Рӯдакӣ» (1940), «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» (1940),

«Як симои номашҳури адабиёти тоҷик - Восифӣ» (1940) ва «Алишер Навоӣ» (1940)-ро таълиф кард. Ин ҳама кам бошад ҳам, ба ташаккули шуури миллӣ замина муҳайё кард. Беш аз ин як навъ таваҷҷӯҳ ба ҳақиқати таърихӣ зиёд шуд.

Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ муносибатро ба таърихи гузашта, алалхусус саҳифаҳои озодихоҳонаи таърихи халқ дигар кард. Акнун гузаштаро, махсусан рӯҳи қаҳрамонаи осори гузаштагонро ба хидмати рӯз гузоштан аз вазоифи муҳимми рӯз ба шумор омад. Ҷанг тағйироти ҷиддие дар муҳити андеша ва амал ба вуҷуд овард. Бисёре аз нависандагон, аз ҷумла Ҳабиб Юсуфӣ, Ҳаким Карим, Абдушукур Пирмуҳаммадзода ва дигарон қаламро ба силоҳ иваз намуда, ба майдони ҷанг рафтанд.

Оҳангҳои зидди ҷангӣ дар адабиёти тоҷик қабл аз ҷанг пайдо шуда буд. Махсусан дар шеър мазмунҳои зидди ҷанг ривоҷ ёфт, ки дар адабиёти солҳои сӣ хеле зиёд ба назар мерасад. Мо ин гуна шеърҳоро дар эҷодиёти аксари шоирони ин давра мушоҳида мекунем. Вале беҳтарини чунин шеърҳои ватандӯстонаро Пайраву Ҳабиб Юсуфӣ гуфтаанд. Вале ҳангоме, ки ҷанги ҷаҳонии дуввум ё худ Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз шуд, мавзӯъҳои мубориза бо фашизм, ғояҳои ватанхоҳию адолатҷӯӣ ва инсонпарварона аз муҳимтарин муаммоҳои адабиёт ва осори адибон гардид. Аз рӯзҳои нахустини ҷанг адибон бо муроҷиатномаи «Овози нависандагони Тоҷикистон» баромад карда, омодагиашонро баҳри ҳифзи Ватан ҳам ба силоҳ ва ҳам бо қалам изҳор карданд. Аз ҷумла, дар ин муроҷиатнома омада буд, ки «Мо, нависандагони Тоҷикистони офтобрӯя, худамонро ба камоли садоқат ба ихтиёри Ватан аз ҳамин сония сафарбар намудем... Мо тайёрем, ки қалами худро ба яроқ иваз намуда, собитқадамона ба майдони ҷанг равем. Мо, нависандагони советӣ, аз пештара ҳам устувортар бо қаламу шамшер кор мекунем, шӯҳрати ватани азиз ва қаҳрамонии онро дар достонҳо ва сурудҳои худ тараннум менамоем» (ниг.:112). Пас аз нашри ин ҳуҷҷат адибон амалан ба фаъолият шурӯъ карданд. Гурӯҳе

ба ҷои қалам силоҳ гирифта, ба ҷанг рафтанд. Гурӯҳи дигар бо шеъру достон ва асарҳои насрӣ бар зидди ҷанг овоз баланд карданд.

Дар ин миён Ҳабиб Юсуфӣ, Ҳаким Карим, Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Лутфулло Бузургзода, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Ҳабиб Аҳрорӣ ва дигарон ба ҷанг рафта, дар муҳорибаҳои шадид иштирок карданд ва Ҳабиб Юсуфию Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Лутфулло Бузургзода ва Ҳаким Карим ҷонашонро фидо намуданд.

Адабиёти тоҷик аз нахустин рӯзҳои ҷанг мазмун ва мундариҷаашро дигар кард. Ба ифодаи мунаққид Муҳаммадҷон Шукуров, ин адабиёт «мазмуну шакл ва ранги ҷанговарона гирифт. Ҳиссиёти олии ватанпарварӣ, озодихоҳӣ ва кинаву нафрат нисбат ба истилогарони фашизм мундариҷаи асосии адабиёт буда, хусусиятҳои жанрӣ ва воситаҳои бадеии онро муайян кард». Ба тақозои воқеият дар наср асосан жанрҳои хурди адабӣ-очерку ҳикоя, фелетону мақолаҳои публисистӣ мавқеъ пайдо карданд. Шоирон аввалҳо асосан бо шеърҳои хурди шиормонанд ва баъдтар бо достону манзумаҳо салномаи бадеии замони ҷангро инъикос намуданд.

Насри даврони ҷанг. Дар зинаҳои аввал насри даврои ҷанг асосан хусусияти таблиғотӣ дошт. Нависандагон ба тасвири зоҳирии воқеаҳои ҷанг, корномаи ҷанговарон ва меҳнати ақибгоҳ машғул буданд. Назар ба мушоҳидаҳои мунаққид ва адабиётшинос Ҷӯрахон Бақозода, «аз мутолиаи асарҳои замони ҷанг тасаввуроте ҳосил мешавад, ки баъзе офаридаҳои адибон як навъ сӯҳбатро мемонад. Чунин тарзи нигориши рӯйдодҳои замони ҷанг ва рӯзгори инсон аз сифатҳои фарқнок ва махсусияти реализми тасвир дар адабиёти он давр буда, бешубҳа, халқияти онро тақвият додааст ва аз ягонагии мақсаду вазифа, орзую омоли фардҳои ҷудогона ва тамоми мардуми мубориз, аз ваҳдати қисмати халқ сар задааст» (ниг.: 14,50 – 65).

Айнӣ бо ду мафҳуми барои инсон муқаддас шуури муосиронашро ба ҳаракат меоварад ва ҳиссу андешаи ононро ба ҷӯш меандозад. Дар ҳамин замина Айнӣ бо таърихи халқ, ба сарчашмаҳои ғояи ватанхоҳию

қаҳрамонӣ – осори адабию таърихии гузашта муроҷиат карда, асарҳое офарид, ки дар адабиёти даврои ҷанг мавқеи хос доранд. Дар вақти офаридани чунин асарҳо, устод Айнӣ қабл аз ҳамиа аз афсонаву ривоятҳо, сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ фаровон истифода кард. Нависандаи забардаст дар асараш «Чингизи асри XX» қисмат ва аъмоли ношоями Гитлерро бо таҷовузкори ҳамқисматаш – Чингизи хунхор монанд мекунад. Фоҷиаи таърихии ду давраи таърихии аз ҳам дурро қиёс карда, устод аз он ғояи созандаи ватанпарварона берун мекашад. Мақсади аслии устод ошкор намудани моҳияти бадеию разолат ва оқибати бесуди он буд, ки ба ҳадафаш расид. Сужети «Деви ҳафтсар» дар асоси афсонаи халқӣ сохта шудааст. Нависанда дар қиёси образи афсонаи «Деви ҳафтсар» оқибати сарнавишти пурфасоди Гитлерро пешгӯӣ мекунад. Навиштаҳои дигари Айнӣ «Илмҳои фикрҳои олӣ ва бошишгоҳи озодидӯстон», «Модар – Ватан», «Бисту панҷ сол» ва ғайра моҳияти таблиғотӣ дошта, мардумро ба меҳнату мубориза даъват мекарданд.

Айнӣ дар давраи ҷанг барои ошкор сохтани чеҳраи манфури фашизм аз жанри ҳаҷвии фелетон низ истифода кард. Вай дар фелетонҳои «Бадбӯй будааст», «Хари бедум» бо ҳаҷви тезу кушанда мақсади ифлоси фашизмро зери танқид ва истеҳзо мегирад.

Агар дар чунин навиштаҳои публисистии устод Айнӣ асосан «воқеаҳои таърихӣ, афсонаву ривоятҳо, хулоса, ҳофизаи таърихии халқ ба рӯйдодҳои муҳими иҷтимоию сиёсии замон тобеъ шуда бошад ва барои мӯътамаду барҷаста ифода шудани нияти эҷодии нависанда ва ғояи асар хидмат намояд, очеркҳои таърихии нисбатан калонтари илмию бадеии «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик» комилан ба мавзӯи таърихӣ бахшида шудаанд (14,39).

Нависанда дар ин ду асар ба оғозгоҳҳои ҳофизаи таърихии халқ муроҷиат карда, ба ёди мардум муборизаҳову қаҳрамониҳои озодихоҳиашро бар зидди аҷнабиҳои истилогар мерасонад. Дар яке агар диққати мардумро ба исёни Муқаннаъ бар зидди арабҳо ҷалб кунад, дар

дигаре муборизаи фидокоронаи Темурмаликро ба муқобили муғулҳо нишон медиҳад. Дар ҳар ду маврид ҳам ҳисси озодихоҳӣ, ватанпарастӣ ва фидокории қаҳрамонони таърихӣ барои нависандаи доно ифодагари рӯҳи тавоно ва шикастпазири халқ буд, ки ин ғояи муҳим алоқамандии нависандаро бо воқеияти замони ҷанг хеле барҷаста ифода мекард ва «ба рӯҳи замони ҷанг созгор буд» (14,65).

Аз нависандагони дигаре, ки воқеияти замони ҷангро ба воситаи жанрҳои хурд, аз ҷумла ҳикояву очерки чеҳранигорӣ ифода карданд, метавон Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ ва Ҷалол Икромиро ном бурд. Агар Сотим Улуғзода ҳамчун рӯзноманигор бевосита дар ҷанг иштирок карда, аз воқеияти ҷанг асарҳо навишта бошад, Раҳим Ҷалилу Икромӣ дар ақибгоҳ истода, дар ин мавзӯъ асарҳо офаридаанд. Дар ин миён метавон очерку ҳикояҳои Сотим Улуғзода «Як ва саду як», «Ҷонбозӣ», «Атака», Фотеҳ Ниёзӣ «Кабири Ҳоитӣ», «Азими мерган», «Аҳд ва вафо», «Рӯймолча», «Байрақ», «Қасоси додар», Ҳаким Карим «Хун ба хун», Раҳим Ҷалил «Қаҳрамонон», «Писарҷон», «Қаҳрамон Ӯрунбек», Ҷалол Икромӣ «Қаҳрамони канори Днепр», «Достони марди танкшикан» ва ғайраҳоро метавон ном бурд. Дар ин асарҳо, ки дар замони ҷанг таъҷилӣ навишта шуда буданд, мо тасвири пурвусъвати ҳодисаву воқеаҳо ва образи ҷанговаронро намебинем, балки дар онҳо «бештар як ё ду лавҳаи муборизаи ҷанговарон, ки он ҳам аксар нуқтаи кулминатсионии фаъолияти қаҳрамон дар ҷанг мебошад» (Ҷ. Шарифов), тасвир шудааст.

Ҷалол Икромӣ дар ин давра оид ба мавзӯи ақибгоҳ ҳикояҳои «Командир амак», «Шинел», «Ҳадя ба октябр», «Хандаи пас аз гиря» ва Раҳим Ҷалил «Телпакдӯз», «Комсомол», «Бобо ва набера», «Ҳиммати бобо-Ҳалим», «Ҳодисае дар фронт»-ро навиштанд. Нависандагон кӯшидаанд, ки ба воситаи ин ҳикояҳо рӯҳи қавии бунёдкори халқро дар ақибгоҳ ситоиш кунанд.

Яке аз мавзӯъҳои асосии адабиёти ин давра, ки бо мавзӯи ҷанг ва ҷанговар як ҷо ҷиддан ба тасвир омадааст, мавзӯи дӯстии халқҳо

мебошад. Масалан, Ҷалол Икромӣ дар ҳикояи «Ҳадя ба Октябр» ин мавзӯъро дар симои қаҳрамонони ҳикоя Кабир ва Соколов баён мекунад. Раҳим Ҷалил дар ҳикояи «Ҳодисае аз фронт» пайванди бародариро миёни Султон Рустамзода ва Дорченко таъкид карда, Фотеҳ Ниёзӣ оини бародариро ба воситаи сарнавишти Мухтор ва Поленко, Абдурраҳмон ва Муқон Чермашовичи қазоқ дар ҳикояҳои «Ҳаққи хун» ва «Қассоси додар» нишон медиҳад ва аз ҳикояи Сотим Улуғзода «Атака» мо бо паҳлӯҳои дигари дӯстию рафоқати инсонӣ дар мисоли муносибатҳои Шариф Ҳамидов ва Коля Девянов ошно мегардем.

Мунаққид ва адабиётшинос Ҷӯрахон Бақозода яке аз хусусиятҳои адабиёти давраи ҷангии тоҷикро дар он мебинад, ки «дар асарҳои нависандагон на қаҳрамонӣ дар мадди аввал меистад» (14, 42). Мунаққид ин хусусиятро ҳатто дар очеркҳое, ки бевосита аз ҳаёти қаҳрамони ҷанг навишта шудаанд, низ мушоҳида кардааст. Ҳангоми мутолиаи фардии қаҳрамононашон умуман эътибор надодаанд ва ин аз камбудиҳои ҷиддии адабиёти ин давр, хоса насри бадеӣ мебошад.

Ҷанг тамом шуд, вале мавзӯи ин падидаи фоҷиабори таърих барои адабиёт ҷовидона аст. Бинобар ин ҳам ин мавзӯъ дар адабиёти тоҷик, ҳам дар шеъру ҳам дар наср то имрӯз идома дорад. Дар ибтидо мавзӯи ҷанг барои нависандагоне, ки аз фронт баргашта буданд ва ҳам нависандагоне, ки дар ақибгоҳ буданд, воситаи баёни таассурот, андеша ва хулосаҳо буд. Бинобар ин ҳам бисёр асарҳое, ки дар даврaҳои аввали тамомшавии ҷанг навишта шудаанд, аз тасвири амиқ ва андешамандона то андозае дур буданд, ки ин ҳодисаро мунаққидон аз камбудии насри ин давра медонанд.

Муҳимтарин мавзӯе, ки дар насри ин давра ба назар мерасад, сарнавишти ҷанговари аз фронт баргашта мебошад. Ин гуна образҳоро дар романи Ҷалол Икромӣ «Шодӣ» (Шодӣ) ва повести ӯ «Ҷавоби муҳаббат» (Саидҷон) ва романи «Навобод»-и Сотим Улуғзода равшан мебинем.

Ғайр аз ин дар насри ин давра таассуроти нависандагони баргашта аз фронт ва собиқ ҷанговарони машғул ба меҳнати осоишта мавқеи хос дорад. Вале ин мавзӯъро нависандагон акнун «дар зинаю савияи баландтари сифатӣ дарк ва тасвир» (14, 12) мекарданд.

Раҳим Ҷалил аз ҳамин мавқеъ дар ҳикояҳои «Пахтакор», «Зан ва шавҳар», «Умри дубора», «Хешу таборҳо» ва ғайра рафоқати халқҳоро тасвир ва ифода кардааст. Нависандаи ҳунарманд Пӯлод Толис дар ҳикояҳои «Писарон», «Падарон ва писарон», «Модар» ба сарнавишти афроди аз ҷанг бозгашта ва қисмати онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намуд. Толис ҳикояҳои дигараш «Катсо», «Писари ӯ», «Дар бӯрон»-ро ба мавзӯи дӯстии халқҳо, рӯҳи қавии инсон ва фидокорию собитқадамӣ ихтисос додааст.

Вале дар адабиёти ин давр то ба имрӯз ҷиддитарин асар повести «Ёрони боҳиммат»-и Сотим Улуғзода ва романи «Вафо»-и Фотеҳ Ниёзӣ мебошанд, ки дар мавриди ин ду асар мо баъдтар сухан хоҳем гуфт.

Ҷанг мазмуну мундариҷаи адабиётро дигар кард. Таваҷҷӯҳ ба мавзӯи ҷанг ва ақибгоҳ дар осори бадеӣ зиёд гардид. М.Шукуров хусусиятҳои адабиёти ин даврароба эътибор гирифта, навишта буд: «Тамоми адабиёти сермиллати мо аз сар шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ мазмуну шакл ва ранги ҷанговарона гирифт. Ҳиссиёти олии ватанпарварӣ, озодихоҳӣ ва кинаву нафрат нисбат ба истилогарони фашизм мундариҷаи асосии адабиёт буда, хусусиятҳои жанрӣ ва воситаҳои бадеии онро муайян кард». Бинобар ин ҳам дар наср мавқеъ гирифтани жанрҳои хурд, аз қабили очерку ҳикоя, фелетону мақолаҳои публисистӣ ҳолати воқеии инкишофи адабиёт буд.

Дар инкишофи навъҳои хурди адабӣ ва таҳқиқи бадеии воқеияти замони ҷанг, ҳам саҳнаҳои ҷанг ва ҳам корзори ақибгоҳ саҳми нависандагон Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ ва Ҷалол Икромӣ калон аст.

Очерку ҳикояҳои Сотим Улуғзода «Як ва саду як», «Вай шаҳри Ленинро мудофиа мекунад», «Ҷонбозӣ», «Атака», Фотеҳ Ниёзӣ «Кабири

Ҳоитӣ», «Азими Мерган», «Аҳд ва вафо», «Рӯймолча», «Байрақ», «Қасоси додар», Ҳаким Карим «Хун ба хун» ангораҳоеанд аз саҳнаҳои ҷангии қаҳрамонони эшон. Муҳаққиқи ин мавзӯъ дар адабиётшиносии тоҷик Ҷ. Шарифов тасвирҳои лаҳзавиро аз камбудиҳои эҷодиёти ин адибон дониста буд. Баъдтар муҳаққиқ Ҷ. Бақозода ин камбудиҳоро ба сабаби он, ки «вазъи душвори ҷанг ба ин адибон на танҳо барои бо кори эҷодӣ ҷиддан машғул шудан, ҳатто ба тасвири пурвусъати воқеа ва ба образҳои ҷанговар аз ҳар паҳлӯ наздик шудан низ имкон намедод», ҷуброн мекунад **(14, 40-41).** Вале ба назари мо, ин ҷо камзарфии ин ва бисёр навиштаҳои дигар ба маҳорати нигорандагии муаллифон даст додааст.

Камбудии аксари ҷангномаҳои мансуру манзуми адабиёти тоҷик ба пайгирии соддалавҳонаи онон бо назарияи илҳоқии «одами оддии шӯравӣ – қаҳрамони арса» вобаста аст.

Дар таҳкими ин ақида шеъру достон ва осори мансур ба миён омад. Инчунин, дар заминаи ҳамин назария дар адабиёт баъзе асарҳо чун «намунаи беҳтарин» муаррифӣ мешуданд. Таври мисоли китоби аз лиҳози бадеият камарзиши Н.Островский «Пӯлод чӣ гуна обутоб меёбад?» бисёр машҳур гардида буд. Барои қаҳрамони асар бозгашт ба саф ва зиндагӣ «бо аслиҳаи нав» мақоми якхела дорад. Дар повести Б.Полевой «Повест дар бораи одами ҳақиқӣ» коммиссар Алексей Мересйеви бепойро бо таъкиди ифодаи «Ту одами советӣ-ку?» итминон мебахшад, ки ба авиатсияи ҳарбӣ бозгардад ва ӯ воқеан ҳам боз ба парвоз омад, зеро одами советӣ ба ҳама кор қодир аст. Агар ба одами советӣ будани фард заррае шубҳа пайдо мешуд, вай ба **винтик** бадал намешуд, балки ба ягон чизи ғайри мавҷуд мушобеҳ мегардид. «Душман» на фақат мебоист маҳв шавад, балки ҳама гуна қабоҳат ва разолатро сазост.

То таълифи қиссаи Сотим Улуғзода «Ёрони боҳиммат» ва романи Ф.Ниёзӣ «Вафо» чунин тасвири шахсияти инсон дар наср ва назми мо мақоми хосе дошт. Ба пайбурди аксари муҳаққиқони адабиёт ин асарҳо

«ба эътибори таҳқиқи бадеии воқеияти замони ҷанг ва офаридани образи ҷанговари тоҷик дар адабиёт аз ҳамдигар куллан фарқ доранд» (14, 44). Баъд муҳаққиқ ин тафовутро дар тасвири психологӣ ва пурвусъати эпикӣ мебинад.

Ин шояд як паҳлӯи масъала бошад. Паҳлӯи муҳимми он биниши бадеии адиб аст. Зиёда аз ин тарҳи чашмандози ӯ ба шахсияти инсон мебошад. Яъне бо эҷоди ин асар консепсияи шахсият биниш сифатан тағйир мепазирад ва ҳақ ба ҷониби Бақозода аст, ки мегӯяд: «аз повести Сотим Улуғзода «Ёрони боҳиммат», романи Фотеҳ Ниёзӣ «Вафо» ва баъзе ҳикояҳое, ки дар мавзӯи ҷанганд, дар наср ба воситаи таҳқиқи бадеии хислату характери фардии ҷанговарон ошкор сохтани моҳияти умумихалқии Ҷанги Бузурги Ватанӣ тадриҷан оғоз ёфт» (14, 46).

Ин хусусияти наср дар охири солҳои чилум ва ибтидои панҷоҳум ҳанӯз аз лиҳози бадеият чашмгир набошад ҳам, бо вуҷуди ин дар адабиёти тоҷик ҳодисаи нав буд ва солҳои баъд як дараҷа тақвият пайдо кард. Ва дар ин таърих ҳамоно мавқеи қиссаи «Ёрони боҳиммат» ҷудогона аст. Бо эҷоди ин асар нависанда ба дидгоҳҳои қолабӣ рахна андохт. Асар навҷӯёна буд, ки баъзе мунаққидон онро хуш напазируфтанд. Сотим Улуғзода бо ин асар меъёри қолабии тасвири қаҳрамони мусбатро шикаст.

Дар адабиёти ин давра расм буд, ки қаҳрамони аз корзор баргаштаро масъули ҳаёти ҷомеа тафсир кунанд. Ҳадафи ин гуна афрод дар адабиёт якто буд: чи тарз истеҳсолотро пеш бурд ва натиҷаро зиёда намуд. Ин афрод гӯё андешаи зиндагии хешро надоштанд, мутаваҷҷеҳи зану фарзанд низ набуданд. Ин ҳолати «ибратбахши винтикҳо – одамони шӯравӣ» эталони адабӣ буд. Улуғзода ҳамин гуна назари якрӯяро шикаст.

Пеши назар инсонеро (дар мисоли образи Ҷӯрабек ва Зайнаб) падид овард, ки сарнавишти ибратомӯзи инсонӣ дорад. Нависанда дар тасвири ҳар ду образ рӯҳшиноси комил аст. Барои ӯ меъёрҳои ахлоқӣ арзиши фаровон дошта, аз ҳамин дидгоҳ «хатои Зайнаб»-ро ислоҳ

мекунад ва марҳаме ба ҷароҳати Ҷӯрабеки маъюб мегузорад. Агар воқеияти замони ҷангро пеши назар орем, ба ҳама гуна суолҳое, ки нисбат ба амали Зайнаб, муносибати ӯ бо Каримов ва дигарон пайдо мешавад, ҷавоби мусбат пайдо мегардад. Зиёда аз ин чашмандози бадеии нависанда ба сарнавишти қаҳрамонон ба ҳадде амиқ ва пурвусъат аст, ки ҳама гуна тафсири қолабии ин мавзӯъро барҳам мезанад. Ин асар роҳи инсонро дар торикиҳо ва хамгаштҳои зиндагӣ равшан медорад. Арзиши ахлоқӣ ва бадеии қисса низ дар ҳамин аст.

Ҷои Пӯлод Толис дар адабиёти ин давра ҷудогона аст, зеро сухани Толис аз оғози фаъолияти эҷодиаш бовазну боиродат буда, арзиши бадеӣ дошт. Ӯ аз ибтидо касби нависандагиро бисёр ҷиддӣ ва созанда шинохта, дар роҳи такмили маҳорати адабиаш саъй мекард. Баъдтар Фазлиддин Муҳаммадиев хислатҳои неки ӯро ёд оварда, аз ҷумла навишта буд, ки «Толис ҳар коре, ки мекард, аз сидқи дил, ҳамаи ҳушу ёду диққати худро сафарбар ва сарф карда мекард». Ҳамин фазилат чеҳраи инсонӣ ва нависандагӣ ӯро ташхис медиҳад. Устод Айнӣ аз аввалин касоне буд, ки истеъдоди Толисро шинохт ва ӯро ба роҳи дуруст ҳидоят кард. Шояд ҳамаи ин омилҳо сабаб гардид, ки Толис соли 1954 дар синни биступанҷсолагӣ қиссаи дилангези «Тобистон»-ро навишт, ки барои насри тоҷик асари бунёдист.

Зимнан бояд гуфт, ки муҳаққиқ Ҷӯрахон Бақозода вобаста ба савияи нависандагии эҷодиёти Толисро ба ду давра ҷудо мекунад. Давраи аввали эҷодиёти ӯро мансуб ба оғози нависандагии ӯ то аввали солҳои панҷоҳ дониста, даври дуюми эҷодиёти ӯро «тахминан аз соли 1954» ба ин тараф мешиносад.

Ӯ ба нависандагӣ замоне шурӯъ кард, ки ҷанг поён ёфт ва халқ ба табобати захмҳои он мепардохт. Бинобар ин ҳам табиист, ки аввалан навиштаҳои ӯ ба мавзӯи ҷанг бахшида шуда, аз бозгаштани ҳаяҷонангези «Падарон ва писарон», «Модар», «Катсо», «Дар бӯрон», «Писари ӯ» як дараҷа тафовут доранд. Ҳарчанд ин навиштаҳои адиб аз лиҳози бадеият чандон пураризиш нестанд, бо вуҷуди ин баъзе

масъалаҳои муҳимро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Рӯҳияи пардозгарӣ аз камбудиҳои ҷиддии асарҳои ин давраи муаллиф аст, ки онро ҳолати сиёсии мамлакат вазъ карда буд. Ин ҳодисаро бисёре аз адабиётшиносон ба талаботи моддию иқтисодӣ, техникии мамлакат марбут дониста, бо ин амал ҳолати манфии вазъи инкишофи адабиётро ҷуброн кардан мешавад, ки саҳеҳ нест (14, 175).

Вале дар эҷодиёти Толис ва адабиёти ин давра асари ӯ «Тобистон» мақоми хос дорад. Толис ба навиштани ин повест соли 1954 шурӯъ карда, соли 1959 онро ба чоп расонид. Чопи ин асар ҳамон солҳо ва баъд ҳамчун ҳодисаи муҳими адабӣ шинохта шуд. Муҳимтарин фазилатҳои ин повестро дар вақташ Мирзо Турсунзода дуруст хотирнишон карда буд. Вай гуфта буд, ки «ба ғайр аз хубии забон, муайян будани характеристикаи қаҳрамон, мустаҳкам будани риштаи сужет ва ҳаяҷономезу самимӣ будани таҳрир – ба ғайр аз инҳо Толис ба адабиёти мо аз ҷиҳати психологӣ кушода додани образи қаҳрамонро даровардааст. Диққат кунед, ки нависанда моро ба ҳеҷ чиз маҷбур намекунад, моро ташвиқ намекунад, балки ба ҳамаи чизҳо худи мо пурра қаноат мекунем. Тамоми ҳаракатҳои дил ва фикру орзуҳои Ҳасани хурдсол ҳамин хел хеле нозук ва дақиқ тасвир ёфтаанд».

Муаллиф дар ин асар воқеиятро аз дидгоҳи бачаи сездаҳсола шарҳу тафсир мекунад. Ин усул имкон додааст, ки дунёи ахлоқиву маънавии қаҳрамон амиқ ва табиӣ ба қалам дода шавад. Маҳорати нависанда махсусан дар он равшан ба назар мерасад, ки дар тарзу оҳанги баён рафтору кирдори қаҳрамон ҳадди синну солро сахт ба эътибор гирифта, ба ин васила чеҳраи таъмимии қаҳрамонашро ба вуҷуд меорад, ки барои хонанда ҷиҳатҳои муҳими омӯзандагӣ касб мекунад.

Ҳасани сездаҳсола орзуи ба фронт рафтан дошт. Вале тағояш Абдулатиф сабаб шуд, ки зиндагии ӯ роҳи дигар гирад. Абдулатифи маккор барои Ҳасани бетаҷриба ҳалқаи доми фиреб гардид. Абдулатиф мекӯшид, ки барои Ҳасан дом гузорад. Ҳасан ба ин дом афтид, зеро ба

одамони худӣ, хоса тағояш Абдулатиф бовар дошт. Ин сабаб шуд, то Ҳасан шарики макру риё ва ҳаромкориҳои тағояш гардад.

Қаҳрамони кӯчаки нависанда мушоҳидакор ва орзупарвар аст. Ба ҳама чиз таваҷҷӯҳи хос дорад. Вай эҳсос мекунад, ки коргарони Зарчашма на фақат ба Абдулатиф эҳтиром надоранд, балки ӯро бад ҳам мебинанд. Вале ӯ ба моҳияти ин бадбинӣ сарфаҳм намеравад. Дар натиҷаи мушоҳидаҳо ва қиёси муомилаи тағояш бо Шокир-тарошаю Қосимҷон ва наздикӣ ба онон оҳиста-оҳиста ба таҳи гап сарфаҳм мерафтагӣ шуд.

Шокир-тароша, Қосимҷон аз афроде ҳастанд, ки ба Ҳасан таъсири маънавӣ расонидаанд.

Қаҳрамони повест дар миёни воқеъияти мураккаби замони ҷанг ба тасвир меояд. Воқеият, муносибатҳои ӯ бо одамони гуногун, робита бо одамони «худӣ» - тағояш ва ҳаммаслакони ӯ, «бегонагон» - Қосимҷон, Шокир-тароша, Карим чашми ӯро ба ҳақиқати зиндагӣ мекушоянд ва беш аз ин андешаи ӯро дар бораи инсон тарҳ медиҳанд. Ҳасан бо таъсири робитае, ки бо одамон дошт, инсонҳои нексириштро шинохта, аз тағояш Абдулатиф маънану ботинан ҷудо мешавад ва рӯ ба одамони нексиришту поквичдон ва меҳнатдӯст меоварад. Бо ҳамин дастур «хеш» барои ӯ бегона гардид ва «бегонагон» хеш шуданд. Хонандаро консепсияи ахлоқии тарҳдодаи нависанда дар шинохти мақоми инсон мутваҷҷеҳ медорад ва ин ҳодиса дар насри ин давра ба қудрат аст.

Чунончи дар боло ишора рафт, тағйироти нахустине, ки дар адабиёти ин давра рух дод, дигаргуниҳои жанрӣ мебошад. Истифода аз жанрҳои хурд, мисли очерку ҳикоя, ангораҳо ва махсусиятҳои адабиёти ин давра буд. Дигаргунии дигари жанрӣ низ ба пайдоиши ёддошт, дром ва ғайра вобаста мебошад. Маҳз дар ҳамин давра муҳимтарин асари устод Айнӣ «Ёддоштҳо» ба майдон омад. Аз ҷониби Ғанӣ Абдулло, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ, С.Саидмуродов асарҳои драмавӣ навишта шуданд.

Қисме аз ин асарҳо, аз ҷумла песаҳои Ҷ. Икромӣ «Дили модар» ва «Хонаи Нодир», Сотим Улуғзода «Дар оташ»-ро театрҳои драмавӣ ба саҳна гузоштанд. Вале асарҳои нисбатан муҳимми ин давра ҳамоно «Шоҳнома», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Хусрав ва Ширин» буданд. Ин дромҳо масоили муҳимми ахлоқӣ, аз ҷумла ватанпарастӣ, собитқадамӣ дар роҳи муҳаббати асил ва ғайраро дар бар гирифта, аз ҷиҳати бадеият низ бартариҳо доштанд.

Назми тоҷик дар даврai ҷанг низ воқеагаро буд. Асосан хидмати таблиғотиро адо мекард. Вале шоироне буданд чун Ҳабиб Юсуфӣ, ки барои шеъри асил мубориза доштанд ва нисбат ба шоирони дигар шеърҳои беҳтаре мегуфтанд.

Ҳабиб Юсуфӣ аз оғози фаъолияти шоириаш (1934) ба гуфтани шеъри образнок майли тамом дошт. Бесабаб набуд, ки мафҳуми «Ватан» дар шеъри ӯ тобиши хос пайдо карда, минбаъд дар ҷангномаҳои ӯ ба образи комили шеърӣ бадал мешавад. Шояд тааҳҳуди комили иҷтимоӣ ва шоириаш буд, ки ин номи муқаддасро дар бисёре аз шеърҳояш бо ҳадафи амиқи ғоявӣ ва эҷодӣ зикр кардааст. «Таронаҳои Ватан» унвони маҷмӯаи шеърҳои ӯст, ки соли 1939 нашр гардидааст. Ва бо номи «Ватан» шеърҳои дигар низ гуфтааст.

Мавзӯи Ватан ва муқаддасоти он паси ҳар сатри шеърҳои замони ҷангии Ҳабиб Юсуфӣ ҷорист. Дар ин замина шеърҳои «Таърих дидааст», «Интиқом», «Мо ба душман зарбаҳои душманафкан медиҳем», «Амон нест», «Муҳаббат ва ҳақиқат» ҷолибанд. Нируи халқ, ки соҳиби хоку оби Ватан аст, дар ин шеърҳо образи шеърии мафҳум аст, ки бори амиқи шеърият мекашад ва шеъри шоирро ба назари хонанда ҷаззоб ҷилва медиҳад. Дар ин шеърҳо шоир адолатро бар разолат муқобил гузошта, озодии Ватанро муҳимтарин рукни ҳастии хеш тафсир мекунад. Дар ин замина муҳаббати ӯ ба Ватан хеле амиқ меравад, ки хонандаро билкул фаро мегирад ва мутаассир месозад.

Тамоюли манфие, ки дар шеъри ин давра ба назар мерасад, ҳамоно воқеанигории маҳз аст, ки адабиётро аз асолати ҳунарӣ дур

бурдааст.Вақте иҷмолан бо эҷодиёти намояндагони шеъри ин давр, аз ҷумла Лоҳутӣ, Турсунзода, Раҳимӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Ноил Шерзода, Сарвар, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Мунзим, Лутфӣ Обидхоҷа, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирсаид Миршакар, Нодир Шанбезода, Муҳиддин Аминзода, Тилло Пӯлодӣ, Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзо, Саидалӣ Вализода, ва дигарон назар афканем, равишҳои мусбату манфии шеъри ин давраи тоҷик комилан пеши назар меояд. Мебинем, ки дар ин миён шоироне будаанд, ки рисолати хешро дар назди ҳунару Ватан ба хубӣ дарк крада ба қадри истеъдод дар рушди шеъри тоҷикӣ саҳм гузоштаанд. Гурӯҳи дигар, ки мутаассифона, бештаранд, шеърро барои нон ва ном гуфтаанд, ки якеро шомил шуда, дигареро бо фавти хеш аз даст додаанд. Ин гурӯҳро асосан сиёсати ҳизб рӯи кор оварда, дастгирӣ карда ва аз онҳо барои таблиғ ва таҳкими идеологияи ҷорӣ истифода кардааст. Ин гурӯҳ маҳз сиёсати ҳизбро дар бораи адабиёт думбол мекард. Оқибат намояндагони он чун шахсияти ҳунарӣ ном монданд ва гурӯҳи мазкур беш аз ин ба рушди адабиёти асил монеъаҳои зиёде эҷод кард.

Бисёр мавзӯъҳое, ки ба шеъри ин давра ворид шуданд, заминаи сиёсӣ доштанд. То вақтҳои наздик таваҷҷӯҳ ба мавзӯи байналмиллалӣ дар шеъри тоҷикӣ аз равишҳои тоза ва мусбат маънидод мешуд. Вале имрӯз гурӯҳе аз адабиётшиносон ба шеърҳои дар ин мавзӯъ гуфтаи Пайрав ва Турсунзода барин шоирон эрод мегиранд ва ин равишро аз ҳодисаи каммояи адабӣ таъбир мекунанд. Камбудии ҷиддӣ дар он буд, ки «шеъри сиёсии таблиғӣ дар даҳаи сӣ ва чиҳил аз ҳақиқати воқеӣ кам чизеро дар бар дошт» (117). Дар ҳамаи ин гуна шеърҳо ҳаёти халқи Шӯравӣ, хоса сокинони Шарқи Шӯравӣ пурмуболиға ба тавсир меомад.

Равиши номатлуби дигари шеъри ин давра фурӯ гузоштани ҳуввияти миллӣ буд. Назарияи халқи шӯравӣ заминаи «ҳуқуқӣ»-ро барои чунин амал ба адабиёт, хоса ба мубаллиғони ин сиёсат муҳайё сохт. Ин равиш космополитизми зиёновар буд, ки шоирони саршинос ба гузашта бо танаффур нигариста, барои мероси гузаштаи миллӣ арзиши лозимаро

қоил намешуданд. Алайҳи жанру шаклҳои шеърӣ, аз ҷумла қасида ҷанг эълон карда, ҳатто рӯҳи ахлоқписанди шоироне чун Саъдию Ҳофизро озор доданд.

Рӯ тофтан аз шеъри асили гузашта, офаридани шаклҳои сунъӣ боиси ба вуҷуд омадани шеъру достонҳои қолабӣ гардид. Дар наср ва назм пайравии бесуд, ки онро ҷуз сирқот чизи дигаре наметавон шинохт, ривоҷ ёфт ва ин гуна асарҳо аз асолати ҳунарӣ бархурдор набуданд.

Мавзӯоти замона тақозо кард, ки насру назми камзарфу каммояи ба истилоҳ истеҳсолӣ ба майдон ояд. Тақлид ба Горкий, тақлид ба Шолохов, ба Маяковский ифтихори адиб дониста шуд ва касе ҳақ надошт, ки моҳияти ин гуна ҷустуҷӯҳоро тафсир кунад. Ҳамин гуна сиёсати нораво адабиёти аз ҳуввияти миллӣ маҳрумро рӯи кор овард, ки боди вақт бисёр саҳифаҳои онро аз осорхонаи таърих берун кард.

ШАХСИЯТҲОИ АДАБӢ

Садриддин Айнӣ

(1878-1954)

Айниро то ба имрӯз мо ҳамчун «асосгузори адабиёти советии тоҷик», «шогирди чиҳилсолаи Октябр» ва «ҳамсафи Горкий ва муаллифи аввалин роману повестҳои оптимистона» мешинохтем. Вай дар тафаккури мо чун шоир ва эҳёгари миллат ба ҷилва меояд, ки ин ҳама воқеъият аст. Вале замон нақши худашро дар таъйини сарнавишти шахсиятҳо чӣ дар зиндагӣ ва чӣ баъди маргашон мегузорад. Аз дидгоҳи имрӯз мо ҳақиқати сарнавишти инсонӣ ва нависандагии Айниро бояд комилан муайян кунем. Мақоми ӯ дар адабиёт ҳамчун нависанда ва шоир, Айнии ҷадид, Айнии олим ва ёддоштнавис аз масъалаҳоест, ки тачдиди назар мехоҳанд ва дар кӯтоҳтарин муддат бояд адабиётшиносону таърихнависон ба он ҷавоб гӯянд.

Зимнан бояд эътироф кард, ки на ҳамаи шеърҳои Айнӣ арзиши хешро то имрӯз ҳифз кардаанд, хоса ашъори сиёсии ӯ. Вале ин ашъор низ рукни таърихи халқи мост ва пораҳое аз ин таърих дар роҳи худсозии ҷомеаи нав бешак хидмат хоҳанд кард (20, 60).

Чунон ки маълум аст, Айнӣ ба зудӣ шеърро фурӯ гузошта, ба тасвири эпикии воқеияти таърих дар замони нав шурӯъ кард. Ба ифодаи худаш азбаски «чорчӯбаи назм» барояш тангӣ кард, ба наср гузашт. Худи воқеияти бопаҳнои замон ин шароитро барои нависанда таъйид кард. Вале Айнӣ ҳам дар назм ва ҳам дар наср ҳуввияти инсониву адабиашро аз даст надодааст. Вай ба воқеияти замон ва таърих таваҷҷӯҳ карда, сарнавишти бадеии халқро дар масири таърих ва раванди воқеияти замон ба вуҷуд овард. Ин ҳама зери таъсири сиёсати рӯз сурат гирифт ва бешак, дар мавридҳое арзишҳои сиёсӣ бар ҳуввияти адабӣ бартарӣ доштаанд.

Консепсияи солими бадеии Айниро дар шинохти воқеияти таърих ва рӯзмарра асарҳои ӯ аз қабили «Ҷаллодони Бухоро», «Одина»,

«Дохунда», «Мактаби кӯҳна», «Ғуломон», «Марги судхӯр», «Исёни Муқаннаъ», «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», «Ёддоштҳо» шарҳ додаанд. Айнӣ дар ин асарҳо ба тасвири ҳодисаву воқеаҳо ва амалу кирдори ашхосе пардохтааст, ки нахуст вазифаи таблиғотӣ дошта (хости замон буд!), дигар ҳамчун сабақи ибратбахше барои муосирон хизмат мекард. Дар аксари ин асарҳо Айнӣ таваҷҷӯҳи бештаре ба шаклу тасвири воқеаҳо дорад. Яъне ба ин далел насри ӯ асосан ҳамчун насри воқеагаро бояд таъриф шавад, вале ҳадафгароии нависанда насри ӯро аз воқеагроии дурушту маҳз наҷот дода, арзиши бадеии онро таъмин намудааст.

Айнӣ як андоза тавонист, ки аз сиёсатгароии маҳз ва воқеанависии дурушт ҳам дар шеър ва ҳам дар наср гурезад. Вазъи сиёсию иҷтимоии замон ҳамин гуна адабиёти гапдаро ва гапфурӯшро ба вуҷуд овард, вале Айнӣ тавонист, ки дар ҳамин раванд «то андозае ба ҷамъбастҳои адабии фалсафӣ даст занад» (115). Муҳимтарин коре, ки Айнӣ бо эҷоди «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон» кард, ин ба тасвири бадеӣ кашидани худшиносии иҷтимоии заҳматкашон – мустаъзафон аст. Дар ин замина Айнӣ тавонист, ки марҳилаҳои гуногуни бедории иҷтимоии халқро тасвир кунад ва собит созад.

Ба ҳамин далел, ки заҳматкаши оддӣ дар ҷомеаи истеъморӣ зулму хорӣ дида, одамияти хешро дар қиёси зулму истибдод ва озодиву рафоҳият дарёфт, ғояест, ки «Одина»-ро зинда ва хонданӣ нигоҳ медорад. Романи «Ғуломон» корномаи мӯҳташами оммаи мардум дар роҳи адолатҷӯист. Ба ифодаи М. Шакурӣ, дар романи «Ғуломон», «оммаи мардум дар муборизаи роҳи адолатхоҳӣ худро ба сифати як қувваи таърихсоз» дарёфт.

«Ёддоштҳо», бешак, муҳимтарин асари Айнист ва ин асар достони нерӯи азими инсонӣ буда, Айнӣ тавонистааст, ки дар баробари чеҳраи ситамкашони оҷизу нотавон симои мардуми андешапарвари ҳикматписанд, ҳунарпешагони забардаст, хуштабъону шоирон, олимону

мутафаккиронро ба вуҷуд оварад. Айнӣ медонист, ки падид овардани чеҳраи маънавии ин ашхос барои таърих ва наслҳо зиёда зарур аст.

Аз ин ҷиҳат «худшиносии иҷтимоӣ дар нахустин асарҳои устод Айнӣ бо шуури синфӣ маҳдуд бошад ҳам, баъдтар дар «Ёддоштҳо» таҳқиқи ӯ вусъат пайдо карда ва амиқтар рафта паҳлӯҳои гуногуни ҳастии инсон, аз ҷумла, масъалаҳои ёди таърихӣ ва меросбандии маънавиро фаро гирифт. Дар «Ёддоштҳо»-и Айнӣ худшиносии иҷтимоӣ аз чорчӯбаи танги маҳдудияти табақотӣ берун рафта, ба марзи худогоҳии маънавӣ қадам гузошт» (116, 114). Тадқиқоти илмии ӯ дар бораи Рӯдакӣ, Ибни Сино, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Камоли Хӯҷандӣ, Навоӣ, Восифӣ, Бедил ва дигарон низ бо ҳадафҳои волои миллӣ пайванде дошта, дар роҳи худогоҳии миллии тоҷикон хидмат хоҳанд кард.

Фаъолияти Айнӣ ба инкишофи насри муосири тоҷик бетаъсир набудааст. Таъсири ӯро аксари шогирдону пайравони ӯ тасдиқ кардаанд ва дар ин боб мақолаҳои зиёди қиёсӣ низ навишта шудааст. Дар ин боб мо суханро дароз накарда, фақат иқтибосе аз ёддошти Сотим Улуғзода меорем. С.Улуғзода пас аз хонадани «Одина» менависад, ки «китоб аз саҳифаҳои аввалинаш манро мафтун кард. Ман ин гуна суханҳои зебои хушоҳангро пеш аз он ҳеҷ нахонда ва нашунида будам. Аз варақаҳои китоб гӯё мусиқии ҷозибадоре садо медод. Гумон мекардам, ки дар ин ҷаҳон чизи форамтару зеботар аз забони тоҷикӣ нест. Ман бисёр ҷоҳои «Одина»-ро саҳифа-саҳифа ба дафтарам кӯчонда, аз ёд мекардам» (99,319-320).

Айнӣ воқеан ҳам мактаби адабии худро таъсис дод ва ин мактаб дар тарбияи нависандагони тоҷик саҳми бузург дошт. Таъсири осори Айниро эҷодиёти Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода ва дигарон, навиштаҳои бисёри адабиётшиносони тоҷик собит кардааст.

Айнӣ ба адабиёт ё худ осори адабие, ки асоси ҳаётӣ дорад, таваҷҷӯҳи хос доштааст. Вай аз ҳамин мавқеъ ба эҷодиёти Саъдӣ, Восифӣ ва Навоӣ, хоса ба «Хамса»-и ӯ баҳо медиҳад. Дар эҷоди асарҳои бадеӣ низ ба ин тамоюли адабиёти пешин пайравӣ намудааст. Ин усули

тасвир сабки нигориши ӯро низ муайян кардааст. Сабки Айнӣ соддаву бетаккалуф буда, аз унсурҳои солими адабиёти пешин ва забони зинда баҳра бурдааст.

Махсусан таъсири насри ривоятӣ дар осори нависанда назаррас аст. Ҳам дар забон, ҳам дар сохтмони композитсионӣ, ҳам дар муколамаю муҳовараи персонажҳо ин таъсир ва баҳрабардорӣ ба мушоҳида мерасад.

«Ҷаллодони Бухоро» (1920) аз нахустин асарҳои калонҳаҷми устод Айнист. Ин асарро баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Муҳаммадҷон Шакурӣ, воқеъномаи рӯзгори ба завол расидаи амирони манғити Бухоро шинохтаанд. Дар ҳақиқат ҳам дар асар асосан ҳодисаҳои воқеӣ тасвир шудаанд. Дар ин боб ҳатто қаҳрамони повест гувоҳӣ медиҳад: «Ман шуг (афсона) намегӯям, чизҳоеро гуфта медиҳам, ки ҳамаи онҳоро ба чашми худ дидаам» (1, 161). Далели дигар дар воқеӣ будани ин асар дар номи қаҳрамон аст. Нависанда амир Олимхон, Усмонбеки қушбегӣ (сарвазир), Бурҳониддини қозикалон, шахсиятҳои дигар, аз ҷумла Абдураҳмони Рафтор, Акамахсус, ҷаллодон Ҳамроҳ-гавбоз, Маҷиди қаҳкашонӣ ва дигаронро бо номи аслиашон зикр кардааст. Ҳаминро низ бояд гуфт, бисёре аз ин қаҳрамонон бо номи аслиашон дар «Ёддоштҳо» низ ёдовар шудаанд, ки далели қавиест барои воқеӣ будани повест.

Замони рӯйдодҳои мавриди тасвир низ аз ҷониби нависанда дақиқ таъкид шудааст ва дар оғози китоб мо мехонем: «Дар моҳи марти соли 1918 дар арки Бухоро барои ҷаллодон машғулият зиёд шуда буд» (1, 105). Нависанда бо таъкиди ин санад ва санадҳои дигар бунёди қавии воқеӣ доштани асарро таъкид мекунад.

Аз ин таъкидҳову далеловариҳо хулосаи нависанда он аст, ки «воқеаи ҷадидкушӣ» «нуқтаи олии таърихи пурфоҷиаи сулолаи манғитиёни ӯзбек» (М.Шакурӣ) аст. Дар ҳамин замина муаллиф боҳадаф донистааст, ки дар қисми аввал маълумоти таърихиеро низ оид ба вазъи Бухоро ва арк фароҳам орад.

Бо ин гуфтаҳо мо сари чунин андеша ҳастем, ки такя ба воқеият Айниро ба воқеанигорӣ ва натурализм бурда, ҷанбаи бадеии асарро коҳиш додааст. Шояд Айнӣ дар рӯзгори таълифи ин асар ҳадафи ғоявӣ ва таблиғии асарашро хуб эҳсос карда, дар ин замина бештар ба таъкиди ваҳшонияти замони амир саъй кард. Барои ӯ санадҳои таърих ҳуҷҷати бадеӣ намуданд ва ҳамагуна пардозгарӣ ва хаёлбофиро гузошта буд.

Агар фикри асосии адибро аз китоб берун оварем, дурустии ин хулоса таъйид мегардад. Ба назари Айнӣ–Ҳайдарча, Маҷиди-каҳкашонӣ, Ҳамроҳ-гавбоз, Қурбон-девона ва дигарҳо ҷаллод нестанд, балки ҷаллоди аслӣ амир ва наздикони ӯянд. Яъне ғояи падид овардани сурат ва сирати вопасин сулолаи манғитҳо барои нависанда ниҳоят муҳим буд. Барои ин ки ин айбнома ба гардани амир часпад, бояд шавоҳиди зинда ва махсус сабт мешуд ва Айнӣ бо ин роҳ рафта, шояд дар оғози фаъолияти нависандагиаш тасаввур ҳам намекард, ки дар истифода аз санадҳои воқеӣ дар асари бадеӣ ҳадди эътидол мавҷуд аст ва агар аз он гузаштед, ба ифрот мерасед.

Сохтмони сужети «Ҷаллодони Бухоро» аз бисёр ҷиҳат ба «Ҳазору як шаб», «Чор дарвеш» ва чунин асарҳои насри ривоятӣ монанд аст. Ин асар низ бо услуби суннатҳои ҳикоят андар ҳикоят таълиф шудааст. Вале Айнӣ дар ин замина низ навҷӯиҳо дорад. Ба шаҳодати донишманди адабиёт М.Шукуров, «ин тарзи қиссапаймоии анъанавӣ аз ҷузъиёту тафсилоти конкрет, аз тасвирҳои воқеӣ, аз оҳангҳои табиии гуфтугӯи оддӣ ва сӯҳбату мунозира имконоти тозае пайдо карда, барои нишон додани манзараҳои гуногуни зиндагӣ, барои аз чанд ҷиҳат ва нисбатан васеъ дар бар гирифтани воқеияти Бухорои феодалӣ замина фароҳам овардааст» (117,74).

Баъзе муҳаққиқони эҷодиёти Айнӣ, аз ҷумла, М. Шукуров дар ин ақидаанд, ки аз тасвиру нақли воқеаҳои таърихӣ дар ин асар фикри бадеии нависанда равшан нест ва сабаби инро равшан набудани «идеали нави ҷамъиятии ӯ, тасаввуроташ дар бораи қувваҳои асосии пешбари инқилоби Бухоро» медонанд, ки ба назари мо дуруст нест.

Чунонки дар боло ифода рафт, Айнӣ ҳадафи аслии хешро аз навиштани ин асар дар баъзе ишораҳояш пинҳон надоштааст. Мавқеи Айнӣ дигар буда наметавонист, зеро фоҷиаҳое, ки дар ин повест тасвир шудаанд, сарнавишти фоҷеаноки ҷадидону рӯшанфикрони Бухоро буда, худи Айнӣ низ қариб қурбонии ин фоҷиа гардида буд.

Асари дигари устод Айнӣ «Одина» (1924) аст. «Одина» бори аввал дар рӯзномаи «Овози тоҷик» (23 ноябри 1924, 5 майи соли 1925) қисман чоп шуд. Нависанда ин нусхаи чопиро «Саргузашти як тоҷики камбағал, аз хотираҳои истибдод» унвон карда буд. Дар ду нашри дигар низ, ки ба шакли китоб чоп шудааст (1927, 1951) ҳамин номро дошт. Ин повест дар нигоҳи аввал қиссаи сарнавишти таъмимӣ ва пурфоҷиаи тоҷиконро дар замонаи «номард» (истилоҳи мардумӣ) ба тасвир мегирад. Ин сарнавишт бисёр фоҷиарез аст ва байте, ки муаллиф чун эпиграф дар оғози қисса меорад, низ баёнгари нияти эҷодии ӯст:

Зи сар бигзашт бе ту оби чашмам,
Яке аз саргузаштам бе ту ин аст.

Кадом саргузаш? Саргузаште, ки ҳазорон одинаҳоро гиребонгир буд. Барои як бурда нон сарсониҳову хориҳоро аз сар гузаронида, аз ҷониби арбобҳо ғорат дида, таҳқир дида, аксаран нокому номурод дунёи равшанро падруд мегуфтанд.

Ба ин маънӣ, повест бо ҳақиқатнигорӣ, бо тасвири амиқ ва ботааммуқи ҳаёти тоҷикони кӯҳистони Бухорои Шарқӣ, ҳадафҳои олии инсонпарварона, ҳамчунин тасвири пурмӯҳтавои табиат, наботу ҷамод диққатангез аст.

Дар боби тааллуқоти табақотӣ ва сиёсии повест мулоҳизаҳои гуногуне ба вуқӯъ пайваста буд. Раҳим Ҳошим ва нависандаи рус Лев Славин онро «повести инқилобӣ» таъбир карда буданд. И.С.Брагинский низ онро «комилан асари инқилобӣ» шинохта буд (117, 87).Муҳаммадҷон Шукуров низ ин фикрро таҳқиқ карда, онро бо далелҳо тақвият бахшидааст.Ба назари мо, новобаста ба тасвири назарҳо оид ба намуди он арзиши умумиинсонии ин асар коҳиш нахоҳад ёфт, зеро

муҳимтарин масъалае, ки муаллиф матраҳ кардааст, муборизаи инсони хокӣ алайҳи зулму бедодист ва талош барои адлу дод мебошад, ки ҳеҷ вақт кӯҳна намешавад.Дар ин асари Айнӣ низ таъсири насри гузашта назаррас аст. Айнӣ дар «Одина» низ аз усули ҳикоябандӣ истифода карда, пораҳои зиёди шеъриро низ ба тақозои мавзӯъ фаровон истифода намудааст, ки қиссаи ӯро мисли насри пешин ҳикматнок, бадеъ ва хонданӣ кардааст.

Дар усули ҳикоябандӣ Айнӣ суннати воқеанигории насри пешинро огоҳона истифода карда, ба ин восита ба ифшои сарнавишти комил ва амалу кирдори қаҳрамон мусоидат кардааст. Аз ин ҷиҳат сабки нигориши адиб низ дилангез ва хотирмон буда, таъсири тафаккур ва забони мардумӣ дар он амиқ аст.

И.С.Брагинский побандии Айниро бо тарзи суннатии тасвир таъкид карда, ин усулро монеае донистааст дар роҳи тасвири такомулоти тадриҷии рӯҳии қаҳрамон (20,79). Ин мулоҳиза ба маънии дигар, инкори тасвири психологӣ дар асар аст, ки ба воқеият рост намеояд. Баръакс М.Шукуров аҳамияти тасвирҳои психологиро дар повест таъкид карда, иброз медорад, ки «онҳо орзую омол, изтиробу ҳаяҷон, тапиши дили нокоми қаҳрамонро зоҳир намудаанд. Аз ин гуна тасвирҳо садои дили халқ ба гӯш мерасад. Ин тасвирҳо қувваи қалами реалистии нависанда, дар тасвирории реалистӣ маҳорат ҳосил карда истодани ӯро нишон медоданд» (117, 93).

Арзиши повести «Одина» ба он чӣ гуфтем, маҳдуд намешавад. Ба қавли шарқшиноси маъруфи рус Е.Э.Бертелс «алҳақ, ин китоб нишони оғози як қарни ҷадид барои Тоҷикистон» (117, 96) буд. Беш аз ин, ба назари мо ин повест дар роҳи бедории маънавӣ ва худшиносии тоҷикон дар муҳити нави зист кӯмак кард, новобаста ба савияи бадеиаш ба чанд насл маърифати адабӣ омӯхт.

Романи «Дохунда» аз ҷиҳати мавзӯю мундариҷа ба «Одина» дар як саф аст. Вале ин асар дар усули тасвир дигаргуниҳои ҷиддӣ дорад, ки нишонаи такомули ҳунари нависандагии Айнист.

«Дохунда» соли 1930 дар шаҳри Қазони Тотористон ба чоп расидааст ва онро муҳаққиқон «якумин романи реалистии тоҷик» (М.Шукуров) шинохтаанд. Ба пайбурди М.Шукуров, «нависанда дар ин асар сайри такомули шуури як тоҷики камбағал – аз мазлумию нотавонӣ то ба дараҷаи муборизи фаъоли роҳи озодӣ расидани ӯро нишон медиҳад.»

Роман аз панҷ қисм иборат буда, дар қисми аввал даврони бачагӣ ва наврасии Ёдгор ва дӯстдоштаи ӯ Гулнор тасвир шудааст. Дар қисми дуюм ҳаёти қаҳрамон дар Бухоро, ба хизмати аскарӣ даромадан ва зиндонӣ шудани вай ба тасвир омадааст. Қисми сеюми асар рӯзгори муборизаҳои инқилобиро дар бар мегирад. Дар қисми чорум муборизаи Ёдгору Гулнор алайҳи «унсурҳо» нишон дода шудааст. Дар қисми панҷум ангораҳое аз бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ дар Тоҷикистон нақл шудааст.

Бар хилофи Одина дар романи «Дохунда», Ёдгор «муборизи фаъоли ҳаёти нави советӣ» (20) ба назар меояд. Вобаста ба такомули иҷтимоигароӣ дар усули эҷоди Айнӣ дар «Дохунда» тасвири табиат низ аз «Одина» фарқ мекунад. Ҷӯйбору дарёчаҳо дар ин асар ангезаи дигареро дар шуури бадеии нависанда талқин мекунанд. Ин тағйиротро муҳаққиқон ба такмили назари иҷтимоии адиб вобаста медонанд. Дар ҳамин замина мавқеи ғоявии муаллиф дар тасвири чеҳраҳои Одинаву Ёдгор дигаргуна аст.

Сарнавишти Ёдгор аз бисёр ҷиҳатҳо ба Одина монанд аст. Аммо аз хурдӣ чашми Ёдгор ба воқеият ва ҷабркориҳои замондорон кушода шуда буд. Аниқтараш хориҳое, ки падару модараш кашида буданд, чашми ӯро ба беадолатиҳои замона кушод. Баъдтар зиндагӣ ӯро ба роҳи мубориза ҳидоят кард. Дар ин замина сарнавишти муборизони шердил ба ӯ дарси ибрат низ гардид. Ин гуна шахсият дар «Дохунда» барои Ёдгор Абдуллохоҷа буд.

М.Шукуров Ёдгорро дар адабиёти тоҷик «нахустин образи муборизи собитқадами роҳи озодӣ» медонад. Ва муборизаи Ёдгорро

муборизае медонад, ки «байраќи он ғояҳои олии инсониятпарварист». Шояд ҳамин ҷиҳати асар барои Айнӣ муҳим буд, вале дар тасвири мукаммал ва бадеии муборизаҳои озодихоҳона адиб то ба охир комёб наемонад. Дар қисматҳои баъдии роман баёни публисистӣ бар тасвири ботааннии бадеӣ тасаллут пайдо карда, асарро «ба як таърихномаи публисистии нимбадеӣ табдил» (М.Шукуров) додааст.

Бо вуҷуди баъзе нуқсонҳои ҷиддӣ роман дар муҳити нави ҷомеаи мо мавқеи сазовор пайдо кард. Образҳои офаридаи адиб, махсусан Ёдгору Гулнор миёни хонандагон маҳбубияти хос пайдо карданд. Садҳо нафар фарзандони худро бо ин номҳо муаммо карда, дар шеър низ (Деҳотӣ, Юсуфӣ) образи таъмимии Ёдгору Гулнор дар тафсири моҳияти замон ба кор рафт. Адибоне чун Ҳаким Карим, Ҷалол Икромӣ ва Абдусалом Деҳотӣ аз ин асар истиқболи хуш карданд.

«Ғуломон» романи ҳамосӣ ва бузургҳаҷми Айнист. Устод онро соли 1934 ба чоп расонидааст. Ин асар комилан асари ҳамосии пурвоқиа буда, воқеагароӣ дар он тасаллути комил дорад. Воқеаҳои сад сол – як садаро дар бар гирифтани асар низ бар ин далел аст. Миқдори иштирокдорони воқеаҳо низ 400 нафар буда, хеле зиёд аст. Асар аз панҷ қисмат иборат буда, воқеаҳои он аз чоряки дуюми асри XIX шурӯъ шуда, то соли таълифи асар идома ёфтааст. Дар асар зиндагии ачиб ва ибратомӯзи се насли мардуми заҳматкаш ба тасвир омадааст.

Насли аввал Некқадаму Гулсум, ҳамсафони онҳо ва деҳқонони озод ҳастанд, ки аз ҷиҳати мавқеи иҷтимоӣ аз ҳамдигар кам фарқ доранд. Ҳадафи Айнӣ падид овардани манзараҳои даҳшатангези ғуломонаи халқ будааст.

Насли дуввум, яъне Эргаш (писари Некқадам), Сафар Ғулом, Муҳаббат мавқеи иҷтимоии фаъолтаре доранд. Ҳадафи навсианда дар ин қисм нишон додани такомули тадриҷии шуури синфии қаҳрамонаш будааст ва ӯ ба ин кор муваффақ низ гардидааст.

Насли сеюм – Ҳасан (писари Эргаш), Фотима ва ҷавонони дигар ҳастанд, ки дар муборизаҳои синфии давраи колективонии хоҷагии халқ ширкат ҷустаанд.

Ҳамин тариқ, нависанда кӯшидааст, ки дар «Ғуломон» ҳаракати бошукӯҳу пурмуборизаи халқро аз ғуломию бандагӣ ба сӯи озодӣ нишон диҳад. Ин нияти нек ва бақадри эҷодии нависанда аст.

Вале, мутаассфиона, дар контексти роман ин нияти нависанда зери пардаи назари табақотии ӯ мемонад ва анқариб ҷои арзишҳои умумиинсониро худпарастии сиёсӣ мегирад, ки ҷанбаи бадеӣ ва ғоявии асарро поин меорад.

Дар тафсири бадеии «Ғуломон» мо мулоҳизаи профессор Г.И. Ломидзеро иқтибос меоварем, ки хеле муҳим аст. «Дар романи эпопеяи «Ғуломон»-и С. Айнӣ қисми якум пур аз воқеаҳо, санадҳо, мулоҳизаҳо, характеристикаҳои ҷамъбастии замон аст. Қаҳрамонони эпопея Ашӯр, Ризо, Ҳошим, Неккадам дар пеши назари мо ба сифати ифодагари як ғояи муайяни иҷтимоӣ намоён мешаванд ва аз якдигар бисёр ҳам фарқ доранд. Онҳо ҳанӯз соҳиби «хусусиятҳои фардӣ, соҳиби характери худ нестанд. Он сифатҳои шахсияти онҳо, ки чашми борикбини С. Айнӣ дидааст, як портрети дастҷамъии мардумонеро, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳамнавъанд, ғуломони тамғадорро фароҳам овардаанд. С. Айнӣ таноби замони таърихиро кашида, он солҳои зиндагии қаҳрамонашро, ки ҷолиби диққат набуданд, фурӯ гузоштааст. Воқиаҳои романи эпопеяи Айнӣ ба замони тайёрии дигаргуниҳои инқилобӣ ва амалӣ шудани онҳо (1917-1920, 1920-1922), ба замоне, ки аҳамияти омилҳои шахсӣ зиёдтар шуда, воқеаҳо ба иродаи одамон тобеъ гардиданд, ҳар чи наздиктар ояд, дар таркиби бадеии асар дигаргуниҳои муайяне рӯй додааст. Садоҳои гуногун аз роман шунида мешаванд. Адади ширкаткунандагони воқиаҳо то рафт афзудааст. Дар афзоиши адабӣ қаҳрамонон, сифати нави шуури онҳо акс андохтааст. Замон аз лабҳои бесадо мӯҳри хомӯшӣ бардошт. Он гоҳ дар роман сарнавишти мардумон, тадқиқи характерҳое, ки дар шароити

дигаршудаи иҷтимоӣ барои нишон додани умқи назар, қобилияту истеъдоди худ имкон ёфтанд, ба маркази диққат гузошт» (116, 118-119).

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки Айнӣ дар «Ғуломон» ба миён гузошта, дуруст ҳал кардааст, масъалаи «халқ ва таърих» аст. Айнӣ кӯшидааст, ки роҳи таърихии халқро аз дирӯз ба имрӯз бозтоб намояд. Бо ин мақсад Айнӣ тавонистааст, ки моҳияти таърихи халқро падид орад. Ба пайбурди М. Шукуров, «халқ дар роман вазъияти худро дар давраҳои гуногуни таърих аз назар гузаронид ва сарнавишти таърихии худро ба андеша гирифт» (116,109).

Романи «Ғуломон», ба мушоҳидаи муҳаққиқон, сабки Айниро муайян кард ва асарҳои баъдии ӯ дар ҳамин равиш эҷод шудаанд.

Махсусияти забони «Ғуломон»-ро М.Шукуров дар «Баёни соддаву дақиқ ва тасвири қобили дид» мебинад. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки «Соддагии забони Айнӣ иборат аз табиат ва равонии зебову зӯрманд мебошад» (116,130).Дар боби нигориши роман сухан карда, И. Брагинский таъкид кардааст, ки романи «Ғуломон» асари соф миллист. Вай бо забони бои адабии тоҷик навишта шудааст. Дар ин асар бисёр услубҳои адабии ба насри бадеии тоҷик хос дида мешавад, ҳикояҳои хурди пандомез, шеърҳо ва сурудҳои бешуморе истифода шудааст. Вай аз зарбулмасалу мақолҳои халқӣ саршор буда, бисёр элементҳои фолклори тоҷик мушоҳида мешавад (20,112).

Қиссаи «Марги судхӯр»-ро Айнӣ соли 1939 ба чоп расонид, ки он аз муҳимтарин асарҳои бадеии ӯ шинохта шудааст.Айнӣ дар сарсухани «Марги судхӯр» ишора кардааст, ки қаҳрамони асосии он «як шахси реалии таърихӣ» мебошад. Ин нукта ишора ба он аст, ки дар Бухоро чунин шахс будааст ва бо номи худ ба асар ворид шудааст. Айнӣ ёд мекунад, ки аз соли 1895 ин шахсро дида аст ва бо «диққати табиати кунҷков» сарнавишти ӯро омӯхтааст. Ин мулоҳизаҳои Айнӣ барои шинохти моҳияти асар арзиши фаровон дорад.

«Марги судхӯр»-ро Айнӣ бо таҳриру такмил, соли 1952 бори дуюм ба чоп расонид, ки беҳадаф набуд. Устод сабаби ин ҳодисаҳоро

дар он мебинад, ки дар таҳрири аввал «Дар воқеаҳои дар ин китоб нақлёфта халқ кам иштирок мекард» ва муомилаи судхӯр «бо майдасавдогарони шаҳрӣ тасвир ёфта бошад ҳам, тарзи тороҷ кардани ӯ оммаи меҳнаткашро, хусусан деҳқононро бо мисолҳои равшан нақл наёфта буд». Нависанда барои ислоҳи чунин камбудӣ қаҳрамони асар – Қорӣ-ишкамбаро ба деҳот бароварда, аҳволи заҳматкашони деҳот ва «Боз як воқеаи ҳақиқӣ», яъне воқеаеро, ки дар ҳақиқат рӯй дода буд, ба таври пинҳонӣ аз судхӯр интиқом гирифтани деҳқонони ба ҷон расидаро дар боби XV тасвир намудааст. Бо истифодаи сухани Саъдӣ – Чашми дунёдорро ё қаноат пур кунад ё хоки гӯр – «ҳукми таҷрибаи таърихиву маънавии халқ ва фарзандони бузурги ӯ қувват ёфтааст» (117, 199). Муҳаққиқ ба чунин хулоса меояд, ки «аз он тавзеҳу иловаҳо дар «Марги судхӯр» пеш аз ҳама образи халқ пурратар» гардид.

Ин асар аз лиҳози бадеият дар адабиёти тоҷик мавқеи муҳим дорад, қувваи бадеии ҷамъбастҳои Айнӣ асарро ба дараҷаи ҳуҷҷати замон – ҳукмномаи адиб дар ҳаққи олами истибдод нишон медиҳад.

Қаҳрамони асосии асар Қорӣ Исмати «судхӯри хунимардумхӯр» ва «мумсики дарунсиёҳ» ба тасвир омадааст. Аз ҳамин ҷиҳат проф. И. Брагинский қаҳрамони Айниро бо «мумсики классикӣ»-қаҳрамони Балзак-Гобсек муқоиса карда, таъид мекунад, ки «образи Гобсек» баробари ин қадар манфуру қабоҳатнок буданаш чун паҳлавони майдони манфиату даромади бедарди миён бо сангдилии фалокатовари худ даҳшат илқо мекунад. Ин образ образи подшоҳи тилло ва пул мебошад.

Қабоҳати образи қаҳрамони «Марги судхӯр» Қорӣ-ишкамба аз ин мондани надорад, вале ба мо даҳшат илқо намекунад, балки дар мо ҳисси нафрат ба вуҷуд меоварад ва мо ҳақириву нотавонӣ ва таърихан маҳкум шудани ӯро дарк мекунем. Ин подшоҳи тиллову пул набуда, ғуломи он аст (116,192).

Айнӣ симои манфури шахсеро падид овардааст, ки амалу кирдораш хилофи ахлоқи инсонист. Айнӣ дар симои Қорӣ Исмат моҳияти тамоюли

судхӯриро, ки дар Бухорои амирӣ вусъат пайдо карда буд, маҳкум мекунад. Тааҷҷубангез набояд бошад, ки дар ин замина фикри Айнӣ ва мавқеи ӯ бо таълимоти шариати ислом як аст. Ислом судхӯриро манъ мекунад ва онро гуноҳ медонад.

Дар ин замина Айнӣ барои фош сохтани сирату сурати қаҳрамони худ аз усулу василаҳои гуногун истифода кардааст. Ҳаҷви тезу тунд, санъати худифшоӣ, тасвири ҳаҷвӣ, муболиғаву иғроқ воситаҳое буданд, ки Айнӣ дар падид овардани чеҳраи ботин ва зоҳири қаҳрамони судхӯр истифода кардааст. Ин асар нерӯи азими фошкунанда дошта, айбномаест ба номи дунёи истибдоду истисмор.

Айнӣ дар замони ҷанги дуюми ҷаҳонӣ фаъолияти пурдоманае дошт. Аз нахустин рӯзҳои оғози ҷанг ба мубориза алайҳи зӯроварӣ ҳамроҳ гардид. Айнӣ ҷангро маҳкум карда, соли 1941 дар шеъри «Марши интиқом» моҳияти зидди инсонии фашизмро таъкид карда буд:

Эй ҷаҳони башар! Эй гурӯҳи аном!
Аз фашистони шар, интиқом, интиқом!

Аз нахустин навиштаҳои Айнӣ дар ин мавзӯъ назари консепсуалии вай ба воқеияти ҷанг, ба моҳияти зиддиинсонии он равшан аст. Дар ин замина вай ёди таърихии мардумро ба ҷунбиш меорад, қаринаҳои ин фоҷиаи башариро аз таърих иечӯяд, меёбад ва барои мардум пешниҳод мекунад. Мақолаи публитсистии «Чингизи асри XX» дар ҳамин равиш эҷод шудааст. Номи Чингиз дар лавҳи хотири мардум зиндааст, мардум ӯро чун рамзи бадӣ дар ёд дорад. Айнӣ бо зикри ин таърих ва фоҷиаҳои он чашми муосиронро ба ҷанг, ки ҳеҷ гуна хубӣ надорад, мекушояд ва мардумро ба муборизаи зидди Чингизи асри XX даъват мекунад.

Дар ҳамин равиш «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», «Исёни муқаннаъ», «Деви ҳафтсар» барин асарҳои ӯ арзиши муҳимми ғоявию бадеӣ ва ахлоқӣ доранд. Айнӣ дар ин асарҳои худ рӯҳи таърихии халқро зинда сохта, ба эҳё кардани номи қаҳрамонони таърихӣ ғояи ватанхоҳиро тарғиб кардааст.

«Ёддоштҳо» дар эҷодиёти Айнӣ асари марҳилавист. Ин асар арзиши фаровони таърихӣ, ахлоқӣ ва бадеӣ дошта, дар раванди суннатии ёддоштнависии адабиёти ҳазорсолаи мо сухани тоза аст.

«Ёддоштҳо» аз чор ҷилд иборат буда, солҳои 1949-1954 ба чоп расидааст. «Ёддоштҳо» охирин асари устод буда, «дараҷаи олии эҷодиёти ӯро ифода мекунад» (И. Брагинский бо фарогирии воқеаҳо ва вусъати тасвир ин асарро «энсиклопедияи ҳаёти Бухорои охири асри XIX» меномад, ки комилан саҳеҳ аст.

Муҳаммадҷон Шукуров халқро қаҳрамони асосии ин асар мешиносад. Ба ин далел, ки «дар маркази диққати нависанда образи халқ» меистад. Илова ба ин, назар ба пайбурди муҳаққиқ, «нависанда аз аввал то охири асар чандин нафар намояндагони халқро тасвир намудааст ва ҳамаи онҳо якҷоя як образи ҷомеаи ҳамаҷонибаи мукаммал, як образи умумиятёфта ва типии халқро ба вуҷуд овардаанд» (116, 219).

Вале мафҳуми халқ дар ин асар дар тафсири Айнӣ маънии васеътаре дорад. Нависанда ба тоифаҳои гуногуни мардум ҳусни таваҷҷӯҳ дорад. Ба ин маънӣ, Айнӣ дар асараш зиндагонии табақаҳои гуногуни мардуми Бухороро сабт кардааст. Образи ҷомеаи халқ дар «Ёддоштҳо» ифодагари паҳлӯҳои мухталифи ҳаёти мардум аст.

Бояд гуфт, ки манбаи асосии фикри бадеии Айнӣ зиёву рӯшании маънавиёти халқ аст. Нависанда ба заковати халқ эътимод дорад, нируи офарандагӣ ва диди шоиронаи халқ, наҷобати симои маънавии беҳтарин фарзандони халқ нависандаро гирифтор карда, ба андеша мебарад.

Олими нуктасанҷ, донишманди варзидаи Эрон Саъиди Сирҷонӣ дар пешгуфторе, ки ба чопи форсии «Ёддоштҳо» навишта буд, таъкид мекунад, ки «Ёддоштҳо»-и Айнӣ оинаи безангори тамомнамоест ва зиндагии падарони мову шумо дар вопасин даҳаҳои қарни гузашта ва солҳои нахустини қарни ҳозир дар он мунъакис мешавад. «Дар ин давраҳо Балху Бухоро аз Исфаҳону Шероз фарқе надоштааст ва дар

сар то сари фалоти Эрон ва Мовароуннаҳр осмон ба як ранг буда ва зиндагӣ ба яксон идома доштааст» (40, 78). Баъд инқилоб ин сарзаминҳо ва фарзандони он падару бобоҳоро аз ҳам ҷудо ва парешон сохт. Вале Айнӣ аз пайванди маънавии ин сарзаминҳо ёд мекунад.

Шояд яке аз сабабҳои ба сарнавишти маънавии халқ такя задани Айнӣ низ ҳамин буд.

Ҳаёти маънавии халқ дар «Ёддоштҳо» ба воситаи чеҳраи Саидмуродхоҷа (падари нависанда), дуредгари гулдаст Усто-амак (Ҳидоятхоҷа) Тӯтапошшои 80-солаи афсонагӯйи моҳир, устоди «Шашмақом» Ҳоҷӣ Абдулазиз ва дигарон нишон дода шудааст. Ин чеҳраҳо инъикоскунандаи ҳаёти маънавии халқанд. Ҳам Саидмуродхоҷа ва ҳам Усто-амак одамони оддӣ нестанд. Онҳо маънавиёти халқро дар худ таҷассум кардаанд. Аз ин мавқеъ назари Айниро оид ба мавқеи фард дар ҷомеъа таъйин мекунанд. Дар ин замина ӯ таъкид мекунад, ки ҷомеъаро маънавиёти пок ва ахлоқи солим посдорӣ мекунад.

Дар мисоли даҳҳо мақолаву рисолаҳо ва ниҳоят «Ёддоштҳо» маълум мегардад, ки Айнӣ ба таърих эҳтироми хос дорад. Таърих барои ӯ қабл аз ҳама сарнавишти халқ аст.

Дар ҳамин замина Бухоро алорағми маркази аморати иҷтимоӣ буданаш, бо тамоми ақибмондагиҳо, бо тамоми аломатҳои иртиҷоӣ ва манфур маҳди беҳтарин, фидокортарин, некахлоқтарин ва фозилтарин шахсони асрҳои охири Осиёи Мина будааст. Силсилаи ин гуна касон дар осори Айнӣ зиёд аст ва Айнӣ симои ҳамаи онҳоро бо муҳаббати фавқулодда зиёд, бо ҳусни таваҷҷӯҳи беандозае дар пеши назари хонанда муҷассам менамояд. Дар ин равиш Айнӣ таърихгаро нест, балки воқеъбин аст.

Дар «Ёддоштҳо» мо бо назари Айнӣ нисбат ба дин ва ҳуруфоти динӣ рӯ ба рӯ мешавем ва бояд моҳияти чашмандози ӯро оид ба ин масъала муайян кард.

Маълум аст, ки аз оғоз Айнӣ шахси мазҳабӣ буд ва то охири умр намозро ва иҷрои маросимҳои диниро тарк накардааст. Вале ӯ шахсияте

буд, ки хурофотро чашми дидан надошт. Аз оғози фаъолияташ ба таблиғи дастурҳои динӣ машғул шудааст, дар ин замина васоити таълимӣ низ таълиф кардааст, ки арзиши муҳимми ахлоқӣ доштанд. Назари ӯро ба хурофот ва исломи асил ҳикояи «Аҳмади девбанд» беш аз ҳама ошкор месозад. Вале дар «Ёддоштҳо» ин назар амиқтар аст. Ӯ ба шахсиятҳои динӣ эҳтиром меоварад, вале онҳоеро, ки боиси интишори ҷаҳолат ва нодонӣ шудаанд, сахт мазаммат мекунад. Мисоли беҳтарин ва амиқтарин барои донистани мавқеи Айнӣ оид ба ин масъала ангораҳост, ки аз давраи мактабхониаш нақл мекунад, таълими муллоҳои ҷоҳилро сарзаниш мекунад, навиҳои рӯзгорро пазиро мешавад.

«Ёддоштҳо» арзиши фаровони адабиётшиносӣ дорад. Айнӣ дар ин асар маълумоти зиёдеро оид ба зиндагӣ ва осори рӯшанфикрони Бухоро, аз ҷумла аҳли адаби он, ба монанди Аҳмади Дониш, Зуфунун, Ҳайрат ва дигарон меорад, ки арзиши муҳимми адабию таърихӣ дорад. Зикри шахсиятҳои адабӣ дар тасвири Айнӣ беҳадаф набудааст. Ин шахсиятҳоро адиб барои «фаҳмидани мазмуни замон, муҳимтарин протсесҳои таърихии ҷамъият» (117) истифода кардааст. Дар тасвири баъзеашон назари онҳо ба халқи заҳматкаш ҳадафи асосист.

Айнӣ аз «мактаби адабиёт»-и Шарифҷон Махдум ёд карда, аз муҳити адабии Бухоро сухан мекунад. Зикри Ҳайрат, Шарифҷон-махдум, Яҳёхоҷа, Садри Сарир ва дигарон бо мақсади бозтоб кардани чеҳраи адабии Бухоро сурат гирифтааст.

Айнӣ дар боби нияти неки адабиётшиносиаш дар «Ёддоштҳо» менависад, ки «ба асоси асарҳои худи Аҳмади Дониш ва ҳамзамонони ӯ пурра навиштани тарҷумаи ҳоли ӯро ба оянда мавқуф гузошта, мехоҳам он чизҳоеро, ки дар бораи аҳвол ва зиндагонии шахсии ӯ дар хонаи Шарифҷон-махдум шунидаам ва онҳо то ҳол дар ҷое навишта нашудаанд, дар ин ҷо қайд карда гузарам (УП, 2). Вале, мутаассифона, Айнӣ ин аҳдашро ичро карда натавонист ва маълумотҳои

дар «Ёддоштҳо» оид ба Аҳмади Дониш овардааст, бешак, арзиши таърихӣ доранд.

Мо чунин далелу бурҳонҳоро дар бораи дигар шоирони Бухоро низ дар «Ёддоштҳо» мехонем. Ҳамчунин таҳлилҳое, ки Айнӣ зимни ҳикоятҳо меоварад, назари амиқи таърихдонӣ ва адабиётшиносии ӯро собит карда, «Ёддоштҳо»-ро ҳамчун асари пураразише, ки санадҳои зиёди адабиётшиносӣ дорад, намудор месозад.

Садриддин ровии донову ҳамабин аз чеҳраҳои ҷолиби асар буда, образи таълимии рӯшанфикрони нимаи дуюми асри XIX ва оғози асри бист аст.

«Ёддоштҳо» арзиши бузурги адабӣ ва таърихӣ дошта, дар роҳи рушди маънавиёти халқи мо хизмат хоҳад крад. Дар боби арзиши бадеӣ ва таърихии ин асар гуфтугузорҳои зиёде сурат гирифтааст. Ин ҷо мулоҳизаи Леонид Леоновро меорем, ки дар боби арзиши асар ҷолиб аст. Вай менависад: «Китоби С. Айнӣ аз ҷиҳати қувваи умумиятдиҳии бадеии худ, аз ҷиҳати амиқиву ҳикматнокии афкор ва аз ҷиҳати маҳорати олии адабӣ дар адабиёти умумииттифоқи мо ҳодисаи бузурге мебошад. Китоби мазкур бо вуҷуди аз ҷиҳати мавзӯъ ба гузашта нигаронида шуданаш оҳанги актуалӣ ва ҳаминзамона дорад» (20,136).

Айнӣ аввалин президенти Академияи улуми Тоҷикистон буд. Вай дар равнақи илмҳои забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, таърих хизмати бебаҳое кардааст. Бо таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» вай дар саргаҳи илми адабиётшиносӣ ва танқид қарор дорад. Таълифоти дигари ӯ, аз қабили «Таърихи амирони манғити Бухоро», «Таърихи Инқилоби Бухоро», «Забони тоҷикӣ», «Фирдавсӣ ва «Шоҳномаи ӯ», «Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино», «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ», «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ», «Алишер Навоӣ», «Мирзо Абдулқодири Бедил» ва ғ. саҳми ӯро дар илм собит мекунанд.

Абулқосим Лоҳутӣ

(1887 – 1957)

Устод Айнӣ соли 1925 дар «Намунаи адабиёти тоҷик» навишта буд: «Сазовор аст, ки таърих ба Лоҳутӣ китоби «адиби сурх»-ро бахшад, зеро мумииллайҳ аввал касест, ки ба забони форсӣ шеърҳои инқилобӣ сурудааст ва дар адабиёти синфии форсӣ ҳусни матлаъе барбаста».

Дар ин баёноти Айнӣ як нуқтаи бисёр муҳим аст: вай Лоҳутиро «адиби сурх» шинохта, ӯро акнун намояндаи «адабиёти синфии форсӣ» медонад.

Ҳамин тариқ, як давраи томи ҳаёт ва эҷодиёти Лоҳутӣ адабиёти синфӣ гардида, унвони «адиби сурх» ба номаш баста шуд.

Лоҳутӣ соли 1887 дар шаҳри Кирмоншоҳи Эрон зода шуда, дар яке аз бемористонҳои шаҳри Маскав соли 1957 фавтидааст ва ҷасади ӯ дар қабристони Новодевиче мадфун аст.

Лоҳутӣ аз инқилобиёни ҷаррори Эрон буд ва баъди шикасти инқилоби Эрон соли 1922 ба Шуравӣ паноҳ бурд. Муддате дар Нахчувон, Бокуву Тифлис зиста, баъд ба Тоҷикистон омад ва ҳаёти минбаъдаашро бо кишвар ва халқи бо ӯ ҳамзабону ҳамоин пайваст.

Муҳаққиқон эҷодиёти шоирро ба ду давра қисмат кардаанд: яке нимаи аввали эҷодиёти ӯ, ки замони то ба Шуравӣ паноҳанда шуданашро дар бар мегирад, дигаре фаъолияти адабии ӯро дар Шуравӣ.

Бисёре аз мунаққидону адабиётшиносон ба ин ақидаанд, ки «он гоҳ ки Абулқосим Лоҳутӣ аз Эрон ба Шуравӣ паноҳанда шуд, бунёди фалсафии шеъраш қавӣ буд» (М. Шакурӣ). Адабиётшиноси Эрон Сипонлу фаъолияти шоирро дар Шуравӣ бесамар медонад. Вале дар байни асарҳои дар Шуравӣ эҷод кардаи шоир низ «шеърҳое аз қабили қасидаи «Кремл» (1922), як силсила рубоиву ғазалҳо ҳастанд, ки «аз биниши фалсафаи ӯ гувоҳӣ» дода, бешак арзиши бадеӣ доранд.

Ба қавли Сипонлу, даврони босамари эҷодиёти Лоҳутӣ замони зист ва эҷоди ӯ дар Эрон будааст. Ашъори ин давраинаи ӯ гароиши суннатӣ дошта, назари шоирро ба воқеаҳои Эрони ибтидои аср ифода

мекард. Шоир дар нахустин шеъраш «Ҳубб-ул-ватан мин-ал-имон» назар ва мавқеи иҷтимоиашро нисбат ба таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоии Эрон дар даврони инқилоби буржуазии рус равшан ифода кардааст. Шоир дар ин шеър аз вакилони маҷлис даъват ба амал овардааст, ки манфиати халқ ва ватанро азиз шиносанд. Шоир дар шеъри «Фарёди миллат» (1909) низ эҳсосоти амиқи ватандӯстиро ифода карда, халқро ба ваҳдати миллӣ даъват мекунад. Шеъри дигари ӯ «Эй ранҷбар» низ дар мақтаи мавзӯи худшиносии миллӣ ва мавқеи сиёсатмадорони Эрон гуфта шудааст.

Шоир дар ин шеър адолати маҷлисиёнро (парламентро) гарави шинохти ҳаққи мазлумон ва мустаъзафон медонад. Чунин ақидаи солими шоирро бисёре аз адабиётшиносони мо ба тақозои сиёсати томфармоии Шуравӣ нодуруст шинохта буданд. (68,88). Ғазали Лоҳутӣ «Ё ҳар ду» низ ҳамин мавқеи ӯро таъкид мекунад. Ин шеър хусусияти инкор ва фошкунӣ дошта, шоир итминон дорад, ки танҳо адолат ва ростӣ вакилони маҷлисро аз хиёнат ва гумроҳӣ наҷот дода метавонад. Дар ин шеър мавқеи шоир дар шинохти ҳақиқат якрӯю бериёст.

Вакилону вазиронанд хоин, фош мегӯям,
Агар дар зери теғам, ё ба рӯи дор, ё ҳар ду.

Лоҳутӣ шоири ватандӯст аст. Ӯ беҳтарин таронаҳояшро дар васфи Эрон ва истиқлоли он сурудааст. Ин таронаҳо моломоли дарду ҳасрати шахсест, ки озодии сиёсӣ ва иқтисодии кишварашро ба ҷон мехоҳад. Ҳамин эҳсоси ҷомеъ ӯро ба муборизаҳои халқи Эрон алайҳи душманони кишвар пайваст. Ӯ бо шеър ва силоҳ дар ин мубориза ширкат ҷуст.Инқилоби Эрон ба шикаст мувоҷеҳ шуд. Лоҳутӣ ғазали пур аз андӯҳ ва ноумедии «Эй хуш он рӯзе, ки дунёро даруни хун бубинам»-ро суруд ва ҳасрату армони хешро миёни мисраъҳо фурӯ рехт.

Лоҳутӣ баъд аз судури ҳукми эъдом аз ҷониби шоҳ ба Бағдод (1914) меравад ва дар шеърҳои ин давраинааш низ инқилоб ва озодии ранҷбаронро мадҳ мекунад. Достони «Шамъ ва парвона» низ саршори ҳамин гуна ғоя аст.

Баъди як соли муҳоҷират шоир боз ба Ватан баргашт ва эҳсосоти он рӯзгори худро дар шеъри «Бозгашт ба Ватан» хеле нишонрас ифода кардааст. Ин солҳо арафаи инқилоби Октябр ва истилои армияи рус қисмате аз хоки Эрон буд. Шояд ҳамин ҳодисаҳо сабаб шуд, ки Лоҳутӣ як умр «асир»-и сиёсати инқилоби Шӯравӣ монд.

Лоҳутӣ дар шеърҳое, ки дар ин давра эҷод кардааст, сахт шоири иҷтимоъгарост. Дар ин замина образҳои қиёсӣ дар шеъри ӯ мавқеи хос пайдо мекунанд. Шеъраш шӯру шарари инқилобӣ ба худ мегирад.

Соли 1917 Лоҳутӣ ба Истамбул ҳиҷрат мекунад ва ин давраи зиндагиашро пуразоб шарҳ медиҳад. Бо вуҷуди машаққатҳои зиндагӣ ӯ шеър менавишт ва муҳимтарин мавзӯъҳои шеъри ӯ озодии Ватан, аҳволи он ва занону духтарон буд. Махсусан мавзӯи озодии занон дар эҷодиёти ӯ ҷойгоҳи хос дорад. Дар ин замина ӯ шеърҳои «З-ин беш ин ниқоби сияҳро ба рӯ макун», «Бардор парда», «Ба духтарони Эрон» ва ғайраро навишт, ки оҳанги амиқи иҷтимоӣ доштанд.

Дар ин замина шеъри «Ба духтари Эрон» хусусиятҳои ҷолиби афкори муаллифро дар бар мегирад. Дар ин шеър ақидаи адабии муаллиф низ баён шудааст. Вай аз тасвири анъанавии ҳусни зан даст кашида, ба зан ҳамчун ба фарди иҷтимоӣ муносибат карданро талқин намудааст. Ба ҳамин васила вай назми ишқии шоирони муосири худро, ки танҳо ба тасвири зоҳирии ҳусни занон тавсифи иғроқ дода, аз зан як предмети мафҳуми ғайриреалиро ба вуҷуд меоваранд, сахт танқид ва мазаммат намуда, муносибати наверо пеш рондааст:

Эй маҳи мулки Аҷам, эй санами олами Шарқ,
Хеш гирд овару бар гуфтаи ман дил бигумор.
То кунун пеши ту чу банда ба даргоҳи худо,

Лобаҳо кардаму бар хок намудам рухсор…
Баъд аз ин аз хату холат наҳаросад дили ман,
З-он ки бо ҳусни ту корам набувад дигар бор.
То кай аз зулми ту занҷир ниҳам бар гардан,
То кай аз мижжаи ту тир занам бар дили зор?
З-ин қабил бештар аз ҳар ки тавонам гуфтан,
Лекин инҳо ҳама ҳарф асту надорад миқдор.

(96, 135-136)

Аз ин шеър меъёри нави назари зебошинохтии Лоҳутӣ равшан аст. Акнун барои шоир «ороиши дониш» муҳимтар аз ҳама гуна тасвиркориҳост.

Дар ашъори ин давраинаи Лоҳутӣ ишқ мақоми хос дорад. Дар ин равиш вай суннати гузаштагонро инкор намекунад, вале нафасе аз замон дар шеъри ишқиаш низ ба назар мерасад. Соддагиву равонӣ ва аз ҷиҳати образнокӣ хотирнишин будан аз хусусиятҳои шеърҳои ишқии индавраинаи шоир аст. Дар ин замина шеърҳои «Дили ман», «Парвона медонад», «Гар намедонӣ, бидон» аз бисёр ҷиҳат ҷолибанд.

Қисме аз муҳаққиқон дар тафсири «шеърҳои истамбулӣ»-и шоир ба чунин ақидаанд, ки ин шеърҳо моломоли оҳангҳои иҷтимоӣ будаанд. Шоир дар бисёре аз ин шеърҳо бо рамзу киноя ақидаҳои иҷтимоии хешро ифода кардааст. Дар баъзе аз ғазалҳо шоир ҳам бо рамз ва ҳам ошкоро аз ватан, аз адолати иҷтимоӣ ҳимоят мекунад. Шеъри «Зи шаб то бомдод» аз ҳамин қабил аст. Дар оғоз ин шеър сирф шеъри ишқӣ ба назар меояд, вале дар байтҳои сонӣ мавқеи шоири ҷаррор равшан мегардад ва ҳасрати ӯ ҷонсӯз ба гӯш мерасад:

Зи макри зореъу дилсахтии молик бувад равшан,
Ки Эрон мешавад вайрон зи истибдоду менолам.

Охири шӯълаҳои умеди дили Лоҳутии саодатҷӯ баъди бозгашташ аз Истамбул ба Ватан медурахшад, вале ин низ дер не. Баъди шикасти «Шӯриши Лоҳутихон» дигар дар Эрон барои Лоҳутӣ ҷой набуд.

Лоҳутӣ ба Шӯравӣ паноҳанда шуд. Баъди муддате иқомат дар Нахҷувону Бокуву Тифлис ниҳоят ба Душанбе омад ва бо ғазали «Инқилоби сурх» саҳифаи тозаи сарнавишти шоириашро дар Тоҷикистон оғоз ниҳод.

Адабиётшиноси фақид Раҳим Ҳошим ба ёд меоварад, ки «омадани ӯ дар олами шеъру адаби мо ғулғула ва ҷӯшу хурӯши наве ба вуҷуд овард. Тақрибан аксари шоирони он давраи тоҷик дар пайравӣ ба ин ғазали («Инқилоби сурх». – Ҷ.Ҳ.) пуршӯру ҳаяҷонангези Лоҳутӣ ғазалҳо гуфтанд» (72,78).

Устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дар ҳаққи Лоҳутӣ чунин оварда буд: «Сазовор аст, ки таърих ба Лоҳутӣ хитоби «адиби сурх»-ро бахшад, зеро мумииллайҳ аввал касест, ки ба забони форсӣ шеърҳои инқилобӣ сурудааст ва дар адабиёти синфии форсӣ ҳусни матлаъ барбаста».

Ашъори дар Шӯравӣ, яъне қисман дар Тоҷикистон эҷод кардаи ӯ воқеан ҳусни матлаъ ва мақтаи адабиёти синфӣ буд. Мутаассифона, ашъори дар ин давра офаридаи Лоҳутӣ тамоми масъалаҳоро аз мавқеи синфият ва талаботи ҳизбу ҳукумат матраҳ кардааст. Аз оғози ба Шӯравӣ омаданаш шеъри Лоҳутӣ, хоса шеъри иҷтимоии ӯ аз ҳикматписандӣ маҳрум гардидан гирифт, балки дар бештарин сурат ба дастурҳои идеологии ҳизбӣ монанд шуд.

Фақат ба мушоҳидаи М. Шакурӣ дар ашъори давраи ҷангии ӯ майле ба «ҷамъбастҳои амиқи умумиинсонӣ мавқеи бештар пайдо карданд» (116,116).

Лоҳутӣ дар кишвари Шӯроҳо бояд мавқеи сиёсиашро собит мекард. Яъне шахси эътимоднок шинохта мешуд. Ҳатто барои собит кардани мавқеи шоириаш низ ин амал муҳим буд. Бинобар ин ҳам муаллифони «Таърихи адабиёти советии тоҷик огоҳона навишта буданд,

ки «барои ин ки Лоҳутӣ шоири ҳақиқии советӣ шавад, лозим буд, ки программаи мусбати худ ва марому идеали худро комилан равшан кунад» (68,104). Сиёсати зӯргӯ дар назди Лоҳутӣ вазифа гузошт, ки «программаи мусбат»-и худро муайян карда, «ҷӯстуҷӯи шаклҳои нави бадеӣ»-ро, ки «мувофиқи воқеияти советӣ бошад», «вазифаи муҳимми худ» шуморад.

Лоҳутӣ, ки дар рӯҳияи шеъри суннатӣ парвариш ёфта, қонуну қоидаҳои онро хуб медонист, акнун мебоист бо шеъре сару кор гирад, ки мазмуни қарорҳои ҳизб ва сармақолаҳои рӯзномаҳои ҳизбиро ифода мекард.

Лоҳутӣ дар лаҳзаҳои ҳассоси зиндагиаш барои худро шахси «безарар» ҷилва додан калимаи шаҳодати хешро навишт. Ба навъе ин шеър савганди садоқати ӯ дар назди ҳизб буд. Вай ба **«нажоди саъю тухми ранҷу насли дудаи заҳмат»** будани хеш дар шеъраш далелҳои шайъи оварда ва савганд хӯрд, ки

Кунун бо нияте равшан, ба ҳукми маслаку виҷдон,
Дар ин ҷо қавли мардӣ медиҳам, ман мекунам паймон.
Ки то дар бозувонам зӯр ҳасту дар тани ман ҷон,
Бикӯшам баҳри озодии синфи фаълаву деҳқон.
Биҷангам бар алайҳи золимону фирқаи боён,
Нагардад то ҷаҳон озод аз зулму башар яксон.
Аз ин мақсуди олӣ даст ҳаргиз бар намедорам.

Ҳамин тавр Лоҳутӣ ба маҷрои адабиёти навини тоҷик, ки таблиғи сохти нав, ғояҳои ҳизбу инқилоб ҳадафи аслии он буд, дохил шуд ва шеъру достонҳои зиёд навишт, ки хеле дертар адабиётшиноси Эрон Сипонлу ҳатто ба шеър будани онҳо шубҳа кардааст.

Шояд шоири тавоное мисли Лоҳутӣ дар вақташ яқин медонист, ки ин таҷрибаи ӯ бархӯрдӣ дигаре ба дунбол дорад, вагарна наменавишт, «дар кӯшиши ман барои тавсеъаи доираи мавзӯъ ва шаклҳои назми забони модариам шояд нуқсонҳои зиёде бошад» (40, 356).

Шоирон ба ҳама чиз шеър гуфтанд ва ҳама чизро ба шеър ворид карданд. Лоҳутӣ барин шоир, ки «дар ин кишвар на танҳо паногоҳ, балки мактаби мубориза, ҳаёт ва эҷодкорӣ» дарёфт, наметавонист аз маҷрои умумии инкишофи адабиёти Шӯравӣ ҷудо бошад.Лоҳутӣ байте дорад, ки онро метавон ба зиндагиномаи ӯ чун эпиграф сабт кард:

Дар ҷабҳаи мубориза умрам тамом шуд,
Даврони теғу оташи хун буд замони ман.

Дар ҳошияи ин байти Лоҳутӣ шоири суханшиноси тоҷик Мӯъмин Қаноат навишта буд, ки «дар ин сухан такаллуф ва таоруфи шарқӣ нест. Бемуболиға устод Абулқосим Лоҳутӣ ҳамчун сар ва афсари Инқилоби Эрон ин ҷо роҳи сипардаи худ ва маромномаи шоиронаи худро бо хуни дил, бо забони оташ ва бо забони теғдор дар саҳифаи рӯзгор сабт кардааст…» (40,5). «Баъд ва рӯзгоре дар табъид ва тазъиқ ба сар бурдан» (М.Қаноат) Лоҳутӣ муҳити навро пазируфт.Лоҳутӣ ба Тоҷикистон «ҳангоми мавҷхези инқилоби иҷтимоӣ ва ирфонӣ расид» ва «дар бедорӣ ва ташаккули миллати тоҷик ҳамроҳи устод С.Айнӣ саҳми бузург» (М.Қаноат) гузошт.Устод Лоҳутӣ Тоҷикистонро чун ишқи аввалу ватани сонӣ пазируфт. Беҳтарин таронаи муҳаббати худро дар васфи он гуфт:

Эй умеди дили рамидаи ман,
Қуввати дасту нури дидаи ман.
Ватани кору хонаи ишқам,
Табъи шеъру таронаи ишқам.

Устод Айнӣ ва Лоҳутӣ унсияти тамом доштанд. Онҳо дар корҳои нашриёт, дар таҳриру тахлили навиштаҳои шоиру нависандагони ҷавон ҳамдаст будаанд. Айнӣ Лоҳутиро ба муносибати сисолагии фаъолияти адабиаш табрик карда, аз ҷумла навишат буд: «Шумо он устоди адабу санъаткори пурбаракат ҳастед, ки бо шеърҳои инқилобии оташбори худ дар димоғи ҷавонони меҳнаткаш шамъи адабиро афрӯхтед ва ҳисси шоириро бедор кардем» (40, 16).

Адабиётшиноси Эрон Сипонлу Лоҳутиро «шоири духавоӣ» хондааст. Ӯ ба ин хулоса баъди хондани ашъори даврони Шӯравии шоир

омадааст. Ӯ дар қиёси ашъори ду давраи ҳаёти шоир ба хулосае меояд, ки Лоҳутӣ бо вуруд ба Шӯравӣ шоириашро аз даст дод. Вай аз мероси ин замонаи Лоҳутӣ санадҳое оварда собит мекунад, ки онҳо шеър нестанд ҷуз номаи манзуми рӯз.

Миёни муқоиса ва гуфтаҳои Сипонлу ва адабиётшиносони мо тазоди аҷибе ба назар мерасад. Масалан, як шеъри Лоҳутӣ бо номи «Хабар» борҳо мавриди ситоиши мунаққидон қарор гирифт, ин шеър «яке аз беҳтарин асарҳои он вақтаи шоир ва намунаи барҷастаи назми советии тоҷик дар солҳои сиюм» (96, 127) шинохта шудааст. Вале чун сари далелҳои Сипонлу биандешем мебинем, ки ин шеър ҷуз ахбор чизе нест. Худи шоир низ инро пай бурда, дар фарогарди шеър мегӯяд:

Ман ин суханро аз худ нагуфтам,
Барои мазмуни шеър фикр накардам.
Ман айнан гуфтам, он чи шунуфтам,
Фақат онҳоро ба назм овардам.

Ин шеър аз ибтидо то ба охир нақл аст, нақли оддии шоир аз эътиқоду нияти худ. Мутаассифона, дар эҷодиёти ин давраи Лоҳутӣ ин қабил шеърҳо хеле зиёданд, ки боиси сарзаниши Сипонлу шудаанд.

Тафовути ҷиддии ашъори дар Эрон ва Шӯравӣ сурудаи шоир дар бадеияти онҳост. Махсусан, шеърҳои Истамбулии шоир пуртасвиру пурдарданд. Мӯъмин Қаноат басо шоирона дарёфтааст, ки «дар Бағдоду Истамбул ва Табрез аз шеъри бадарди шоир ҳар санг нолахез буд ва ҳар нола пурситез. Ашъори Истамбулии Абулқосим Лоҳутӣ чун фарёди мурғи дар қафас, ғиреви шери занҷирӣ, таронаи марди дилгире, ки пардабоми осмон ҳамчун боми зиндон ба сараш паст омада буд, ғулғуландоз ва аксандоз шуд:

Аё сайёд, шарме кун, маранҷон нимҷонамро,
Пару болам бикан, аммо масӯзон ошёнамро.
Ба гардан бастаӣ чун риштаву бар пой занҷирам,
Мурувват кун, иҷозат деҳ, ки бикшоям даҳонамро». (41, 5).

Бисёр муҳаққиқон дар қиёс бо дигар сурудаҳои Лоҳутӣ қасидаи «Кремл»-ро (1923) аз беҳтарин нигоштаҳои шоир донистаанд. Раҳим Ҳошим ин асарро «беҳтарин намунаи ба таври эҷодӣ истифода намудани шакли анъанавии назми классик» (72,80) медонад. Муҳаммадҷон Шукуров ин асарро гувоҳи «биниши фалсафии» (116, 116) шоир қаламдод мекунад. Атахон Сайфуллоев низ «Кремл»-ро «аз беҳтарин асарҳои назми солҳои бистум» таъбир карда, онро муфасалан таҳлил ва бо «Харобаҳои Мадоин» муқоиса мекунад (78, 262).

Ин таҳлилу қиёс низ дар асоси чунин принсип сурат гирифтааст, ки Лоҳутӣ онро таъкид карда буд. Лоҳутӣ менависад, ки «баъзан ба ман иттифоқ афтодааст, ки мероси адабии қадимро бевосита дар эҷодиёти худ кор фармоям, инро аз он ҷиҳат кардаам, ки осори кӯҳнаро аз ҷиҳати ғоявӣ мағлуб гардонида, дақиқати ҳозираи худро ба вай муқобил гузорам» (40,236).

Мутаассифона, диди синфӣ (на арзишҳои умумиинсонӣ), яъне «аз ҷиҳати ғоявӣ мағлуб гардонидани» шоири пешин ҳам Лоҳутӣ ва аз думболи ӯ мунаққиди мӯҳтарам А. Сайфуллоев ба ба хулосаи барғалат меоварад. Лоҳутӣ «таъсири миллатчиёнаи достони Хоқонӣ»-ро нишон доданӣ шуда, назари тамаддунпарасти шоири куҳанро дар боби «ин бузургтарин ёдгори адлу дод, одамият ва маданист», яъне қасри Нушеравон инкор мекунад, ки мунаққидонро ба роҳи тафсири барғалати ин асар меандозад, ки бояд сари ин гуфтаҳо тааммуқ кард.

Достони «Кремл» Лоҳутиро аз ҳалқаи вулгаризм, ки ба он сахт гаравида буд, як дараҷа берун кашид. Тағйири сиёсати ҳизб дар роҳи истифода аз анъанаҳои адабиёти пешин, аз ҷумла, рамзу киноя ба шоир имкониятҳои тозаро дар эҷод муҳайё кард (ниг. А.Фадеев, Заметки о литературе. Литературная газета. 29 сентября 1955, с. 116). Дар ин замина Лоҳутӣ шеъри тамсилии «Ба Максим Горкий»-ро эҷод кард. Аммо шеъри дигари тамсилии шоир «Боғбон» ба ваҷҳи фикри шоир рамзро аз паси худ набурданаш мавриди танқид қарор гирифт.

Муҳимтарин мавзӯоте, ки мавриди назари Лоҳутист, ҳамоно озодии фаълаву деҳқон ва истиқлоли Эрон будааст, ки дар тамоми фаъолияти эҷодиаш пайгирӣ кардааст. Шеърҳои «Ё ҳар ду», «Фарёди миллат», «Хитоб ба халқи Эрон» дар ҳамин замина эҷод шудаанд. Яке аз мавзӯҳои асосии шеъри Лоҳутӣ мавзӯи Тоҷикистон аст. Дар ин замина Лоҳутӣ шеърҳои «Тоҷикистон», «Ба Тоҷикистон», «Зиндагӣ пирӯз мешавад» ва ғайраро менависад. Ин шеърҳо чандон асолате надошта, аз як навъ иҷтимоъгароие беш нест.

Лоҳутӣ дар инкишофи жанри достон хидмате кардааст. Достонҳои «Сафари фарангистон», «Тоҷ ва байрақ», «Хар ва трактор», «Паҳлавони оштӣ», «Мардистон», «Ғалабаи Таня», «Парии бахт» аз ин ё он ҷиҳат дар инкишофи достони эпикӣ ва лирикӣ таъсире доштаанд.

Лоҳутӣ чун тарҷумон ва таблиғгари осори беҳтарини адабиёти ҷаҳонист. Тавассути ӯ беҳтарин намунаҳои насри адабиёти рус ва халқҳои дигар ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд, ки дар тарбияи маънавии хонандаи тоҷик саҳме доштаанд.

Пайрав Сулаймонӣ
(1899-1933)

Отаҷон Пайрав Сулаймонӣ соли 1899 дар шаҳри Бухоро ба дунё омадааст. Падараш тоҷири доро буда, барои камолоти фарзандаш саъй кардааст. Пайрав таҳсили ибтидоиро дар Бухоро гирифта, баъд дар солҳои 1907-1914 дар мадрасаи шаҳри Марв донишашро такмил бахшидааст. Ҳамон солҳо ӯ ба омӯзиши забони русӣ пардохт ва ин замина гардид, то вай ба омӯзишгоҳи русии Когон қабул шавад.

Пайрав дар рӯзгори ҷавониаш ба гуфтани шеър пардохтааст. Ҳарчанд шеърҳои индавраинаи вай чандон комил набуданд, вале дар онҳо эҳтиросоти самимӣ ва ҳарорати дили ҷавони орзуманд эҳсос мешуд.

Намунаи зер аз аввалин офаридаҳои Пайрави шоир аст:

Гуле бичидаму гуфтам, ки гул ба гул шояд,

Ки ҷои гул ба сари синаи ту мебояд.
Туро бидидаму тақдиму пешкаш кардам,
Ки нури ҳусни ту ба ранги гул биафзояд.
Баҳори фасли ҷавониву гул ғанимат дон,
Гули шукуфтаи худро мадеҳ ба боди хазон.

Дар шеърҳои нахустини Пайрав таассуроти воқеъбинонаи ӯ аз воқеият бараъло эҳсос мешавад. Сухани ӯ рангин ва воқеъбинона садо медиҳад. Тасвирҳояш низ соддаву рангинанд. Беш аз ин Пайрав аз қадамҳои нахустини эҷодиаш ба таҳаввулоти иҷтимоии муҳити ҷомеъа бетафовут набуд. Ӯ эҳсос мекард, ки зиндагӣ ба тағаддуде ниёз дорад. Тағаддудхоҳоне онро бояд дигар кунанд. Ҳарчи ки дар аморати Бухоро медид, кӯҳнаву фарсуда ба назар меомад. Аз муҳити тираи иҷтимоъ дилаш ба фарёд омада буд. Ӯ беадолатиҳои замонро бо чашми сар дида, дар бораи бедодиҳои аҳкоми аморат ҳарфи шоиронаи хешро ифшо мекард.

Эй дил, шуда маҷрӯҳ ту аз ханҷари буррон,
аз дасти вазирон,
в-аз ҳукми амирон.
В-эй, ҳамчу кабӯтар ба қафас монда зи тайрон,
парҳо шуда яксон,
бо зориву афғон.
Эй бастаи занҷири тазаллум таки моён,
бо чоки гиребон,
афтода ба зиндон.
Хамгашта шуд аз зулм қади сарви ҷавонон
чун қолиби беҷон,
афсурдаву ҳайрон.

Пайрав ин шеърро ба муносибати Инқилоби Бухоро гуфтааст. Ин шеър ба вағҳе баёни ҳоли худи шоир низ ҳаст. Пайрав низ анқариб қурбони фитнаи амир дар роҳи ҳаракати тағаддудхоҳонаи бухориён гашта буд. Танҳо ба тадбире муддате дар хона зиндонӣ шуда, либоси

занона ба бар карда, ҷон ба саломат бурд. Ин шеър ва дигар шеърҳои ин давраинаи шоир ифодагари ҷаҳонбинии ӯянд. Ӯ бо зулму золимӣ муросо надорад.

Шеърҳои аввалини Пайрав пуртасвиранд. Тасвирҳои анъанавӣ дар шеъраш тасаллут доранд. Шоир ба воситаи образҳои анъанавии шеърӣ кӯшидааст, ки воқеъияти замони пурҳаракати инқилобиро дар шеър таҷассум кунад.

Шеъри Пайрав тарҷумаи ҳоли ӯст. Бисёр шеърҳояш саҳифаҳои торики ҳаёти ӯро равшан месозад. Дар ин замина шеърҳои «Чи шуд, ки фалак боз мекашад ба кунҷу канор», «Шаби ҳичрон», «Фироқнома» ҷолиби диққатанд. Ин шеърҳо воқеан ҳам сарномаи шоиранд.

Вале, мутаассифона, ҳамин шеърҳо, ки дар айни авҷи сиёсати нави иқтисодии ҳизб гуфта шудаанд, боис гардиданд, ки аҳли танқид ӯро «монанди тӯпи футбол дар майдони ҷидол андохта, баъзан ба осмон бардошта, баъзан бар замин лагадкӯб карда, гоҳо чап рондаю гоҳо ба рост гардонида, баъзан ба зӯр ва кӯшиши зиёд… ба тарафи дарвозаи қадим берун карда, баъд аз бардору бизанҳои зиёд хаста шуда, худашонро канор мегирифтанд. Дар навиштаҳои онон ба ҷуз сафед буд, сиёҳ шуд, кабуд буд, сурх шуд, дигар чизеро намебинед». Ин алами дили пурҳасрати шоир аст.

Замонаи номард хилват меҷуст, то шоирро фурӯ барад. Шояд аз тарсу ҳароси вазъи ба амаломада буд, ки Пайрав дар мактубаш ба идораи «Тоҷикистону сурх» (шоир мактубро соли 1931 навишта, вале он соли 1959 чоп гардидааст) маҷбур шудааст, ки ба «гуноҳҳои» набудаи хеш иқрор шавад. Шоир менависад, ки шеъри «Чи шуд, ки…»-ро «ман дар аввали соли 1924, ки ҳақиқатан бадбахтона дар гирдоби фалокати нэпманӣ гирифтор будам ва инро ҳеҷ гоҳ пинҳон накардаам ва бештарини рафиқон ҳам медонанд… навишта будам». Ба ифодаи ӯ «ҳақиқатан касе ба дидаи шеършиносӣ диққат намояд, дар он порчаҳо ба ғайр аз сӯзу гудози ошиқонаи водии ҳичрон ва зулфи парешон, ки иборат аз анъана ва талвосаҳои бемориҳои кӯҳна ва пӯсида мебошад,

чизе намебинед. Ман ҳеҷ вақт нагуфтам ва намегӯям, ки дар порчаҳои ман ғалат ва хатоҳои сиёсӣ қатъиян нест. Ман ҳеҷ гоҳ ин иддаои хатароварро намекунам. Ман тамоми хатоҳои худро ба гардан мегирам ва эътироф мекунам, аммо хато аз хато фарқ дорад. Хатои надониста ва саҳв хатои дидаву дониста ва қасдан карда шуда… Хатоҳое, ки аз ман сар задааст ва мезанад, боиси кам таҷрибагию сустӣ ва камии саводи сиёсии ман аст. Бале, агар ман дидаву дониста ҳамин хатоҳоро ба гардан нагирам, он вақт ба лоиқаи либерализми пӯсида гирифтор шуданам бешакку шубҳа аст».

Ба пайбурди адабиётшинос Ю.Акобиров «ин иқрори гуноҳ набуда, худ бадтар аз гуноҳ буд. Ӯ ин иқрорномаро барои он навишта буд, ки агар фардо сиёҳпӯшон барои ба ҳабс маҳкум карданаш оянд, ба онҳо «тавба»-и хешро нишон хоҳад дод ва гуфт, ки ман гуноҳ кардаму гуноҳҳоямро ба гардан гирифта, ислоҳ мешавам» (9, 135).

Дар тафсирҳои сиёсӣ, таҳлилҳои китобҳои дарсии он солҳо ва баъдтар низ як оҳанг ва мазмуни омирона, ки ҳадафи айбдор кардани шоирро дошт, садо медод. Муаллифони китоби «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» таъкид мекунанд, ки дар шеъри «Чи шуд, ки…», шоир аз бемадории худ ва аз номафҳумии ҳодисаҳои атроф шикоят менамояд… шоире, ки ҷаҳонбинии ноустувори ӯ дар таҳти нуфузи таъсирҳои гуногун ва зидди якдигар ташкил меёфт, хитоб менамояд, ки «Чу мум, (?) бозии ангушти тифл шуд сару корам» (Саҳеҳаш «Чу муми бозии ангушти тифл» - шарҳи мо).

Пайрав аз ҳаёти ҷӯшону хурӯшони эҷодкоронае, ки кишвари ӯ бо он зиндагӣ мекард, худро канор кашида, дар олами тангу маҳдуди таасуроти хусусӣ, дур аз ҷамоат ҳаёт ба сар мебарад. Дар шеърҳои дигари ӯ аз қабили «Фироқнома», «Интихоби маъшуқ», «Садои ман аст», «Душвор шуд» ва ғайра низ тамоман ҳамин мавзӯъ шарҳ ёфтааст» (67, 170).

Дар асл ин шеърҳои Пайрав сирф ошиқона буданд. Бесабаб набуд, ки Айнӣ шеърҳои «Гар ту дар пайванд бошӣ», «Чи шуд ки» ва

«Фироқнома»-ро дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ҷой дода навишта буд, ки «Пайрав ошиқ аст. Шеърҳои ошиқонаро аз мағзи ҷон месарояд». Ва таъкид карда буд, ки ғазали «Фироқнома» «бағоят пурсӯзу гудоз аст».

Даъвоҳо ва хӯрдагириҳои сиёсии аҳли танқид ва муаллифони китобҳои дарсиро як ҳуҷҷати духтари шоир Лола Сулаймонова, ки бо номи «Шарҳи достони фироқ» ва чанд шеъри номатбӯи шоир дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (1989, 4) чоп шуд, хати батлон мекашад.

Дар ин шеър ҷуз сарнавишти ишқи ноком дигар чизе ҷустан беҳуда аст. Дурӣ аз нахли умедаш – Нина шоирро дар шаҳри Машҳади Эрон ба гуфтани ин шеъри ошиқонаи пурсӯзу гудоз водоштааст.

Солҳо ба баъд яке аз муҳаққиқони асосии эҷодиёти Пайрав, адабиётшинос Соҳиб Табаров боз ба хулосае меояд, ки ғазалҳои «Иштиёқ», «То ба кай» ва амсоли онҳо дорои мундариҷаи иҷтимоӣ намебошанд ва дар онҳо фақат ҳиссиёти ишқу муҳаббат ҷойгир шудаанд. Бинобар ҳамин қадамони Пайрав Сулаймонӣ ба мавзӯъҳои муҳимми давр ва ҳамовозии ӯ ба масъалаҳои сиёсии замон дар солҳои 1921 – 1924 ба дараҷаи нестӣ мебошад. Ҳатто дар солҳои 1923 – 1924 ашъори лирикии Пайрав Сулаймонӣ бештар хислати ишқии пурсӯзу гудоз мегирад, ки дар натиҷа шоир ба воситаи як қатор ҳамин гуна шеърҳояш ҳамчун шоири «ошиқи шайдо» ном мебарорад. Гуфта шуда буд, ки иншои шеърҳои «Шаби ҳиҷрон ба хаёли ҷонон», «Чи шуд ки…», «Фироқнома», (1924) баъди эҷоди мустазоди «Ба муносибати Инқилоби Бухоро», як қадам ақиб гаштани шоирро нишон медиҳад. Адабиётшинос С.Табаров меоварад, ки дар шеъри «Шаби ҳиҷрон» шоири ошиқ «бо ғаму андӯҳ ва фироқи сӯз дар хаёли маҳбуба метапад, худро дар ҳолатҳои гуногуни ҳаҷр ва ғаму андӯҳ тасаввур менамояд. Дар ин шеър хаёлоти шоири ошиқ ва фироқи ӯ ҳамчун лавҳаи воқеии зиндагӣ тасвир ёфтааст. Аммо шоир дар ҷои аввал ҳолат ва рӯҳияи хушангези қаҳрамони лирикиро гузоштааст, ки дар натиҷаи ғаму андӯҳ ва ҳиссиёти дунёбезорӣ – пессимистӣ ба мазмуну мундариҷаи зиндадилона ғолиб

мебарояд ва дар дили хонанда ҳиссиёти тираю тореро ба вуҷуд меоварад».

Чунон ки мебинем, муҳаққиқ ба тавзеҳи вулгаронаи осори адабӣ саргарм шуда, намефаҳмад, ки сарнавишти инсон низ арзиши иҷтимоӣ дорад. Ҳамин тариқ, муносибати нақди адабӣ ба осори Пайрав аз оғоз то ба анҷом беғаразона набудааст.

Солҳои 1924-1925 Пайрав корманди консулхонаи Шӯравӣ дар Афғонистон буд, баъд ба Машхади Эрон рафт. Доир ба зиндагии Пайрав дар Машҳад то ҳол ҳеҷ гуна маълумоте дар даст набуд. Духтари шоир Лола мақолаи Алӣ Исмоилзодаро аз байни архиви Пайрав пайдо карда, онро дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (1989, 4) чоп кунонд, ки лаҳзае аз зиндагии ин давраинаи шоирро равшан месозад. Дар мақола омадааст: «Баъд аз баргашта омадан аз Афғонистон Пайрав ба як муддати кӯтоҳ ба Эрон сафар мекунад ва зери таъсири онон низ мушорун-иллайҳ бузург мешавад ва дар ин ҷо қувваи шеърии ӯ хеле тараққӣ мекунад ва шеърҳои вай аз ҷиҳати бадеият хеле пеш меравад. Дар Машҳад Пайрав аз шеърнависӣ аз рӯзномаҳои Шӯравӣ барои рӯзномаҳои Эрон материалҳо ҳам тарҷума мекунад» (1989, №4, 112).

Баъди бозгашт ба диёр ва нашри қарори ҳизб «Оид ба сиёсати партия дар соҳаи адабиёти бадеӣ» таҳаввулоти чашмрасе дар эҷодиёти шоир ба назар меояд. Аз соли 1926 сар карда шеърҳои шоир дар рӯзномаву маҷаллаҳо мутассил чоп мешаванд.

Яке аз чунин шеърҳои шоир, ки моҳияти назари ӯро ба дунёи табақотӣ ошкор мекунад, шеъри «Ду ҳуҷум» буд. Дар ин шеър шоир ба қиёси ду ҷаҳон, ҷаҳони зулму тааддӣ ва озодиву рифоҳ мепардозад, якеро маҳкум ва дигареро маҳбуб мешиносад.

Муҳимтарин мавзӯҳои ашъори ин давраинаи шоир озодии зан, танқиди хурофот ва ғайра буд. Шоир дар шеъри «Шукуфаи ирфон ё худ озодии занони Шарқ» духтарони озодро ба тасвир мегирад, онҳоро муқобили шайхи ҷоҳилу бадниҳод мегузорад. Шоир дар шеъри дигараш «Асира ё худ исён» аз сарнавишти фоҷиабори зани беҳуқуқ ва бепаноҳ

сухан мекунад. Эҳсоси амиқ ва ҳамдардӣ ба инсон, аз қолабҳои маъмули шеър берун мебарад, акнун ӯ дар бораи қофия намеандешад, балки роҷеъ ба сарнавишти инсон меандешад. Шакли шеър тобеъи андешаҳои шоир мегардад.

Шеърҳои «Қалам», «Шӯриши Чин ё худ воқеаи нангин», «Ду ҳуҷум», «Ба муносибати воқеаи Афғонистон», «Якуми Май» низ афкори иҷтимоии шоирро ифода мекунанд.

Таваҷҷӯҳ ба мавзӯъҳои байналхалқӣ аз махсусиятҳои адабиёти ин давра буд. Пайрав низ аз ин мусобиқа ақиб намонд, балки дар ин мавзӯъ шеърҳои «Ҳиндустон», «Аз дасти ту буд», «Ба миллитаристони Япония» ва ғайраро эҷод кард.

Пайрав, бешак, яке аз симоҳои барҷастаи адабиёти навини тоҷик буда, дар ташаккули шеъри инқилобии тоҷикӣ хидмат кардааст. Пайрав дар шакли бисёр шеърҳояш дигаргунӣ ворид карда бошад ҳам, шеъри ӯ бо шеъри суннатӣ пайванди қавӣ дорад. Ҳам дар ифодаи маънӣ ва ҳам дар сохтмони шеър мо пайванди қавиеро миёни шеъри ӯ ва пешин эҳсос мекунем. Дар ин замина Пайрав аз шоиронест, ки дар шеър ба ҳунари шоири арҷ медиҳанд. Шеъраш аз лутфи шоирона саршор аст. Ба тақозои сиёсати вақт ӯ шеъргунаҳое низ гуфтааст, ки арзиши бадеӣ надоранд. Вале дар маҷмӯъ шеъри ӯ бо ҳусни маънию алфоз пироста буда, дар таърихи адабиёт ҷойгоҳи хос дорад.

Пайрав аз шоироне буд, ки забони русиро аз хурдӣ омӯхта, ба тарҷумонӣ машғул гардида буд. Вай асари Фурамнов «Балво», шеърҳои А.Жаров ва «Сели оҳанин»-и Серафимовичро ба тоҷикӣ гардондааст.

Пайрав дар шакли шеъри тоҷикӣ навиҳое ворид кардааст. Ин гуна навҷӯиҳои ӯ зери таъсири Маяковский воқеъ шуда, тарафҳои манфӣ ва мусбат низ дорад.

Ҳабиб Юсуфӣ

(1916-1945)

Шоири ватанпараст ва адолатхоҳи тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ соли 1916 дар шаҳри Самарқанд дар хонаводаи Ҳоҷӣ Юсуф, ки аз рӯшанфикрони Самарқанд буд, ба дунё меояд. Ҳавлии онҳо дар паси Растаи заргарӣ, ки бо номи «Боғи майдон» се гузар ҳаст ва «аз якдигар бо рақамҳо фарқ карда мешаванд: якум, дуюм, сеюм», воқеъ будааст.

Ҳабиб Юсуфӣ аз хурдӣ ҷавони ҳушёр буда, ба илму дониш алоқамандии хос нишон додааст ва ин шавқу шӯрро дар дили ӯ падари маърифатдӯсташ бедор карда, ӯро ба омӯхтан ва донистани улум ва адабиёт дилгарм месозад. Агар дар инкишофи шахсияти Ҳабиб Юсуфӣ омили хонаводагиро аввал шуморем, омили дигари муҳим муҳити маърифатии солҳои бисти шаҳри Самарқанд мебошад. Ин солҳо Самарқанд маркази чоп ва нашри осори илмиву адабӣ ва ҳамчунин китобҳои дарсии тоҷикӣ буд. Дар шӯъбаи тоҷикии нашриёти Самарқанд устод Айнӣ барин шахс кор мекард. Ба қавли донишманди фақид Раҳим Ҳошим, бисёр ҷавонон дар атрофи ин шӯъба ҷамъ шуда, ба воя расида, ба корҳои илмию адабӣ даромадаанд: Ҳамид Бақозода, Ҳоҷизода, Абдусалом Деҳотӣ, ҷанговарони Ҷанги Бузурги Ватанӣ Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Бузургзода, Ҳабиб Аҳрорӣ, Ҳабиб Юсуфӣ ва дигарҳо, ки ҳар кадом дар пешрафти илм ва адабиёти тоҷик хизматҳое карданд ва мавқее доранд (72, 118). Ҳабиб Юсуфӣ маҳз дар ҳамин муҳити маърифатӣ парвариш ёфт. Вай баъдтар дар факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил карда, онро соли 1940 хатм намуд. Вақте ки ӯ донишгоҳро тамом кард, шоири шинохта буд ва шеъру мақолаҳои зиёдеро дар матбуоти Тоҷикистону Ӯзбекистон ба чоп мерасонид.

Дар ин солҳо амалан ба кори тарҷумонӣ низ машғул мешуд ва тарҷумаи достони «Шоҳдухтари мурда ва ҳафт паҳлавон», шеърҳои «Қишлоқ», «Ба Чаадаев», «Мактуб ба Сибир»-и Пушкин, «Боғбон», «Се

нахл», «Хайр, эй Россия» -и Лермонтов маҳсули ҳамин давраи фаъолияти ӯ мебошанд.

Ҳабиб Юсуфӣ солҳои 1940-1942 дар мақоми ходими илмии Институти таърих, забон ва адабиёти Тоҷикистон Академияи фанҳои СССР кор карда, дар ин давра чанд тадқиқоти ҷолиби танқидиву адабиётшиносиро ба чоп расондааст. Мақолаҳои «Баҳр дар пиёла» (1940), «Боз як чанд калима дар бораи поэзияи имрӯзаи мо» (1940), «Барои поэзияи муносиби давр» (1940), «Подшоҳи идрок ва озодӣ» (доир ба Лермонтов), «Шеърҳои зидди фашистии Лоҳутӣ» (1942) аз ҳамин қабиланд. Махсусан, се мақолаи аввали ӯ дар нақди адабии он солҳо сухани тоза ва бовазн буда, мулоҳизаҳои дурусти илмӣ дар бораи камбудиҳои шеъри он солҳо буданд, ки имрӯз низ арзишманд мебошанд. Ин мақолаҳои Ҳабиб Юсуфӣ бо баҳсгароии шадиду принсипнокӣ фарқ мекунанд (77,104). Дар ин мақолаҳо воқеан ҳам доираи фарогири назарӣ домани интиқоди адабиро васеъ намуд.

Мулоҳизаҳои танқидии Ҳабиб Юсуфӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки вай ба кори шеъру шоирӣ сахт гаравида, дар заминаи донишҳои адабии андӯхтааш ба хулосаҳои ҷиддӣ ва судманд меояд. Масалан, чунин андешаи ӯ бешак барои худи шоир арзиши амалӣ дошт. Ӯ менависад, ки дар масъалаи вазни шеър як реформаи ҷиддӣ ба вуҷуд овардан ва дар ин ҷо аз таҷрибаи шоири талантноки тоҷик Пайрав Сулаймонӣ фоида бурда, онро боз ҳам дар сифати васеъ тараққӣ додан лозим аст…» (121,223). Адабиётшинос Ҳамроқул Шодиқулов миёни ин дархости шоир ва фаъолияти эҷодиаш як робитаи қонуниро мушоҳида кардааст (122, 337-238).

Дониши амиқи назарӣ ва вуқуфи комил аз шеъру адаби гузашта ба Ҳабиб Юсуфӣ имкон дод, ки дар андак муддат ҳамчун шоири хуб ва боҳунар шинохта шавад ва шеъраш аз нуқсонҳои шакливу маънавӣ озод бошад.Мо ин ҷо як байти бисёр ҷаззоб ва шоиронаи Ҳабиб Юсуфиро иқтибос мекунем, ки метавонад эпиграфи тамоми навиштаҳояш қарор гирад.

Аз меҳру вафо ҷисми маро сохтаанд,

Дар кӯи вафодориам андохтаанд.

Воқеан, вай бо ҳамин гуна шавқу шӯр ва омодагии касбӣ ба майдони шеър омад ва ҳастии шоиронаашро бо шеъру адаби қадимаи тоҷикӣ абадан пайваст.Замони зиндагӣ ва эҷодии Ҳабиб Юсуфӣ замони саҳлу оддӣ набуд. Сиёсати сахти давлат ва ҳизби ҳоким фаъолияти адибонро низ назарбанд карда буд. Шоиру нависандагон аз фармуда ва хости ҳукумат як қалам берун ҳарф зада наметавонистанд. Дар ҳамин замина аҳли адаб мустақилияти фикриву адабиашонро то андозае аз даст дода буданд. Вале Ҳабиб Юсуфӣ, ки истеъдоди комил дошт, бо арзишҳое худро машғул дошт ва дар заминаи онҳо шеър гуфт, ки камтар мувофиқати замонӣ доштанд. Мавзӯъҳое шоирро ба шеър гуфтан водор мекарданд, ки арзиш ва қадри онҳо ба сиёсат вобастагие надошт. Ин гуна арзишҳо умумиинсонӣ ва умумидунёӣ буданд. Яке аз ҳамин гуна муқаддасот барои шоир Ватан буд. Дар шеърҳои қабл аз ҷангиаш эҳсоси ватандорӣ бо бунёдкорӣ омехта, як навъ симфонияи созандагиро ба вуҷуд оварда буданд. Дар ин равиш шоир рисолати қаламро, ки рисолати худи ӯ низ буд, хеле баланд ва арзишманд шинохта, аз ҷумла мегӯяд:

Бо хасми ту ҷанг бо қалам хоҳам кард,

Бо зӯри қалам, қалам –қалам хоҳам кард.

Ҳар фатҳ, ки дар кори Ватан месозӣ,

Ман дар варақи зафар рақам хоҳам кард.

Ин варақи зафар девони шеъри ӯ буд, ки чеҳраи бадеӣ ва шоиронаи Ватан ва фарзандони онро дар худ фаро мегирифт. Ин завқ зотӣ ва табиӣ буд. Агар ин тавр намебуд, дар яке аз нахустин шеърҳояш, ки ҳангоми талабаи омӯзишгоҳи омӯзгории Самарқанд буданаш гуфтааст, «Ишқи Ватан» ном намениҳод. Ва бо гузашти замон ва дигар шудани сиёсатҳо он шӯру эҳсоси ватанхоҳонае, ки шоирро ба гуфтани чунин шеър маҷбур сохтааст, як зарра беқадр намешавад, балки зиёда аз он ҷӯши дили шоир дили хонандаро низ дар оғози садаи нав ба ҷӯш меоварад:

Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам,
Ба ҳарфи Ватан гӯш дорад дилам…

Аз Ҳабиб Юсуфӣ осори зиёда боқӣ намондааст, зеро қисмат барои ӯ фурсати шеъргӯиро хеле кам ато кард. Он чӣ ӯ гуфт, ҳамагӣ дар зарфи чор – панҷ сол навиштааст. Ҷанги ҷаҳонӣ риштаи ҳаёт ва эҷоди ӯро гусаст. Вале он чи ӯ боқӣ гузошт, риштаи умри дубораашро ба ҷовидон пайваст ва он чи аз ӯ боқӣ мондааст, китобҳои «Роҳи нотамом» (1973) ва «Сатрҳои нотамом» (1987) аст, ки ба саъй ва кӯшиши Ҳамроқул Шодиқулов ба чоп расидааст.Солҳое, ки адабиёти нави тоҷикӣ шакл мегирифт, Ҳабиб Юсуфӣ бо ҷасорати бузурги адабӣ ва салоҳияти комил ба майдони шеъри тоҷикӣ қадам гузошт. Вай бисёр хуб медонист ва талаб мекард, ки «барои шоир умуман санъаткор маълумоти васеъ ва ҳиссиёти баланд лозим аст, ки ба моҳияти ҳар як ҳодиса пай бурда тавонад ва ҳар як тозагӣ, ғалаба ва пешравии ҳаётро бо тамоми ҳастии худ ҳис карда, аз вай завқ бурда, илҳом гирад» (121, 216).

Ва дар чанд соле, ки шеър гуфт, дар заминаи ҳамин талабот ва садоқате, ки ба адабиёт ва Ватан дошт, эҷод кард. Воқеан ҳам маҳз ҳамин «шеъри худи шоир аст, ки дар бораш ба мо буррову фаҳмо гап мезанад» (72,120). Соли 1936 яке аз аввалин шеърҳои Ҳабиб Юсуфиро устод Айнӣ дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» хонда, аз Эгамбердиев ном як муаллими кӯҳнасоли самарқандӣ хостааст, ки ин бачаро пеши ӯ орад. «Ин бача қобилияти баланд дорад. Ӯро тарбият кардан лозим» - гуфтааст устод (72,122).

Он чи ки аз Ҳабиб Юсуфӣ боқӣ мондааст гувоҳи он аст, ки ӯ дар касби шоирӣ шахси тасодуфӣ набудааст. Истеъдоди комил шеърашро аз ҷиҳати маънавию шакл комил сохта, ӯро яке аз шоирони тавонои адабиёти нави тоҷикӣ ба назар меорад.

Муҳаққиқони таърихи адабиёт яке аз вижагиҳои шеъри ӯро дар он дидаанд, ки «ҳама адрес доранд» (Раҳим Ҳошим) ва ин фазилатро муҳаққиқ «дар назми арӯзаи мо навигарӣ» дониста, таъкид мекунад, ки «ҳама шеърҳои вайро як риштаи мустаҳками ғоявӣ, рӯҳи ватанпарварии

ҷанговар ва муҳаббати пурҷӯшу хурӯш ба зиндагӣ ба ҳам пайвастааст» (72, 122).

Ва меҳвари ғоявии тамоми осори шоир ғояи зистан буда, образи Ватан ва ишқи он ин ғояро дар шеъри шоир тақвият мебахшад. Чунин мавқеият доштани ҳарфи шоиронаашро Ҳабиб Юсуфӣ дар аввалин қадамҳои эҷодиаш хуб медонист ва шеъри пур аз шавқу шӯри «Дар шаъни ҳаёт»-ро дар таъкиди ҳамин мароми шоиронааш гуфт.Он чи ки аз замони тираву тори амирӣ дар дилу дидаи ӯ боқӣ монда буд, шоирро водор мекард, ки бо навиҳои замони Шӯравӣ муқоиса кунад. Ӯ бо чашми шоиронааш медид, ки ҳаёт пеш меравад, зиндагӣ ба беҳӣ ранг дигар мекунад, дар муҳимтарин соҳаҳои ҳаёт мактабу маориф ва беҳдошт (тандурустӣ) пешрафтҳои чашмгир ба назар меоянд. Зиёда аз ин бо вуҷуди камбудиҳои ҷиддӣ давлати нав барои озодии инсон, махсусан занону духтарон шароити хуберо муҳайё сохта, ки муҳити меҳнати озоду судмандеро ба вуҷуд овардааст. Дар ҳамин замина вай худро «масти ҷовидонаи ҳаёт» шуморида, бо ифтихору қаноатмандӣ хитоб кард:

Дило, зи ҷӯш намон, эй забон, хамӯш мабош!
Ҳаёт маъдани зебоӣ асту маъдани ишқ,
Хазинаест ба дил омад зи кони ҳаёт…

Бо ҳамин чашми пур аз муҳаббат ба Ватан ва зебоиҳо онро дӯст дошта, қасидаи ифтихору дӯстдорӣ суруд ва нафрати хешро ба душманони «ҳаёту дилбарони ҳаёт» фошофош изҳор кард. Дар ин раванд шеъри Юсуфӣ то андозае ифодагари воқеияти зиндагии замони Шӯравӣ буда, ҷунбишҳои сиёсиву иҷтимоии даврро ифода мекунад ва он пешрафтҳои нисбие, ки давлати Шӯравӣ ба он муваффақ шуда буд, ҳанӯз маънии устувор гардидани мавқеи сиёсӣ ва иҷтимоии ин давлатро надошт. Ҳабиб Юсуфӣ ҳамчун шоир ин ҳодисаро хуб эҳсос мекард ва бесабаб нест, ки қисми ашъораш нафрат ва ситези ӯро ба душманони сохти Шӯравӣ ифода мекард. Шояд замона, ки барои давлат табли хатар эҷод карда буд, барои шоир илҳо кард, ки «беш аз ҳар» вақта Ватан гӯяд. Шояд ба ҳамин далел шоир ба маҷмӯаи аввалинаш, ки соли 1939 нашр

шуд, унвони «Таронаҳои Ватан»-ро дод. Маҷмӯаи «Таронаҳои Ватан»-ро рӯи даст мегирем ва мешуморем: дар он сад рубоии ҷаззоб, шеърҳо ва тарҷумаҳои шоир аз Пушкину Лермонтов гирд омадаанд.

Чунон чи ишора кардем, мавзӯи асосии шеърҳои ин маҷмӯа ва осори баъдии шоир Ватан буда, шоир номи Ватанро дар ҳамаи шеърҳояш бо ҳарфи калон менависад. Ва яке аз шеърҳои ин силсила, ки «Ба ҳар куҷо равам, дил диёри ман гӯяд», на фақат ифодагари ҳисси ватандӯстӣ, балки то ҷое таъкиди арзишҳои волои инсондӯстиву умумиинсонист. Таваҷҷӯҳ кунед, сатрҳои зер танҳо маҳсули (чунон ки расм буд чунин гуфтан. Ҷ.Ҳ.) ватанпарварии советӣ нестанд, балки ифодагари назари поку беолоиш ва башардӯстонаи шоири шаҳиди тоҷиканд, ки ҳеҷ вақт кӯҳна нахоҳанд шуд:

Қалам ба даст бигирам, ки шеър бинависам,
Забони ман зи ҳама бештар ватан гӯяд.
Ватан, чу нағмасарой аст дил зи ишқи ту,
Туро хазинаи илҳоми хештан гӯяд.
Ба ин таровату рангу бӯ, ки ҳастӣ ту,
Сазад саросари саҳни туро чаман гӯяд.
Дар оғӯши ту ҳазорон диёру шаҳр бувад,
Ба ҳар куҷо равам, дил диёри ман гӯяд.
Ҳазор як сифататро адо нахоҳад кард,
Ҳазор шоир агар асрҳо сухан гӯяд…

Мавзӯи Ватан ва ватандорӣ дар тафаккури шоиронаи Ҳабиб Юсуфӣ асотсиатсияҳои гуногунро бедор мекард, ки аз воқеияти давр ҷудо набуд. Фикри таҳлилшудаи «Ватани ягона», ки тамоми Иттиҳоди собиқи Шӯравӣ буд, шоирро ба андешаи чунин Ватан илқо мекард ва табиист, ки хавфе, ки ба сари «Ватани ягона» дар арафаи солҳои чилум омада буд, низ шоирро ором намегузошт. Зуҳури образи қалам дар шеъри ӯ маҳсули ҳамин давра аст. Қалам дар шеъри ӯ ба тимсол бадал мешавад, вай акнун сӯзандаю созанда аст. Ҳарорати қалб ва меҳру муҳаббате, ки шоир ба Ватан дошт, қаламро дар шеъри ӯ нерӯи

созандагӣ мебахшад. Дар шеъри «Ман Ватанро беш аз ҳар вақт дорам дӯсттар» образи шоиронаи қалам ҳамин гуна бори маънавӣ кашида, шеърро пурмаънӣ, пуртасвир ва таъсиргузор сохтааст:

Вақти он аст,
Эй қалам!
Буррандатар гардӣ зи теғ!
Вақти он аст,
Эй сухан!
Ғуррандатар гардӣ зи барқ!
То ба душман ҳамла орам,
Решааш буррӣ зи бех.
То расӣ, манҳус анчарро кунӣ бешоху барг!
Як ҷаҳон ишқи Ватан дорад дили халқи азим,
То ватанро дӯст дорад,
Дӯст дорад то абад.

Ба ҳамин дастур яке аз мавзӯъҳои асосии шеъри Ҳабиб Юсуфӣ ҳимояти ватан ва нафрат бар ҷангу ҷангҷӯён аст. Ин мавзӯъ дар тасвири Ҳ. Юсуфӣ ҳадафҳои олии инсонпарварона дорад, яъне он чи ӯ мегӯяду мехоҳад, новобаста ба он ки имрӯз «ватани ягонаи мо - Шӯравӣ» аз байн рафтааст, зиндаву созанда аст:

Нестам ман муборизи ин ҷанг,
Ман ватанбони олами озод.
На барои харобӣ овардан,
Ватанам дод найзаву пулемёт.
Чун шавад ҷанг зидди ҷанг эълон,
Ман кашам наъра, ки бизан акнун!
Ман мубориз, чунон кунам ҷавлон,
Он замон ту маро тамошо кун!

Ҷанги ҷаҳонии дуввум, ҷанги хунин ва беадолатонае буд, ки Олмони фашистӣ сар кард. Шоир мавқеи хеш ва ҳарфи шоиронаашро

дар ин вақт хуб шинохта буд ва дар оғози ҷанг ин мисраъҳои гуфтаи ӯ пайғамбарона садо медоданд:

Таърих дидааст ҳазорон бор,
Барқ аст, оташ аст, бад аст интиқоми халқ.
Ҷаллоди халқ, барабас аст интизори ту.
Мирад ҳазор чу туву монад мароми халқ.

Ҳабиб Юсуфӣ чунин сатрҳои халқпарваронаро ҳанӯз дар оғози ҷанг дар ақибгоҳ менавишт. Ба ин монанд шеърҳои «Интиқом», «Аз ҳавову обу замин», «Модару писар», «Таърих дидааст», «Ба гитлерчиён амон нест» ва ғайра аз беҳтарин ҷангномаҳои адабиёти тоҷик аст.

Ҳабиб Юсуфӣ ба хоҳиши худ баҳори соли 1942 ба ҷанг рафт, зеро он эҳсоси ватанпарваронае, ки ӯ дар дил дошт ва дар шеъраш ифода мекард, дигар хел амал кардани ӯро пешбинӣ намекард. Шоир таъкид ба таъкид суруда буд:

Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам,
Ба ҳарфи Ватан гӯш дорад дилам.
Ватан ҷони ман, ҳам ҷаҳони ман аст,
Ватан боғ ҳам бӯстони ман аст.

Ва дар шеъри дигараш қавл дода буд, ки

Ба роҳи Ватан ҷон фидо мекунам,
Ватан ҳар чӣ гӯяд, адо мекунам.

Ва ҳамин тавр ҳам шуд. Вай 4-феврали соли 1945 дар ҷангҳои атрофи Варшава қаҳрамонона ҳалок гардид. Имрӯз бо заҳмати зиёди мунаққид ва адабиётшинос Соҳиб Табаров маълум гардидааст, ки «Маҳаллу ҷои аввали дафни Ҳабиб Юсуфӣ шаҳри Вышкув, ки дар қисми шимолу шарқии Варшава ҷойгир аст, будааст ва ҳоло маити ӯ ва дигар ҷанговарони советиро аз гӯристони шаҳри Пултуск – Клешев, ки дар ғарбтари Вышкув, дар соҳили дарёи Нарев ҷойгир аст, оварда ба қабристони ҷанговарони советии ин шаҳр аз сари нав гӯронидаанд ва лейтенант Ҳабибулло Юсупов (Ҳабиб Юсуфӣ) дар марқади 1-уми ҳамин қабристон гӯронида шудааст» **(94, 193-194).**

Бисёр дӯстонаш мехостанд, ки Ҳабиб Юсуфиро аз фронт бозхонанд, вале ӯ намехост ва дар як мактубаш ба устод Айнӣ навишта буд, ки «ман шунидам, ки баъзе рафиқон барои маро аз фронт ба Сталинобод, ба кор овардан кӯшиш карда истода будаанд. Ман аз онҳо бисёр миннатдор ҳастам. Вале хоҳиш мекунам, ба онҳо расонед, ки роҳи ман ба Сталинобод фақат бо роҳи Берлин хоҳад буд».

Дар мактуби дигараш, ки ба ҳамсараш Хайрӣ Тошпӯлодова навишта буд, ин сатрҳоро мехонем: «Ман дар пости муқаддасе истодаам, ки метавонам бо ин дар пеши ҳама фахр кунам… Горкийи бузург навишта буд: «Агар ба ватани ман душман ҳуҷум орад, вазифаи муқаддаси ман солдат шудан аст».

Ҳабиб Юсуфӣ вазифаи муқаддасашро дар назди Ватан ва инсоният адо кард, вале «бо роҳи Берлин» вай на ба Самарқанд, на ба Сталинобод, балки ба абадият пайваст. Саҳифаҳои пурифтихори зиндагии инсонӣ ва ҳунариаш ӯро абадан шарики шодию ношодии мардум сохт. Қабл аз ҳама шеъри ӯ шарики ҳамешагии рӯзгори наслҳо буда, ба мо сабақи сидқу сафо меомӯзад. Сабақи дӯст доштан, заҳмат кашидан, ба нафъи халқу Ватан кору зиндагӣ кардан ва ғайра. Ин мароми шоириашро Ҳабиб Юсуфӣ на фақат дар шеърҳои сирф ватанхоҳонаву ҷанговаронааш, балки дар ашъори лирикӣ, рубоиёт ва достонҳои «Достони нотамом»-у «Оби ҳаёт», ки асари сониро ба ҳамқаламии шоирон Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ ва Мирзо Турсунзода навиштааст, равшан ифода карда, хонандаашро ба олами пурхаёлу пуртаъсири шеъраш ҳидоят месозад.

Ҳабиб Юсуфӣ дар ашъори лирикиаш ба мо аз сидқу сафо, покиву собитқадамӣ башорат дода, ин ғояро дар либоси шеъри асилу бенуқсон ифода месозад. Ин гуна шеърҳои ӯ мисли аксари шеърҳои солҳои сӣ соддаву беҳунарона гуфта нашудаанд. Ӯ ба маҳбубаш бо забони шеъри асил, бо образҳои шеърии ҷолибу ҷаззоб сухан мегӯяд ва ин яке аз хусусиятҳои барҷастаи шеър ва ҳунари шоириааш мебошад, ки он солҳо ба кам кас муяссар мегардид. Масалан:

Дурест ба дил чӣ кори сахте шудааст,
Ҳар дидани ту маро чӣ бахте шудааст.
Афтода ба дил донаи меҳри рухи ту,
Сабзидаву раставу дарахте шудааст.

Ва ё:

Дил зулфи туро шикан-шикан мебинад,
Дар хар шиканаш ба худ ватан мебинад.
Дар рӯи ту акси сад чаман мебинад,
Ҳар кас, ки туро ба чашми ман мебинад.

Ашъори лирикии Ҳабиб Юсуфӣ махсусан он шеърҳое, ки вай дар шаклҳои суннатии ғазал ва рубоӣ навишта буд, дар шеъри ин солҳо сухани тоза мебошанд. Дар ин гуна шеърҳо вай ҷаҳонбинии тоза, замонавӣ ва созандаи қаҳрамони лирикиашро ифода карда, ҷиҳати ҳунарии ин намуди шеърро низ аз ёд набурдааст. Аксари рубоиҳое, ки Ҳабиб Юсуфӣ дар мавзӯи ишқу муҳаббат гуфтааст, мисли ду рубоии дар боло иқтибосшуда бо санъати хоси шоирӣ иншо шудаанд. Шоир дар бештарини ин қабил шеърҳо аввалан аз воқеият ташбеҳу истиороти тоза мечӯяд ва агар ташбеҳу истиораи суннатиро истифода карда бошад, ба он тобишҳои тозаи маъноӣ медиҳад, ки аксаран шоиронаву санъаткоронаанд. Дар радифи рубоиёташ ғазалҳои «Ба Ватан», «Баҳори Ватан», «Ватани дил», «Ғазал», «Мактуб аз Шарқи дур», «Як замон аз паҳлуи шамсу қамар ҳам бигзарем», «Таърих дидааст» ва ғайра на фақат садои хоси шоиронаи ӯянд, балки ҳар кадом маънӣ ва орои тозаеро ифода мекунанд.

Ҳабиб Юсуфӣ дар шаклҳои шеърӣ тозаҷӯиҳо карда, вале сабки устувор ва мондагори шеъри пешинро ҳеҷ вақт камаҳамият надонистааст. Аз мухаммасҳое, ки вай ба ашъори Ҳилолӣ ва як ғазали Мирзо Турсунзода бастааст, муҳаббат ва садоқати ӯ ба шеъри суннатӣ хеле барҷаста зоҳир мегардад.

Шоири шаҳид Ҳабиб Юсуфӣ аз адабиёт сабақи мардӣ, қаҳрамонӣ ва вафодорӣ омӯхта, дар воқеияти зиндагиаш ба ин принсипҳо содиқ

буданашро ҷонфидоёна собит кард. Яъне савганди ҷавонмардии ӯ танҳо дар забон набуд. Ӯ дар шеъраш мегуфт:

Он на ман бошам, амон бидҳад ба душман мушти ман,
Он на ман, к-ин дам фитам дар фикри кори дигаре.
«Он на ман бошам, ки рӯзи ҷанг бинӣ пушти ман,
Он манам, к-андар миёни хоку хун бинӣ саре».

Бо ҳамин Ҳабиб Юсуфӣ дар зиндагиаш собит кард, ки ӯ инсони содиқу бовафост. Мутаассифона, марги муаллақ армонҳои шоиронаи ӯро, ки танҳо ӯ метавонист ба мо ҳикоят кунад, бо худ бурд. Саҳифаҳои поки зиндагӣ ва эҷоди давраи ҷангиаш барои мо норавшан аст. Ӯ дар як мактубаш байти зерро:

Бо чунин ғамгин нигоҳи охирин кардӣ гусел,
Шуд равон поезд бо суръат чу аз кӯҳсор сел.

навишта, хабар медиҳад, ки ба навиштани достони тозае сар кардааст. Дӯсти ҳамном ва ҳамяроқаш, нависанда ва тарҷумони маъруф Ҳабиб Асрорӣ аз мулоқоташ бо шоир дар майдони ҷанг ёддошт медиҳад, ки «мехостам шеърҳои нави ӯро хонам, ё шунавам. Ҳар боре, ки хоҳиш мекардам, ӯ мегуфт, ки «Биё ҳоло камтар гапзанон кунем, гапамон тамом нашудааст, барои шеърхонӣ боз фурсат меёбем».

Дар охир розӣ шуда, чанд шеъри навашро хонд. Мавзӯи шеърҳо асосан муҳофизати ватан буд. Боз гуфт, ки «поэманамо» як чиз сар кардаам ва дар охир бо оҳанги шавқмандона як шеъри лирикӣ хонд. Шеър бо ҳиссиёти баланд навишта шуда, хеле фасеҳ ва муассир буд. Ғайр аз ин шеърҳову аз «поэнамо» як чизи сар кардаи ӯ, ки танҳо байти боло ба воситаи мактубе то мо расидааст, ҳанӯз чизе ба даст надорем. Саҳифаҳои девони давраи ҷангиаш ҳамоно холист. Вале бузургтарин ёддошт аз ин шоири ғӯрамарг хазинаи шеъри ӯ ва пос доштани маъниҳои шоиронаи ӯст, ки ин имкон дар дасти мо ҳаст.

Муҳаммадҷон Раҳимӣ

(1901-1968)

Муҳаммадҷон Раҳимӣ аз шоирони пурмаҳсул ва хоси адабиёти муосири тоҷик буда, шояд аз ҳама зиёд шоири иҷтимоъгаро ва ба дастурҳои идеологии ҳизби ҳоким оид ба адабиёт содиқ бошад. Боиси таассуф аст, ки Раҳимӣ он ҳама истеъдод ва дониши амиқашро побанди шеъри соддаву замонаписанд сохта, як дараҷа арзиши ҳунарашро поин овард. Диди шоирона ва истеъдоди тавонояш қурбони дастурҳои назарфиребона гардида, меросаш аксаран солномаи дору гирҳои замони зиндагӣ ва эҷодиаш аст.

Бо вуҷуди ин ба рӯи осори шоири аз Бухорои куҳан бархоста наметавонем хат кашид ё билкул онро фаромӯш кард. Бад аст ё нек, осори ӯ ҷузъи китоби таърихи адабиёти инзамонии мост.

Муҳаммадҷон Раҳимӣ фарзанди Абдураҳими Ҳофиз ва мутриби бухороӣ буда, 3 майи соли 1901 дар деҳаи Фоиқи тумани Шофирком ба дунё омадааст. Падараш Муҳаммадҷонро дар синни ҳаштсолагӣ ба мактаби деҳа медиҳад. Соли 1913 хонаводаи онҳо ба шаҳри Бухоро мекӯчад ва писари калони хонадон дар шонздаҳсолагиаш мактаби кӯҳнаро хатм карда, муддате ба мардикорӣ ва машғулиятҳои ҳунарӣ вақт сарф мекунад. Оташи муҳаббат ба адабиёт ва ҳунарро дар дили ӯ падараш афрӯхта буд ва аз хурдӣ ба шеъру шоирӣ дилбастагии хос дошт. Назар ба қавли худи Муҳаммадҷон Раҳимӣ, вай дар синни ҳаждаҳсолагӣ ба гуфтани шеър шурӯъ карда будааст. Вале аввалин шеъри комил ва ба нашр расидаи ӯ «Тиллокамарон» мебошад, ки дар ин шеър моҳияти сохти пӯсидаи кӯҳнаро фош ва фурӯрези қасри ҳокимияти амириро қарибулвуқӯъ эълон медорад. Шоир вуруди Руссияро ба Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, ба аморати Бухоро истиқбол намуда, онро барои мардуми ин сарзамин фоли нек медонад:

Ин зулми кӯҳнаро дами марг аст, ҳон бизан.
Русия аз барои ту ҳам ёвар аст, бин!

Раҳимӣ баъди ғалабаи инқилоби Бухоро собитқадамона ба хидмати ҳокимияти нав камар мебандад. Ҳамчун афсар дар барқароркунии сохти нав саҳм гирифта, дар ҷангҳои зидди душманони ҳокимияти Шӯравӣ иштирок мекунад. Соли 1923 ба Душанбе меояд ва муддате дар комиссияи таъминоти низомӣ ва ҷамъияти ҳунармандӣ адои вазифа менамояд. Дар ҳамин солҳо вазифаи мудири шӯъбаи таблиғоти ҳизби коммунистии Бухороро низ дар ӯҳда доштааст.

Муҳаммадҷон Раҳимӣ соли 1926 дубора ба Душанбе меояд ва то охири умри босамараш дар ин шаҳр монда, дар идораҳои маориф ва матбуоту нашриёт садоқатмандона кор мекунад. То ин давра ӯ қариб ашъорашро чоп накардааст, чунки чунин имконияти нашр фароҳам набуд. Дар ҳамин давраи фаъолияти босамараш шеърҳои ӯ мунтазам чоп мешуданд ва ӯ чун шоир миёни хонандагон шӯҳрат ёфт.

Нахустин шеъри Раҳимӣ, ки дар матбуоти нав ба чоп расид, шеъри «Собиқ» буд. Ин шеърро соли 1924 рӯзномаи «Бедории тоҷик» нашр намуд. Шеър ба ҷараёни наҳзании дунёи кӯҳна ва таърифи замони нав ҳамовозии гарму ҷӯшони шоирро ифода мекард. Баъдтар дар матбуот шеърҳои «Овози газета», «Иттиҳод», «Озод шудан», «Помир», «Душанбе», «Дасти душман» паси ҳам чоп шуд, ки чеҳраи шоири маддоҳи сохти навро ба сареҳӣ муаррифӣ мекарданд.

Эҷодиёти ин давраинаи Раҳимӣ низ хусусияти асосии инкишофи адабиёти тоҷик, хоса шеърро ифода мекунад. Пешрафтҳои нисбиро дар соҳаи мактабу маориф ва иқтисод шоир мисли ҳазорон қаламкашони замон «пешрафтҳои чашмгир» таъбир мекард. Вале Раҳимӣ дар шеъраш таблиғи илму дониш ва мактабу маорифро дар бештарин ҳол на аз назари синфӣ, балки ҳамчун унсури тамаддуне, ки арзиши умумиинсонӣ дорад, таъбир кардааст, ки зиёда муҳим ва арзишманд аст. Яъне шоир дар ин масъала арзишҳои умумиинсониро маҳаки эътибор ва санҷиш қарор додааст, на зиддиятҳои табақотиро. Шеърҳои дар таблиғи мактабу маориф гуфтаи шоир «асосан оҳанги публисистӣ дошта», шоир «ба ғайр аз ташвиқи маърифат як навъ вазифаи шореҳи аҳамияти илму

донишро дар шароити нав» (96,108) ба ӯҳда гирифтааст. Мазмуни ин гуна шеърҳо дар унвони онҳо, ки аксаран ба тариқи хитоба омадааст, ифода мешавад. Шеъри Раҳимӣ «Бедор шав» ҳамин гуна мароми шоирии ӯро ифода мекунад:

Биё, фарзанди тоҷик, бо ту илму маърифат бояд,
К-аз ин раҳ бар рухат охир дари мақсуд бикшояд.
Туро бар кӯшиши илму ҳунар монеъ чӣ меояд?
Зи роҳу расми нав акнун туро омӯхтан шояд.
Бубин, ҷаҳли куҳан охир ҳама барбод мегардад,
Ҷаҳони нав, фунуни нав ба мо эҷод мегардад.

Шеърҳои охири солҳои бистум навиштаи шоир асосан хусусияти таблиғотӣ дошта, як навъ ҷавоби шоирӣ ба воқеаҳои муҳимми рӯз буданд. Дар ин гуна шеърҳо шоир ба ҳунар чандон эътибор надодааст, бинобар ин шеъри ӯро танҳо аз ҷиҳати оҳангнокию вазну қофия метавон сатрҳои мавзун шинохт. Мо дар онҳо хусусиятҳои шеъриро чун осори санъат кам мебинем.

Вале солҳои сиюм дар ин самт пешравие дар эҷодиёти шоир низ тавсиа ёфтааст. Дар ин замина асарҳои ӯ «Коргар» ва «Фатҳ бояд кард»-ро метавон ном бурд. Вале мавзӯъҳои хоси онвақтаи адабиёти Шӯравӣ, ки асосан ҷанбаи сиёсӣ доштанд, тамоми равиши эҷодиёти шоирро муайян месозанд, ки мухтасаран зикр мекунем: васфи сохти нав ва шароити нави зиндагӣ («Сабр макун, шитоб кун!», «Эй деҳқон»), озодии занон («Духтарон»), бедории Шарқ («Дасти душман», «Овози Ҳинд»), ашъори бадбинонаи синфӣ («Муфтӣ», «Сӯфиё», «Муршид», «Ду мисол») мавзӯъ ва масъалаҳое буданд, ки меҳвари фикрии шоирро муайян мекарданд.

Муҳаққиқони таърихи адабиёт солҳои сию чилро давраи нашъу нумӯи эҷодиёти Муҳаммадҷон Раҳимӣ донистааст. Дар ин замина мо гуфтанием, ки воқеан ҳам дар ин солҳо эҷодиёти шоир ба миқдор афзуд ва аз ҷиҳати фарогирии жанрҳо низ тавсиа ёфт. Вале ҳадди камолоти шеъри ӯ пешравии назаррас надошт. Бисёр шеъру достонҳои шоир, аз

ҷумла, «Субҳи дигар кашид домани меҳр», «Чашмони давлат», «Кишвари заррин», «Чашмаи ҳаёт», «Аз саргузашти як ошнои ман», «Ҳикояти оббандӣ», «Марворидҳои муҳаббат» ва ғайра ифодагари сохти нав дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт буданд.

Дар ин миён чанд навиштаи ӯ, аз қабили «Суруди Ватан», «Гузаштан натавонӣ», «Дил наздик аст», «Чашмаи ҳаёт», «Хотира» барин асарҳои ӯро муҳаққиқон «Шоҳкориҳои Раҳимӣ дар адабиёти солҳои сиюми советии тоҷик ва беҳтарин намунаҳои ашъори лирикии иҷтимоӣ шумурдаанд» (13, 212).

Нахустин маҷмӯаи ашъори Муҳаммадҷон Раҳимӣ бо номи «Шеърҳои интихобшуда» соли 1940 чоп шуда буд. Шоир дар ин китоб беҳтарин шеърҳояшро, ки дар жанрҳои гуногун навишта буд, фароҳам овардааст. Минбаъд хонанда маҷмӯаҳои нисбатан комилтари шеъри шоир – «Шеърҳои мунтахаб», «Москваҷони азиз», «Роҳи равшан», «Тиллои тоҷик», «Машъали меҳр», ки дар маҷмӯъ понздаҳ китоб ҳастанд, ба даст гирифт ва номи ин маҷмӯаҳо худ баёнгари мазмуну мундариҷаи китобҳои шоир мебошанд.

Муҳимтарин мавзӯе, ки шоир дар шеърҳояш ба он диққат додааст, Ватан ва муҳофизати он мебошад. Табиист, ки ин мавзӯъро шароит, вақт, хавфи ба сари давлати Шӯравӣ омада илҳо карда буд. Шеърҳои дигари шоир низ як навъ қасидаи фатҳу зафари сохти Шӯравӣ дар дохил ва хориҷи кишвар буданд. Шеърҳои ватандӯстонааш, ки моҳиятан зидди душмани воқеии қариб-уз-зуҳур гуфта шудаанд, дар бештарин ҳол шакли амру фармон ва дӯғу пӯписаро гирифта, соддаву аз ҷиҳати бадеӣ каммоянд. Мисли ин қитъа:

Сад зӯр занӣ ҳам, ба ту мо роҳ намонем,
Гар дуди баланд омадӣ, тӯфони калонем!
Гар реги равон омадӣ, дарёи равонем!
В-аз сабза бихезӣ, чун барқ давонем!
Чун абр агар омадӣ, чун абр кафонем!

Зиндагии шоиронаи Муҳаммадҷон Раҳимӣ як зарра аз воқеияти замони Шӯравӣ ҷудо нест. Вай шояд боҳиматтарин шоири ин давра аст, ки аз тараннуми дастовардҳои инқилоб як қадам берун нарафтааст ва рисолати шеъру адабиётро ҷуз ин чизи дигаре ҳам тасаввур накардааст. Ин фоҷиаи ҳунарӣ ва шахсияти инсониро идеологияи расмӣ ба сари Раҳимӣ барин даҳҳо мардони ҳунар, ки аз камолоти касбӣ бебаҳра набуданд, оварда буд. Раҳимӣ мисли дигар ҳамкасбони ҳамзамонаш шояд ҷуз зистану бо тамаллуқ сухан гуфтан роҳ ва чораи дигар надошт.Дар арафаи ҷанги ҷаҳонӣ ҳадафҳо ва ғояҳои арзишманди умумиинсонӣ дар шеъри Раҳимӣ тақвият пайдо карда, ба асараш ҳусн мебахшанд, ки шеъри «Нест бод ҷанг!» намунаи он аст.

Чунон ки маълум аст, дар арафаи ҷанг дар Маскав деҳаи адабиёт ва санъати тоҷик баргузор гардида буд. Муҳаммадҷон Раҳимӣ ба ин муносибат достони то андозае рамзии «Достони санъат»-ро, ки унвони «Москваҷони азиз»-ро дорад, навишт. Шоир «бо роҳи тамсил дар образҳои Санъат, Равшан, Ҳаёт, Наҷот, Чашма» ва ғайра зиндагии вазнини халқи тоҷик дар гузашта, ҷиҳатҳои пешқадами афкори он, муборизааш дар кӯраи инқилоб, тараққиёти кишвари тоҷик дар замони сотсиализм ва ёрии халқи рус дар ин роҳро ба қалам медиҳад» (13,213). Муҳаққиқ «ин достонро ибтидои услуби хаёлпардозии М.Раҳимӣ» медонад. Образҳои рамзии достон ҳар кадоме як паҳлӯи воқеияти ҳаёти халқ ба тасаввур меояд. Рамзи санъат, дар нигоҳи шоир рамзи ҳунар ва мероси ғании халқи тоҷик буда, Равшан ифодагари аҳли санъату адабиёт, Ҳаёт – тоифаи меҳнат ва деҳқонон, Наҷот- халқи наҷотбахши рус, Чашма – мероси фарҳангӣ, Озод – ҳаёти тозаи замони нав мебошад.

Ин достон як навъ кӯшиши шоир буд, ки ҳунари тасвирро дар шеър ба кор гирад ва бо ин яке аз фазилатҳои осори ҳунарӣ-бадеиятро дар эҷодиёташ таҳким бахшид. Истифода аз рамзу киноёту маҷоз низ аз ҷониби ӯ ҳамин ҳадафро дошт, ки мутаассифона, ба муқобилати сахти нақди адабии давр гирифтор шуд. Танқиди расмӣ ҳарчанд ин асари шоирро «ҳамчун асари эпикӣ, аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундариҷаи идеявӣ,

аз нуқтаи назари санъат ва маҳорати адабӣ дар эҷодиёти М. Раҳимӣ иқдоми нав» (44, 94) шинохта бошад ҳам, дар асл «аз ҷиҳати услуб қадаме ақибнишинӣ кардани» шоир медонад. Ба фикри Носирҷон Маъсумӣ, образҳои рамзии достон «дар мавридҳои алоҳида маънию мазмунро хираву торик ва сарбаставу муғлақ ифода кардаанд, «аз ин рӯ аз фаҳми оммаи хонандагон ба андозае дуранд» (44, 94). Соддагӣ ва ба фаҳми халқ наздик будани осори бадеӣ яке аз шартҳои асосии методи реализми сотсиалистӣ буд, ки танқиди расмӣ аз он ҳимоят мекард ва ин ҳодиса яке аз сабабҳои бунёдие буд, ки адабиёти тоҷикро аз равиши асосии инкишоф ҳамчун осори ҳунар боздошт. Дар он замонаи душвор барои шоиру нависандагон чунин айб хеле ҷиддӣ буд ва моҳияти сиёсӣ дошт. Инро Раҳимии шоир хуб мефаҳмид. Вале илоҷ надошт. Бинобар ин ҳам ин камбудиро минбаъд дар эҷодиёташ «ислоҳ» кард ва бо амал эҷодиёташро аз фазилатҳои асосии ҳунар – бадеият ва санъатмандӣ маҳрум сохт.

Дар давраи ҷанги ҷаҳонӣ байти поён моҳияти марому мақсади шоирии Муҳаммадҷон Раҳимиро хеле равшан ва пурмаънӣ ифода мекунад:

Чу панҷтираву сарнайза мо ба кор барем,
Барои Бахту Наҷоту Ҳаёту адл Қаламро.

Шоир Бахту Наҷоту Ҳаёт ва Қаламро аз ин баъд дар шеъраш бо ҳарфи калон менависад, ки ифодагари шӯру шавқ ва эҳсоси ҳимояти шоир аз ин унсурҳои муҳимми зиндагии бани башар мебошанд. Шеърҳои дигари шоир, аз қабили «Марг ба фашизм», «Раҳмат ба рафиқ Пушкаренко», «Ба истилогарон амон нест», «Ҳодӣ Кенҷаев», «Писари Тоҷикистон», «Марг ба марг, хун ба хун», «Дар ҳифзи давлати озод», «Барои мудофиаи Москва», «Армуғони музаффарият» ва шеърҳои маҷмӯаҳои давраи ҷангии шоир «Марг ба марг, хун ба хун» (1943) ва «Ба душман бераҳм бош!» (1944) ифодагари муҳаббати бепоёни шоир ба Ватан, халқ, ҳаёти осоишта, сулҳу амонӣ, озодӣ ва адолат буда, ин

тамоюли фикрии ӯ шеърашро бо инсонҳо ва замонҳо пайванд медорад.

Дар ин солҳо, ки душвориҳои сахт ба сари халқу кишвар омада буд, Раҳимӣ на фақат бо шеъраш ҳамқадами шодию ғами мардум буд, балки ҳамчун афсар солҳои 1942-1943 дар қӯшунҳои сарҳаддии Шӯравӣ хизмат карда, сарҳади диёрро муҳофизат намудааст.Муҳаммадҷон Раҳимӣ пирӯзии халқро дар ҷанги ҷаҳонӣ бо қасидаи «Баҳористони зафар» (1945) муборакбод гуфт. Вале ин қасида, ки нисбат ба дигар навиштаҳои шоир ҳунармандонатар гуфта шудааст, мавриди таҳнияти муҳити адабӣ қарор нагирифт ва нақди адабӣ «шаклпарастӣ, муғлақбаёнӣ ва хаёлпардозии М. Раҳимӣ»-ро мавриди накӯҳиш қарор дод.

Дар замони зиндагӣ ва эҷодаш М. Раҳимӣ яке аз сермаҳсултарин шоирон ҳисоб мешуд. Қариб ҳар сол як китоби ӯ чоп шудааст. Ба номгӯи зерини маҷмӯаҳои осори шоир таваҷҷӯҳ кунед: «Фирӯзӣ» (1947), «Кишвари заррин» (1948), «Дилафрӯз» (1950), «Роҳи равшан» (1952), «Тиллои тоҷик» (1958) ва ғайра.

Боиси афсӯс аст, ки Муҳаммадҷон Раҳимӣ беш аз ҳар шоири тоҷик истеъдоди комили ҳунариашро тобеъи фармудаҳои расмӣ дар боби адабиёту ҳунар карда, аз қолаби тафаккури маъмули замонаш як қадам берун рафта натавонист. Вале бо ин ҳама камбудии ҷиддӣ вай ҳамчун шоир, шоире, ки завқи хоси ҳунарӣ дошт ва дар ин замина хидмате низ барои хонанда ва адабиёт кард, боқӣ хоҳад монд. Ғазал, қасидаву таронаҳои лирикиаш саҳифаи поки осори боқигузоштаи ин шоири танҳову ба худ фурӯрафта мебошад. Хонанда бояд бидонад, ки Муҳаммадҷон Раҳимӣ бо вуҷуди он ҳама вомондагиву ба сиёсат печидагиҳояш муаллифи шеърҳои ҷаззоби «Машъалаи меҳр», «Ҷоду-ҷоду», «Ошиқ шудай», «Оинаи дил», «Духтари Фарғона», «Як бӯса», «Шиканҷи зулф» ва боз чанди дигар низ мебошад. Ин шеърҳо ба гуфтаи шодравон Аълохон Афсаҳзод, «бо равонӣ, салосату тароват, дилчаспӣ, оҳангнокӣ ва самимӣ будани худ зуд дар қалби хонанда

маскан мегиранд» (13, 215). Мо дар шакли намуна чанд байтро, ки воқеан ҳам бисёр нозуку самимӣ ва шоирона (А. Афсаҳзод) гуфта шудаанд, иқтибос меоварем, то хонанда лутфи шоиронаи Раҳимиро аз ёд набарад:

Нигоҳат мерамад аз мо, сад афсӯс,
Ки онро ҷуръати ромӣ набошад.
Гули рӯи туро чун нуқта холест,
Чаро дар нуқта илҳоме набошад.
Ниҳодӣ дар дилам тасвири худро,
Худ ин танҳо зи рассомӣ набошад.
Ширин тобад чаро бодоми чашмат,
Агар худ конибодомӣ набошад?!

Муҳаммадҷон Раҳимӣ ба ғайр аз эҷоди шеъру достонҳо асарҳои зиёдро аз адабиёти халқҳои дигар ба тоҷикӣ тарҷума кардааст, ки ин низ хизмати бузурги вай мебошад. Хонанда маҳз ба туфайли хидмати ӯ бо асарҳои «Фаввораи Боғчасарой»-и А. С. Пушкин, «Фома Гардеев»-и М. Горкий, достони «Левый марш»-и В. Маяковский, шеърҳои Ф. Шиллер, Т.Г. Шевченко, Н.А. Некрасов, И.А. Крилов, Ҷамбул, Янка Купала, Ғафур Ғулом, Павло Тичина, Самад Вурғун, Сулаймон Сталский, А. Жаров ва дигарон ошно гардидааст. Илова ба фаъолияти тарҷумонӣ, муаллифи сенарияи филми «Фарзанди Тоҷикистон» буда, филмҳои «Муаллимаи қишлоқ», «Достони марди асил», «Таслим шудани Берлин» дар маҷмӯъ беш аз чиҳил филмро ба тоҷикӣ гардондааст. Хидматҳои Муҳаммадҷон Раҳимӣ дар таҳриру нашри «Луғати тоҷикӣ-русӣ» (1954), чопи осори Фирдавсию Ҷомӣ ва гирдоварию интишори мусиқии классикии «Шашмақом» хеле бузург аст.

Мутаассифона, бо даргузашти шоир дар муҳити адабӣ касе аз ӯ ёд накардааст, ки ҷуз носипосӣ ба шахсият ва ҳайсияти ҳунарии шоири озордида чизи дигар нест. Вале ин ҷо як қитъаи шоири тоҷик Бозор

Собирро, ки «Дар ёдбуди Муҳаммадҷон Раҳимӣ» унвон дорад, меоварем ва бо ин ҷовидонагии ёди ӯро таъкид месозем:

Шеъри нав гуфтаму рафтам ба сари манзили ӯ,
Лек ман даст набурдам тарафи дастаи дар.
Дар гулӯям нафаси шоирӣ якбора шикаст,
Ки мабодо дигаре ояд аз ин кулба бадар.
То дари ӯ ба забон н-ояду гӯяд бар ман;
«Ӯ дигар нест дар ин хона, зи дунё рафтаст.»
Худ ба худ баҳри тасаллои дили муштоқам,
Гуфтам: аз шаҳри Душанбе ба Бухоро рафтаст.
Шеъри нав дар лабам аз пушти дараш баргаштам,
Вазн ноҷӯр, ғалат қофия, маъно носоз,
Оҳ шуд дар лаби ман шеъри мане бе устоз.

Фотеҳ Ниёзӣ
(1914-1991)

Фотеҳ Ниёзӣ аз нависандагони маъруфи муосири тоҷик буда, 18 апрели соли 1914 дар шаҳри Самарқанд ба дунё омадааст. Соли 1929 баъди хатми Донишкадаи омӯзгории Самарқанд ба Дорулмуаллимини омӯзгорӣ шомил шуда, ҳамзамон дар рӯзномаҳо, аз ҷумла, «Ҳақиқати Ӯзбекистон» кор кардааст. Соли 1934 ба Душанбе меояд ва ба сифати котиби масъул дар рӯзномаҳои «Газетаи муаллимон» ва «Тоҷикистони сурх» ифои вазифа мекунад.

Ҷанги ватанӣ ҳаёти осоиштаи нависандаро тағйир дод. Ӯ соли 1941 ихтиёран ба фронт рафт ва баъдтар дар вазифаи муҳаррири масъули газетаи Армияи сурх «За родину» кор кард. Сонитар ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Красноармейская правда» будааст. Фотеҳ Ниёзӣ иштирокчии муҳорибаи Сталинград мебошад. Баъди ҷанг дар рӯзномаи «Округи ҳарбии Туркистон» ба сифати ҷонишини сармуҳаррир фаъолият намудааст. Дар як вақт шӯъбаи ғоибонаи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тошкандро хатм карда, ҳамон сол аз сафҳои армия ҷавоб мешавад ва дар вазифаи котиби масъули маҷаллаи «Садои Шарқ» кор мекунад. Соли 1952 сармуҳаррири ин нашрия ва соли 1953 котиби Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон интихоб мешавад. Солҳои 1968-1970 ҷонишини Раиси кумитаи радио ва телевизиони Тоҷикистон будааст ва баъд боз аз нав котиби раёсати Иттифоқи нависандагон интихоб гардидааст.

Аввалин навиштаҳои Фотеҳ Ниёзӣ дар шакли ҳикоя солҳои сиюм чоп шудаанд ва ҳамзамон дар ин солҳо ба забони ӯзбекӣ низ шеърҳо сурудааст. Баъдтар нахустин маҷмӯаҳои ӯ бо номи «Суруди вақт» (1973) ва «Муҳаббат» (1939) чоп шудаанд. Аз нимаи солҳои сӣ асосан ба забони тоҷикӣ дар насру драматургия асар менавишт ва соли 1938 нахустин песаи ӯро бо номи «Ватанпарварон» театри ба номи Лоҳутӣ ба саҳна мегузорад.

Мавзӯи асосии эҷодиёти Фотеҳ Ниёзӣ ҷанг ва воқеияти ба он алоқаманд мебошад. Нависанда солҳои ҷанг таҳти унвони «Интиқоми тоҷик» ҳикояву очеркҳояшро пайваста чоп мекард ва маҳз бо ҳамин силсилаи асарҳояш дар байни хонандагон шӯҳрат ёфт. Фотеҳ Ниёзӣ то охири умр ба мавзӯи ҷанг ва сарнавишти ҷанговар содиқ монд ва аксари асарҳои хурду бузургаш дар ҳамин мавзӯъ навишта шудаанд.

Фотеҳ Ниёзӣ дар нахустин ҳикояҳои дар мавзӯи ҷанг ва корномаи ҷанговарон навиштааш бештар ба тасвири «як ё ду лавҳаи кӯтоҳи муборизаи ҷанговарон (Ҷ. Шарифов) диққат медиҳад ва ин хусусияти асосии тасвирро мо дар ҳикояҳои «Кабири ҳоитӣ», «Азими Мерган», «Аҳд ва вафо», «Рӯймолча», «Байрақ», «Қасоси додар» ва ғайра мушоҳида мекунем. Дар ин замина нақди адабӣ ҳикояи «Рӯймолча»-и нависандаро «яке аз беҳтарин ҳикояи замони ҷанг» (Ҷ.Шарифов) донистааст. Дар ин ҳикоя чанд лаҳзаи корнамоии ҷангии қаҳрамони ҳикоя Сафар Одинаев тасвир шуда, нависанда фаъолияти қаҳрамонашро дар шароити хеле ҳам хавфноки арсаи ҷанг тасвир кардааст. Сафар Одинаев дар як лаҳзаи тақдир қаҳрамонӣ ва шуҷоат нишон дода,

ҷонхариди бисёре аз ҳамраҳонаш мешавад. Қаҳрамони ҳикоя дар муборизаи тан ба тан ҳалок мешавад, вале ин боиси шикасти душман ва ба мавқеи аввала баргаштани қисми ӯ мегардад.

Дар ҳикояи «Байрақ» низ нависанда як лаҳзаи қаҳрамонии фарзанди тоҷик Қудратро бо камоли маҳорат тасвир мекунад. Мазмуни фишурдаи ҳикоя ин аст, ки афсар Қудрат бо ҳамроҳонаш бо қувваи зиёди душман рӯ ба рӯ мешавад, ки дар ин муборизаи душвор ғолиб меояд. Қаҳрамони ҳикоя дар як лаҳзаи шадиди набард сахт захмӣ мешавад ва ҳатто хоҳиши рафиқонашро, ки ӯро мехостанд ба ҷои бехавфтаре баранд рад мекунад ва то лаҳзаи ғалаба истодагарӣ менамояд.

Ғояи асосии ин ва бисёр ҳикояҳои давраи аввали фаъолияти эҷодии нависанда таъкиди устуворӣ ва матонату собитқадамии халқ мебошад. Нависанда ба рӯҳи шикастнопазири халқ бовар дорад ва қаҳрамонҳояшро низ ба ҳамин роҳ ҳидоят мекунад.

Фотеҳ Ниёзӣ дар навиштаҳояш сарчашмаи мардонагии сарбозони ватанро дар муҳаббати онҳо ба халқу ватан мебинад. Илова бар ин дар бисёре аз навиштаҳои нависанда ғояи ватани ягона ва бародарии халқҳои Шӯравии собиқ таҳрикбахши қаҳрамонони чеҳраҳои адабӣ ҳастанд. Дар ҳикояи «Аҳд ва вафо» ҷавонписари тоҷик сарҳади Украинаро муҳофизат мекунад. Дар ҳамин сарҳади ғарбии мамлакат вай аввалин бор бар зидди душман ба ҷанг даромад. Ҳисси бузурги ватандӯстӣ раҳнамуни ғалабаҳои ӯ гардид. Яъне як порча хоки Украина барои ӯ ҳамчун порае аз боғи худаш, ки дар Ленинобод (Хуҷанд) аст, пеши назараш азиз ва мукаррам менамояд.

Баъди баргашт ва меҳнати осоишта Фотеҳ Ниёзӣ аввал қисми якум (1949) ва баъдтар қисми дуюми романи «Вафо» (1957)-ро ба чоп расонид. Ин романи шавқангез ва тасвирие буд ҳам аз қаҳрамонии ҷанговарон дар майдони ҷанг ва ҳам меҳнати фидокоронаи одамони ақибгоҳ.

Нависанда соли 1962 китоби наверо бо номи «Ҳиссае аз қиссаҳои ҷанг» чоп кард, ки ба қавли донишманди адабиёт Муҳаммадҷон Шукуров, дар он «ба Фотеҳ Ниёзӣ муяссар шуд, ки тасвири зоҳирии инсонро, ки дар романи «Вафо» дида мешавад, аз бисёр ҷиҳатҳо бартараф кунад ва ба протсесҳои ботинӣ бештар зеҳн монад. Дуруст аст, ки ин ҷо ҳам тасвири зоҳири воқеаҳо ҳанӯз ба тамом паси сар нашудааст, вале нависанда ба баъзе тафсилоти фикру ҳисси инсонии ҷанговар бештар диққат додааст. Образи таҳиягар – худи нависанда, капитан Ниёзӣ низ ҷолиб аст. Офитсери мушоҳидакор ва хайрхоҳу дилсӯз дар миёни оташи ҷанг ҳам натанҳо сифатҳои ҷангии сарбозонро, балки падидаҳои шахсият ва махсусиятҳои олами рӯҳии онҳоро низ дида метавонад» (116,383).

Яке аз омилҳои комёбии нависанда усули интихоби тасвир мебошад. Воқеаҳоро нависанда тарзе тасвир мекунад, ки онҳо на дар майдони муҳориба, балки ҳангоми истироҳати кӯтоҳмуддати ҷанговарон – муҳофизони Сталинград, дар заминканҳо, дар ақибгоҳи наздик ва кӯчаҳои Москва мегузаранд. Ин усули интихоби сужет ба муаллиф имкон додааст, ки оид ба сарнавишт ва амалу кирдори қаҳрамонаш бо таанӣ ва андешамандона фикр кунад. Вақте ки андешаи ӯ аз тасвир берун меояд, навиштаҳо ба назар ҷолибу диққатангез менамоянд.

Романи «Вафо» аз ҷолибтарин асарҳои Фотеҳ Ниёзӣ буд ва хоҳад монд. Ба ин далел, ки дар ин асар нависанда саргузашти инсони ҷанговар, ватанхоҳ ва собитқадамро ба тасвир гирифта, ба воқеаву ҳодисаҳое таваҷҷӯҳ кардааст, ки барои инсон тақдирсоз мебошанд.

Дар китоби аввали роман муҳорибаҳои назди Дон ва Сталинград, ғалабаи ҷанговарони советӣ, аз ҷумла, тоҷикон дар муҳорибаҳои шадид тасвир шуда, дар китоби дуюм нависанда ба воқеияти ақибгоҳ бештар диққат додааст.

Нависанда дар романи «Вафо» кӯшиш кардааст, ки ба воситаи тасвири образи як гурӯҳ ҷанговарони тоҷик фидокорӣ, шуҷоат ва

ҷонбозиҳои бемислу монанди (Ҷ. Шарифов) онҳоро нишон диҳад, ки ба ин кор муваффақ ҳам шудааст.

Дар роман нависанда як силсила образҳое офаридааст, ки аз бисёр ҷиҳат ҷолиби диққатанд. Дар миёни онон ҷолибтарин чеҳраи адабии роман Сафар Одинаев мебошад. Ин ном барои хонандаи огоҳ шинос аст. Мо дар ҳикояи «Рӯймолча» агар амалиёти фронтии муаллими қишлоқ Сафар Одинаевро дар як лавҳаи бадеӣ, дар вазъияти дар майдони муҳориба корнома нишон додан бинем, дар романи «Вафо» образи Сафар ва доираи амалиёти он васеъ ва ҳартарафа инъикос гардидааст. (120, 320).

Образи Сафар образи таъмимии (умумиятёфтаи) ҳазорон сарбозонест, ки дар майдони ҷанг ҷонбозиву фидокорӣ нишон додаанд. Дар роман нависанда ба офаридани образҳои ҷолиби дигар, аз қабили Дадабой, Мамараҷаб, Нозими Камаровӣ, Ермаков, Латиф ва дигарон низ муваффақ шудааст.

Мунаққид Ҷӯра Бақозода ба ин роман баҳо дода, аз ҷумла, услуби нависандаро «усули таҳкияи таҳлилӣ» медонад. Ба ҳамин сабаб ҳам нависанда дар ташаккули характер, макону замони мушаххас, таъсири муҳит, муносибати одамон роли асосӣ мебозад. Дар роман муҳорибаҳои таърихии назди Дон, Сталинград, меҳнати зарбдоронаи деҳқонони колхози «Коммуна» бо тамоми мураккабӣ ва тундутез тасвир ёфта, образи ҷанговарони гуногунмиллат офарида шудааст, ки шиддати низоъ (конфликт) ва ҷустуҷӯҳои маънавии қаҳрамононро муайян мекунад. Беш аз ин, бархурди ду мафкураи ба ҳам муқобил, нируҳои хайру шар, муносибати одамони гуногунақида ҷанбаи таҳлилии асарро низ таъин намудааст. Дар вазъият ва муҳити фоҷиаангези ҷанг, шароити вазнини ақибгоҳ хислатҳои қаҳрамонони асар Сафар, Дадабой, Осмухин, Ермаков, Зебӣ, Юнусбобо ва дигарон ташаккул ёфта, нируи инсонии онон, мустақилияти ахлоқию маънавиашон падид меояд. Қаҳрамонони мусбати роман тимсоли одамони нек, хушахлоқ, ҷасур ва собитқадаманд. Воқеияти ҷанг

зиндагии онҳоро тағйир дод. Қабл аз ҷанг ҳар кадомеро пайгири кореву домани ёре буд. Муҳити нав симои аслии ононро зоҳир сохт. Дар баробари баъзе хислатҳои умумӣ мо фардияти рафтору кирдори онҳоро равшан ҳис мекунем, ки дар ин равиш кӯшиши нависанда зиёд аст. Яке аз чунин қаҳрамононе, ки нависанда, ба иборае, аз он одам сохтааст, Мамараҷаб мебошад. Анқариб буд, ки Мамараҷабро амакаш Мирбадал, ки шахси ба идеалҳои замон муқобил буд, бероҳа созад. Вале Сафар ва муҳити ӯ аз ин ҷавони ба бероҳа афтода, афсари далеру саршикан ба воя расонд. Махсусан суханони зерини Сафар, ки боре гуфт, ӯро ба ҳуш меовард. На фақат ба ҳуш оварад, балки як умр дар гӯшаш садо медиҳад ва ӯро ба маҳзари одамият мехонад: «Ватанро ёд кардан кам аст. Чунон писар бош, ки Ватан ҳам туро доимо ёд кунад, дӯст дорад». Дар тасвири нависанда мо мебинем, ки чӣ гуна Мамадраҷаб низ мисли Сафар ва даҳҳо ҳамсафони ӯ дӯстдоштаи Ватан мегардад. Ва воқеан ҳам мо бо Ҷӯра Бақозода мувофиқем, ки «муҳимтарин бозёфти бадеию эстетикии нависанда»-ро «образи ҷанговарон, мардумони ақибгоҳ» медонад, «дар солҳои ҷанг аз худ қатъияту қаҳрамониҳо зоҳир намуда, Ватани худро аз душманони ғаддору маккор ва вабои фашизм муҳофизат намуданд».

Мо дар мисоли ҳикояҳои нависанда дидем, ки образи ҷанговар таҷассуми сифатҳои қаҳрамонии умумихалқӣ буд. Нависанда дар романи «Вафо» ба он ноил шуд, ки ба воситаи ошкор сохтани хислат ва моҳияти амалу кирдори қаҳармонон моҳияти ҷангро дар тақдири халқ нишон диҳад ва ин ҳодисаи муҳимми насри он солҳо буд. Ҳарчанд чунин наср ҷанбаи амиқи таҳқиқи бадеӣ надошт, минбаъд барои ҷустуҷӯҳои тоза дар ин равиш заминаи мусоид фароҳам овард. Ин усул ё худ чашмандози бадеиро худи Фотеҳ Ниёзӣ бо эҷоди «Ҳисса аз қиссаҳои ҷанг» тақвият бахшид. Дар ин силсила нависанда воқеаҳои мароқангезеро нақл мекунад, ки худаш шоҳиди он будааст. Дар ин ҳол мо на фақат аз як лаҳзаи сарнавишти қаҳрамон огоҳ мешавем, балки хислат ва рӯҳияи персонажҳоро низ мешиносем. Мо истифода аз тасвири як лаҳзаи

сарнавишти қаҳрамонро дар ҳикояҳои давраи ҷангии нависанда ҳам дида будем. Вале ин ҷо муҳим он аст, ки дар ин ҳикояҳо хислат ва рӯҳияи персонажҳо ба воситаи амалиёт ва ё тасвири ҷангномаи онҳо нишон дода шудааст. Аз тасвири нависанда мо бовар мекунем, ки қаҳрамонони хурду бузурги ӯ ҳар лаҳза омодаи эҷоди корномае ҳастанд. Масалан, чеҳраи адабии Хуррамӣ дар ҳикояи «Павел ва Собир», капитан Симаков, зенитчӣ Таисия, Шарофи Шабгард, археолог Угримович, Мустафою Лилия дар ҳикояи «Мактаб дар таҳхона» ва ғайра аз қабили ҳамин гуна ашхоси дилпазиру соҳибирода мебошанд. Нависанда дар ҳикояҳо бештар ба моҳияти ҳаёти инсон, фоҷиаи ҷанг ва нақши он дар сарнавишти одамон диққат медиҳад, ки ин бисёр ҳам ҳодисаи мусбат аст.

Дар тасвири хислату характери қаҳрамонони романи «Вафо» низ нависанда ҳамин усулро истифода карда буд. Сафар Одинаеву Дадабой ва бисёр қаҳрамонони дигари роман қабл аз ҳама ҳамчун инсон ба тасвир омаданд. Ҳамчун инсоне, ки ҷанг сарнавишти онҳоро ба муҳосира гирифта ва муайян месозад. Мо ҳамин усули нигориши нависандаро дар муносибату алоқамандии қаҳрамонони роман Сафару Дадабой равшан мебинем.

Дадабой як нафар афсари оддӣ буда, бо Сафар пайванди дӯстӣ дорад ва ҳамчун инсон нисбат ба тақдири дӯсташ бепарво нест. Инсони зиндадилу хушҳол буда, дар лаҳзаҳои душвор дилбардори бародарони ҳамяроқаш аст.

Дар роман нависанда баъзе образҳоро чун василае барои муайян намудани рӯҳияи қаҳарамонони дигар истифода кардааст, ки Нозир яке аз ҳамин гуна симоҳост. Нозир низ мисли Дадабой ҷавони хушҳолу зарофтгӯй аст. Вай камгапу серҳаракат буда, дар ҳар амалаш мо мулоҳизакориву андешамандии ӯро равшан мебинем.

Нозир дар роман чун Сафару Дадабой идеали нависанда аст, вай орияти милливу инсонӣ дорад. Ҳатто дар лаҳзае, ки сарбозони нав ба ҷанг омада аз аввалин таркишҳо тарсида, худро ба хандақҳо мезананд ва дар назди командири қисми ҳарбӣ Осмухин хиҷил мешавад ва ба Сафар

ишора мекунад, ки бифаҳмон ба командир, ки ин ҳол муваққатист, бачаҳо одат мекунанд. Дар воқеъ дар ибтидои ҷанг тасаввуроти нодурусте дар бораи сарбозоне, ки аз Осиёи Марказӣ даъват шуда буданд, вуҷуд доштааст. Боре шодравон Фотеҳ Ниёзӣ ин мавзӯъро ёд карда, навишта буд, ки «рӯҳияи умумии солҳои ҷанг дар ин ифода меёбад, ки нависандагон ҳиссаи халқи худро дар муборизаи муқобили душмани бераҳм муайян карда, ҷанбаи қаҳрамонии характери миллиро нишон додан мехостанд… Кори ман ҳам дар ҳамин самт сурат мегирифт ва вазифаи нависандагии худро дар он медидам, ки ба мардум аз қаҳрамонии ҳамватанони худ хабар диҳам ва ба ин восита афсонаи дурӯғинеро, ки Осиёи Миёнаро маҳрум аз ҷасорати ҷангӣ медонистанд, афсонаеро, ки аз замони то инқилоб вуҷуд дошт, рад намоям». Чунон ки мебинем нависанда дар офаридани қаҳрамонони худӣ, яъне ҳамватанонаш ҳадафи муайяни ғоявӣ доштааст. Дар ҳамин мавқеияти идеявӣ Сафар дар муҳорибаҳо қаҳрамониҳо нишон дода, ниҳоят бо тани захмӣ, баъди андаке шифо ёфтан ба майдони набард бозгашт. Вақте ки дар ақибгоҳ худро табобат мекард, аз тақдири дӯстонаш, махсусан Нозир дар хавотир буд. Вале ҳангоме ки дубора ба майдон бозгашт, ба воситаи мактуби командири собиқаш Осмухин аз воқеияти ҳаёти минбаъдаи Нозир огоҳӣ ёфта, қаноатманд шуд. Командир навишта буд, ки… Нозири нотарс дар танга барин замини канори рости Волга, ки дар ӯ мо аз се тараф дар иҳотаи душман ҳастем, аз сахтӣ, маҳрумият ва азобҳо ҳеҷ натарсида ҷангид, ҷонашро фидо карду фармони ватанро барҷо оварда, як қадам ҳам қафо нагашт. Ӯ фарзанди вафодори Ватани бузурги мо буд!».

Яке аз мавзӯъҳои асосие, ки нависанда дар роман диққати махсус додааст, мавзӯи дӯстии халқҳо мебошад. Ин ҳолати сохта не, балки инъикоси воқеияти замони ҷанг буд. Яъне майдони ҷанг саҳнаи мубориза ва ҷоннисориҳои фарзандони қавму халқиятҳои гуногуни ватани он вақта ягонаи халқҳои Шӯравӣ – СССР буд. Дар роман дар чеҳраи Осмухин ҳамин мақсади ғоявии нависанда амалӣ шудааст.

Осмухин ва Сафар тимсоли дӯстиву бародарианд, ки ба ифодае бо хун дар бадан ҷой гирифта, танҳо бо ҷон берун меравад.

Дар роман дар ин равиш образи Осмухинро афсари қаторӣ Ермаков такмил медиҳад. Агар Осмухин аз оғоз то анҷоми роман ҳамчун командир ҷиддиву то андозае қолабӣ тасвир шуда бошад. Ермаков одами зинда ба назар меояд. Нависанда бештар ба ифшои хислатҳои фардии ӯ диққат додааст. Мо дар рафти амалиёт хислатҳои Ермаковро, аз ҷумла, зиндадиливу хушзавқии ӯро аз хислат ва моҳияти амалу кирдораш дармеёбем. Махсусан, мутоибаҳои пурмаънӣ ва боназокаташ хислати табиии ӯро муайян мекунанд.

Романи «Вафо» сарфи назар аз камбудиҳое, ки танқиди адабӣ ба он ишора кардааст, ҳанӯз ҳам на фақат дар эҷодиёти нависанда, балки дар насри тоҷикӣ аз асарҳои ҷолибе дар мавзӯи ҷанг ба ҳисоб меравад.

Мунаққид ва адабиётшинос Атахон Сайфуллоев бар ин ақида аст, ки «мавзӯи ҷанг алоқамандона ба мавзӯи ахлоқ ва ҷустуҷӯҳои маънавӣ», «беҳтар дар асарҳои Фотеҳ Ниёзӣ инъикос ёфтааст». Мунаққид дар ин замина романи нависанда «Ҳар беша гумон мабар, ки халист»-ро «ҳамчун романи панорамӣ аз ҷиҳати вусъати мавзӯю масъала ва дар бар гирифтани воқеаҳои рангоранг» медонад (78,70).

Мавзӯи асосии ин романи нависанда низ мубориза бар зиддӣ фашизм ва саҳми фарзандони тоҷик дар ин ҷанги хонумонсӯз мебошад. Ёдовар бояд шуд, ки нависанда дар роман воқеаҳои се давра – даҳ соли қабл аз ҷанг, замони ҷанг ва солҳои аввали барқароркунии мамлакатро тасвир кардааст. Дар роман нависанда ба чунин масъалаҳои идеологии он вақт – «ягонагии интернатсионалии халқи советӣ» эътибори хос додааст. Аз ҳамин мавқеи идеология нависанда усули бадеии ҳалли алоқаи марҳилаҳои таърихии мамлакат, давру замон, пайванди наслҳову халқҳоро тарҳ додааст. Дар ин равиш таърихи хонадони Султон Сафоев, хонаводаи Максим Мочалов, Михаил ва дигарон рамз ва воқеияти зиндагии мардуми Шӯравии собиқ ҳастанд. Сарнавишти ин хонаводаҳо

дар роман ҳамчун намоди (шабеҳаи) марҳилаҳои таърихии зиндагии мардум дар давраи Шӯравӣ тасвир шудаанд.

Яке аз қаҳрамонони асосии роман Давлат аст. Вай чунин шахсиятест, ки баъди хатми омӯзишгоҳи ҳарбии Тошканд дар ҳаракати партизании Белоруссия иштирок карда «роҳи душвори меҳнату мубориза, диловарию қаҳрамонӣ, адои қарзи интернатсионалӣ ва хизмати содиқона дар пеши халқу ватанро» тай мекунад. Писари Давлат Сафоев – Султон дар тасвири нависанда давомдиҳандаи роҳи падар – таҷассумгари ғояи абадияти пайванди наслҳои бунёдкори шӯравист.

Мунаққид Атахон Сайфуллоев романи «Ҳар беша гумон мабар, ки холист»-ро «дар насри ҳарбӣ»-и Осиёи Миёна на танҳо аз ҷиҳати навии мавзӯъ, балки аз ҷиҳати арзу тӯли худ низ ҳодисаи нав дониста буд.

Дар ҳақиқат, ҳам сужети роман аз назари арзу тӯл хеле вусъатнок аст. Мо намунаи фарогирии воқеиятро дар ин миқёс дар насри тоҷик ёд надорем. Нависанда аз муборизаи зидди дастаҳои Иброҳимбеки босмачӣ (оғози солҳои сӣ) сар карда, то лаҳзаҳои ҷанги Финландия, манзараҳои ҷанги партизании Белоруссия, давраи ҷанг ва «чанд муддати баъди ҷанг»-ро ба тасвир гирифтааст.

Ба пайбурди мунаққид ва адабиётшиноси маъруф М.Шукуров, «ин гуна вусъати уфуқҳои замониву маконии асар аз ин ҷо сар задааст, ки нависанда саргузашти қаҳрамон ва ба ин восита сарнавишти халқи тоҷикро бо тақдири тамоми мамлакат сахт алоқаманд карда, ба воситаи таҳаввули маънавии қаҳрамон инкишофи воқеияти нави сотсиалистиро нишон додан мехоҳад. Ин нияти эҷодии Ф.Ниёзӣ аз бисёр ҷиҳатҳо амалӣ шудааст» (116, 384). Мунаққид дар бораи ин роман сухан ронда, ду хусусияти муҳимми онро нишон медиҳад. Хусусияти аввалро дар он мебинад, ки нависанда дар роман муносибати омма ва роҳбарро ба тарзи хос ҳал кардааст. Яъне вай «ин масъаларо бо роҳи падид овардани ҳамбастагии сахти роҳбар ва омма ҳал намуда, роҳбарро на болотар аз омма, балки бо ӯ дар як қатор мегузорад ва решаҳои халқии роҳбар, бо қуввaҳои халқ робитаи табиӣ доштани ӯро таъкид менамояд» (116, 385).

Хусусияти дигари романро мунаққид дар «қувват гирифтани шиддати драмавӣ»-и он мебинад ва зоҳиршавии онро дар мисоли сарнавишти партизандухтар Алёна, ки «ба фиреби хоине афтод», нишон дода, «то ба оҳанги фоҷиавӣ» расидани драматизми романро таъкид мекунад. Ба қавли мунаққид, «драматизм дар романи «Ҳар беша гумон мабар, ки холист» гоҳ бо вусъати мураккабии воқеаҳо як шуда, шиддати вазъияти замони ҷанг ва тобишҳои фоҷиавии онро ифода менамояд» (117,385).

Ин романи нависанда аз ҷониби аҳли танқид ҳаматарафа таҳлилу тақриз шуда, дар бораи бурду бохти он андешаҳои гуногун баён шуда буд. Мо дар боло оид ба муваффақияти нависанда баъзе фикрҳо гуфтем. Акнун дар мавриди камбудиҳои роман аввал чунин мулоҳизаи мунаққид А.Сайфуллоевро ёдрас мешавем. Мунаққид мафтунии нависандаро аз «ғалабаҳои пайдарпаи партизанҳо – персонажҳои романи Ниёзӣ, ки ба як осонии афсонавӣ ғалаба аз паси ғалаба, муваффақият аз паси муваффақият ба даст меоранд, зикр мекунад. Партизанҳо, аз ҷумла, Давлат, ҳатто аз асорати немисҳо «якбора» ва «тасодуфан» наҷот меёбанд. Мунаққиди рус Сергей Абрамов ба роман эроди дигар гирифта, навишта буд: «Мехостем ба муаллиф аз он ҷиҳат эрод гирем, ки асараш аз ҳад зиёд хусусияти дидактивӣ дорад, ӯ аз сухани таъҷилдори тавсифӣ суистифода мекунад. Масалан, ӯ хислатҳои мусбати қаҳрамонро як-як ном мебарад: «Муносибати ҷиддӣ ба иҷрои вазифа, масъулиятшиносии баланд…, доираи назараш васеъ ба одамон муносибати хайрхоҳона ва дилсӯзона дорад…» Алҳақ, хислатҳои хуб бисёр доштааст! Вале ин бештар услуби хушки мақолаи газета аст, на асари бадеӣ (116, 386). Чунонки мебинем, ин эродҳо дар ҳаққи роман хеле ҷиддӣ ҳастанд.

«Сарбозони бесилоҳ» севвумин романи Фотеҳ Ниёзӣ мебошад. Худи номи роман ба мазмун ва мундариҷаи он ишора мекунад. Яъне роман аз фаъолияти «армияи меҳнат» - ҳазорон нафар фидоиёне, ки солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба Уралу Сибир ба сохтмони заводҳои ҳарбӣ ба кор рафта буданд, нақл мекунад. Чунонки мебинем, Фотеҳ Ниёзӣ ба мавзӯи ниҳоят муҳим ва таҳқиқнашуда даст зада, хостааст, то

сарнавишти он фидоиёни «хонабадӯш»-ро ба воситаи асари бадеӣ зинда созад. Ҳақ ба ҷониби мунаққид Муҳаммадҷон Шукуров аст, ки мегӯяд: «метавон гуфт, ки дар фарогирии бадеии ин қисми маиериали аҷиби қаҳрамонии умумихалқии солҳои ҷанг Фотеҳ Ниёзӣ ба сифати пионер баромад кард.

Нависанда ин дафъа ҳам барои навиштани роман чандин вақт тайёрӣ дид: чанд сол аз собиқ «ҷанговарони баталионҳои меҳнат» материал ҷамъ кард, аз архивҳо факту санад ба даст овард, бо фарзандону наздикони онҳое, ки сафарбар шуда буданд, сӯҳбат кард, ба Урал сафар намуд. Сарбозони «баталионҳои меҳнат солҳои ҷанг ҳам ҷавон набуданд ва имрӯз аз онҳо касе дар қайди ҳаёт нест. Аммо дар Урал шоҳидони воқеаҳо, ки дар он айём ҷавони наврас буданд, ҳанӯз бисёранд ва ёди қаҳрамонони ақибгоҳро, ки аз Осиёи Миёна омада буданд, азиз медоранд. Ёддоштҳои онҳо низ ба нависанда кӯмак намуд» (117,387).

Ин гуфтаи мунаққид далели он аст, ки нависанда қабл аз он, ки ба навиштани роман шурӯъ кунад, мавзӯъро дақиқ омӯхта, материали фаровони ҳаётиро ҷамъ карда будааст. Ва хулосаи нависанда, ки аз забони қаҳрамони асосии роман Ориф Олимов омадааст, гувоҳи он аст, ки муаллиф мавзӯъро, хоса сарнавишти «армияи меҳнат»-ро хуб омӯхта будааст. Ориф Олимов мегӯяд: «Армияи меҳнат танҳо дар тан шинел надораду дар даст туфанг, дигар ҳамааш дар ҳақиқат мисли фронт аст». Нависанда бо овардани чунин хулоса аз забони қаҳрамони асосӣ, қабл аз ҳама, ба фидокориву мардонагии коргарон ва ҳам интизому рӯҳи қавии онҳо таъкид мекунад. Дар саҳифаҳои роман мо бо сарнавишти одамоне ошно мешавем, ки дар шароити душвору мураккаб ба мисли зимистони қаҳратуни Сибиру Урал, бо ҳазорон умеду орзу меҳнат кардаанд. Ин меҳнати софдилонаю содиқона саҳмгузории онҳо дар ғалаба бар фашизм аст, ки муаллиф образҳои онҳоро хеле мӯътамад ва боварибахш нишон додааст. Ориф Олимов роҳбари ҳарбист, вале бо фазилатҳои баланди инсониаш фарқ мекунад. Муносибати содда ва поки

инсонӣ хати ибрати ӯро ба зердастонаш устувор медорад ва онҳое, ки ҳамроҳи ӯ кор мекунанд, сахт эҳтиромаш мекунанд.

Муҳаммадҷон Шукуров яке аз камбудиҳои асосии романро дар «ҳикояпардозӣ»-и «аз ҷанбаи тасвиргарӣ маҳрум» будани он дониста, таъкид мекунад, ки ин усули нигориш «ба ахборгӯӣ наздик аст ва азбаски ба нақли шитобкорона такя дорад, ҷузъиёти пургунҷоиш, нишонаҳои конкрети ҳолату вазъият ва шароиту манзараҳои зиндагиро фаро намегирад. Дар натиҷа нависанда имкон намеёбад, ки моҳияти ботинии ҳодисаҳо ва мазмуни конкрети ҳаёти ҳастии инсонро амиқан намоён кунад. Дар бисёр мавридҳо кашолгапӣ чизи асосиро фурӯ мебарад, боиси гум шудани муҳаррики асосии сужет мегардад. Воқеаи бисёре нақл мешавад, аммо ҳодисае рӯй намедиҳад, дар сужет дар характери одамон дигаргуние ба вуҷуд намеояд» (117,389).

«Пахта ва гул» охирин қиссаи нависандаи фақид Фотеҳ Ниёзӣ мебошад, ки муаллиф дар мавзӯи ҳимояи муҳити зист ва табиати зинда навишт. Дар қисса муаллиф муаммоҳои зиёдеро, ки муносибати саҳлангорона ба муҳит эҷод кардааст, ба миён мегузорад ва дар ҳалли бадеии онҳо кӯшиш мекунад. Аз ҷумлаи муаммоҳое, ки дар қисса фаро гирифта шудааст, муносибати яктарафа, кӯтоҳандешона ва хушку шахшудаи роҳбарон ба муҳити зист мебошад, ки табиатро ба ҳолати фалокатборе овардааст. Дар қисса фикре талқин мешавад, ки зуроварӣ бар табиат зӯроварӣ бар зоти инсон аст. Яъне мо ҳар қадар табиатро маҷрӯҳ кунем, ҳамон қадар насламонро маҷрӯҳтар ва ояндаамонро тиратар месозем.

Мирсаид Миршакар

(1912-1993)

Мирсаид Миршакар насли ба истилоҳ комсомоли адабиёти навини тоҷик аст, ки дар мактаби идеологияи шӯравӣ таълим ва тарбият гирифта, ғояҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замонаашро бо қатъияти тамом ҳимоя ва ба василаи осораш таблиғ кардааст. Ин сиёсатгаротарин адиби

тоҷик 5-уми майи соли 1912 дар деҳаи Сидневи ноҳияи Шуғнони вилояти худмухтори Бадахшони ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Нахуст дар яке аз аввалин мактабҳои шӯравии Бадахшон таҳсил карда, баъд омӯзишашро дар мактаб-интернати Хоруғ идома додааст.

Дар соли 1930 дар Душанбе мактаби ҳизбиро ба итмом расонда, дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» фаъолият мекунад. Соли 1932 ба сохтмони водии Вахш ҷалб мешавад ва дар як вақт рӯзномаи «Зарбдори сохтмони Вахш»-ро таҳрир ва нашр мекунад. Дар тӯли солҳои фаъолияташ дар вазифаҳои гуногун кор кардааст.

Фаъолияти ӯ дар оғоз дар ду ҷабҳа, яъне шоирию рӯзноманигорӣ давом ёфта, аввалин шеърҳояш дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба чоп расидаанд. Ҳангоми кор дар сохтмони водии Вахш достони «Ливои зафар»-ро менависад. Ин достонро шоир «аввалин барори эҷодии» (Мирсаид Миршакар. Куллиёт иборат аз се ҷилд. Ҷилди сеюм, китоби 1.- Душанбе: нашриёти «Ирфон», 1973, с. 351) худ медонад ва менависад: «Дар адабиёти тоҷик барои офаридани достон дар бораи синфи коргар, дар бораи ташаккули шахсият ва рӯҳияи одамон, дар рафти меҳнати эҷодкоронаи коллективӣ аввалин кӯшиш буд» (Мирсаид Миршакар. Ҳамон ҷо, с. 351).

Шоир дар ин достон саъй карда буд, ки ҷойгоҳ ва нақши ғояҳои пешрави ҳаётро дар қисмати одамон ва пешрафту ободии мулк нишон диҳад, ки ба ин кор муваффақ ҳам шуда буд.

Соли 1939 аввалин маҷмӯаи шеърҳои ӯ бо номи «Баҳори ҷавонӣ» нашр мешавад, ки фаъолияти ӯро дар солҳои сиюм дар бар мегирад. Шеърҳои ин маҷмӯа аз назари мавзӯъ гуногун буда, масъалаҳои азнавсозии ҳаёти деҳот, сулҳу ҷанг, мавзӯъҳои байналмиллалӣ ва ишқу муҳаббатро фаро мегирифтанд.

Дар охири солҳои сиюм иншои осор барои наврасон дар эҷодиёти шоир мавқеи муҳим пайдо мекунанд. Соли 1939 достони бачагонаи «Мо аз Помир омадем» нашр мешавад. Соли 1940 яке паси дигар маҷмӯаҳои «Сагча», «Маймуни хандаовар», «Дар ҷангал» ва «Посбон» ба чоп

мерасанд. Як сол баъд китоби дигари ӯ бо номи «Сурудҳо барои Октябр» чоп мешавад.

Мирсаид Миршакар солҳои ҷанги ҷаҳонии дувум низ ашъори зиёде барои бачагон навиштааст. Маҷмӯаҳои «Суруди мо ва кори мо» (1942), достони «Федка» (1942), «Қаҳрамон мешавем», «Қасосгирони ҷавон» (1943) ва «Сурудҳои ҷангӣ» (1944) маҳз дар ҳамин давра нашр шудаанд.

Дар соли 1942 яке аз достонҳои калонҳаҷми шоир «Қишлоқи тилоӣ» ба чоп мерасад. Сипас хонанда паси ҳам достонҳои дигари ӯ, аз ҷумла «Панҷи ноором», «Дашти лаванд», «Одами офаридгор», «Ишқи духтари кӯҳсор», «Варақҳои муҳаббат», «Исёни хирад» ва ғайраро ба даст мегирад.

Мирсаид Миршакар муаллифи песаҳои «Хушбахтии шумо-хушбахтии ман» (1966), «Байрақи мактаб» (1969), «Роҳи падарон» (1974), «Гулҳои кӯҳӣ» (1980), «Ишқи духтари кӯҳсор» (1981), «Фарзандони ватан» (1982) мебошад.

Мавқеи Мирсаид Миршакарро дар таърихи адабиёти навини тоҷик асосан осори манзуми ӯ муайян мекунад. Аз рӯи мазмуну мӯҳтаво ва дараҷаи шеърият фаъолияти эҷодии ӯро метавон ба ду давра тақсим кард. Давраи аввал аз солҳои сиюм сар шуда, то солҳои ҳафтод идома ёфтааст. Дар ин марҳилаи эҷодиёташ шоир асосан мутаваҷҷеҳи воқеияти ҳаёти ҷамеаи нави шӯравӣ будааст ва дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар шеъраш таҷассум намудааст: «Ҳаёти нав дар муборизаи сохти синфӣ собитқадамона ба худ мавқеъ пайдо мекард ва торафт фирӯз мешуд…Деҳқонон-«калтакдорони сурх» барои муҳофизати музаффариятҳои ҳаёти нав ба по хестанд. Онҳо бо сурудҳои Айнӣ, Лоҳутӣ ба майдони мубориза мебароянд. Ҳамин тавр, шеъру суруд барои барқарор кардани асосҳои зиндагии нав… аслиҳаи буррои мубориза гардид. Ман ҳам кам-кам дар назм қувваозмоӣ мекардам…» (Мирсаид Миршакар. Куллиёт иборат аз се ҷилд. Ҷилди сеюм, китоби 1,- Душанбе: «Ирфон», 1973, с. 349).

Дар матни воқеияти ҳаёти иҷтимоӣ ва адабӣ, чунонки шоир таъкид мекунад, адабиёт, аз ҷумла шеър асосан вазифаи таблиғотӣ дошт ва Миршакар низ ба воситаи шеъраш ҳаёти навро тавсиф менамуд. Ҳамчунин воқеияти сиёсии он рӯзгорро дар шеъраш инъикос мекард. Дар матни муборизаи сиёсии он солҳо шоир шеъри «Билети хунин»-ро эҷод кард, ки ба иқрори худаш «аз рӯи воқеаи ҳақиқӣ» (М. Миршакар. Ҳамон асар, с. 850) навишта шудааст. Дар ин шеър дар бораи аз тарафи кулакҳо кушта шудани раиси колхоз сухан меравад. Ҳамчунин дар нахустин шеърҳои «Душманро кун торумор», «Эй комсомолон» ва ғайра, ки шиормонанд буданд, шоир дар бораи озодии занону духтарон, мактабу маориф, муборизаи наву кӯҳна сухан кардааст. Шоири он вақт ҷавон кӯшидааст, ки ба адабиёт қаҳрамони нав, одамони ҳамзамони худро дохил кунад. Дар ин замина вай мисли дигар ҳамқаламонаш Мирзо Турсунзода, М. Раҳимӣ, Абдусалом Деҳотӣ ва дигарон навҷӯиро дар тағйири шаклҳои шеър, аз ҷумла ғазал, рубоӣ, мухаммас дида, қофиябандии суннатиро дигар мекард. Бо ин амал, чунонки худаш мегӯяд, «шеърро бо оҳанги гуфтугӯӣ наздиктар» мекард. Дар эҷодиёти ин давраи ӯ мисли дигар шоирони ҳамзамонаш «шаклҳои нави очерки манзум, репортаж, шеър-шиор, шеърҳои ҳаҷвӣ, фелетон ва ғайра пайдо шуданд».

Мирсаид Миршакар нуқсони аслии шеърҳои ин даврароро зикр карда, эҷодиёти худро низ аз он эмин надонистааст. Вай менависад: «Аммо шеърҳои он солҳо ду нуқсон доштанд: яке суханпардозии аз ҳад зиёду тумтароқ, дигаре таъсири образҳои обшуста ва қолабҳои бисёр такроршудаи назми шарқ, ки мо, навқаламон, аз он ба зудӣ озод шуда наметавонистем» (М. Миршакар. Ҳамон ҷо, с. 850).

Дар матни воқеияти ин давра шоир асосан ба эҷоди осори иҷтимоӣ, гражданӣ ва сиёсӣ пардохта, дар бораи чеҳраҳои мондагори он замон шеъру достонҳо гуфтааст ва воқеияти он рӯзгор, бунёди иншоотҳои нав, азхудкунии заминҳои бекорхобида, масъалаҳои таълиму тарбия ва пархошҳои табақаҳои ба ҳам зидро дар осори манзумаш

инъикос кардааст. Дар мавзӯи бунёдкориҳои он давра шоир соли 1934 достони «Ливои зафар»-ро менависад. Ин достон дар адабиёти тоҷик аввалин кӯшиш барои офаридани достон дар бораи синфи коргар, дар бораи саноатикунонии мамлакат, дар хусуси ташаккули шахсият ва рӯҳияи одамон, оид ба меҳнати дастаҷамъии мардум дар роҳи бунёди ҷомеаи нав буд.

Чунонки аз достон бармеояд, ғояи асосии он, ки бунёдкорист, кӯҳна намешавад. Вале обуранги сиёсӣ ва синфие, ки ба воқеият дода шудааст, ба эътирофи худи шоир асарро мавсимӣ карда, моҳияти бадеию иҷтимоии онро то ҷое костааст. Шояд ба ҳамин далел шоир ин достонро дар маҷмӯаи «Ашъори мунтахаб»-аш ҷой надодааст.

Достони дигаре, ки Мирсаид Миршакар дар солҳои аввали ҷанги ҷаҳонӣ (1941-1942) эҷод кадааст ва миёни хонандагон маҳбубият пайдо кард, «Қишлоқи тилоӣ» мебошад.

Ин достон, ба эътирофи шоир, дар асоси афсонаи помирӣ навишта шудааст. Шоир ёддошт медиҳад, ки «ман аз овони хурдӣ аз модаркалон ва модарам бисёр афсона, қиссаю сурудҳои Помирро шунида будам, баъди ин ба омӯхтани онҳо ҷиддитар ва бештар машғул шудам. Барои достони «Қишлоқи тилоӣ», ки дар арафаи ҷанг навишта будам, афсонаи помирӣ дар бораи қишлоқи саодатманде, ки гӯё дар паси кадом кӯҳи дуре воқеъ будааст, ҳамчун асос хизмат кард. Қишлоқе, ки дар афсона тасвир мешавад, биҳишти ҳақиқии рӯи замин аст, ки дар он инсон озоду обод зиндагӣ ва меҳнат мекунад, биҳиштест, ки одамон асрҳо меҷӯяндаш. Ғояи ин афсона дар достон на ҳамчун орзу, балки ҳамчун воқеият тасвир шудааст». (М. Миршакар. Ҳамонҷо, с. 353).

Дар достон ҳикоя аз забони пирамарди кӯҳансоле меравад, ки дар ҷустуҷӯи қишлоқи тилоӣ бисёр роҳҳо ва кишварҳоро тай мекунад, ҷавон буд, пир мешавад, вале қишлоқи бахтро намеёбад, ноумед гашта, аз сафар бармегардад. Ногаҳон мебинад, ки дар наздаш қишлоқи тилоӣ деҳаи худи ӯст, дар муддати солҳои зиёде, ки ӯ дар паси кӯҳҳо қишлоқи

афсонавиро меҷуст, ин деҳа обод шуда, мардум зиндагии хушбахтонае ба сар мебаранд.

Достони «Қишлоқи тиллоӣ» бо забони фасеҳ навишта шуда, муаллиф дар тарзи нигориш аз адабиёти шифоҳӣ баҳра бурдааст. Ғояи иҷтимоии асар дар шинохти ҳақиқати зиндагӣ ва моҳияту ҳадафҳои он ба хонанда ёрӣ расонда, ӯро дар рӯҳи ватандӯстӣ ва ободгарӣ тарбия мекунад.

Соли 1982 Мирсаид Миршакар осори баргузидаашро дар як ҷилд нашр карда, аз он бисёре аз шеърҳо ва достонҳои дар солҳои гуногун эҷод кардаашро берун андохтааст. Омили чунин тағйир ёфтани диди бадеии шоир, аввалан фазои сиёсӣ ва адабии ибтидои солҳои ҳаштод бошад, дигар ин аст, ки Мирсаид Миршакар бо нашри осори Муҳаммад Иқбол, бешак зери таъсири ин шоири бузург қарор гирифта буд. Ҳатто дар шеъраш на фақат Иқболро васф кард, балки ба тарзи эҷоди ӯ пайравӣ ҳам намуд. Қитъаҳои фалсафие, ки дар солҳои ҳаштод навишт, истиқбол аз шеъри он шоири форсигӯ буд.

Дар мунтахабе, ки зикр кардем, шоир достонҳои «Қишлоқи тилоӣ», «Одамон аз Боми Ҷаҳон», «Панҷи ноором», «Дашти лаванд», «Одами офаридгор», «Ишқи духтари кӯҳсор», «Варақаҳои муҳаббат», «Исёни хирад» ва ғайра ҷой додааст.

Дар заминаи осори шоир метавон ба чунин хулоса омад, ки ҳадафи аслии шоир аз эҷод тасвири симои инсонест, ки барои ба даст овардани идеали худ амал мекунад, дигаронро ҳам ба сӯи он даъват менамояд ва аз нерӯи созандаи худ ифтихор мекунад. Аз ин ҷиҳат достонҳову шеърҳои ӯ саршор аз оҳанги публитсистанд. Чунончи:

Зиндагиро ту зинадгӣ кардӣ,
Ҳусни дигар ту дода бар олам,
Байрақи пурифтихори дунёӣ,
Эй худованди олам, эй Одам!

Ҳамин хусусияти созандагии одам, ки бо номҳо ва чеҳраҳои ботинию зоҳирии гуногун дар осори ӯ зуҳур мекунад, дар аксари

достонҳои шоир мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст. Дар достонҳои «Ливои зафар» ва «Қишлоқи тилоӣ», ки аз аввалин асарҳои калонҳаҷми офаридаи шоир мебошанд, ки фазилати офарандагии инсон, ки ҳадафи аслиаш ободии мулк ва осудагии мардум аст, муҷассам шудааст. Дар достони дигари ӯ «Одамон аз Боми Ҷаҳон» низ «ҷонфидоӣ, дӯстиву ҳиммат»-и ҳамин гуна инсон васф шудааст. Барои сарнавишт ва моҳияти замонро дар назари хонанда таҷассум кунонидан шоир бар достон ба таърих рӯ меоварад. Заминаҳои бадбахтиву нотавониҳои инсони пойбанди занҷири зулму истибдодро тасвир мекунад ва моҳияти замон ва арзишҳои иҷтимоиву ахлоқии онро ба қалам медиҳад. Дар ин замина пораҳои зер хулосаи тавсифии ӯ буда, моҳияти дидгоҳи иҷтимоияшро ошкор мекунад:

Қадри озодию ватандорӣ
Пеши он кас зиёдааст писанд,
Ки ғуломӣ дидаву беватанӣ,
Дар ба дар буду нонгадо, фарзанд.
Он манастам, ки нисфи умри ман
Сарф шуд дар ғарибии пурғам,
Он манастам, ки дар фироқи Ватан
Ашки хунини хеш резондам.
Рӯзу шаб фахр карда меболам,
Ки чунин соҳиби Ватан ҳастам,
Ба Ватан, гарчи ман калонсолам,
Медиҳам, ҳарчи ояд аз дастам.

Ин достони шоир низ дар даврони ҷанги ҷаҳонии дувум навишта шудааст. Бинобар ин ҳам ба тақозои талаби вақт шоир бештар ба тафсири публитсистии нерӯи коргарӣ пардохта, бо ин ормонҳои ватанхоҳии одамони ақибгоҳро самимона ба қалам додааст.

Хусусияти асосии достонҳои индавраинаи Мирсаид Миршакарро асоси лирикии публитсистӣ ташкил медиҳад. Шоир дар ин достонҳо ба ифодаи ҳиссу ҳаяҷони қаҳрамононаш бештар эътибор медиҳад. Аз

достони «Панҷи ноором» сар карда, маҳорати эҷодии Миршакар дар шинохт ва тасвири воқеият то ҷое таҳаввул пайдо мекунад. Ин таҳаввул ба раванди дигаргуниҳои шаклию мундариҷавие, ки дар адабиёти навини тоҷик ба вуҷуд омад, низ вобаста мебошад. Дар ин жанр чун дар як қатор жанрҳои дигари адабиёт майли нишон додани мураккабии воқеаҳои зиндагӣ, мураккабии характери инсон, мавқеи шахс дар ҳаёт ва таърих, дохил шудан ба олами ботинии ӯ хеле қувват гирифт, мубориза бо шаклпарастӣ, тасвири рӯякӣ ва умумӣ, нақли умумии воқеаҳо қавитар шуд.

Дар достонҳои индавраинаи Миршакар низ чунин тағйиру таҳаввуле ба назар мерасад. Ҷои нақл ва тасвири манзараҳои умумиро таҳлил ва таҳқиқи хӯю хислати шахсиятҳо ишғол менамояд. Тасвири тақдири умумии халқ, қисмати таърихии оммаи мардум, бештар ба воситаи тасвири сарнавишти шахс, ҷойгоҳи ӯ дар байни омма, масъулияти шахс дар назди халқ ва ҷомеа ба амал оварда мешавад.

Дар достони «Қишлоқи тилоӣ» шоир сарнавишти пирамардеро ба тасвир мегирад, ки дар орзуи ҳаёти хуш дур аз Ватан сарсону саргардон буданд. Падари Шарифҷон намоди сарнавишти инсонҳои замони ҷабру бедод аст.

Дар достони «Панҷи ноором», ки охири солҳои чилум навишта шудааст, низ хусусияти фардии қаҳрамонон мушоҳида намешавад. Дар ин достон дар партави назари қаҳрамони лирикӣ манзараҳои умумии зиндагии халқ ва пешрафту комёбиҳои он дар шароити нави сиёсву иҷтимоӣ ҷилвагар мешавад.

Таҳаввулоте, ки ибтидои солҳои шаст дар адабиёти навини тоҷик ба вуҷуд омад, ба фаъолияти Мирсаид Миршакар низ бетаъсир набуд. Шоир ба инъикоси ҳақиқати зиндагӣ рӯ оварда, тақдири шахсро дақиқназарона дар назар гирифт ва дар ин замина тавонист, ки дар баъзе достонҳояш масъалаҳои маънавию ахлоқиро ба миён гузорад. Миршакар дар роҳи ҳал кардани мушкилоти ахлоқи иҷтимоӣ ва

тазодҳои эҳсосоти одамӣ ба муваффақиятҳое даст ёфт. Аз ин нуктаи назар, достони «Ишқи духтари кӯҳсор» қобили мулоҳиза аст.

Мавзӯи ин достон, ки ба масъалаи маънавиёту ахлоқи инсонӣ марбут аст, сужети достон, ки дар зиддиятҳои маънавӣ асос ёфтааст ва қаҳрамонҳои он, ки муаллиф дар тасвири онҳо, пеш аз ҳама, ҳаёти рӯҳии инсонро дар назар дорад, аз муаллиф иншои шеъри саршори ҳаяҷону изтиробро тақозо кардааст. Достон аз шиддати азоби рӯҳӣ, низои ҳиссиётҳо, рӯ ба рӯ шудани қисматҳои инсонӣ оғоз меёбад.

Қаҳрамонони достон Маҳтоб, Занҷир ва Гулрӯз бо ҳамдигар дӯстанд. Муаллиф дар бораи омили аслии дӯстии ин се нафар чизе намегӯяд. Барои ӯ муҳим он аст, ки хӯю хислати инсон дар шароити муайяни зиндагӣ чӣ гуна зоҳир мешавад. Занҷир ва Гулрӯз Маҳтобро дӯст медоранд. Маҳтоб ҳам бо Занҷир ва ҳам бо Гулрӯз аҳди дӯстӣ дорад. Вале нисбат ба Гулрӯз дар дилаш эҳсосот ва самимияти хос дорад. Дар достон таваҷҷӯҳи бештари шоир ба кашфи хислат, рӯҳия ва эҳсосоти наҷиби Маҳтоб равона шудааст. Саҳифаҳое, ки шоир ба тасвири ҳиссу ҳаяҷон, лаззати ишқу дидор, интизорию умедвориҳо ва маъюсию ноумедиҳои Маҳтоб бахшида шудаанд, беҳтарин саҳифаҳои достонанд. Тасвири ҳолати рӯҳии инсон ба достон рӯҳи лирикӣ бахшидааст.

Номуродӣ дар кӯи ишқ барои Маҳтоб фоҷиа буд. Баъди он, ки зан гирифтани Гулрӯзро фаҳмид, як дақиқа ҳам рӯҳаш ва қалбаш иҷозат намедод, ки дар деҳа бимонад. Ӯ бо ҳукм ва ҳидояти ишқ ба деҳ омада буд ва бо хости тақдир бояд аз он ҷо биравад. Вале ӯ дар ин ҷо аввалин бор ҳис кард, ки ба одамон даркор аст. Ин ҷо хоҳиши шахсию манфиати ҷомеа ба ҳам гиреҳ мехӯрд. Маҳтоб мебоист якеро интихоб кунад. Дар ин вазъи душвори равонӣ назари васеъ ва моҳиятҷӯи вай, имкон дод, ки тасмими дуруст гирад. Вай медонист, ки мақсади ҳаёти инсон фақат аз хушбахтии шахсӣ иборат нест. Агар хушбахтии инсон фақат аз муҳаббат моя мегирифт, он гоҳ зиндагӣ ба биёбони тирае табдил меёфт, ки барои зист ва идомаи ҳаёт мувофиқ намешуд. Барои Маҳтоб ба ҷуз дунёи дил

дунёи бузурги дигаре вуҷуд дошт, ки ӯро ба оянда дилгарм месохт ва аз вартаи нобудӣ берун мекашид.

Қаҳрамони достон ҳамин ҳақиқати зиндагиро комилан дарк кард. Тасвири низои ботинӣ, тазодҳое, ки вуҷуди Моҳтобро такон медоданд, азобҳои рӯҳии ӯ, андеша ва ормонҳояш хеле ҳам дақиқ анҷом гирифтаанд. Шоир ҳақиқатеро ҳамчун дарс риоя кардааст, ки агар одам ба дигарон лозим буданашро донад, он гоҳ ҷойгоҳи худро низ мешиносад. Ин фикр барои Маҳтоб умеди зиндагист. Ин унсури оҳанги ҳаётдӯстона достонро тақвият бахшидааст:

Ту инсони ҳақиқии замонӣ,
Туро гар халқ нури дидагон хонд,
Ту ҳам эҷодкори навҷаҳонӣ,
Барои духтари оддии тоҷик
Аз ин болотару беҳтар шараф чист?

Ҳамин диди воқеиятписанд ва маъниофар дар достонҳои дигари шоир «Варақаҳои муҳаббат» ва «Исёни хирад» тақвият ёфтааст. Дар достони аввал шоир воқеаи ҳаётиро асоси сужет қарор медиҳад. Корномаи лиётчикдухтари тоҷик Ойгул Муҳаммадҷонова дар ҷанги ҷаҳонии дувум дар симои қаҳрамони асар Гулшод тасвир шудааст. Тасвири воқеиятро дар ин достон Мӯъмин Қаноат зинда, ҳаётӣ ва боварибахш номида буд.

Сужети достон аз ду хат иборат аст: яке хатти ҷанг, ки Гулшод дар он иштироки фаъолона дорад, дигаре қиссаи пурсӯзи муҳаббати ӯ бо Рустам. Дар тасвири шоиронаи Миршакар ҳарчанд қаҳрамони достон дар ҷанг шаҳид шуда бошад ҳам, корнома ва рӯҳи бешикасти ӯ дар ёди наслҳо боқист. Гулшод дар яке аз парвозҳои ҷангӣ қаҳрамонона ҳалок мешавад. Вале ёди ин духтари шуҷоъро Рустам- ошиқи зору нокоми ӯ ва ормонҳои ватандории наслҳо зинда медорад. Ғояи достон ҷовидонагии номи онҳоеро, ки барои осоиши мардум умри хешро фидо кардаанд, таъкид мекунад. Шоир давоми зиндагии Гулшодро «дар нигоҳи духтарони бахтиёр, дар табассумҳои тифлони диёр, дар суруди

чашмаҳои беқарор, бар рухи гулҳои хушранги баҳор» дида, хонандаро ба ҷовидии кору ному шарофати инсонии ӯ бовар мекунонад.

Достони «Исёни хирад», ки охири солҳои ҳафтод таълиф шудааст, як навъ таҷрибаи достоннависии Миршакарро ҷамъбаст мекунад. Ин асар аз муқаддима, ду қисм ва анҷом иборат буда, сухани ифтихоромези шоир аз таърих, ифтихороти таърихӣ ва мояи ифтихори миллат-бузургони он мебошад.

Мирсаид Миршакар сарнавишти таърихии шоири бузург Носири Хусравро тасвир карда, нақш ва ҷойгоҳи ӯро дар таърихи адабу фарҳанги мо бо тасвири бадеии пурбор нишон медиҳад. Аз ин ҷиҳат «Исёни хирад» достони таърихӣ буда, фоҷиаи сарнавишти шоири бузург дар матни замони зиндагӣ тасвир ва арзёбӣ мешавад. Шоир дар достон бештар ба тасвири чеҳраи маънавии Носири Хусрав таваҷҷӯҳ карда, бо ин усул моҳияти назари ахлоқии ин ҳакими бузургро барои хонандаи замони мо равшан мекунад.

Мирсаи Миршакар дар достон фоҷиаи асосии зиндагии шоирро, ки мутаассибон ба роҳ андохта, боиси ҳичрататаш ба Бадахшон шуда буданд, дар заминаи воқеияти сарнавишти ҳаким тасвир кардааст. Мухолифате, ки мутаассибон дар Балх бо шоир ва андешаи пешрави ӯ доштанд, дар ин гӯшаи кӯҳистон низ дар сурати афроди ҷоҳили дигар Носирро озор медиҳад. Бо ин тасвир шоир ғояи мухолифати ҳамешагии ақлу ҷаҳлро пеш мегузорад ва заминаи харобии маънавиёти инсонҳоро нишон медиҳад. Аз сарнавишти шоири бузург, ки дар достон тасвир шудааст, метавон чунин натиҷа гирифт, ки худи Носири Хусрав гуфтааст:

Дарахти ту гар бори дониш бигирад,
Ба зер оварӣ чархи нилуфариро.

Чунонки ишора кардем, давраи дувуми эҷодиёти Миршакар таҳаввулоти шаклӣ ва мундариҷавӣ дар пай дошт, ки аз солҳои ҳаштод ағоз ёфта, то охири умраш идома ёфтааст. Дар ин равиш, дастовардҳои назаррасе дорад.

Тасвири воқеият ва сарнавишти инсон дар шеърҳои ин давраи ӯ бештар хусусияти фалсафию рамзӣ дошта, образи инсони ҷомеъ ба назар меояд. Ин тарзи тасвир ба шоир имкон додааст, ки инсонро дар ҳар вазъ ва замон мавриди тасвир қарор диҳад. Шоир ба ин тарз табиати нек, зиндагидӯстӣ ва зебоофаринии инсонро собит мекунад. Дар ин гуна шеърҳо инсон холиқи ҳастии худ, мубориз ва зиндагисоз аст:

Ман одамаму ғурур дорам, лекин
Мағрур наям, ки даҳр фармонбари ман.
Як ҷаъбаи устухонаму косаи хун,
Дар сина ниҳон дили умедофари ман.
Муштоқи ҳаётаму сарояндаи ишқ,
Пур аз маи орзу бувад соғари ман.
То зинда манам, талош дорам, ки шаванд
Ин Моҳу Ситораю Фалак чокари ман.
Бигзор, ки чокарам бихонад паси марг
Мӯре, ки шавад рӯзии ӯ пайкари ман.

Мирсаид Миршакар аз ин фаротар рафта, дар мавзӯи одам ва одамгарӣ, дар боби нақши инсони офаридгор дар ҷомеаи инсонӣ шеъру қитъаҳои зиёде эҷод кардааст. Ин сурудаҳои шоир, чун қитъае, ё порае аз достони умри ӯ ва рӯзгоронаш ба гӯши ҳамзамонон мерасанд. Шеъри «Ҷунбиши гаҳвора» дар образи ҷунбиши гаҳвораи падар ва фарзанд сохта шудааст ва рамзи пешрафти зиндагиву замон аст. Шеърҳои «Сарчашмаи илҳоми ман», «Пир гаштам», «Рӯзҳо», «Ману ту», «Ҷавонони Тоҷикистон» низ дар ҳамин консепсияи фалсафӣ сохта шудаанд. Шоир аз як боздиди ҷузъӣ хулосаҳои куллии иҷтимоӣ мебарорад ва ин арзиши тарбиявии шеърро меафзояд.

Дар шеърҳои шоир баробари офарида шудани симои инсони ҷомеъ, ки оид ба масъалаҳои умумибашарӣ ва ҷовидонӣ, аз ҷумла инсон ва марг ва ғайра андеша мекунад, боз образи инсоне, ки ба шахси шоир ниҳоят наздик буда, қариб тарҷумаи аҳволи ӯро дар худ инъикос менамояд, вуҷуд дорад. Дар шеърҳои «Нигоҳам дӯхта ба оянда», «Тай

намудем роҳи бисёре» ҷузъиёти ҳаёти шахсии шоир ба шеър ворид шуда, асоси воқеӣ ва ҳаётии онро пурқувват менамояд. Қитъаи поён таҷассумгари ҳастии инсонӣ ва шоирии муаллифи шеър ва қаҳрамони лирикии ӯст:

Одами одиям!
Шунав одам,
Баҳри бахту саодат шабу рӯз,
Ҳар чи омад, зи дасту ман кардам…
Пир гаштам,
Намехӯрам афсӯс,
Ки ҷавонии хеш бахшидам.
Ба диёрам, ки ӯ ҷавон гардад,
Ташналаб будаму бикӯшидам,
Об дар ҷӯи ӯ равон гардад.

Солҳои охири умраш Миршакар зери таъсири Муҳаммад Иқбол қитъаҳое суруд, ки андешаҳои ӯро дар бораи зиндагӣ ва масъалаҳои ҳаётии инсон ифода мекунанд. Баъзе аз ин шеърҳо чун ҳикмати зиндагӣ садо медиҳанд ва арзиши ахлоқию бадеӣ доранд. Аз ҷумла шоир зери унвони «Зиндагӣ ва орзу» байти ҳикматноки зерро меоварад:

Зиндагӣ бе орзу ширин набуд,
Зиндагиро орзу ширин намуд.

Ё худ таҳти унвони «Орзуву ишқу умед» ин пораи шеърро нақл мекунад:

Зиндагӣ ранҷ дораду роҳат,
Зиндагӣ бебаҳотарин гуҳарест!
Лек бе орзуву ишқу умед
Зиндагӣ чун дарахти бесамарест.

Мирсаид Миршакар аз шоиронест, ки шеъраш фарозу фуруди замонашро дар худ ҳифз намудааст. Аз ин мавқеъ, девони зиндагӣ ва осори ӯ ҳарфҳое дорад, ки аз он метавон баҳра бурд ва чизҳое низ дорад, ки беҳтар аст, ки фурӯ гузошт. Дар ҳар сурат ӯ аз чеҳраҳои мондагори

таърихи адабиёти навини тоҷикӣ буда, ҳикмати осораш барои наслҳо маърифатомӯз ва арзишманд боқӣ хоҳад монд.

Абдусалом Деҳотӣ

(1911-1962)

Шоир, нависанда ва драмнависи тоҷик Абдусалом Пирмуҳаммадзода Деҳотӣ моҳи марти соли 1911 дар яке аз боғистонҳои атрофи шаҳри Самарқанд - маҳаллаи Боғи Майдон дар хонаводаи косиб ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёна ва Донишкадаи омӯзгории Самарқанд дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик»), шӯъбаи самарқандии Нашриёти давлатии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Соли 1935 ба Душанбе омадааст ва дар маҷаллаҳои «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Шарқи сурх» ва баъдтар дар вазифаҳои котиби Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, мудири шӯъба ва сармуҳаррири нашриёти давлатии Тоҷикистон ифои вазифа намудааст. Солҳои охири ҳаёташ дар вазифаҳои мудири шӯъбаи тарҷумаи Институти таърих, забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи фанҳои Тоҷикистон кор кардааст.

Абдусалом Деҳотӣ аз ибтидои солҳои сиюм ба фаъолияти адабӣ ва рӯзноманигорӣ шурӯъ карда, аввалин хабару мақолаҳояш дар рӯзномаи даврии «Партави дониш» ва «Нури сурх» чоп шудаанд.

Вай фаъолияти адабиашро бо навиштани шеър шурӯъ карда, нахустин шеърҳояш охири солҳои сиюм ба чоп расидаанд. Вале нахустин асари бадеие, ки номи муаллифашро миёни хонандагон маҳбуб кард, ҳикояи «Ҳамидаи сиёҳбахт» мебошад, ки соли 1929 дар шумораи аввали маҷаллаи «Раҳбари дониш» чоп шуда, ба фаъолияти босамари адабии ӯ оғоз ниҳод.

Абдусалом Деҳотӣ аз соли 1929 то охири солҳои сиюм осорашро дар матбуот бо имзоҳои Пирмуҳаммадзода, Навқалам, Ҳардамхаёл ва Деҳотӣ ба табъ расонидааст. То соли сӣ Деҳотӣ имзои махфии адиб буда ва пас аз соли сӣ ин ном тахаллуси ӯ гардидааст.

Эҷодиёти ӯ дар охири солҳои сиюм ташаккул ёфт, ки ду марҳиларо дар бар мегирад. Марҳилаи аввал солҳои 1929-1934-ро фаро гирифта, давраи шогирдӣ ва ҷустуҷӯҳои эҷодӣ мебошад. Дар солҳои 1935-1941, ки марҳилаи дуюм аст, Деҳотӣ ҳамчун шоир ташаккул ёфта, ба арсаи адабиёт қадамҳои ҷиддӣ мегузорад.

Дар давраи аввал ӯ асосан ба эҷоди шеър, ҳикоя ва мақолаҳо машғул будааст. Шеърҳои дар ин давра эҷодкардааш дар маҷмӯаҳои «Меваи Октябр» ва «Таронаҳои меҳнат» чоп шудаанд.

Ҳарчанд аввалин эҷодҳои ин адиб ҳанӯз шогирдона буданд, бо вуҷуди ин онҳо бо хусусиятҳои хосашон мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтанд, ки дар ин радиф метавон аз манзумаи «Манзараҳои сегона» ёд кард. Чунонки худи Деҳотӣ эътироф кардааст, дар эҷоди ин асар то ҷое устод Айнӣ ва Лоҳутӣ ба ӯ раҳнамоӣ кардаанд.

Манзумаи «Манзараҳои сегона» аз се қисм иборат буда, ҳар як қисм шеъри комилро мемонад. Қисматҳои манзумаро мавзӯъ ва ғояи ягона ба ҳам пайванд медиҳанд. Дар ҳар се қисмат «баъзе лавҳаҳои ҳаёти дирӯза ва имрӯзаи Самарқанд, Сталинобод ва Фарғона» ба тасвир омадаанд. Дар қисми аввали асар шоир фаъолияти пиллакашони Самарқандро тасвир карда, нақли пирамардеро доир ба таърих меоварад.

Дар қисмати дуюми манзумаи «Манзараҳои сегона» гузаштаи пурфоҷеаи пойтахти тоҷикон-Сталинобод (Душанбеи имрӯза) ва даврони нави босаодати он ба тасвир омадааст. Қисми сеюми манзума ба тасвири гузашта ва имрӯзаи водии Фарғона ва муборизаи мардуми он барои озодӣ бахшида шудааст.

Ин манзума, ҳарчанд Деҳотӣ онро дар давраи дар ҳаёт буданаш аз маҷмӯаҳояш берун кардааст, яъне написандидааст («Садои Шарқ»,1976, № 5 с.112), ҳамчун ҳуҷҷати бадеӣ бо ғояи инсондӯстӣ, саъодатталабӣ ва ормонписандиаш имрӯз низ арзишманд мебошад. Ин асар аз ҷиҳати забон ва бадеъият низ қобили таваҷҷӯҳ аст.

Дар ин давраи эҷодиёташ Абдусалом Деҳотӣ як силсила асарҳои насрӣ низ менависад, ки ҷойгоҳи ӯро ҳамчун нависандаи тозакор ва тозаназар дар адабиёти тоҷик муайян мекунанд. Ҳикояҳои «Ҳамидаи сиёҳбахт», «Доғӣ фарзанд», «Қурбонии лайлатулқадр», «Аждаҳои чӯпонато», «Мактуби охирин», «Аҷинаҳо» ва «Одами охират» аз ҷумлаи асарҳои ҷолиби насрии ин марҳилаи эҷодиёти ӯ мебошанд.

Яке аз мавзӯъҳое, ки дар ин давра мавриди таваҷҷӯҳи адиб будааст, мавзӯи озодии занон мебошад. Дар ин замина ҳикояи «Ҳамидаи сиёҳбахт» аз ҷолибтарин таълифоти ӯст. Дар ин ҳикоя нависанда зиндагии пурмалолат, хориву зорӣ ва сияҳтолеъии ҳазорон зану духтари тоҷикро дар симои Ҳамида тасвир кардааст. Қисми аввали ҳикоя аз рӯзҳои сиёҳи ин духтари бечора нақл карда, нависанда дар қисми дуюми асар ба хушбахтӣ ва саодат расидани ӯро ба хонанда мужда медиҳад.

Муҳаққиқон таъсири повести «Одина»-и устод Айниро дар эҷоди ин ҳикоя эътироф кардаанд. Ба ифодаи дигар, Деҳотӣ дар вақти навиштани ин ҳикоя аз асари устод Айнӣ илҳом гирифтааст. Монандии образи ҳикояи Деҳотӣ Ҳамида ва Гулбибии устод Айнӣ, пеш аз ҳама дар сарнавишти шум ва муштараки онҳост, ки шароити иҷтимоӣ ба онҳо «ҳадя» кардааст. Ҳамида ҳам мисли Гулбибӣ ятим аст. Агар Гулбибӣ касе дошта бошад (модаркалонаш), Ҳамида бекас аст. Гулбибӣ дар ҷавонӣ қурбони ҷаҳолату бераҳмӣ мешавад, вале Ҳамида монеаҳоро аз миён бардошта, бо талошу устуворӣ бахту саодатро дар меёбад.

Ин ҳикояи Деҳотиро ҳеҷ гоҳ наметавон нусха ё худ тақлиди қиссаи устод Айнӣ донист. Мазмун, ғоя ва забони ҳикояи Деҳотӣ тарзи тасвири ӯ ва сифатҳои хоси образи Ҳамида мустақилияти ин асарро таъйид мекунанд.

Дигар аз ҳикояҳои Деҳотӣ «Аждаҳои Чӯпонато» ном дошта, асоси онро воқеаи ҳаётӣ ташкил медиҳад. Нависанда дар ҳикоя фаъолияти мактаби кӯҳнаро, ки усули таълимаш кӯҳнаву бесамар аст, ба тасвир мегирад. Дар ҳикоя нависанда унсурҳои хурофотро, ки ба таълим ва тарбияи пешрафта монеъ мешаванд, зери танқид мегирад.

Мавзӯи танқиди хурофот ва суннатҳое, ки ба пешрафти инсонҳо монеъ мешаванд, бисёре аз асарҳои индавраинаи Деҳотиро фаро гирифтаанд. Аз ҷумла нависанда дар ҳикояҳои «Қурбони лайлатулқадр», «Мактуби охирин» ва «Аҷинаҳо» эътиқодоти ба хурофот асос ёфтаи мардумро ҳавҷу накӯҳиш мекунад. Дар ин замина «Қурбонии лайлатулқадр» нахустин асари ҳаҷвии нависанда буда, дар он, аз як тараф, ҳарисии Қурбон Сарроф барин одамони манфихисол масхара шудаанд, аз тарафи дигар, даъвоҳои муллоҳои хурофотпарасту ҷоҳил фош гардидаанд.

Қаҳрамони асосии ҳикоя Қурбон Сарроф одами «Серҷоғ, кушодагӯй, бетакаллуф ва сару либосаш доимо чиркин ва бетартиб буд. Вай миёни сухани хурду калонро шартӣ бурида, худаш ба гап даромада рафтан мегирад. Дар пурхӯрӣ ба Қорӣ-Ишкамба баробар шуда натавонад ҳам, дар донистани роҳу пайраҳаҳои судхӯрӣ ва хасосат аз вай мондани надорад» (А. Деҳотӣ. Куллиёт. Иборат аз панҷ ҷилд, наср, ҷ. 3 с. 27).

Ин шахсият зоҳиран одами диндор ва мӯътақид аст. Ҳамин ки манфиатҳои молӣ пеш омад, ҳатто дину шариатро зери по мекунад. Ҳатто яке аз суннатҳои асосии ислом-намозро риоят намекард.

Дар тасвири нависанда ӯ фарди хасис, беимон, моҷароҷӯй ва ҷоҳпарасту молпараст аст.

Нависанда дар ҳикоя ба образи Қурбон Сарроф симои мусбати Собир-Сағиракро муқобил гузошта, ӯро чун инсони оқил, бадбини хурофот ва рӯҳониёни мутаассиб ба қалам додааст.

Ҳикояи «Мактуби охирин» ҳамчун яке аз беҳтарин ҳикояҳои ҳаҷвии Абдусалом Деҳотӣ эътироф шудааст. Дар ин ҳикоя нависанда боқимондаҳои дунёи кӯҳна-онҳоеро, ки аз номи дин расму оини зиёноварро таблиғ мекунанд, сахт масхара мекунад.

Чеҳраи асосии ин ҳикоя Эшони Султонхонтӯра буда, нависанда чеҳраи манфури ботинӣ ва зоҳирии ӯро чунин ба қалам додааст: «Қади симчӯб барин дарози қоқ, чоғҳои ба ҳам часпида, ранги ӯпка барин

кандагӣ ва риши тунуки аз дуди кӯкнорхона зардшудаи Эшон…» боиси хандахариш буда, симои маънавии ӯро низ хеле равшан таҷассум мекунад. Нависанда ба василаи ин образ макру фиреб ва бемаънавиятии диндорони зоҳирбинро амиқ нишон додааст.

Ин ҳикоя аз ҷиҳати забон ва воситаҳои тасвир низ ҷолиби диққат аст. Калима ва ибораҳои ифоданок, воситаҳои гирои тасвири бадеӣ, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ забони асар ва бофти бадеии онро ҷолиб кардаанд.

Дар ҳикояи дигари нависанда «Аҷинаҳо» низ найрангҳои аҳли дин фош шудааст. Воқеаи асар дар замони нав, яъне даврони Шӯравӣ ҷараён мегирад. Дар ҳикоя нависанда чеҳраи маънавии Раҳмоншайх, Нӯъмоншайх, Муллоқамбар ва Мутаваллӣ барин шахсиятҳои динии хурофотпарасту ҷоҳилро фош карда, онҳоро масхара мекунад. Дар ҳикоя образи Қодир, ки намояндаи насли нав аст, ба шайху муллоҳои манфиатҷӯ муқобил гузошта шудааст. Ҳикоя арзиши тарбиявӣ дошта, нависанда дар он маккорӣ ва ҳиллаву найрангҳои шайх, мулло, мутаваллӣ ва амсоли онҳоро бо камоли ҳунармандӣ фош менамоя д ва дар қалби ҳар инсони ҳақшинос нисбат ба ин тоифа нафрат ва адоват бедор мекунад.

Чунонки ба назар расид, дар марҳилаи аввали эҷодиёти адиб асосан ҳаҷв мавқеи муҳимро ишғол мекунад ва осори ҳаҷвиаш гувоҳи ташаккули ҳунари нависандагии ӯст.

Дар марҳилаи дуюм доираи мавзӯъ ва жанрҳои эҷодиёти нависанда васеъ мегардад. А. Деҳотӣ дар ин давра дар баробари эҷоди шеъру наср, осори драмавӣ низ меофарад.

Як хусусият эҷодиёти индавраинаи адиб аз он иборат аст, ки вай бештар ба эҷоди асарҳои манзуми лирикӣ гароиш пайдо мекунад. Дар ин равиш шеърҳои «Ба як даста бунафша», «Ба модар- ба Ватан», рубоиҳо, «Дар ҷавоби мактуби дилбар» ва «Хоби хуш»-ро меофарад, ки хусусиятҳои асосии лирикаи ӯро дар худ муҷассам сохтаанд. Шоир маҳз дар ҳамин давра ба таронаву суруднависӣ оғоз мекунад ва таронаву

сурудҳои «Мамлакати мо», «Дӯстӣ», «Машъали Қутби Шимол» ва ғайраро бо камоли ҳунар меофарад.

Аз осори насрии дар ин давра навиштаи ӯ метавон ҳикояи ҳаҷвии «Портфел»-ро зикр кард. Нависанда дар ин ҳикояи худ дар образи Мирюнус хислатҳои ноодамиро таҷассум мекунад, ки бо аъмоли ношоистаашон монеъи пешрафти ҷомеаи инсонӣ мешаванд.

Марҳилаи дуюми эҷодиёти Абдусалом Деҳотӣ бо он диққатангез аст, ки вай дар ҳамқаламӣ бо дигар шоирон як силсила асарҳо эҷод мекунад. Дар ин замина, аз иқдоми хушоянди ӯ оид ба таълифи либиреттои «Шӯриши Восеъ» бо ҳамқаламии Мирзо Турсунзода метавон ёд кард, ки маҳсули қалами онҳо моҳи октябри соли 1939, дар Театри академии опера ва балет ба саҳна гузошта мешавад. Ин асар вақеаи таърихии шӯриши Восеъ ва муборизаи заҳматкашонро баҳри озодӣ ва саодати зистан таҷассум мекунад.

Дар ин асар муаллифон як силсила образҳо, аз ҷумла Восеъ, Назир, Нозим, Гулъизор, Касир ва ғайраро офариданд, ки аксари онҳо шахсиятҳои воқеии таърихӣ мебошанд. Қаҳрамони марказии либретто Восеъ буда, муаллифон дар симои ӯ ормонҳои ватанхоҳӣ ва озодипарастии мардуми тоҷикро ифода кардаанд.

Абдусалом Деҳотӣ солҳои ҷанги ҷаҳонии дувум дар ақибгоҳ бо қалам бар зидди душман ҷангидааст ва дар осораш ғояҳои олии ватандӯстӣ ва инсонпарвариро ифода кардааст.

Боре Абдусалом Деҳотиро ба он айбдор мекунанд, ки «ҳамин мардак (Деҳотӣ-шарҳи мо) дар солҳои ҷанг ва баъди ҷанг кам навишт ва кам менависад» (А. Деҳотӣ. Нони халқамро муфт нахӯрдаам// «Садои Шарқ», 1976, №5, с. 110). Деҳотӣ ба ин сухан чунин ҷавоб гуфтааст: «дар солҳои ҷанг ман мухбирӣ кардам, мухбири «Тоҷикистон советӣ» будам. Рафта аз вилояти Ленинобод хабарҳо навишта меомадам, барои худам айб надошт. Кор кардам, он чизе ки тавонистам, навиштам… Баъди ҷанг ҳам он чизе, ки аз дастам омад, навиштам…» (А. Деҳотӣ. Ҳамон мақола// «Садои Шарқ», 1976, №5, с. 110).

Воқеан вақте ки саҳифаҳои эҷодиёти индавраинаи адибро варақ мезанем, яқин мекунем, ки хурдагирии боло беасос буда, дар ин давра ӯ «кор кардааст», ҳатто аз серкорӣ «салими серкорагӣ» (А. Деҳотӣ. Ҳамон ҷо, с. 110) низ кардааст. Яъне ҳам осори бадеӣ навиштааст, ҳам луғат сохтааст, ҳам ба тарҷума ва таҳрир машғул будааст. Абдусалом Деҳотӣ менависад,ки «Дар ин байн китоби дарсӣ ҳам гуфтанд, кардам. Канал кофтан даркор буд, рафта ҳамроҳи коллектив ҳамин корро кардам. Ва дар натиҷа ҳисоб карда баромадам, ки ба ҳаррӯзи меҳнати ман (тарҷума, таҳрир, навиштан, тарҳрири журналҳо ва газетаҳо) ба ҳисоби миёна ним ҷузъ меафтад. Аз ин ҷиҳат, рафиқон, дилам соф аст, ки ягон луқма нони халқамро аз дастархони халқам ягон рӯз ҳам бе меҳнат нахӯрдаам.

Рафиқон, ин аст ҷавоби ман ба касоне, ки мегӯянд, чаро ин мардак (Деҳотӣ-шарҳи мо) дар соли ҷанг нанавишт ва баъд аз ҷанг кам менависад» (А. Деҳотӣ. Ҳамон ҷо, с. 111).

Воқеият ин аст, ки дар ин давра, ба хусус аз ибтидои ҷанг сар карда, Деҳотӣ, пеш аз ҳама, ба навиштан ва нашри осори ватандӯстона шурӯъ карда, як силсила осори ҷолиб ба майдон овард. Муҳимтарин тамоюли ғоявии эҷодиёти ӯ дар ин давра умед ба мағлубияти фашимз ва талош барои озодии ватан ва осудагии мардум мебошад. Чунин ормонҳои ватандӯстона ва инсонпарваронаи ӯ дар шеърҳои «Бархез», «Имрӯз ва фардо» бисёр ҳам барҷаста ва шоирона ифода шудаанд.

Як силсила шеърҳои лирикӣ ва ҳачвии шоир низ дар матни воқеияти ин давра навишта шуда, ормонҳои сулҳдӯстӣ ва созандагии халқро таҷассум мекарданд.

Баъд аз ҷанги ҷаҳонӣ А. Деҳотӣ як силсила шеърҳо, ҳикояҳо, очеркҳо ва осори драмавӣ таълиф кардааст, ки мавзӯъҳои заҳмат ва талоши кишоварзон барои рушди соҳа, дӯстии халқҳо, ҳифзи сулҳ ва амният ва ғайраро дар бар мегиранд. Аз ҷумла нависанда дар очерки «Иқбол» сарнавишти занро дар дунёи истибдод ва ҷаҳони озодӣ ба тасвир мегирад. Очерки дигари ӯ «Дар водии Вахш» гузаштаи нообод ва имрӯзаи шукуфои ин водиро таҷассум мекунад. Очеркҳои «Смент» ва

«Як қитъа замини пойтахти мо» дар боби ободӣ ва шукуфоии пойтахти тоҷикон баҳс мекунанд.

Мавзӯи обёрии заминҳои ташналаб ва бунёди маҳалҳои нав барои Деҳотӣ бо сарнавишти меҳнатиаш пайванд мехӯрад. Вай чунонки худаш иқрор мекунад, на фақат ҳамроҳи коллектив рафта канал кандааст, балки ин мавзӯъро ба адабиёт овардааст. Осори ӯ, аз қабили «Оби ҳаёт ба биёбони Қайроққум», «Дарёҳои неъматбахш», «Шаҳри навзод», «Чӯли лабташна шунав, оби равон меояд» ва «Дар соҳили Омӯ» дар ин боб нақл мекунанд!

Баъд аз ҷанг ин нависанда дар ҳикояи «Моҷарои номмонӣ» аз таассуби бузургони хонаводае нақл мекунад, ки барои ба тифлон гузоштани номҳои кӯҳна ва бемаънӣ талош мекунанд. Нависанда мазӯи номгузорӣ ба фарзандонро ба миён гузошта, заминаҳои иҷтимоӣ, мазҳабӣ ва равонии хурофотпарастиро дар ин замина фош мекунад.

Ҳикояҳои «Архивбек Қадимӣ», «Муллоён», «Бо хирадмандон», «Алмос ва чораи халос» ва «Дар рӯзи сешанбе» низ бо мавзӯъ ва масъалагузориҳо ҷолиби диққатанд. Дар ин ҳикояҳо аъмоли кӯҳнапарастӣ, ҷаҳлу нодонӣ ва бадахлоқиву бемаънавиятӣ мазаммат ва маҳкум шудаанд.

Яке аз беҳтарин ҳикояҳои индавраинаи Деҳотӣ «Сирри ҷоду» мебошад. Дар маркази ин ҳикоя чеҳраҳои Зиёданисо ва Ойҷонҷӯгӣ меистад. Зиёданисо пас аз фавти шаваҳараш писари ягонаи худро парвариш карда, ба воя мерасонад ва бо ҳаваси зиёд ба ӯ арӯс меёбад. Вале хурофотпарастӣ ва кӯҳнагароиҳои беҳадафи ин зан боиси нооромии хонаводаи нав мегардад. Ҳушёрӣ ва воқеъбинии арӯсу домод имкон намедиҳад, ки Зиёданисои хурофотпараст ва Ойҷонҷӯгии ҷодугар ба ҳадафҳои зиёноварашон расанд. Ин ҳикоя бо мазмуну ғоя ва забони шевою дилчасп ҷолиб мебошад.

Дар ин давра Абдусалом Деҳотӣ як силсила асарҳои саҳнавӣ низ эҷод мекунад, ки «Сарсонхӯҷаев», «Нур дар кӯҳистон», мазҳакаи

«Қиссаи Таърифхӯҷаев» (бо ҳамқаламии Б. Раҳмизода) ва драмаи манзуми «Комде ва Мудан» аз ин ҷумлаанд.

Дар ин миён мазҳакаи «Қиссаи Таърифхӯҷаев» бо усули тозаи тасвири воқеият, ба хусус ҷанбаҳои манфии ҳаёт дар замони ривоҷ ва тасаллути «назарияи беконфликтӣ» ҷойгоҳи хос дорад. Дар мазҳака муаллифон чеҳраи манфии раиси шӯҳратпараст ва мағруру худписандро офаридаанд, ки бо амалҳои носавоби хуб ба пешрафти ҷомеа монеъ мешавад. Ин фарди худписанд ва мағрур назари мардумро ба эътибор намегирад. Вай маддоҳону хушомадгӯёнеро, ки фақат аз ӯ қадр мекунанд, меписандад.

Дигар аз шахсиятҳои асар Акталӣ Каҷакбоев мебошад, ки бо фиреб, хиёнат ва тороҷи моли ҷамъият садди роҳи пешрафти ҷомеа гаштааст. Таърифхӯҷаев баринҳоро, ки тамаллуққоранд, дар атрофи худ гирд овардааст ва аз чунин одамон қадрдонӣ мекунад.

Яке аз бузургҳаҷмтарин асарҳои индавраинаи адиб драмаи «Нур дар кӯҳистон» мебошад, ки онро дар соди 1947 таълиф кардааст. Ин асар аз фаъолияти кормандони соҳаи маориф ва муборизаи онҳо ба муқобили душманони маърифат бахшида шудааст. Қаҳрамонони ин драма Азимов, Рустамов, Маҳтоб, Суханоро, Николаев, Одина ва Қаноат тимсоли одамони неке ҳастанд, ки барои босаводӣ ва мубориза бар зидди ҷаҳолату ақибмондагӣ фидокорона талошҳо кардаанд. Чеҳраҳои манфии Эшони Иззатулло, Ҷоҳилабегим, Мулло Раҳим, Давлатбек ва Фузайл Махсум аз табори онҳоеанд, ки душмани саодат, дониш ва бомаърифатии мардум ва пойбанди хурофот будаанд.

Драмаи манзуми «Комде ва Мудан»ро Абдусалом Деҳотӣ солҳои 1951-1953 дар асоси достони Абдулқодири Бедил таълиф кардааст. Мудан ва Комде қаҳрамонони асосии драма мебошанд. Мудан мутриби хушовози ҳиндуст, ки бо ҳунари зебояш машҳур мебошад. Бинобар ин омода аст, то барои озодии Комде ҷон нисор кунад. Комде низ бо ҳунар, покӣ ва садоқаташ маҳбуби дилҳост.

Мансур аз чеҳраҳои дигари мусбати драма буда, қадру шарофати инсонро аз ҳар чиз болотар медонад. Намунаи садоқати ӯ дар мазҳари дӯстӣ наҷот додани Мудан аз марг аст. Хилқати инсонии ӯро дар ин роҳ байти зер хеле равшан ифода мекунад:

Чист авлотар ба инсон-ҷоҳу мансаб ё ки дӯст?
Сад чунин мансаб фидои ёру меҳри поки дӯст!

Муаллиф дар симои шоҳи Ҳиндустон симои шахси золим, бешафқат ва айёшро бо камоли маҳорат офаридааст.

Дар асар масъалаи дӯстӣ ва рафоқати мусулмонону ҳиндувон низ ба тасвир омадааст, ки ғояи инсондӯстӣ ва ҳамзистии қавму миллатҳои гуногунро новобаста ба мазҳабашон ба миён мегузорад. Дӯстии байни Комде (мусалмондухтар) ва Мудан (ҳинду), Мансур (мусалмон) ва Меҳта (ҳинду), махсусан рафоқати Мудану Мансур ғояи ҳамзистии солеҳонаи инсонҳои гуногунмазҳабро бо камоли матлуб ҳаллу фасл кардааст.

Ин асар достони шӯрангези ишқи пок, садоқати инсонӣ ва ҳамраъйию ҳамзистии инсонҳост, ки ғояи аслиаш аз достони Бедил маншаъ мегирад.

Абдусалом Деҳотӣ дар шоирӣ низ ҷойгоҳи хос дорад ва ҳамчун шоири лирик мавқеияташ устувор аст. Мавзӯъҳои ишқӣ, ки бештар меҳру муҳаббат, шавқу лаззати зиндагӣ, орзуву висол, сидқу вафоро ифода мекунанд, дар эҷодиёти Деҳотӣ мавқеи муҳим доранд.

Шоир дар ин гуна шеърҳо, пеш аз ҳама ҳусну ҷамол ва зебоиҳои маъшуқро васф карда, сифатҳои неки меҳнатдӯстӣ, ҷӯяндагӣ, пурғайратӣ ва фаъолиятмандии ӯро унсури муҳими ахлоқ ва шахсияти инсонӣ медонад.

Аввалин намунаҳои чунин шеърҳои шоир дар нимаи аввали солҳои сиюм навишта шуда, рубоиёташ соли 1934 чоп шудааст. Дар рубоиҳои шоир ишқи поки инсонӣ васф шудааст. Шоир дар рубоиёташ зиндадилӣ, шодмонӣ ва фархундагии ёрро ситоиш мекунад, ки намунааш рубоии зер аст:

Хушном бизӣ, ки ба ҳаётат нозам,
Аз фахр сарамро ба само афрозам.
Шеъриятам афзояду чандон ки нависам,
То сафҳаи офоқ пур аз номи ту созам.

Рубоиёти шоир бо фикрҳо ва тасвирҳои тоза диққатангез буда, содагӣ ва равонии рубоиёти мардумиро ба ёд меоранд:

Дорам ба дил умед, ки ёрат бошам,
Ҳаммаслаку ҳамдаст ба корат бошам.
Дар зиндагии тозаи хушбахтона,
Гулнор туию Ёдгорат бошам!

Дар солҳои ҷанг Абдусалом Деҳотӣ дар пайравӣ ба шоири рус К. Симонов шеърҳои «Интизор бош!» ва «Дар интизорам»-ро дар шакли нома менависад, ки миёни хонандагон маҳбубияти хосе пайдо мекунад. Дар ин шеърҳо муҳаббати инсон ба ватан, садоқат ва вафодории ӯ бо сароҳат ва шоирона тасвир шудаанд.

Дар шеъри «Интизор бош!» ҳиссиёти пурҷӯши ошиқи ҷанговар, ки дар майдони набард аст, бо образҳои равшани шеърӣ таъсиргузор ифода шудаанд. Ин шеър ифшои ҳоли қаҳрамонест, ки миёни ишқи ёру ватан ҳеҷ фарқе намебинад ва муҳаббати ёру ватан ӯро зинда медорад:

Дар байни дуду оташу ғавғои корзор,
Ҳар лаҳза пеши дидаам акси ту ҷилвагар.
Дар рӯзҳои даҳшату шабҳои пурхатар
Меҳрат субот медиҳаду азми устувор.

Дар шеъри «Дар интизорам» шоир аз номи маҳбубаи содиқ ва меҳрубон интизории падару модарон ва хоҳару арӯсонро ифода намуда, руҳияи онҳоро равшан тасвир кардааст.

Мавзӯи садоқати ёрони ҷудоафтодаро шоир дар рубоиии зер ҳунармандона таҷассум кардааст, ки пур аз ҳисси шафқат ва додгарист:

Он дил, ки туро ба ришгаи аҳдаш баст,
Ҳар шому саҳар буд ба ёдат пайваст.
Аз шиддати ғуссаҳои айёми фироқ

Сабраш бишикасту лек аҳдаш нашикаст.

Деҳотӣ шеърҳои лирикиашро асосан дар қолабҳои ғазал, рубоӣ, маснавӣ, мураббаъ, мухаммас, муқаддас ва шеъри озод гуфтааст.

Абдусалом Деҳотӣ дар ташаккул ва таҳаввули адабиёти наврасон, ба хусус шеъри бачагонаи тоҷикӣ низ саҳми бузург гузоштааст. Шеърҳои дилангези ӯ «Баррачаи ман», «Трактор омад», «Пешвозгирӣ дар вокзал», «Фирӯзаҷон хобидааст», «Тезгӯяк» ва ғайра аз беҳтарин намунаҳои ин намуди шеър дар адабиёти тоҷик шинохта шудаанд. Шеъри «Баррачаи ман» солиёни дароз аст, ки дар китобҳои дарсӣ нашр мешавад ва баччагони синни томактабӣ низ онро бо шавқ мехонанду аз бар мекунанд. Ин шеър, қабл аз ҳама бо мазмун ва тарзи баёнаш дилангез аст. Шеъри мазкур ба кӯдакон дӯст доштани ҳайвонот ва нисбат ба наботу ҷамод ғамхор буданро талқин мекунад. Ҳамин ҳарфҳоро дар ҳаққи шеърҳои «Трактор омад», «Фирӯзаҷон хобидааст» ва ғайра низ гуфтан мумкин аст, ки бо назардошти синну сол ва завқи кӯдакон эҷод шуда, мӯҳтаво ва тарзи ифодаашон дилангез аст.

Абдусалом Деҳотӣ 31-уми январи соли 1962 ин ҷаҳонро падруд гуфт. Вале ном ва кори ин шоир, нависанда ва драмнавис то замоне, ки забони гуфтори инсонҳои огоҳ ҳасту гӯши ҳарфшунав, зинда хоҳад буд. Ӯ бо осораш шарики зиндагии наслҳои баъдист.

Раҳим Ҷалил
(1909-1989)

Раҳим Ҷалил 3 июни соли 1909 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шуд. Маълумоти ибтидоиро дар мактаби кӯҳна фаро гирифт ва сипас дар мактаби нав таҳсил кард. Соли 1927 синфи ҳафтум ва сипас давраи кӯтоҳ-муддати муаллимтаёркуниро хатм намуд ва он гоҳ дар Хуҷанд муаллимӣ кард.

Аз соли 1931 сар карда, ба сифати рӯзноманигор дар рӯзномаи «Пролетари Хуҷанд», «Ҳақиқати Ленинобод» «Тоҷикистони Сурх», («Ҷумҳурият»-и имрӯза) ва маҷаллаи «Шарқи сурх»(ҳоло «Садои шарқ»)

кор кард. Аз соли 1932 то соли 1979 котиби масъули шӯъбаи хуҷандии Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон буд.

Фаъолияти адабии Раҳим Ҷалил аз соли 1930 оғоз мешавад. Вай дар оғоз бо тахаллуси Даҳрӣ шеър менавишт. Аввалин шеъри ӯ «Кор мебояд кард» соли 1931 ба табъ расид. Ашъори дар ин давра навиштаи ӯ соли 1933 дар маҷмӯаи «Мавҷҳои музаффарият» чоп шуд. Дар ин солҳо Раҳим Ҷалил илова ба иншои шеър қалами худро дар наср низ имтиҳон мекунад ва аввалин ҳикояҳояш дар мавзӯъҳои гуногун дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп мешаванд.

Ин нависанда яке аз поягузорони насри навини реалистиии тоҷик шинохта шудааст. Ҳарчанд ӯ бо шеър ба адабиёт ворид шудааст, аз миёнаи солҳои 1930 бештар ба наср рӯ меоварад. Истеъдоди насрнависии ӯро Садриддин Айнӣ, Ҳаким Карим ва дигарон эътироф кардаанд. Аввалин ҳикояҳои ӯ дар маҷмӯаҳои «Орзу»(1936), «Шеърҳо ва ҳикояҳо»(1939), «Ҳисса аз қисса»(1940) чоп шудаанд ва гувоҳи маҳорати адабии ӯ буданд.

Дар оғози фаъолияташ Раҳим Ҷалил ба тасвири воқеияти зиндагӣ майл дошт. Ва табиист, ки яке аз аввалин ҳикояҳояш «Комбинат»(1931) маҳсули робитаи нависанда бо комбинати абрешими Хуҷанд буд, ки он ҷо кор кардааст.

Ҳикояҳои ин нависандаро аз ҷиҳати мавзӯъ ва мӯҳтаво ба ду гурӯҳ метавон ҷудо кард. Ба гурӯҳи якум ҳикояҳои ҷиддии ӯ, ки дар мавзӯъҳои тасвири меҳнату муборизаи халқ навишта шудаанд, дохил мешаванд. Гурӯҳи дувум ҳикояҳое мебошанд, ки ҳаҷвӣ буда, нависанда дар онҳо урфу одатҳои кӯҳна ва хурофотиро танқид кардааст.

Мавзӯи марказии ҳикояҳои Раҳим Ҷалилро воқеияти замони сотсиалистии ҷомеаи Шӯравии собиқ ташкил медод. Ҳикояҳои «Чевар», «Саодат», «Орзуи модар», дар бораи ташаккули инсони нав, муносибатҳои нави иҷтимоӣ, озодии занон, умуман тағйироти муҳими иҷтимоӣ ва маънавӣ, ки дар ҳаёти ҷомеа ба вуқӯъ пайваста буд, баҳс мекунанд. Бахше аз ин гуна ҳикояҳои ӯ воқеаҳои солҳои чилумро фаро

гирифтаанд. Дар ин ҳикояҳо муборизаҳои синфӣ тасвир шудаанд. Ҳикояҳои «Орзу», «Нор ва Мор», «Сири шаби тор», «Афсӯс» ва ғайра воқеияти сиёсӣ ва муборизаҳои идеологии он солҳоро таҷассум кардаанд.

Дар ҳикояҳои ҳаҷвии дар ин солҳо навиштааш нависанда расму оини кӯҳна ва зиёновар , хушомадгӯёни ноӯҳдабаро, одамони нобовар, молу мансабпараст, дурӯғгӯю ғайбатчиёнро зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Масалан, Раҳим Ҷалил дар ҳикояи ҳаҷвии «Васвасабону» образи занеро офаридааст, чунон ки аз номи ҳикоя низ бармеояд, гирифтори васвасаи чизпарастӣ шудааст.

Барои ӯ одамият арзиш надорад, балки боигарию кару фар, ҷоҳу ҷалолпарастӣ ҳадафи зиндагии ӯ қарор гирифтааст.

Нависанда дар ин гуна ҳикояҳояш ҳаҷвро барои решакан кардани боқимондаҳои дунёи кӯҳна ва аз байн бурдани хислатҳои ношоиста ба кор бурдааст. Ҳикояҳои ҳаҷвии Раҳим Ҷалил мундариҷа ва шакли гуногун доранд. Баъзе аз онҳо ба авомфиребиву зоҳирпарастии рӯҳониён бахшида шудаанд, ки ҳикояҳои «Воизи охирин», «Ҳичрат», «Хоҷаи борон», «Зинда шудани Ҳорунаррашид» аз ин қабиланд.

Дар ҳикояҳои дигараш нависанда хиёнаткорони моликияти ҷамъиятӣ, хушомадгӯёну лагандбардорон, мансабпарастону ҳавобаландон, тарсончакону буздилон, ҳаромхӯрону мардумфиребон, айёрону дурӯғгӯён, порахӯрону майпарастонро масхара карда, онҳоро ба марг маҳкум мекунад. Ҳикояҳои «Лайлатулқадр», «Шайх Мулло Муҳаммад Сабури раммол», «Марги хушомадхӯҷа» гувоҳи ҳаминанд. Қисми дигари ҳикояҳои Раҳим Ҷалил дар бораи кӯҳнапарастони хурофотпараст, шахсони ахлоқашон фосид ва маънавиёташон хароб навишта шудаанд, ки намунаи барҷастаи онҳо ҳикояҳои «Шӯри ғайбатхола», «Васвасабону», «Доғи домани хонадор» ва ғайра мебошанд.

Нависанда дар ин гуна ҳикояҳо тимсолҳои занони қафомонда, даллолу хабаркаш, мӯфтхӯру шаҳватпараст ва риёкорро таҷассум ва фош намудааст.

Аз ҷумла дар ҳикояи «Доғи домани хонадор» никоҳи номуносиб, оилаи носолим, зиндагии накбатбори баъзе пирамардоне, ки зани ҷавон гирифтаанд ва духтароне, ки ба мақсади соҳибӣ кардани сарвати мӯйсафедон ба онҳо расидаанд, ҳаҷву масхара шудааст. Пирамард пас аз шаш моҳи хонадорӣ ба сабаби беморӣ вафот мекунад, аммо «хонимчаи фидои молу ҷоҳ … ҳамтабиату ҳамфеъли худ ҷавонеро ёфта буд, ки молу мулки аз мӯйсафед ба хонимчааш мерос мондагиро ҷамъ карда, аз баҳри зану кӯдаки худ гузар намуда, патаку пойтобаи ин зани сабукмағз шуда мегашт». Нависанда дуруст натиҷа мегирад, ки «дуздро раҳзан мезанад» ва маишати вайрону тинати нопок, бадахлоқӣ ва кӯтоҳандешии баъзе ҷавонону занони сабукпову беномусро зери тозиёнаи ҳаҷву масхара мегирад.

Атахон Сайфуллоев дуруст мушоҳида кардааст, ки «вақте сухан аз нуқсонҳои ҷузъӣ ва баъзе хислатҳои манфии инсонӣ-содалавҳию қафомонӣ, урфу одатҳои номақбул, муноқишаҳои беасоси оилавӣ, ҳуқуқталошии зану мард ва рашку алами зану шавҳари ҷавон ва амсоли онҳо меравад, нависанда ҳазлу шӯхӣ, зарофатгӯӣ ва юмори нарму самимонае ба кор мебарад»(А. Сайфуллоев. Олами маънавии нависанда.-Дар китоби «Посдорони насри муосири тоҷик», Хуҷанд: нашриёти «Нури маърифат», 2009.-с.15). Дар ин замина метавон аз ҳикояҳои «Ҳар ду хандиданд», «Хонаи нав», «Хар ва сабукрав», «Гурба ва рашк» ном бурд, ки сарнавишт ва хислатҳои масхараомези инсонҳо ӯро ба андеша бурдааст.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) Раҳим Ҷалил ба тасвири саъй ва кӯшиши халқ , ҳиммати баланд ва ҳисси бузурги қаҳрамонӣ ва ватанпарастии он пардохтааст. «Розигии модар», «Ҳиммати бобои Ҳалим», «Телпакдӯз» ва ҳикояҳои маҷмӯаи «Ҳикояҳои давраи ҷанг»(1941) ҳамин мавзӯи ватанпарастиро фаро гирифтааст.

Раҳим Ҷалил ба мавзӯи ҷанг ва маҳкумияти он баъдҳо низ муроҷиат намудааст, ки аз ин ҷиҳат ҳикояҳои «Умри дубора» ва «Кӯри биношуда» намунаи ҷолиби он мебошанд.

Таълифоти Раҳим Ҷалил дар солҳои пас аз ҷанг аз ҷиҳати шумор, мавзӯъ ва мӯҳтаво ва хусусиятҳои бадеӣ пурвусъатанд. Таваҷҷӯҳи нависандаро беш аз ҳама мавзӯи бозсозии иқтисоди вайроншуда, васфи қаҳрамони майдони ҷангу меҳнат, ҷидду ҷаҳди деҳқонони пахтакор, таърихи гузаштаи халқ, масъалаҳои байналхалқӣ, зиндагӣ ва маънавиёти ҷавонон, фошгӯӣ ва интиқод аз камбудиҳои ахлоқӣ ба худ ҷалб карда буд.

Маҳсули ин давраи эҷодиёти муаллиф маҷмӯаҳои «Умри дубора» (1940), «Баҳор»(1950), «Ҳикояҳо» (1953,1954, 1958), «Ҳамида»(1941), «Шикасти тилисм»(1964), «Илҳом» (1973), «Духтари мармарин»(1975), «Бозгашт аз биҳишт» (1978), «Гардиши фалак» (1981) ва Ҳикояҳо(1984) мебошанд. Феҳристе, ки оварда шуд, баёнгари алоқаи Раҳим Ҷалил ба ин жанри адабист. Аз ин рӯ, муҳаққиқони таърихи адабиёти навини тоҷик барҳақ ин нависандаи забардастро дар радифи Садриддин Айнӣ, Ҳаким Карим ва Ҷалол Икромӣ ҳамчун устоди жанри ҳикояи тоҷик шинохтаанд.

Ба ифодаи адабиётшинос Абдухолиқ Набавӣ, «ҷараёни ташаккул ва гуногунии жанрии насри воқеъгароёнаи замони Шӯравиро бе асарҳои ин нависандаи сермаҳсул, алалхусус, бе романҳои ӯ пурра тасаввур кардан мумкин нест. (А. Набавӣ. Бархе аз вижагиҳои ҳунарии румонҳои Раҳим Ҷалил.-Дар китоби: А. Набавӣ. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср.-Душанбе: «Адиб», 2009.-с.129). Воқеан ҳам романҳои «Одамони ҷовид», «Шӯроб», қиссаи «Маъвои дил» дар эҷодиёти ӯ мақоми босазо дошта, ба шаклгирӣ ва рушди насри навини тоҷик мусоидат кардаанд.

Қисмати аввали романи «Одамони ҷовид»-ро Раҳим Ҷалил дар солҳои даҳаи 1930 эҷод намуд, ки бо унвони «Пӯлод ваГулрӯ» соли 1941 чоп шуд. Пас аз ҷанг вай романи «Пӯлод ва Гулрӯ»-ро аз нав таҳрир кард ва қисмати дувуми онро навишт. Соли 1949 ҳар ду қисмат бо номи

«Одамони ҷовид» чоп шуд. Ин асар собит намуд, ки Раҳим Ҷалил дар тасвири марҳилаҳои муҳими таърихи халқи худ маҳорати кофӣ дорад.

Раҳим Ҷалил дар эҷоди ин асар аз таҷрибаи романнависии устод Айнӣ, ба хусус романи «Дохунда» истифода карда, асаре ба вуҷуд овард, ки сухани тоза дар бораи таърихи тоҷикони замони нав буд. Нависанда дар ин роман муборизаи халқи тоҷикро бар зидди истисморгарон нишон дода, саъю талоши халқро барои ҳаёти босаодат таҷассум кардааст.

Дар ин романи пурвоқеа ҳаёти мураккаби ҷомеаи тоҷикон дар солҳои барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ дар шимоли Тоҷикистон бо ҷузъиёташ ба тасвир омадааст. Нависанда муборизаи мардумро бар зидди нобаробариҳои иҷтимоӣ тасвир карда, дар ин замина фаъолияти сиёсии шахсиятҳои таърихӣ ва воқеӣ(Ҷӯра Зокиров дар симои Пӯлод Қодиров), иштироки шахсиятҳои дар ҷанги шаҳрвандӣ, ислоҳоти обу заминро инъикос кардааст.

Қаҳрамонони марказии роман Пӯлод ва Гулрӯ якҷоя бо персонажҳои дигар образи халқро ташкил медиҳанд. Номи Пӯлод дар роман рамзӣ буда, устувориву матинӣ ва иродаи фарзанди бовафои халқро ифода мекунад.

Сарнавишти Пӯлод таҷассумгари азобу кулфатҳои халқ дар замони истибдод буда, нависанда бо ин восита бадбахтиҳоеро, ки заминаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ дошт, воқеъбинона таҷассум мекунад. Пӯлод барои саодати мардуми ҷафодида мубориза мекунад, тамоми фаъолияташ вақфи беҳбудии халқ аст.

Дар роман образи Гулрӯ симои Пӯлодро пурра мекунад. Гулрӯ маҳбуба ва ҳамсари Пӯлод Қодиров буда, дар ҳамаи ҷабҳаҳои зиндагӣ ба шавҳараш ёрӣ мерасонад. Дар ибтидои роман ин духтараки муштипари деҳотӣ савод надорад, паршикаста ва мазлум тасвир мешавад, вале дар ҷараёни воқеаҳо шахсияташ ташаккул ёфта, ҳамчун зани муборизи фаъол ба камол мерасад. Нависанда саҳми Пӯлодро дар ташаккули шахсияти инсонӣ ва иҷтимоии ин зани мубориз равшан нишон медиҳад.

Романи «Одамони ҷовид» як давраи муборизаҳои иҷтимоию сиёсии замони Шӯравиро дар бар гирифта, хонандаро бо фарозу фурудҳои зиндагии халқ дар он рӯзгор, сарнавишти шахсиятҳои воқеӣ ва таърихӣ ошно мекунад.

Дар романи «Шӯроб», ба қавли М. Шукуров (М. Шакурӣ), тасвири «роҳи меҳнаткашони тоҷик ба сӯи Октябр ва озодӣ»(М. Шакуров. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ. -Душанбе: «Ирфон», 1987.с. 415) мавзӯи асосӣ буд.Нависанда дар ин асар масъалаи муборизаи мардуми тоҷик ҷиҳати осоиш ва дӯстии халқҳоро нишон дода, заминаҳои ташаккули синфи коргарро тасвир мекунад. «Шӯроб» аввалин асари барҷастаест, ки аз пайдоиш ва шаклгирии табақаҳои коргари тоҷик ва ҷунбишҳои пешқадами он ҳикоят мекунад. Нависанда дар ин роман ду давраи таърихии халқи тоҷик –давраи феодалӣ ва давраи сотсиалистиро ба тасвир мегирад. Дар қисмати аввали асар тасвири ҳаёти пешинаи коргарони кони ангишти тоҷик ва бедории шуури табақотии онҳо ҷойгоҳи асосӣ дорад. Дар қисматҳои дуюм ва сеюм воқеаҳои солҳои 1920, ҷонбозиҳои намояндагони миллатҳои гуногун барои мустаҳкам намудани ҳокимияти Шӯравӣ инъикос гардидааст.

Раҳим Ҷалил ба хотири таълифи романи «Шӯроб» дар соли 1970 сазовори дарёфти ҷоизаи давлатии Рӯдакии Тоҷикистон гардид.

Романи «Шӯроб» аз се қисм иборат буда, қисми аввал дар бораи меҳнати тоқатфарсои заҳматкашони то инқилоби болшевикӣ нақл мекунад.

Нобаробариҳои иҷтимоӣ, шароити номусоиди кор, марги коргарони кони ангишт, болоравии шуури синфии ангиштканон дар маркази сужети қисми ибтидоии асар гузошта шудааст.

Қисми дуввум ва сеюми роман воқеаҳои ҷангҳои инқилобӣ ва давраи осоиштаи замони Шӯравиро дар бар мегирад. Шароити хуби кор, мусобиқаҳои меҳнатӣ дар байни ангиштканон, технологияи нави корӣ имконият медиҳад, ки ангиштканон ба муваффақиятҳо ноил гарданд. Романи «Шӯроб» муборизаи идеологии мардуми маҳаллиро

зери роҳбарии бевоситаи ҳукумати болшевикии Шӯравӣ инъикос мекунад.

Нависанда дар роман ба инъикоси масъалаи дӯстиву рафоқати намояндагони миллатҳои гуногун диққати махсус медиҳад.Дар асар намояндагони миллатҳои гуногун тоҷикон, русҳо, қирғизҳо , қазоқҳо, ӯзбекҳо ва дигарон ба тасвир омадаанд, ки якҷоя меҳнат мекунанд ва зиндагии хонаводагии худро обод мекунанд. Аз ин ҷиҳат нависанда бештар ба сарнавишти одамон мутаваҷҷеҳ шудааст. Сарнавишти қаҳрамони асосии роман Холи Ворухӣ бо ҳама печидагӣ, талхиву сахтӣ ва ташвишҳояш қисмати халқро, ки бо роҳи таҳаввули азиме дар шуур, ахлоқ ва маънавият роҳ пеш гирифт, таҷассум намудааст.

Романи «Шӯроб» асари таърихист ва нависанда ба воситаи образи Холи Ворухӣ муборизаи меҳнаткашони тоҷикро ба сӯи озодӣ нишон додааст. Хол дар «Шӯроб» шахсияти барҷастаест, ки тақдири аҷиб ва ба худ хоси ӯ баъзе ҷиҳатҳои типии қисмати таърихии халқ ва синфи коргари тоҷикро ба хубӣ таҷассум кардааст. Дар ташаккули хислати ин коргари асил ва наҷиб, дар инкишофи ботинии ӯ баъзе хусусиятҳои муҳими замон ва дигаргуниҳои азими он инъикос ёфтааст.

Ваҳдати милливу байналмилалӣ яке аз муҳимтарин хусусиятҳои хислати Хол аст. Ташаккули шуури иҷтимоӣ ва шахсияти Хол натиҷаи зиндагию муборизаи ӯ дар ҷомеаи гуногунмиллат мебошад, аз таъсири мардумони гуногунмиллат ҳосил шудааст.

Ба ин ҷараён дар ҷаҳонбинӣ ва андешаи шахсиятҳои роман таъсире гузоштааст.Вале ин ҳодиса ҷанбаи миллии хислати Холро суст накардааст. Раҳим Ҷалил бо тасвири хусусиятҳои миллии хислати Хол ба сарчашмаҳои ҳақшиносӣ ва ҳақталошии халқи тоҷик ишора мекунад.

Дар «Шӯроб» синфи коргар, қувваи инқилобӣ ва анъанаҳои байналмилалии ӯ маҳсули замони нав аст. Фикри асосии нависанда дар «Шӯроб», ки ба воситаи образи Хол ифода шудааст, ин аст, ки синфи коргар ва ғояҳои нави инқилобии он асоси халқӣ дошт ва ба ин далел халқро аз паси худ бурда тавонист.

Нависанда дар роман тақдири инсонҳоро сарфи назар аз миллияташон ба ҳам пайванд медонад. Бинобар ин ҳам ӯ дар асар ба сарнавишти намояндагони миллатҳои гуногун эътибори ҷиддӣ додааст.

Намояндагони миллатҳои гуногун қаҳрамони марказии роман мебошанд, ки ин ҳодисаи аввалин дар насри тоҷик аст. Русҳову украинҳо Пётру Даша ва Аверченко, қирғизҳо Арслоналӣ ва Эсапай аз ҳамин ҷумлаанд. Тоҷикон Хол, Давлат, Акбар ва монанди инҳо ба он фарзандони халқҳои гуногун ҳампаҳлу истода зиндагӣ ва мубориза мекунанд, дар роҳи бунёди ҳаёти нав ҳисса мегузоранд.

Раҳим Ҷалил дар романи «Шӯроб» ба нақши созандаи меҳнат дар ҳаёти инсон диққати зиёд додааст.

Ӯ ба воситаи меҳнат дигар шудани инсон, муносибати вай бо атрофиён ва ҷомеа ва ташаккули шахсияти вайро нишон медиҳад. Меҳнати софдилона қаҳрамонони ӯро дигар карда, ҷамъиятро обод месозад. Аз ин ҷиҳат образи коргар дар тасвири нависанда фароху пурғунҷоиш буда, таҳаввулот ва пешрафти маънавиёти ҷомеаро инъикос мекунад.

Ҳунари инсоншиносӣ ва усули тасвиргарии нависанда низ дар романи «Шӯроб» хусусияти хос дорад. Тору пуди ин асар аз нақду таҳлил, ҳаҷву реализм, ҳикмату шеър ба ҳам омадааст. Тамоми зиндагии пурвоқеа ва шахсияти аҷибу фавқулоддаи Холи Ворухӣ хеле ҳам табиӣ ва воқеӣ тасвир шудааст. Нависанда ба зинаҳои ташаккули хислати қаҳрамонаш диққати хос медиҳад. Ҳам сурати зоҳирии Холи Ворухӣ, ҳам тарзи суханронӣ, ҳам пургӯиву қатъияташ, ҳам рӯзгори мураккаб ва олами маънавию ахлоқии ӯ реша дар ахлоқ ва рӯҳияи мардум доранд ва сарнавишти ӯ аз як камбағали оворагарди дунёбезор то ба сарвари доно ва шахси хирадманди мамлакат қисмати таърихии халқро равшан ифода мекунад. Ба ҳамин монанд, зебоии сурат ва сирати Даря, ташвишҳои ишқи романтикии Арслоналӣ, изтиробҳои Давлати ятим, ташвишҳои модари Арслоналӣ ҳангоми ҳимояи Даряву Давлат ва бисёр манзараҳои дигар аз лаҳзаву манзараҳои дилчаспи равоншинохтӣ мебошанд, ки

гувоҳи ҳунари комили тасвиргар муаллифи романанд. Хусусияти дигар осори Раҳим Ҷалил дар фарогирии воқеоти ҷомеъи таърихи кишвараш ва сарнавишти тоифаҳои гуногуни он мебошад. Ӯ тавонистааст, ки дар матни воқеияти сиёсию иҷтимоии як давраи муайян сарнавишти пуршебу фарози халқашро нишон диҳад.

Дар эҷодиёти Раҳим Ҷалил асари дигари ӯ «Маъвои дил» ҷойгоҳи хос дорад. Ин асар ёдномаи муаллиф аст аз воқеаҳои замони зиндагиаш ва рӯзгори шахсиятҳои ҷудогона. Бахши аввали ин асари ёддоштии нависанда соли 1972 ва қисми дувуми он пас аз даҳсол чоп мешавад. Нависанда дар ин асар дар заминаи рушди иқтисодӣ ва маданӣ, дар бораи ашхоси машҳури Хуҷанд, қаҳрамонони меҳнат, олимон ва санъаткорони машҳур, хонандагон, навозандагон, кормандони ҳукумат ва умуман ҳамаи касоне, ки боиси ободӣ ва ифтихори шаҳранд, бо меҳр ва муҳаббат ҳикоя кардааст. Дар бахши аввали асар мо аз сарнавишти як силсила ҳунармандони хушсалиқа, монанди Устоҳайдари кафандӯз, Шамсӣ Қодири беқасаббоф, Ёқубҷони фаранг ошно мешавем.

«Маъвои дил» дар бораи ҳаёти илмӣ ва мадании мардум аз охири асри Х1Х то солҳои ҳаштодуми асри гузашта нақл мекунад. Махсусан ҳикоятҳое, ки аз сарнавишти Содирхони Ҳофиз, Ҳоҷӣ Юсуфи мунаҷҷим, Муҳиддинхонтӯра, Ҳоҷӣ Содиқ - тоҷири китоб оварда шудаанд, далели онанд, ки фикр ва истеъдоди халқ ҳамеша дар ҳаракат ва эҷодкорист. Дар ин замина нависанда ба тасвири нақш ва ҷойгоҳи чеҳраҳои муҳими таърихи Хуҷанд-Муҳаммадамини Кошиф,Тошхоҷаи Асирӣ, Фахрии Румонӣ, Ҳоҷӣ Юсуф, Муҳиддин Аминзода, Ҳаким Карим, Ҳилолиёни Аскар диққати хос додааст. Нависанда бо ифтихори бузург аз Камоли Хуҷандӣ- сухансаройи бузург ёд мекунад. Аз боби шахсияти инсонӣ ва ҳунарии Содирхони Ҳофиз бо муҳаббат сухан мегӯяд.

Нависанда сарнавишти таърихии шаҳри азизашро аз инқилоби Октябр, аз сарнавишти муборизони фаъоли ҳаёти нав Иванитский, Ҷӯра Зокиров, Кушнарёв ҷудо намедонад.

Ин асарро метавон қомуси таърихи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳунару адабиёти шаҳри Хуҷанд номид, ки як давраи пур аз шебу фарози онро дар бар мегирад. Аз ин ҷиҳат китоби дуввуми ин асар низ ҷолиби диққат аст. Дар ин қисмати асар муаллиф дар бораи корхонаи бузурги абрешими Хуҷанд ва афроди номдори он нақл мекунад. Дар ин қисмати асар дар маркази диққати нависанда образи Ҷалолхоҷа Сиддиқов, Мастура Авезова, Мағфират Додобоева барин пешқадамони истеҳсолот қарор доранд, ки саргузашти ибратомӯзе доранд ва нависанда ба василаи онҳо хонандаро бо саҳифаҳои китоби рӯзгори халқ ошно мекунад. Дар қисмати дуюми китоб низ нависанда аз аҳли ҳунар ба хусус пайванди воқеӣ ва маънавии адибони хориҷӣ, аз ҷумла Эрвин Киш, Кутгорйе ёд мекунад. Тасвири мулоқоти Лоҳутию Турсунзода бо шоҳибофони Хуҷанд лаҳзаҳои зиндагии ин ду марди адибро, ки бо халқи меҳнаткаш пайванди ногусастанӣ дошт, ҷовидонӣ кардааст.

Таълифи осори драмавӣ низ дар фаъолияти эҷодии Раҳим Ҷалил ҷойгоҳи хос дорад. Аввалин намоишномаи вай «Ғалаба» ном дошт, ки дар таҳрири нав бо унвони «Саодат»(1932) дар саҳнаи театрҳои ҷумҳурӣ намоиш дода шуд. Мавзӯи намоишнома тарғиби субҳи зиндагии нав, озодӣ, ислоҳоти замин, ташкили аввалин колхозҳо ва умуман, рушди кишоварзии ҷумҳурӣ, мубориза бар муқобили душманони ошкору ниҳони сохтори нав буд. Соли 1940 ӯ мазҳакаи «Зани наваду шашум»-ро навишт, ки ҳунаршиносон онро аввал ин кӯшиш дар эҷоди мазҳакаи мусиқии тоҷик шинохтаанд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ Раҳим Ҷалил дроми «Ду вохӯрӣ»-ро навишт, ки аз иштироки фаъоли тоҷикон дар муҳорибаҳои зидди фашизм ҳикоят мекунад.Раҳим Ҷалил ҳамчунин муаллифи намоишномаҳои «Муҳаббат»(1932), «Санавбар»(1938) бо таҳрири нав ба унвони «Субҳи саҳро»(1962), «Дили шоир»(1963), (дар бораи Камоли Хуҷандӣ), «Бедорӣ» (1975) ва ғайра мебошанд.

Раҳим Ҷалил осори нависандагони рус Максим Горкий, Антон Чехов, намоишномаи «Раъду барқ»-и Островский ва ғайраро ба забони

тоҷикӣ тарҷума карда, худ аз ин осор, ба хусус аз ҳикояҳои Чехов таъсир бардоштааст.

Сарнавишти инсонӣ ва ҳунарии ин нависанда бо замон ва низоми сиёсие гирех мехӯрад, ки имрӯз ба ихтиёри таърих гузошта шудааст. Вале дар навиштаҳои ин нависанда чизҳое ҳастанд, ки дар ҳар замону ҳар низоми иҷтимоӣ қобили истифода ва пандгирианд.

Нуктаи аз ҳама муҳим дар эҷодиёти ӯ сухани пурмуҳаббаташ дар бораи инсон ва сарнавишти пуршебу фарози ӯст, ки дар ҳар замоневу ҳар низоме арзиши омӯзандае дорад.

Соли 1989 поёни зиндагии ҷисмонии ин нависандаи ҳунарманд буд, вале он сол ба умри дубораи ин адиб кушоиш бахшид, ки анҷом надорад.

ДАВРОНИ БОЗГАШТ ВА ЭҲЁ

(аз охири солҳои панҷоҳ ба ин тараф)

Тағйироти нисбӣ дар ҳаёти сиёсиву мадании мамлакати шӯравӣ фақат баъди анҷумани XX ҳизби коммунистӣ рух дод. Тағйири дидгоҳҳои ҳизб ба адабиёт фазои муносибатро ба он ҳам дигар кард. Дар зинаи аввал ҳизб гирехи мушкилаи муносибат ба мероси гузаштаро боз кард. Дар ин замина таваҷҷӯҳ ба нашри мероси гузашта, омӯзиши таърих ва таҷлили зодрӯзи абармардони таърихи фарҳанг афзуд. Бузургдошти солрӯзи Рӯдакӣ, Сино, Ҳофиз, Ҷомӣ ва Аҳмади Дониш аз муҳимтарин кӯшишҳо дар ин замина буд. Ҳамчунин ба тақозои вазъи ба амаломада пайвандҳои қатъшудаи фаврҳангӣ миёни кишварҳои ҳамҷавор як дараҷа барқарор гардид. Ин ҳодиса, имконияти баҳрабардориро аз фарҳангу адаби Эрон муҳайё сохт.

Баъди анҷумани ҳизб назар ба таърих, фарҳанг, аз ҷумла, роҳи таърихии инкишофи адабиёт ва сарнавишти адибон як андоза дигар шуд. Номи сиёҳи сарнавишти бисёре аз фарзандони намакҳалоли халқ, ки ба тӯҳмат ҳабсу таъқиб шуда буданд, сафед гардид ва бегуноҳии ононро ҳизбу ҳукумат эътироф карданд. Ин ҳама шароитеро фароҳам овард, ки то дараҷае халқу кишвар аз садамаи сиёсӣ ва маънавӣ раҳоӣ ёбад. Ин ҳолат табиист, ки боиси тағйир пазируфтани диди адибон ба воқеият гардид ва ба меъёрҳои тасвир низ дигаргунӣ ворид кард.

Назари солим ба осори адабии гузаштагон ва мероси адибони кишварҳои ҳамҷавор шароити нашри осори баъзе аз адибони саршиноси Эрону Покистон ва Афғонистонро муҳайё сохт. Дар ин замина аз ҷониби Мирсаид Миршакар ба чоп расидани баргузидаи осори Муҳаммад Иқбол ҳодисаи муҳимми фарҳангӣ буд ва ба муҳити шеъри тоҷикӣ, аз ҷумла, эҷодиёти худи Миршакар бетаъсир набуд.

Охири солҳои панҷоҳ ба майдони адабиёт гурӯҳи адибони ҷавоне ворид шуданд, ки вуқуфе аз гузашта ва имрӯз доштанд. Ин гурӯҳ дар мактаби суннатҳои адабии гузашта ва ҳам Айниву Лоҳутӣ парвариш ёфта, вобаста ба фазои сиёсии мамлакат чашмандозиашон ба воқеият

низ дигаргуна буд. Дар сари ин сарҷӯи сабз Мӯъмин Қаноат қарор дошт. Гурӯҳи дигари шоирон аз қабили Файзуллоҳ Ансорӣ, Қутбӣ Киром, Лоиқ, Бозор Собир, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло, Гулназар, Гулрухсор ва дигарон ба майдон ворид шуданд, ки ҳар кадоме дид ва консепсияи хоси эҷодӣ доштанд.

Дар наср низ тозаҷӯӣ шурӯъ гардид. Як навъ таҳрир ва фурӯгузории дидгоҳҳои қолабӣ воқеъ шуд, ки натиҷаҳои мусбат ба дунбол дошт. Дар раванди ҳамин дигаргуниҳо навиштаҳои Ҷ.Икромӣ «Духтари оташ», «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро», «Тахти вожгун», «Хатлон», Раҳим Ҷалил «Шӯроб», Юсуф Акобиров «Замини падарон», «Норак», «Водии муҳаббат», «Дунё ба умед», Муҳиддин Хоҷаев «Об - рӯшноӣ», роману қиссаҳои Ф.Муҳаммадиев, Ҷумъа Одина, Ӯ.Кӯҳзод, Сорбон, С. Турсун ва ғайра ба вуҷуд омад.

Зимнан бояд гуфт, ки арзиши бадеии ин асарҳо яксон набуданд. Дар қисми аз инҳо таъсири тамоюли манфии воқеанигорӣ ва тобеъият ба дархостҳои иҷтимоиву ахлоқии ҳизб равшан ба назар мерасад.

Яке аз тамоюлҳои дигари зиёновари насри ин давра ҳамоно зоҳирнамоии воқеаҳои шигифтангез ва тасвирҳои парнографистӣ мебошад. Ин амалро баъзе нависандагон маҳз барои шӯҳратталабӣ мекарданд, ки зиёни ҳам ахлоқиву ҳам маънавӣ дар пай дошт. Дар ин равиш асарҳои Юсуф Акобиров «Замини падарон», «Норак», «Водии муҳаббат» ва «Дунё ба умед»-ро метавон зикр кард.

Мутаассифона, Юсуф Акобиров консепсияи пешинаи худро дар тасвири чеҳраи зан аз даст дод. Чеҳраи занони ишратпараст, сабукпо ва бадахлоқ дар асарҳои ӯ мавқеъ пайдо мекунанд.

Қаблан Акобиров ба образу характерҳои занону духтароне таваҷҷӯҳ дошт, ки ахлоқан зебо ва дар ишқу муҳаббат содиқу устуворанд. Ин гуна қаҳрамонони ӯ дорои «малоҳат, ҳаёи шарқии ба занону духтарони тоҷик хос» (Ҷ. Бақозода) буданд. Ин мавқеи ғоявии нависанда дар повестҳояш хеле қавӣ буд. Афсӯс, ки дар романҳои

зикршуда назари нависнада ба чеҳраи қудсии зан дигар шуда, акнун «зан на ҳамчун шахсияти комил, инсони озод, на ҳамчун неруи фаъоли ҷамъият, балки ҳамчун фарде тасвир мешавад, ки дунёи тангу маҳдуд дорад, зиндагии мешанӣ меҷӯяд» (Ниг.: 14,101-109).

Дар бисёре аз асарҳои ин давра нақли воқеа ва тасвири рӯякии ҳодисаву воқеаҳо нуфуз дошта, нависандагонро аз ҷустуҷӯҳои амиқи бадеӣ боз доштааст. Бинобар ин ҳам насри ин замони тоҷикӣ аз ҷараёни ҷустуҷӯҳои пуршитоби насри бадеии халқҳои Иттиҳоди собиқи Шӯравӣ хеле-хеле ақиб меистад. Ин навиштаҳоро бо асарҳои хуби нависандагони рус, латиш, гурҷӣ ва арманӣ наметавон муқоиса кард. Зимнан бояд гуфт, ки чунин муқоисаҳоро гоҳо адабиётшиносони тоҷик анҷом додаанд, вале дар ин қиёс бештар мутаваҷҷеҳи мазмуну мундариҷа, ғоя ва образҳои асарҳо шуда, ҷанбаи бадеӣ ва ҳунари нависандагиро фурӯ гузоштаанд.

Баъдтар асарҳои Ӯрун Кӯҳзод «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз», «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим», Сорбон «Актёр», «Зарафшон», Саттор Турсун «Се рӯзи баҳор», Муҳиддин Хоҷаев «Нанг ва номус» ба майдон омад, ки савия ва диди муаллифон дар шинохти ҳақиқати таърих то андозае дигар шуда буд. Ин муаллифон воқеияти таърихӣ ва рӯзмарраро на аз дидгоҳҳои қолабӣ, балки аз мавқеи арзишҳои умумиинсонӣ шарҳу тасвир карда, образҳои ҷолиберо ба вуҷуд оварданд. Сабаби ба душворӣ ва гоҳо бо ихтисор чоп шудани ин асарҳо низ дар тозаназарии муаллифон буд, ки ба сензураи вақт писанд намеомад.

Дар рушди насри ин давра хидмати С. Улуғзода бузург аст. Вай бо таълифи як силсила асарҳои таърихӣ ёди мардуми моро ба гузаштаи дуру наздик мутаваҷҷеҳ сохт. Таърихи бадеии кишвар ва сарнавишти беҳин фарзандони онро ба воситаи асарҳои хубаш падид оварад. Дар ин замина драмаҳои ӯ бахшида ба Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Темурмалик ва Аҳмади Дониш аз бисёр ҷиҳат ҷолиб буда, худшиносии миллиро дар ҷомеъаи мо ба андозае тақвият бахшид.

Ба назари мо муҳимтарини тамоюл дар эҷодиёти С. Улуғзода он аст, ки вай беш аз ҳама қудрати тавоноии маънавии халқро, ки ба сурати қаҳрамонӣ дар шароитҳои мураккаб ва мушкил зуҳур кардааст, тасвир мекунад. Чун идроки бадеии инсонро дар эҷодиёти адиб ба назар гирем, образҳои Рӯдакӣ, Сино, Аҳмади Дониш, Темурмалик, Восеъ, Шивоҷӣ ва ғайра пеш аз ҳама таҷассуми зӯрмандии маънавии халқ ҳастанд.

Ҷои романи «Фирдавсӣ» дар эҷодиёти Улуғзода хос аст. Ин роман ҳашамати таърих, маънавиёти миллатро пеши чашми мо зинда медорад ва тамоюли эҷодиёти адиб – худшиносии миллиро тақвият мебахшад.

Баъди съезди XX-и ҳизби коммунистӣ таваҷҷӯҳи нависандагон ба масоили ахлоқ ва худшиносии фард бештар гардид. Дар ин замина хидматҳои Фазлиддин Муҳаммадиев бузург аст. Романи «Палатаи кунҷакӣ», қиссаҳои «Варта», «Шоҳии япон», ҳикояҳои «Ҷага», «Рӯзи дафни усто Оқил», «Роҳ», «Сози мунаввар», «Даъво», «Хиёбони Нодир» ва ғайра дар насри тоҷикӣ ҳарфи тозаанд. Назари моҳиятҷӯ ва ахлоқписанди нависанда арзиши ин асарҳои ӯро афзудаанд.

Зимнан бояд таъкид кард, ки Фазлиддин Муҳаммадиев аз нависандагонест, ки шеваи равоншиносии тасвирро дар насри мо таҷдид кард. Дар ин замина романи «Палатаи кунҷакӣ» асари ҷолиб ва пандомӯзест.

Нависанда аз аввалин навиштаҳояш ба маънавиёти инсон таваҷҷӯҳи хос дошт. Ҳатто сарнавишти «одамони кӯҳна» барои ӯ омӯзанда ва барои ҷомеъа беарзиш набуд. Чунин консепсияи идроки бадеӣ дар асарҳои минбаъдаи ӯ инкишоф ёфт. Дар ин равиш романи «Палатаи кунҷакӣ» дар эҷодиёти адиб мақоми хос дорад.

Дар раванди ҷустуҷӯҳои маънавию ахлоқии насри имрӯзаи тоҷик Ҷумъа Одина ва романи ӯ «Гузашти айём» ҷойгоҳи хос дорад. Ҷумъа Одина аз ҷумлаи нависнадагони тозаназар буд. Аввалин ҳикояҳо ва повестҳои «Авроқи рангин», «Иншо дар мавзӯи озод» гувоҳи

чашмандозии хоси ӯ дар шинохти ҳақиқати зиндагӣ ва сарнавишти инсон буданд.

Романи «Гузашти айём» ҷасоратмандии ӯро дар роҳи таҳқиқи воқеият, сарфи назар аз тамоми бандҳои расмиву ғайрирасмӣ, собит кард. Нависанда аввал романро дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба чоп расонд ва ба муқовимати сахти кормандони ҳизбу давлат дучор гардид. Сензураи давлатӣ нусхаҳои онро мусодира кард. Бисёре аз масъулони ҳизбӣ ва баъзе аз мунаққидон (А. Сайфуллоев) романро аз ҷиҳати ғоявӣ зиёновар эълон карданд ва он ҳама талошҳои бемаънӣ оқибат сари навсиандаро хӯрд.

Вале замона худ барои адиби танҳо фатвои наҷот бароварад. «Гузашти айём» сафед шуд ва дар шакли китоби алоҳида ба чоп расид. Ҷумъа Одина дар ин асар манзараи вусъатнокеро аз воқеияти солҳои 30-40 ба тасвир мегирад. Роман як марҳалаи муҳимми ҳастии халқи тоҷикро аз паҳлуҳои наваш, аз назари идеявию ахлоқӣ фаро мегирад. Дар ин асар нависанда бори аввал дар насри тоҷикӣ қолабҳои маъмулиро дар тасвири симои коммунист шикаст, моҳияти амалу кирдори инсони фармонравоеро, ки бунёди ахлоқӣ ва маънавияш хароб аст, падид овард ва маҳз ҳамин нуқтаи ғоявии асар муқобилати дастгоҳҳои расмиро ба вуҷуд овард.

Мунаққид А.Набиев романи «Гузашти айём»-ро романи андешаҳо, ақидаву принсипҳо шинохта буд **(65, 41),** ки воқеан дуруст аст. Ин асар ҳам аз ҷиҳати ғоявӣ ва ҳам бадеӣ асари навоварона эътироф шудааст. «Гузашти айём» арзиши фаровони ахлоқӣ дошта, дар ташаккули ҷонфидоӣ, инсондӯстӣ, вафодорию муҳаббат барин хислатҳо ба хонанда кӯмак мекунад. Арзиши дигар ва бисёр муҳимми роман дар он аст, ки мо доир ба бисёр паҳлуҳои воқеияти солҳои сӣ, ибтидои ҷанги дувуми ҷаҳонӣ ҳарфи тозаро аз забони нависанда мешунавем. Дар тасвир ва таҳлили воқеаҳо адиб қабл аз ҳама ба арзишҳои умуминсонӣ арҷи бештар медиҳад.

Абдулҳамид Самад, Бахманёр ва Сайф Раҳим дар рушди насри ин давра ҳар кадоме ба қадри имкониятҳои худ саҳм гузоштаанд. Ҷустуҷӯҳои А. Самад бо дигаргуниҳое, ки дар насри воқеанигор ва ахлоқписанди солҳои охир ба вуҷуд омад, алоқаманд аст. Дар навиштаҳояш ӯ бештар ба масоили ахлоқӣ, хилқати муосирон ва тамоюлҳои манфии ахлоқие, ки дар даври Шӯравӣ тайи солҳо рушд кард, таваҷҷӯҳ кардааст. Дар ин радиф навиштаҳои ӯ «Баъд аз сари падар», «Аспи бобом», «Косаи давр» аз бисёр ҷиҳатҳо ҷолиби диққатанд.

А.Самад дар повести аввалинаш «Баъд аз сари падар» амалу кирдори қаҳрамонашро дар зиндагии ҳаррӯза, ҳаёти соддаи орому хонаводагӣ ба мушоҳида мегирад ва дар ин замина ба масоили муҳим, монанди идеали қаҳрамон, суннатҳои ахлоқиву маънавӣ, бузургиву пастии афрод ва ғайра таваҷҷӯҳ мекунад. Ин тамоюли эҷодии ӯ дар навиштаҳои баъдиаш, аз ҷумла «Косаи давр» ва баъзе ҳикояҳои ӯ аз қабили «Ҳазл» ривоҷ ёфтааст.

Бисёр муҳаққиқон зуҳури тамоюли навро дар роҳи дарки бадеии воқеият ба эҷодиёти Баҳманёр ва Сайф Раҳим алоқаманд медонанд, ки аз воқеият дур нест. Дар навиштаҳои ин гурӯҳ, хоса Баҳманёр, тафаккури тахайюлӣ афзалият дошта, шаклҳои шартиву рамзӣ ифодагари усули бадеии нависандаанд. Дар ин замина аз нахустин навиштаҳояш Баҳманёр ба мавзӯъҳои ҳифзи табиат, пайванди инсону муҳит, набототу ҷамодот, пайванди олами кабиру сағир ва ғайра диққат мекард ва ин равия дар навиштаҳои баъдиаш инкишоф ёфт. Маҷмӯаи аввали ӯ «Ишқи сайёд» (1984) асосан ҳамин масъалаҳоро дар бар гирифта, нависанда кӯшидааст, ки ҳаталимкон аз усули воқеъанигории маҳз, ки дар насри тоҷик мақом дошт, иҷтиноб кунад.

Усули тасвири шартиву рамзӣ дар маҷмӯаҳои охири ӯ «Аспи обӣ» (1988) ва «Дуди ҳасрат» (1993) такмил ёфта, нависанда кӯшидааст, ки беқадрӣ ва хориву зории инсон, азоби алиме, ки инсон гаравгони он шудааст ва саргумии мардумро дар гиру дори дунё, ҳамчунин сияҳрӯии

одамону замонро нишон диҳад. Навиштаҳои Баҳманёр аз ҷиҳати бадеият сабқате доранд, суханаш хос аст.

Сайф Раҳим низ аз нависандагони ҷӯянда ва тозанигори имрӯз аст. Вай бо нашри нахустин маҷмӯааш «Ситораҳои сари танӯр» (1984) собит кард, ки пайгири роҳи тайшуда нест ва ҳарфи худашро дар адабиёт арза карданист. Аз нашри маҷмӯаи аввал то маҷмӯаҳои «Аз ёдҳо, аз ёдҳо…» (1988), «Доғистон» (1993) ӯ пайгири ҳамин мароми эҷодист. Сайф Раҳим дар мавзӯъ ва биниши бадеӣ «истиқлол»-и комил дорад. Ӯ дар ҳеҷ навиштааш ба воқеанигорӣ тамоюле зоҳир накардааст ва ин аз фазилати эҷодии ӯст. Ӯ дар навиштаҳояш аз бемаънавиятӣ, фасоди ахлоқ, ноинсофӣ, худбинӣ, поймол гардидани адолат ва мусоват дар ҷомеа урён ҳарф намезанад, балки зимни тасвир ин ҳама масоилро матраҳ сохта, хонандаро сари андеша ва натиҷагирӣ танҳо мегузорад.

Тозакориҳои солҳои шаст ва ибтидои солҳои ҳафтодро дар шеъри тоҷикӣ муҳаққиқон ба иттифоқ ба кӯшишҳои Мӯъмин Қаноат, Лоиқ ва Бозор Собир алоқаманд донистаанд, ки воқеият аст. Муҳимтарин тағйироте, ки дар шеъри ин давра ба назар мерасад, дигар шудани усули тасвир аст. Дигар аз тағйиротҳо таваҷҷӯҳ ба мавзӯъҳои муҳимми зиндагии инсон ва таърих аст. Худшиносии миллӣ ҳадафи асосии андешаи шоиронаи ин гурӯҳ қарор гирифт. Дар шеър ба тасвир омадани сарнавишти инсонӣ ва маънавии абармардони таърих, монанди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Исмоили Сомонӣ, Айнӣ ва ғайра ҳадафҳои амиқи ғоявӣ дошт. Шояд дар тамоми даврaҳои инкишофи шеъри тоҷикӣ аввалин бор шоирон дар боби таърих, дар боби мавқеияти ашхоси барҷастаи таърих, сарнавишти миллат ва забону фарҳанги вай ҷиддан ба андеша рафтанд.

Ба ифодаи М.Шакурӣ ин гуна дигаргуниҳо дар шеъри даҳаи шасту ҳафтод зиёд ба вуҷуд омаданд. Беш аз ин «дар шеър силсилаи афкор – андешаҳои мураккаби пайдарҳам, андешапарварии пурҳиссиёт, ки аксаран мӯҳтавои иҷтимоӣ ва гоҳ мундариҷаи фалсафӣ дошт, ривоҷ ёфт. Андеша дигар бо диди синфӣ маҳдуд набуд, яъне на фақат бар

синфиятгароӣ, ки кам-кам коҳиш меёфт, балки бар чашмандози густурдатаре бунёд дошта, арзишҳои башариро ҳар чи бештар дарбар меоварад» (116,119).

Шеър акнун ифодагари ҳиссу андеша, туғёни дил гардида, ба ҳудудҳои жанрӣ низ рахна андохт. Тағйироте дар сохтмони шеър, истифодаи арӯз ба миён омад, ки на ҳама вақт муфид ва натиҷанок буд. Дар ҳамин равиш шеъри озод бо шеъри тоҷикӣ омехт ва баъзе намунаҳои хубе низ ба миён омад. Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир пайванди шеъри тоҷикиву форсиро таҳким бахшида, шеъри моро ҳам шаклан ва ҳам маънан ба асл хеле наздик бурданд. Шеър аз назари ҳунар низ то дараҷае ба камол расид.

Мутаассифона, дром дар адабиёти ин давра мақоми шоён надорад. Драманависоне чун Ф.Ансорӣ, Ш.Қиём, С.Сафаров, М.Бахтӣ, Қ.Киром асарҳои саҳнавӣ навиштаанд. Дромҳои таърихӣ ва инқилобии Ғанӣ Абдулло ба ваҷҳи мавзӯъ дар аксари маворид рӯи саҳна буданд.

Фазлиддин Муҳаммадиев низ бо номи «Охирин арӯсии амир-ал-мӯъминин» драмае навишт. Вале беҳтарин асарҳои ин давра ҳамон «Темурмалик», «Восеъ», «Алломаи Адҳам ва дигарон»-и С. Улуғзода шинохта шудаанд. Ин асарҳо аз назари аҳамияти мавзӯъ ва арзиши бадеӣ дар таърихи адабиёти мо мақоми хос доранд. Нависандаи бузург таърихро ба хидмати имрӯз кашида, хонандаи хешро дар баробари фоҷиаҳои таърихи халқ ба андеша мебарад. Ҳиссу ифтихори инсонӣ ва миллиро ба ҷунбиш меорад ва масъулиятро бар дӯши муосирон мегузорад, ки ин ҳам шинохти ҳақиқати таърих ва софкории ахлоқ аст. Масъулиятшиносии инсонӣ ва таҳаддуди иҷтимоӣ муҳимтарин рукни фикри бадеии нависанда аст.

Аз охири солҳои ҳаштод даврони тозатар дар таърихи адабиёти тоҷик оғоз меёбад. Ин тозакориҳо, бешак, ба бозсозии иҷтимоию сиёсии давр сахт марбут аст. Бозсозӣ муҳити комилан озодеро дар ҷомеъа ба вуҷуд овард. Дар ин раванд фошгӯиву озодандешӣ ривоҷ ёфт ва ин ҳодиса таъсири амиқе ба муҳити маънавӣ гузошт ва

фаъолиятмандии иҷтимоиву граждании адибонро зиёд кард. Бисёре аз адибон, ҳам шоиру нависандагон ва ҳам муҳаққиқони таъриху адабиёт ба воқеият ва таърих тағдиди назар карданд. Ҳамаи ин дигаргуниҳо ба он овард, ки адабиёт то ҳадде аз сиёсатфурӯшии маҳз ва иҷтимоигароии дурушт раҳоӣ ёфт.

Бешак, ба рушди ин раванди мусбат матбуоти рӯз мусоидат кард. Бисёр рӯзномаву маҷаллаҳо дар чопи асарҳои адабиву мақолаҳои навҷӯёна иқдомҳои ҷиддиро ба роҳ монданд. Дар ин равиш ашъор ва мақолаҳои Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Гулназар, Гулрухсор, Фарзона, Камол Насрулло, Низом Қосим, Сиёвуш ва дигарон ба чоп расид, ки муҳити озодандеширо дар ҷомеъа тавсеа бахшид ва чашми мардумро ба шеъри асил кушод.

Дар наср ин гуна раванди «истиқлолхоҳӣ» нисбатан сусттар ба назар мерасад. Вале чеҳраҳое чун Ҷ. Одина, Ӯ. Кӯҳзод, Саттор Турсун, Абдулҳамиди Самад, Баҳманёр, Сайф Раҳим ва К. Мирзо дар ин замина хидмате кардаанд. Муҳимтарин иқдоми онҳо насрро аз воқеъагароии маҳз як дараҷа берун овардан ва арзишҳои ҳунариро боло бурдан буд.

Сотим Улуғзода
(1911-1997)

Устод Сотим Улуғзода фаъолияти адабиашро бо эҷоди мақолаҳои танқидӣ, тарҷума ва асарҳои драмавӣ оғоз кардааст. Мақолаҳои ҷудогонаи ӯ дар бораи эҷодиёти Садриддин Айнӣ, Лоҳутӣ, Пайрав Суҳайлӣ, масоили адабиёти бачагон, бар зидди туркгароӣ ва исломгароӣ ҳанӯз солҳои сиюм ба табъ расидаанд. Вай дар бораи намояндагони адабиёти классикӣ як силсила мақолаҳо навишта, дар таҳияи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) иштирок кардааст. Бо таҳқиқи адабиёт ва осори адибони ҷудогона машғул шудани адиб ҳодисаи тасодуфӣ набуд. Ин амал ба адиб имкон дод, ки меъёрҳои кори эҷодиашро муайян созад. Минбаъд низ адиб аз ин фаъолияти хеш канор

нарафт, балки бо хоҳиши дил ва тақозои вазифа мақолаҳои зиёде таълиф намуд, баромадҳои зиёди танқидӣ кард, ки як қисми онҳо дар маҷмӯаи «Единение» (1963) гирд омадаанд. Рисолаи вай дар бораи Аҳмади Дониш аз нахустин тадқиқоти ҷиддӣ доир ба ҳаёт ва фаъолияти ин маорифпарвари бузург буд. Китоби дигари пурмояи ӯ «Пири ҳакимони Машриқзамин» низ арзиши фаровони таърихиву илмӣ дорад. Ин асар сухани тозаи адиб дар бораи ҳаёт, шахсият, мансубияти миллӣ, эҷодиёт ва замони зиндагии фарзанди бузурги халқи тоҷик Абуалӣ ибни Сино мебошад. Аз ин ҷиҳат саҳми Улуғзода дар пешрафти адабиётшиносии тоҷик калон аст.

Сотим Улуғзода дар соҳаи тарҷума низ хидматҳои фаровон кардааст. Ин соҳаи фаъолияти ӯ аз бисёр ҷиҳат ҷолиби диққат аст, зеро вай кори эҷодиро аз тарҷума оғоз карда, минбаъд чун тарҷумони соҳибҳунар шинохта шуд.

Нависанда кори тарҷума ҳанӯз дар айёми дар дорилфунуни шаҳри Тошканд хонданаш шуғл варзидааст. Нахустин кори ӯ дар ин соҳа тарҷумаи романи Э.Л.Войнич «Ғӯрмагас» буд. Муҳаққиқон ба тарҷумаи ин асар рӯ овардани нависандаро ҳодисаи тасодуфӣ намедонанд. Сарнавишти қаҳрамони асар ба зиндагии адиб қаробат дошт ва таъсири онро дар протсесси эҷодиёти нависанда мушоҳида мекунем.

Сотим Улуғзода баъд низ ба фаъолияти тарҷумонӣ идома дода, дар баробари тарҷумаи осори бадеӣ ҳам осори асосгузорони марксизм-ленинизм ва ҳам адабиёти ҷаҳониро бо камоли маҳорат ба тоҷикӣ гардонидааст.

Китоби Ф.Энгелс «Инкишофи сотсиализм аз утопия ба илм», асари В.И.Ленин «Чи бояд кард?», китобҳои «Ҳаёт даъват мекунад»-и Билл Беллосерковский, «Рӯ ба рӯ кардан»-и Тур, «Одами милтикдор»-и Погодин, «Хизматгори ду хоҷа»-и Голдонӣ, «Гунаҳкорони бегуноҳ»-и А.Островский, «Модар»-и М.Горкий, «Ҳамлет»-и Шекспир, «Табиби зӯракӣ»-и Молйер, «Дон Кихот»-и Мигел де Сервантес, «Уленшпигел»-и Шарл де Костер ва чандин асари дигарро ӯ тарҷума кардааст.

Кӯшиши Улуғзода барои бештар тарҷума кардани асарҳои драмавӣ низ сабаб дошт. Аввалан, нависанда мехост холигии ин соҳаро аз ҳисоби асарҳои машҳури дараматургияи ҷаҳонӣ пур кунад, сониян, худаш низ дар ин замина таҷрибае андӯхта, ниҳоят як силсила асарҳои комили драмавӣ офарид.

«Қӯшун дар дарвозаи Бухоро»-ро аввалин кӯшиши нотамоми ӯ дар ин ҷода медонанд. Баъдтар адиб дар ин роҳ бо ҷиддият қадам гузошта, драмаҳои «Шодмон» (1939), «Калтакдорони сурх» (1940), «Дар оташ» (1944)-ро таълиф намуд, ки аз ҷиҳати мундариҷа ва ҳунари драмнависӣ дар драматургияи тоҷик ҳодисаи муфид буд. Дар ин асарҳо нависанда ба муҳимтарин мушкилоти давр, аз ҷумла, ҷанги граждани, ватанӣ, қаҳрамонию далерии мардуми мо, муборизаи наву кӯҳна дар тафаккури одамон дахл карда, ба ҳалли бадеии онҳо комёб шудааст. Улуғзода дар ин замина мазҳакаҳои «Ҷӯяндагон» ва «Гавҳари шабчароғ»-ро низ таълиф кард, ки оҳанги танқидӣ ва истеҳзоомез онҳоро маҳбуби тамошобин гардондааст. Ин асарҳо дар роҳи саҳнавӣ сохтани мавзӯи рӯз қадами ҷиддӣ буданд. Вале хидмати Улуғзода дар таълифи дромҳои таърихӣ ва таърихии тарҷумаиҳолӣ калон аст. Дар ин замина ба вуҷуд омадани драмаи «Рӯдакӣ» (1958) дар саҳнаи тоҷик ҳодисаи фавқулода буд. Бори аввал дар драматургияи тоҷик шахси конкрет, шоири бузург қаҳрамони асосӣ қарор мегирад. Дар ин асар Рӯдакӣ чун шахсияти тавонои таърихӣ, ки сифатҳои баланди инсонӣ зоҳир мекунад, ба тасвир омадааст. Нависанда моҳияти гуманистии образи шоири замони Сомониёнро хеле барҷаста тасвир кардааст. Ин асар аз ҷиҳати бадеият низ ҷолиби диққат буд ва бесабаб нест, ки солҳои тӯлони дар саҳнаи театри тоҷик ба намоиш гузошта шуд. Сохтмони устувори драматургии асар имкон дод, ки дар асоси он филми «Қисмати шоир» ба навор гирифта шавад ва ин филми соли 1960 дар фестивали кинофилмҳои Осиёву Африко сазовори ҷоизаи «Уқоби тилло» гардид. Ин асарҳо як навъ заминае гардид, ки нависанда дар роҳи таълифи асарҳои саҳнавии таърихӣ ҷидду ҷаҳди бештар ба харҷ диҳад. Киноповести «Ибни Сино»

(1956, бо ҳамқаламии В.Виткович), «Темурмалик» (1968), «Алломаи Адҳам ва дигарон» (1970), «Восеъ» (1971), «Ҷавонии Ибни Сино» (1980, ба ҳамқаламии В.Виткович) маҳсули ҷустуҷӯҳои босамари нависанда буданд.

Муҳаққиқон махсусиятҳои асарҳои мазкурро дар он дидаанд, ки онҳо дар драматургияи тоҷик барои тааммуқи реалистии тасвир ва такомули ҳунару санъати драматургӣ нақши калоне бозидаанд. Илова бар ин онҳо аз ҷиҳати гуногунии жанр, тасвири симои мардони бузурги таърих, масъалаҳои таносуби санади таърихӣ ва тахаввулоти эҷодкор муҳим буда, маводи фаровони таҷрибаи Улуғзодаи олим, нависанда ва дромнавис аз бисёр ҷиҳат сазовори омӯзиш ва таҷрибаандӯзист.

Бояд таъкид кард, ки фаъолияти асосии устод Улуғзодаро дар саҳнаи адабиёт насри бадеӣ муайян мекунад. Бешак, Улуғзода устоди насри муосири тоҷик буда, баъд аз Айнӣ дар рушди он саҳми чашмгире доштааст ва мақоми ӯро муҳаққиқон дар ҷои аввал шинохтаанд. Улуғзода воқеан ҳам савияи тадқиқиву тасвирии насри тоҷикро қувват бахшид, ба фарогирии сифатҳои гуногуни қаҳрамони мусбат саъй кард, ба тадқиқи бадеии қаҳрамонӣ, сифатҳои маънавии шахс, тақвияти драматизм ва таърихияти тафаккури бадеӣ ҷиддан мусоидат кард.

Донишмандони адабиёт, аз ҷумла, академик М.Шукуров, А. Набиев насри Улуғзодаро насри консепсуалӣ донистаанд. Ба осори ин нависандаи забардаст мазмунҳои амиқи иҷтимоӣ, ғояҳои пешқадами замон, жарфо ва вусъати биниши таърихӣ, саҳеҳаш таърихияти тафаккури бадеӣ, робитаи қавии фикр, тарзи баён, ба мавқеъ истифода кардани калимаву иборот, пурмаъноии ҳар калима хос мебошад. Сухани ӯ аз оғоз то ба анҷом дар такомул будааст. Дар ин равиш агар ба повести нахустини ӯ «Ёрони боҳиммат» таваҷҷӯҳ кунем, маҳорати суханофариниаш равшан ба назар меояд. Романҳои «Навобод»-у «Восеъ», қиссаи тарҷумаиҳолии «Субҳи ҷавонии мо», повести «Ривояти суғдӣ» ва ниҳоят романи «Фирдавсӣ» дар ин замина материали фаровонеро дар бар гирифтаанд.

Нахустин асарҳои насрии Улуғзода ёддошту мақола ва очерк будаанд, ки ҳанӯз солҳои сиюм навишта шудаанд. Танҳо аз солҳои ҷанг ва баъд вай ба навиштани асарҳои насрии хурду бузург ҷиддан ва мунтазам машғул шудааст. Яке аз нахустин навиштаҳои ӯ ҳикояи ёддоштии «Дар разм» буд, ки нависанда ба воқеияти ҷанг бо назари тоза ва аз дидгоҳи ахлоқиву маънавӣ менигарад. Ҷиҳати муҳимми ин ҳикоя дар он буд, ки нависандаи ҷангономанавис дар роҳи падид овардани ахлоқ ва ормон қаҳрамонаш, эҳёи руҳияи вай саъйи комил ба харҷ дода буд. Вале, мутаассифона, нақди адабӣ дар вақташ ва баъд низ ба ин асар баҳои воқеъӣ надод. Баъдтар нависанда «Атака», «Бачамард» ва «Бибӣ»-ро навишт, ки ин кӯшишҳои ӯро дар роҳи ифшои сифатҳо ва ҳолатҳои инсонии қаҳрамонони майдон тақвият бахшидаанд. Сонитар яке аз паси дигар асарҳое ба чоп расиданд, ки дар байни онҳо ҳикояву очеркҳои «Саёҳати Бухоро бо ҳамроҳии Айнӣ», «Ҳалокати шоҳпаланг», «Қаҳрамони Днестр, Висла ва Одер», «Марги ҳофиз» ҷолиби диққат буданд. Ин асарҳо аз ҷиҳати маҳорати офарандагӣ, характерофаринӣ ва гузоришу ҳалли мушкилот мақоми хос доранд.

Сотим Улуғзода аз нависандагоне буд, ки то охирин рӯзҳои зиндагиаш ба идеали ҳаётии худ содиқ монд. Ӯ ҳам хаттӣ ва ҳам даҳонӣ борҳо таъкид карда буд, ки идеали ӯ ҷамъияти сусиёлистист. Ӯ ба давлати Шӯравӣ, ки ятимпарвар буд ва вай бепадару модар тарбият кард, ба воя расонд, ихлосу ифодаи хос дошт. Аз ин мавқеъ рӯйдодҳои ҳаёти ҷомеъаи сусиёлистӣ дар осори ӯ мақоми хос доранд. Муҳимтар аз ҳама ӯ қадру манзалати инсонро дар ҷомеъае дидааст, ки адлу дод поядори амни мардуманд. Ва ин гуна муҳити иҷтимоиро дар асарҳояш офарида, аз он ҷонибдорӣ кардааст.

Асарҳое, ки дар боло ном бурдем, ба ҷуз ҳикояи «Марги ҳофиз» дигар ҳама дар мавзӯи муосир навишта шуда, дар онҳо руҳи қаҳрамононаи мардуми мо, пайванди онҳо бо анъанаҳои ватанпарастии гузашта ва фидокориҳои онон дар майдони набард хеле барҷаста ва

мушаххас ба тасвир омадаанд. Зимнан, бояд таъкид кард, ки насри Улуғзода қолабӣ набуда, ҳуввияти афкор ва орои муаллиф дар ҳар навиштаи ӯ равшан эҳсос мешавад. Ин усул сабки хоси нависандагии ӯро низ таъин кардааст, ки на ба ҳар кас даст медиҳад. Махсусияти ҳунар, биниши хос аксаран асарҳои ӯро аз қолабҳои нормативӣ берун бурда, боис шудааст, ки гоҳо муҳаққиқон дар тафсиру таҳрири навиштаҳои ӯ ихтилоф кунанд.

Ин ҳолат баъди нашри повести «Ёрони боҳиммат» (1947) рух дод. Қиссаи дилангези «Ривояти суғдӣ» низ бо чунин фаҳмиши қолабии вулгарона рӯ ба рӯ гардида буд.

Нақди вулгар махсусан ба повести «Ёрони боҳиммат» баҳои ғайривоқеӣ ва ноодилона дода, онро ҳатто асари «зарарнок» эълон дошт. Дар асл ин тавр набуд. Сотим Улуғзода бори аввал дар насри тоҷикӣ кӯшиш ба харҷ дод, ки инсонро дар ҳолатҳои воқеӣ ва табиӣ ба тасвир гирад, ба маънавиёт ва ахлоқи он дар заминаи арзишҳои умумибашарӣ баҳо диҳад. Ҷанг аз дидгоҳи Улуғзода саҳнаи қисматсози инсонҳои гуногунсифат ба назар омад. Нависанда инсонро дар заминаи меъёрҳои ахлоқиву равоншиносӣ ба тасвир кашид.

Устод Улуғзода ба сарнавишти ҷанговар аз ҳамин мавқеъ таваҷҷӯҳ карда, муносибати Ҷӯрабеку Зайнаб, хусусан симои Зайнаб, сабабҳои издивоҷ ва боз ба оилаи аввалаш баргаштани ӯро хеле табиӣ ва боварибахш нишон медиҳад. Ин воқеъа ҳарчанд тасодуфӣ ба назар ояд ҳам, вале дар ҷанг рӯйдоди он ногузир буд. Муҳим он буд, ки нависанда ҳангоми ифшои туғёни дили Зайнаб дар мавқеи нависандаи воқеъбин ва руҳшинос қарор мегирад. Аз ин ҷиҳат ӯ ба он комёб шуд, ки нирӯи маънавӣ ва рӯҳонии зан ва ҳусни ботину зоҳири ӯро бо ҳама мураккабиҳову тасодуфҳояш ба тасвир кашад. Ин асар аз ҷиҳати забон низ ҷолиби диққат буда, сабки устувори муаллифашро таъйид мекунад.

Романи «Навобод» асари дуввум ва нисбатан калонҳаҷми С. Улуғзода аст. Нависанда дар эҷоди ин асар заҳмати зиёд кашида, онро дар давоми солҳои 1948-1953 эҷод кардааст. Ин асар бори нахуст соли

1949 бо номи «Диёри навобод» чоп шуд. Аммо баъдтар нависанда камбудиҳои ин романро дарк карда, ҳангоми таълифи қисмати дуюми он асарро ҷиддан таҳриру такмил кард ва бо номи тозаи «Навобод» солҳои 1950-1953 ба чоп расонид. Нависанда ҳангоми таҳрири дубораи асар пай мебарад, ки «аз рӯи план, схемаи пешакӣ» кор кардааст ва ҳол он, ки «зиндагӣ ба ҳеҷ гуна қолаб намеғунҷад, зиндагӣ дарёро мемонад, ки барои худ роҳ мекушояд, шаклу намудашро муайян мекунад». Нависанда дар вақти таҳрири дуюм ҷиддан кӯшидааст, ки дар бораи ҳаёти колхози солҳои пас аз ҷанг ва корнамоиҳои қаҳрамонони деҳот сухани тозаи бадеӣ гӯяд. Ва ниҳоят, ба ифодаи М. Шукуров, ин асар «дар соҳаи кор кардани мавзӯи колхозӣ як дараҷаи инкишофро ташкил додааст». Муҳаққиқи насри муосир А. Набиев арзиши ин романро «дар бо маврид ба миён гузоштани масъалаҳои ҳалталаби зиндагӣ (муттаҳид сохтани колхозҳо), дар нигоштани образи роҳбари фаъолиятманди колхоз (Нуралӣ), дар нишон додани дунёи ботинии зану духтарони тоҷик (Шодигул), тавоноии ҷисмониву маънавии деҳқонони оддӣ (Ҳошим Корвон) ва таъкиди самараи неки дӯстии халқҳо (Боровиков ва Вера), муборизаи наву кӯҳна» мебинад, ки арзиши фаровони бадеиву ахлоқӣ доранд.

Повести дигари нависанда «Субҳи ҷавонии мо» (1954) асари тарҷумаиҳолӣ буда, аз назари тасвири воқеъаҳои ибратбахш ва сарнавишти одамон диққатангез аст. Улуғзода ба воситаи ин асар анъанаи ёддоштнависии адабиёти мо, хоса устод Айниро идома бахшид. Ба мушоҳидаи А. Набиев байни асарҳои ин ду нависнадаи бузург ва ҷиҳати хронологияи воқеъаҳои тасвиршаванда низ қаробате ҳаст: Улуғзода аз ҳаёти солҳои кӯдакӣ ва ҷавонӣ асосан ҳамонашро интихоб кардааст, ки воқеаҳои «Ёддоштҳо» -и устод Айниро идома медиҳанд. «Субҳи ҷавонии мо» воқеаҳои даҳаҳои авали асри гузашта ва масъалаи ташаккули интеллигенсияи нави тоҷикро дар бар мегирад. Аз ин ҷо, диққати нависандаро тадқиқи бадеии инсон ва таҳлили рӯҳии характерҳо бештар ба худ кашидааст.

Улуғзода ба воситаи ин асар собит кард, ки маводи тарҷумаи ҳол барои тасвиркории ҷиддии бадеӣ мусоидат карда, амиқрафти таҳлили психологиро тақвият мебахшад.

Ин адиби забардаст солҳои тӯлонӣ дар мавзӯи таърих асарҳо эҷод карда, беш аз дигарон садоқати хешро дар ин ҷода собит кард. Барои Улуғзода тадқиқу тасвири гузашта, тақдири таърихии халқ, сарнавишти фарзандони номбардори он арзиши хосе касб кардааст. Бесабаб набуд, ки ҳанӯз солҳои сиюм вай ба омӯзиши таърихи зиндагӣ ва осори рӯшанфикри бузурги тоҷик Аҳмади Дониш пардохт ва дар ин замина рисолаи хубе низ эҷод кард. Баъд яке аз паси дигар киноповесту дромҳои таърихӣ ва қиссаву романҳои ӯ, ки дар мавзӯи таърих буданд, ба чоп расиданд. Меҳнати пурсамари ӯ дар мавзӯи таърих гувоҳи муҳаббати бепоёни адиб ба гузаштаи бошарафи халқи худ аст. Дар заминаи таҳқиқи бадеии мавзӯи таърих Улуғзода консепсияи хоси худро вазъ кард, ки мутаассифона, махсусиятҳои он аз ҷониби аҳли таҳқиқ ҳанӯз таъйид нашудааст. Ҳол он ки ҳадафи таърихӣ дар насри адиб чун як ҷузъи муҳимми идеявию эстетикии тафаккури бадеӣ махсусиятҳои худро дорад.

Назар ба пайбурди адабиётшинос А.Набиев, Улуғзода дар навиштаҳои таърихиаш (хоҳ асари драмавӣ ва хоҳ насрӣ) ба тасвири ҳақиқати реалии воқеъӣ, таърих, рӯҳи замон кӯшиш мекунад. Аз ин ҷо, ҳамаи навиштаҳои ӯ дар заминаи санадҳои таърихӣ ва такя ба сарчашмаҳои мухталиф ба вуҷуд омадаанд. Нависанда ба ин восита имкон пайдо кард, ки тафаккури бадеии таърихӣ ва тасаввури халқро ба воситаи тасвир ҳифз кунад. Ин барои дарки амиқи воқеъияти замон ва воқеъаҳои мавриди тасвир замина муҳайё сохтааст.

Вале бо вуҷуди ин Улуғзода дар роҳи падид овардани бадеияти таърих бештар ба консепсияи мутаҳҳаррики дарки таърих мутаваҷҷеҳ будааст, ки ин зиёда муҳим ва судманд ба назар меояд.

Таърих ва санадҳои он дар тасвири нависанда забон дорад, аз сарнавишти инсонҳо ҷудо нест. Ба ин далел консепсияи диди таърихии

ӯро ҳақиқати таърих шарҳ медиҳад, ки моҳияти замонҳо ва сарнавишти инсонҳоро дар рӯҳи таърих бозгӯ мекунад. Аз ин ҷост, ки вусъати замонӣ ва маконии воқеъаҳои таърихӣ дар насри Улуғзода ниҳоят тӯлонӣ ва фарох аст. Таваҷҷӯҳ кунед, нависанда ба марҳалаҳои муҳимми зиндагии халқ (асрҳои VII-XI, аз замони истилои арабҳо то давраи ташаккули халқи тоҷик ва эҳёи маънавиёти ӯ) диққат додааст. Аз ин ҷиҳат, осори Улуғзода таърихномаи бадеии халқ, муборизаҳои вай дар масири таърих аст. Нависанда аз воқеъияти таърих моҳият ҷуста, бо ин арзиши ахлоқию маърифатии осорашро боло бардоштааст.

Таърих танҳо бо арзишҳои умумибашарӣ судманд меояд, вагарна кафи хоке беш нест. Улуғзода ба таърих, воқеъияти он ва сарнавишти инсонҳо назари амиқи испондӯстона дорад ва осорашро дар ҳамин замина таҳия кардааст. Ин ҳадафи адиб асарҳои ӯро мондагор ва инзамонӣ сохта, арзиши онҳоро боло бурдааст. Таваҷҷӯҳи нависанда ба таърих таваҷҷӯҳи огоҳонаву дилсӯзона ба дирӯзу имрӯз ва фардои миллат аст.

Аз ин дидгоҳ сарнавишти Восеи ғаюру саркаш сарнавишти халқ буда, бисёр ҷиҳатҳои омӯзанда дорад. Тазйиқ ва фишори иҷтимоӣ халқро маҳв хоҳад кард. Бинобар ин ҳам, сарнавишти Восеъ барои Улуғзода сарҳадҳои худшиносӣ ва худфидоии қавм аст.

Рӯҳияи озодихоҳӣ ва меҳанпарастӣ мағз андар мағзи осори адибро фаро гирифтааст. Дар ин замина романи вопасини ӯ «Фирдавсӣ» асари пурмӯҳтаво ва мондагор аст.

Дар хусуси жанри ин асар назарҳои гуногун вуҷуд дорад. Вале онро аксари муҳаққиқон ҳамчун роман пазируфтаанд, ки ин дуруст аст. Дар асар сарнавишти Фирдавсии шоир ба тасвир меояд. Нависанда ҳангоми таълиф ба асноди таърихӣ, ривоятҳо таваҷҷӯҳи хос зоҳир карда, симои инсонии шоири бузург, ватандӯсти наҷибро тасвиркорӣ мекунад. Ҳангоми эҷоди асар нависанда аз тазкираҳо ва асарҳои таърихӣ истифода карда, симои воқеии Фирдавсиро ба қалам овардааст. Санадҳои таърих махсусан дар бобҳои «Шаби эҷод» ва «Доғи фарзанд»

зинда ва самарабахш истифода шуда, образи шоирро комил кардааст. Дар партави воқеияти таърихӣ хонанда бо Фаррухиву Унсурӣ барин шоирони тавонои қасидасаро рӯ ба рӯ меояд. Зуҳури онҳо дар роман шаҳомати маънавӣ ва инсонии Фирдавсиро афзудаанд.

Улуғзода дар тарҳи консепсияи масоили умдаи ҳаёти инсон ва ҷаҳондорию ҷаҳонхорӣ ба муаллифи «Шоҳнома»-и безавол дар як равиш қарор мегирад, яъне мо дар ин замина миёни «Шоҳнома» ва романи «Фирдавсӣ» ҳамоҳангии комилеро эҳсос мекунем.

Қалами тасвиркории нависанда дар ин асар эҷозҳо зоҳир карда бадеияти асарро тақвият бахшидааст.

Масалан, саҳнаи дӯшодӯш бурдани тобути Фирдавсӣ басо шоирона ва эҷодкорона ба қалам омадааст. Ин тасвир аз сарнавишти инсони барӯманд, инсоне, ки ҳадафи зиндагиаш осоиш ва оромиши инсонҳои дигар буд, қисса мекунад. Тасвир забони гӯёи сарнавишти пурфоҷиаи шоире, ки ба қадраш раисдан мумкин буд, мебошад.

Романи «Фирдавсӣ» аз баргузидатарин насри имрӯзи тоҷикист, ки бешак дар тарбияи ахлоқӣ ва маънавии наслҳои баъд хидмат хоҳад кард. Ғоияи ин асар намиранда ва мондагор аст.

Улуғзода сабки хоси эҷод дорад. Аз нахустин навиштаи ӯ то ба охир мо забони содда ва образноки ӯро пеши назар меорем. Мӯъҷазбаёнӣ, сарфакорӣ дар сухан аз махсусиятҳои сабки эҷодии ӯст. Ҳамчунин Улуғзода бардошти хосе аз забони зиндаи мардумӣ дорад, ки ба он ҳеҷ яке аз ҳамқаламонаш муяссар нашудааст. Махсусан, ин ҳунари ӯ ҳангоми таълифи романи «Восеъ» ба таври равшан зоҳир гардид. Ӯ аз хазинаи забони мардумӣ сарфакорона калимотеро барчидааст, ки қобили истифода ҳастанд.

«Марги Ҳофиз», бешак, аз беҳтарин ва пурмӯҳтавотарин ҳикояҳои адабиёти навини тоҷик аст. Ин ҳикоя дар таъйиди ҳуввияти инсонӣ ва нависандагии Улуғзодаест, ки бо ормонҳои зиёд ин ҷаҳони гирдгардонро тарк гуфт. Вале Шивоҷӣ - он ҳофизи номдор суруди хешро хонда тавонист. Оҳанги шево ва дардолуду инсонсози ӯро метавон аз миёни

даҳҳо симфонияю аратория фарқ кард, шинохт ва дарёфт, ки ин ҳарфи Улуғзода аст. Улуғзода нависандаест, ки пайванд бо решаҳо дошт ва симои инсонӣ ва эҷодиаш низ аз дигарон тафовут дорад.

Мирзо Турсунзода

(1911-1977)

Роҳи зиндагии Мирзо Турсунзода тавъам ба роҳи ташаккул ва пешрафти Тоҷикистони нав ва халқи он аст. Худи Турсунзода бар он аст, ки Инқилоб ба сарзамини бостонии Тоҷикистон ва мардуми маърифатпарвари он умри дубора бахшида, «ба дасташ ҳуҷҷати пояндагӣ дод». Замоне, ки номи тоҷик «сароғози суруду достонҳо» гашта, кишвари тоҷикон рӯ ба ободӣ ниҳод, Мирзо ҷавони наврас буд ва ба қавли худаш, «аз дилу ҷон ба ҳар иморати нав аввалин хиштро» мегузошт.

Вақте дар бораи сарнавишти Мирзо Турсунзода фикр мекунем, ҳеҷ ҳуҷҷате қотеъгар аз шеъри ӯ, аз мақолаву осори дигари ӯ пеши назар намеояд. Воқеан ҳам «аз рӯи асарҳои Мирзо Турсунзода на танҳо тарҷумаи ҳол ва афкору андешаи ӯро, балки таърихи бадеии тоҷикону сарзамини онҳоро ба хубӣ барқарор кардан мумкин аст» (А.Сатторов).

Дар ҳаққиқат, шеъру ҳикоя ва очерку мақолаҳои нахустини шоир ифодагари сарнавишти ӯ ва ҳам кишвари ӯянд.

Солҳои сӣ солҳое буданд, ки бунёдкориҳои сохти сотсиалистӣ дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ идома дошт. Халқ бо ҷӯшу хурӯши бемислу монанд аз паи таъмини ғолибияти комил ва бардавоми сохти нав буд ва дар ин парчами байроқи зафарро аз даст фурӯ намегузошт.

Нахустин навиштаҳои Турсунзода низ саршори ҳамин оҳанги ғолибият ва зафар буданд. Аз навиштаҳои шоир оҳанги ғолибият, суруди шодӣ, ифтихору қаноатмандӣ, худшиносӣ ва ҷӯшу хурӯши меҳнати озод ба гӯш мерасад. Маҷмӯаи аввалини шоир низ бедалел «Байрақи зафар» унвон нагирифтааст. Аз ҳар шеъру ҳикоя калимаҳои «зафару ғалаба» бо тобиши хос садо медиҳанд.

Мунаққид А.Сатторов ҳангоми баррасии осори ин давраинаи шоир ба чунин хулосаи дуруст меояд, ки ҳанӯз насри маҷмӯаи «Байрақи зафар» «аз шеъраш суфтатару мавзунтар асту шеъраш бештар ба наср монанд буд».

Вале инъикоси бадеии рӯҳияи замон ва аҳли он аз муҳимтарин муваффақиятҳое буд, ки дар ҷодаи адабиёт аз қадами аввал насиби адиби ҷавон гардид ва баъдтар ба яке аз сифатҳои аслии эҷодиёти ӯ табдил ёфт.

Ҳарчанд асарҳои маҷмӯаи аввалини шоир хоманд, вале онҳо ҷузъи сарнавишти инсонӣ ва шоирии Мирзо Турсунзода мебошанд. Беш аз ин хуб ё бад ҷузъи таърихи адабиёти моянд. Нашр ва баррасии онҳо барои муайян кардани рафти ташаккули истеъдод ва пешрафти ҳунари шоир сарчашмаи боэътимоданд.

Мавзӯъ ва мундариҷаи осори солҳои сиюми шоирро ҷараёни муборизаҳои синфӣ («Байрақи зафар»), музаффариятҳои Инқилоб («Гудоки ғолибият») мавзӯи озодии занон («Назокат»), тасвири меҳнати шоистаи мардум дар замони советӣ («Ғалаба», «Видоъ», «Ҳамида», «Шарораи инқилоб», «Зарбдорон») ва ду олам – капиталистӣ ва сотсиалистӣ («Мавҷҳои зафар», «Кулфатзадагон») ва ғайра ташкил медиҳанд.

Таҳаввули ин мавзӯъҳо дар шеърҳои дигари шоир, ки солҳои сиюм ва чилум эҷод шудаанд, низ ба назар мерасад. Муҳимтарин оҳанге, ки аз ин шеърҳо ба гӯш мерасанд, ҳамоно оҳанги хурсандӣ, шодӣ, сарафрозӣ аз ғолибият мебошад. Дар ин замина шеърҳои «Муҳаббати роҳбар», «Суруди ҷавонӣ», «Баҳор» ва «Мамлакати тиллоӣ»-ро метавон ном бурд. Дар ҳамин солҳо баёни мавзӯи хориҷа низ як рукни андешаҳои шоиронаи на фақат Мирзо Турсунзода, балки аксари шоирони тоҷик буд. Вале ҳарфи Турсунзода дар ин замина ҳарфи аввали ҷиддии шоирона буда, ба шеъри шоир мавзӯъҳои тоза ворид мегарданд, аз қабили дӯстии халқҳо («Ба халқи далер») ва ғайра. Ҳамчун ин шоир

мекӯшад, ки чеҳраи инсони муосирро ба шеър ворид намояд ва дар ин равиш шеъри «Ба депутат», «Аз Бадахшон то Кремл»-ро эҷод мекунад.

Чунонки ишора шуд, ин шеърҳо аз лиҳози бадеият чандон комил набуданд, вале эҳтиросоти гарми дили шоири ҷавону ҷӯянда аз онҳо ҳис карда мешуд.

Хусусияти шеърҳои ин давраинаи шоир иборат аз он буд, ки онҳо баёни ғояи муайяни иҷтимоиро фаро гирифта, бештар хусусияти баёния ва хитобаро доштанд ва табиист, ки шеърҳои аввалини шоир гувоҳи истеъдоди комили муаллифашон буданд ва роҳи минбаъдаи эҷодии Мирзо Турсунзода дар тасдиқи ин гуфта аст.

Омӯзиши бардавоми осори мардумӣ, шеъри классикӣ ва намунаҳои адабиёти дунё Мирзо Турсунзодаро ба арсаи шӯҳрат овард. Баъди ҳаждаҳ соли меҳнати пурсамар ӯ силсилаи шеърҳои ҳиндустониашро навишт. Ин силсила гувоҳи камолоти шоирии ӯ буд. Ин силсиларо беҳтарин мунаққидон ва адабиётштносон таъриф кардаанд. Он воқеан ҳам ба муаллиф шӯҳрат овард.

Аксари ин шеърҳо якдаст ва санъаткорона гуфта шудаанд. Масалан, шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон», «Боғи муаллақ», «Тара-Чандри», «Сайёҳи Ҳинд», «Тоҷмаҳал», «Дар орзуи ошён» басо шоирона гуфта шуда, мазмуни амиқи иҷтимоӣ доштанд. Ин шеърҳо аз ҷиҳати бадеият низ дар ҳадди камол буданд. Банду басти комил ва вазнҳои хушоянд онҳоро хеле марғуб ҷилва медоданд.

Силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» аз баёни бозгашти шоир ба ватан ва ифтихору шодмонӣ аз дидори он шурӯъ мешавад. Ин силсиларо як навъ тараҳҳумнома ва ғамхориҳои шоир дар ҳаққи халқи дигаре низ метавон ҳисоб кард. Воқеан ҳам шоир дар ин замина байте низ дорад:

Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре,
Дар назар меоварам тороҷгашта кишваре.

Шоир дар шеъри дуюми силсила («Қиссаи Ҳиндустон») аз хусуси ғами халқи дигаре, яъне халқи ҳинд сухан меронад ва кишвари тороҷгашта – Ҳиндустонро пеши назар меорад:

Бидидам дар паси кӯҳи Ҳимолой,
Замини сабзу зархезе саропой.
Агарчи ганҷҳояш пурбақоянд,
Валекин мардумони он гадоянд.

Сабаби бадбахтии ин мардумро шоир дар нобаробарии иҷтимоӣ мебинад ва фоили онро «Меҳмонони мағрибӣ» мешиносад. Шоир дар шеърҳои ин силсила аз халқи ҳинд ҳимоят мечӯяд, онро шафоат мекунад. Ба ҳамин далел шоир таъкид мекунад, ки халқ набояд хору зору ғуломи «Меҳмони мағрибӣ» гардад. Ҳамин гуна ғояи озодихоҳӣ тамоми силсиларо фаро мегирад.

Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар мавриди чунин консепсияи эҷодии шоир сухан ронда, аз ҷумла таъкид мекунад, ки «Шеъри Турсунзода шеъри сиёсӣ буд.

Силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон», «Садои Осиё», манзумаи «Ҷони ширин» ва ғайра ба он дараҷа, ки сиёсати хориҷии шӯравӣ манфиатҳои мардуми кишварҳои Шарқ ва муборизаи онҳоро ифода мекард, ба ҳақиқати ҳол мувофиқат дорад. Дар ин маврид баёни хилофи ҳақиқат намеомад, зеро шоир айни ҳақиқатро мегуфт. Вай дарди дили мазлумони Шарқ ва рӯҳи саркаши онҳоро, азму иродаи муборизони роҳи озодиро хеле изтиробомез ба забонии шеъри нафис овардааст. Аммо сиёсати дохилӣ, сиёсати миллии шӯравиён ками дар кам ба гуфтани ҳақиқат имкон медод. Бинобар ин, ба Турсунзода низ тасвири манзараҳои воқеъии зиндагонии тоҷикони муосир, баёни дарди дил ва орзую омоли онҳо фақат дар баъзе мавридҳо даст додааст.

Муҳаммадҷон Шакурӣ дар мисоли шеъри «Ман аз Шарқи озод» (1950) ба чунин хулоса меояд, ки он чи ки ин ҷо дар бораи Шарқи шӯравӣ гуфта шудааст, ба ҳақиқати воқеӣ кам нисбат дорад. Агар ин гуфтаҳо дар бораи Шарқи Шӯравӣ дуруст мебуд, он чи бахту саодат ва

дӯстии халқҳо номида шудааст, дар охири солҳои ҳаштодум дар андак муддат худ ба худ ба боди фано намерафт, шеъри сиёсии таблиғӣ дар даҳаи сӣ ва чиҳил аз ҳақиқати воқеъи кам чизеро дар бар дошт.Бо ин мулоҳизаҳо мо ба рӯи ашъори дар мавзӯи Шарқи хориҷӣ ва Шарқи Шӯравӣ гуфтаи Мирзо Турсунзода хати батлон кашида наметавонем. Ин шеърҳо имрӯз бояд чун моли таърихи адабиёти тоҷик баррасӣ ва арзёбӣ шаванд, бурду бохти онҳо мушаххас шаванд.Дар маҷмӯъ силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон», аз ҷумлаи асарҳои пурмаънӣ ва бисёртарафа мебошанд. Ин гувоҳи камолоти Мирзо Турсунзода дар он солҳо буд. Ба ин далел дар вақташ Самад Вурғун силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон»-ро яке аз муҳимтарин асарҳои замони мо номида, Расул Ғамзатов сабаби шӯҳрати онро «ба шеърияти баланд ва эҳсосоти самимии он, ки аз ғами мардуми ҷабрдидаи ҳинд ва фахри кишвари хеш сар задааст», нисбат медиҳад.

М. Турсунзода барои гуфтани чунин силсилаи шеърҳои пурмӯҳтаво ва ҳунармандона омода буд. Дар ин боб ӯ баъдтар навишта буд, ки «Агар ман ба гузашта ва ҳозираи Ҳиндустон муносибати бевосита намедоштам, магар ба навиштани силсилаи шеърҳои ҳиндустониам камар мебастам? Ман ба ин силсила, ҳарчанд ки худ хабар надоштам, аз давраи бачагӣ тайёрӣ медидам. Падарам шабҳо маро бо ҳикояҳои худ дар бораи мамлакате, ки дуртар аз мо дар паси кӯҳҳои баланде ҷойгир аст, мафтун мекард; барои он ки шавқи беандозаам қонеъ гардад, ман дар бораи Ҳиндустон китобро аз паи китоб мехондам; борҳо ҷуръат карда, дар Қаротоғ бо савдогарони ҳиндӣ, ки ба назарам вуҷуди аҷоиб менамуданд, ҳамсӯҳбат шудам. Оре, ин майле буд ба Ҳиндустони афсонавӣ ва эстетикӣ. Вале вақте ки ман солҳои чилум ба он ҷо рафтам, ин шоҳдухтари афсонавӣ дар пеши назарам ба золим табдил ёфт. Ман ба таври ҳаққонӣ худро дар замони гузаштае, ки падару бобоям зиндагӣ доштанду ман ҳам, агар Инқилоби Октябр намешуд, дар он умр ба сар мебурдам, ҳис кардам.

Ман аминам, ки ҳамагуна шоир, бигзор таҷриба ва малакаи кофии касбӣ надошта бошад ҳам, агар мавзӯъро тавре тадқиқ накунад, ки вай бо тамоми рангҳои зиндагӣ надурахшида, бо тамоми садоҳои табиат ба забон наояд ва ҷаҳони ботинии қаҳрамон бо тамоми зуҳуроташ маълум нагардад, аз ӯҳдаи офаридани ягон чизи асил нахоҳад баромад. Шеър «умумигӯӣ»-ро намепарварад».

Аз ин баёноти шоир бармеояд, ки ӯ қабл аз навиштани ин силсилаи шеърҳо маънан ва рӯҳан омодагӣ дидааст, вагарна чунин силсилаи «шеъри нафис» (М.Шукуров) ба дунё намеомад.

«Қиссаи Ҳиндустон»-ро Абдунабӣ Сатторов «ҳалқаи аввали як силсилаи кашфиёти Мирзо Турсунзода дар шеъри муосир» дониста, достонҳои «Ҳасани аробакаш» (1952-1954), «Садои Осиё» (1956) ва «Ҷони ширин» (1959)-ро «ҳалқаҳои баъдинаи он» медонад.

Достони «Ҳасани аробакаш» асари комилан реалистӣ буда, дар он аз боби масоиди иҷтимоӣ баҳси шоирона меравад. Мавзӯи асосии достон ташаккули инсони замони сотсиализм дар симои Ҳасан аст. Муваффақияти муаллиф дар он аст, ки барои ифодаи муроду мақсади худ шакли мувофиқе дарёфтааст. Ин асар аз ҷиҳати шакл аз асарҳои пешинаи худи муаллиф низ фарқ дорад. Дар он воситаҳои баён, калимаву таъбирҳо ҳама маъмулӣ, оддӣ, муқаррарӣ, замонӣ ва ҳатто то андаке аз қайду шартҳои дуюмдараҷаи адабӣ озод мебошанд, ки он намунаи барҷастаи аз тарафи шоир афзудани имкониятҳои тасвир дар шеър ва аз ҷиҳати вусъати баён қаробат додани он бо наср аст (А. Сатторов).

Образи Ҳасанро муҳаққиқон аз кашфиёти бадеии М. Турсунзода донистаанд. Шоир типи инсони навро дар ҷомеъаи нав ба вуҷуд оварда, ба ин восита афзалияти сохти сотсиалистиро таъкид мекунад. Ҳасанро муҳити ҷомеъаи нав аз «дайду»-иву «якравӣ»- раҳоӣ мебахшад. Дар чунин муҳит Ҳасан қадри инсонии хешро дармеёбад ва ниҳоят бо таъсири ҳаёти нав чун инсони ҷамъиятдӯст ва аъзои фаъоли коллектив писандида мешавад.

Шоир образи Ҳасанро хеле дақиқ фикр карда офаридааст. Ҳар як рафтору кирдори қаҳрамон хоси ӯ буда, мантиқан дуруст таҳия шудааст.

Бояд гуфт, ки ин достон дар замони ҳокимияти назарияи носолими ҳизбӣ дар боби шинохти манфиатҳои фард ва ҷомеъа эҷод шуда буд, бинобар ин ҳам шоир дар тасвири образи Ҳасан рангу бори зиёдеро ба кор бурда, ӯро чун инсони азхудгузашта ба тасвир мекашад, ки аз ҳақиқат барканор аст. Дар ҳамин замина воқеъанигории маҳз дар достон хеле зиёд аст ва он ба сохти композитсионӣ ва бунёди бадеии он таъсири манфӣ расонидааст.

Шахси шоир дар достон шореҳи воқеаҳо буда, бинобар ин ҳам хеле пургӯст, якеро сад ва садеро ҳазор бор такрор мекунад.

Мутаассифона, ба тақозои вақт ва урфи рӯзгор дар замони таълифи асар ва баъд аҳли танқид дар бораи ин асар ҳақиқатро нагуфтаанд, балки онро аз кашфиёти адиб шинохтаанд, ки аз воқеият дур аст. Ин достонро ҳамчун воқеаномаи замони нав метавон пазируфт, вале чун асари асили бадеӣ дар баробари он суоле қарор дорад.

«Садои Осиё» яке аз достонҳои барҷастаи Мирзо Турсунзода аст. Онро муҳаққиқон чун намунаи хуби шеъри публисистӣ ёд кардаанд.

Ин асар ҳаҷман хурд буда, вале ҳудуди тасвир дар он хеле доманадор аст. Ин ҳолат, ба пайбурди А. Сатторов, достонро пуршиддат кардааст ва шоир ба ҳамин восита ҳатто дар ҳамвортарин баҳри арӯз - рамал садои бедории Осиёро гунҷондааст. Ба дараҷае, ки дар ҳар сатри он занги бедорист.

Ин достонро А. Сайфуллоев монологи лирикӣ номида, Х.Отахонова «монологи лирикию публисистӣ» шумурдани онро беҳтар медонад, ба сабаби он, ки дар он «лирикаю публисистика ба ҳам омехтааст».

Дар ҳақиқат мавқеи муколама дар достон калон аст. Қаҳрамони лирикӣ ба ҳамин васила дар боби олами ҳаводис андеша ронад, ба

муроқиба меравад. Асар оҳанги қавии публисистӣ ва таблиғии сиёсӣ дорад.

Манзумаи «Духтари муқаддас» низ асари таблиғотӣ буда, аз сиёсати ҷаҳонгиронаи ҳизб пайгирӣ кардани шоирро собит мекунад.

Дар достонҳои «Садои Осиё», «Ҷони ширин», «Чароғи абадӣ» кӯшиши гузориши муҳимтарин масъалаҳои фалсафӣ ва таърихии замон, кӯшиши ба таври доманадор фаро гирифтани воқеаҳо ва эҷод намудани образи аз ҷиҳати психологӣ амиқи муосирони мо ба назар мерасад.

Дар достони «Ҷони ширин» ҷаҳонбинӣ ва тафаккури як нафар марди ҷаҳондида ва таҷрибаандӯхта бо эҳсоси амиқ ифода гардидааст.

Адабиётшинос Х.Отахонова мавзӯи марказии достони «Ҷони ширин»-ро муносибати замон ва шахс, масъулияти шахс дар назди ҷамъият, дар назди Ватан ва умуман дар назди инсоният медонад.

Абдунабӣ Сатторов аз хусусияти ин асар сухан карда, ин достонро намунаи баланди ба ҳам омезиш ёфтан ва пайваст шудани ду ҷинси адабӣ – лирика ва эпос медонад. Беш аз ин достонро дар асл як муколамае медонад, ки дар он танҳо суханони яке аз тарафайн баён ёфтааст. Тарҳи он аз муроҷиат, руҷӯъ ва хотира иборат мебошад.

Дигар аз масъалаҳое, ки шоир дар ин достон ба миён гузоштааст, масъалаи шахс, ҷамъият ва оила мебошад. Шоир масъулияти фардро дар назди оила воло шинохта, онро аз мушкилоти замона маънидод мекунад.

Дар достони «Ҷони ширин» тасвири бузургӣ ва матонати маънавии инсон, қувваи рӯҳии вай дар ҳадди аввал аст. Шоир дар ин асар шуҷоати маънавии инсонро ситоиш мекунад. Ин консепсияи эҷодии ӯро образи шоири муборизи Покистон Файз Аҳмади Файз тақвият мебахшад.

Ҷаҳони маънавии қаҳрамони лирикии достони «Ҷони ширин» ғаниву рангин аст. Ин қаҳрамон ҷаҳоншинос, ҳолшинос ва масъули дирӯзу имрӯз буда, аз тақдири амну осоиши дунё меандешад. Озодӣ ва истиқлоли миллатҳои дигар барояш аз мушкилоти замон маҳсуб мешавад.

Зимнан бояд гуфт, ки дар ҳар ду достон шоири мо олитабор аст. Ӯ ҳадафҳои олии инсониро ҳимоят мекунад, аз арзишҳои умумибашарӣ сухан ба миён меоварад. Бехабар аз он ки ҳизб ва давалати Шӯравӣ аз ӯ барин аҳли қалам ва мардони сиёсат чун дастёрон ва пиёдасозони сиёсати худ истифода мекард.

Достони «Ҷони ширин» саҳнаи робитаҳои сареҳи инсонии як нафар рӯшанфикри тоҷик бо ҳамқаламон ва намояндагони халқҳои дигар аст. Дар достон мо чеҳраҳои маҳбуби фарҳангу ҳунарро мебинем, ки ҳар кадом дар мавқеи худ барои адлу дод хидмат мекунанд.

Аз назари шакл достони «Ҷони ширин» ғаноист (лирикӣ). Таносуби амиқи шакл ва маънии достон диққатангез аст. Шоир бо забоне ҳарф мезанад, ки парвардаи эҳсоси амиқ ва лутфу хушгӯиҳои мардумист. Аз ин мавқеъ сабки он соддаву малеҳ ва дилпазир аст.

«Чароғи абадӣ» яке аз достонҳои хуби Мирзо Турсунзода аст. Ин достонро адабиётшинос Ю.Бобоев «ба қабили лирикаи фалсафӣ мансуб» кардааст. Шоир аз мавқеи қаҳрамони лирикӣ ба сарнавишти инсонӣ ва адабии пири хирад, устод Айнӣ менигарад.

Сужети асар зоҳиран хусусияти ҳасбиҳолӣ дошта, ангезаҳои ёду хотира дар он низ мавқеъ дорад. Воқеаи фарзанд ёфтани шоир ва истиқбол аз адиби оламшумул ангезаҳои воқеии тафаккури бадеии шоири тавоно ҳастанд. Аммо моҳияти фикри бадеии шоир аз ин фаротар меравад. Аз як тараф, шодӣ ва ифтихори шоирро сабаби ҷиддӣ ҳаст, халқи ӯ ба шумор меафзояд, аз ҷониби дигар, зуҳури симои устод дар достон маънии амиқтари фалсафӣ мегирад. Ном ва нишони халқро фарзандони номдори он зиндаву поянда медоранд. Ин таъкиди рамзомези шоир маънии гурез аз ифтихороти пуч ва шинохти қадру манзалати фарзандони баргузидаи халқро дорад. Шоир аз он ки тифли нав ба дунё омад ифтихор накарда наметавонист, вале муҳимтар аз ин чашми ӯ ба асли ҳақиқат кушода аст. Фикри шоиронаи ӯ дар қиёси ду ҳодисаи воқеӣ, ки низ таърихӣ ва фавқулодда ба назар меояд, сари ҳикмати ҳазорсолаи «дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор» гиреҳ мехӯрад.

Моҳияти фикри шоиронаи ӯ бар таъкиди арзиши ҳунарӣ ва мақоми ҷамъиятии инсон аст. Мутаасифона, бисёр муҳаққиқоне, ки (ҷуз Холиқ Мирзозода) дар бораи ин достон сухан кардаанд, моҳияти аслии фикри адибро фурӯ гузошта, ба тасвирҳои зоҳирии асар таваҷҷӯҳ намудаанд.

Агар мавқеи санъати тазодро дар достон санҷем, он гоҳ саҳеҳтар ба фикри бадеии шоир пай мебарем. Достон аз тасвирҳои тазодӣ пур аст. Ин воситаи тасвир имкон додааст, ки шоир бо қиёс ҳақиқати шинохтаи хешро тафсир кунад, моҳияти фикри хешро ба хонанда талқин намояд. Зимнан, бояд гуфт, ки санъати тазод дар бисёр мавридҳо на бо мақсади инкор, балки тафсиру тақвияти ҳодисаи матлуб (як, ду ва зиёда) омадааст. Масалан, истиқболи зодани тифл, ки идомати ҳаёт ва рӯзгори волидон аст ва пири баргузидаи рӯзгор, ки сазовори ифтихор ва пайгирист, тасвирҳое дар муқобили ҳам ҳастанд, вале ҳамдигарро инкор намекунанд, балки тақвият мебахшанд, аз ҷиҳати гунҷоиши маънӣ ба фикри муаллиф вусъати фавқулодда ато мекунанд. Ин вусъати маънавиро шоир ба василаи ошкор сохтани хилқати инсонии қаҳрамононаш дарёфтааст. Ба ин васила мо ба ашхосе рӯ ба рӯ мешавем, ки аз назари хилқат ва ҳиммат аз ҳам фарқи ҷиддӣ доранд, балки якдигарро инкор мекунанд. Ин консепсияи фикриашро шоир ба воситаи тасвири симои марди андӯҳгин ва норозӣ аз таваллуди духтар ва фарди дигаре, ки барояш ба дунё омадани инсон, хоҳ писар бошаду хоҳ духтар баробар арзишноканд, ифода кардааст.

Қисматҳои достон, ки «Интизорӣ», «Мулоқоти аввал», «Мулоқоти дуюм» ва «Дар боғ» унвон доранд, зина-зина фикри бадеии шоирро қувват мебахшанд.

Дар достон образи –

Куҳансоле, ки дида ду замонро,
Ғаму андӯҳу шодии ҷаҳонро –

мақоми хос дорад. Ба навъе бо ин достон шоир дар пои мазори ин марди таърих, яъне устод Айнӣ чароғи абадӣ гузоштааст. Чароғе, ки мағзҳоро рӯшанӣ мебахшад.

Шоир муваффақ шудааст, ки дар достон симои ботинӣ ва зоҳирии Айниро офарад. Ба ин мақсад вай чеҳраи устодро аз оинаи таърих берун меоварад. Дар ин равиш сарнавишти Айнӣ барои ӯ таърихи зинда ва судманд ба назар меояд. Сарнавиште, ки аз сарнавишти халқ ҷудо тасаввур намешавад, балки ба ифодаи Бозор Собир, «халқ дар ӯву ӯ дар халқ зиндааст».

Дар достон як силсила образҳои дигар низ тасвир шудаанд, ки ҳар кадом дар муайян сохтани консепсияи эҷодии шоир мавқеи муҳим доранд. Яке аз образҳои асосии дигар, ки хати андешаи шоирро таҳрик мебахшад, образи шоир аст. Ин образро наметавон васила гуфт, балки бори маънавии достон бар дӯши ин образ аст. Шоир дунёи андешаи хонандаро таҳрик мебахшад, ӯро барои дарёфт ва шинохти ҳақиқат ёрӣ мекунад. Бо сарнавишти одамон, таърих ва масоили ахлоқиву иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мегузорад, то ки аз ин ҳама хонандааш бардошти маънавӣ ва ахлоқӣ дошта бошад.

Ин достонро муҳаққиқон аз назари шакл ҳар хел тавсиф кардаанд. Яке достони лирикии фалсафӣ гуфта (Ю.Бобоев, Х.Отахонова), дигаре лирикию эпикӣ (Х.Мирзозода). Шакли онро чи гуна тавсиф накунем, моҳияти аслии достон тағйир нахоҳад ёфт. «Чароғи абадӣ» андешаҳои фалсафии шоирро дар бораи дунё, инсон, шахсият, муҳит, ҷомеъа ва бархӯрди фард бо онҳо дар бар мегирад. Ин достони Турсунзода асарест дар бораи инсон, инсони ҳунар ва мақоми ҷамъиятии он, дар бораи табиат, ифтихороти миллат ва шинохти ҳастии маънавии марди ҳунар.

Мирзо Турсунзода дар инкишофи драматургияи тоҷик низ хидмати шоён кардааст. Драмаи «Хусрав ва Ширин», ки яке аз беҳтарин дромҳои тоҷикист ва бо ҳамқаламии Абдусалом Деҳотӣ эҷод шудааст, солҳои тӯлонӣ саҳнаи театрҳои тоҷикро зеб додааст. Ин дром дар заминаи достони классикии «Хусрав ва Ширин» - ривояти ишқи шӯрангези ду дилдода таълиф шуда, оҳанги амиқи замонӣ дорад.

Мирзо Турсунзода муаллифи яке аз нахустин либреттои тоҷикӣ – «Шӯриши Восеъ» аст. Матни яке аз аввалин операҳои тоҷикӣ – «Тоҳир ва Зӯҳро» низ ба қалами ӯ тааллуқ дорад.

Ин шоири ҷаҳонгаштаи тоҷик дар таърихи фарҳанги тоҷикӣ мақоми ба худ хос дорад. Ӯ ҳам марди сиёсат ва ҳам адабиёт буд. Худи ӯ дар фаъолияташ адабиёт ва сиёсатро тавъам шинохта, шояд бештарин фурсати умраш дар роҳи таблиғи сиёсати Шӯравӣ дар хориҷа гузашт, ки албатта, саҳифаҳои пурсамар низ дошт. Бешак, фаъолияти ӯ дар таҳкими робитаҳои дӯстии халқҳо ва пайвандҳои фарҳангӣ саҳми муфид гузоштааст.

Вале ӯ дар таърихи фарҳангу адаби тоҷикӣ қабл аз ҳама чун шоир боқӣ мемонад. Саҳифаҳои нуронии осораш барои наслҳои баъдӣ хидмат хоҳад кард.

Хидмати адабии Турсунзодаро дар таърихи фарҳанги тоҷикӣ вобаста ба сиёсат равоии давлат ва ҳизб бояд арзёбӣ кард. Агар аз ҳамин мавқеъ фаъолияти ӯро баррасӣ кунем, мебинем, ки муносибати ӯ ба осори фарҳангии гузаштагон дугона будааст. Вобаста ба тақозои сиёсати расмӣ солҳое буданд, ки Турсунзода ба омӯзиш ва нашри мероси классикӣ назари манфӣ дошт. Вале ин саҳви ҷиддиро ӯ солҳои баъд ислоҳ кард. Вай на фақат ба нашр ва интишори осори классикӣ, махсусан шеър мусоидат намуд, балки худаш низ беҳтарин шеърҳои солҳои охирашро дар шакл ва равияи суннатӣ эҷод кард, ки пуразриш ҳастанд.

Ҷалол Икромӣ

(1909-1993)

Ҷалол Икромӣ яке аз нависандагони забардасти тоҷик аст, ки дар равнақи адабиёти навини тоҷикӣ, хоса насри он хидмати бузург кардааст. Баъд аз устод Айниву Улуғзода мақоми ӯ дар адабиёти тоҷик хос аст. Икромӣ дар шаҳри Бухоро дар хонаводаи бомаърифат ба дунё омадааст. Таҳсили ибтидоӣ ва парвариши адабиро дар ҳамин шаҳри

адабпарвар гирифтааст. Баъди таҳсили ибтидоӣ соли 1922 дар дорулмуаллимини шаҳри Бухоро сабақ омӯхта, аз ҳамин давра ба адабиёт мароқ зоҳир кард. Оғози шиносоиаш бо Айнӣ низ ба ҳамин давра рост омада, дар тақдири ӯ сарнавиштсоз гардид. Худи Икромӣ мавқеи Айниро дар қисматаш шарҳ дода, аз ҷумла менависад: «Устод Айнӣ аз дасти ман гирфта, маро ба майдони корзори адабиёт дароварда, барои касби ин ҳунар ба ман то тавонист ва то имкон буд, омӯхт». (116, 80).

Донишманди адабиёт Муҳаммадҷон Шукуров менависад, ин барои як нависандаи ҷавон аз ин зиёдтар бахти эҷодиро тасаввур кардан мумкин нест. Қадри ин бахтро донистан, шукронаи онро ба ҷо овардан даркор буд. Икромӣ дар қадршиносӣ камназир баромад. Вай дар «Мактаби Айнӣ» шогирди бисёр ҳарис, меҳнатдӯст ва эҷодкор буданашро зуд намоён кард. Ӯ дар адабиёт қадам ба қадам аз паси Айнӣ рафта, дар баъзе мавридҳои дигар ба ҷӯяндагиҳои нав шурӯъ намуд ва ба шоҳроҳи худ баромад» (117, 198).

Нахустин ҳикояи Ҷ. Икромӣ бо номи «Шабе дар Регистони Бухоро» соли 1927 дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба чоп расид. Баъди нашри ин ҳикоя дар ҳамин маҷалла чанд асари дигари ӯ, аз қабили «Фақирзан ва клуби занон», «Ширин», «Як ҳавзаи пурхун», «Чӣ бояд кард?», «Раҳматулло эшон», «Дорулроҳати мусулмонон», «Фармони рақами 2-1009» ва ғайра низ ба чоп расидаанд, ки дар ибтидои фаъолияти эҷодии ӯ шогирдона буданд ва бештар хусусияти таблиғотӣ доштанд. Ин асарҳо дар дастгирии сиёсати идеологии вақт тасниф шуда, минбаъд нависанда аз онҳо анқариб ёде ҳам накардааст.

Ҷустуҷӯҳои асосӣ ва самараноки ӯ дар наср аз солҳои сӣ шурӯъ мешавад. Дар ин давра ӯ повестҳои «Ду ҳафта» (1933), «Тирмор» (1934), «Аз Маскав чи овардӣ?» (1936), «Зӯҳро» (1940) ва қисми аввали романи «Шодӣ»-ро ба чоп мерасонад, ки равияи асосии эҷодии ӯро муайян мекунанд.

Муҳаммадҷон Шукуров умдатарин хусусияти насри Икромиро аз оғози фаъолияти эҷодиаш дар он дидааст, ки «Икромӣ аз нахустин қадаме дар роҳи такмили баъзе аз муҳимтарин анъанаҳое, ки оғози онҳо дар адабиёти мо аз эҷодиёти Айнӣ мебошад, аз ҷидду ҷаҳде барои дарки психологии протсессҳои иҷтимоии замон сар кард. Диққати Икромӣ аз солҳои сӣ ба дигаргуниҳои психологияи мардум, ба тобишҳои нозуки психологияи нав, ба зиддиятҳои он равона гардида буд» (117, 199).

Дар ҳамин равия нависанда дар ҳикоя ва повестҳои аввалинаш душманони синфиро фош намуда, макру риё ва ақибназариро дар ҳаёти ҷомеа зиёновар мешиносад. Дар ин замина ҳикояи «Дорулроҳати мусулмонон» бо оҳанги ҳаҷвӣ ва таъризи ошкор пуразиш аст. Дар ин ҳикоя нависанда хурофот ва ҷаҳолати меросиро сахт маҳкум мекунад.Чунонки ишора шуд, муҳимтарин майли Икромӣ дар асарҳои аввалӣ ва баъдинааш низ ифшои дигаргуниҳои рӯҳии мардум, падид овардани моҳияти иҷтимоии навию кӯҳнагӣ будааст.

Ҳикояи аввалини ӯ «Шабе дар Регистони Бухоро» дар ҳамин равиш эҷод шудааст. Қаҳрамони ин асар, чунонки дар китоби «Очеркҳо…» гуфта шудааст, чандон «бенуру номуассир» тасвир нашудааст (с. 240), балки вай «дар сари фикру андешаҳои доманадоре» (117,199) нишон дода шудааст. Номи дигари ин ҳикояро «Хаёл» гуфтани нависанда низ шояд ба ҳамин далел бошад. Мулло Бурҳони оҷизу нотавон аз ҳикояи «Дорулроҳати мусулмонон», Теша-бобо аз повести «Ду ҳафта» (Ин асарро баъзе муҳаққиқон ҳикоя унвон кардаанд, ки дуруст нест), ки доғи фарзанд дидааст, ҳамчунин баъзе чеҳраҳои асарҳои ӯ «Тирмор», «Зӯҳро» ва «Шодӣ» бо андешаҳо ва кирдори шоистаи инсонӣ диққатангезанд.

Нависанда дар повести «Тирмор» зиддиятҳои синфӣ, саргузашти пурфоҷиаи қаҳрамонаш Саидро бо камоли маҳорат ба тасвир мегирад. Тасвири ҷузъиёти маишию психологӣ дар ин асар равшан аст. Дар ин замина нависанда мекӯшад, ки муносибатҳои нави заҳматкашону ҷомеа ва ҷараёни ташаккули рӯҳияи заҳматкашон, аз ҷумла, коргаронро нишон

диҳад. Моҳияти зиёновари психологияи кӯҳнаро нависанда зимни тасвири фоҷиаангези тақдири инсонҳо баён мекунад. Барои нависанда раҳоии инсон аз рӯҳияи фармонбардориву тобеият, ки қадри инсониро аз байн мебарад, мушкили сахтест.

Дар ин равиш романи нависанда «Шодӣ» пурмӯҳтавою ҷиддист. Романи «Шодӣ» дар мавзӯи коллективонии хоҷагии қишлоқ навишта шуда, ба моҳият ва мундариҷаи худ аз асарҳои дар ин мавзӯъ таълифгардида фарқ дорад. Ин мавзӯъ қаблан дар қисми панҷуми романи устод Айнӣ «Ғуломон» ба тасвир омада буд. Вале миёни ин ду асар на фақат тафовути услубӣ барҷост, балки ба қавли адабиётшинос Лариса Демитчик, «С.Айнӣ ҳодисаву воқеаҳоро дар айни гармиаш навиштааст» ва ба тасвири минбаъдаи онҳо, ки акнун ташкил меёфтанду ноустувор буданд, роҳ кушодааст. Он чиро, ки Ҷ.Икромӣ тасвир мекунад, аллакай ба амал омада ва дар тасаввуру шуур нақши муайяне ва равшане гузоштааст. Аз ин рӯ, нуқтаи назари нависанда дар хусуси истиқболи воқеияте, ки тасвир мешавад, равшан аст» (29, 306).

Икромӣ дар роман ба тасвири сифатҳои инсонии қаҳрамони мусбати хеш бештар таваҷҷӯҳ кардааст. Вай дар симои Шодӣ матонату қатъият, собитқадамии идеявӣ, бовар ба сохти навро таҷассум кунонидааст. Шодӣ сарвари иҷтимоъ ба назар меояд, вай таҳаввулоти иҷтимоии ба вуқӯъ пайвастаро роҳбарӣ мекунад. Ҷалол Икромӣ нишон медиҳад, ки Шодӣ дар баробари ташкилотчии кордон буданаш ҳамчунин инсони ояндабин, умедвор, орзуманд ва дурбин аст. Бахту саодати инсонҳои ҳамшафаташро саодати хеш мешиносад.

Қисми дуюми романи «Шодӣ», ки соли 1949 ба чоп расид, ба масъалаи ҳаёти колхозии солҳои баъд аз ҷанг бахшида шудааст. Вале ин асар аз ҷиҳати бадеият адибро комёб накард, балки тобеияти идеологӣ адибро ба тасвири амиқи ҳодисаву воқеаҳо набурда, баракс ӯро ба сохтакориҳои эҷодӣ водошт. Таъсири назарияи беконфликтӣ нависандаро аз роҳи асосии эҷодиёт берун бурд.

«Ман гунаҳкорам» (1957) аз беҳтарин асарҳои Ҷалол Икромӣ мебошад. Ҷалол Икромӣ бо ин асар «ба насри тоҷикӣ таҳқиқи адабии таҳлилро ҷорӣ кард ва ба таҳлили ҳиссу ҳаяҷон, фикру андешаҳои инсон пардохт» (116,121).

Ба сабаби чандон калонҳаҷм набудан баъзе муҳаққиқон онро повест ё худ қисса гуфтаанд. Вале бо мазмун ва маъниаш ин асар вусъати романро дорад. Ин романро муҳаққиқон ба фарогирии материали ҳаётӣ ва мушкилоти фаврӣ, бо камолоти ғоявию бадеӣ дар насри тоҷикӣ ҳодисаи нав донистаанд. Вале ин навиро, ки аз ҷониби Икромӣ як навъ қолабшиканӣ буд, аҳли танқид хуш напазируфтанд. Кирдори қаҳрамони асар Анвар ва муносибати ӯ бо Зайнаб бадахлоқӣ шинохта шуд. Дар заминаи тафаккури расмшуда, ки инсони советӣ наметавонад бадахлоқ бошад, аксарият хилқати инсонии қаҳрамони Ҷалол Икромиро сарфи назар карданд.

Баъдтар даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Маскав (1957) сабаб шуд, ки ин асар аз ҷониби мунаққидони рус ва нависандаи машҳури қазоқ Мухтор Авезов баҳои сазовор гирад. Назари мунаққидони бегона чашми мунаққидони худиро кушод. Ҳамон солҳо М.Авезов доир ба ин асар гуфта буд, ки «ба ман аз ин китоб чанд лаҳзаи барҷаста маъқул шуд, характеристикаи ботинии қаҳрамонон бо кушодани психологияи онҳо, ки муаллиф баъзе табиати инсонро бо як ранг - бо ранги сиёҳ ё сафед тасвир намекунад, балки табиати инсон бо ҳама тобишҳои характери ӯ падид оварда шудааст» (115, 272).

Назар ба мушоҳидаи М.Шукуров «баъзе тамоюлоте, ки дар эҷодиёти Ҷ.Икромӣ аз солҳои сӣ, аз ҷумла, дар повести «Зӯҳро» ба назар мерасиданд, бештар инкишоф ёфтанд (дар омади гап гӯям, ки повести «Зӯҳро» ҳам дар вақташ – охири солҳои сӣ ба аҳли ҷомеаи адабӣ номафҳум омада ва сахт танқид шуда буд). Нависанда аз ҳамон вақт нисбат ба гузориши тунду тези масъалаҳои иҷтимоиву психологии замон нисбат ба сужети пуршиддату вазъиятҳои драммавӣ, ки ҳиссу ҳаяҷони амиқи қаҳрамонро падид меорад, майлу рағбат зоҳир карда буд». Вале

он солҳо «назарияи беконфликтӣ» монеъ шуд, ки нависанда ниятҳои эҷодиашро амалӣ созад.

Ҷалол Икромӣ дар романи «Ман гунаҳкорам» таҳлили психологиро воситаи ҳалли ахлоқи иҷтимоӣ қарор додааст. Сужети асар дар заминаи муборизаи шадиде, ки дар дили қаҳрамон мегузарад, сохта шудааст. Низои асар низои ботинист. Анварро набарди ногаҳонии ҳиссу ақл ва ишқи бемаҳалу масъулияти инсонӣ ба гирдоби худ кашидааст. Аз ин гирдоб ӯ бояд берун ояд. Ҷалол Икромӣ ба василаи Анвар қаҳрамонеро ба адабиёт ворид сохт, ки «андешапарвар ва тааммуқписанд» (М.Шукуров) аст, имкон ва иродаи худшиносӣ дорад. Ӯ ба худ фурӯ рафта, ботину зоҳири худро дар оинаи андеша кашида метавонад. Ин хилқати инсонӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки дар ниҳояти кор роҳи худро дуруст муайян кунад. Хатои Анвар аз назари нависанда ислоҳпазир аст. Ин амал ӯро аз назари маънавият камол мебахшад. Ҷалол Икромӣ дар ин асар масъалаи масъулияти ахлоқии шахсро дар ҷомеа ба миён гузошта, онро боварибахш ҳал кардааст.

Ҷалол Икромӣ дар романи «Ман гунаҳкорам» образҳои ҷолиби занонро низ хеле ҷолиб офарид. Сурайё – зани Анвар ва Зайнаб табиатан аз ҳам тафовут доранд. Инҳо ду типи заноне ҳастанд, ки хусусиятҳои хоси онҳоро нависанда тасвир карда тавонистааст. Аммо беш аз ин адабиётшинос М.Шукуров дар роҳи офариниши образи зан «қадами ҷиддие пеш гузоштани» нависандаро чунин тавзеҳ медиҳад: «Нависанда Анварро аз вазъиятҳои драмавӣ, аз фикру андешаҳои амиқ ва ҳаяҷони сахти ботинӣ гузаронида, охир ба дараҷае расондааст, ки ӯ шаъни инсонии занро баробари шаъни инсонии худ гузошт. Қаҳрамон аз саргузашти худ чунин натиҷа гирифт: «Занро ҳурмат накардан худро ҳурмат накардан аст». Қаҳрамони Икромӣ ба зан чун ба шахсияте нигоҳ кард ва нисбат ба шахсияти ӯ эҳтироми тамом зоҳир намуд. Ин дар инкишофи маънавӣ як қадам пеш рафтани қаҳрамонро нишон медиҳад» **(116, 274).**

Назари тоза ба воқеият ба шакли асар низ таъсири мусбат расонидааст. Мо дар ин асар сохтмони тозаи ҳикояпардозиро мебинем. Андешарониҳо сужети асарро шиддат бахшида, таъсири сухани муаллифро зиёд кардааст. Нависанда дар ин асар воқеанигор нест, балки мусаввири сареҳулқалами андеша, ҳолат ва ҳиссиёти қаҳрамонон аст.

Фазилати дигари ин асарро дар офариниши монологи ботинӣ мебинем. Дар ин асар бори аввал нависанда ба он кӯшидааст, ки фардияти шахсро ба воситаи монологи ботинӣ нишон диҳад. Ин монолог гоҳо хеле тӯлонӣ ва муфассал ба назар меояд, ки низ паҳлӯҳои тозаи кирдори қаҳрамононро ифшо мекунад. Нависанда шакли рӯзномаро низ бо мақсади нишон додани ҳиссу андешаи қаҳрамон истифода кардааст.

Романи «Ман гунаҳкорам» аз ҷиҳати бадеият арзиши баланд дорад. Чунонки ишора шуд, тасвиркориҳои нависанда ҳусни асар ва таъсири ғоявию бадеии онро афзудааст.

Аз асарҳои ҷиддии дигаре, ки Икромӣ дар солҳои баъд эҷод кард, сегонаи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» мебошад. Ин асар аз «Духтари оташ» сар карда, то «Тахти вожгун» муҳимтарин масъалаҳои таърихи гардишҳои инқилобиро дар бар мегирад. Дар ин асар нависанда кӯшидааст, ки асосҳои халқӣ, шароити таърихӣ ва падидаҳои фардию психологии ташаккули шахсиятро таҳқиқ кунад. Аз ин мавқеъ тасвири воқеияти инқилоб дар тақдири занон ҳадафи асосии нависанда қарор мегирад. Ин мавзӯъ тору пуди қисми аввали сегона – романи «Духтари оташ»-ро ташкил медиҳад. Қаҳрамони асосии ин роман Фирӯза инъикоскунандаи нақши воқеияти таърихӣ дар ташаккули шахсияти фаъолу корсоз аст.

Нависанда бо офариниши образи Фирӯза ва ҳатто Дилором-кампиру Асою Ҳайдарқул ва амсоли онҳо сарнавишти таърихии халқро падид меоварад.

Нависанда дар қисми аввали ин сегона ба мавзӯи зан диққат медиҳад. Икромӣ дар роман зоҳир ва ботини «занҳои мардсифат»-ро

ошкор сохта, бо ин ҷустуҷӯҳои ғоявию бадеиашро хеле амиқ бурдааст. Дар ин маврид чашми нависанда хеле нозукбин аст. Вай зуҳуроти гуногун ва ҳайратангези рафтору кирдори занонро мебинад ва онро пешкаши ҷомеа менамояд. Образҳои Дилором, Оймуллои танбӯр, Муҳаррами ғарч, Шамсия, Ойими Шоҳ, Анбари Ашк, Фирӯза ва ғайраро пеши назар оварда, метавон тасаввур кард, ки қалами тасвиркори адиб чи сеҳре дорад. Қаҳрамонони ӯ намояндагони халқ буда, сарнавишти халқро ифода мекунанд. Онҳо бо хислатҳову рафтору кирдори нотакрор бо саргузаштҳои аҷибу ғариби худ ифодагари зиндагӣ ва сарнавишти бебадали халқ ҳастанд. Дилором-кампири нотарс, ҷаррор ва таҳамтан, Муҳаррами ғарч ва Фирӯзаи воқеан ҳам мардрафтор, Оймуллои танбӯри боназокату олиҳунар, Шамсияи самимӣ, пурҳаяҷон ва нозукэҳсосу Ойими Шоҳ (Ҳамроҳхон) чеҳраҳое ҳастанд, ки нотакрор ва хотирмон мебошанд. Ҳақ ба ҷониби М.Шукуров аст, ки мегӯяд: «Ҷиҳатҳои ба худ хос ва нотакрори шахсияти ин қаҳрамонон чунон пурра ва барҷаста ифода шудааст, ки ҳар кадоми онҳо чун як кашфи бадеии нависанда ба назар мерасанд» (117, 204).

Дигар аз асарҳои Икромӣ қиссаи ёддоштии «Устоди ман, мактаби ман, худи ман» мебошад. Аз номи асар бармеояд, ки ин қисса ҳам дар бораи Айнӣ - устоди нависанда ва ҳам худи ӯст.

Шахсияти Айнӣ дар ин асар дар маркази диққати нависанда меистад. Айнӣ чун шахсияти таърихӣ, устоду роҳбар барои Икромӣ маҳбубияти хос дорад. Дар ин асар нависанда аз ҳақиқати тарҷумаиҳолӣ ва ҳақиқати бадеӣ фаровон истифода кардааст. Яъне нерӯи хаёли адиб ба асари ёддоштӣ болу пар бахшида, онро хонданӣ кардааст.

Мутаассифона, романҳои баъдии адиб «Зоғҳои бадмур» ва «Хатлон» чандон муваффақият пайдо накарданд. Ин ҳар ду роман ҳам дар мавзӯи рӯз навишта шудааст. Яке асосгузори муҳити ҷомеаи Шӯравии солҳои охирро аз назари ахлоқӣ таҳлил кунад, дигаре сарнавишт ва фаъолияти раҳбарони хоҷагии коллективиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Дар атрофи романи «Хатлон» мунозираҳои зиёде сурат гирифт. Хулосаи ин мунозираю мубоҳисаҳо он буд, ки нависанда ба зоҳирбинӣ гаравида аз воқеияти аслии зиндагии мардум муболиға кардааст. Асосҳои иҷтимоии роман аз воқеияти ҳаёти сокинони маҳаллӣ берун наомадааст.

«Зоғҳои бадмур» номи мустаори романи Ҷалол Икромист. Вай маънии ҷонсахтӣ ва умрдарозии бадӣ ва кирдорҳои нописандидаро таъйид мекунад. Ин ғояро нависанда бо тасвири воқеаҳои як-ду соли баъди ҷанг, ки бо ҳодисаҳои ҷаҳонӣ бевосита алоқаманд аст, ба миён гузоштааст.

Дар роман нависанда кӯшидааст, ки ба воситаи сухани бадеъ сабабҳои таърихӣ, маънавӣ ва психологиву ахлоқии пайдоиши хислатҳои бади инсон, аз қабили хиёнат, маккорӣ, дуздию бадахлоқиро, ки ба принсипҳои ахлоқи ҷамъияти мо ва қонунҳои он зид аст, муайян кардан хостааст» (14, 116).

Нависанда чунин хостаашро дар роман бо фарогирии низоъҳои табақотӣ (синфӣ) ва мавқеъияти одамони дидгоҳҳои сиёсиашон гуногун ба қалам додааст. Яъне идея ва принсипҳои ахлоқӣ аз дидгоҳи принсипҳои ҷамъияти сотсиалистӣ ва ахлоқи коммунистӣ ҳаллу фасл шудааст. Бо вуҷуди ин чашмандозии нависанда ба воқеият фарох буда, дар ин замина вай тавонистааст, ки ба арзишҳои ахлоқиву маънавии умуминсонӣ таваҷҷӯҳ кунад. Ахлоқ ва одоби Мулло Хокироҳро нависанда наметавонист ба воқеияти кишваре, ки қаҳрамонаш дар он мезист, ҷудо ба тасвир орад. Қаҳрамони вай бо сохт ва тартиботи нави Шӯравӣ муросо карда, бо ҳушёриву эҳтиёткорӣ ва кордонӣ мавқеъашро дар ҷамъият устувор месозад. Вай шахси маккор буда, дилу нияти бадашро шинохтан душвор аст. Нависанда ҷаҳони маънавии ҳамин гуна фардро, ки ахлоқан барои ҷамъияти нав зарарнок аст, ошкор месозад. Адиб дар заминаи ҳамин ҳақиқат таъкид карданист, ки «рӯҳияи бадбинӣ, зиндагии бемаънӣ, маҳдудияти

маънавӣ, имрӯз, бешубҳа, маҳсули «ҳаёту фаъолияти» зиддиҷамъиятии Мулло Хокироҳҳо мебошад» (14, 116).

Нависанда дар оғози роман кӯшидааст, ки хислати қаҳрамонашро дар заминаи амалу кирдори ӯ ошкор созад. Аз оғози роман бо овардани ду ҷузъиёти муҳим – яке бо кӯшиши Мулло Хокироҳ ба беморхона бурдани зани ҳомила ва дигаре ба хонаи Раҳимов бурдани меваю сабзавот – нависанда сиришти инсонии қаҳрамонашро куллан мекушояд. Дар пеши назари мо аз ин ба баъд симои инсоне намудор мешавад, ки худхоҳу худрайъ ва хушомадгӯй аст. Тамоми фикру зикраш барои устувор сохтани мавқеаш нигаронида шуда, дар ин роҳ ҳеҷ чизро дареғ намедорад.

Нависанда ба воситаи сарнавишти қаҳрамононаш «баҳси тундутези ду фаҳму фалсафаи зиндагӣ, ду ҷаҳонбинию ахлоқу маънавиёт» (Ҷ.Бақозода)-ро талқин месозад. Аз ин мавқеъ мо Раҳимов, Нодира-хола, Бобо Амон, Наргис, Чорибои чӯпонро бо оилааш дар сангари одамият ва Мулло Хокирову Бӯрихон, Шерхону Марҷона ва Ғаюрзода баринҳоро дар тарафи дигари сангар, сангари ноодамию чоплусӣ ва дигар кирдорҳои нописандидаи инсонӣ мебинем. Дар миёни ин ду гурӯҳ Додоҷон шахсияти дурӯ буда, мавқеияти дугона дорад. Сабаби чунин мавқеъ гирифтани ӯро нависанда дар сустиродагию бемақсадиаш мебинад ва бо тасвир ин паҳлӯи қаҳрамонро асоснок месозад.

Ҷӯра Бақозода «характери Мулло Хокироҳро аз комёбиҳои эҷодии на танҳо Ҷалол Икромӣ, балки насри муосири тоҷик» медонад. Ба ақидаи ӯ «Мулло Хокироҳ ба маънии пурраи сухан «типи манфии миллист». Чунки вай «дар рафтору амалиёт, андешаву мулоҳиза, ба якдигар муқобил гузоштани одамон ба ақидаву эътиқоди динӣ, ки имрӯз кӯҳна шудааст, вале дар вазъияти конкрет рост ба нишон расиданаш мумкин аст, такя мекунад ва дар шароити муайян ҳолату кайфияти одамонро ба назар гирифта, хеле моҳирона ба кор мебарад».

Дар роман нависанда шахсияти дигари муқтадирро ба мо манзур мекунад, ки вай Бобо Амон аст. Ин чеҳраи адабӣ рамзи «ғании маънавӣ

ва тавонои ҷисмонию рӯҳии халқ» (Ҷ.Бақозода) буда, аз ин ҷиҳат поктинат ва ҳақпараст аст.

Мунаққид Ҷ.Бақозода образи Наргисро дар роман «аз ҷиҳати ифодаи романтикии неруи бузурги ҳиссиёти инсон… бағоят ҷаззоб» дониста, вале «ба эътибори тарзи тасвир, принсипи бадеию эстетикӣ то андозае такрори Шамсияи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» меҳисобад, ки комилан дуруст аст.

Дар романи нависанда Марҷона аз типҳои манфии зан буда, рӯҳияи манфиаҷӯю худбинӣ ӯро аз роҳи дурусти зиндагӣ берун мебарад.

Мутаасифона, романи «Зоғҳои бадмур», ки мисли дигар романҳои нависанда маҳсули методи реализми сотсиалистӣ ва дидгоҳи хоси сиёсатхоҳию табақабандии ҷамъият аст, наметавонад ҳамчун шоҳкории адабиёт ҷойгоҳи беғаразонаву хосро ба худ таъин кунад. Дар ин роман низ мисли дигар асарҳои адиб идеология нависандаро аз паси худ бурд ва ӯро ҳидоят ба он кард, ки идеяи романро низ ҷанбаи сиёсиву табақотӣ диҳад. Махсусан, назари сирфи арзишманд ҳисобонидани моликияти умумӣ ва бепоя шинохтани моликияти шахсӣ арзишҳои башарии эҷодиёти адибро мекоҳонад, ҳатто дар баъзе ҳолатҳо мавриди суол қарор медиҳад.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ романи «Хатлон»-ро дар тӯли даҳ сол навишта, дар асар ба ҳалли бадеии муаммоҳои ҳаёти деҳот, аз қабили тарзи зисти мардум, саъю талош ва орзуву умеди онҳо, шодиву ғами деҳотиён ва ғайра кӯшидааст. Вале дар тамоми роман диққати нависанда сари ду масъалаи муҳим – ахлоқи иҷтимоӣ ва ободии маънавию иҷтимоии деҳот ва деҳотиён гиреҳ мехӯрад. Тазодҳои ахлоқиву маънавии қаҳрамонони роман низ дар заминаи ҳамин масъалаҳо тарҳ меёбад.

Азбаски тамоми масъалаҳо аз рӯи талаботҳои маъмули методи эҷодӣ ҳал шудаанд, қаҳрамонҳои роман низ мисли аксари асарҳои насрии адабиёти муосир ду гурӯҳи ба ҳам зидди қолабианд. Гурӯҳи аввал одамони хуб, гурӯҳи дуюм одамони бад. Ба гурӯҳи аввал, ки аз

Мирҳайдар Вализода, Азиз Маҳкамов, Зулфия, Зафар, Абдураҳмон Саидбеков, Шакарзода иборат мебошанд, нависанда ҳусни таваҷҷӯҳи хос дорад. Ба гурӯҳи дуюм, ки қаҳрамонони манфӣ аз қабили Ҷобир Билолов, Имом Кенҷаев, Ғулом Бадалов, Эшони Сангиҳамвор ва монанди инҳо мебошанд, нависанда нафрат дорад.

Чунонки худи нависанда изҳор доштабуд, Миралӣ Маҳмадалиев яке аз бунёдгузорони сохти колхозӣ прототипи образи асосии роман – Мирҳайдар аст. Аз ин ҷиҳат нависанда дар вақти офаридани ин образ аз санадҳои тарҷумаиҳолии сарнавишти раис хуб истифода карда, саҳифаҳои зиёди романро ба нақли хушк ва каммояи саргузашти қаҳрамони асосӣ пур кардааст. Бо вуҷуди ин камбудии ҷиддӣ нависанда саъй намудааст, ки Мирҳайдарро «ҳамчун одами пурзӯр, тавоно ва ӯҳдабаро, ташкилотчии доно ва пухтакори ҳаёт, марди ботадбир ва хирадманд, падари баобрӯ ва боэътибор» нишон диҳад.

Назар ба пайбурди мунаққид Атахон Сайфуллоев, Ҷалол Икромӣ «дар роман образҳои аҷиб ва характерҳои наҷиб низ офаридааст. Ҷараёни кору зиндагии сариқтисодчӣ ва сипас сарбухгалтери колхоз Абдураҳмон Саидов» (ҳарчанд ки нависанда сарбухгалтер шудани ӯро дар ягон ҷои роман ишорае накардааст), ишқу муҳаббати поки самимӣ ва ғайрату матонати меҳнатии Зулфия ва Зафар, шавқу завқ ва дилбастагии Асо Гадоев ба кори педагогӣ ва ҷустуҷӯҳои илмӣ ва бисёр дигар образҳо хонандаро нисбат ба шахсият ва тақдири онҳо бетараф намегузоранд» **(83,105).**

Аз миёни образҳои дигари роман Зулфия бо шӯхиву бебокӣ, покиву ҷасурӣ, ҳақшиносиву ростӣ диққатангез аст. Нависанда муҳаббати Зулфияю Зафарро намунаи ишқи созанда, рамзи ахлоқи нав ба ҷилва меорад.

Низои байни қаҳрамонони мусбату манфиро нависанда дар заминаи зиддиятҳои синфӣ тарҳрезӣ кардааст. Масалан, Имом Кенҷаев, ки персонажи манфист, бо Азиз Маҳкамов мубориза дорад. Дар вақташ

падари Азиз Маҳкамов молу мулки хонаводаи Имом Кенҷаевро мусодира ва бо ҳамин далел аз мансаб дур ва беобрӯ карда буд.

Яке аз образҳои дигари ҷолиби роман образи Эшони Санги Ҳамвор мебошад. Ин шахсияти диниро адиб ҳамчун одами донишманд, вале рӯзаш аз ҳисоби мардум ба қалам додааст, ки ба ҳамин тип эшонҳое, ки дар адабиёти мо, аз ҷумла эҷодиёти Айнӣ ва худи Икромӣ («Ман гунаҳкорам») офарида шудаанд, қаробат дорад.

Чунонки дидем, нависанда дар роман ба ҳалли бадеии ҳаёти деҳот муваффақ шудааст. Мунаққид А.Сайфуллоев гумон мекунад, ки «агар «Шодӣ» романи иҷтимоӣ, «Ман гунаҳкорам»-психологӣ, «Зоғҳои бадмур»- ахлоқӣ-маишӣ бошанд, «Хатлон» аз рӯи нияти эҷодии нависанда романи биографӣ мебошад. Зеро дар маркази роман асосан ҷараёни ҳаёт ва фаъолияти як шахс – Мирҳайдар Вализода гузошта шудааст ва тамоми дигар воқеаҳо ва образҳо аз ягон ҷиҳат вобаста ба ӯ мавриди тасвир қарор ёфтаанд. Муваффақияти нависанда дар ҳамин аст, романи биографиро бо оинаи ҳаёти як колхоз, дирӯзу имрӯз ва ояндаи он, ба бузургдошти заҳматкашон табдил додааст. Санъаткор дар зимни тасвири масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ахлоқии ҳаёти деҳот образ ва характерҳои нотакрори муосирони моро офаридааст, ки роҳи зиндагӣ ва тақдири таърихии ҳар яке таҷассуми бадеии мақсад ва идеалҳои ҷамъиятии қувваҳои некию бадӣ, хайру шарр мебошанд» (83, 111).

Эҷодиёти Икромӣ дар таърихи адабиёти навини тоҷикӣ мақоми хос дорад. Ҳам аз ҷиҳати вусъати мазмуну мундариҷа ҳам аз ҷиҳати шакли бадеӣ беҳтарин асарҳои ӯ ҳамчун дастоварди насри тоҷикӣ эътироф шудаанд. Чеҳраи Икромии нависанда ва донандаи таърихи халқ, урфу одат ва забони вай аз қоби навиштаҳояш сӯи мо менигарад ва вомедорад, ки назди руҳи ин марди донишманд, оне, ки маънавияти моро ғанӣ сохта, дасти таҳрир ба ахлоқи ҷомеа задааст, эҳтироми хосе қоил бошем.

Хидмати Икромӣ дар эҳёи Қомуси сарнавишти халқ бузург аст. Ӯ аз нависандагонест, ки дар асарҳояш тобишҳои забони гуфтугӯиро бо

истифода аз хазинаи таъбироти мардумӣ хеле устодона истифода кардааст. Вақт аст, ки ин паҳлӯи фаъолияти ӯ мавриди омӯзиши ҷиддии забоншиносон ва мутахассисони гӯйиши мардумӣ қарор бигирад.

Фазлиддин Муҳаммадиев

(1928-1986)

Фазлиддин Муҳаммадиев фаъолияташро аз рӯзноманигорӣ оғоз кардааст. Таҷрибаи рӯзноманигорӣ ба ӯ имкон дод, ки бо диди хос ба зиндагӣ ва воқеияти он нигарад. Навишатҳои аввалини ӯ, махсусан очеркҳояш натиҷаи бархӯрди огоҳонаи адиб бо проблемаҳои ҳаёти деҳот ва хоҷагии халқ буданд. Ҳамин тариқ бо фаъолияти ин нависандаи огоҳ дар адабиёти мо навъи тозаи очерк – очерки проблемӣ роҳ ёфт.

Нависанда дар навиштаҳои аввалинаш ба проблемаҳои муҳимми ҳалталаби иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ карда, ба ин восита моҳияти ҳодисаву воқеаҳои иҷтимоӣ ва тамоюлҳои инкишофи онҳоро аз назар мегузаронад.

Аввалин асарҳои ӯ «Раиси нав» (1956) ва «Фаттоҳ ва Музаффар» (1958) ҳамин гуна хусусият доштанд. Хусусияти асосии ин очеркҳои адиб иборат аз он буд, ки дар онҳо қаҳрамони мусбат, шахси ташаббускор, эҷодгар ва пурғайрат мавқеъи асосӣ дошт. Қаҳрамони очеркҳои зикршуда Фатҳуддинов ва Музаффар ҳамин гуна шахсиятҳои корсоз буданд. Онҳо типи роҳбароне буданд, ки бо омма маслиҳат доштанд, эҳтиёҷи ҷамъиятӣ ва шахсии ҳар фардро мавриди таваҷҷӯҳ қарор медоданд.

Дар ин замина донишманди адабиёт М.Шукуров дуруст менависад, ки хизмати Ф. Муҳаммадиев дар очерки тоҷик ин аст, ки бунёди очеркро бар характерҳои барҷаста, ки аз чанд ҷиҳат тадқиқ шудаанд, гузошт. То он вақт дар очерк аз роҳи тадқиқи публисис- тӣ ба вуҷуд овардани характери ҳарҷонибаи мӯътамад ба нависандагони тоҷик кам муяссар мегардид. Ф.Муҳаммадиев бо образи Фатҳуддинов ва хусусан Музаффар ба очерки тоҷик характерҳои пурқувват,

характерҳоеро, ки аз чанд ҷиҳат тадқиқ шудаанд, дохил намуд» (115, 143).

Адабиётшинос Соҳиб Табаров таъкид мекунад, ки агар яке аз сабабҳои дар оғози очерки бадеӣ ва баъдтар ҳикоя майл пайдо кардани Ф.Муҳаммадиевро аз кор ва таҷрибаи журналистӣ, аз қадамгузорию таҷрибаҳои эҷодии нахустинаш ба асари адабиёт ҷустан лозим бошад, сабаби дигари ба вуҷудоии эҷоди очеркҳои нависандаи ҷавонро, ки дар нимаи дуюми солҳои панҷоҳум дар адабиёти сермиллати советӣ офариниши ин жанри оперативӣ ба ҳодисаи муҳимми эҷодиёти адабӣ-бадеӣ табдил ёфта буд ва дар тамоми адабиёти сермиллати советӣ ба он диққати зиёд дода мешуд, кофтукоб кардан мумкин аст» (94,163-164).

Яке аз хусусиятҳои дигари очеркҳои Ф.Муҳаммадиев он аст, ки вай «ба бештар кушодани характер, хислат, рӯҳия ва ҷаҳоншиносии қаҳрамонон» (С.Табаров) майл дорад. Нависанда дар баробари тасвири фаъолияти ҷамъиятии қаҳрамононаш ба ҷузъиёти ҳаёти хусусӣ низ аҳамият додааст ва муносибати ӯро дар оила, ба зану духтараш, ба хотираи падару модараш ва ҳоказо низ таъкидан тасвир намудааст» (116).

Шояд ба ҳамин далел нависанда Ю.Акобиров доир ба очеркҳои Ф.Муҳаммадиев навишта буд, ки «қувваи санъаткории Муҳаммадиев дар ин аст, ки очеркҳои ӯро ҳатто пас аз он, ки худи ҳаёт масъалаҳои дар ин асарҳо муҳокимашударо ҳал кард, мардум мехонанд, ҷолиби диққат аст, ки «Фаттоҳ ва Музаффар», «Муҳоҷирон» ва дигар очеркҳо баъд аз чандин соли анҷом ёфтани воқеаҳое, ки ӯ тасвир карда буд, ба забони халқҳои бародар тарҷума шудаанд» (116, 145).

Фазлиддин Муҳаммадиев аз оғози фаъолияти эҷодиаш ба масоили ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳаёти ҷомеа диққати ҷиддӣ медод. Вай ба нобасомониҳои муҳит назари сахти интиқодӣ дошт. Дар ҳамин замина навиштаҳои ӯ «Сабақ», «Муаммои якунимсума», «Пояи шӯҳрат», «Доғи сиёҳ дар пироҳани сафед» арзиши фаровони ахлоқӣ, иҷтимоӣ доштанд. Дар ин навиштаҳо адиби огоҳ мушкилоти ахлоқии ҷомеаро мавриди

арзёбӣ қарор дода, роҳҳои ислоҳи қасодии ахлоқу маънавиёти муосиронро нишон медиҳад.

Ин ҳама заминае буд, ки баъдтар нависанда ба навиштани асарҳои ҷиддии бадеӣ камар баст. Соли 1958 аввалин ҳикояи ӯ «Мактуби дӯст» ба табъ расид. Андаке баъдтар ҳикояи дигари ӯ «Савдои умр» (1958) чоп шуд, ки ҳар ду ҳам ҷолиби диққат буданд.

Дар ҳикояи «Мактуби дӯст» масъалаи донистани қадри одам, покизагии маънавиёт ва ахлоқи ӯ фикри асосии нависандаро муайян мекунад. Қаҳрамони ҳикоя Ҳайдарҷон ҷавони хоксор, бурдбору пурбардошт ва заҳматкаши собитқадам аст. Аммо Сорохон шахсияти бунёди ахлоқиаш ковок буда, нависанда бо ифодаҳои «табассумҳои дилфиреб, тобишҳои чашми оташбор» ҳастии маънавии ӯро тафсир мекунад. Ба ифодаи адиб ӯ аз типи ашхосест, ки «бо тақдири инсон бозӣ мекунанд». Ҳадафи тири нависанда дар ин ҳикоя нишон додани ҳамин гуна ашхоси нопок ва бозигари тақдирҳост.

Дар ҳикояи «Савдои умр» низ мушкилоти ахлоқи инсон аз масъалаҳои асосист. Қаҳрамони ҳикоя Зӯҳро ва Мурод инсонҳои собитқадаманд. Азму иродаи қатъӣ доранд. Вале Мурод якроҳаву гарданшах аст ва Зӯҳро қатъиву фаъоли ҷамъиятист, ки марому маслаки нави инсондӯстиро на фақат муҳофизат, балки ҷорӣ менамояд ва пеш мебарад.

Дар ин равиш ҳикояҳои «Даъво» (1967) ва «Рӯзи дафни усто Оқил» (1967) қобили таваҷҷӯҳанд. Дар маркази ин ҳикояҳо ғояи одамият ва одамгарӣ қарор дорад. Нависанда сифатҳои неки одамӣ, ҳиссиёти поки инсониро аз назар гузаронида, ҳусни рафтор ва кирдори одамони асилро падид меорад, «бузургии рӯҳи одамизод ва дили наҷиби ӯро нишон медиҳад». Нависанда дар баробари ин сифатҳои баргузидаи инсонӣ ҳасудиву ҳасодат, пастию ноинсонӣ ва касодии маънавиро маҳкум мекунад.

Дар маркази ҳикояи «Даъво» даъвои беадабонаи паҳлавони навбаромад - Муҳаммадмуроди ҳангоматалаб меистод, ки Аҳмадбеки

солхӯрда ӯро шармсор месозад, яъне дар мубориза бар паҳлавони беадаб ғолиб меояд.

Дар ин ҳикоя ҳадафи аслии нависанда қувваозмоии ду паҳлавон нест, балки адиб ду навъи хулқу атвор, ахлоқу одобро ба ҳам муқобил мегузорад. Аз оғоз то ба анҷом мо шоҳиди одамию ноодамӣ, хоксориву худсарӣ ва беадабӣ мегардем.

Чунонки ишора шуд, дар ҳикояи «Даъво» нависанда ду характери моҳиятан гуногун офаридааст: яке Аҳмадбеки ҳалиму хоксор, шикастанафс, ки талхию ширинии зиндагиро чашида, дар меҳнат обутоб ёфтааст, дигаре Муҳаммадмуроди шӯҳратпарасту бахил.

Дар ҳикояи «Рӯзи дафни усто Оқил» низ нависанда асосан ба хилқати ахлоқии инсон таваҷҷӯҳ кардааст. Қаҳрамони ҳикоя Усто Оқил шахси ҳунарманду, гулдаст аст. Вале сабаб чист, ки ба ҷанозаи ӯ ба ҷуз ҳамсоягону хешовандон ва ихлосмандону савобҷӯён дигар касе аз аҳли деҳа иштирок намекунад. Сабабро нависанда аз хилқати инсонии Усто меҷӯяд. Усто Оқил шахси ҳунарманд аст, вале эҳсоси худкомагию бахилӣ ба ӯ иҷозат намедиҳад, ки ҳунарашро ба дигарон омӯзад. Ҳамин хислати ӯ боис мешавад, ки мардум ихлосашро аз ӯ меканад ва ҳамин эҳтироме, ки ба ӯ ноил буданд, аз дилашон бардошта мешавад.

Тазоди характерҳо яке аз хусусиятҳои барҷастаи тасвиркорӣ дар ҳикояҳои Ф.Муҳаммадиев аст. Ин усулро адиб аз ҳикояи «Мактуби дӯст» сар карда, то охирин навиштаҳояш идома додааст. Дар зимни тасвири характерҳои ба ҳам зид нависанда муваффақ шудааст, ки паҳлӯҳои ихтилофноки ахлоқи ҷомеаро ба тадқиқ гирад, моҳияти аслии инсонҳоро дар ҷомеа баррасӣ кунад.

Адабиётшинос Абдухолиқ Набиев нависандаро «устоди тасвири психологӣ» дониста, таъкид мекунад, ки «ӯ ҳамеша дар тасвири қаҳрамонҳо ба зикри ҷузъҳои муҳим ва ҷунбишҳои рӯҳии онҳо эътибори махсус медиҳад. Психологизми нафису бо юмори нозук омехта як ҷузъи умдаи тасвир дар повестҳои «Одамони кӯҳна» (1962) ва «Дар он дунё» (1965) ба шумор меравад» **(59, 75).**

Нависанда бо эҷоди повести «Одамони кӯҳна» усули тасвири психологиро бо юмори нозук омезиш дода, асари хосе ба вуҷуд овард.Ба ифодаи М.Шукуров «дар повести «Одамони кӯҳна» хуштабъии ин нависанда ҳадду канор надорад, маҳдудият ва худдориро намедонад, хаёлоти ӯ нозук, рангин ва баландпарвоз аст» (116,151).

Дар ин қисса тамоми иштирокдорони воқеа мутоибаомез тасвир шудаанд. Образҳои Аҳрор-амаку Зиёбобо, Иқбол-холаю Заррина, Ойшахону Рауф Сафозода аз мутоиботи дилангези адиб болу пар гирифтаанд.Ба ифодаи М.Шукуров, повести Муҳаммадиев «аз як навъ лиризми нозуки навозишкоре саршор аст. Юмор дар ин асар юмори лирикӣ буда, ҳиссиёти нозук ва мурраккаби муаллифро, ки дилаш пур аз меҳру муҳаббат, мамнуният ва шодмонист, ифода мекунад».Зимнан бояд гуфт, ки повести бо юмори лирикӣ асос ёфтаро М.Шукуров дар насри тоҷик ҳодисаи нав медонад.Номи повест ба мушкилоти дигар талмеҳ мезанад: чи гуна «одамони кӯҳна» тавонистаанд қаҳрамони имрӯз шаванд?

Воқеан ҳам «одамони кӯҳна»-и Муҳаммадиев куҳансол бошанд ҳам, муосирони ҳушёру наҷиби мо ҳастанд. Мо аз тасвири нависанда фақат чанд лаҳзаи умри онҳоро дармеёбем, вале худи ҳамин амал ҳам тамоми зиндагии онҳоро пеши чашми мо ҳувайдо месозад ва яқин мекунем, ки зиндагии ин мӯйсафедон таҷассуми ростӣ, поквиҷдонӣ ва созандагӣ будааст. Умри онҳо сарфи амалҳои неку савоб гардида, онҳо дар бунёд ва устувор доштани пояҳои ахлоқии ҷомеа саҳми бузург доштаанд. Аз ин мавқеъ миёни «одамони кӯҳна»-и тасвиркардаи муаллиф ва «одамони нав» фарқе вуҷуд надорад. Ҳар кадоми онҳо дар мавқеи худ дар боби рӯзгори иҷтимоӣ ва масъулияти граждани андешаронӣ мекунанд.

Романи «Палатаи кунҷакӣ» ва қиссаҳои «Шоҳии Япон»-у «Варта» дар эҷодиёти адиб мавқеи хос доранд. Ин асарҳо ҳам аз ҷиҳати мавзӯву мундариҷа ва ҳам шакли бадеъ ҷолиби диққатанд.Романи «Палатаи кунҷакӣ» соли 1974 ба чоп расид. Воқеияти асар дар утоқи бемористон

мегузарад. Дар ин хона чор нафар хуфтаву муолиҷа мешаванд. Инҳо Носир Аббос – раиси комитети райони назорати халқ, Иван-амак – собиқадори инқилоб, ҷангҳои шаҳрвандӣ ва Бузурги Ватанӣ, Каримҷон-ака – коргар ва Иброҳимҷон Олимӣ – оператори кинохроника мебошанд. Ҳамаи онҳо гирифтори бемории сактаи дил ҳастанд ва Алихон Зардодхон онҳоро табобат мекунад.

Қаҳрамонони нависанда намояндагони се насли мардуми советианд. Робитаи ирсии наслҳо, ки дар амалиёт ва марому маслаки онҳо ифода ёфтааст, яке аз масъалаҳои марказии роман аст.Муҳаммадҷон Шукуров «Палатаи кунҷакӣ»-ро шакли нави роман дар адабиёти тоҷик дониста, онро романи андешаҳо номидааст, ки воқеан ҳам ба табиати ин асар мувофиқ аст.

Палатаи кунҷакии бемористон дар аввал гӯё муҳити ғайбат ва мубоҳисаи берабтро мемонад. Чун бо таҳқиқ ба гуфтугӯи ин беморон гӯш фаро диҳем, мебинем, ки «ин фикру андешаҳои бепоён, ин баҳсу мунозираҳои ботинӣ ва ошкоро кам-кам моро аз муҳити маҳдуди як утоқи танги бемористон ба вусъатободи зиндагии пурҷӯш, ба шоҳроҳи мураккаботу ихтилофоти ҳаёт мебарорад» (116).

Дар романи «Палатаи кунҷакӣ» муаллиф масъалаҳои муҳимму мураккаби иҷтимоиро мавриди тадқиқи бадеӣ қарор додааст. Ба ин васила нависанда масъулиятшиносии ҳар фардро дар назди ҷамъият, мақоми он ва хусусан ролу мавқеи падаронро дар мустаҳкаму устувор намудани асосҳои маънавию ахлоқии ҷамъият, ҷонфидоӣ ва ҷонсӯзии онҳо, фаъолиятмандии иҷтимоии насли калонсоли одамони советиро ба тадқиқ гирифтааст.

Эпиграфи асар – «Чароғи падаронро фурӯзон дор!» мазмуни ботинии онро ифода мекунад. Ба пайбурди саҳеҳи А.Набиев «агар доираи васеи муҳокимаҳо ва ҳусни таваҷҷӯҳи таърихиву миллии қаҳрамонҳоро ба хотир орем, пас ғояи асари Муҳаммадиев давому такмили ҳамаи анъанаҳои пешқадам ва инсондӯстона аст».

Носир Аббос, Иван-амак ва Иброҳимҷон пайгири андешаҳои солиму наслсоз ҳастанд. Онҳо на фақат манфиати шахсӣ, балки беҳбуди ҷамъиятро муҳимтарин ҷузъи фаъолияти инсон мешиносанд.

Дар баробари мушкилоти вақт, таърих, замон ва муҳити ҷомеа қиссаи ишқи Иброҳимҷону Хиромон аз унсури асосии сужети роман қарор мегирад. Тасвири ишқи ин ду суннатист. Муҳаммадиев қудсияти ин мавзӯъро бисёр амиқ дарк карда, дар ҳамин замина ба тафсири ин масъала мепардозад. Заминаи ишқи ин ду қаҳрамон дар тасвири нависанда реалӣ ба назар мерасад.

Иброҳимҷон шахсияти фаъолу собитқадам буда, ҳадафи зиндагии вай ҳавову ҳавас нест. Бинобар ин ҳам ҳусни таваҷҷӯҳи вай ба Хиромон ормони зиндагии ӯст.

Муҳаммадиев дар симои Хиромон фаъолиятмандӣ ва зебоии ахлоқиву маънавии зани тоҷикро тасвир кардааст. Мо тамомияти образи Хиромонро аз хилқат, рафтор ва кирдори ӯ эҳсос мекунем, ки хоси зани тоҷик аст. Масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, собитқадамӣ ва самимияту дилгармӣ ба зиндагӣ ва одамон фазилатҳои инсонии ӯро такмил бахшидаанд.

Муҳаққиқ Ҷ.Бақозода повестҳои «Шоҳии Япон» ва «Варта»-ро зинаи нав дар тафаккури бадеӣ ва эҷодиёти нависанда медонад (14, 110).

Мавзӯи асосии повести «Варта» масъулият ва мавқеи инсон дар ҷомеа, муносибати роҳбар ва коллектив, бузургӣ ва пастии инсон, одамият ва ноодамӣ мебошад.

Ҳам дар повести «Шоҳии япон» (1981) ва ҳам «Варта» (1983) меъёри дарки қисмати инсон, мақоми ӯ дар ҷомеа ва моҳияти зиндагии ӯ усули таҳлили психологист. Дар ҳар ду повест ҳам муҳим он аст, ки мазмуни онҳо аз зиндагӣ берун омадааст. Ҳар ду қаҳрамони асосӣ, ҳам акаи Барака («Шоҳии япон») ва Саидбек («Варта») дар назди ҷомеа худро масъул мешиносанд. Зиндагӣ ва умри сипарӣ кардаи онҳо ба ҳам монанд нест, вале сарнавишти инсонии онҳо як аст, марому мақсади

онҳо иборат аз меҳнати ҳалолу судманд буда, дар ин роҳ як умр собитқадам будаанд.

Дар повести «Шоҳии япон» ҳам ташвишу ҳам андешаҳои қаҳрамон, ки зиндагии чандсола ва ҳатто тамоми лаҳзаҳои муҳими ҳаёташро ёдовар шудааст ва ҳам муносибати вай ба масъалаҳои гуногуни зиндагӣ тасвир меёбанд. Дар андешаву ташвишҳои акаи Барака аз мураккабтар шудани тарбияи одам ва омилҳои он, аз тавсияи доираи ахборот, озодии шахс, ки метавонад натиҷаҳои ғайри чашмдошт диҳад, аз таъсири воситаҳои ахбороти хориҷа ва масъулияти инсон сухан меравад.

Дар повести «Варта» низ андешаву мулоҳизаҳои қаҳрамони марказӣ Саидбек дар бораи худ, муносибати одамон мавқеи муҳим дорад. Ин қаҳрамон пайваста ва бошиддат дар бораи худ ва дигарон, дар бораи ҳодисаҳои атроф фикр мекунад. Мо ба василаи андешаҳои қаҳрамон тавоноии рӯҳониву ҷисмонӣ, мавқеи ҷамъиятии ӯро фарқ мекунем.

Саидбек дар тасвири нависанда инсони комил, шахси меҳнатдӯсту фидокор, шавҳару падари ҳалиму меҳрубон аст. Шахъсияти ӯ нокомиҳо низ дорад, ки хоси ҳар инсон мебошад.

Дар мавридҳои душвор Саидбек бобояш Сангинбекро ба ёд меоварад, ки рамзи инсони зубда ва мумтоз аст. Танҳо ба забон овардани номи бобояш ба Саидбек ҷасорат мебахшад. Ибратангезии ҳаёти бобо дар он зоҳир мегардад, ки вай дар зиндагӣ собитқадам ва росткор будааст. Саидбек аз бобо ҳамин чизро ба мерос гирифт. Дар ташаккули шахсияти Саидбек бобо бевосита саҳм дорад. Аз ин мавзӯъ образи бобои Бузург ҳамчун характери барҷастаи бадеӣ аз бозёфтҳои тозаи нависанда буда, инкишофи сифатан нави силсилаи образи мӯйсафедон дар адабиёти тоҷик мебошад. (14).

Муҳимтарин унсури дигаре, ки дар гуфтору рафтор ва кирдори қаҳрамони марказӣ ҳис мешавад, ҳамоно муҳаббати бетакрори ӯ ба зиндагист. Дилбастагии қаҳрамон ба ҳаёт ва муосиронаш ба воситаи

тасвири муносибати ӯ ба Нигор – зани меҳрубону дилсӯз, Райҳони азизаш ифода шудааст. Духтарчааш чароғдори меҳри хонаводагии ӯст.

Дар асар нависанда симои риёкоронаи Давидро хеле табиӣ ва боварибахш офаридааст. Ба назари нависанда Давид барин шахсҳо барои ҷамъияти мо аз он ҷиҳат хавфноканд, ки пояҳои некро ниқоб карда, барои амалӣ сохтани ғаразҳои нопоки худ истифода бурданӣ мешаванд. Аз ҳамин мавқеъ нависанда муяссар шудааст, ки дар повест ташаккули характеру психологияи худхоҳии Давид, назари танг, маънавиёти тиҳӣ ва аъмоли ношоиста ӯро бо ҷузъиёташ ҳамаҷониба таҳқиқ кунад. Дар ин замина табиист, ки Давиди аз ҷиҳати маънавӣ нокомил Саидбекро бояд бад бинад, кинаву ҳасодати ӯ ба Саидбек ошкоро, вале бенатиҷа аст. Нависанда бо тасвири боварибахш бепоя будани кӯшишҳои ӯро дар ҷамъият собит мекунад.

Соҳиб Табаров дуруст қайд мекунад, ки «дар повести «Варта» бештар ҳақиқати ҳаёти мураккаб, масъалаҳои муҳими умумиинсонӣ бо як далелу мисоли зоҳиран ҷузъӣ ва хеле хурд – бо тақдири чанд лаҳзагии як фарде, ки бо айби фарди дигар аз кӯҳ ҷар мешавад ва он воқеаи нохуши фоҷиавӣ ҳамагӣ «сӣ ё чил сония тӯл кашидааст», бо чунон тафаккури бадеие ба қалам дода шудааст, ки он инсонро ба таҳлука меоварад. Ф.Муҳаммадиев ба воситаи ҳамин як мисолу далел масъалаи имрӯз барои тамоми инсоният муҳимро оид ба чигунагии виҷдону шараф, зебоию зиштӣ, улвияту қабоҳат, бузургиву тиҳият, баландию пастии хулқи инсонӣ бо эҳтиросу эҳсосоти чуқур, бо қувваю боварии комил дар мисоли воқеаи мудҳиши ба варта афтодани қаҳрамони асосии повест – Саидбек Сангинов ба миён мегузорад» (94, 179).

«Варта» охирин асари ҷиддии бадеии Ф.Муҳаммадиев буд. Нависанда ба воситаи повестҳои «Шоҳии япон» ва «Варта» муосиронашро аз таҳлукаҳое, ки ҷамъиятро ба думбол буд, огоҳ кард. Муҳити зиндагии онрӯзаи моро чун вартае шинохта буд, ки ҳар лаҳза метавонад ҳар киро ба коми худ фурӯ барад. Аз ин ҷиҳат як нуктаро бояд таъкид кард, ки Муҳаммадиев нависандаи пешбину пешгӯ буд, ӯ аз

носозиҳои муҳити маънавӣ гоҳо ба дод меомад ва оҳу доди хашмолуди худро ба воситаи «Косадум» барин панфлетҳояш ошкоро ба гӯши муосирони ноҷавонмардаш мерасонид.

Ф.Муҳаммадиев дар кӯчаи «Шараф»-и Душанбе мезист, дар халқаи балвогарон афтод, корд заданд нависандаро ва ниҳоят аз захми ноҷавонмардона ҳамсояи арҷманди сокини кӯчаи «Шараф» бешарафона кушта шуд.

Мӯъмин Қаноат
(тав.1932)

Мӯъмин Қаноат дар кӯҳистони Дарвоз ба дунё омада, таҳсили ибтидоиро дар интернати шаҳраки Ғарм гирифтааст. Баъд дар факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дониш омӯхтааст.

Нахустин маҷмӯаи ӯ «Шарора» соли 1955 ба чоп расида, шеърҳои ин маҷмӯа бо мундариҷа ва шакл аз шеъри он рӯзгор фарқи ҷиддӣ пайдо карда буд. Хонандаи огоҳ тафовути каломи шоиронаи ӯро аз нашри нахустин шеърҳои ӯ, ки солҳои панҷоҳ дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуда буданд, ҳис кард. Се шеъри дар ин давра чоп кардаи ӯ «Иди Наврӯз», «Пири гулфурӯшон» ва «Кӯҳи маъшуқ» овози хоси шоиронаи ӯро ифода мекарданд.

Муҳим он буд, ки ин шеърҳо ва аксари шеърҳои маҷмӯаи нахустини шоир, аввалан, пуртасвир буданд, сониян, заминаи амиқи иҷтимоӣ доштанд. Диду бофти тоза аз хусусияти фарқкунандаи шеърҳои маҷмӯаи аввали шоир буданд.

Баъзе мунаққидони шеър ҳангоми шарҳу баёни сабки шоирии Мӯъмин Қаноат дар мисоли шеърҳои маҷмӯаи аввалини ӯ рассомию муҷассамасозиро шафеъ меоранд. Ин шафеъовариро ду далел аст: аввал ин, ки миёни шеъри шоир ва ин намудҳои санъат шабоҳате ба назар

мерасад, дигар ин, ки ин мушобеҳат ишора ба мусаввир будани шеъри ӯст.

Дар мисоли фақат як шеър – «Пири гулфурӯшон», ки аз аввалин навиштаи Мӯъмин Қаноат аст, метавон таъкид кард, ки аз оғоз ҳунари тасвиркории шоир чи хусусияте доштааст. Ин шеър ҳаҷман калон нест, ҳамагӣ се байт иборат аст. Вале шоир бо тасвири мӯъҷаз ва сухани мӯъҷаз тавонистааст, ки манзараи воқеӣ ва комили табиатро – баҳори зебо ва хоси Варзобро тасвир кунад. Шукӯҳи табиат дар шеъри ӯ муҷассам ва эҳсосангез инъикос шудааст.

Шоир аз санъати ташхис истифода карда, «кӯҳро ба дараҷаи зебоии инсон расонидаасту инсонро ба пояи шаҳомати кӯҳ» (А.Сатторов). Ин шеър гувоҳи аз нахустин қадамҳои эҷодиаш соҳиби диди равшан, амиқ ва пурдоманаи эстетикӣ будани шоир аст. Ин чашмандоз минбаъд дар эҷодиёти шоир такмил ёфта, натиҷаҳои мусбат додааст.

Агар ба шеърҳои аввалини Мӯъмин Қаноат таваҷҷӯҳ кунед, аз ҷониби ӯ дар як ва чанд мисраъ офаридани ин ё он саҳна ҷолиб аст. Ҳамин тариқ, хусусияти муҷассам сохтани воқеият дар шеър аз махсусиятҳои фитрии ҳунари шоирии ӯ будааст, ки дар шеъру достонҳои минбаъдааш такмил пайдо кардааст.

Ҳатто шеърҳои дар мавзӯи меҳнат сурудаи Қаноат дар он солҳо аз навиштаҳои дигарон фарқ доштанд. Бо тасвирҳои равшан ва хотирмон ӯ мавзӯи меҳнатро ба шеър ворид сохт, ба ифодаи дигар дар ситоиши меҳнат ва мардони кор сухани шоирона гуфт.

Дастакони ту гаҳе хастаю зардоб шавад,
Ҷорӣ аз ҳар сари мӯи сияҳат об шавад. –

аз шеърҳои берӯҳу берамақи он солҳо дар васфи пахтачиндухтар гуфта шуда бо тасвири ҳоловараш фарқ дошт.Ба ифодаи М.Шукуров «ҳар як шеъри ин силсила як портрет аст ва ҳар кадоми ин портретҳо ба тарзи дигаре тасвир ёфтааст» (115, 190).

Тасвиркориҳои Мӯъмин Қаноат дар ин силсила ва шеърҳои дигараш «ҳаргиз тасвири маҳз набуда, барои ифодаи ғояи шеър хизмат мекунад. Вале дар шеърҳои шоир ҳамин ифодаи ғоя ба воситаи тасвир низ ба як тарз нест. Гоҳо ғояи шеър бевосита дар худи тасвир ифода шавад (чунон ки дар шеъри «Хоҳари Куба» ҳаст), баъзан шоир онро бо байт ва ё мисрае бори дигар таъкид мекунад. Ин ҳолат дар шеърҳои «Қисми нотамом» ва «Аҳсан ба одам» мушоҳида мешавад» (104, 98).

Ин усули эҷод ба шоир имкон додааст, ки шаҳомат ва бузургии инсонро ба шеър оварад. Аз ин мавқеъ силсилаи шеърҳои «Ситораҳои замин» мумтозанд. Зимнан бояд гуфт, ки шеърҳои ин силсила аз воқеият сарманша гирифта, натиҷаи таассуроти шоиронаи Мӯъмин Қаноат аз парвози нахустзан ба кайҳон аст. Ин воқеаи таърихӣ дар тафаккури бадеии шоир рамзомез ба назар меояд. Шоир на фақат аввалин зани кайҳоннавард, балки қаҳрамонзани дигарро низ чун ситораҳои замин мешиносад. Диққати шоир мутаваҷҷеҳи «бузургӣ ва хоксорӣ», маънавиёт ва ҳусни ботинии ин гуна занон аст.

Қаҳрамони ин силсила намояндагони халқҳои гуногунанд. Онҳо модари рус, хоҳари Куба ва занони тоҷик ҳастанд, ки ҳар кадоме дар ҷомеъа мақоми хосе дорад.

Шоир дар шеърҳои ин силсила образи ҷомеи модарро офаридааст. Вақте ки М.Қаноат дар бораи модар шеър мегуфт, дар адабиёти мо ин гуна шеърҳо бисёр буданд. Вале шеъри Қаноат дар ин миён фарқият пайдо кард. Ба мушоҳидаи М.Шукуров, «М.Қаноат сифатҳои модарро паи ҳам номбар намекунад, балки тамоми диққаташро ба як нукта ҷамъ кардааст. Ӯ мехоҳад, ки меҳри бузургвори модариро васф кунад ва нишон диҳад, ки модар фарзандони худро ба чи тариқ бузургӣ омӯхт, чи тавр… бо меҳр парварда забардаст кард» (116, 190).

М.Шукуров ҳангоми таҳлили шеърҳои ин силсила як хусусияти муҳими тафаккури бадеии шоирро ташхис додааст, ки минбаъд аз махсусиятҳои ҳунари шоирии ӯ шинохта мешавад. Вай хусусияти рамзӣ пайдо кардани образи модарро дар шеърҳои «Модар» ва «Модар дод

болаш…» ба мушоҳида гирифта, умумияти маъноии онро таъкид мекунад. Ин завқ ба шоир имкон медиҳад, ки мафҳуми «Модар»-ро ба маънои «Модари замин», «Модари Ватан» истифода кунад.

Аз ҳамин силсила як хусусияти дигари ҳунари шоирии М.Қаноат – офариниши хоси портрет зоҳир гардид. Портретҳои аввалини ӯ (масалан) дар шеъри «Хоҳари Куба» «равғани романтикӣ» (М.Шукуров) доранд. Романтизм дар шеъри портретии ӯ «аз худи предмети тасвир, аз хусусияти хоси ҳусну малоҳат ва ҳаёту муборизаҳои хоҳарони кубагӣ» (М.Шукуров) манша мегирад. Ин қабил шеърҳои М.Қаноат як хусусияти дигар низ доранд: шоир ҳангоми тасвири портрети қаҳрамон ҳам тасвири қаҳрамонро мекашад ва ҳам ботини ӯро аён менамояд, ки мисоли равшани ин шеъри «Хоҳари Куба» мебошад» (104, 99).

Силсилаи «Ситораҳои замин» падидаҳои ҳусни ботинии зан, таъкиди бузургӣ ва шаҳомати ӯст. Ҳамин ғоя мағз андар мағзи шеърҳои ин силсиларо ташкил медиҳад.

Аз шеърҳои ин силсила ва ҳамчунин бисёр шеърҳои дигари шоир чунин натиҷа бармеояд, ки Мӯъмин Қаноат дар шеър ба баёни таассурот ва падид овардани ҳолатҳои пуршиддати фоҷиавӣ аз оғоз майли тамом доштааст. Ҳамин равиши эҷодӣ сабки мумтози шоирро низ муайян кардааст.

Мунаққид А.Сатторов нишонаҳои ба назар намоёни ин сабкро чунин тавзеҳ додааст: «шиддати эҳсосу вусъати андеша, экспрессивӣ, нақли бадеӣ, ки аксар ба дараҷаи рамзу тамоил ва идеал расидаанд» (90,48).

Баъдтар чунин таҷрибаи эҷодӣ ва тафаккури равшани бадеӣ шоирро чун яке аз достонсароёни бақудрати адабиёти тоҷик ба хонанда шиносонид. Достонҳои «Мавҷҳои Днепр», «Достони оташ», «Сурӯши Сталинград», «Китобҳои захмин», «Тоҷикистон-исми ман», «Падар», «Гаҳвораи Сино», «Ситораи исмат», бешак, аз дастовардҳои шеъри имрӯзаи тоҷиканд.

Баъзе мунаққидон бар ин ақидаанд, ки Мӯъмин Қаноат «пеш аз таълифи аввалин достони лирикии худ «Мавҷҳои Днепр» силсилаи шеърҳои «Ситораҳои замин» ва «Силсилаи Карпат»-ро навишт ва ин силсилаи шеърҳо воситае буданд, ба омодашавии шоир ба таълифи достони лирикӣ». (Х.Отахонова. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик.-Д. 1983, с.122.)

Достони «Мавҷҳои Днепр» ҳадяи илҳом ва ё маҳсули сафари шоир ба Украина буд. Ин масъала муҳим нест. Муҳим он аст, ки оё шоири тоҷик тавонист, ки шеъре сазовори кишвари Шевченко гӯяд? Ба ин суол мунаққиди украин Виталия Коротич ҷавоби манфӣ медиҳад. Вале адабиётшинос Х.Отахонова фикри Коротичро нодида гирифта, таъкид мекунад, ки «Мӯъмин Қаноат «Мавҷҳои Днепр»-ро навишта истода, пеш аз ҳама, хонандагони тоҷикро дар назар доштааст ва кӯшиш кардааст, ки онҳоро ба воситаи шеъри латифу нафис ва пурҳаяҷони худ бо Украина шинос кунад, яъне дар пеши назари онҳо образи бадеии ин республикаи шукуфонро ба ҷилва орад» (67,123).

Шоир дар достони «Мавҷҳои Днепр» образи Украинаи зебову дилпазир, таърихи пурифтихор ва имрӯзаи дурахшони онро тасвир кардааст. Ин нияти эҷодии худро шоир қабл аз ҳама ба воситаи образҳо амалӣ сохтааст. Образи рамзомези дарё, мавҷҳои баёнгари ақидаву орои шоир мебошанд.

Зоҳиран достон аз шеърҳои ҷудогона иборат аст. Вале ин шеърҳоро образи маънавӣ ба ҳам пайванд медиҳад, ки наметавон онҳоро аз ҳам ҷудо тасаввур кард. Ин образҳо пайванди комил ва сохтори ягонаи достонро таъмин намудаанд ва бразҳо ба сари худ ифшогарӣ таърихи кишвари украинҳост.

«Достони оташ» дуюмин асари нисбатан калонҳаҷми Мӯъмин Қаноат мебошад. Дар достон шоир корномаи таърихии халқро дар сохтмони истгоҳи барқи Норак ба назм овардааст. Вале ин достонро наметавон фақат номаи манзуми воқеият шинохт. Мо дар он бадеияти шоиронаи хоси М.Қаноатро низ мушоҳида мекунем.

Шоир дар ин достон қабл аз ҳама аз муҳаббату меҳнат, ғаму шодӣ, дӯстию бародарӣ ҳарф мезанад. Вале ин ҳама дар партави воқеаҳои таърих арзёбӣ шудааст. Ғоя ва мазмуни достон барои адабиёт камарзиш нест, вале усули ҳалли он муваффақиятнок анҷом нагирифтааст. Дар вақташ мунаққиди рус Игор Золотусский дар бораи ин асар навишта буд, ки «достон чун нақшу нигор воқеаҳои умумидунёӣ ва хусусиро ба ҳам пайваст намуда, дар байн омма гум шуда меравад. Достон бетартиб, пур аз харчу марҷ ва номуташаккил аст» (67, 116).Бо вуҷуди ин, ба назари мо «Достони оташ»-ро дар эҷодиёти адиб наметавон каммоя шинохт. Достон маънии амиқи инсонпарварона дошта, сабки хоси Мӯъмин Қаноатро дар гуфтани шеъри меҳнат ифода мекунад.

Мавзӯи ҷанг аз оғоз дар эҷодиёти М. Қаноат мақоми хос дошт. Дар ин равиш навиштаҳои ӯ шеърҳои «Хоби қаҳрамон», «Гули бодом» ва достони «Китобҳои захмин» қадами аввал ва ҷиддӣ буданд.Достони «Китобҳои захмин» сужети ягона дорад ва дар он сухан аз даҳшату доғу кулфати ҷанг ва нуфузу таъсири он ба ҳаёти сокинони деҳоти дурдасти кӯҳистони тоҷик меравад. Шоир таъсири фоҷиаангези ҷангро дар зиндагии хурду калони деҳ, хоса кӯдакони маъсум талабагони мактаб хеле амиқ ва нозук дарёфта, он ҳама фоҷиаи инсониро ба шеър офаридааст.

Шеърҳои «Хоби қаҳрамон» ва «Гули бодом» шояд аз муассиртарин шеърҳои шоирони тоҷик бошанд, ки аз саҳнасозиҳои ҷанг эҷод шудаанд. Дар шеъри «Хоби қаҳрамон» охирин лаҳзаи зиндагии қаҳрамон тасвир ва тасаввур мешавад. Оре, аз ҷониби шоир тасаввур мешавад, вале аз ҷониби хонанда ҳам тасаввур ва ҳам эҳсос мегардад. Шоир андешаҳои қаҳрамони ҷангро, ки ҳамин ҳоло ба коми марг хоҳад рафт, хеле пуртаъсир ба қалам меорад. Қаҳрамон барои наҷоти дигарон бо ҷисм даҳони ДОТ –и душманро мебандад. Дар ин шеър ва шеърҳои дигари дар ин мавзӯъ навиштаи шоир – «Гули бодом» ҳиссиёти шоир бо ҳиссиёти қаҳрамон ҷо-ҷо ба ҳам омезиш меёбанд, ки ин яке аз хусусиятҳои услубии ифодаи драматикист. Вале ин омезиши сухан ва ё

драматизми ҳиссиёт нишонаи зоҳирӣ надорад. Он дар ҳолати қаҳрамон ва андешаҳои ӯ, дар баҳои шоир ва ё он рафтори қаҳрамон зоҳир мешавад» (106,126).

Шеъри «Гули бодом» монологи қаҳрамони ҷанг Саидаҳмад Каримов аст. Ин шеър сарнавишти ҳам қаҳрамон ва ҳам аспи зебои ӯст, ки набарди онҳо дар паҳнои андеша меғунҷанд.Шеъри «Гули бодом» танҳо воқеияти фоҷианоки ҷангро пеши рӯ зинда намесозад, балки ин шеър бо тарзи баён, ифшои ҳол маҳбубияти хосро шомил аст. Бинобар ин, шоир Гулназар барҳақ навиштааст, ки «Гули бодом»-ро мехонеду ба хотиратон дави асп ва майдони фарох мерасад:

Суми мармар, думи пухпар,
Пари кафтар, дави сарсар.
Миёни дастаи ханҷар,
Чи гардан, гардани духтар!
Аҷаб хушрӯю бозигар,
«Гули бодом»!

(22, 130-131)

Чашми шоироне чун Мӯъмин Қаноат бояд дошт, ки аспро бад-ин зебоӣ ба тасвир овард, балки ба ӯ зиндагӣ бахшид. Дар чак-чаки суми ӯ вақт ва умри сипаригардидаи қаҳрамонро андоза кард.

Мӯъмин Қаноат соли 1970 достони «Сурӯши Сталинград»-ро навишт, ки на фақат дар адабиёти тоҷик, балки дар адабиёти умумииттифоқ ҳодисаи мусбат қаламдод шуд.

Ин достон ба эътирофи шоир дар заминаи воқеияти замони ҷанг навишта шудааст ва муаллиф ҳангоми эҷоди достон воқеият, корнамоии мардум, характери мардум, ҷанг, эпизодҳои ҷангиро «Аз ҳар гуна хаёлот, аз ҳар гуна бофтаҳо зиёдтар ва зӯртар» донистааст.

Ҳамин тариқ, достони «Сурӯши Сталинград» дар заминаи воқеияти реалӣ таълиф шуда, онро мунаққид Аскар Ҳаким як навъ достони эпикӣ медонад. Достон аз оғоз, ҳашт суруш ва анҷом иборат аст. Калимаи «сурӯш»-ро Аскар Ҳакимов дар достон «мувофиқтарин

образ»-е медонад, ки мақсади шоирро ба хубӣ ифода мекунад. Ин сурушҳо – садои фоҷиаи ҷонсӯз, садои қаҳрамонҳо, садои тифли ба дунё наомада, садои ҳаёт ва мамот аст. Сурӯш образи мафҳуму абстракт не, балки сурӯш - садо, моддӣ буда, дар гӯшҳои мо ҷарангос мезанад» (106, 231).

Воқеан ҳам сурӯшҳо дар достон бори маънавӣ мекашанд. Ҳамосаи рӯҳи ситезандаи инсонро алайҳи ҷанг бозгӯ мекунанд.

Дар достон аз муҳорибаи шадиди Сталинград, ҷонбозиҳои фарзандони гуногунмиллат дар роҳи ҳимояи номусу ном ҳикояти пурсӯз меояд. Ин ҳикояти ҷанги рӯҳу имон ва собитқадамию садоқат алайҳи нерӯи шайтонист. Аз ин мавқеъ муҳаққиқон онро бо таъбири «достони қалъаҷанг» ёд кардаанд, ки ишора ба вусъат ва мушкилоти фоҷиаи инсоният, ки ҷанг дар Сталинград ба роҳ андохта буд. Воқеан ҳам қалъаҷанги Сталинград бузургтарин муҳорибае дар таърихи ҷангҳост, ки инсоният ба онҳо рӯ ба рӯ будааст. Таъсири ин фоҷиа дар рӯҳу зиндагии мардум боқист ва боқӣ хоҳад монд. Бинобар ин ҳам месазад, ки ин асарро драмаи фоҷиаи рӯҳи инсон номид.

Чунонки ишора шуд, достон аз ҳашт сурӯш иборат буда, аввал сурӯши Замин меояд ва Сталинград порае аз сайёраи ҳаёт ва наҷот Замин аст. Дар тасаввури шоир ин шаҳри ба садамаи вайронкорӣ гирифтор шуда, миёнҷо ва меҳвари замин менамояд. Замин чун инсон дард мекашад, ранҷ мебарад, овоз медиҳад.

Маро озод бинмоед,
Ман сайёраам,
Дар банд мемирам!

Ҳамин тариқ, дар боби аввал Замин, дар боби дуюм Дарё маҳалли фоҷиа буда, дар боби сеюм маллоҳи Баҳри Сиёҳ инсон, ки рӯҳиву ҷисмонӣ ҷангро бар дӯш бардоштааст, ба майдон меояд. Шоир маҳшари ҷангро аз дили инсон мегузаронад. Инро Аскар Ҳаким «аз вазифаҳои мураккаб ва мушкилтарин»-и шоир ҳисобидааст. Ба он ваҷҳ, ки «шоир аз миёни ҳамаи он ҳодисаҳои муҳим ва мураккаб ошӯбу маҳшари

беқиёс, дуду сӯхторҳои сарбафалак, таркишҳое, ки чанги заминро ба фалакҳо бардошта, чизҳои дар атроф бударо майда карда мепартофтанд, ба инсон назар меандозад ва ӯро бо рангҳои баланд ва андозаҳои бузург тасвир мекунад» (106, 284).Сурӯшҳои минбаъда низ аксарият воқеӣ буда, дар тақвияти ҳамин мароми эҷодии шоир гуфта шудаанд.

Аскар Ҳаким «Сурӯши Сталинград»-ро «достони драма, достони фоҷиаи қаҳрамонӣ» номида, таъкид мекунад, ки «драма дар ин ҷо ба маънии ҷинси адабӣ набуда, ба маънои мунодии задухӯрдҳо, ду консепсияи ҳаёт – некӣ ва бадӣ, адолат ва разолат, нур ва зулмот, ҳаёт ва мамот аст».

Аз ҷиҳати ҷинси адабӣ шоир онро «як навъи достони эпикӣ» медонад. Хуршеда Отахонова низ достонро эпикӣ дониста, онро «дорои сужети мукаммал, банду басти қавӣ, образҳои мусбату манфӣ» мешиносад. Ба фикри ӯ, «воқеаҳои дахлшуда, масъалаи ба миён гузоштаи шоир, ки масъалаи ҳаёт ва марг аст, маҳз тасвири эпикиро тақозо кардааст» (67,203).

Адабиётшинос Ю. Акбаров ба як мулоҳизаи муаллифи достон такя карда, онро эпикӣ намедонад. Мӯъмин Қаноат боре гуфта буд, ки «ин корномаи бузургро бо вусъати воқеанигории эпикӣ тасвир кардан муҳол аст. Дар ин достон чанд садое, ки дар он рӯзгори сахт ва дили сарбозҳо баромада, дар сахтии сангҳо ва нармии дилҳо асар карда, дар сафҳаҳои рӯзгор нақш бастаанд, сабт шудааст (34, 8). Ба ин далел адабиётшинос достонро «асосан драмавӣ ва драмавию лирикӣ» унвон мекунад, зеро ба ақидаи ӯ, дар достон «амалиёту ҳаракат хеле кам буда, фоҷиаю драмаҳои ҳаёт, фоҷиаи инсон ва ҳиссиёту ҳаяҷони ботинии қаҳрамони лирикӣ (хусусан дар ибтидою хотимаи асар) ба арши аъло расидааст» (8,102).

Достони «Тоҷикистон-исми ман» аз тақдири инсон, сарнавишти Ватан, аз нобасомониҳои таърих, аз адолату разолат, тантанаи адлу инсоф баҳс мекунад. Дар достон бузургӣ ва иқтидори маънавии

инсони корсоз тасвир шуда, шоир ба гузаштаи пурифтихори халқ, ба тақдиру қисмат ва урфу одатҳои ӯ, ба имрӯзу фардои дурахшони вай бо муҳаббат менигарад ҷидду ҷаҳд ва корномаи бузурги гузаштагони худро дар роҳи озодии бани башар бо ифтихор ёд мекунад. Дар ин достон образи Ватану фарзандон, ғояи пайванди ҷисмонию маънавии онҳо, ҳамбастагии наслҳо дар маркази диққати шоир қарор дорад.

Миёни образҳои ин достон ва достони «Сурӯши Сталинград» қаробати мантиқӣ вуҷуд дорад. Дар ин достон низ шоир образи асосӣ Модар-заминро давом ва такмил бахшидааст. Шоир дар сарахбори достон ба таърихи пурфоҷиа, вале боифтихори халқ истинод карда, барои ифодаи мақсади ғоявии худ аз образҳои рамзии оташ ва нур истифода мекунад. Вале образи рамзии Модар – Замин дар ин достон оҳангу маънии тозае касб кардааст, ки аз бисёр ҷиҳат такмили образҳои ҳаммонанди достони «Сурӯши Сталинград» аст.

Дар «Тоҷикистон – исми ман» порчаҳои насрӣ дар такмили образи Модар-Замин аст. Шоир дар дигар бобҳо низ портрет ва аҳволу авзои қаҳрамони асосии достон – Модар-Заминро ба тасвир мегирад. Дар «Сурӯши Сталинград» образи Модар-Замин асосан дар боби аввалу охир (сурӯши якум ва сурӯши модарон) омада буд, вале дар «Тоҷикистон – исми ман» ин образ ба қаҳрамони асосии рамзӣ табдил ёфтааст. Шоир ин образро боз ҳам инкишофу қувват додааст ва аз ин ҷиҳат достони мазкурро давоми мантиқии «Сурӯши Сталинград» гӯем, эҳтимол хато нашавад, ҳарчанд ки мавзӯи ин достонҳо аз ҳам фарқ мекунад.

Достони «Гаҳвораи Сино» достони таърихист. Шоир дар ин достон диққати асосиро ба он лаҳзаҳои ҳаёти мутафаккири бузург додааст, ки аз гардишҳои муҳим ва тақдирсози таърих дар худ асар доштанд. Ба ин маънӣ, ҳар боби достон ҳиссаест аз қиссаи сарнавишти Сино.

Мавзӯи сарнавишти Сино барои М.Қаноат мавзӯи таърихи гузашта, имрӯза ва ояндаи тоҷикон буд. Бинобар ин ҳам шоир ҳангоми эҷоди ин достон ба умқи таърих фурӯ рафта, зиндагӣ ва рисолати донишманди бузургро дар оинаи таърих баррасӣ кардааст. Санадҳои

таърих барои равшан кардани моҳияти таърих дар достон хидмат кардаанд.

Мӯъмин Қаноат ба таърих бо назари моҳиятҷӯ нигариста, аз санаду воқеаҳо натиҷаи фалсафӣ мегирад. Рӯҳияи шоир барои дарёфти ҳақиқати сарнавишти ҳакими бузург созгор афтодааст.

Дар ин замина шоир кӯшидааст, ки моҳияти ҳаётии Синоро барои хонандагон муайян кунад. Барои иҷрои ин кор таърих ба шоир ёрӣ кардааст, аснодӣ таърих дар достон ба забон меоянд ва аз сарнавишти ҳакими бузург, фарзанди арҷманди халқ қисса мекунанд. Ҳақиқати сарнавишти Сино созмони достонро муайян карда, ҳар боб қиссаест аз корномаи ҳаким.

Ба ин маънӣ аз саҳифаҳои аввали достон сар карда, Сино бар назари хонанда на фақат чун табиб, балки чун мутафаккири бузург ва инсони мумтоз намоён мегардад. Мушкилоти зиндагии Сино мушкилоти таърих, замон ва асрҳост. Аз ин мавқеъ Мӯъмин Қаноат қаҳрамонашро дар душвортарин ҳолату вазъиятҳо месанҷад. На шикасти давлати пуриқтидори тоҷикон, на маҳрумияту оворагардиҳо, на борҳо бо марг даст ба гиребон шудан ҳеҷ чиз натавонист рӯҳи пурқуввати Синоро бишканад. Баръакс ӯ дар қӯраи муборизаҳо обу тоб ёфта, усули табобати иллатҳои замонаро меҷӯяд. Вале ӯ медонад, ки дарди Нӯҳи Сомонӣ бедавост ва ҳасрати ватанхоҳиву ватандории шоир ба ин байтҳо фурӯ мерезад ва моро дар қабзаи таърих мефишорад.

Фахри шоҳон чун зи мардон рафтааст,
Рустам аз майдон ба кайҳон рафтааст.

Ва ё

Амир аз роҳи охир рафт, вовайло
Бухороро ю аҳволи Бухороро…

Сино дар тасвири М.Қаноат қабл аз ҳама як инсони зинда ва инсони мутафаккире ба назар меояд, ки андешаҳои шадид ва ҷараёни ботини дили ӯро мефишорад. Ва гоҳо пушаймониаш риққат меоварад.

Дарди шоҳон аст дарди бедаво,

Аз чи бахшидам ба нодоне шифо?!
Ман сабабгори ҳамин маҳсипар шудам,
Зидди шар будам, зи аҳли шар шудам.
Ман, ки будам дар набарди неку бад,
Дар набарди нуру зулмат то абад.
Рӯ ба рӯ гаштам ба зулматпешае,
Чун кунам дар ҷанги ӯ андешае.
Ҳайфи ин дониш, ки ғофилгир шавам,
Равшаниро аввалу охир шавам.

Шоир бузургии рӯҳи Синоро аз назари халқ қазоват мекунад, аз ривоятҳову ёдҳои мардум нишонаҳои шахсияти ҳакимро берун мекашад. Ба воситаи сарнавишти Сино шоир дар бораи марг, неку бади дунё, табиати пурихтилофи инсон андеша меронад. Дар ин замина мо шарики ғаму шодии қаҳрамонҳои шоир мешавем. Андешаҳои Ибни Сино моро фаро мегиранд, ба тазйиқ меоранд:

Зи қаъри замин то ба чархи барин,
Басе роҳ бурдам, ба ҷуз роҳи кин.
Ҳамин роҳ моро ба ғофил гирифт,
Дареғо хирадро, ки ҷоҳил гирифт.

Ин байтҳо дар ҳоле ба забон омадаанд, ки ҷаҳолат бар заковат боло гирифта, аҳволи замонаи бедармон ҳакими бузургро ба фиғон меоварад:

Дареғо аз ин ранҷи рӯзу шабам,
Дареғо зи аҳволи тобу табам…

Бояд гуфт, ки дар ин достон муаллиф фақат ба тасвири шахсияти Сино таваҷҷӯҳ кардааст. Сарнавишти ҳакимро барои ошкор сохтани хислати ӯ истифода кардааст.

Чунонки ишора шуд, ин достони таърихист ва асоси онро санадҳои тарҷумаиҳолии Ибни Сино ташкил медиҳад. Вале тахаюли бадеии шоир дар достон мавқеи асосӣ дорад.

Ба воситаи образи Ибни Сино шоир андешаҳои амиқ ва доманадори худро дар бораи зиндагӣ, моҳияти он, муносибатҳои инсонӣ ифода кардааст ва ниҳоят Ибни Сино ба муосири мо табдил ёфтааст. Дар ин достон низ чун достонҳои пешин нури хиради муаллиф, ҳаяҷони дили ӯ гузаштаро ба имрӯз мепайвандад.

Хидмати Мӯъмин Қаноат дар инкишофи шеъри кунунии тоҷикӣ бузург аст. Махсусан ӯ достони муосири тоҷикиро ба зинаи баланди инкишоф расонд. Сабки тозаи достонсароиро, ки низ аз суннатҳои достонгӯии пешин бархурдор аст, эҷод кард ва рушд бахшид.

Мӯъмин Қаноатро мо ҳам шоири суннатгаро ва ҳам суннатшикан мегӯем, ба ин далел, ки шеъри ӯ бунёди суннатӣ дорад. Ҳам дар шакл ва ҳам дар ифодаи образҳо ӯ аз шеъри пешин бардоштҳои ҷолибе дорад. Дар шаклҳои гуногуни шеъри классикӣ, аз ҷумла, дубайтиву рубоӣ ва ғазалу намудҳои дигар беҳтарин шеърҳои худро гуфтааст.

Суннатшикании М. Қаноатро низ ба маънии мусбат бояд фаҳмид. Вай дар тарзи тасвир, сохти шеър, вазну забон тозагӯиҳои муфиде ба роҳ андохтааст, ки боиси пайравии бисёре аз шоирони ҷавони тоҷик гардидаанд.

Забони шеъри Мӯъмин Қаноат хоси ӯст. Вазну тамкине, ки дар шеъри вай аст, шеърашро аз шеъри дигарон фарқ мекунонад. Мавқеи Мӯъмин Қаноат дар шеъри муосири тоҷикӣ хос аст. Як давраи томи инкишофи шеъри тоҷикӣ ба номи ӯ ва хидмати ӯ вобастагии тамом дорад.

Лоиқ Шералӣ
(1941-2000)

Шеъри Лоиқ сарнавишти шоирии ӯст. Лоиқ соли 1941 дар деҳаи Мазори Шарифи ноҳияи Панҷакент ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби деҳа дар омӯзишгоҳи муаллимии шаҳри Панҷакент таҳсил карда, сонитар Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанберо хатм кардааст.

Фаъолияти шеъргӯии ӯ аз рӯзгори ҷавониаш шурӯъ шуда, нахустин маҷмӯааш соли 1966 бо номи «Сари сабз» ба чоп расидааст. Маҷмӯаи нахустин ва шеърҳои аввалини шоир диққати хонандагон ва аҳли танқидро ба худ кашид. Донишманди адабиёт М. Шукуров дар бораи шеърҳои нахустин маҷмӯаи шоир навишта буд: «Аз шеърҳои ин маҷмӯа садои тапиши дили беғубори ҷавоне шунида мешавад. Шеъри Лоиқ пур аз ҳаяҷон аст, ки аз ҳар мисраи он ҳис карда мешавад» (115, 210). Аввалин қадамҳои Лоиқро мунаққиди шинохта дар шеър «Хеле хурсандибахш тавсиф карда, лирикаи ӯро мисли ҳаёт пурҷӯш , пурмаъно ва рангин дида буд. «Ишқияҳои вай боз як бори дигар нишон медиҳанд, ки – гуфта буд мунаққид, -дар ин гуна шеърҳо ҳаяҷон ва мазмуни ҳақиқатан эмотсионалӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои кушодани олами ҳиссиёти мардуми имрӯза то чӣ андоза зарур аст» (115,211).

Лоиқ аз нахустин шеърҳояш ба зиндагӣ назари тоза дошт. Шеъри ӯ бо бардошти шоиронааш аз воқеият аз бисёр навиштаҳои ҳамсолону ҳамқаламонаш фарқ дошт. Шеърҳои маҷмӯаи «Сари сабз» аз ҳунари волои як шоири тасвиргар ва тааммуқписанд мужда меовард. Аксари шеърҳои ин маҷмӯа дар мавзӯи ишқ гуфта шуда, дар онҳо ҳиссиёт чизе нест, ки ба сари худ, ба алоҳидагӣ вуҷуд дошта бошад, балки маънои васеътаре пайдо карда, ба як ҷузъи дарки дунё табдил ёфтааст. Бисёр шеърҳои ин маҷмӯа шогирдона бошанд ҳам, қалби пурэҳтироси муаллифи онҳо, ташнаи ҳаёт будани ӯро ба хубӣ ифода мекунанд. Дар аксари шеърҳои он замон таълифкардаи шоир калимаҳои «орзу» ва «умед» дучор меояд. Ҳатто қисмате аз маҷмӯаи аввалаш «умедҳо» номида шудааст. Умедвориҳои ӯ хонандаро низ умедвор медошт ва ниҳоят ин умедвориҳо бор оварда. Маҷмӯаи дуввуми шоир «Илҳом», ки баъди ду соли нашри маҷмӯаи аввал чоп шуда буд, гувоҳ ба қалами расои шоири баркамол (А. Ҳакимов) гардид. Шеърҳои ин маҷмӯа гувоҳи он буд, ки «Шоир зоҳирбинию дурахши фиребои сухан ва андак мафҳумбаёнӣ канора ҷуста, бештар ба сурудани ҳиссиёти заминӣ

ва ба шеър кашидани таассуроти ба худ ошно пардохта буд. Нигоҳаш ба зиндагӣ амиқтар шуда, дар суханварӣ ҳам ҳунар андӯхта буд». (106,166).

Баъди маҷмӯаи «Илҳом» яке аз паси дигар китобҳои шоир ба чоп расиданд, ки ҳар кадоме як паҳлуи тозаи ҳунари шоирии ӯро ба мо нишон медод. Шоир роҳи мустаҳками хешро дар шеъри муосири тоҷикӣ муайян кард. Дар ин замина мазмуну мундариҷаи маҷмӯаҳои «Нӯшбод», «Соҳилҳо», «Хоки Ватан», «Резаборон», «Марди роҳ», «Хонаи чашм» ва ғайра хеле ғанӣ ва рангоранг буданд. Моҳияти иҷтимоӣ ва арзиши бадеии шеъри шоир низ ба маротиб афзуд. Вай дар шаклҳои суннатии шеъри пешин монанди ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ашъоре суруд, ки ба воситаи шеъри ӯ ин навъҳои шеъри аз ёд рафта, умри дубора ёфтаанд. Ғазалу рубоию дубайтигӯӣ аз нав дар адабиёти тоҷик ба расмият даромад.

Лоиқ дар мавзӯъҳои суннатӣ ва муқаддаси адабиёт, монанди ашъор дар ситоиши Модар, Ватан ва ғайра шеърҳое гуфт, ки онҳо ба тозагии назари шоирона ва моҳияташон миёни хонандагон маҳбубияти хос пайдо карданд. Дар ин равиш махсусан «Модарнома»-и ӯ ҳодисаи мусбат дар шеъри муосир арзёбӣ гардид.

Мунаққид Аскар Ҳакимов ба ин силсилаи шеърҳо баҳо дода, онро «Муваффақияти шоир, ба замми ин муваффақияти адабиёти тоҷик» шинохта буд.

Воқеан ҳам шоир дар гуфтани шеъри модар роҳи тоза ва пурмояро пеш гирифт. Вай ба урфу одатҳои пешқадами мардумӣ такя карда, симои воқеии модари тоҷикро бо нишонаҳои мушаххас ва равшан ба шеър овард. Расму русуми мардумӣ дар кушодани чеҳра ва хислати модар ба шоир кӯмак кард. Лоиқ дар ин силсила тавонист, ки олами дар назар содда, вале мураккаб, сокиту ором, вале пурошӯбу пурсадо, андешаҳои оддӣ, вале пандомӯзу пурҳикмати модар, тасвири олами зебою орзую ҳавасҳои модарро ба қалам орад.

Шоир дар аксари шеърҳои ин силсила ба ҷаҳони ботинии модар сар фурӯ бурда, ҳақиқати ӯро бозгӯ мекунад.

Аз ин силсила ҷои шеъри «Ба модарам» ҷудогона аст. Ин шеър ифодагари чеҳраи хоси модари шоир ва модарони дигар аст.

Лоиқ ба воситаи ин силсилаи шеърҳо тафаккури миллии моро дар шеър зинда кард. Ба ифодаи дигар, аз рӯзгори модари тоҷик шеъри тоҷикона гуфт. Хислатҳои ноаён ва муҳиби модарро дар шеър зинда кард. Ормонҳову ҳасратҳои модарро ба шеър овард.

Зиндагии модар, ки «дар як гӯшаи хомӯши кӯҳистон» бо ҳасрату надоматҳо мегузашт, дар шеъри ӯ шукӯҳу шаҳомати тоза ёфт. Дар шеърҳо муҳаббати модар ба фарзанд ва фарзанд ба модар бе ҳеҷ қайду шарт басо самимӣ ва табиӣ ифода гардид. Дилсӯзии фарзанд ба модари пир дар ин шеърҳо пур аз ҳасрату ормон буда, гоҳо риққатовар аст. Аз ин ҷиҳат таъсири шеърҳои силсила ба дилу рӯҳ беандоза аст.

Лоиқ боре дар мавриди бисёр шеърҳояш гуфта буд, ки «ҳар чиро, ки дар ин шеърҳо тасвир шудааст, мо бо чашм мебинем. Ин гуна шеърҳо дар рӯ ба рӯи он шеърҳое, ки иборoти китобӣ, бо риояи ҳама қонунҳои арӯз иншо шудаанд ва агар хушоҳангии калимаҳои зебои тоҷикӣ ва арӯз набошад, ҳарзае беш нестанд, умри дароз доранд».

Оре, чун ба муҳаббати фарзанди ба чеҳраи модар нигарем, «мӯйҳои даққиву рӯймоли сиёҳ, ғабғаби пурчину абрӯи дуранг», шӯълаи ҳусни парида, чашмҳои обрав, ангуштони чангак ва ғайраи ӯ барояш азиз намуда, чеҳраи муҳибби ӯро муҳибтар мешиносем.

Дар ин маврид як эроди Аскар Ҳакимов ба байти матлаъи шеъри «Муноҷот ба модар» пазируфтанӣ нест, зеро ин шеър тасаввури симои боқии модарро ба воситаи нишонаҳои воқеи ба ҳадде мушаххас фаро гирифтааст, ки ҳарфе ба он афзудан ва ё ҳарфе берун андохтан имкон надорад.

Дар вақташ устод Айнӣ Пайравро ошиқ ва дар гуфтани шеърҳои ошиқона маҳорати хос доштани ӯро таъкид карда буд.

Лоиқ низ шояд рӯзгори аз сар гузаронидаи Пайравро сипарӣ карда бошад. Ин шеър барои таърихи адабиёт муҳим мебошад. Муҳим он аст, ки Лоиқ ашъори ошиқонаро ё худ лирикаи ишқиро чӣ гуна мегӯяд.

Муҳаммадҷон Шукуров аввалин қадамҳои Лоиқро дар лирика хеле хурсандибахш тавсиф карда, лирикаи ӯро мисли ҳаёт пурҷӯш, пурмаъно ва мазмуни ҳақиқатан эмотсионалӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои кушодани олами ҳиссиёти мардуми имрӯзаро ҳодисаи муҳим донист.

Мавзӯи ишқ барои Лоиқ аз туғёни ҳиссиёти инсонӣ, аз муомилаю муносибати мураккаби одамон иборат аст. Ин фаҳмиш барои шоир санги маҳакест, ки сифатҳои маънавии одам, хислатҳои олӣ ё пасти ӯро дар назар дорад. Дар бисёр мавридҳо шоир ба воситаи ин мавзӯъ тавонистааст, ки дар бораи ҳаёт, муносибати инсон ба инсон, муносибати одам бо ҷамъият ва ғайра хулосаҳои амиқ барорад, ба зиндагӣ ва ҳамзамонони худ назари ҳакимона дошта бошад. Аз ин мавқеъ Лоиқ аз тавонотарин шоирони ишқсарои адабиёти муосир аст.

Ишқи Лоиқ заминист ва нақши ормонҳои заминӣ дар он равшану пурҷилост. Оё дар ин мавзӯъ шеър гуфтан барои Лоиқ осон буд? Инро Лоиқ хуб медонист, вале ба нерӯи суханварии худ бовар дошт. Дар ин маврид ҳарфҳои шоири австриягӣ Рилке ба ёд мерасад, ки гуфта буд: «Шеърҳои ишқӣ нанависед: дар аввали кор аз мавзӯъҳои бозоргиру оддӣ парҳез кунед: онҳо аз ҳама мушкиланд, чунки дар он ҷое, ки чи қадар чизҳои хуб ва қисман олӣ ҳам гуфта шудаанд, барои чизи худро додан қудрати бузург ва баркамол зарур аст. Бинобар ҳамин аз мавзӯъҳои умумӣ гурехта, дар чизҳои шахсӣ, ки ҳамин рӯзи зиндагиатон ба шумо мебахшад, паноҳ ҷӯед: аз ғуссаю умедҳо, фикрҳои гузарон ва боваре, ки ба ягон чизи зебо доред, бо як ҳаққонияти амиқ ором ва ҳалимона ҳикоя кунед ва барои ифодаи худ чизҳои атроф, хобҳо, хотираҳоятонро истифода баред».

Лоиқ аз мавқеи он, ки ин мавзӯъ бозоргир аст, ба гуфтани шеърҳои ошиқона майл надоштааст, балки танҳо қасди ифшои ҳиссиёти шахсии худро кардааст. Ӯ ба воситаи шеъри ошиқона зиндагиро, муҳаббат ва ҳастиро ба шеър овард. Лоиқ симои шоириашро дар шеърҳои ошиқона муайян кард. Дар ин қабил шеърҳои ӯ таассуроти лирикӣ аввалу охир дорад, зиндагӣ бо ҳама пастию баландиҳояш дар шеър мавҷ мезанад.

Лоиқ илова ба таассурот ва ҳиссиёти фардӣ андешаҳои умумиятёфтаро ба ишқияҳояш ворид сохт. Ба назари мо, сабаби маҳбубияти бештаре касб кардани шеъраш ҳамин буд. Хонанда дар шеъри ӯ армонҳояшро дид ва шинохт.

Шеърҳои «Муҳаббати аввал», «Додгоҳи хотира», «Хандаи занона», «Торҳои нонавохта» дар тағйири ҳамин равиши эҷодии шоирӣ гуфта шудаанд.

Минбаъд назари Лоиқ ба воқеият амиқтар мешавад. Ишқро дар оинаи тазодҳои олами мавҷуд тафсири шоирона мекунад. Ва шеърҳои дар ин давра навиштаи ӯ танҳо ҳасратҳои ошиқи армоншикан нестанд, балки дарди иҷтимоъро низ фаро гирифтаанд. Шеърҳои «Шаби тӯй», «Кӯзаи армон», «Ту хушбахтӣ?», «Паймонаи муҳаббат», «Биҳишти гумшуда» ҳамин мавқеияти шоирии ӯро равшан ифода мекунанд.

Мавзӯи ишқ ва муҳаббати поки инсонӣ аз мавзӯъҳои муқаддаси адабиёт аст. Лағжишҳои ахлоқиро дар ин мавзӯъ гузаштагони мо қабул надоштаанд. Мутаасифона, дар адабиёти имрӯзи мо, шояд ба таъсири муҳаббатномаҳои бепардаи русӣ бошад, лағжишҳои ахлоқӣ дар шеърҳои ба ин мавзӯъ гуфта шуда мушоҳида мешавад. Ин гуна шеърҳои ишқӣ дар эҷодиёти Лоиқ, Бозор, Гулназар низ ҳастанд, ки онҳоро намунаи адабиёти парнографӣ бояд шинохт. Таъсири зиёновари ин гуна осор ба ахлоқи ҷавонон ҷубронnопазир аст.

Ин равия, ки дар зинаҳои аввали эҷодиёти Лоиқ мушоҳида мешуд, хушбахтона, минбаъд инкишоф наёфт. Дар маҷмӯъ шеъри ишқии Лоиқ поку беолоиш ва ахлоқписанд аст. Ишқ чун падидаи зиндагӣ андешаҳои шоирро ба ҳаракат меоварад. Аз ин мавқеъ шеъри ишқии Лоиқро дар «андешапарварии шоирона» бояд дид. Воқеан ҳам Лоиқ лирики тааммуқписанд буда, шеъраш аз андешаҳои мураккаб ва пуршиддат фароҳам омадааст. Вай на фақат олами маънавию ахлоқии муосирон, балки моҳияти иҷтимоӣ ва эҳсосоти граждании онҳоро низ ифода кардааст. Андешапарварӣ дар шеъри Лоиқ ба ҳикматомӯзӣ ва пандомӯзӣ наздик аст, ки бешак, моҳияти фалсафӣ дорад. Лоиқ дар ин гуна шеърҳо

тазодҳои зиндагиро ба андеша мегирад, дар бораи зиддиятҳои табиати инсон, дар бораи зиндагӣ ва марг, меҳру муҳаббат ва кинаву адоват, шодиву хурсандӣ ва ғаму андӯҳ, одамият ва ноодамӣ мулоҳиза меронад.

Ҳам дар лирикаи ишқӣ ва ҳам дар лирикаи иҷтимоии Лоиқ фикру ҳисси қаҳрамони лирикӣ «ҳаётӣ, заминӣ буда, аз конкретияти воқеии зиндагӣ ғизо мегирад… воқеаҳои конкрети зиндагӣ шоирро ба андеша мебаранд ва аксаран андеша ва сарманшаи ҳаётиаш ба шеър дохил мегардад. Қаҳрамони лирикии Лоиқ ончунон андешапарвар аст, ки боре ҳатто рақси духтари зебои санъаткор ҳам дар дили ӯ шодӣ ва шӯру шавқ бедор накардааст, балки ӯро дар сари рӯйдодҳои зиндагӣ ба фикру мулоҳиза бурдааст» (116,116). Дар шеъри «Раққоса», ки М.Шукуров дар назар дорад, мушоҳида ва андеша як ҷо омадааст, сарманшаи андеша ва худи андеша дар шуури қаҳрамон зоҳиран паси ҳам, вале моҳиятан омехтаи якдигар вуҷуд доранд.

Солҳои ҳафтодум худҷӯиву худшиносӣ дар шеър афзоиш ёфт. Назари шоирона ба таърих моҳиятан дигар шуд. Дар ин давра бисёре аз қаламкашон ба таърих рӯ оварда, дар мавзӯъҳои таърихӣ асарҳо эҷод кардаанд.

Дар ин раванд мавқеи Лоиқ дигар буд. Вай аз оинаи таърих ба фардо нигаристан ва моҳияти онро дарёфтан мехост. Ин кӯшиш ӯро ба гуфтани силсилаи «Илҳом аз «Шоҳнома» водор кард.

Ҳадафи Лоиқ аз гуфтани шеъри таърих ин буд, ки аз сабақи таърих барои фардо истифода кунад. Зарурати маънавию ахлоқӣ ӯро сари эҷод ин силсила оварда буд. Ба ифодаи Аскар Ҳакимов, «Дар силсилаи «Илҳом» ва «Шоҳнома» Фирдавсӣ ва қаҳрамонҳои ӯ Кова, Рустам, Таҳмина, Сӯҳроб, ки муборизаашон барои адолат буд, ба мо аз фирӯзии некӣ бар бадӣ, вале аз фирӯзии гарон, ки онро дар ивази ҷон ва хун ба даст оварда буданд, ҳикоят кардаанд. Навҳаи ҷонгудози Кова ва Таҳмина дар марги фарзандон аз нолаи волидайни шаҳидфарзанди асри мо асар дорад. Шоир ба мавзӯъҳои ҷовидони ҳаёт ва мамот, нек ва бад,

ки ҷавҳари фалсафии силсила дар онҳост, оҳанги замонӣ медиҳад, онҳоро бо чашми аср мебинад» (106,184).

«Фарёди бефарёдрас» охирин китоби Лоиқ аст, ки дар вақти барҳаёт буданаш чоп шуд. Шоир дар зери аксари шеърҳои ин китобаш таърихи навишта шуданашро гузоштааст ва ин таърих ба солҳои охири садаи бист, ки барои Тоҷикистон ва шоири он Лоиқ фоҷиабор буд, ишора мекунад.

Ин маҷмӯаи ашъори шоирро метавон бардошти шоиронаи Лоиқ аз фоҷиаҳои ахлоқиву маънавие донист, ки махсусан дар солҳои ҷанги ҳамватанӣ ба сари мардуми бечора омад ва кишвар рӯ ба харобӣ овард. Лоиқ чун шоире ба он ҳама бемаънавияти бадахлоқӣ ва носипосие, ки мутаассифона, дар ватанаш он солҳо ҳодисаи муқаррарӣ шуда буд, ба фоҷиаҳои рухдода мехост шоирона баҳо медод ва ҳамин тавр ҳам кард.

Албатта, Лоиқ ба мо аз воқеаҳои рухдода қиссаи манзум намегӯяд, санадҳои урёнро ба шеър намеоварад, балки аз воқеият образҳои шоирона дармеёбад, онҳоро ба шеър меоварад ва ба ин восита шеърашро мӯъҷаз вамуассир месозад. Вале чунин шеърҳои таърихдори шоир тааллуқоти якрӯзаву дурӯза надоранд, балки маъниву орои онҳо ба инсонҳо, замонҳо ва маконҳои беҳудуд тааллуқ доранд. Хайру шарр дар тафаккури шоиронаи Лоиқ замонро фаро гирифтааст, имрӯз Тоҷикистон майдони нишаст ва парвозгоҳи шарр аст, агар он маҳв нашавад, фардо кӣ медонад, ки чӣ миқёсро ишғол хоҳад кард. Агар аз ҳамин мавқеъ ба шеърҳои шоир нигарем, маънии ҷовидонаи онҳо кашф хоҳад шуд. Яъне он чи шоир аз боби бадӣ ва решаҳои он меандешад дар ҳама замонҳо одамони хирадманду огоҳро ба андеша бурдааст. Ба ин маънӣ Лоиқ наметавонист он чиро, ки дар канораш мегузарад, беғаразона тамошо кунад, аз он натиҷагирӣ накунад.

Яке аз шеърҳои шоир, ки як навъ қасидаи нияти неку орзуҳои созандаи ӯст, «Соқиномаи имрӯз» унвон дорад. Шакли ин шеър мисли соқинномаҳои адабиёти пешин маснавӣ нест. Вайро шоир дар жанри тарҷеъбанди озод гуфтааст. Вале мояи он фалсафӣ ва аз ин ҷиҳат ба

соқиномаҳои классикӣ ҳамсон аст. Ҷоми саршори шоир дар ин соқинома ҷоми умед аст. Вай нӯшбод мегӯяд ва умед мекунад, ки кош соқӣ башорат диҳад, «ки наздик созад раҳи дури мо», «ки бино шавад, дидаи кӯри мо», «ки равшан шавад хонаи гӯри мо», «ки бинем он рӯзи манзури мо» ва ғайра. Шоир аввал пеши соқӣ сустиҳову нокомиҳову бадбахтиҳоро зикр мекунад ва баъд аз ӯ шафоат меҷӯяд:

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки равшан шавад шоми дайзури мо!
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки мирад зи ғам хасми манфури мо!
Бидеҳ косагул, оби ангури мо,
Алорағми ин даври ноҷӯри мо!…

Ин соқиномаи шоир нафақат аз ҷиҳати шакл, балки моҳиятан низ аз соқиномаҳои адабиёти гузашта фарқ дорад ва доираи мавзӯъ ва муҳокима дар он хеле васеъ, тоза ва замонист. Ҳатто шоир ба ҷои шакли анъанавии мурочиат ба соқӣ калимаи «косагул»-ро истифода мекунад, ки ғунҷоиши маънӣ ва оҳанги замонии асарро фарох месозад. Аз ин ҷиҳат бо тасвири вақту фазоимушаххас «Соқиномаи имрӯз» бе таъкиди шоир дар унвони он низ ҳамчунон тозамаънию имрӯзист. Ва мо дар паси ҳар сатри он чеҳраи озорхӯрдаву халқпарвари шоири арҷманди тоҷикро эҳсос менамоем ва равшан тасаввур мекунем, ки ғами ӯ ғами башар будааст, танҳо ба халқ ё ватани алоҳида тааллуқ надорад, зеро амн, осоиш, сулҳ ва сафо қарини кулли инсонҳои рӯи заминанд. Ин маъниро шеъри дигари шоир «Барои соҳибназарон» тақвият мебахшад ва маънии тозатареро ба миён мегузорад. Шоир ба дард навҳа мекашад, ки ифтихори пуч қавмеро ба манзили мақсуд намерасонад ва бо ифтихори беравнақ ба кучо расиданро ин тавр арзёбӣ мекунад, ки таънаи созандааст:

Номи баланду пастии оҳанг,
Рӯхи баланду рӯи пурожанг.
Дарё пуробу лабташна соҳил,

Кӯҳи баланду пастии фарҳанг…
Эй вой бар ман, эй вой бар мо!

Мо дар боло ишора кардем, ки ангезаи бештарини шеърҳои ин китоб воқеияти солҳои навадуми асри гузаштаи ватани шоир аст. Шоир медонист ва ба чашми сар дид, ки яке аз омилҳои фоҷиаҳову бадбахтиҳо дар диёраш бемории вазнин-маҳалгароӣ буд. Ин ҳодиса боис шуд, ки пайванди миллат гусаста шавад ва ҳазорон-ҳазорон фарзандони халқ гурезаву дарбадар гарданд. Ва ҳарчанд номи китобро шоир «Фарёди бефарёдрас» гузошт, вале шеъри ӯ «Алорағми маҳалгароён» бо мазмун ва маънии созанда садҳо фарёдрасе пайдо хоҳад кард. Ва фарёдраси ӯ дар ин замина фақат ҳамдиёронаш нахоҳанд буд, балки одамони поктинату хайрандеше, ки мақоми инсонро аз рӯи қавму миллат ё маҳал намешиносанд, низ фарёди шоирро хоҳанд шунид ва ин таъсир арзиши мавқеии шеърро таин хоҳад кард.

Шоир дар оғози шеър қитъаеро аз Толиба Қандаҳорӣ иқтибос карда (Агар аз Балх ё аз Қандаҳорем, ҳама парвардаи як кӯҳсорем. Дар ин дарёи нопайдоканоре, ба як киштии тӯфонӣ саворем), бо ин таъкид карданист, ки беморӣ хоси як қавму миллат ва Ватан нест. Он дар дунё вуҷуд дорад ва бояд решакан шавад. Аз ин ҷиҳат шоир дар шеъраш мухотаби хос надорад ва он мутаалиқ ба ҳамагон аст:

Гар дили моро бихонӣ, тоҷикӣ,
Гавҳари моро бидонӣ, тоҷикӣ.
Фарқ набвад аз куҷоӣ, эй ҳабиб,
Гар ту моӣ, гар ту моӣ, эй ҳабиб.
Берун аз ҳар қайду бастӣ, зинда бош!
Мисли мо миллатпарастӣ, зинда бош!

Мо дар боло ишорае доштем, ки шеъри Лоиқ сарнавишти шоиронаи шоир аст. Ҷо-ҷо шоир аз ин ҳам мушаххастар зиндагиаш, санадҳои воқеии ҳаёташро ба шеър меоварад, вале маъниву хулосаи он танҳо арзиши шахсӣ надорад. Масалан, дар шеъри «Хонаи шоир» аз як

мақолаи танқидии мачаллаи «Огонёк» эпиграфи зерро меоварад: «ҳамчунин ба…(номҳои зиёде) шоир Лоиқ Шералӣ ғайриқонунӣ хона додаанд…» Мачаллаи «Огонёк», 14, 1987. Баъди ин иқтибос шоир шурӯъ мекунад:

Хонаи қонунӣ надорам ман,
Чунки ман берунам зи қонунҳо.
Хонаи қонуниям будӣ, агар
Будаме омада зи берунҳо…
Шоире қонуне намешиносад,
Гарчи бошад ҳамеша дар қайде.
Аҳли байташ гурусна ҳам мирад,
Мехӯрад боз ғами байте.
Шоире, ки ғами чаҳон дорад,
Хонааш ошёнаи дилҳост.
Ғами шоир чӣ мехӯрӣ, эй дун.
Хонаи шоирон ҳама дунёст,
…Лек шодам, ки байтҳо дорам,
Аз дуне обкӯр боке нест,
Лоиқ ар нестам ба байти шумо,
Дар ягон байти хеш хоҳам зист!

Дар тафсири ин байтҳо чизе афзудан зиёдатист. Вале мо мисраи «хонаи қонуним пас гӯр аст:»-ро аз поёни шеър оварда, ҳасрат ва дилмондагии шоири бузургро нисбат ба одамони «намакҳарому дурушт»-и ҳақношинос таъкид карданием, ки мухотаби шоир дар ин шеър маҳз ҳамин худхоҳу пасттинатон мебошанд.

Қисмате аз шеърҳои шоир марсияҳои чонсӯзе ҳастанд, ки ба қурбониёни фочиаҳои кишвар бахшида шудаанд. Шоир дар ин марсияҳо чанг, ноодамӣ ва кинаварзию қасосгириро сахт маҳкум месозад. Шеърҳои «Чашмони Олимпур», «Марсияи Чамшед», «Падарам, во падарам» аз ҳамин қабиланд. Махсусан, ду шеъри охир басо пурдард буда, моҳияти фочиаеро, ки ба сари халқ ва беҳатарин фарзандони ӯ

омада буд, хеле равшан таҷассум месозад. Байтҳои зерро хонда, дили санге доштан лозим аст, ки баробари падари Ҷамшед (табиби машҳур буд) ҷарроҳи машҳури замон Аслиддин Осимӣ нагиряд:

Куштандат, о ҷону ҷигар, эй ҷашну суру иди ман,
Куштандат, о нури басар, эй бар замон тамҳиди ман.
Эй фахри ман дар зиндагӣ аз диду аз нодиди ман,
Хоки ду олам бар сарам, бар ин сари испеди ман.
Куштандат, о Ҷамшеди ман, Ҷоми Ҷами уммеди ман,
Эй андар ин зулматсаро маҳтоби ман, хуршеди ман.

Ба вазъе, ки он солҳо ҳукмрон буд, Лоиқ дигар хел сухан гуфта наметавонист, зеро ӯ Ватанро дӯст медошт ва аз дарди Ватан зор менолид:

Ҳар чӣ дорам дар ин ҷаҳон Ватан аст,
Ватан асту модари ҷону тан аст!

Вале он рӯзҳо ин ватани дӯстдоштаи шоир ба ҳоле расид, ки шоир ба дард фарёд мезанад:

Дар ҳеҷ одам ояте з-одам намондааст,
Дар қавли мард ҳуҷҷате муҳкам намондааст.
Чун тир рост мезанад бар синаҳои халқ,
Ҷуз марг бар ҷароҳате марҳам намондааст.

Ин мисраъҳо аз як ғазали Лоиқ аст ва тасодуфӣ нест, ки бештарин ғазалҳои китоби охирини шоир «дарди замон»-ро дар худ фаро гирифтаанд. Ва дар миёни ин «дардҳо» дарди сухан, мавқеи суханвар ӯро беш аз ҳама озор медиҳад:

Сухан вирди забонҳо буд, имрӯз аз даҳан мондаст,
Забони ноби тоҷикӣ бурун аз анҷуман мондаст.
Чу ҳар хору хасе даъвои шеъру шоирӣ дорад.
Дилам аз шоирӣ мондасту аз шеъру сухан мондаст…
Бад-ин минвол агар тақдир бетадбир хоҳад буд,
Аҷаб набвад агар гӯянд: Лоиқ бекафан мондаст.

Лоиқ бори вазнини ғаму дарди ватандориро таҳаммул карда, расидани сулҳу оромиро сахт интизор буд ва пайки расидани онро муштоқона муборакбод гуфт:

Раҳми парвардигори мо омад,
Нури ҳақ бар диёри мо омад.
Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,
Сулҳи бунёдкори мо омад…

Ин даврае буд, ки шоир ба авҷи сухангӯӣ расида, шеъраш мазияти шеъри ҳазорсоларо медод, ҳикмат ва санъат ҷавҳари шеъри ӯро ташкил мекард. Ҳар ғазал, ҳар рубоӣ ва дубайтиаш достони орзу, умед ва ҳикмати созанда буд. Вале афсӯс, касе намедонист, ки Лоиқ чанде баъд аз гуфтани ғазали зер мемирад ва марги торики ӯ суоле то қиёмат дар дили ҳавохоҳонаш хоҳад буд:

Он лаъли дилхунро бигӯ, Лоиқ видоат карду рафт,
Он ёри маҳзунро бигӯ, Лоиқ видоат карду рафт.
Қолиб тиҳи созам агар зору ҳазин, ҷони падар,
Рав беди маҷнунро бигӯ, Лоиқ видоат карду рафт.
Дар рӯи тобутам агар гулбаргафшонӣ кунанд,
Он шохи гулбунро бигӯ, Лоиқ видоат карду рафт.
Ду дида Ҷайҳун доштам аз марги армонҳои халқ,
Рав оби Ҷайҳунро бигӯ, Лоиқ видоат карду рафт.
Озори дунё дар дилам аз реги ҳомун беш буд,
Он реги ҳомунро бигӯ, Лоиқ видоат карду рафт.
Дил додаам, дил бурдаам, ҷоми паёпай хӯрдаам,
Он ҷоми ворунро бигӯ, Лоиқ видоат карду рафт.
Ин дафтару шеъру ғазал чун ман намирад аз аҷал,
Рав, чархи гардунро бигӯ, Лоиқ видоат карду рафт.

Лоиқ шоири нерӯманд аст. Нерӯи ӯ дар шеър на фақат ҳангоми баёни афкори зиндагисоз зоҳир мегардад, балки вай дар тарзи шеър гуфтан низ қудратманд аст. Сабки хоси шеъри ӯ эътироф шудааст.

Хусусияти асосии сабки ӯ дар тарзи баён, истифода аз забон, аз суннатҳои шеъри гузашта ва адабиёти мардумӣ зоҳир мешавад.

Лоиқ ғазал, рубоӣ ва ҳатто қасидаро на фақат дар адабиёти имрӯзи мо зинда кард, балки дар ин тарз салиқаи шоириашро нишон дод. Дар ин шаклҳои шеъри ӯ аз воқеият нишонаҳоро ғунҷонд, армонҳои инсони имрӯз, ташкилоти зиндагии иҷтимоӣ, рӯҳонӣ ва маънавиро ба ин намудҳои шеър ворид кард.

Лоиқ ҳам шоири суннатписанд ва ҳам навҷӯст. Ӯ шеъри сафедро низ ба тарзи хос ва лаҳни шево суруд, ки қасидаи «Сапеда» намунаи олии ин бархурдорист. Ҳунари ӯ дар гуфтани ба истилоҳ шеъри сафед, танҳо дар шикастани банду мисраъҳо зоҳир нашудааст, балки вай маънӣ ва мазмуни шоиронаро дар ин қолаб гуфта тавонист. Мисли бисёр шоирон шеъри нав мегӯям гуфта, таронаи берӯҳи мансур нагуфт, балки шеъри сафед, шеъри хаёл, шуури пурвусъати андешаписандро бо камоли ҳунар гуфта тавонист.

Шеъри Лоиқ дар таърихи адабиёти мо ҷойгоҳи хос дошт. Вай ҳам аз нигоҳи андешаҳои шоирона ва ҳам аз нигоҳи ҳунар шоири беназир аст.

Ҷумъа Одина

(1930-1982)

Ҷумъа Одина аз нависандагоне буд, ки муҳимтарин хусусияти эҷодиёташ дар эътиқод ва садоқати бепоёну собитқадамонааш ба ҳақиқати зиндагӣ зоҳир мешуд. Шояд сарнавишти пурпечу тоби ӯ, беадолатиҳое, ки дар айёми кӯдакӣ ба сари ӯ ва хонаводаи падараш омада буданд, нависандаро бештар ба шинохт ва қадршиносӣ аз ҳақиқат, ростӣ ва адолат савқ медод.

Ин нависандаи боҳунар 13 марти соли 1930 дар деҳаи Некноти ҷамоати деҳоти Рӯдакии ноҳияи Панҷакент ба дунё омада, баъди табъид (бадарға)-и хонаводаашон мактаби ҳафтсоларо дар деҳаи Николо-Александровскоеи кишвари Ставропол хатм мекунад. Соли 1948 пас аз

собит шудани бегуноҳии падараш хонаводааш ба ватан бармегардад ва Ҷумъа Одина шӯъбаи ғоибонаи Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷекентро хатм карда, дар як вақт ба таълиму тарбияи толибилмон машғул мешавад. Соли 1950 факултети филологияи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Самарқанд ва соли 1956 факултети таъриху филолгияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, ба ҳайси муҳаррир дар нашриёти «Ирфон» фаъолият менамояд. Аввалин навиштаҳояш ибтидои солҳои шастум дар матбуоти Тоҷикистон чоп мешаванд.

Ҷумъа Одина яке аз нависандагони соҳибистеъдоди тоҷик буд, ки бо биниши тоза, солим ва навоварона, бо тасвири ҷасуронаи масъалаҳои муҳими зиндагии муосир зуд ба дили хонандагон роҳ ёфт. Ҳикояҳо, хусусан повестҳои «Авроқи рангин» ва «Иншо дар мавзӯи озод» дар насри муосири тоҷик ҷойгоҳи хос доранд.

Дар повести «Авроқи рангин» (1964) Ҷумъа Одина воқеияти рӯзмарраро ба тасвир гирифта, сарнавишти коргаронро дар шароити муқаррарӣ таҷассум мекунад. Нависанда қаҳрамонашро дар шароити зисту маишати рӯзмарра, ки нисбатан якранг, ба оҳистагӣ ва бе дигаргуниҳои ҷиддӣ ҷараён дорад, меозмояд. Дар натиҷаи ин таҳқиқи диққаткоронаи бадеӣ маълум мешавад, ки дар чунин шароит ҳам дар муддати як сол дар симои маънавии мардум дигаргуниҳои муҳим рӯй додаанд.

Нависанда ба рафтору кирдори қаҳрамононаш бо чашми виҷдони коргари ҷавон Маҳмудҷон менигарад. Маҳмудҷон, ки бо меҳнат обутоб ёфтааст, ба кору пайкори одамон аз бинишгоҳи идеали олӣ баҳо медиҳад. Дар ҳаққи онҳое, ки сабукборона зиста, арзишҳои муҳими инсониро зери по кардаанд, назари манфӣ дорад.

Қаҳрамони асар пеш аз ҳама дар бораи одамият ва мавқеи инсони одилу кордон дар ҷомеа меандешад. Таҷрибаи зиндагии ӯ дар ин замина имкон медиҳад, ки баду некро андоза кунад. Дар пеши назари Маҳмуд дӯсташ Сангак ба амалҳои носавобе даст мезанад ва ба гирдоби дунёпарастиву бепарвоӣ гирифтор мешавад.

Мутаассифона, солҳои шаст нақди адабӣ ин равиши хоси мушоҳидакории ӯро ҳамчун камбудии фаъолияташ нишон дода, ба муаллиф эрод гирифта буд, ки «нависанда Маҳмудро танҳо ба мушоҳида вомедорад. Вай мушоҳиди бетараф ва насиҳатгари бетаъсир аст». Вале дар асл ин тавр нест.

Ҷумъа Одина бо ин асараш тарзи хоси мушоҳида ва таҷассуми воқеияти ибтидои солҳои шасти Тоҷикистони замони Шӯравиро ба миён гузошта буд. Маҳмуд аслан ба он чи дар атрофаш мегузарад, бетараф нест. Ҳама чиз дар пеши назараш аст. Хонанда низ ба дурустӣ дарк мекунад, ки қаҳрамони повест аз рафтори Сангак, ки одами разил аст, сахт дилгир буда, бо амалҳои солеҳонааш мехоҳад ӯро ба роҳи зиндагии босаодат ҳидоят кунад, вале наметавонад. Нависанда бо чунин усули тасвир фасоди ахлоқии муҳитеро мехоҳад нишон диҳад, ки барои шикасти шахсияти инсон тадриҷан шароити лозимаро фароҳам овардааст. Ин амал ифодагари эътироз ва номувофиқатии нависанда ба шароити иҷтимоию ахлоқии охири солҳои 50 ва ибтидои солҳои 60-и ҷомеаи Шӯравӣ буд, ки тадриҷан заминаҳои шикасти ахлоқиро барои афрод муҳайё мекард. Воқеият ин аст, ки Ҷумъа Одина бо ин асараш дар насри тоҷикӣ ҳарфи нав гуфт. Вай рӯҳияи инсонро дар заминаи воқеъияти рӯз ва муносибатҳову муомилаҳои оддӣ ифода карда тавонист, ки аҳамияти таълимӣ дорад. Ҷӯяндагиҳои маънавӣ дар ин асар ва повести дигари ӯ «Иншо дар мавзӯи озод» ҷойгоҳи хос дорад. Дар асари сонӣ вай кӯшишҳои маънавиятҷӯии як муосири ҷавонашро таҷассум кардааст. Дар ин замина нависанда ба ифшои ҳолати рӯҳии қаҳрамон бештар диққат додааст.

Нурмуҳаммад ҳам монанди қаҳрамонони «Авроқи рангин» ҳангоми хатми мактаби миёна ва ба ҳаёти мустақилона қадам гузоштан ба тасвир гирифта шудааст. Нурмуҳаммад нисбат ба қаҳрамони повести аввалаи нависанда андешаманд ва ҷиддифеъл аст. Ӯ ҳамеша дар ҷустуҷӯст, бинобар ин ҳам саволҳои нав ба наве дар сари ӯ пайдо мешаванд. Ин нишонаи он аст, ки вай дар бораи зиндагӣ ва ҳаёти

минбаъдааш ҷиддан меандешад. Сарчашмаи канду ковҳои ӯ рӯйдодҳои муқаррарии зиндагӣ ва муомилаи мардум байни ҳамдигар мебошанд. Нурмуҳаммад посухи пурсишҳояшро аз воқеияти атрофаш меҷӯяд.

Дар тасвири бадеии нависанда он чи муҳим аст, ин аст, ки мехоҳад муносибати як ҷавонро бо замон, воқеъияти муҳит, муносибатҳои одамон, таҷрибаи маънавии ҷомеа муайян кунад. Ин аст ҳарфи тозае, ки нависанда ба хонандагонаш магӯяд. Дар ин замина равонковии амиқ ба нависанда имкон додааст, ки паҳлуҳои гуногуни андешаи қаҳрамони ҷавонро ошкор созад.

Дар миёни осори Ҷумъа Одина романи «Гузашти айём» ҷойгоҳи хос дорад. Муаммои асосии роман талоши фарзанди инсон барои муҳайё намудани ҷойи муносиби худ дар зиндагӣ ва ҷомеъа мебошад. Аз оғози фаъолияти эҷодиаш ин мавзӯъи асосии эҷодиёти адиб буд, ки қисман дар повестҳои «Авроқи рангин» ва «Иншо дар мавзӯи озод» ба миён гузошта шуда буд. Ҳамаи қаҳрамонони ин роман низ аз Мерган то шахсиятҳои дигар, аз ҷумла Бузургхон, Асад писари Мерган, холабачааш Маҳмуд ва занаш Лутфия, Абӯ, Ҳусниаю Шарофатхола, Ҳалимаю Машахола ва дигарон барои ҳалли ҳамин муаммо кӯшиш доранд. Аз миёни онҳо Мерган, Каримҷон, Адолатбибӣ, Сайф, Синеглаз барин шахсиятҳо кайҳо дар зиндагӣ ва ҷамъият мавқеи сазоворашонро пайдо намудаанд ва ба онҳое, ки дар ҳаёт мавқеъ пайдо накарда, бо баъзе сабабҳо роҳбар шудаанд, аз қабили Қосим Бобоевич, Камолхон Ҳасанхонов, прокрор Рофиев, заргар Хошоков, инженер Кашаков, Кали Тӯра, Яъқуби Магазинчӣ, писари Тошбангӣ, Мулло Турдиқул ва дигарҳо, ки мафкура ва рафторашон ба инсони ҳақиқӣ, яъне коммунисти содиқу фидокор рост намеомад, муборизаи шадид мебурданд.

Ҳамин мавқеъияти дугонаи инсон дар зиндагӣ, армонҳои мухталиф ва ба ҳам зид, ахлоқи пурзиддият низои асосии романи «Гузашти айём»-ро ташкил медиҳад. Албатта, чунин низоъ дар адабиёт нав нест ва нависанда ҳам бо тарҳи хоббинии Мерган аспаш-Рахш ба қадимӣ будани тазодҳои ахлоқии инсонҳо таъкид меварзад. Шабаҳи

Рахш дар хоби қаҳрамони асосии роман мабдаи шарр аст, ки дар тӯли замонҳо ҳамсафари зиндагии инсон будааст. Дар роман ба Гитлер шабеҳ ёфтани он низ ишора ба қадимӣ будани он аст. Нависанда бо таъкиди он, ки шарр дар ниҳоди мардум аст, дар табиат ва ботини инсонҳост, ба ҷовидонагӣ ва намиранда будани он таъкид меварзад.

Мерган ва ёрони ӯ маънии зистанро дар меҳнати ҳалолу фидокорона ба манфиати мардум ва ватан хидмат кардан мебинанд. Озодӣ ва ободии ватан барои онҳо аз муқаддасоти зиндагист. Бо ҳамин ормон дар солҳои осоишта меҳнат намуда, ба мардум раҳбарӣ кардаанд. Бо ҳамин нияту азми қавӣ, вақте ки фашистон ба хоки Ватан ҳамла оварданд, дар рӯзҳои аввали ҷанг ба ҳимояи он бархостанд. Аз ин ҷиҳат сарнавишти Мерган ва ёрони ӯ ба ҳам монанд аст. Масалан, аксари онҳо, аз ҷумла Бузургхон, Маҳмуд, Абӯ, Асад, писарони Шарофатхола - Ҳасану Ҳусейн, чун Мерган ба хоҳиши худ ба ҷанг мераванд. Аммо Қосим Бобоевич ва ҳамсафонаш дар ақибгоҳ барои худ ҳисори кайфу сафо бунёд мекунанд, аз ҳисоби ранҷҳои мардум кайфу сафо мекунанд. Косим Бобоевич дар ин роҳ танҳо нест, ҳимоятгари қонун, прокрор Рофиев ҳамроҳ ва шафеъи ӯст. Онҳо эҳтироми мардумро ба ҷо намеоранд, ба шаъну эътибори онҳо иснод меоваранд. Онҳо ҷӯрабозу маҳалчӣ буда, зиндагии бофароғат ва пуркайфу сафояшон аз ҳисоби бадбахтиҳои мардум аст. Онҳо бад ва бадкор ҳастанд ва ба одамони нек тӯҳмат мезананд, бо ҳар роҳе зиндагии онҳоро доғдор мекунанд. Халқу ватан ва ҳизберо, ки узви он ҳастанд, фиреб медиҳанд. Воқеияти ҳаёт ин гуна инсонҳоро ба нестӣ маҳкум мекунад, вале то он лаҳза онҳо метавонанд, зиндагии хеле инсонҳоро табоҳ карда, ба шарофати инсонии онҳо осеб расонанд. Мо дар саҳифаҳои роман мебинем, ки Дедушкин бо фишори ҳамин гурӯҳ ҷойи корашро дигар кард, Бузургхони мухбир ба тӯҳмат гирифтор шуд. Мерган, Салим, Сайф, Ҳалимов, Синеглаз ва Ҳусния азоби рӯҳӣ ва ҷисмонии зиёде кашидаанд.

Нависанда дар эҷоди низои асар ва ба миён гузоштани муаммоҳои он аз ҳақиқати ҳаёт берун нарафтааст. Ӯ воқеъияти ҳаёти даврои

шӯравиро бо каму костҳояш ба тасвир гирифта, омилҳои вайронгари онро бо сароҳат нишон дода буд. Вале ин нияти неки адибро мудаиёни бадхоҳ нодуруст маънидод карда, боиси манъи роман ва азобҳои зиёд кашидани муаллфи он шуданд.

Ҷумъа Одина дар ин роман аввалин бор ба тасвири масъалаҳои ҳаётӣ ва муаммоҳои зиндагӣ даст зад, ки хонандаро ба андеша водор месохтанд. Вай ба дарки масъалаи мақоми шахс дар ҷомеа аз дидгоҳи комилан нав, бо назардошти меъёрҳои ахлоқию маънавии умумиинсонӣ наздик шуда, симои одамонеро офарид, ки бо ахлоқу ормонашон дар баробари беадолатию сифлагӣ ва мардумфиребӣ қарор доранд. Аз ин назар, ин романро метавон маҷмӯи андешаҳо, ақидаву раҳнамоиҳо дар бораи исон ва низоми роҳбарии ҷомеа номид. Дар ин замина комёбии асосии нависанда, қабл аз ҳама, дар офаридани чеҳраҳои мусбат, ба хусус симои ахлоқӣ ва маънавии Мерган назаррас аст. Нависанда бо тасвири ин образ тасаввуроти қолабии фавқулинсонии чеҳраи коммунистро дар тасаввури нависандагони тоҷик шикаст. Маншаи андеша ва бурхурдории ӯ, албатта, ҳаёт буд. Ҳаёт ба ӯ илқо карда буд, ки ҳамаи коммунистон мусичаи бегуноҳ нестанд ва ҳастии ахлоқӣ ва маънавии онҳоро дар тарозуи виҷдон бояд санҷид.

Аз ин ҷиҳат, образи офаридаи ӯ бо симои коммунистоне, ки дар насри тоҷик ба майдон омадаанд, монанди Ҳайдарқул, Носир Аббос, Давлат Сафоев ҳамрӯҳ буда, дар айни замон бо онҳо яксон нест. Қаҳрамони коммунисти Ҷумъа Одина офидагари ормони иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаи инсонист. Бинобар ин ҳам нависанда фазилатҳои инсонӣ ва касбии ӯро дар ҷараёни фаъолияташ ва муомилаю муошираташ бо одамон нишон медиҳад. Нависанда тавонистааст, ки тавоноии инсонии қаҳрамонашро дар амал ва кирдор таҷассум созад. Мерган дар тасвири нависанда инсони фидокор ва собитқадам аст. Ҳамин хислат ба ӯ имкон фароҳам овардааст, ки дар баробари беадолатӣ, хурофот ва тамоюлҳои иҷтимоии сиёсию мазҳабӣ устуворӣ ва поймардӣ нишон диҳад. Ҳамин хислати ӯро нависанда бо тасвири сабру бардошташ дар муқобили

душманони маънавӣ ва бадгӯиҳову тӯҳматҳои бадхоҳонаш боварибахш тасвир карда, шарофати инсонии ӯро исбот мекунад. Дар роман Мерган танҳо дар ғами худ нест. Бо вуҷуди он ки фарзандонашро фоҷеае аз ӯ рабуд, ба тӯҳмат ва сӯиқасд гирифтор шуд, вале як қадам аз ормонҳои инсонӣ ва иҷтимоиаш, ки ба манфиати мардум аст, берун пой нагузошт.

Ҷумъа Одина қаҳрамонашро дар кори ҷамъиятӣ, дар муносибат ба моли давлату ҷамъият, дар фаъолияти давлатӣ, дар муносибат бо одамони гуногунхилқат нишон дода, ӯро ҳамчун инсони содиқ, ҳалолкор, ботаҷриба, поктинату далеру маънавиёташ баланд тақассум менамояд.

Ҷумъа Одина бо таълифи ин асар шахсияти инсонро дар асоси меъёрҳои ахлоқии умумибашарӣ ба қазоват гирифта, ақидаеро пеш гузошт, ки агар роҳбар аз ҷиҳати инсонӣ камбудӣ дошта бошад, пас ин ба мансаби ӯ ва вазъи раҳбариаш таъсири манфӣ мерасонад. Дар ин замина нависанда симои як зумра одамони фасодкор, худпараст ва ахлоқан норасоро дар мисоли Рофиев, Ҳасанхонов, Кашшаков тақассум кардааст, ки маҳаки шинохти хубию бадӣ, бадкорию некӯкорӣ ҳастанд.

Ҷумъа Одина дар романи «Гузашти айём» саъй кардааст, ки дар баробари интихоби мавзӯъ ва муаммои асосӣ образу характерҳои воқеиро ба вуҷуд оварад. Аз тақрибаи эҷодии ӯ равшан ба назар мерасад, ки ӯ ҷавҳари насрро, пеш аз ҳама, дар офариниши характерҳо ва образҳои тоза мебинад. Аз ин ҷиҳат усули тасвири ӯ дар роман реалистона буда, аз нақли маҳз дур аст. Яъне тасвири бамуддаъо ва маънидор ҷои нақли хушки беборро гирифтааст. Нависанда дар тасвири воқеияти майдони ҷанг низ ба ҳамин усули эҷодгарӣ содиқ будааст.

Дар эҷоди роман нависанда оҳанги ягонаи таносуби воқеии мантиқи хислати шахсиятҳои асарро ёфта, ягонагии ғоявию бадеии асарро таъмин кардааст. Равиши мантиқии инкишофи воқеа ва характерҳо дар роман ба тамоми маънӣ ормонҳои ғоявии ӯро ифода карда, образҳои офаридани ӯ монанди Мерган, Адолатбибӣ, Асад, Бузургхон, Ҳалима, Машахола, Қосим Бобоевич, Баргук ва дигарон

шахсиятҳои идеалӣ ва хости қалби нависандаи инсонпарвар аст. Махсусан нависанда дар офардани симои занон роҳи комилан навро пеш гирифта, дар ин замина муваффақ ҳам шудааст. Занони тасвиркардаи ӯ ба маънои томи сухан озод, корсоз ва садоқатманду собитқадаманд. Онҳо дар тасвири нависанда такаллуфоти шарқиёна надоранд, гирифтори хурофоту таассуб нестанд. Ҳалима, Ҳусния, Шарофатхола, модари Бузургхон аз ҷумлаи занони покизаву росткору зиндагисозанд, ки бори зиндагии наслҳо бар дӯши онҳо меистад.

Абдунабӣ Сатторзода навиштааст, ки «дар «Гузашти айём» барои таъмини тозагии тасвир ва барҷастагии он муаллиф ҳамеша ҷаҳд намудааст, ки воқеа ва ҳодисаҳои чашмгирро ба қалам диҳад. Вай чун нависандаи навписанд, тозагӯй амал намудааст ва дар натиҷа ба офаридани як силсила манзараҳои ҷолиб ва нотакрори воқеияти давр муваффақ гардидааст. Тозагии романи ӯро махсусан тозагии назари нависанда ба зиндагӣ ва ба одамон, ба ҷамъият ва табиат таъмин намудааст. Ҷумъа Одина барои бозтоби барҷастаи манзараҳои ҳаётӣ ва чеҳраи қаҳрамонон ва шахсиятҳои адабӣ аз ҷузъбандӣ (детализатсия) зиёд истифода кардааст. Аз ин сабаб дар асарҳояш, хосса дар «Гузашти айём» бурзургу кӯчак бисёр ба ҳам меоянд ва онҳоро ба ҳамдигар як чизмумтозии ҳар яке аз онҳо …муттаҳид гардондааст».

Ин роман бо тозагӣ ва барҷастагии мавзӯъ, мундариҷаи ғоявию бадеӣ, зиндаву ҳаётӣ будани образу характерҳо, қолаби муносиби сужет ва композиятсия, тарзи тасвир ва сабки нигориш ва низои адабии воқеӣ, хулоса ҳамаи он омилҳое, ки романро ба асари адабиёт табдил медиҳад, дар адабиёти муосири тоҷик ҷойгоҳи хос ва барҷо дорад.

«Гузаштаи айём» асарест, ки нуқсонҳои ҷомеаи шӯравиро воқеънигорона фош карда, аз паёмади воқеияте хабар дода буд, ки агар пеши роҳаш гирифта нашавад, метавонад ҳар низомеро фурӯ пошад. Пешбинии нависандаро воқеиятҳои баъдӣ тасдиқ кард. Низмои Шӯравӣ аз байн рафт, вале бо зуҳури низомҳо ва сиёсатҳои нав ин роман кӯҳна намешавад, балки ғояҳои созанда ва ормонии адиби шодравон дар ҳар

замоневу низоме дастгир ва раҳнамои инсонҳо боқӣ мемонад. Нависанда роҳи саодати зистанро ба наслҳои инсон менамояд.

Ҷумъа Одинаро бо осори пуразишаш дар зиндагиаш қадр накарданд. Баръакс, романи «Гузашти айём»-ро ҳабс карда, ба нависанда зарбаи азими рӯҳӣ заданд, ки ӯро дар айни шукуфоӣ аз пой даровард.

Бозор Собир
(тав.1938)

Мароми шоирии Бозор Собирро аз шеърҳои нахустин маҷмӯааш «Пайванд» муайян кардан мумкин аст. Дар ин маҷмӯа шеъре бо номи «Орзуи зинда» ҷой дорад, ки онро метавон ҳамчун маромномаи шоирии ӯ пазируфт.

Шоир дар ин шеър менависад:

Меравам сӯи ту аз хилвати шабҳои дароз
Ман ба дунболи хаёл,
Гаҳ зи омолу муроде ҳама дар ҳаяҷон
Гаҳ асири аламу ранҷу малол,
Оварам рӯй ба дарҳои умед
Ҳамраҳи субҳи сафед.

Ин орзуи шоир буд, ки ҳоло қадри ҳол ба воситаи шеърҳои маҷмӯаи аввал амалӣ гардид. Шоир худашро, ҳарфи бовазнашро ба хонандагон шиносонд.

Дар шеъри «Фарзанди деҳқон» нияти шоир ва сарманшаи шеъри ӯ таъкид шудааст:

Давоми шир-шири барги алафҳост,
Ҳиҷою ҳарфи ман дар шеъри озод.
Ғазалҳои маро дар шабдаравҳо,
Ману шаббодаҳо кардем эҷод.

Шеърҳои маҷмӯаи аввалини Бозор аз камолоти шоирии ӯ дарак медоданд. Мӯъмин Қаноат дар сарсухани маҷмӯаи нахустини ӯ навишт:

«Бозор Собир шоирест, ки дар синну сол ва суханварӣ ба камол расидааст…»

Муҳимтарин унсуре, ки моро аз аввалин шеърҳои шоир то имрӯз ба ӯ дилбанд медорад, ҳамоно сухани шоирона ва маъниҳои тозаи шеъри ӯянд.

Ҳарчанд тахайюл дар сабки шоирии ӯ мавқеи асосӣ дорад, вале шеърҳои маҷмӯаи «Пайванд» аз воқеият холӣ набуданд. Ба ифодаи мунаққид А. Ҳакимов, дар он шеърҳо низ «инсони воқеӣ ҳаст, аммо ҳоло муносибати вай бо ҷамъият, бо дигарон маҳдуд аст. Вай ҳоло хотироти бачагии худро боз меорад ва ё аз умеду орзу ва муҳаббати ҷавонӣ сухан мегӯяд. Ва ба ҳамин ӯ ба мо шавқангез аст. Ҳиссиёташ тару тоза, ҷаҳонаш равшану содда аст» (106,194). Дар ин равиш шеърҳои «Орзу», «Эй замин», «Рӯзи дигар», «Симои ман» ҷолибанд. Дар ин шеърҳо шоир ба ҳастии пурмояи инсон таваҷҷӯҳ дорад.

Аксари шеърҳои маҷмӯаи «Пайванд» аз таассуроти шоир фароҳам омадаанд. Шахси шоир қариб қаҳрамони лирикии аксари шеърҳост. Дар ин гуна шеърҳои шоир дар кадом мавзӯе, ки набошанд, назари субъективӣ боло гирифтааст. Ба пайбурди дурусти А. Ҳакимов «Ин ду тарзи тасвир - субъективӣ ва объективӣ яке аз дигаре бартарӣ надошта, хуб ё бад набуда, ду тариқи баробарқимати ифодаи таассурот аст. Шоир дар ин шеърҳо ба худшиносӣ ва худифшоӣ кӯшидааст, ки тасвири табиат ҳам ба ин мақсад ёрирасон омадааст. Вай ҳамзоди таассуроти шоир мебошад, ки вобаста ба чигунагии он гоҳ рӯҳпарвару босурур, гоҳ паси ғубори ғуссаю ҳасрат ба назар мерасад.»

Чун маҷмӯаҳои баъдии Бозор Собир «Оташбарг», «Гули хор», «Мижгони шаб», «Офтобниҳол», «Бо чамидан, бо чашидан» ва «Чашми сафеддор»-ро иҷмолан аз назар гузаронем, мебинем, ки маҳорати шеъргӯии шоир на фақат аз маҷмӯа то маҷмӯа, балки аз шеър ба шеър бо суръат такмил ёфтааст. Агар ашъори шоирро дар маҷмӯа аз назар гузаронем, се тарзи диди шоиронаи ӯ диққатангез менамояд. Диди аввал назар ба сарнавишт ва муҳити зисту муошрати инсонӣ воқеӣ; диди

дуввум на чандон амиқ дар баёни тасвиромӯзӣ, таассуроти зеҳнӣ; сеюм, тасвири рӯйдодҳои айниву зеҳнӣ дар оинаи таассуроти шоирона. Махсусиятҳои шеъри Бозорро танҳо дар ҳамин замина метавон муайян кард.

Аз оғоз шоирӣ барои Бозор воситаи асосии ифшои ҳол буд. Дар ин равиш сарманшаи андеша ва образҳои шеъри ӯ рӯзгор ва зиндагии мардум будааст. Воқеан ҳам ӯро, чунонки иқрори шоиронае низ дорад, ин осмон шоир накардааст, балки аз алафҳо бӯи ашъор гирифта, чун барге сабз шуд. Шеъри ӯ аз шири модар равон шуда, барояш «Каҳе ҳам мекунад бӯи бародар».

Дар бештарин ҳол хомӯш аст: гоҳ бо худу гоҳ бе худ. Вале сукуташ забон дорад. Забони рӯҳи шоиронаи ӯ ҳушёру ноором буда, ақлу дилашро низ пойбанд медорад ва гирифтори дирӯзу имрӯз аст. Аз ҳамин роҳ ӯ сари ниёзҳои таърихӣ ва имрӯзаи миллат сахт ба муробиқа рафта, дилаш саршори эҳсоси зиндаву мутаҳаррик ва корсоз аст. Худро дар ашёву ашёро дар худ дида, ситам мекашад. Сукуташ «Сукути ҷангалистон асту шеъраш рақси шӯрангезу пок ва пуртасвир дар миёни боғҳои танҳоии инсон бо табиат».

Дарахти сада шуд дар пушта модар,
Валекин типӣ мерасад ба мардум.
Дар атрофаш парешон ғози хасрав,
Ба мисли ришгаи печида саргум.

Лоиқ дар қитъае, ки ба Бозор бахшидааст, гуфта буд:

Аз хасе дарёфти бӯи касе,
Аз пари коҳе пару боли сухан.

Бозор таъкиде низ дорад, ки ин маъниро тафсир медиҳад: «ҳар яке аз шеърҳояш ба чизе ё ба касе ё ба лаҳзае вобаста аст. Аз кӯдакӣ дар ёди ман монда буд, ки аз омадани падарам маро шиҳаи аспаш бохабар мекард». Ҳамин эҳсоси ширину хаёлолуд боиси эҷоди шеъри «Асп» гардид…

Аспе ҳанӯз медаваду медавад ҳанӯз,

Аспе, ки нест пас аз ин ҷуз оҳи даргузар.

Пояш сафед, синаю пешонааш сафед…

Овози суми ин асп ҳастии шоирро такон медиҳад. Ҷарангоси наълу шиҳаи он ошно ҳанӯз аз дуриҳои замон ба гӯш мерасад. Ин фақат садои суми аспи падари ӯ нест, ин фақат чеҳраи падари ӯ набуда, балки сарнавиштест, ки ба мо низ тааллуқ дорад.

Ин шеър монанди бисёр шеърҳои Бозор аз тахайюл ва тамсил саршор буда, дар он рӯҳи тозаҷӯӣ маҳсус аст.

Мо кӯдакон будем…

…Афсонаҳои тифлии дуру дарози мо,

афсонаҳои талхи ятимии мо шунидаанд…

Ин қитъа аз шеъри «Мо кӯдакон будем…» гирифта шуда, дар он нақши воқеияти зиндагӣ беш аст. Шоир кӯшидааст, ки саргузашти рӯҳии хешро бозгӯӣ кунад, яъне он ранҷу хориеро, ки тифлони солҳои ҷанг дар ақибгоҳ кашидаанд, ба сурати образҳои шеърӣ дароварад ва он ҳақиқати талхро намоёнад:

Дар сари кӯчаҳои Файзобод,

Чашм бар роҳи кӯҳна шому саҳар.

Кӯдакиям ҳанӯз гирён аст,

Дар кафи ӯ хати сиёҳи падар.

Бозор Собир боре навишта буд: «Мароми шеър орзую ормон ва суду зиёни мост, ки дар заминаи вақту муҳит ва зиндагонӣ қарор дорад». Беш аз ин медонист, ки шеър бояд нақши обу хок ва ҳавои ватан бошад, аз он рӯзу рӯзгори шоир эҳсос шавад. Ватани шоир бояд ватани дарду шодӣ, ватани ишқу армон ва матни шеъри ӯ бошад. Ӯ ба ҳар қитъае бояд лахте аз дил, порае аз рӯзгори худро боқӣ гузорад. Шеърҳои «Шоиру шеър агар ҳаст…», «Муҷассамаи Айнӣ», «Қисмати шоир» ва ғайра дар ҳамин равиш эҷод шудаанд, ки дар таъкиди мароми поки шоирӣ ва маслаки инсониянд.

Табиат дар шеър бо ифшои таассуроти инсон арзиш пайдо мекунад. Дар ин равиш Бозор, ки фарзанди табиат аст, онро бо ҳама

печидагиҳояш хуб мешиносад. Ҳама чизе, ки дар табиат аст, барои ӯ маънӣ дорад, ҳама чизро соҳиби зиндагӣ ва ҳаракат медонад:

Абрҳо мушти паранд,
Абрҳо аз духтарон ёдоваранд.
Пораҳои абри озодии хаёлангезро,
Дар заминҳо дида мегӯям, ки хоҳарҳои ман.
Пои пурхор,
Дасти хуншор
Мондаанд аз шабдаравҳо,
Ҷовидон дар пуштаҳои кӯҳсор.
Бо хаёли нони гандум,
Бо хаёли хирмани ҷав,
Мекунад оҳи ману оҳи дили худро дарав.

Аз ҳамин мавқеъ муҳаббат ба зиндагиву инсонҳо, ба ҳар чизи қобили назар амиқ ва шоирона аст. Бисёр касоне, ки ҳатто пас аз Бозор ба адабиёт омадаанд, ба миқдор аз ӯ бештар шеър гуфта ва маҷмӯаҳо чоп кардаанд. Вале Бозор на ба миқдор, балки ба ҳунар ва ҷасорати ҳунарӣ аз шоирон пеш гузашт ва шеъраш низ мавриди таваҷҷӯҳи хосу ом қарор гирифт. Аз оғоз барои Бозор шинохти масъулияти хеш дар назди ҷомеаи имрӯзу оянда ниҳоят муҳим буд. Ин масъулияти ӯ, ки ботинӣ ва воқеӣ буд, дар шеъраш рӯй зад. Таҷрибаи рӯҳии мардум ба шеърҳои шоир болу пар бахшида, назари ӯро ба воқеияти рӯзгор равшан менамояд. Маҳз таассуроти амиқи даврони бачагӣ шоирро во дошт, ки талху ширинихои он айёмро бо ҳама ҷузъиёташ ба шеър оварад. Вале дар ин равиш вай ба нақлу тавсифи шигифтиҳои рӯзгор чандон таваҷҷӯҳ надорад, балки саҳнаҳои муассири зиндагиро ба воситаи образҳои шеърӣ зинда месозад. Дар ҳама ҳолат боварӣ ва садоқат ба зиндагӣ, ба рӯҳи тавонои инсон зиёд аст. Ин меъёри асосии диди шоиронаи ӯ ба воқеияти дирӯзу имрӯз ба сарнавишти ватан ва омоли фарзандони вай аст. Масалан, дар шеъри

«Худамро мебарам бар дӯши худ боз» ӯ аз мароми инсониву шоириаш ёд карда, ҳастии худро фоли бақои ватан мешиносад:

Барои хоки ӯ дар ҷанги Гирмон,
Ман андар батни модар тир хӯрдам.
Маро бо тири Гирмон зод модар,
Намемирад Ватан, чун ман намурдам.

Нияти эҷодии шоир аз шеърҳои аввалинаш равшан буд. Мехост аз сарнавишти зиндагисоз, аз дилҳои захмӣ, аз он талафоти гароне, ки падарону фарзандон дар масири таърих дар ҷангу оштӣ аз сар гузаронидаанд, ҳарфи бодалел гуфта бошад.

Ранҷҳои ҷанг ва талафоти гарони мо дар ақибгоҳ барои шоире, ки лаззати ширинию талхии он айёмро чашидааст, меъёри шинохти зебову зишт ва хубу бад гардид. Хотираҳои талху ширин шоирро ором намегузоранд: «Кӯдакии дарбадарам сахт буд, сахт маҳду бистари ӯ. Гӯиё қаҳтиҳоро ҷанги ҷаҳон дӯш танҳо гузашт аз сари ӯ».

Шеъри Бозор аз овозҳое, ки дар табиат ҳаст, пур буда, шоир худро дар ин оина бебадал мешиносад. Ва чун бо як ҳиссаи хеш бо замин гуфтугӯ карда, хоку сабзаро ба сони пайванди худ ба оғӯш мекашад, гӯш ба шир-шири баргҳои ларзон дода, аз лаҳзаҳои зиндагӣ ёд меоварад. Тадбирҳои манзилро дар табдил ва танзими табиат шинохта, хешро назди табиату Ватан масъул мешиносад:

Бӯи ман гар наояд аз Ватанам,
Ман, ки бӯи Ватан кунад бари ман.
Гар сари ӯ ҳамеша бедард аст,
Мекунад дард, баҳри ӯ сари ман.

Аз нимаи солҳои ҳафтод ҷустуҷӯҳои Бозор амиқ рафт. Тамоюли умумии инкишофи шеър дар ин давра ба тақозои эҳтиёҷоти маънавии ӯ мувофиқ буд. Дар айни камолоти эҷодиаш таваҷҷӯҳ ба осори гузаштагон, суннатҳои шеъри ҳазорсола афзун гашт. Замоне фаро расид, ки бо шеъри соддаи воқеӣ хонандагонро ба ҳайрат гузоштан душвор буд. Хонанда ба шеъре дил супурд, ки ангезаи шоиронае

дошта бошад. Шеъри Бозор аз нишонаҳои ошкоргӯӣ ва сухани урён дур аст. Шеъри солҳои охири ӯ хусусияти дигаре пайдо кард: вай ба воситаи ҷузъиёти бадеии мушаххас ва манзара фикр мерондагӣ шуд. Аксари чунин шеърҳои Бозорро «оҳанги ҳасрат ва маҳзунӣ фаро гирифтааст ва ин оҳанг аз нокомию номуродии таърихии халқи тоҷик дар гузашта ҳосил шудааст» (116).

Дар ин замина шеъри «Тоҷикистон»-ро метавон аз назар гузаронд. Дар ин шеър ифтихори ватандӯстонаи шоир на чун мафтунӣ ва саногӯӣ, балки чун ғамхорию дилсӯзии махсусе дар ҳаққи Ватан, чун кӯшиши дар роҳи зарра-зарра зиёд кардани дороиҳои моддию маънавии вай намоён мегардад.

Ҳама чизро зинда тасаввур кардан, монанди инсон дар такудав, дар сари фикру ҳис диданро М. Шукуров аз «муҳимтарин хусусиятҳои биниши Бозор Собир» медонад.

Аксари шеърҳои дар солҳои гуногун эҷод кардаи Бозорро таҳлил карда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки биниши таҳлилӣ ва тафаккури асотсиавӣ дар шеъри ӯ бештар хусусияти тасвирӣ дорад ва шеъри тоҷикиро бо мушоҳидаҳои нозуки хосса, бо манзараҳои рангини ғайричашмдошт ғанӣ карда истодааст.

Муҳаммадҷон Шукуров «Услуби хос»-и Бозор Собирро «Яке аз ҷолибтарин ҳодисаҳое дар назми ҳозираи тоҷик» медонад. Ин «услуби хос» дар тарзи офариниши образҳои шеърӣ ва истифода аз забон зоҳир мегардад.

Аскар Ҳакимов ба тарзи ифодаи Бозор ишора карда, «боигарии хазинаи образҳои шеъри ӯро тару тозагӣ, пурмазмунии онҳо» дониста буд. Ин мунаққид дар боби тарзи хоси Бозор сухан карда, забони ашъори ӯро аз ду ҷиҳат, ҳам аз ҷиҳати луғат ва ҳам аз ҷиҳати услуб қобили таваҷҷӯҳ хонда буд. Ба мушоҳидаи ӯ, Бозор то ҳадди имкон мекӯшад, ки мазмуни реалии суханро афзояд, пайвастагии калима, ибораҳои табиӣ, забони шеъраш ба забони халқ наздик бошад». Наздикии забони шеъри Бозорро ба забони халқ на дар ифодаи

бисёр калимаҳои халқию гуфтугӯӣ, ки шакли зоҳирии қаробатро таъмин мекунад, дидан мумкин аст, балки ин сифат дар услуби ашъори ӯ ба назар мерасад. Вай ба соддагии услуб мекӯшад, мазмунҳои амиқ ва таассуроти мураккабро ҳам ба соддагӣ ифода мекунад, забони шеърҳояш солим ва пухта мебошад (106, 204).

Дар бораи унсурҳои шаклии шеъри Бозор – вазну қофия чунин мулоҳизаи А. Ҳакимов ҷолиб ба назар менамояд. Вай менависад, ки «шеъри Бозор Собир аз ҷиҳати шакл –вазну қофия – асосан шеъри озод ва анъанавист. Шеъри озоди ӯ комбинатсияҳои гуногун дорад, баъзе шеърҳои ӯ бо қофиябандии мураттаб *ва вазни* ягона эҷод шуда, баъзе дигар қофиябандии номураттаб доранд ва ё тамоман беқофия буда, ба вазни гуногуни як баҳр навишта шудаанд» (106, 206).

Вақте дар бораи мавқеи Бозор дар шеъри имрӯза сухан ба миён меояд, дудилагие дар миён намемонад. Шеъри ӯро наметавон хонду ба як сӯ андохт. Шеъри ӯ сарнавишти мост. Сарнавишти ӯ ҷузъи зиндагии мост. То ёд дорему ҳастем, то наслҳо боқӣ ҳастанд, ӯ моро ҳамроҳӣ мекунад. Аз девони ӯ наметавон ҳарферо фурӯ гузошт, шеъри ӯ таърихи рӯҳонии халқи Ватани шоир аст, ки ҳеҷ гоҳ кӯҳна намешавад.

Гулрухсор Сафиева
(тав.1947)

Гулрухсор аз шоираҳои сермаҳсул ва тозанигоҳи тоҷик буда, 17 декабри соли 1947 дар деҳаи Яхчи ноҳияи Нуробод (собиқ ноҳияи Комсомолобод) таваллуд шудааст. Соли 1968 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, дар вазифаҳои сармуҳаррири рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон», муҳаррирӣ рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», ва котиби раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон кор кардааст. Чандин сол раиси Бунёди фарҳанги Тоҷикистон низ буд.

Нахустин шеърҳояш ибтидои солҳои шаст дар матбуот чоп шудаанд. То ба имрӯз маҷмӯаҳои «зиёди ашъораш ба чоп расидаанд, ки «Бунафша» (1970), «Хонаи падар» (1973), «Шабдарав», «Афсонаи кӯҳӣ» (1975), «Дунёи дил» (1977), «Оташи суғд» (1981), «Оинаи рӯз» (1985) ва даҳҳо китобу маҷмӯаҳои дигар аз ин ҷумлаанд. Гулрухсор достонеро низ бо номи «Мотами сафед» ба чоп расонд. Ҳамчунин романи «Марзи номус» аз ҷониби хонандагон ва аҳли танқид хуш истиқбол шуд. Вай муаллифи песаҳои «Озода», «Бовар кунед»,, «Заминларза», «Ғори аҷинаҳо», «Ҳамсояи нав» ва ғайра мебошад.

Ҷанги ҳамватанӣ дар Тоҷикистон муддате ба муҳоҷирати шоира боис шуд. Вай дар Эрон, Россия ва Қирғизистон зиндагӣ карда бошад ҳам, вале рӯҳан аз кишвараш ҷудо набуд. Осори ин давраи ӯ асосан баёнгари андешаҳои шоиронаи ӯ дар бораи кишвараш ва омилҳои фоҷиаангези он мебошанд.

Гулрухсор асосан нимаи дуюми солҳои шаст ба арсаи адабиёт омад. Ин даврае буд, ки дар шеъри тоҷикӣ ҳолу ҳавои тозае медамид. Бо кӯшиши Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир ва чанд тан аз шоирони дигар шеър мақому манзалати тозае пайдо мекард. Пас аз ин ҳарфи манзум шеър дониста намешуд. Воқеият чунин буд, ки хонандаро низ бо ҳар гуна шеърмонандҳо ба ҳайрат оварда намешуд. Дар ҳамин айёми интихоби ҳунар, хоса ҳунари шоирӣ дар нахустин маҷмӯаи Гулрухсор, ки ҳанӯз шогирдона буд, диди хоси ӯро ба воқеият пай бурданд мумкин аст. Он шеърҳо полудаи нафаси гарми шоирае буд, ки зиндагиро сахт дӯст медошт ва ин дӯстдориву муҳаббати гарми ӯ аз ҳар сатри шеъраш садо медод. Яъне рӯи суханаш аз ибтидо ҷониби мардум буд, аз сӯзу армони мардум мегуфт ва шеъраш низ «сӯзу созе» дошт. Ба ибораи дигар рисолати шеърашро аз марҳам кардани «дилҳои реш» ва «дӯхтани синаҳои чок» иборат медонист. Эпизодҳоеро аз зиндагӣ ба шеъраш ҷо медод, ки қиссаи шоирона ва образноке аз сарнавишти ӯ ва ҳамсолонаш буданд. Дар ин равиш «захми дами дос» дар шеъри ӯ образи мардум буд. «Захми неши хори саҳро» низ бори маънӣ мекашид. Беш аз ин дар оинаи

чунин дарёфтҳои шоирона мавқеяаш дар назди халқу Ватан чун фарзанди соҳибсухан якрӯю рост буд:

Чун меҳр ба ҳар манзил,
Нури саҳар овардан.
Ҳамдарди Ватан будан,
Дар пои Ватан мурдан.

Ҳамин эҳсоси ҳамдарди Ватан будану дар пои Ватан мурдан шоирро вомедорад, ки на фақат дар бораи қисмати худу ҳамдиёрони худ, балки дар бораи бани башар биандешад. Дар ин замина шеъраш огандаи шодиву ғами одамӣ мешавад. Ва мо амиқ дарк мекунем, ки дард дар шеъри ӯ дарди инсон аст, дарди нобасомониҳои зиндагии башар, дарди касалии маънавию ахлоқӣ, харобии муҳити зист ва ғайра. Вақте ки шоир дар боби нобасомониҳои зиндагӣ меандешад, шеъраш қотеияти ба худ хос касб мекунад: «аз адоват то ҷаҳолат, аз ҷаҳолат то разолат, аз разолат то асорат», барои ӯ «як қадам», «як дам» менамояд.

Дар яке аз шеърҳояш Гулрухсор гуфта буд, ки «зиндагонӣ инқилоб аст». Ва мазмуну мундариҷаи шеърашро дар ҳамин формула гӯё барномарезӣ кард. Табиист, ки инқилоби зиндагӣ аз шӯру исён холӣ нест.

Ва ин гуна шӯру исёнро мо дар ҳар сатри шеъри ӯ дармеёбем. Аввалин исёни ӯ дар шеър муқобилаташ зидди зӯриву фармонравоист. Зоҳиран ин як мазмуни хеле забонзад менамояд. Вале вақте ки шеъри шоирро мехонем ва ҳис мекунем, ки чӣ гуна дили ӯ ба як мурчаяке, ки зери по мемирад месӯзад, ба тозагии ҳис ва ба андешаи ӯ ҳуш медиҳем. Мисраи

… Чу ман пурзӯр мебудӣ, зи марги ту намемурдам

ба ёди мо аввал ҳадиси ҳазрати Сулаймон ва мӯрро меоварад, сонӣ дармеёбем, ки сухани шоира нишонаи воқеӣ ва хос дорад. Ин ҷо рамзи пурмаъниест, мисраи иқтибосшуда таъризи шармоварест ба онҳое, ки ҷуз худ дар дунё довари дигареро намешиносанд, зиндагиро ба ҳар тарзе зери по месозанд, мекушанд.

Ба ин маънӣ, раҳму шафқат дар шеъри Гулрухсор категорияҳои фалсафии ахлоқиянд ва моҳияти диди шоираро ба воқеият муайян мекунанд. Дар ин равиш шеъри кӯтоҳ, вале пурмаънии шоира «Достоне, ки аз навиштанаш оҷизам» тамоми консепсияи фикрии ӯро ифода мекунад:

Ба наздам кӯдаки ҳинду, гуноҳашро намедонам,

Ба чашми гушнааш, аммо нигаҳ кардан наметонам.

Гулрухсор шоираи ҳолшинос аст. Бинобар ин ҳам қаҳрамони лирикиаш низ шахси андешаманд буда, «ғамҳои халқи дигаре» (Мирзо Турсунзода) –ро низ мехӯрад. Яъне ин қаҳрамон аз ғаму ранҷи инсон фориғ нест. Ин мавзӯъро, яъне мавзӯи Шарқи хориҷиро бо тамоми паҳлӯҳои ахлоқии инсонпарваронааш дар шеъри тоҷикӣ Мирзо Турсунзода бозтоби шоирона дода буд. Ин шоири бузург образи раҳмовари шоирона, «кӯдаки бечораи ҳинду» -ро ба вуҷуд оварда, дар ҳимояи шарафи инсонии ӯ овоз баланд карда буд:

Кӯдаке мегашт бо қутии худ,

Дар хиёбони лаби баҳри кабуд.

Метавонистӣ, ки аз чашмони ӯ,

Пай барӣ аз мақсади пинҳони ӯ…

Гулрухсор бо ин образи шеърии Турсунзода ҳанӯз дар замони мактабхониаш шинос шуда буд. Албатта, шоира аз таъсири он низ огоҳ аст. Вале давомнокии вақт ва бетағйир мондани ҳоли он кӯдак шоираро зиёда мутаассир ва ғамнок сохтааст. Ӯ аз ҳоли шафқатангез, вале бетағйири инсон ба риққат омада, дар ин замина шеърҳое мегӯяд, ки шеъри «Шаби Деҳлӣ» намунаи он аст:

Аз бистари фароғи ман хобам фирор кард…

Тифле миёни растаҳо беҳуда гаштааст.

Дар гунаҳои заъфарон, дастони зиндагӣ

Мӯҳри аёни гушнагӣ чун кулча бастааст.

Ҳар лаҳза мор мегазад осоиши маро,

То субҳ тор метанам дар гирди хештан.

Карсони пур зи нони ман дар хона мондааст,

Афғони тифли гушнае озори гӯши ман…

Дасти шоир кӯтоҳ аст ва медонад, ки дар ин вазъият ҷуз қудрати ба назар намудани иллат дигар ҳеҷ коре аз дасти адабиёт намеояд. Бо вуҷуди ин шоира ноумед нест, балки хосту мафҳуме чун дуо сатрҳои шеъри ӯро пур мекунад:

Намози шом,

Давлатманди Бомбай.

Дари тиллоиятро сахт пӯшон,

Шамолат мезанад, аз боди сӯзон.

Аз оҳи тифлакони гушна, нимҷон.

Солҳои аввали фаъолияти эҷодиаш Гулрухсор асосан дар мавзӯъҳое шеър мегуфт, ки дар адабиёти тоҷик расм шуда буд ва дар бештарин ҳол илқои муҳити идеологии замон буданд. Сулҳ, дӯстии халқҳо, назми меҳнат, бунёди истгоҳҳои барқӣ, «тиллои сафед» ва ғайраҳо муҳимтарин мавзӯъҳои шеъри давр буданд. Дар ин мавзӯъҳо шеър гуфтан гӯё барои ҳама, аз ҷумла, Гулрухсор низ воҷиб буд. Яке аз ҳамин гуна мавзӯъҳо ҷанг буд ва Гулрухсор дар ин бора шеър ҳам гуфт. Ҳарчанд ӯ дар замони осоишта ба дунё омада бошад ҳам, вале аз ҷанг ва фоҷиаҳои он бехабар набуд. Дарди ҳамдиёроне, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ падар, писар ва ё бародар гум карда буданд, дар дил ва ёди ӯ соя андохта буд:

Бачаи ман кӯдак аст,

Ҳамчун он бозичаҳояш кӯчак аст.

Сер мехоҳам варо аз навбаҳори зиндагӣ,

Ман надидам лаззати тифлӣ зи заҳми як фашист.

Тифли ман бояд нагиряд аз хумори баччагӣ.

Чунон ки аз намунаи беҳтарини шеъри дар ин мавзӯъ гуфтаи шоира маълум аст ва ба хонандааш чизи наве намегӯяд: намехоҳад осоиши мардумро ҷанги нав халадор кунад. Шеъраш як навъ даъватҳо

ва муроҷиатҳои ҳамон солҳоро дар боби ҳимояи сулҳ дар шакли манзум гӯё ҷамъбаст кардааст:

Бар ҳама якранг гӯяд нолиши занги Хатин:
Ҷанги бигзашта дар олам бод ҷанги охирин!

Бо вуҷуди ин гуна умумият шеъри Гулрухсор аз оғоз таровати шоиронае дошт. Махсусан шеърҳои ошиқонаи ӯ, ки моломол аз дарду армон, шодию ғам ва умедворию нокомиҳои ҳамсолони ҷавони орзуманди ӯ буданд, тозагие доштанд. Бо вуҷуди нуқси зиёде дар вазну мантиқ хонандагон онҳоро аз ёд мекарданд, ҳофизон аз саҳна месуруданд.

Гулрухсор аз оғози фаъолияташ дахолати фаъолонае ба ҳаёт дошт. Ҳамчун рӯзноманигор дар газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») кор карда, ба муҳимтарин проблемаҳои зиндагии ҷавонон дахолат мекард, мақолаҳо менавишт ва баҳсу мунозираҳое созмон медод. Шоираи он вақт ҷавонро муҳити пурфасоди ҷомеа, ришвахӯриву қаллобӣ, дуздиву бадахлоқӣ барин ҳодисаҳо ва бепарвоии ашхоси маъмуру масъул озор медод. Дар оташи ҳамин муборизаҳо шеъраш такмил меёфт ва аз воқеияти пеши рӯяш бардошти шоиронае дошт. Дар шеърҳои фаъоли иҷтимоиаш аз камбудиҳои муҳит ва ҷомеа кушоду равшан сухан мегуфт. Ин гуна шеърҳои ӯ ба муҳити расмӣ писанд набуд. Охир вай камбудиҳои ҷамъиятеро мегуфт, ки поядори адолат буда, дар асл гӯё ҳеҷ айбе надошт. Танқиди адабӣ низ ин гуна «бечоранолиҳои» шоираро зери тозиёнаи танқид мегирифт. Шоира ба ин гуна гуфтугузорҳо дар бораи шеъри ӯ бо шеър ҷавоб мегуфт:

Носеҳи ман нуктагирӣ мекунад,
Деҳаи худро агар гӯям «Ватан».
Мекунад таҳрири каҷ, таҳлили каҷ,
Каҷкулоҳе меҳру шеъру ҳарфи ман.
Мазраву деҳу диёри ман, Ватан,
Эй канори беканори ман, Ватан.

Носеҳо фарёди дардолуди ҷон
Нашнавӣ гар дар хомӯшиҳои ман.
Аз забони чашми ман гӯётар аст,
Чашми ман бо тоҷикӣ гӯяд сухан…
Дар забони нуктагири беҳунар.
Дар гули рухсор ҷурму иллатам.
Бо сари сабзу забони сурхи худ
Духтари исёнпарасти миллатам!
Дарди ман бо тоҷикӣ гирён шавад,
Шодиям бо тоҷикӣ хандон шавад.
Эй Ватан, марзи садоқаткиштаам,
Эй Ватан, «Шоҳнома»-и нанвиштаам!

Ҳамин гуна шӯру шавқи ватанхоҳиву ватандорӣ осори солҳои ҳафтод ва баъди шоираро ҷиддан фаро гирифта буд. Вале ин шӯру шавқи оддӣ не, балки эҳсосолуд ва гоҳо пуртасвир низ буд, ки шеъри шоираро мавриди таваҷҷӯҳ қарор медод. Мисли ин байт:

Дар ғарибӣ кашф кардам, ки Ватан
Мазҳабу дини нахусти одам аст!
Хуни Ҳурмуз аст дар шарёни ман,-
Мазҳаби Зардуштии ман – эй Ватан.

Дар ин замина, яъне бо шинохт ва таҳаммули моҳияти «Мазҳаби Зардуштӣ» мехоҳад гузаштаи боифтихорро дар шеъраш зинда сохта, ба ин васила ҳофизаи таърихии хонандагонашро ба ҷунбиш оварад. Ва гоҳо ба ин нияти худ ноил низ мешавад. Дар ҳамин равиш китоби хуберо бо номи «Оташи Суғд» ба чоп расонд, ки нигоҳи шоир дар шеърҳои ин китоб ба гузаштаву имрӯза баробар мутаваҷҷеҳ аст.

Силсилаи «Оташи меросӣ»-и ин китоби Гулрухсор бо шеъри «Оташи Суғд» шурӯъ мешавад. Шоира таъкид меварзад, ки «суннати оташпарастӣ», «мерос аз бобои» суғдаш аст. Вай мехоҳад «ба ҳар дилсард», «Зи мероси ками Суғдони ҳотам» ҳарорат бахшад. Ин нияти нек ва инсондӯстонаи қаҳрамони лирикии шоира аст. Вале муҳимтар аз

ин дар ин шеър образи шеърии «Оташи Суғд» мебошад, ки шоира маънии хостаи худро ба воситаи ин ифода карда тавонистааст. Маънии рамзие, ки шоира бар он таъкид дорад, ҳамоно Ватан аст, ки мегӯяд:

Басо мурданд Суғдони баномус,
Барои он, ки ин оташ намирад.
Ба умеде, ки аз ин сӯзи зинда
Сари гӯре чароғе дар бигирад.

Ин мавзӯъ шояд аз мавзӯъҳои меҳварии эҷодиёти шоира бошад, ки дигар ҳама «дарду армон»-и ӯ аз ҳамин минбар тафсир шудааст, зеро шоира беш аз ин тасаввур карда наметавонад, ки «ду чашми дурбин, суруди аввалин, нидои вопасин, Худои дар замин» барои ӯ «Ватан, Ватан!!!» аст. Ба ин маънӣ ҳар чизе, ки ӯ сурудааст, хоҳ сур бошаду хоҳ ғам сарнавишти ватан ва фарзандони он аст.

Ибтидои солҳои ҳаштодум баъзе мунаққидон кӯшиши Гулрухсорро дар гуфтани шеъри воқеӣ «гирифторию рӯҳафтодагӣ»-и шоира шинохта, «аз ин дармондагию ҳаракатсароӣ ҳарчи зудтар халос» шудани ӯро тақозо карда буданд, ки дуруст набуд. Зоҳиран айбҷӯиҳои шоира аз муҳити кору зиндагӣ ва раҳбарии маъмурони бесалоҳият он солҳо ба касе намефорид. Вале Гулрухсор рисолати хешро дар он медид, ки сухани ҳақро бояд бигӯяд. Вале роҳаш ба сӯи ҳақиқатбинию фошгӯӣ осону рост набуд. Дар ин роҳ мисли ҳамаи шоирони муосираш каҷназариву дурӯиҳо низ доштааст:

Дило, баҳри ту шайтони хатоям, ман,
Ба назди ту, ба назди худ гунаҳкорам.
Ту умре рост гуфтӣ,
Ман хато гуфтам.
Аз ин дурӯя буданҳо дар озорам.

Дар ҷои дигар аз он, ки тааҳҳуди иҷтимоиву инсонпарвариашро беш аз ин аз даст дода буд, ниҳеб мекунад ва ин ниҳеб танҳо тавбаи шоирона нест, балки надомати як наслест, ки ҳамин гуна зиндагию рӯзгори каҷ дору марез дошт:

Хунатон дар гарданам ҷовид монд,
Шеърҳо, тифлони нозоидаам…
Ман шуморо куштаву худ зиндаам,
Гиря мебояд, вале дар хандаам.
Назди имону шумо шармандаам.
Ман шуморо, на, ҷигарбандони ман,
Бо муросо хештанро куштаам…
Мирам аз шарми гунаҳ ҳамчун ҷазо,
Қабри ман андар таги каҷбед бод!

Ин шеърҳои Гулрухсор ҷойгоҳи пурқуввати ахлоқӣ дошта, қаблан ҳадафи ӯ аҳли қалам ҳастанд ва худаш низ аз ин доира берун нест:

Шеърҳои бомуросо гуфтаро оташ занам,
Зиндагӣ рӯҳи дигар мехоҳаду нанги дигар.

Ва ҳамин гуна рӯҳи қавӣ ва нанги шоиронаи ӯ минбаъд дар шеъраш тақвият меёбад. Акнун вай ҳама чизро дар шеър фаро намегирад, балки танҳо побанди мазмунҳои шоирона аст. Ин фазилати ҳунари ӯ дар маҷмӯаи шеърҳои «Оинаи рӯз» хеле ҳам равшан ифода шудааст. Аз шеърҳои ин маҷмӯа ва баъдии шоира натиҷа чунин аст, ки манзураш аз шеър фақат ба қалам овардани ҳолат, воқеа ва ё манзара нест, балки дар ин гуна ашъор муҳим натиҷа аст, яъне андешаву хулосаи шоирона, ки бояд ҳикмати омӯзандае дошта бошад. Гулрухсор аз ибтидо ҳамин гуна шеърро мехост ва бо ҳамин гуна шеър ба адабиёт омаду тараққӣ кард. Ҳастии ӯ аз шеър ин буд, ки ба василаи андешаҳояш ба андешаву орои мардум таъсири нек расонад, сифатҳои зиштро аз вуҷуди алоқамандони шеъраш берун ронад.

Ва Гулрухсор ин гуна шеърҳое, ки ба ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи муосирон таъсири фаровон гузоштаанд, бисёр гуфтааст. Дар ин замина силсилаи шеърҳои «Бурҷи Сино», «Нақши Исфара», «Ману барқу баҳор» ва дигар осори ӯ далели шоёне ҳастанд. Агар дар силсилаи «Бурҷи Сино» маънавият ва ҳунари арҷманди гузаштагон намуди воқеии ояндасоз ба назар ояд, «Нақши Исфара» имрӯзи равшанро бо ҳунар ва заҳмати

созанда пайванд медиҳад. Силсилаи «Ману барқу баҳор» ғазалу қасидаву дардномаи пурсӯзу созандаест дар мавзӯи ишқ, ҳастӣ, бақову фано, маргу зист ва ғайра, ки аз назари шеърият низ комиланд.

Дар эҷодиёти Гулрухсор ду асар яке достони «Мотами сафед» ва дигаре романи «Марзи номус» мавқеи хос доранд.

Достони «Мотами сафед» дар мавзӯи ҷанг ва оқибати фоҷиабори он, сарнавишти онҳоест, ки дар ақибгоҳ кор ва зиндагӣ доштанд. Сарнавишти пурдарду доғи заноне, ки бо азоби алим рӯзи ғалабаро наздик сохтанд. Фоҷиаи қисмати ононест, ки ба ватан ва фарзандони он хиёнат кардаанд, бо нобакории худ марги одамони покро тезондаанд. Достони «Мотами сафед» қиссаи мардиву номардӣ, беномусиву бонангӣ буда, зиндагии рӯҳонии мардумро басо шоирона бозгӯ мекунанд.

Суханро дар бораи ин достон беҳтар аст, ки аз анҷоми он сар кунем. Дар фароварди достон шоира бо номи «қарз» қитъаи зерро меоварад:

Бо хоҳишу исрори ӯ,
Бо амри як зан,
Як ҷаҳон,
Ман омадам назди Шумо.
Дарро напӯшед,
Одамон!!

Шоира бо ин баёни шоирона дари хонаи хешу ёди моро кушониданист ва таъкид ҳам дорад, ки мабодо мо ҳарфи ӯро нодида гирем. Инак, мо ба ҳарфи ӯ гӯш медиҳем, даргоҳи ёдамонро кушода медорем, то барои худ аз достони ӯ натиҷае гирифта бошем.

Дар достони Гулрухсор аз сарнавишти Сано, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки баъди ярадор шудан ба Деҳбаланд – зодгоҳаш баргашта, ба омӯзгорӣ машғул мешавад, сухан меравад. Ӯ аз ҷанг бо тани маҷрӯҳ ва як пояшро аз даст дода омада буд. Вале осоиши ӯро тӯҳмати нобакоре, ки аз болояш навишта ва ӯро хоин гуфта буд, вайрон месозад. Бо рух додани ҳамин воқеа ҷанги дуввум, аммо душвори ӯ сар

мешавад. Вале то он замоне, ки ҳақ ба ҳақдор мерасад, ӯ дард кашида, рӯҳаш коҳида оқибат мемирад. Ва Гулпарӣ – ҳамсари ӯ, ки ба ӯ содиқ буд, танҳо мемонад. Достон аз ручӯъҳои зиёде низ иборат аст, ки зиндагӣ ва амали кирдори сокинони Деҳбаландро таҷассум мекунад.

Воқеаҳои достонро Гулрухсор ба тавре чидааст, ки саҳнаҳои дилангез, дардовар ва фоҷиабори зиндагиро бо тамоми пастиву баландӣ, шӯру мағал ва расму оини мардумӣ басо ҷаззобу образнок таҷассум месозад.

Ин достони Гулрухсорро қабл аз ҳама метавон достони сидқу сафо ва қабоҳату разолат номид. Ба ифодаи дигар, шоира тавонистааст, ки сарнавишти қаҳрамононашро дар оинаи воқеияти тақдирсози даврааи ҷанг таъбир кунад. Зангулаи хотир ӯро бо роҳҳои носипарда ба даврони тақдирсоз мебарад. Дар ин саҳнаи даргириҳои зиндагӣ ва қисмат мо бо Сано – қаҳрамони асосии достон, ҳамсари сарсахти ӯ - Гулпарӣ, образи рамзии Нобакор ва даҳҳо занону духтарони деҳотие вомехӯрем, ки чун рамзи ҳақиқат, саодат ва зиндагӣ дар ҳама азобҳои рӯҳониву ҷисмонӣ намурда то замони мо расидаанд. Аниқтараш, Гулрухсор тавонистааст, ки ба воситаи достоне ба онҳо умри ҷовидонӣ ато кунад.

Мардӣ ва қаҳрамонии Сано дар ҷанг бо нишони «Шараф» қадр гардид. Ӯ маҷрӯҳ, вале бо сари баланд ба зодгоҳаш баргашт. Вале бо тӯҳмати ногуворе (к-ӯро пас аз сӣ соли ҷанг, дар хоини мулзам кунанд) аз ҷониби Нобакор дарду ранҷи ӯ зиёда мегардад. Бо ин озору алам ӯ, ки омӯзгор буд, дарсаш низ охир мешавад. Гулрухсор аз сарнавишти Сано пораҳои шоирона ва дардангезеро дар достонаш ҷо додааст, ки хеле шоирона ва таъсиргузоранд:

Сӣ ҷуфт чашми пурсвор,
Сӣ ахтари умедвор.
Дар чашму рӯи устод,
На, на! (маро маъзур дор!),
Дар почаи холии ӯ
Бигрифт як лаҳза қарор.

Сӣ сол шуд дар синфи як
Ҳар бор музтар мешавад.
Дарси нахустин гӯё аз пои ӯ сар мешавад.

Вале тӯҳмати ногаҳонӣ ӯро бо ҷанги сардтаре рӯ ба рӯ кард. «Аз ҳарбу зарби хотирот, зангӯла мезад занг, занг!!» ва мо бо саҳифаҳои поки дафтари ёди Сано, Гулпарӣ, Нобакор ва дигарон ошно мешавем.

Хотираҳои Сано моро аз думболи ӯ ба Смолевичи мебарад. Дар майдони набард бо ӯ мешавем, бо ӯ ба асорат меафтем, озод мешавем ва ба ҳукми тақдир маҷрӯҳу зинда мемонем. Захми ҷанг ӯву моро намекушад, вале захми тӯҳмат, теғи ноодами Саноро кушт.

Шаби марги ӯ низ достони талхи қисмати ҳамсараш Гулпарӣ гардид. Он шаб, ки дар деҳ тӯй буд, шаби хурсандии мардум буд, Сано ин ҷаҳон ва муҳити Нобакоронро абадан тарк гуфт. Вале ба хотири он ки шодии мардум халал наёбад, Гулпарӣ марги Саноро он шаб пинҳон дошт. Дар ин пораҳои достон мо характери қавӣ ва бемонанди Гулпариро дарк мекунем. Ин қитъаи достон вусъати ҳодиса ва таъсиру мазоёи рӯҳонии онро хеле амиқ фаро гирифта:

Се хона он сӯ доира,
Мезад ба фарқи мард мушт.
Се хона ин сӯ захми ҷанг,
Сарбозро бе ҷанг кушт.

Бори рӯҳии ин ҳама фоҷиаро он шаб ва баъд танҳо Гулпарӣ бардошта тавонист.

Бар ҳоли ӯ сӯзад дилам,
Бар қудраташ тан додаам.
Унвони мардӣ гар якест,
Онро ба ин зан додаам.

Дар хотимаи достон мо шоҳиди марги Нобакор мешавем, ки бо дасти Гулпарӣ кушта мешавад. Марги Нобакор дар тафсири бадеии шоира, ғалабаи некиву одамгарист. Маънии номи рамзии достонро низ, ки дар тасаввури суннатии мо намеғунҷад, худи шоира тафсир мекунад. Шоира бо нияти он ки:

То мотами ҷонкоҳи ӯ,
Бошад дар олам охирин.
То мисли ӯ дигар зане,
Танҳо намонад дар замин. –

номи достонро «Мотами сафед»-гузошта будааст.

Достон бо забони образнок эҷод шуда, шоира аз ифодаву таъбироти пурмаънии мардумӣ муносиби ҳол фаровон истифода кардааст. Бисёр лавҳаҳои достон саҳнаҳои фолклориро ба ёд меоваранд, ки хислату характери мардумро хеле барҷаста ифода мекунанд. Дар ин лавҳаҳо мо бо тинати қаҳрамонон шинос мешавем, ҳар ҳарфи онҳо, ҳар байти онҳо ифшогари дили нияти онҳост. Ин ҳамаро шоира бо камоли ҳунар анҷом дода, гоҳо дар радифи байту рубоӣ ва дубайтиҳои мардумӣ пораҳое гуфтааст, ки басо ҷаззобу хотирмонанд. Масалан:

Дар ҳотаи ман тухми алаф афтодаст,
Дар рӯи дилам алови ғам афтодаст.

Ва ё:

Як даста гуле миёни саҳро мондам,
Бо бахти сиёҳи хеш танҳо мондам.
Танҳо сару танҳо сару танҳо саракам,
Афтода ба рӯи хок соҳибдаракам.

Достони «Мотами сафед»-ро аз ҷиҳати жанр метавон достони лирикӣ гуфт. Ҳарчанд унсурҳои эпика дар он истифода шуда бошад ҳам, мабдаи асосиаш лирика аст.

То эҷоди романи «Марзи номус» хонандагон Гулрухсорро асосан чун шоири лирик, шоире, ки шеъраш аз эҳсосоти гражданиву публисистӣ саршор аст, мешинохтанд.

Таълифи романи мазкурро мунаққид Атахон Сайфуллоев дар фаъолияти адабии Гулрухсор «иқдоми марҳилавӣ» ва «инқилоби тафаккури бадеии ӯ» медонад.

Мавзӯи роман барои хонандаи адабиёти тоҷик тоза нест. Гулрухсор ҳаёти вазнини сокинони колхозҳои ҷануби Тоҷикистонро дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба тасвир гирифтааст. Дар роман меҳнати ватанхоҳон, ваҳдати сиёсиву маънавӣ ва падидаҳои гуногуни ахлоқии сокинони як хоҷагии коллективӣ таҳқиқи бадеӣ ёфтааст. Маълум аст, дар мавзӯи ақибгоҳ дар адбаиёти тоҷик асарҳои манзуму мансур навишта шудаанд, ки ба қалами М.Турсунзода, Ф.Ниёзӣ, Р.Ҷалил, М.Миршакар, А.Баҳорӣ, И.Файзуллоев, С.Турсун, Сорбон, Ӯ.Кӯҳзод ва дигарон тааллуқ доранд. Бубинем, ки Гулрухсор чи чизи наве ба мо мегӯяд.

Мунаққид А.Сайфуллоев тозагии романро «дар муносибати ғоявию эстетикии муаллиф нисбат ба воқеият» мебинад. Бартарии дигари романро назари шоиронаи Гулрухсор ба воқеият муайян мекунад. Вай рӯйдодҳои зиндагӣ ва сарнавишти одамонро шоирона ба қалам овардааст, ҷанбаи бадеӣ ва ҳиссии тасвирро пурқувват сохтааст.

Ин романи Гулрухсор ба наҳве ғояи достони «Мотами сафед»-ро тақвият мебахшад. Муроди аслии муаллиф аз тасвири воқеъбинонаи манзараву ҳодисаҳо ва сарнавишти қаҳрамонон ин будааст, ки ҳарчанд ҷанг аз Тоҷикистон хеле дур воқеъ шуда бошад ҳам, вале оқибатҳои фоҷиахези он дар дилу рӯҳ ва қисмати одамони ақибгоҳ низ соя андохт. Аммо он ҳама душворӣ ва озору аламро мардум бо собитқадамиву қавииродагӣ паси сар карданд, яъне он ҳама фоҷиаҳо иродаи ононро шикаста натавонист.

Гулрухсор бо тасвири вазъи замони ҷанг дар Сабзбаҳор ба он мекӯшад, ки ҷаҳонбинӣ, фикру андеша, амалу кирдори сабзбаҳориҳоро

падид оварад. Ба ифодаи нависанда, дар ин «ҷанги даҳшатноктар» ва ҳам «бехуну бенишон» саҳми занони Сабзбаҳор бисёр бузург буд, ки ин воқеияти солҳои душвори ҷанг дар ақибгоҳ аст. Мо дар роман шоҳиди заҳмати душвору фидокоронаи занони хоҷагии «Коммуна» мешавем. Вале мебинем, ки аз ҳосили заҳмати онон дигарон суиистифода мекунанд. Нависанда ин гурӯҳро чун хоинони ақлу имон ва Ватан тафсир мекунад.

Ҳасан Ризо чеҳраи асосии роман буда, қолабӣ нест. Вай сифатҳои инсонии ба худаш хос дорад. Шояд маҷрӯҳи ҷанг буданаш ӯро ин қадар раҳмгину раъиятпарвар карда бошад. Ба ҳар ҳол заминаҳои ташаккули хислату характери ӯ дар роман устувор нест. Бо вуҷуди ин аз тасвири нависанда пайдост, ки Ҳасан Ризо инсони ватанхоҳ, фуқаропарвар, ҳақшинос ва якрӯяаст. Вай масъулияти хешро дар назди халқу ватан содиқона хуб эҳсос мекунанд. Вале дар баробари чунин инсони меҳнативу ҳалолкор шахси фосиқ, вале мақомаш баланд – ҷонишини раиси ҳукумати ноҳия Ёғӣ Хидир қарор дорад. Ӯ худашро «аскари фидоии рафиқ Сталин» эълон карда, аз номи ҳукумат ба иҷрои ҳамагуна разолату қабоҳат иқдом мекард. Талмеҳи ришхандомези муаллиф «нофи замин буд» низ моҳияти ин образро равшантар баён мекунад. Ин марди фосиқ шахсиятест, ки ҷуз суиистифода аз мансаб, ришвахӯрӣ, бадахлоқиву қотилӣ дигар коре аз дасташ намеояд. Вале чунин ҷаббории ӯро нависанда бештар бо сухани тавсифии худ, монанди «аз даҳони аждаҳо оташ гирифта метавонад», «нофи замин аст» ва ғайра тасдиқ мекунад. Мо гоҳҳо интизор мешавем ин «нофи замин» (дар саҳифаҳои роман) амале ва ё кирдоре зоҳир мекунад, ки чӣ ва кӣ будани ӯро собит месозад.

Чунонки ишора шуд, қаҳрамонони асосии роман занҳо мебошанд. Аз ҷумлаи чунин занҳо нависанда ба Зебо, ки тимсоли занони тозаандешу покизаахлоқ аст, ҷойгоҳи хосе додааст. Аз амалу кирдори зебо ошкор мешавад, ки ӯ зани ҳалиму меҳрубон, мададгори дармондагону бечорагон аст. Дар роҳи ҳифзи манфиатҳои моддиву маънавии ҷомеа ҷонфидоёна мубориза мебарад. Вай бо ахлоқи ҳамида

дар ҷомеа мақоми хос пайдо мекунад ва барои нангу номус лозим ояд, бо мардони фоҷиру фосиқ, чун Ёғӣ Хидир муборизаи тан ба тан мебарад.

Дар роман мо бо образи дигар - Тош вомехӯрем, ки нависанда дар офаридани инсони худхоҳ – тимсоли Тош муваффақ шудааст. Ин як марди фосиқест, ки зиндагӣ барояш қиммати нафсро дорад. Дар роман вай аз рӯи ҳикмати «То мард сухан нагуфта бошад, айбу ҳунараш нуҳуфат бошад», амал мекунад. Мо кӣ будани ӯро аз суханонаш мешиносем. Фалсафаи зиндагии ӯ ин аст, ки доим таъкид мекунад: «Умр меравад, чун занбӯри асал шаҳди гулҳои зиндагиро бояд чашид! Одам як бор зиндагӣ мекунад!»

Мо аз тасвирҳои ботинӣ ва образноки нависанда дармеёбем ва итминон пайдо мекунем, ки мардиву номардӣ, бузургиву солорӣ маҳз дар балои азим падид меомадааст. Қисмат ва сиришти инсонии қаҳрамонони романро маҳз ҳаводисе муайян мекунад, ки дар замонааш сарнавиштсоз буд.

Ин роман ба қавли А.Сайфуллоев, «сирф реалистӣ» буда, «лавҳаю манзараҳои романтикӣ, лирикӣ, драмавӣ, шартию тамсилӣ, этнографӣ…дар роҳи пурратар ва бо тамоми паҳлуҳояш намудор шудани ҳақиқати ҳаёт кӯмак мерасонад» (83, 129).

Гулрухсор шоира аст, бинобар ин романро шоирона навиштааст. Махсусан, забони ин асар пур аз рамзу киноя ва ифодаву талмеҳотест, ки асарро боз хонданиву дилчасп сохтаанд. Гулрухсор мисли достони «Мотами сафед» дар роман унсурҳои этнографиро бо мақсади муайян истифода карда, ба ҳусни асар афзудааст. Ҳамчунин дар роман аз афсонаву ривоёти мардумӣ бо мақсади қавӣ сохтани ғояи асар ба маврид истифода шудаанд. Масалан, қиссаи пурмаънии «Шоҳзодаи Дарвоз» дар роман бори амиқи маънӣ мекашад. Афсонаи «Хирсак» низ дар таъкиди қудсияти нангу номус буда, хоби Нишона ҷанбаи этнографӣ дорад ва як навъ ифодагари тасаввуроти халқ мебошад. Ба назари мо, камбудии асосии роман суст будани ҷанбаи тасвир аст ва ин ҳодиса

сабаб шудааст, ки нависнада авзои рӯҳӣ ё худ заминаҳои психологии хислату характери қаҳрамононашро комилан ошкор карда натавонистааст. Чунонки ишора шуд, мо гоҳо хислати қаҳрамонро ба воситаи сухани тавсифии муаллиф мешиносем, ки ин хоси асари бадеӣ нест.

Ӯрун Кӯҳзод
(тав.1937)

Ӯрун Кӯҳзод аз нависнадагони маъруф ва шинохтаи имрӯзаи тоҷик буда, соли 1937 дар деҳаи Ғазаи ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёна дар факултаи филологияи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе таҳсил карда, муддате омӯзгори мактаби миёна ва баъд корманди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи фанҳои ҷумҳурӣ шуда кор кардааст. Ӯрун Кӯҳзод аз кормандони собиқадори маҷаллаҳои «Хорпуштак», «Садои Шарқ», рӯзномаи «Маориф ва маданият», нашрияи Энсиклопедияи тоҷик мебошад.

Аввалин навиштаҳои бадеии Ӯрун Кӯҳзод ибтидои солҳои шастум дар матбуоти Тоҷикистон чоп шуданд, ки бештар ҳикояҳои ҳаҷвӣ буданд. Соли 1972 нахустин китоби ҳикояҳои ӯ «Сареву савдое» аз чоп баромад, ки ҳикояҳои ҳаҷвӣ ва мутоиботи ӯро дар бар мегирифт. Ва хонанда то нашри маҷмӯаи «Кини Хумор» Ӯрун Кӯҳзодро асосан ба сифати ҳаҷвнавис мешинохт. Дар ин маҷмӯа низ чанд ҳикояи ҳаҷвии нависанда ҷой дода шудааст, ки як навъ назари мутоибаомези ӯро ба амалу кирдори баъзе тоифаи одамон ифода мекунад. Нависанда дар ҳикояҳои ҳаҷвиаш асосан чоплусӣ, хушомадгӯӣ, ришвахорӣ, тамаллуққорӣ барин хислатҳои нописанди инсониро зери неши таъриз, киноя ва масхара қарор додааст, ки ҳикояи ҳамноми маҷмӯаи аввали нависанда–«Сареву савдое» беҳтарини онҳост. Ӯрун Кӯҳзод дар ҳаҷвияҳояш инсонро масхара намекунад, балки инсонҳои камзарар бо

амалу кирдорашон дар тасвири нависанда худро мавриди масхараву мазҳака қарор медиҳанд.

Баъд аз нашри маҷмӯаи аввал Ӯрун Кӯҳзод тадриҷан ба насри ба истилоҳ ҷиддӣ гузашт ва чанд ҳикояву повест навишт, ки «Роҳи ағба» аз нахустин асарҳои калонҳаҷми ӯ мебошад. Нависанда дар ин асар ба тасвири кору зиндагии деҳотиён пардохта, ба ин восита назарашро ба баъзе аз паҳлуҳои воқеияти рӯзгори муосирони мо баён медорад. Қаҳрамонони асосии ин повест чӯпонон ва роҳбарони хоҷагӣ ҳастанд. Нависанда дар зимни тасвиркорӣ зиндагии чӯпонҳо, ахлоқи ононро ифшо месозад. Нависанда бо тасвири муносибати зердастон сарварон унсурҳои зиёновари волюнтаризмро маҳкум карда, одамият, ахлоқи ҳамида ва маънавияти бои даҳмардаҳоро бо баъзе аз роҳбарони худхоҳу манфиатҷӯ муқобил мегузорад. Ин повести Ӯрун Кӯҳзод дар шинохти хилқати инсон, махсусан ҷаҳони маънавии вай қадами аввал буд.

Дар повести «Андешаҳо дар танҳоӣ» ҳарчанд мавзӯву масъалаҳо дигар аст, нависанда аслан ҳамон консепсияи ғоявиро дар шинохти воқеияти сарнавишти инсон идома медиҳад. Нависанда дар ин повест «масъалаи ба дараҷаи ҳаёти имрӯза баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар мактабро ва умуман беҳтар кардани кори маорифи халқ ва маданияти деҳот»-ро мавриди таҳқиқи бадеӣ қарор додааст» (83, 69). Зимнан бояд бигӯем, ки баъдтар нависанда номи ин повестро дигар кард ва «Кини Хумор» номид. Ба ифодаи академик М.Шукуров ин асар «дар роҳи тадқиқи бадеии характери ҳамзамонони ҷавони мо амиқтар шуда истодани асосҳои таҳлилии насрро нишон медиҳад» (115,20). Ба назари мо ин фазилатҳои насри Ӯрун Кӯҳзод аз повести дуввуми ӯ «Писанддара» (1974) шурӯъ мешавад. Дар ин повест зиндагии бемаънавият ва шаклҳои зуҳури он, тангназарию кӯтоҳбинӣ, бекорнишинӣ барин хислатҳои нописандидаи муосирони мо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Нависанда ин хислатҳоро ба шаъни инсон зебанда намедонад. Нависанда кӯшиш мекунад, ки одамонро ба худашон шиносонад. Ба ин мақсад зиндагии хароб ва бемақсади қаҳрамононашро

тафсир мекунад ва таъкид месозад, ки инсон бо чунин зиндагии ҷоҳилона моҳияти инсонии худро тадриҷан аз даст медиҳад. Ба ифодаи дигар, ин қисса мисраи Бедилро ба ин мазмун тафсир сохтааст одамӣ як лаҳза аз худ ғофил шавад, хар мешавад.

Асарҳои аввалини Кӯҳзодро хонда, кас ба чунин хулоса меояд, ки барои ин нависандаи ҳунарманд аз оғоз як душмани маънавие будааст, ки онро метавон қаҳрамони мавҳуми осори ӯ ба қалам дод. Ин қаҳрамони мавҳумро мо ҳам дар амалу кирдори қаҳрамонони физикӣ ва ҳам сухани нависанда метавонем кашф кунем. Барои кашф кардани ин ҳадаф нависанда ба мо ёрӣ мерасонад. Нависанда дар повести «Кини Хумор» дар баробари хонанда чунин суол мегузорад: «Магар он одатҳое, ки замони нав ба муқобилаш қиём кард, ба қатори душманҳо намедарояд?» Ва дар повест ба ин савол ҷавоб медиҳад.

Дар повест мо бо муаллими навкоре вомехӯрем, ки як сол қабл мактаби олиро тамом кардаву дар як деҳаи кӯҳистонии дур ба таълиму тарбияи наврасон машғул аст. Номи ӯ Исфандиёр мебошад. Мо аз амалу кирдори ин қаҳрамони ҷавон ҳис мекунем, ки вай дар зиндагӣ каси содда нест, балки хеле ҷиддиву ҳақшинос аст ва ба моҳияти неку бад бисёр ҳам хуб сарфаҳм меравад. Хилқати инсонии онҳое, ки дар атрофаш ҳастанд ва бо ӯ кор мекунанд, ӯро дилтанг месозад. Худро дар дунёе ҳис мекунад, ки агар давом кунад, зиндагиро фалаҷ месозад. Ба ин маънӣ, масъалаи асосӣ дар ин асар муносибат ба зан, шаъни инсонии вай, худогоҳии инсонӣ ва иҷтимоист. Ин муамморо нависанда ба воситаи тасвири образи Хумор дурусту воқеӣ ҳал мекунад. Хумор ҷавонзанест, ки худованд ба ӯ ҳам ҳусн додаву ҳам ақлу фаросат. Вале дар муҳити хонаводаи шавҳари ӯ ин чизҳо кор намеоянд. Бинобар ин ҳам бо он ҳама дороиву печидагию пӯшидагӣ ва либосҳои рангобаранг ҳеҷ чиз ба дили ӯ намеғунҷад. Мо ҳолу ҳавои Хуморро аз нигоҳи Исфандиёр ва омӯзгори хушзавқу коршинос Вера мешиносем. Суоле ба миён меояд, ки чаро нависанда бевосита ҷаҳони ботину зоҳири Хуморро ба мо намоён накард? Баъзе аз мунаққидон, аз ҷумла, М.Шукуров ин ҳодисаро аз

камбудиҳои асар донистаанд. Ба назари мо ин тавр нест. Аз рӯи мантиқ ва тақозои муҳити маънавии Хумор аст, ки ҳамеша дар таъқиби вай буд ва метавонист зиндагии ӯро бадтар аз ин созад. Ин ҷо ба навъе нависанда ба ин духтарак тараҳҳум кардааст, зеро дилаш сахт ба ӯ месӯзад. Дили нависанда ба Хумор месӯзад ва таассуф мехӯрад, ки чаро бо ин ҳама ҳусну малоҳат ва ақлу фаросат зиндагии Хумор бе мақсаду худаш беиродаву фармонбардор аст. Нависанда ин бемориро ба тарбияи хонаводагӣ вобаста медонад. Хумор дар муҳите, ки одамро гапдаро ва гапшунав тарбия мекунад, ба воя расидааст. Аз ин ҷиҳат ҳамеша сараш ҳаму дилаш пуралам буд. Иродааш низ дар дасти худаш не, дар дасти падар, модар, шавҳар ва акрабои дигараш. Таомули аҷдодӣ ӯро «ҳамчун фард, ҳамчун шахс» беқурб карда, «бозичаи дасти дигарон» сохтааст. Исфандиёр ва украиндухтар Вера дар бораи қисмати Хумор фикр мекунанд, ба андеша мераванд.

Ин ду қаҳрамон нафақат дар андеша, балки дар амал низ фаъоланд. Онҳо бо хислати ҳақшиносӣ ва баҳо дода тавонистан ба вазъият Хуморро тадриҷан дигар мекунанд. Дар дили ӯ ошӯб андохта, ба амалаш қатъият мебахшанд. Зимнан бояд гуфт, ки мо ҳамин гуна қаҳрамононро дар эҷодиёти Кӯҳзод ёд дорем. Санавбар дар ҳикояи «Никоҳ бо корд» ва Нурбибӣ аз «Пули ларзон» духтарони исёнкоранд. Вале симои ботин ва зоҳири Хумор аз онҳо фарқ дорад. Таъсири муҳит ва натиҷаҳои мусбати онро мо дар хислати Хумор зиёдтар мебинем. Мебинем, ки Хумор метавонад миёни неку бад фарқ гузорад, аз ҳама муҳимаш вай фикр кардану андешидан метавонад. Дар повест ин паҳлӯи хислати қаҳрамон зина-зина инкишоф меёбад ва дар боби ҳаждаҳи повест нависанда «моҳияти зиндагии Хумор ва пояҳои гуногуни инкишофи шуури вай»-ро нишон медиҳад.

Хумор қисмати хешро дар оинаи нокомиҳояш дида, ба қадри худ месӯзад ва маҳз ҳамин сӯхтанҳо ӯро ба сарҳади худшиносӣ наздик меоварад. Мебинад, ки ӯ хӯсае беш нест, на фақат бозичаи дасти дигарон, балки бозичаи қисмат низ ҳаст. Вай дар ҳамин ҳолати рӯҳонӣ

пай мебарад, ки озод нест, мутеъ аст ва ҳеҷ гоҳ хоҳишҳояшро амалӣ карда наметавонад. Дар такмили хислати ӯ саҳми Вера хеле калон аст. Вай нафақат ба воситаи ибрати шахсӣ, балки бо нақлу ҳикояҳояш аз сарнавишти занони ҷасур ба Хумор талқин мекунад, ки бояд зист, бояд лаҷоми тақдирро ба дасти худ гирифт, аз маҳкамаи рӯҳи мутеъ берун рафт.

Сабабгори бадбахтиҳои Хумор аввалқадам падари ӯ – Раҷаби Сафои қамарӣ аст. Ин марди инқилобӣ, ки дунёи кӯҳанро дигар карда, бисёр воқеаҳоро аз сар гузаронида буд, барои фарзандаш дари бахтро кушода натавонист, дурустараш кушодан нахост. Чеҳраи инсонии ин гуна шахс бисёр мураккаб аст, вале мутаассифона, нависанда ба ифшои рози дили ин қаҳрамонаш муваффақ нашудааст. Ба ҳамин сабаб мо наметавонем ба саволи – сабаби ин ҳама кӯрдиливу ҷаҳолати Раҷаб чист? – ҷавоби равшан ва дуруст гирем.

Ба назари донишманди адабиёт Муҳаммадҷон Шукуров аҳамияти ин повест дар адабиёти тоҷик аз он иборат аст, ки нависанда «баъзе масъалаҳои муҳимми ҳаётии инсони имрӯзро ба миён гузошт». На фақат ба миён гузошт, балки «умдатарин масъалаҳои доимии ҳаётро аз қабили ин ки инсон бояд чӣ гуна бошад, мақсад аз зиндагӣ чист, чӣ чизеро бахт номидан мумкин аст ва ҳоказо дар асоси талаботи замони мо муҳокима кардааст» (115, 48).

Дар повест ба ғайр аз Исфандиёру Вера, Хумору падараш боз чеҳраи дӯсти падари Хумор – Ҷӯра Тӯрабоевич, ки инсони ҳаромхӯру ҳаромкор аст, муаллимони беҳунар Талбонову Талбаков ва ашхоси дигар тасвиркорӣ шудаанд. Дар муқобилаву қиёсҳои ин афрод моҳияти ҳастии инсонии онон ошкор мегардад. Вале дар ин миён Исфандиёру Вера бо собитқадамӣ, дурандешӣ, покахлоқӣ ва масъулиятшиносӣ билкул фарқ мекунанд. Онҳо ҷавонони масъул ва ҳақшиносанд. Худро дар назди ҷомеа ва афроди ҷомеа масъул мешиносанд.

Ин повести Кӯҳзод боз аз он ҷиҳат ҷолиби диққат аст, ки дар он аввалин бор дар адабиёти тоҷик масъалаҳои мактабу маориф, усули

таълим, роҳҳои омӯзишу парвариш ба муҳокимаи бадеӣ кашида шудааст. Ин масъалаҳоро нависанда дар партави зиндагии шикастаи Хумор ба тасвир гирифта, аз он натиҷаи дуруст мебардорад.

Исфандиёр муаллими адабиёти мактаб аст. Мисли ӯ муаллимон бисёранд, вале кам касоне ҳастанд, ки дар бораи мактабу маориф, қисмати фарзандони мардум, самараи фаъолияти худ меандешанд. Исфандиёр инсони огоҳ ва фаъол аст. Вай бисёр мехоҳад муҳити маънавии мактаб, усули таълиму тарбия дигар шавад. Махсусан, аз усули таълими фанни адабиёт, ки ихтисоси ӯсту дӯсташ медорад, розӣ нест. Суоли ӯ ин аст, ки чаро шогирдони мактаб даҳ сол мехонанду ба ҷуз чанд санади тарҷумаиҳолии адибон дигар чизе ёд намегиранд? Чаро мактаб ба таълими мағзи андешаҳои шоиру нависандагон машғул нест? Ва ғайра. Дар ин пурсишҳои маънавиаш вай ба хулосае мерасад, ки мактаб метавонад ба шогирдонаш раҳнамои роҳи саодат бошад, на ин ки сабаби бадбахт шудани онҳо гардад. Ва бо ин хулосаҳо яке аз сабабҳои бадбахтии Хуморро дар якрӯягии кори таълиму тарбия мебинад. Андешаҳои Исфандиёр моҳияти ҷамъиятӣ доранд. Вай бо камоли ҷуръат ва ҳиммат мехоҳад вазъияти нобасомони мактабро ислоҳ кунад ва заррае бошад ҳам, ба пешрафти маънавияти инсонҳо коре карда бошад. Исфандиёр дар асар шахсияти некбин аст. Вай аз ноомадии кор дилозурдаву сарддил намешавад, балки шиораш ҳамеша ин аст, ки «беҳ шуд, боз беҳтар мекунем».

Ин ҷо як камбудии ҷиддии повести «Кини Хумор»-ро бояд зикр кард. Нависанда бештар ба ифшои андешаҳои қаҳрамони асосӣ машғул шуда, фаъолияти амали ӯро маҳдуд кардааст. Ва М.Шукуров дуруст мегӯяд, ки «мо Исфандиёрро асосан дар сари фикру андеша мебинем» ва аз фаъолияти амалиаш кам хабар дорем, он ҳама принсипҳои ҳаётиашро дар амал чӣ тавр ҷорӣ кардани ӯ асосан номаълум мемонад. Аз ин ҷо чунин тасаввур пайдо шуданаш мумкин аст, ки мавқеи ҳаётии фаъолонаи қаҳрамон ҳанӯз мукаммал нест» (116, 52).

Бо вуҷуди ин метавон мулоҳизаи ҷамъбастии нависандаи шодравон Фазлиддин Муҳаммадиевро, ки дар ҳамоиши ҳаштуми нависандагони Тоҷикистон баён дошта буд, иқтибос кард ва он сухани ҳақ ва охирин дар ҳаққи ин асар мебошад. Ӯ гуфта буд, ки «Ӯрун Кӯҳзод низ, хушбахтона, дар роҳи дурусти эҷодист, дар роҳи такомулот ва ҷустуҷӯҳои тоза. «Андешаҳо дар танҳоӣ»-аш аз андешаҳои амиқ шаҳодат медиҳанд, гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ саъй дорад ҳамасрон, ҳамватанони ҳамчун гражданин фаъоли моро ба қалам диҳад» (54,28).

Асари дигари бисёр ҳам ҷолиби Ӯрун Кӯҳзод «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз» аст, вале мутаассифона, бо тазъиқу фишорҳои зиёд баъд аз навишта шуданаш ба чоп расид. Бо дастгирӣ ва пешсухани Фазлиддин Муҳаммадиев аввал дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ва баъд дар шакли китоб чоп шуд. Фазлиддин Муҳаммадиев дар ҳамон суханрониаш гуфта буд, ки «Кӯҳзод аз эродҳо ба повести «Як рӯзи дароз…» ба таври бояду шояд хулоса баровард. Повест аз ҷасорати нависанда дар ҳалли мавзӯъҳои мураккаб ва душвор, аз афзудани қувваи тасвири вай ва хусусан тасвири рӯҳияи инсон далолат медиҳад» (54,28). Аз ин гуфтаи нависандаи фақид як суол дар миён аст: чаро повест дар шакли аввалааш чоп нашуд ва нависанда «ба таври бояду шояд» хулоса бароварда, асарашро дар чӣ ҳол ба чоп расонид? Маълум мешавад, ки Ӯрун Кӯҳзод то ба охир нусхаи писандидаи худашро чоп карда натавониста будааст.

Мо ин санадро барои он овардем, то хонанда бояд донад, ки дар вақташ на фақат Ӯрун Кӯҳзод, балки бисёр нависандагон озодии комили суханро дар ихтиёр надоштанд. Асарҳои онҳо бо ихтиёри идораҳои хос дар шакли ихтисор чоп шуда, ақидаю орои онҳо таҳриф мешуд.

Дар повести «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз» қаҳрамони асосӣ устод Садриддин Айнӣ мебошад. Нависанда ҳолати Айниро дар як рӯзи таърихӣ, ҳаштуми апрели соли 1917, ки «аз номи тамоми мулку миллат бо худ баҳсу талош дошт» (36,32), ба қалам додааст .

Назар ба пайбурди мунаққид ва адабиётшинос Абдухолиқ Набиев «нависанда пайванди Айниро ба муҳимтарин ҳодисаҳои давр:

маорифпарварӣ, ҷадидия, таҳлили ҷиддӣ карда, дар таҳтушшуури ӯ суст шудани бовар ба дин («ба умеди худо нашаву буттаро дор») ва ба хулосаи Мулло Амон, ки «шамшерро бо шамшер бурранд» мегуфт, розӣ шудани ӯро чун зинаҳои инкишофи фикрии вай ба хубӣ нишон дода тавонистааст» (59, 90).

Зимнан бояд гуфт, ки агар нависанда кӯшиш карда бошад, ки «суст шудани боварии Айнӣ ба динро нишон диҳад, ин амали ӯ аз воқеият дур аст. Аввалан мо медонем, ки Айнӣ аз давраи бачагиаш на ба дин, балки ба хурофотҳои динӣ эътиқод надошт, ки намунаи чунин фикри ӯ ҳамон ҳикояи «Аҳмади Девбанд» мебошад. Сониян, ҳақиқат ин аст, ки Айнӣ аҳкоми шариатро аз ибтидо то ба охири умраш риоят мекард» намоз мехонд, рӯза медошт, аз маърифати исломӣ, ахлоқи исломӣ ҳимоят мекард. Аз ин ҷиҳат ин гуна назардошти нависандаи повест ба ҳақиқат рост намеояд.

Дар оғози сухан оид ба сохти ин повест метавон гуфт, ки вай «бо тарзи тартиб додани сужет ва композитсия ба як навангезӣ» (76, 85) даст ёфт. Ин навангезӣ дар он зоҳир мешавад, ки нависанда тарзи анъанавии сужетофаринию композитсиясозиро мешиканад. Сужет ва композитсияи повестро на ҳодисаву воқеаҳо, балки андешаронӣ ва фаъолиятмандии фикрии қаҳрамони асосӣ, яъне устод Айнӣ ташкил медиҳад. Сужет ва композитсия ба воситаи монологи ботинӣ муайян мешавад. Ин повест асари таърихии ҳозирамавзӯъ аст. Ба ин маънӣ, ки ақидаю орои қаҳрамони асосӣ, ормонҳои нависанда низ буда, аҳамият ва арзиши имрӯзӣ низ дорад.

Кӯҳзод тавонистааст, ки барои ифодаи замон сарнавишти як шахсияти воқеии таърихиро санги маҳак қарор диҳад ва дар ин замина нависанда ба мақсади худ расидааст. Дар повест як рӯзи сарнавиштсози зиндагии қаҳрамон тасвир шуда, ба ин восита нависанда муваффақ шудааст, ки муҳимтарин ҳодисаҳои давр, ки бо сарнавишти қаҳрамон алоқаи бевосита доранд, истинод кунад ва пайванди Айниро бо Ҳайрат, Барно, шиносоиаш бо Садри Зиё ва доираи адабии ӯ, бо Аҳмади Дониш

ва «Наводир-ул-вақоеъ»-и ӯ, давраи мадрасахонию мударрисӣ, тартиб додани китобҳои нави дарсӣ, кушодани мактабҳои нав, ҳам ақидаҳои иҷтимоии адибони пешин, таъсири инқилоби соли 1905-и рус ба муҳити Бухоро, сиёсати берунии амиру аморат, муносибати мустамликахоҳии Россия, шӯришҳои халқӣ ва таъсири революцияи феврал ва ғайраҳоро ба муҳокима мекашад. Аз ин мавқеъ масъалае, ки нависанда дар асар ба миён гузошта ва ҳал кардааст, масъалаи шахс ва таърих буда, на фақат сарнавишти Айнӣ мавриди назар аст, балки ҳодисаҳоеро, ки то апрели соли 1917 ба сари мардуми кишвари Бухоро омада буд, низ мавриди таҳқиқи бадеӣ қарор гирифтаанд.

Хати дигари сиёсие, ки вобаста ба сарнавишти Айнӣ кашида шудааст, назари муаллифро ба савияи ҳаракатҳои тағаддудхоҳӣ дар аморати Бухоро ифода мекунад. Бо тавсифи ҳаракатҳои тозаи тағаддудхоҳӣ нависанда ғояи муттаҳидшавии онҳоро талқин месозад, ки аз сарнавишти Айнӣ ҷудо набуд.

Қаҳрамони асар, фарзанди бузурги халқ – Айнӣ дар тасвири нависанда сахт дар қабзаи андеша аст. Дилаш ба ҳоли халқу кишвар месӯзад. Сар то сари Бухороро пур аз тазодҳои қисмати одамӣ мебинад. Аз ғами кишвараш, ки пур аз «… ҳиндуҳои судхӯр, сарбозони муфлис…, мадрасаҳои боҳашамат, толибилмони номурод, шоирони силкасал…, арбобони торочғар…» дилаш об шуда ва аз ин ҳолат ба шӯр меояд. Ин ҳама аз ҷониби нависанда бо сароҳат қаламкорӣ шуда, хонандаро сахт ба андеша мебарад. Мо аз тасвири нависанда дармеёбем, ки чӣ бори вазнини шоду ношод дар рӯҳи Айнӣ соя андохта, ӯро сахт озор медиҳад. Нависанда барои ҳолати рӯҳии Айниро нишон додан тазодҳои армонии ҳаёти Айниро пеши чашми ӯ зинда медорад. Айнӣ Мирзо Икроми мардро пеши чашм меорад, ки ба ӯ ёрии беғаразона карда буд, чеҳраи муллои ҳамсояҳуҷраи бадкирдору номард ба ларза меояд. Фосиқиҳову фоҷиаҳои амиру амирзодагон қалбашро мефишорад. Маросими хонадоршавии Мулло Мирак ва муносибати амир – он фосиқулахлоқи «Сояи Худо» ҷигарашро шарҳа-шарҳа месозад.

Кӯҳзод ба ин восита тавонистааст, ки зулми иқтисодӣ, ахлоқӣ ва маънавии зимомдорони дунёи кӯҳанро хеле равшан таҷассум кунад ва барои муборизаи қаҳрамон замина созад, ки аз ҳақиқати асл берун нест. Муборизаи Айнӣ бар зидди манғитиён муборизаи маънавист, бинобар ин ҳам ҳукми ӯ чун ҳукми таърих садо медиҳад. Айнӣ меандешад «… амирони манғит ба Бухоро чизе наоварданд… Бухоро дар даврони онҳо ҳар чӣ дошт, ҳамаашро барбод дод…»

Айнӣ дар повест дар фоҷиабартарин лаҳзаи умраш тасвир шудааст. Ӯ медонад, ки «дар пеш ҷар меистаду дар пас табар, роҳи халосӣ ғайри тасаввур аст. Бинобар ин мисли гунги хобдида дар тасвири Кӯҳзод ба мурофиа мепардозад: қазовати ӯ қазовати таърих аст ва дар мурофиа амир Олимхон ҳам ширкат дораду Насрулло-қушбегӣ ҳам ва Иммоқулбеки раис низ. Ва аз ин мурофиа ошкор мешавад, ки Насрулло-қушбегӣ нисбатан одами дигар аст, воқеъбину ҳақшинос. Бесабаб набуд, ки амир кайҳо пай бурда буд, ки дар зеҳни ӯ чунин фикре ҳаст: «ҷаҳолату қабоҳат ҳеҷ вақт роҳи соҳиби давлатдорӣ набуд». Ва ин гузориши худаш сари Насрулло-қушбегиро хӯрд. Бо ин далелҳо нависанда марги воҷиби аморатро таъкид месозад. Дар ин замина мо бо ҳиссиёти пешакӣ дармеёбем, ки «як рӯзи ҳаёти қаҳрамони марказӣ фоҷиаомез бошад ҳам, аз он на оҳанги ғаму ноумедӣ, балки азми идома додани муборизаи яроқнок, бовар ба маҳвнопазирии халқ» садо медиҳад. Аз нияти нависанда пас аз тасвиркориҳои дилангезу баандешаовар чунин натиҷаи рӯҳбаландкунанда гирифтан мумкин аст.

Ӯрун Кӯҳзод ин қиссаи дилангез ва маърифатбахшро бо камоли ҳунар, дилсӯзӣ ва ҳамиятхоҳӣ навишта, саҳифаҳои таърихи адабиётро бо як асари хонданишту андешиданӣ ғанӣ сохт.

«Ҳам кӯҳи баланду ҳам шаҳри азим» (1983) нахустин романи Ӯрун Кӯҳзод аст. Роман дар мавзӯи рӯз аст, вале имрӯз дар оинаи таърихи начандон дур тафсир мешавад. Академик М.Шукуров ба ин асар баҳо дода, аз ҷумла, гуфта буд, ки дар ин роман «идеалҳои революотсия меъёри баҳои инсон қарор ёфтанд» (115, 344). Ин воситае будааст, ки нависанда

дар офаридани характери ҳамзамонон аз он истифода кардааст. Ба ифодаи дигар, муаллифи роман хилқати қаҳрамононашро дар оинаи оғозгоҳҳои ҳастии маънавии халқ мебинад. Вақте ки романро мехонем, мебинем, ки қаҳрамони асосии роман Баҳром ҳангоми андешаронӣ дар бораи хислати одамони муосири мо, ночор ба замонҳои гузашта, айёми ҷавониаш, амалу кирдори одамони он замон руҷӯъ мекунад. Вай бародараш Исломро, ки барои барпо кардани сохти нав ҷонфидоиҳо кардааст, ба ёд меоварад. Нависанда ба воситаи образи Баҳром пешаҳои иҷтимоии муборизаи инсонро барои устувор сохтани одамият нишон медиҳад. Дар ин замина ҳофизаи таърихии Баҳром зиндаву корсоз аст. Ва сарнавишти бародари калонаш Ислом барои ӯ оинаи ибрат мебошад. Вай Исломро ба ёд меорад, ки командири сурх, ревком буд ва барои мустаҳкам шудани ҳокимияти нав ҷонбозиҳо карда, ниҳоят қурбон шуд. Нависанда идеалҳои инқилобро аз забони Ислом бо шиору даъватҳои он вақт шоеъ ифода кардааст. Дар роман мо бо тасаввуроти табақаҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла, деҳқонон оид ба Инқилоб ошно мешавем. Дар ин замина ин мулоҳизаҳо натанҳо андешаҳои Исломро такмил мебахшанд, балки нависанда мехоҳад як будани назари халқ ва барномаҳои сиёсии ҳукумати вақтро низ нишон диҳад. Дар роман хислати қаҳрамон дар заминаи ормонҳои инқилобӣ, ки хости халқ низ будааст, шакл мегирад.

Нависанда барои фикри бадеии худро исбот кардан ду гурӯҳи инсонҳоро ба амал вомедорад. Гурӯҳе, аз қабили Баҳром, Ислом, академик Ғиёс Мансурзода, Ҳурматбибӣ ва дигарон барои ҳофизаи таърихии Баҳром бо гузашта ва имрӯзашон оинаи ибратанд. Гурӯҳи дигар – Нурулло, Абдушаҳид, Қӯзиев, Деҳқонов ва чанди дигар оинаи нафрат ва худсофкунӣ ҳастанд. Дар ҳамин замина роман ба майдони кашмакашиҳои ахлоқиву маънавӣ мубаддал мегардад, ки ин кашмакашҳо моҳияти ахлоқӣ ва сифатҳои инсонии ин ду гурӯҳи мутазоди қаҳрамононро ошкор месозад.

Аз оғози роман Абдушаҳид, ки «роздону розпӯш»-и давраи бачагии Баҳром буд, ҳофизаи замони бачагиашро ба ҳаракат меоварад. Мо дар оғози роман мебинем, ки ҳофизаи Баҳром кӯтоҳ нест. Вай ба гузашта таваҷҷӯҳи хосе дорад. Ҳама чизро дар тарозуи ёдҳову амалу кирдорҳо бар мекашад. Ҳафт бор чен мекунаду як бор мебурад. Чеҳраи Абӯшаҳид, амалу кирдори ӯ воситае мешавад, ки ҷаҳони ботину зоҳири Баҳром кушода гардад. Мо дармеёбем, ки ӯ мисли падараш – Холиқ инсони ҳалол аст. Падарашро низ барои «ҳалолкору ҳалолхӯр» (с. 21) буданаш мардум Холиқи Соф мегуфтанд. Ва писар аз падар ҳамин сармояро ба мерос гирифтааст. Бинобар ин амалу кор ва манфиатхоҳиҳои Абӯшаҳид барин ашхос барояш писандида нест.

Дар роман мо ба чеҳраи азизу шарифи олими ҷӯяндаву ҳалолкор Ғиёс Мансурзода рӯ ба рӯ мешавем, ки ғами халқу миллат мехӯрад. Деҳ ба деҳ, шаҳр ба шаҳр гашта, осори таърихӣ гирд меоварад. Ва ин мард бо Баҳром ҳамфикру ҳамандеша аст. Мо сифатҳои инсонии бародари калонии Баҳром Исломи қурбони роҳи Инқилобро аз ёдҳои Баҳром дармеёбем ва итминон пайдо мекунем, ки шояд дар мавқеаш ӯ ҳақ буд. Вале пурдарду пурмаънитарин ёддошт дар бораи Ислом «зам-зама» -и кампири Назира –модари Ислом буд. Ин замзамаро пиразан дар сари гаҳвораи писари Баҳром, ки баъди ҳаштсолагӣ рӯи падари ба ҷанграфтаашро дид, мехонд: «Амакат паҳлавон буд, марди майдон буд, номаш Ислом буд, ибрати дигарон буд… Сипас вай дар ҳикояташ сифат мекард, ки Ислом ҳимматбаланд буд, аз худ мегузашту ба дигарон мерасид. Паи моли дунёву ҷоҳу ҷалоли дунё намегашт. Боинсоф буд ва ҷон фидо кард, надидаву наомӯхта намегуфт. Ба айби худ бино буд ва ҷон мекоҳонд, ки ҳама аввал айби худро дида тавонанду баъд ба дигаре ёд диҳанд, зеро ёд додани беибрат бақое надорад. Вай касеро ба ифрот ситоиш намекард, чизи намондаашро намегирифт. Ҳар чи ба худ раво намедид, ба дигарон намеписандид. Ба нони дигарон чашм ало намекард, нони худро аз дигарон дареғ намедошт ва ҳарҷо муфтхӯреро бинад, ҷазояшро додану ба инсоф овардан мехост… Аҳдро бо вафо яке

медонист… Ёронро вақти хашму ғазаб меозмуд, ёрони навола, дӯстони пиёларо бад медид…» Бубинед ин суханони кампир ба ёрии мо оини ҷавонмардиро меоварад, ки имрӯз дар китобҳои «Оини ҷавонмардӣ» мехонем. Барои нависанда ин гапи хушку холӣ не, балки диққати хонандаро ба оғозгоҳи муқаддасоти ахлоқии халқ ҷалб кардан аст. Ва натиҷаи судманди ин маънавиётро дар мисоли сарнавишти қаҳрамонҳояш нишон додан аст, ки дар ин равиш, албатта, комёб шудааст. Ба ин тариқ Ислом яке аз шахсиятҳои тавонои романи Ӯрун Кӯҳзод «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим» аст.

Дар қатори Абӯшаҳид Қӯзиев, ки одамони нописандида ҳастанд, мо ба шахсияти маккору муғамбир ва дӯстнамо Деҳқонов рӯ ба рӯ мешавем. Нависанда дар тасвири ин образ то ҳадде ба муваффақият ноил шудааст. Деҳқонов типи ҳамон ашхосест, ки бо дурӯғ, тӯҳмат дар замонаш номи ҳазорон одамони бегуноҳро сиёҳ карда, боиси озору алам ва бадбахтиҳои пайвандони онҳо шудааст. Мо аз тасвири нависанда дармеёбем, ки Баҳрому академик Ғиёс Мансурзода олами дигаранду Деҳқонов дигар. Мутаассифона, онҳоро муҳити илмии Шӯравӣ парвариш кардааст. Чаро аз ҳамдигар фарқ доранд? Ба ин суол дар роман ҷавоб пайдост. Нависанда онҳоро зодаи муҳити дурӯя ва мунофиқонаи ҷомеа медонад, ки ба Деҳқонов барин ашхос ҳамавақт майдони амал муҳайё месозад. Ва маҳз ҳамин муҳити дурӯя ва майдондорони он шароитеро омода мекунанд, ки дар зиндагии ҳафтодсолаи олими маъруф Ислом Холиқзода ҳамон Деҳқонове, ки умре барои Баҳром чоҳ меканд, борҳо боиси озору алам кашиданҳои вай шудааст, акнун дар ҳаққи ӯ бояд сухан гӯяд. Ин дурӯғи ростнамо зарбаи сахти маънавие буд барои Баҳром дар фарози умри пур аз шодиву ғамаш.

Ӯрун Кӯҳзод нависандаи закӣ ва дар тасвир дақиқназар аст. Вай дар корбасти забон ба андозае дақиқу покизакор аст, ки ҳарферо аз навиштаи ӯ берун андохтан ё афзудан ғайри имкон аст. Зиёда аз ин вай зиндагиро, забонро, расму оини мардумро хеле хуб медонад. Дар роман

аз хазинаи тасаввуроти мардумӣ, аз латифаву тамсил ва ҳикматҳои мардум фаровон истифода кардааст, ки ҳар кадоме дар кушоиши амалу кирдори қаҳрамонони асараш ёрӣ кардаанд.

Ӯрун Кӯҳзод шояд аз нависандагоне бошад, ки беш аз ҳама дар сари масъалаи ҳастии маънавии инсон фикру андеша меронанд. Консепсияи инсони бомаънавият тамоми навиштаҳои ӯро зеб медиҳад. Аз ин мавқеъ повести «Тақвими раҳгум» низ ҷолиби диққат мебошад.

«Тақвими раҳгум» (1987) номи мустаори повести Ӯрун Кӯҳзод нест. Ин ном маънии хости дили нависандаро бо камоли сароҳат ифода мекунад. Яъне нависанда мегӯяд, ки агар мо сари ҳисоби рӯзҳоро гум кунем, сари ҳисоби моҳу солҳоро низ гум хоҳем кард. Сари ҳисоби моҳу солҳоро, ки гум кардем, ҳисоби зиндагиро низ аз даст медиҳем. Ҳисоби зиндагиро, ки аз даст додем, бо фоҷиаҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки қаҳрамони повести ӯ Расули Якзарбро озор дода, бемор сохтааст.Воқеаҳои повест солҳои ҳаштодуми асри гузашта, аниқтараш солои 1982-и асри XX мегузаранд ва ба рӯзҳои мо низ тааллуқ доранд.Дар повест ду образи равшане ҳаст, ки яке дигареро тавзеҳ медиҳад. Инҳо Расули Якзарб – чеҳраи мусбат ва Аликул – чеҳраи манфии повест мебошанд.

Расули Якзарбро фасодкорӣ, ришвахорӣ ва бадахлоқие, ки муҳити ҷомеаи солҳои ҳаштодуми Шӯравӣ, аз ҷумла, ҷузъи он Тоҷикистонро фаро гирифта буд, сахт озор медиҳад. Ӯ дар ҳамин бора фикр мекунад ва ҳайратзада аст. Аз замони кӯҳна бисёр воқеаҳоро дар ёд дорад… Вале ин хелашро ёд надорад. Ёд надорад, ки фаслҳои солро фарқ карда нашавад; ёд надорад, ки одам аз нарасидани ҳавои соф ва оби тоза шикоят бикунад; ёд надорад, ки корчалониро кордониву бешарафиро шарафу ҳаромхӯриро ҳунар ва мояи фахр шуморанд.

Насри Кӯҳзод, аз ҷумла, ҳамин повест ҳам саршор аз оҳанги публисистист. Нависанда нафақат воқеиятро бо ҳама хубиву бадиҳояш нишон медиҳад, балки роҳи ҳалли мушкилоти зиндагиро бозгӯ мекунад. Вай бисёр мехоҳад тағйире дар тафаккури хонанда ворид сохта, ба ин

васила муҳити ҷомеаро низ ислоҳ кунад. Аз ин мавқеъ агар повести «Тақвими раҳгум»-ро мутолиа кунем, мебинем, ки нависанда аз ҳолати иҷтимоъ месӯзад ва яке аз роҳҳои ислоҳи чунин вазъиятро дар маърифатнок кардани мардум мебинад. Дар ин равиш ҳикмати «кишти некии яксола, бақои некии даҳсола ва тарбия барои асрҳост»-ро аз зеҳни Сабур берун мекашад ва менависад: «Сабур вақтҳои охир … ҳамин ҳикмати кӯҳнаи мардумро, ки аз таҷрибаи рӯзгор дар давоми ҳазорҳо сол сайқал ёфта, бо чунин соддагии ҳайратбахшу гунҷоиши бетаг дар чанд калима ифода гардидааст, ҳамчун як маромномаи ҳаёт бисёр такрор мекунад – дар дил такрор мекунад, дар сӯҳбатҳо такрор мекунад ва ҳар қадар бисёртар такрор кунад, маънои ин ҷумлаҳо зиёдтару зиёдтар мешавад. Ва гаштаву баргашта маълумаш мешавад, ки дар ин олами васеъ муқаддамтарин ва муқаддастарин коре, ки одам мекунад, тарбияи одам аст, ҳарчанд ки барои зиндагии одамвор ҳам кишт даркор, ҳам бақо» (38,46). Ин талқини нависанда аст аз ёди қаҳрамони ӯ Сабур. Ва инро ба Алиқулҳо низ талқин мекунад, ки одам шаванд. Ҳамчунон ки «Алиқул дилпур шуд ва занҷирро кашид, буққа явошона аз дунболи ӯ равон гардид. Алиқул хурсандона қадам мезад ва фикр мекард, ки баъди якуним ду соат ба деҳа меравад. Онҳо, Алиқулу буққа, тахминан бист қадам оромона қадам заданд ва ҳамин дам зоғчаи бисёре қағ-қағкунон аз болои сарашон гузашт. «Зоғчаҳо тӯй дорад» - аз дил гузаронд Алиқул ва занҷирро ба миён баст. Басту қувваи азиме ӯро силтав дод, афтонд ва рӯи замин кашола кард. Зоғчаҳо бо ғавғо дар болои сар давр мезаданд, буққаи зотӣ девонавор медавид ва Алиқул монанди мола дар замини сахт боло мебаромаду поён мефаромад; аз зарби заду хез гоҳ ба паҳлӯ меафтод, гоҳ ба шикам ва гоҳ ба пушт. Вай гумон мекард, ки ӯро буққаи зотӣ кашола мекунад, ҳол он ки ӯро тӯфони ғазаби мардум афтондаву кашола карда мебурд…» (38,80). Ин аст он қазое, ки ба фикри нависанда, домани Алиқулҳоро хоҳад дошт.

Чунон ки дар боло ишора шуд, Кӯҳзод фаъолияти нависандагиашро аз ҳикоянависӣ шурӯъ кардааст. Нахустин ҳикояҳояш

низ дилангез буданд. Ҳам аз ҷиҳати забон ва ҳам мавзӯву мундариҷот. Дар болотар аз ҳамин гуна ҳикояҳои ҷолиби ӯ «Хомтамаъ» ёд кардем. Акнун чанд ҳикояи ӯро иҷмолан аз назар мегузаронем.

Муҳаммадҷон Шукуров ҳикояҳои Кӯҳзодро ҳикояҳои психологӣ (117, 34) номидааст. Яке аз чунин ҳикояҳои ӯ «Достони муаллим» мебошад. Дар ин ҳикоя қаҳрамони беном – фидоии роҳи мактабу маориф дар дами марг ба андеша меравад. Вай пеш аз он, ки аз дасти босмачиён кушта шавад, дар бораи ахлоқу одоби мардуми як деҳа, яъне Хунукчашма ҳукм мебарорад. Аз андешаҳои ӯ пай мебарем, ки мардуми ин деҳа муҳити хуби ахлоқӣ надоштаанд ва сабаби он кӯҳнагии назару андешаи онҳо будааст.

Нависанда дар баъзе ҳикояҳои зидди расму оини кӯҳна, хурофотӣ ва зиёновар сахт эътироз дорад. Масалан, дар ҳикояи «Пули ларзон» Нурбибӣ қурбони ҷаҳолат ва кӯҳнапарастии наздикон мегардад. Вай аз муҳити хонаводагие, ки занро ҷуз канизак ва чӯрӣ чизи дигаре намедонист, гурез ҷустанӣ шуда, худро аз болои пули ларзон ба дарё афканд. Пули ларзон рамзи маънавиест, ки ба заволи тасаввурот ва ақоиди кӯҳнаи зарарнок ишора мекунад.

Дар ҳикояи «Никоҳ бо корд» низ нависанда ба олами кӯҳнаи фикру андешаи онҳое, ки қаҳрамони ҳикоя Санавбарро намефаҳманд, писханд мезанад.

Ба назари нависанада Абдулҳамид Самадов, «ҳикояҳои солҳои охири Ӯ. Кӯҳзод бештар ҷанбаи публисистӣ доранд. Нависнада кайҳо ба тасвири якрангу субукбори зулфи ёр ва гулу сабза, оҳу воҳи хушки ошиқон падруд гуфта, бо сӯҳбати кушода ва суханҳои сода манбаи нобасомониҳои ҷомеа ва дар ин замина шӯрбахтиҳои инсонро ба кулли хонанда фаҳмондан мехоҳад. Ва ҷое ин сӯҳбат оҳанги тунду тези киноярро мегирад («Очаи бачаҳо») ва ҷое дарду алами ӯ муҷаррадду урён мешавад. Вале дар ин сафар мудом бо чарминапӯшу шинелпӯш аз дур мунозираву афту дарафт мекунад» (86,34).

Китоби «Тоҷикони имрӯза» шояд тозатарин навиштаҳои Кӯҳзодро фаро гирифта бошад. Дар ин китоб низ чандин ҳикояи аҷиб гирд оварда шудааст, ки як навъ ифодагари тағйири назари нависанда ба воқеияти таърихӣ, аз ҷумла, сохторҳои сиёсӣ ва имрӯза фоҷиаҳои Тоҷикистон мебошад. Дар ин замина ҳикояи «Гуреза» ҷолиби диққат аст. Хонанда қаҳрамони ҳикоя Нусрати Нуриёниро баъд аз оғози сохти нав «овораву саргардону гуреза» мебинад. Вале рақибони маънавии ӯ Саиди Чириқ ва Чарминапӯшу Шинелпӯш ҳамчунон дар мавқеияти худ устуворанд. Нуриёнӣ бар асари даргириҳои хунини кишвар хонаи ободашро партофта, ба зодгоҳаш мегурезад. Дар достон нависанда масъалаи фоҷиабори «ту омадаву ман таҳҷоӣ», «ту аз фалон маҳал ҳастӣ»-ро ҷасурона ва бо сӯзу дарди беохир ба миён мегузорад. Дар зимни ин моҷаро мо мебинем, ки фикри нависанда дигар аст. Акнун тафаккури вай дар шинохти воқеият дар савияи романи «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим» набуда, вай аз савияи эътирофи арзишҳои табақотиву сиёсӣ боло рафта, сабабҳои бадбахтиро дар муҳити ҷомеа ба таври сунъӣ дигар кардани сохти ҷамъият, дасти таарруз дароз кардан ба рукнҳои суннатии зиндагӣ ва табиат мебинад.

Ӯрун Кӯҳзод дар забон, тарзи сужетбофӣ, шинохт ва тафсири воқеият диди хос дорад. Сабки эҷодаш низ танҳо хоси ӯст. Мо аз ҳар сатри навиштаҳои ӯ самимият, андешамандӣ ва тараҳҳумписандиашро ҳис мекунем. Сатрҳояш муҳаббат ба зиндагӣ ва дӯстӣ ба одамон аст. Ислоҳи инсон ва муҳити зисти ӯ аз ҳадафҳои волои иҷтимоии ин нависандаи нозукхайёл ва тозаандеш мебошанд.

Сорбон
(тав.1940)

Сорбон зодаи деҳаи Амондараи ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ӯ 27-уми ноябри соли 1940 ба дунё омадааст. Баъди хатми Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент

дар факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил карда, онро соли 1963 хатм кардааст. Фаъолияти кориашро ҳамчун корманди идораи барномаҳои адабӣ-драмавии Кумитаи радио ва телевизиони Тоҷикистон оғоз карда, баъд дар нашриёти «Ирфон», «Маориф» ба сифати муҳаррири калон ва дар рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон» ба унвони хабарнигор фаъолият намудааст. Дар солҳои баъд асосан ба кори эҷодӣ машғул мебошад.

Солҳои шастро муҳаққиқони таърихи адабиёти тоҷик давраи пешрафтҳои назм ва наср донистаанд. Маҳз дар ин давра қувваҳои тозаи адабӣ – ҷавоншоирону ҷавоннависандагон ба адабиёт ворид шудаанд, ки бо шӯру шавқ ва фаъолиятмандии эҷодӣ фарқ мекарданд. Маҳз дар ҳамин давра Сорбон бо диди тоза ва сабки хос ба насри тоҷикӣ омад ва аввалин маҷмӯаи осораш, ки фақат аз ҳикояҳо иборат буданд, мавриди таваҷҷӯҳи алоқамандони адабиёт ва мунаққидон қарор гирифт. Ин китоб «Гап дар дил» ном дошт ва соли 1969 ба чоп расид. То нашри китоб ҳикояҳои Сорбон дар матбуот фаровон чоп шуда буданд ва дар атрофи баъзеи онҳо мубоҳисаҳо ба вуҷуд омада буд. Аз ҷумла, мунаққид Атохон Сайфуллоев дар мақолаи «Ҳаёт ва мавқеи нависнада» (Тоҷикистони Советӣ, 5 июли соли 1969) ҳикояи Сорбон «Гулзамон»-ро таҳлил карда, майдони ғоявии нависандаро зери танқиди сахт гирифт, ки дар мавридаш ба он боз мегардем.

Номи китоби аввали Сорбон «Гап дар дил» ба он ишора мекард, ки нависанда дар дил гапи гуфтание дорад ва гапи ӯ гапи оддӣ нест. Ӯ аз сарнавишти инсонҳо, ҳолу аҳволи онҳо метавонад чизи гуфтанӣ ва шуниданиро ба хонанда арза дорад. Ва воқеан ҳам ин маҷмӯа чизҳои хонданишт шунидани дошт. Муҳимтар аз ҳама «ҳикояҳои Сорбон аз ҷараёни асосии ҳикоянависии имрӯза (яъне солҳои шастум- шарҳи мо), ки иборат аз қувват гирифтани асоси психологии тасвир дар ҳалли масъалаҳои ахлоқи иҷтимоист, берун нест, балки ҳамин ҷараёнро бештар тақвият мекунад» (115,168).

Ҳамин тариқ, аввалин ҳикояҳои Сорбон «Хонаи ишқ барҷост», «Пирамард», «Гап дар дил», «Нақши рӯи барф», «Эътироз», «Гулзамон», «Бодбарак» ва ғайра бо тасвиру тадқиқи ҷузъиёти ҳаёт ва сарнавишти инсон, бо падид овардани ҳолатҳои мухталифи рӯҳии одамон диққатангез буданд. Танқиди адабӣ дар эҷодиёти нависандагон хусусиятҳои гуногун пайдо кардани тасвири психологиро қайд карда, бо асарҳои Сорбон ба адабиёти мо роҳ ёфтани яке аз анъанаҳои чунин усули тасвирро хотиррасон карда буд.

Сорбон дар яке аз ҳикояҳои хуби он солҳо навиштааш «Гап дар дил», мавзӯъ ва ғояи муҳиммеро ба хонанда арза дошта, ишқи аҷиб ва пурмаҷарои комбайнчидухтар Мағфиратро таъриф мекард. Мундариҷаи ҳикоя хеле содда ва ҳаётист. Мағфират, ки як ҷавонзани соиба аст, дар вақти ғалладарав ба Қазоқистон меравад. Ҳангоми кор бо ҳамдиёраш Раҳими шофёр шинос мешавад. Дар тасвири нависанда ин шиносшавии оддӣ нест. Миёни ин ду ҷавон ишқ тор метананд. Ҳамин ишқи поку беолоиши инсониро нависанда тавонистааст, бо тобишҳои хос тасвир карда, ҷилва диҳад. Муҳаббати Мағфират ба Раҳим дар оғоз поку самимӣ буд. Вале вақте ки ӯ ба ин ҳиссиёти покаш аз Раҳим ҷавоби сазовор наёфт, муносибати Раҳимро нисбат ба худ таҳқир дониста, ба ӯ бо нафрат нигарист, яъне ишқи самимию пок ба нафрати ҷӯшон бадал шуд. Ин нафрат зина ба зина боло рафта, кор ба ҷое мерасад, ки Мағфират ба зану фарзанди Раҳим мактуби қалбакӣ менависад. Нависанда дар чунин вазъияти душвор ҳолати рӯҳии Мағфиратро хеле хуб ва пурмаъниву табиӣ падид овардааст: аз як тараф, Раҳимро сахт дӯст медорад ва беэътиноии ӯро ба худ таҳқир дониста, қассос гирифтан мехоҳад, аз сӯи дигар, мебинад, ки Раҳим «марди бовафо» аст ва ба зану фарзандаш садоқати комил дорад. Ин ду эҳсоси ихтилофнок ӯро азоб ва озор медиҳад, чунки аз таҳти дил ба Раҳим дилаш месӯзад. Вале авҷи воқеа ин аст, ки зани Раҳим мактубро гирифта ба Қазоқистон меояд. Ва маҳз ҷасорат ва собитқадамии ин зани «кӯҳистони ҷонсахт»

ба дили Мағфират оташ зад. Назари ӯ ба воқеият дигар шуд. Эҳсоси шафқат ва тараҳҳум ӯро маҷбур сохт, ки ба Раҳим ва хонаводаи ӯ эҳтиром гузорад.

Ба вуҷуд овардани рӯҳияи тадриҷан тағйирпазири Мағфират дар ҳикоя, ошкор сохтани паҳлӯҳои тозаи ҳиссиёти пурихтилофи қаҳрамони он тозагии тасвири психологӣ буд, ки бо навиштаҳои аввалини Сорбон ба насри тоҷик ворид шуд. Муҳимтар аз ҳама нависанда «ба мураккаботи эҳсосоти қавӣ, ба ҷилваҳои нозуки ҳиссиёти зиддиятнок ва тағйирпазир чашми диққат дӯхтааст.»

Ишқе, ки Сорбон таблиғ мекунад, аз эҳтиросоти соддаю сохта дур нест, балки бо ҳиссиёти олии инсонӣ оганда мебошад. Илова ба ин Сорбон бо ҳикояҳояш дар мавзӯи ишқ назар ва воқеияти тозаи ҳаётиро, ки аз таъсири замона бархурдор аст, ба насри он солҳо овард. Дар ҳикояи «Хонаи ишқ барҷост» низ қувваи ишқи поки ду ҷавон бо тамоми иқтидор намудор мегардад. Барои Сорбон муҳим нест, ки падару модари ду ҷавони ошиқ Бозору Ширмоҳ зери таъсири тасаввуроти кӯҳна аз ишқи ошкори ин ду ҷавон нафрат мекунанд. Муҳим он аст, ки нерӯи ишқи покро, ки оинаи беғубори орзуву ормони ҷавонон аст, падид оварад ва ба ин муродаш расидааст.Дар ҳикояи «Пирамард» як воқеаи оддӣ тасвир мешавад. Вафои ба нафақа баромада бекор мемонад. Ин бекорӣ ӯро азоб медиҳад ва ба ноумедӣ мекашад. Табиист, ки ҳоло хуни гарм дораду кор карда метавонад. Ва ниҳоят ҳиссиёти солими зиста тавонистан ӯро маҷбур месозад, ки назди директори автобаза равад ва бо иҷозати директор автобуси кӯҳнаашро таъмир карда, ба роҳ андозад.

Дар ин ҳикоя мо чеҳраи комили инсонии Вафо-амаки умедпарвар,қавирӯҳ ва собитқадамро мебинем, ки бо кор зиндааст. Нависанда ба воситаи ошкор сохтани паҳлӯҳои ҳиссиёти ин мард, рӯҳи қавӣ ва зиндагисози онро нишон медиҳад.Тасаввуроти кӯҳна ва хурофотиро дар мисоли воқеияти зиндагии Азиз ва Зуфунун нависанда «нақши рӯи барф» медонад, ки бо расидани гармӣ, яъне фаҳмиши наву

замонсоз об шуда меравад. Ҳикояи «Нақши рӯи барф» ҳамин гуна ғояи муҳимро ба миён мегузорад.

Донишманди адабиёт Муҳаммадҷон Шукуров таъкид карда буд, ки «мавзӯи сахтиҳои зиндагӣ дар аввалин ҳикояҳои Сорбон ба ду тарз ҳал шуда, дар эҷодиёти ӯ ду равияи зидди якдигар давом кардааст» ва яке аз онҳо «ба воситаи душвориҳои ҳаёт зоҳир кардани қувваю иқтидори инсон» будааст. Равияи дигар аз он иборат, ки «дар баъзе асарҳо таъкиди азоби зиндагӣ аҳамияти мутлақ пайдо карда, манзараи ҳаёт тираву тор ба назар мерасад» (115,172). Ҳамин равияро нависандаи фақид Ҷалол Икромӣ низ соли 1966 дар таҳлили ҳикояи «Хокистари ишқ» таъкид карда буд, ки асарҳои Сорбон пур аз «оҳанги яъсу ноумедӣ» мебошанд, ки ин норавост.Ниҳоят мунаққид Атахон Сайфуллоев ҳикояи нависанда «Гулзамон»-ро таҳлил ва тақриз карда, ба хулосае омада буд, ки «яъсу ноумедӣ дар ҷамъияти мо асоси иҷтимоӣ надорад, образҳои ҳикояҳои Сорбон аз асоси реалии ҳаётӣ маҳрум буда, рӯҳияи халқро чи дар замони ҷанг ва чи дар даврааи ҳозира ифода карда наметавонад». Атахон Сайфуллоев барои собит кардани хулосааш гапи Ленинро бурҳон меоварад: «Ноумедӣ ба синфҳое хос аст, ки маҳв мешаванд… Ноумедӣ ба касоне хос аст, ки сабабҳои шарро намефаҳманд, илоҷи халосиро намебинанд, ба мубориза кардан қобил нестанд».

Муҳаммадҷон Шукуров ба фикри А.Сайфуллоев эрод гирифта, навишта буд, ки «аз ин образҳо рӯҳияи халқро ҷустуҷӯ кардан лозим нест. Вале онҳо аз асоси реалии ҳаётӣ маҳрум нестанд ва ҳолати рӯҳияи баъзе шахсони алоҳидаро ифода кардаанд. Ин гуна касон дар зиндагӣ ҳастанд ва бешубҳа, дар адабиёт ҳам тасвир шудани онҳо мумкин аст» (115,173). Баъди ин гузориши дуруст мунаққид бо баёни он ки «аҳамияти мутлақ пайдо кардани азобҳои зиндагӣ ҷиҳати сусти эҷодиёти Сорбонро ташкил мекунад», фикри аввалаи худро зери шубҳа мегузорад.

Бояд гуфт, ки дар охир М.Шукуров ба наҳве, андешаи барғалати А.Сайфуллоевро тақвият мебахшад, ки заминаи ҳар ду фикр ҳам ҳамон

сотсиологизми вулгар аст ва дар асоси ҳамон гуфтаи иқтибосшудаи Ленин тарҳ ёфта, солҳои дароз фаҳмиши нодурусти воқеият ва усули тасвири онро тарҳ медод, ки яке аз омилҳои пастравии сатҳи ғоявию бадеии адабиёти тоҷик гардид.

Дар ҳикояи «Гулзамон» сарнавишти талхе, ки ҷанг ба сари як хонавода овардааст, тасвир мешавад. Воқеият аст, ки падари Гулзамонро ҷанг хӯрд, яъне дар ҷанг кушта шуд, модараш бар асари азобу машаққате, ки дар ақибгоҳ ба сараш омад (гушнагӣ,, нодорӣ, хориву залилӣ ва ғайра), низ новақт мурд. Гулҷаҳон додари Гулзамон ногоҳ гум шуд. Атрофиён ба Гулзамон номи нав Сағир Ятимовро муносиб донистанд. Ва он ҳама хориву бадбахтиҳо, ки ҷанг ба сари ӯ овард, он носипосии атрофиёнаш метавонист ба диду рӯҳи ин қаҳрамони ғамзада таъсири манфӣ гузорад. Он ки ӯ хомӯш аст, камгап аст, худро аз ҳама канор мегирад, бо ғаму дарди худ танҳост, воқеият аст, воқеиятест, ки бисёр нависандагони мо зери таъсири идеологияи расмӣ, ки зиндагии одамони советиро шод ва бекамбудӣ тавсиф мекарданд, ба вуҷуд омада, солҳои дароз ҳокимият кардааст.

Сорбон дар ибтидои фаъолияти эҷодиаш хост, то ин қолаби маснӯъиро шиканад. Вале ба таъсир ва мавқеияти нодурусти танқиди адабӣ ин равишро дар эҷодиёташ на фақат инкишоф надод, балки баъзе ҳикояҳои дар ибтидо навиштааш, аз ҷумла ҳикояи «Пирамард»-ро бо таҳрир чоп кард, ки дар натиҷа лаҳзаҳои дардоварди тасвир аз ҳикоя берун монданд.

Аслан гап дар сари он нест, ки нависанда душвориҳои ҳаётро тасвир накунад. Агар ин гуна қонун вуҷуд медошт, шояд Фирдавсӣ Сӯҳробро бо дасти Рустам намекушт, агар ин тавр мебуд, «Мартин Иден» ба он шӯҳрат соҳиб намешуд, агар ин тавр мебуд, нависандаи бузурги Амрико Фолкнер дар ҳикояи ҷонсӯзи «Гули сурх барои Эмиле» Эмилеи нозанинро бо дасти худаш дар бистари хоб намекушт ва бо ин ба нокомие, ки ҳаёти ӯро сӯхт, арзиш намедод. Ин қабил қиёсҳоро метавон бисёр овард.

Сорбон, ки бо ҳикояҳояш гапи гуфтанӣ ва шуниданиро ба адабиёт савғот овард, бо нахустин повестҳояш низ таваҷҷӯҳи хонандаро сӯи худ ҷалб кард. Қабл аз ҳама, нақши қалами ӯ дар тасвири сарнавишти инсон ва муҳити зиндагии ӯ хотирмон омад. Аз ин ҷиҳат повести «Занги аввал» -и нависанда (1970) қобили баррасист.

Ҷолибтарин образи ин асар Ҳамида аст. Вақте ки бо сарнавишти талху пуразоби ин духтарак шинос мешавем, дарк мекунем, ки бо он ҳама сахтиву номуродиҳое, ки Ҳамида аз зиндагӣ дидааст, боз мехоҳад ҳаёташро «саховатмандона ва бетамаъ» (54,123).сарфи хидмати мардум кунад, ӯро дӯст надошта наметавонем.

Ҳамида дар ибтидо чун зане ба назар меояд, ки гӯё худованд ӯро танҳо барои таҳаммули азобу машаққат ва ноодамию носипосӣ халқ карда бошад. Гувоҳи ин он аст, ки вай барои халосӣ аз муҳити токатнопазири хонаводагӣ, аз зиндагии тазъиқовар ҳеҷ кӯшиш намекунад. Вале нависанда ин ҳама ранҷу азоби ботиниву зоҳирии ӯро барои нишон додани ҷуръат ва ҳиммати инсонии Ҳамида ба кор гирифтааст, ки натиҷаи мусбати ин амали нависанда дар такмили ин образ равшан ба назар мерасад. Ин ҷиҳати образи Ҳамидаро М.Шукуров чунин шарҳ медиҳад: «Қувваи рӯҳи Ҳамида дар ин ифода шудааст, ки ӯ ҳарорати дили одамияташро на фақат ҳифз карда тавонист, балки имкон ёфт, ки ба хидмати мардум пешкаш кунад, ба дили атрофиён тухми некӣ корад ва парвариш намояд» (115,186). Ба ҳамин далел бо вуҷуди нокомиҳои зиёд хонандаи огоҳ Ҳамидаро бадбахт намедонад. Ӯ хушбахт аст, зеро зиндагиашро бо дигарон қисмат карда, шарики шодию ғами мардум гардид. Маҳз ба воситаи заҳматҳои бедареғаш дар ҷамъият мавқеи шоиста ёфт ва барои атрофиёнаш чароғи ҳидоят гардида, онҳоро ба сӯи некиву саодатмандӣ ҳидоят кард. Образи Ҳамидаро метавон идомаи ҷустуҷӯҳои бадеии Сорбон дар роҳи амиқбурди тадқиқи психологӣ донист.

Повести дуюми Сорбон «Санги сипар» ҳамин майли эҷодии ӯро тақвият мебахшад. Дар ин асар мо бо қаҳрамонони марказии он – Ҳаким

ва Ашӯра вомехӯрем. Инҳо типи он афроде ҳастанд, ки дар солҳои пас аз ҷанг барои барқарор кардани хоҷагии аз ҷанг харобшудаи кишвар бо матонат ҷоннисорӣ кардаанд. Аз ин ҷиҳат мавзӯи асосии повест меҳнати созанда барои бунёди зиндагии садамадидаи мардум дар солҳои ҷанг мебошад. Дар ин замина ба нависанда муяссар шудааст, ки шароити душвор ва заҳмати дандоншикани мардуми деҳотро дар солҳои пас аз ҷанг воқеъбинона тасвир кунад. Бинобар ин ҳам фаъолияти Ҳаким ва Ашӯра асосан дар меҳнати ҷамъиятӣ нишон дода шудааст. Нависанда сифатҳои инсонии қаҳрамононашро дар партави меҳнати ҷамъиятӣ зоҳир месозад. Муҳим он аст, ки нависанда дар ин гиру дор инсон месозад, инсоне, ки ҷисман ва рӯҳан қавию тавоно мебошад. Ва Ҳакиму Ашӯра маҳз бо ҳамин фазилатҳои инсониашон дар ёдҳо боқӣ мемонад.

Сорбон бо повестҳои «Занги аввал» ва «Санги сипар» образи шахсиятҳоеро офарид, ки саргузашти пургунҷоиши онҳо «Барои фаҳмидани мундариҷаи аслии баъзе ҷиҳатҳои муҳимми воқеият имкон медиҳад» (115, 223). Ин тамоюли эҷодиашро Сорбон дар повести сеюмаш «Ҷӯгӣ» (1973) то андозае инкишоф додааст.

Мавзӯи повести «Ҷӯгӣ» барои адабиёти тоҷик нав буд. Бори аввал Сорбон дар ин асараш сарнавишти як гурӯҳи этникӣ (лӯлиён) –ро, ки ҳазорон сол дар Осиёи Миёна бо халқҳои маҳаллӣ ҳампаҳлӯ зистаанд, ба тасвир кашида, зиндагии махсус ва асороҳмезии онҳоро таҷассум мекунад. Воқеияти таърихӣ ин буд, ки ин табақаи этникӣ дар тӯли солҳои мавҷудияташ ҳеҷ кӯшиши бо ҷомеа пайвастан надоштааст. Дар замони нав ҳалли ҳамин гуна масъала ба миён омад. Ҳамин ҳақиқати таърихро нависанда тавонист ба воситаи образҳои гӯёву равшан, аз қабили раиси колхоз, ки персонажи эпизодӣ буда, бори амиқи ғоявӣ дорад, Гавҳар, Умматкул, Худойқул, Саидқул ва Шариф нишон додааст.

Дар ин повест саҳнаҳои зиндагии пур аз хориву зиллат, сарсониву дайдугии лӯлиён бо маҳорати хос тасвир шудааст. Дар заминаи хориву залилиҳо ба воя расидани эҳсоси худшиносиро дар лӯлиён нависанда тадриҷан нишон медиҳад. Ору номус ва нафрат аз зиндагии пур аз

таҳқиру таъқиб, озору аламро дар дилу рӯҳи ин тоифа тақвият бахшида, ниҳояти кор ба он овард, ки лӯлиён қадр ва мақоми худро шиносанд.

Нависанда ин умедро дар шакли орзу дар дили лӯлидухтар Гавҳари хурдсол парвариш медиҳад. Гавҳар ба тарзи зиндагӣ ва либоспӯшии ҳамсолонаш – тоҷикони деҳотӣ бо ҳасрат ва умед менигарад. Орзуяш ин аст, ки аз сарсониҳову гадоиҳо раҳо ёфта, мисли онҳо хӯраду пӯшад.

Бародари Гавҳар–Умматқул дар повест шахсияти баркамоли боандеша аст. Вай лӯлиест, ки дар бораи сабабҳои бадбахтии қавмаш фикр мекунад. Аз ҷумла, вай ба чунин хулосаи муҳим меояд, ки «мо мардуми беномус, оча, номусамонро ба як каф ҷаву гандум ва бо як бурда нони қоқ фурӯхтаем». Ин исёни Умматқули лӯлӣ буд, ки қавмашро ба роҳи зиндагии нав ҳидоят кард ва худи ӯро пешвои ин қавм сохт. Лӯлиён тадриҷан ба зиндагии тоза ворид шуда, мавқеияташонро дар ҷомеа ҳис мекардагӣ шуданд. Вале ба чунин зиндагӣ ворид шудани лӯлиён осон набуд. Нависанда мушкилоту фоҷиаҳои ин равандро бетафсил таҳқиқ карда, чеҳраҳои қаҳрамононашро дар партави ин ҳодисаҳо нишон медиҳад.

Дар ин миён образи Чинӣ хеле ҷолиб буда, дар повест мавқеи хос дорад. Чинӣ бо вуҷуди зиндагии пурмашаққат хеле бурдбору некбин аст. Аз ин ҷиҳат образи Норҷон то дараҷае образи Чиниро такмил мебахшад. Чинӣ дар тасвири Сорбон зани мардфеъл аст. Ин сифати ӯ дар муҳите зоҳир мешавад, ки пур аз маҳрумиву нокомиҳо, азобу хорӣ, озору алам ва зиллатҳост. Ҷафои муҳит характери ӯ, сифатҳои инсониашро такмил мебахшад.

Чинӣ ба моҳияти зиндагиаш сарфаҳм меравад. Мефаҳмад, ки барои як бурда нон ба кӯчаи гадоӣ афтида, шаъни инсониашро аз даст додааст. Дарки ҳамин эҳсос сахттарин имтиҳоне буд, ки Чинӣ аз он гузашт ва роҳи зиндагии ҳалолу осударо пазируфт. Бинобар ин, чунин фикри академик М.Шукуров дуруст аст, ки «қувваи азими муқобилат ба шароити ғайриинсонӣ, ҷидду ҷаҳди сахте ба сӯи зиндагии одамона мазмуни асосии характери Чиниро ташкил мекунад. Вале нависанда

хусусан дар ин образ фақат бо роҳи зоҳир кардани ҷиҳати иҷтимоии ҳастии инсон нарафтааст, балки диалектикаи алоқаи инсон ва ҷамъиятро ба воситаи падидаҳои ба худ хоси як характери фардӣ, характери барҷаста ва зиддиятнок ба зуҳур овардан хостааст. Психология ва хислатҳои фардии Чинӣ, ҳиссиёти пурқуввати ихтилофноки ӯ, рафтору кирдори вай – ҳама мутобиқи ҳамон муҳити махсус мебошанд, ҳама аз он ба ҳосил омадаанд ва дар айни замон муносибати ӯро ба шароиту вазъият ва мардуми атроф муайян кардаанд» (115, 226).

Дар омади гап бояд гуфт, ки дар повести «Ҷӯгӣ» образи Норҷон низ бисёр аҷиб ва шафқангез аст. Мутаассифона, нависанда ба чеҳраи ин «оҷизаи шӯрбахт ва сарсахт» ба дараҷае, ки лозим буд, диққат надодааст ва дар аксар ҳолат ин образро фаромӯш мекунад.

Бо вуҷуди баъзе камбудиҳо дар тасвири ҳолати рӯҳии қаҳрамонон, повести «Ҷӯгӣ» гувоҳи он аст, ки Сорбон дар роҳи «ба воситаи характерҳои барҷаста ва зӯрманд кушодани моҳияти ҳодисаҳои муҳимми замони» мо қадами ҷиддие ба пеш гузоштааст.

«Буд, набуд» повести дигари Сорбон аст, ки мазмуни он аз воқеияти рӯҳияи айёми пурмоҷарои ҷанги граждани берун меояд. Чеҳраи асосии ин повест Шаҳбону мебошад. Дар муқобили ӯ чеҳраи амаки худхоҳу хомтамаъ ва ноинсофаш Забур қарор дорад. Шаҳбону духтараки баномус ва ҳушёр аст. Қадри худро мешиносад. Бинобар ин, вақте ки амакаш Забур ӯро ба қӯрбошии босмачӣ доданӣ мешавад, Шаҳбону барои нангу номус ва шаъни инсониаш ба по мехезад. Исёни ӯ на фақат барои номуси худаш аст, балки бар зидди худраъйӣ ва худкомии амакаш низ нигаронида шудааст. Нависанда ба воситаи тасвири нооромиҳои рӯҳии Шаҳбону вазъияти ноором ва пур аз бадбахтиву нобасомониҳои он рӯзгорро ифода кардааст. Дар оинаи бадбахтиҳое, ки ба сари мардум омадааст, мо мебинем, ки Забур барин афроди худкома ва ноинсофе ҳастанд, ки ба мардум зулм ва зӯроварӣ мекарданд. Қурбонии ин зӯровариҳо Шаҳбонуи сиёҳтолеъ буд, ки ба

ин ҳама ҷабру ҷафо тоб наовард, ниҳоят худро ба дарёи Зарафшон андохт.

Нақди адабӣ ин повестро дар эҷодиёти Сорбон қадаме ба ақиб тавсиф кард, аз ҷумла, М. Шукуров таъкид мекунад, ки баъди марги Шаҳбону сужети асар аз инкишоф мемонад, зеро «сужетро образи Шаҳбону ба ҳаракат оварда пеш мебурд ва бо ҳалокати ӯ сужет аз ҳаракати ботинӣ маҳрум шуд, аммо нависанда, мутаассифона, инро пай набурда, боз чанд гоҳи дигар нақлро бидуни маркази ҳаракатдиҳандае давом додааст» (116,321).Чунон ки дидем, эроде, ки мунаққид ба ин повести Сорбон мегирад, хеле ҷиддӣ буда.

Дар повести дигари Сорбон «Шинел» моҷарои сарнавишти афсари маҷрӯҳи аз ҷанг баргашта, ки дар ақибгоҳ ба тӯҳмату бӯҳтон ва озору алами ҳамқавму ҳамдиёронаш гирифтор мешавад, ба тасвир омадааст. Моҳияти асарро хавфи ҷанги маънавие, ки миёни ашхоси кору зиндагиашон гуногун ба вуҷуд омадааст, муайян мекунад.Шайдо аз ҷанг бо тани захмӣ, вале рӯҳи солим ва матин бармегардад. Дар муҳити барояш ошно фаъолият менамояд. Ноинсофию чоплусиҳоро бо чашмонаш дида, муқобили онҳо коре намекунад. Албатта, дар зиндагии воқеӣ чунин ҳам мешавад ва ин рафтори ӯ ҷои сарзаниш надорад. Вале камбудии асосии повест дар он аст, ки фаъолияти Шайдо аз аввал то охир номаълум мемонад.Шайдо дар тасвири нависанда нафақат нофаъол, балки шахсест, ки билкул ба тақдир тан додааст. Ин образ тазоди аҷибе дар эҷодиёти Сорбон аст. Масалан, қаҳрамони дигари повест Абдул худсару ноинсоф аст, ҳамчун раиси ҳукумати маҳал, чунонки хоҳад, амал мекунад. Дар баробари чунин тип Шайдо барин шахс, ки собиқаи бонуфузи ҷангӣ дорад, нотавону мулзам аст. Ҳатто шиори «Ба баду неки касе кордор набош»-ро шиори зиндагии хеш сохтааст. Албатта, дар зиндагӣ чунин мешавад ва хоҳад шуд. Вале чун моҳияти фикри бадеии нависандаро ҷӯё мешавем ва мебинем, ки ҳеҷ чиз аст, ба хулосае меоем, ки асар комил нест. Дар ин боб чунин андешаи Муҳаммадҷон Шукуров дуруст аст, «ҳадафи нависанда

кушода нашудааст, мазмуни ниҳонии ҳаётии образ, фалсафаи он номаълум аст, мантиқи оддии инкишофи характер пинҳон мондааст» (116,322).

Сорбон дар асарҳояш бештар ба падид овардани ҳолати рӯҳӣ ва зуҳуроти гуногуни он диққат медиҳад. Бинобар ин, гоҳо инкишофи характер ба ҷои дуюм мегузарад. Повести дигари ӯ «Сабо» (1981) дар ҳамин сабки биниш эҷод шудааст. Повест бо номи қаҳрамони асосии он мусаммост. Сабо духтари ҳассос ва дилаш нозук аст. Вақте падараш ба ҷанг рафт, вай дар дасти модарандари ноинсофу бераҳм монд. Вале бо ин ҳадяи қисмат дуру дароз муросо накарда, фирор кард ва ба як деҳаи дурдасти кӯҳистон рафта, дилаш, ки аз одамон монда буд, муддате дар вайронаҳо ва ҷойҳои беодам зиндагӣ кард. Нависанда фоҷиаҳои зиндагӣ ва таъсири онро ба ҳолати рӯҳии қаҳрамон муфассал нишон медиҳад.

Повести «Сабо»-ро мунаққид ва адабиётшинос Абдухолиқ Набиев «аз назари гиру мони нависандагӣ, тасвири муфассали ҳаракатҳои рӯҳии қаҳрамон, дар нишон додани покизагии дили духтараки дар замони ҷанг аз падар ҷудо шуда» (59, 87) то андозае дастоварди муаллиф медонад. Вале академик М.Шукуров мегӯяд, ки нависанда «дар ҳашт боби аввали асар (ки ҳамагӣ аз 27 боб иборат аст) психикаи қаҳрамонро тагурӯ мекунад, азобҳои рӯҳии якранг ва на ҳамеша мафҳуми ӯро гаштаву баргашта тасвир менамояд, вале ягон натиҷаи бадеӣ ба даст намеоварад, зеро сужет аз инкишоф маҳрум аст. Аз андак инкишофи баъдинаи тасвирҳои сужет низ маълум мегардад, ки он ҳама тасвирҳои психологӣ тасвири маҳз будаанд: на танҳо характер инкишоф наёфт, балки қаҳрамон умуман характеристикаи иҷтимоиву психологии равшану возеҳ надорад» (117, 323).

«Актёр» нахустин романи Сорбон аст, ки соли 1983 ба чоп расид. Масъалаи асосии ин роман худшиносии интеллектуалии шахс аст. Шабеҳа (прототип)-и қаҳрамони асосии роман Ромиз, назар ба гуфти муаллиф, ҳунарпешаи намоён ва фақиди тоҷик Маҳмуд Воҳидов

мебошад, ки соли 1977 ба таври фоҷиавӣ дар Бағдоди Ироқ ҳалок шуд. Романи «Актёр» иборат аз се қисм аст. Қисми якумро муаллиф «Дар ҷустуҷӯи худ», қисми дуюмро «Дарёфтани худ» ва қисми сеюмро «Дар фазо» ном ниҳодааст.

Ромиз фарди боҳунар ва ҷӯяндае буд, ки бо ҳазор орзу ва шӯру шавқ ба саҳнаи театр омад. Дар як муддати кӯтоҳ миёни тамошобинон муҳаббате пайдо кард. Вале муҳити нопоки маънавии театр дар шахси директори он ҳамчун душмани ҳунари асил монеъаи бузурге дар пеши ӯ гардиданд. Маълум буд, ки ин зумра пешрафти ҳунарманди шоистаро намехоҳанд. Ромиз чун донист, ки роҳбарони театр пешрафти ӯро дидан намехоҳанд, дар роҳи ӯ монеъаҳо эҷод мекунанд, ночор майдони барояш азизи ҳунарро тарк гуфт. Баъд аз ин вай сахт ба ҷустуҷӯи худ машғул шуд. Дар роҳи худҷӯиву худфарсоӣ бо одамони поку некхоҳе, мисли артисти боистеъдоди поквиҷдон Ғиёс, ветерани ҷанги гражданӣ ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ Муллоамак, дигарҳо ҳамчунин Устод (шоири бузург) – прототипи Мирзо Турсунзода воҳӯрд. Сужети зоҳирии асар ҳамин аст, ки ба назар чандон бо ҷӯшу хурӯш нест. Вале дар зимни ин сужет андешаҳои тӯлонӣ ва пурзиддияту пуразоби ҳунарпеша баён шудаанд, ки хонандаро бо олами рӯҳӣ ва маънавии қаҳрамон ошно месозанд. Вале омили асосӣ ва муҳимми худшиносии Ромиз ҳамоно бархӯрди ӯ бо шеъри Рӯдакист, ки боиси эҷоди нахустин моноспектакли ӯ мегардад.

Банду басти романи «Актёр»-ро ҳамоно протсеси мавқеи худро чун ҳунарпешаи ҷӯянда ва инсони мустақил чӣ дар саҳна ва чӣ дар ҳаёт устувор кардани қаҳрамони асосӣ Ромиз муайян намудааст.

Нависанда дар таҳқиқи худ ва муколамаҳои Ромиз дар сари мушкилоти эҷодиву иҷтимоӣ, мақоми инсон, меҳнати ҳалолу эҷодкорона, рафоқат, ҳақшиносӣ ва ғайра баҳс мекунад.

Дар атрофи ин романи нависнада гуфтугузори ҷиддие ба вуқӯъ пайваст. Мунаққид Абдухолиқ Набиев навишта буд, ки «романи Сорбон «Актёр» дар таҳлилу тадқиқи бевоситаи рӯҳия муваффақиятҳо ба даст

овард, вале бо характерҳои равшану гӯё ва сужети пуршиддат сазовор овардани он гарави комёбӣ ва бозёфтҳои нави эҷодии вай шуда метавонад» (59,88). Вале академик М. Шукуров бар ин ақида аст, ки «дар характери Ромиз итмомнопазирии мабдаи эҷодӣ, қувваи бунёдкори мағлубнопазири он, ки бо иродаи қавӣ, қатъият ва ҷӯяндагии доимӣ ба мақсади наҷибе нигаронида шудааст, таъкид мешавад. Қаҳрамон барои ба мурод расидан, барои амалӣ шудани мақсадҳои нек чӣ қадар қуввату мадор, ки лозим буд, ёфт» (116, 349). Мунаққид масъалаи асосии романро фалсафӣ дониста, ба хулосае меояд, ки «ҳалли он моҳияти фалсафӣ надорад ва бештар ба сафарбар шудани қувваи ирода вобастагӣ пайдо кардааст» (116). Хулосаи охири мунаққид басо ҷиддӣ буда, ба андешаи ӯ наздик шудан ба ҳалли масъалаи ҷиддии фалсафӣ дар нахустин романи Сорбон муяссар нашудааст» (116,350). Бо вуҷуди ин қаҳрамони Сорбон «агарчанде, ки ба дарки фалсафии ҳастии худ қобил нест, дар зиндагӣ, дар мубориза ба сахтиву душворӣ ва ноинсофиҳо собитқадамӣ зоҳир кард. Вай барои ба мурод расидан, барои амалӣ шудани мақсадҳои неки худ чи қадар қуввату тавон, ки лозим буд, аз худ ёфт, дар дил он қадар бардошту мадор ёфт, ки нафақат монеаҳои берунӣ, балки афтодарӯҳиву маъюсии худро ҳам бартараф намуд ва ба сарманзили худ расид. Ин хислатҳои қаҳрамони Сорбон хеле муҳиманд» (116,149). Чунонки мебинем фикри мунаққид дар бораи образи марказии асар мусбат аст. Вале дар ҷои дигар ӯ чунин мешуморад, ки «…«Актёр» асосан аз резапораҳои парокандаи зиндагӣ иборат аст, ки як кулли воҳидро ташкил накарда, барои ҷавоб гуфтан ба моҳияти замон замина фароҳам наовардаанд» (116,181).

Ҳамин тариқ, чунон ки дидем, фикри танқиди адабӣ дар бораи романи Сорбон «Актёр» дугона аст. Махсусан, баҳоҳои М. Шукуров зидду нақиз ба назар мерасад.

Дар ҳар ду сурат ҳам ин романро метавон хонд. Он чи ки нависанда ба мо талқин мекунад ва лоиқи таъриф медонад, хилқати

инсони покрави ҳунарманд аст, ки садояш дар фазои зиндагӣ муддате танин андохту бо вазиши боди ҳодиса хомӯш гардид. Ин садои марди фидокор ва орзуманд Маҳмуд Воҳидов буд.

Романи дигари Сорбон «Зарафшон»-ро аҳли қалам «як марҳилаи нав ва гардиши чашмрас» (86, 29) дар эҷодиёти нависанда донистаанд. Алҳол ду китоби ин роман чоп шуд. Мавзӯи асосии роман муборизаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва муқовимати қувваҳои мухталифи ҷамъиятӣ дар солҳои барқароркунии ҳокимияти Шӯравӣ мебошад. Дар китоби аввал нависанда диққати хонандаро ба сарнавишти пурихтилоф ва рангину афсонамонанди қаҳрамони асосии роман Ниёз-кончӣ ҷалб мекунад. Зимни сарнавишти Ниёз-кончӣ нависанда ба мушкилоти зиёди зиндагӣ ва муносибати мардуми водии Зарафшон, ки воқеаҳо он ҷо мегузарад, таваҷҷӯҳ кардааст. Аз саҳифаҳои роман мо бо вазъи зиндагии мардум шинос шуда, мебинем, ки миёни қавм, ҳатто хешу таборон чӣ низоъҳои хунине ба амал меояд. Дар саҳнаи ин муқовиматҳо чеҳраи забардастону зердастон, ҷавонмардону хиёнаткорон равшан намудор мегардад. Дар талошҳои сиёсӣ мавқеият ва ақидаи мардум зоҳир мегардад. Нависанда саҳнаҳои бунёдкорӣ ва бунёди аввалин корхонаҳои навро чун омили муҳимми ҳаёти иҷтимоии мардуми ин маҳал тавсиф мекунад. Аз ҳамин тафсилоти мухтасар маълум мешавад, ки доираи мавзӯи тавсифшуда ва масъалаҳо хеле фарох ва мураккаб аст.

Китоби дуюми ин романро гурӯҳе «дар насри мо рӯйдоди ҷиддӣ» донистаанд. Вале, мутаасифона, то имрӯз дар бораи ҳар ду китоби ин роман ҳеҷгуна гуфтугӯ ва арзёбие сурат нагирифтааст. Сужети ин қисми романро часпу талош ва муқовиматҳои солҳои баъди инқилоб ташкил мекунанд. Мо мебинем, ки воқеияти пуршӯри инқилоб қаҳрамонони романро тела дода, аз фарохиҳои водӣ ба тангиҳо – ба зодгоҳи нависанда деҳаи Амондара бурдаанд. Ва тамоми моҷароҳо дар ин деҳа сурат мегиранд. Доираи сифатҳои инсонии қаҳрамононро низоъ ва часпу талошҳои гуногуне, ки нависанда тасвир кардааст, муайян мекунад.

Хиёнат ва ҳимояи номус, таҳқиру хусумат, ҳисси ниқорталабӣ ва ангезаҳои ишқ, аз ҷумлаи вижагиҳоест, ки хислату характери қаҳрамонон ва персонажҳои романро шакл медиҳанд. Зимни ҳамин гуна талошҳо дар китоби дувум мо бо Бурҳон, Зуҳур, Забур, Норӣ, Шарифа ва ғайра вомехӯрем.

Низои асосии қисми дувуми роман низои оилавист, ки мазмуни мухтасари он чунин аст: Усто Қодир ба писараш Бурҳон духтари Зуҳурро, ки шахси сарватманд ва гӯё ба худаш тинҷ аст, хостгорӣ мекунад. Тӯй мегузарад. Бомдод баъди тӯй арӯсро ба хонаи падар гусел мекунад. Маълум мешавад, ки вай нодухтар будааст. Ин бадбахтиро ба сари Норӣ бародари ноқисулақлаш оварда буд. Ин ҳодиса сабаб мешавад, ки Зуҳур ба роҳи аз Усто-Қодир ниқор гирифтан меафтад. Муқовимати онҳо то ҷое мерасад, ки Усто-Қодирро ба Руссия мефиристанд ва баъди азобу машаққатҳои зиёд Усто-Қодир ба деҳа баргашта, зуд мемирад. Марги шавҳар фироқи писар ва таҳқирҳои Зуҳур Шарифаро ҷонсахт месозад. Вай бори вазнини зиндагӣ ва нангу номусро бо матонат бардошта, сарашро миёни мардум баланд нигоҳ медорад. Шарифа қаҳрамони асосии қисми дуюми роман аст ва нависанда ба вай таваҷҷӯҳи хос дорад.

Нависанда Абдуҳамид Самадов ба эҷодиёти Сорбон баҳо дода, аз ҷумла, қайд мекунад, ки «дар китоби аввал ва дувум ҳунар ва истеъдоди нигорандагии Сорбон, заҳматписандӣ ва таҷрибаи бои аз таъбироту ибораҳои хушобу ранги халқӣ фаровон истифода бурданаш ба мушоҳида мерасад. Биниш ва ковиши ӯ дар интихоби ҷузъиёти фардҳои қаҳрамон зеби хуб аст. Нависанда пайваста мекӯшад, ки лаҳза ё инсони ғайриоддиеро ба наср ворид созад. Образҳои серпаҳлӯе чун Моҳбӣ ва духтари девонаавзояш, Эшонбобо, Бибихалифа, Гулсифат китоби дувуми «Зарафшон»-ро зеб медиҳанд. Эшонбобову Бибихалифа бо хираду тамкини хеш сутуни деҳ ва мутаккову сарпарасти мардуми бечораанд. Онҳо ҳамеша ростиву покиро ҳимоят ва ҳидоят мекунанд. Моҳрӯи девонаавзоъ ва фалокатзада чун гӯшту нохун ба ҳамдиёрон

пайванд ва дар ғаму шодии онҳо шарик аст. Ӯ мисли Шарифа адолатхоҳ ва дар тасвири нависанда пешбину пешгӯй ва аз тамоми гапи дунё воқиф. Шояд чунин инсонҳо вуҷуд доштанд. Аммо хати амалиёти Гулсифат – беҳтарин шогирд ва дастпарвари Бибихалифа баҳсталаб ва шубҳаангез менамояд. Бо он фаросати сара ва покизагии ахлоқ, донишу фаҳмише, ки Гулсифат дар ибтидо тасвир шудааст, басо даст ба дасти Бурҳон додааст, ҳарчанд шавҳари ӯ низ «ҳатулу девонаавзоъ» қаламдод мегардад **(86,30).**

Зимнан бояд гуфт, ки заминаҳои рӯҳии чунин амали қаҳармон суст аст. Махсусан Баҳром, ки мисли Ниёз-кончӣ аз Руссия бозгаштааст, аз назари маънавият он қадар комил нест. Кӯлбори маънавии ӯ тиҳӣ ба назар менамояд.

Ин романро метавон пурнизотарин асари адабиёти тоҷик донист. Тӯфони ҳаводисе, ки дар тасвири нависанда деҳаи Амондараро фаро гирифтааст, гоҳо ғайри интизор ба назар мерасад. Ин фоҷиаҳо бо омад-омади Ҳомидбек-саркардаи муқобилони зидди Шӯравӣ сатҳ ва миқёси фарохтаре пайдо мекунад. Дар баробари ин ҳама моҷаро одам мехоҳад ба қисмати талхи қаҳрамонони нависанда, ҳатто Зуҳуру духтари сияҳмилаи ӯ – Норӣ, Шарифа ва дигарон нарм-нарм гиря кунад. Ин ҳама осори зиндагист, ки нависанда бо диққатназарӣ ба он диққат дӯхта, ба воситаи роман ба мо намудааст.

Сорбон дар тӯли солҳое, ки чандин повесту роман навишт, ҳикояҳои зиёде низ ба чоп расонд, ки «Одаму ҳаво», «Кабӯтари сафед» аз беҳтарини онҳост. Дар ин радиф метавон ҳикояҳои «Гумони бад», «Шабкӯр», «Нақши марди ланг»-ро низ ёд кард. Романи «Достони писари Худо» аз корҳои охири Сорбон аст. Ин роман ҳикояти тоза ва шавқангези адиб аз таърихи дур – аз истилои Искандари Мақдунӣ ба сарзамини падару бобоҳояш буда, нависанда ба ин фоҷиаи таърихи халқ кӯшидааст, ки аз дидаи тоза назар дӯзад.

Сорбон нависандаест, ки сабки хоси эҷодӣ дорад. Ба ифодаи академик Муҳаммадҷон Шукуров, «воситаҳои бадеӣ ва усули тасвири

психологӣ дар ҳикояҳои Сорбон аз эҷодиёти дигар насрнависон хеле фарқ мекунад. Каломи бадеъ ва сухани образноки ӯ хусусиятҳое дорад, ки бисёр ҷолиби диққатанд. Аз ҷумла, ташбеҳҳои ӯ хеле аҷиб буда, баъзан ба ташбеҳоти Айниву Икромӣ монанд ҳастанд ва баъзан чӣ дар шакл ва чӣ дар мазмун тамоман наванд. Дар асарҳои ӯ калимаву ибораҳои аҷибе, ки аксаран аз забони халқ гирифта шудаанд, низ бисёранд. Баъзеи онҳо калимаву ибораҳои маҳаллӣ буда, ба ҳама мафҳум нестанд ва аз ин сабаб маъноро хира кардаанд, вале умуман бадеияти ӯ дар тасвир хеле иқтидор пайдо карда истодааст. Гуфтан мумкин аст, ки Сорбон дар санъати сухан табъи мустақил дорад» (116, 176).

Ин мулоҳизаҳои мунаққиди маъруф баҳои холисона аст ба сабки нигорандагии нависанда ва мебинем, ки Сорбон бо ҷиддияти тамом ба мустаҳкам кардани мавқеи нависандагиаш талош ва кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад.

Юсуф Акобиров

(тав.1937)

Юсуф Акобиров зодаи ноҳияи Ғиждувони вилояти Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад. Ӯ якуми октябри соли 1937 дар деҳаи Соктаре таваллуд шуда, мактаби миёнаро бо нишони биринҷӣ хатм кардааст. Соли 1959 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро тамом карда, муддате ҳамчун мудири шӯъбаи маҷаллаи «Садои Шарқ» кор мекунад. Солҳои 1960-1961 шунавандаи курси олии сенариянависони кино будааст. Баъд дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» котиби масъул шуда хизмат мекунад. Солҳои дароз котиби масъули маҷаллаи «Садои Шарқ» будааст.

Аввалин навиштаҳои Юсуф Акобиров охири солҳои панҷоҳ дар матбуот чоп шудаанд. Соли 1958 драмаи «Рӯдакӣ»-ро менависад, ки онро театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Камоли Хуҷандӣ (он вақт Пушкин)-и Хуҷанд ба саҳна мегузорад. Дар ин муддат баъзе ҳикояҳои

шогирдонааш дар матбуот чоп шудаанд, ки дар эҷодиёти адиб чандон мавқеи босазо надоранд.

Нашри нахустин повести ӯ «Баъде, ки осиё бозмонд» (1965) барои хонандагон ва аҳли танқид муждаи хуш буд. Ин повест аз зуҳури насрнависи болаёқат мужда медод. Нависандаи фақиди тоҷик Сотим Улуғзода низ ба ин асар пешсухан навишта, истеъдоди нависандагии Юсуф Акобировро эътироф кард. Баъд повестҳои дигари муаллиф «Духтаре, ки ҷустуҷӯяш мекунам» (1964), «Мунира» (1965), «Балоғат» (1968) ва маҷмӯаи ҳикояҳои ӯ бо номи «Вақте ки зардолу гул кард» (1965) паси ҳам аз чоп баромаданд. Романҳои «Замини падарон», «Норак» ва «Водии муҳаббат»-ро аҳли танқид аз муваффақияти нависанда дар роҳи эҷоди бадеӣ донистаанд. Дар атрофи ин романҳо баҳсу мунозираҳои гуногун сурат гирифтаанд.

Нахустин повести нависанда «Баъде, ки осиё бозмонд» бо самимияти гуфтор ва тасвирҳои ҷозибадор диққати хонандагон, махсусан ҷавононро ба худ ҷалб кард. Дар ин қиссаи ошиқона мо бо сарнавишти диққатангези Азизу Бунафша ошно мешавем. Аз ин ҷиҳат повести дуюми адиб «Мунира» низ ҷолиби диққат буд. Дар ҳар ду асар нависанда «ба масъалаҳои ахлоқи иҷтимоӣ, муносибатҳои инсонӣ, ишқу муҳаббати софу беғаши ҷавонон» (14, 102) таваҷҷӯҳ карда, ҳолати рӯҳӣ ва моҳияти амалу кирдори муосирони ҷавони моро ба тасвир мегирад. Қаҳрамонони нависанда Азизу Бунафша аз повести «Баъде, ки осиё бозмонд» ва Мунира аз повести ҳамномаш ҷавонони хушахлоқ, поктинат ва дар роҳи идеалҳои инсонӣ содиқу вафодоранд. Ҳамин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ иродаи онҳоро дар муқобили монеъаҳои зиндагӣ шикаста наметавонад. Онҳо монеъаҳоро бо сари баланду рӯи сурх паси сар мекунанд. Муроду Зарнигор ва Ашрафу Гулнора низ аз повестҳои «Балоғат» ва «Осмони соф» ҳамин гуна шахсиятҳои баиффат ва қавирӯҳ ҳастанд. Дар ин повестҳо «ҷузъиёт, факту ҳодисаҳои зиндагӣ барои ошкор кардани рӯҳия, дунёи маънавӣ ва ахлоқи поки инсон хизмат карданд. Зиёда аз он дар повести

«Мунира» қисмати зани покдомане нақл мешавад, ки ҳиссиёти олии ҷавонӣ, шарафи инсониаш таҳқир ёфта бошад ҳам, рӯҳафтода, аз ҳаёт, одамон дилмонда нашуд. Ҳаёти Мунира хонандаро дар бораи одаму одамгарӣ, қисмати инсон, мавқеи ӯ дар оила ва ҷамъият ба андеша водор месозад» (14,102-103).

Повестҳои аввалини нависанда мавриди таваҷҷӯҳи аҳли танқид қарор гирифтанд ва дар бораи онҳо мақолаҳои М.Шукуров «Воқеа ва характер», А.Сайфуллоев «Ҷустуҷӯ ва бозёфт», Ҷӯра Бақозода «Повестҳои солҳои охир» чоп шуданд. Дар ин мақолаҳо бурду бохти асарҳои нахустини нависанда дақиқу равшан нишон дода шудаанд. Масалан, М.Шукуров муваффақияти нависандаро дар дарёфти «мавзӯи марказӣ» (яъне ахлоқу одоб) ва қаҳрамони асосии вай (одами ҷавони муосир) дида, вале як нуқси ҷиддии ин асарҳо, ба хусус повести «Баъде, ки осиё бозмонд»-ро дар он арзёбӣ мекунад, ки дар повест («Баъде, ки осиё бозмонд») рафтори персонаж ба хислатҳои вай мувофиқ нест, воқеа аз характер сар назадааст, балки бар хилофи он аст. Бо вуҷуди зикри ин камбудии ҷиддӣ мунаққид аз як асар то дигаре такмил ёфта истодани маҳорати адибро таъкид мекунад. Ба ифодаи дигар, таҳаввулоти хислату характери чеҳраҳои адабии ӯро аз повести аввал то повестҳои сонӣ аниқ мушоҳида мекунем. Агар Азиз («Баъде, ки осиё бозмонд») бо вуҷуди ҷидду ҷаҳди зиёдаш дар роҳи бартараф кардани монеаҳои зиндагӣ, «андаке бо соддалавҳӣ ва бечуръатӣ» камолоти бадеияшро боз дошта бошад, Мурод дар повести «Балоғат» нисбат ба ӯ устувору ҷиддитар аст.

Масъуд Муллоҷонов дар бораи повестҳои Ю. Акобиров андеша ронда менависад, ки нависанда «ҳанӯз аз сели воқеаҳои зиндагӣ ҳодисаҳоеро, ки ба ҳалли мавзӯи пешгирифта ва тасвири образи қаҳрамонҳояш беҳтар хизмат кунанд, ёфта ва интихоб карда наметавонад. «Ба назари ман, асари беҳтарини Юсуфҷон Акобиров ҳамон «Вақте ки осиё бозмонд» аст, чунки қаҳрамони ин асар дар чунин шароитҳое амал мекунад, ки ӯро ҳамеша дар мубориза, дар маркази

воқеаҳо мебинем, ба фикру андешаҳо ва амалиёти ӯ бовар мекунем. Повестҳои «Духтараке, ки ҷустуҷӯяш мекунам», «Мунира» ва «Балоғат» нисбат ба повести аввала сусттар баромадаанд ва сабаби ин ҳол дар он аст, ки қаҳрамонҳои ин асарҳо мувофиқи хислатҳои ба худашон хос амал ва зиндагӣ намекунанд, балки муаллиф онҳоро ғайри чашмдошти худашон маҷбур мекунад, ки ин ё он гапро гӯянд, ё мувофиқи схемаи пешакӣ кашидааш амал кунанд» (52, 128).

Ба назари мо яке аз омилҳои ин камбудӣ дар повестҳои аввалини Юсуфҷон Акобиров бештар гирифтор шудани ӯ ба таассуротҳои шахсӣ мебошад. Хотироти бачагӣ аксаран нависнадаро фиреб додааст. Такмили бадеии санадҳои ҳаётӣ хеле кам аст.

Ҳамин иллат дар повести дигари нависнада «Осмони соф» зиёдтар ба назар мерасад. Повест дар мавзӯи рӯз – ҳаёти ҷавонон ва устодону шогирдон, ҳамчунин муаммои кору зиндагии онҳо навишта шудааст. Дар асар мо ба қиссаи ишқи пурмоҷарои Ашрафу Гулнора, амалу кирдори падару модари Гулнора ва профессор Дӯстматов, ки аз чеҳраҳои асосии асар ҳастанд, шинос мешавем. Тамоми низои асар дар рӯи моҷарои ишқи Гулнораю Ашраф сохта шудааст. Ашраф Гулнораро дӯст медорад, бе Гулнора барои ӯ «зиндагӣ ҳаром аст». Вале дар ин миён ба Гулнора хостгор шудани профессор Рустамов азоби Ашрафро зиёдтар кард. Вале ҳамаи ин моҷаро дасту дили Ашрафро ба кору зиндагӣ суст намекунад. Вай бовар дорад, ки дар зиндагӣ одамони хуб ҳастанд ва кораш беҳ хоҳад шуд. Ин гуна одамон дар муқобили модари зоҳирбини Гулнора, язнааш Раззоқов мебошад, ки фикри падари Гулнораро тағйир медиҳад ва онҳо «дастурхони хостгорӣ»-и профессор Рустамовро пас мегардонанд.

Ин аст оғози хушбиниҳои хонанда аз сарнавишти қаҳрамонони асосии повест. Воқеаҳои баъдӣ ба такмили шахсияти қаҳрамонони асар чизе намеафзоянд. Умуман, ин повести Юсуфҷон Акобиров бештар нақли воқеият буда, дар он тасвир кам истифода шудааст.

Ю.Акобиров бо иншои як силсила повестҳо гӯё омодагӣ пайдо карда, ба жанри роман рӯ овард ва дар ин роҳ аввалин романи ӯ «Замини падарон» буд. Ин роман аз таърихи муборизаи халқи тоҷик дар роҳи навсозии одамони нав, ки «дар ҷараёни набардҳои синфӣ ва меҳнатӣ ба вуқӯъ пайвастааст, ҳикоя мекунад» (83, 67).

Назар ба таъкиди нависанда дар ин асар «воқеаҳои таърихӣ инъикос ёфтаанд». Вале тартиби хронологии воқеаҳо риоят нашудааст. Воқеаву ҳодисае, ки тасвир шудаанд, ба соли 1935 рост меоянд. Дар ҳамин вақт ба Вахш ҳуҷум овардани дастаҳои босмачиён бо сарварии Исломбек иштибоҳи нависанда аст. Зеро охирин ҳуҷуми дастаҳои босмачиён соли 1931 сурат гирифта буд.

Дар муборизаҳои шадиди синфӣ, ки нависанда тасвир мекунад, одамони типи нав монанди Диловар Мирзоев ва Умархон сабзида, ба воя мерасанд, ки ҳастиашон вақфи кори халқ шудааст. Нависанда дар ин роман шароити муборизаи синфӣ, зиёнкориҳои боқимондаҳои ниқобпӯши синфҳои истисморгар, ғайрату ҳиммати меҳнаткашони деҳот – муҳоҷирону азхудкунандагони водии Вахшро нишон додааст. Гоҳ драматизми воқеаҳо бо шиддати психологӣ як шуда, мазмуни он замонаи пуршӯрро мекушояд. Эпизодҳои фоҷиаомези охири роман шиддатро ба дараҷаи баланд расонида, ба ҳамон мақсад хизмат кардаанд. Ба ифодаи Муҳаммадҷон Шукуров, маҳз дар романи «Замини падарон» мавзӯи асосии нависанда – ташаккули инсон дар протсесси фаъолияти бунёдкорона… муайян шуд». Дар роман таваҷҷӯҳи нависанда ба олами ботинии қаҳрамонон зиёдтар аст, албатта, нисбат ба асарҳои пешинаи вай. Яъне образҳои марказии асар, аз ҷумла, Диловар, Дониёров ва амсоли онҳо «аз ҷустуҷӯҳои ҷиддии маънавӣ озоданд» (М.Шукуров). «Шиддати драмавӣ» низ дар асар зоҳирӣ буда, он ба «шиддати ботинии олами маънавии мардум табдил намеёбад, моҳияти амиқи барҳӯрдҳои драмавию фоҷиавии қувваҳои зидди якдигарро намекушояд. Тасвири психологӣ дар ин роман ҳанӯз амиқ нест, ҳамаи мураккабиҳои ҳаёти ботинӣ ва падидаҳои зоҳирии онро фаро намегирад,

паҳлуҳои гуногуни ҳастии фардии инсонро зоҳир намекунад» (116,363). Беш аз ин, мунаққид таъкид мекунад, ки дар асари нависанда «чизи нав кам аст, назари ӯ ба воқеаҳои гузаштаи наздик аксаран анъанавӣ, дурусттар ин, ки кӯҳна аст, кӯшиши пеш гузоштан ва ҳал кардани мавзӯъҳову конфликтҳои нав ками дар кам ба назар мерасад. Нависанда аз таҷрибаи адабии ҳозираи умумииттифоқӣ ҷудо ва дур аст, гӯё ба савияи ин таҷриба фикр кардан намехоҳад» (116,363).

Вале ин романи нависанда бо як хусусияти шаҳватангезӣ ва тасвири «эҳсосоти шаҳвонӣ ва муносибати маҳрамонаи зану мард» (Ҷ.Бақозода) барои як силсила хонандагони зоҳирбин хуш омад. Аз ин ҷиҳат дар ин роман ва романҳои дигари адиб «зан на ҳамчун шахсияти комил, инсони озод, на ҳамчун нерӯи фаъоли ҷамъият, балки ҳамчун фарде тасвир мешавад, ки дунёи тангу маҳдуд дорад, зиндагии мешанӣ мечӯяд» (14,103).

Юсуф Акобиров соли 1987 романи «Норак»-ро чоп кард. Ин роман ба масъалаву марҳилаҳои гуногуни сохтмони ГЭС-и Норак бахшида шуда, «то андозае амиқ будани психологизм ба Юсуф Акобиров дар дувумин асари калони ӯ – романи «Норак» муяссар шуд» (М.Шукуров). Ин роман замони тайёрӣ ва ибтидои сохтмонро фаро гирифта, низоъҳо дар атрофи дарки мақоми ин иншооти бузург шиддат ёфтаанд. Антон Карповро мо дар маркази ҳамаи ин зиддиятҳо мебинем. Дар роман мо бо фазилатҳои хуби инсонии Карпов, аз қабили одамият, кордониву меҳнатдӯстӣ шинос мешавем. Карпов одамест, ки тамоми фикру зикри ӯро истеҳсолот банд кардааст. Ба ифодаи мунаққид Абдухолиқ Набиев, Карпов «ҷонфидои касби худ аст, барои кору бори дӯстдоштааш драмаҳои оилавиро аз сар гузаронид, вале вай дар айни замон шахси ғамхор, одамдӯст аст. Тамоми ҷаҳду ҷадали ӯ аз ҳамин дилу нияти нек, шоирмиҷозиву биниши романтикиаш ибтидо мегирад. Ӯ корро бо кайфияти махсус ичро менамояд, ҳарифонаш плану андешаҳои ӯро «поэзия» меноманд. Яклухтии образи Карпов, ба қавли нависанда, «достони Карпов» дар он аст, ки вай далел, статистика, факту рақамро

бо эҳсоси баланду назари шоирона созиш дода метавонад. Ҳақиқат аз қудрати фикри ӯ, бақои устувории андешаҳои вай аз ҳамин ҷо сар задааст» (59, 85).

Романи «Норак» хеле пурвоқиа буда, нависанда ба тасвири панорамавии ҳодисаҳо бештар диққат додааст. Вай дар роман воқиаву ҳодисаҳоро аз аввали сохтмон (1960), то баста шудани маҷрои Вахш (1967) нишон додааст. Қаҳрамонони романи ӯ коргарон, роҳбарони ҳизбӣ ва ғайра буда, як қисмашон прототип доранд. Масалан, прототипи қаҳрамони асосии роман Антон Карпов аввалин сардори сохтмони Норак – Семён Константинович Калажнюк будааст. Вале воқеаҳои асар танҳо дар Душанбею Норак не, балки дар дигар шаҳрҳо, аз ҷумла Тошканду Москва низ мегузаранд.

Дар роман мо бо образи «зани мешан» Зулфия вомехӯрем. Зулфия, ҷаҳонбинии маҳдуд дошта, аз дигар занҳои сабукпою айшпарасти асар Барчиной, Хосият- отун, Мармалод чандон фарқ надоштааст» (14, 106).

Ба назари мо воқеанигории маҳз бадеияти ин асари нависандаро кам кардааст, «то андозае яктарафа мондани баъзе характерҳо, аз амиқияти психологӣ маҳрум мондани тасвири баъзе персонажҳо аз ҳама пеш вобаста ба ин аст, ки баъзе бобҳо хусусияти очеркӣ доранд» (59).

Бо вуҷуди камбудиҳои зикршуда романи «Норак» яке аз беҳтарин романҳои тоҷик дар насри ба истилоҳ истеҳсолӣ мебошад, ки арзишҳои судманди ғоявӣ дорад.

«Водии муҳаббат» сеюмин романи Юсуф Акобиров аст. Ин роман дар мавзӯи азхудкунии дашти Бешкент таълиф шуда, сарнавишти одамони гуногунро ба тасвир мегирад. Мо дар роман ҳам ҷавононро мебинем, ҳам калонсолонро. Дар миёни ин гурӯҳ пирони таҷрибакор низ ҳастанд, ки дар соҳаи пахтакорӣ таҷрибаи хуб андӯхтаанд ва аксари онҳо солҳои сӣ аз шимоли Тоҷикистон ба водии Вахш муҳоҷир шудаанд ва дар ободонии ин гӯшаи кишвар саҳми калон доранд. Нависанда асосан ба тасвири рӯйдодҳои зоҳирӣ машғул шудааст, ки «ягон натиҷаи ҷиддии психологӣ надоранд» (116).

Роман бо афсонае шурӯъ мешавад. Ин ривоят ба унвони «Шаҳри Тус» будани Шаҳртуз ишора мекунад.Мазмуни ин ривоят чунин аст, ки Тус хоҳиши малика Рашкиқамарро иҷро карда, корезе канд, вале оқибат шифти корез ба сараш фурӯ афтод ва ҳалок шуд. Ҳарчанд ба дашт об наомад, вале номи «Шаҳри Тус» боқӣ монд. Роман дар асоси ҳамин образҳо сохта шудааст. Нависанда то андозае ба қаҳрамононаш хусусияти афсонавӣ медиҳад. Чеҳраи Бобо Деҳқон он афсонаро дар ёд зинда мекунад.

Мо дар роман бо кори душвор, вазъи сурманди бинокорони иншооти обии Бешкент шинос мешавем. Вале низоъҳои истеҳсолӣ хеле содда ҳал мешаванд. Масалан, моҳияти низои сохтмончидухтар Наргис бо прораб, ки хонаи нотайёрро изофанависӣ карда, қабул мекунад, кушода нашудааст, балки чун як ҳодисаи муқаррарӣ ба қалам омадааст, ки ҳеҷ моҳияти иҷтимоию бадеӣ надорад. Вале ба қавлӣ Муҳаммадҷон Шукуров «ин гап чунин маънӣ надорад, ки «Водии муҳаббат» аз ҳама ҷиҳатҳо суст аст. Метавон гуфт, ки тадқиқи Ю.Акобиров дар баъзе хатҳои сужет натиҷаҳои матлуб додааст ва ин натиҷаҳо на фақат барои инкишофи эҷодиёти худи нависанда, балки барои фаҳмидани протсесҳои адабиёти ҳозираи тоҷик ҳам аҳамият дорад» (116, 377). Дар ин замина образи Наргис яке аз чеҳраҳои ҷолиби роман мебошад. Ба ин маънӣ чунин андешаи М.Шукуров бодалел аст, ки ҷидду ҷаҳди занро дар роҳи устувор кардани шаъни инсонии худ, дар роҳи бартараф намудани ҳамаи монеъаҳо ва озодона бо сари баланд дар зиндагӣ роҳ пеш гирифтани ӯро бо сарнавишти Наргис нишон диҳад». Наргис бо хости хешу ақрабо шавҳар кард. Маҳр (қалин)-и ӯ боиси фоидабардории хешовандонаш гардид. Вале хонаи шавҳар барои Наргис хонаи осоиш набуд. Ӯ ин ҷо бо дуруштиву дағалӣ ва ноодамӣ рӯ ба рӯ шуд. Зиндагӣ баъд ҳам аз роҳи Наргис домҳои фиреб ва таҳқирро набардошт. Нависанда дар шахси Барот Наботович фардеро, ки барои айшу нӯши хеш Наргисро моил намояд, тасвир мекунад. Мо мебинем, ки талошҳои нобаробари зиндагӣ барои Наргис пур аз озору алам буд, шахсияти «ин ҷавонзани зебо ва

нарму доно» (116) ташаккул меёбад. Ниҳояти кор Наргис қуввае пайдо мекунад, ки ба «ишқи ҳақиқӣ ва зиндагии рӯҳафзое қодир будани худро нишон диҳад» (116).

Нависанда ба воситаи образи Наргис тазоди байни навию кӯҳнагиро таъкид кардааст.Мо дармеёбем, ки ҳанӯз ҳам тасаввуроти кӯҳна нисбат ба зан ҷонсахт аст. Дар бисёр мавридҳо шараф ва номуси инсонии зан поймол мешавад. Дар ҳамин замина нависанда кӯшидааст, ки қувваи рӯҳии занро нишон диҳад, ба шаъну шукӯҳе, ки ӯ ҳамчун инсон дорад, арзиш қоил шавад.Образи Бобо Деҳқон низ аз образҳои ҷолиби роман буда, хирадмандӣ ва таҷрибаи рӯзгори ин марди зиндагидида дар пешрафти ҷомеа судманд аст.

Юсуф Акобиров баъди ба истилоҳ андӯхтани таҷриба дар романнависӣ асари тозааш «Дунё ба умед»-ро (1984) ба табъ расонд. Ин роман аввалин бор дар съезди IX нависандагони Тоҷикистон мавриди гуфтугӯ қарор гирифт. Аз ҷумла, он вақт Мӯъмин Қаноат гуфта буд, ки романи «Дунё ба умед» воқеаҳои охири асри нуздаҳ ва оғози асри бистро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Мақсади нависанда – дар симои Бадриддинхӯҷа ва дигар равшанфикрон офаридани як силсила образи зиёиён аст. Роман лаҳзаҳо ва образҳое дорад, ки мо ба ҳунари нигорандагии Юсуф Акобиров бовар мекунем: гоҳ-гоҳ образи Бадриддинхӯҷа, Зуҳуриддини қаҳрамон, домулло Лутфӣ, қозии маъзул Қутбиддин, ҳамчунон образи занони Бухоро – Шукриябону, Маҳтоб ва дигаронро дар такомулот мебинем» (55, 14). Мӯъмин Қаноат дар маърӯзааш ба як нуқсони ҷиддии асар, ки баъд боиси гуфтугӯҳои зиёд гардид, ишора карда гуфта буд, ки «мо дар роман мураккабиҳои он даврaро ба пуррагӣ мебинем. Тарҷумаи ҳол, муҳити иҷтимоӣ – маданӣ ва тахаллуси Бадриддинхӯҷа аз устод Айнӣ гирифта шудааст. Вале образи офаридаи ӯ ба шахсият ва ҳайсияти симои устод нарасидааст» (55). «Набудани диду назари фалсафӣ ва қаноат намудан ба хотироти як адиб» сабаби асосии ин камбудӣ будааст, ки «ҷанбаи таҳқиқи асарро хеле маҳдуд кардааст».

Дар романи «Дунё ба умед» мо ду хати сужетро мебинем, ки яке таърихӣ ва дигаре тахайюлист. Ҳангоми такмили хати таърихии сужет нависанда аз ҳуҷҷатҳои таърихӣ, аз ҷумла, «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ истифода бурдааст, ки ин амали ӯ ба сирқат гаравидааст ва дар ин боб мунаққид Ҷӯра Бақозода мақолаи муфассале навишта, Маъруфи Раҷабӣ ин амали нависандаро «ҳадди ифрот» дониста буд (77,181).

Аслан кӯшиши нависанда дар ин роман ба он нигаронида шудааст, ки образи ҷамъбастии зиёиёни пешқадами охири асри XIX ва оғози асри XX-ро дар симои қаҳрамонони марказии асар нишон диҳад. Аз ҳамин мавқеъ ӯ ба сарнавишти таърихии Бадриддинхӯҷа менигарад. Бадриддинхӯҷаро прототипи Айнӣ дониста, аз санадҳои тарҷумаиҳолии устод фаровон истифода мекунад. Вале инчунин истифода карданҳо образро такмили бадеӣ намебахшад, балки нависанда бехабар мемонад, ки ба ҷои прототипи Айнӣ, худи Айниро офаридааст. Ба ин сабаб роман «аз такрори маҳзи лавҳаҳо иборат» шуда, «ягон консепсияи муайян ва диди навв»-ро ифода намекунад. Танқиди адабӣ ин кӯшиши Юсуф Акобировро мисли кӯшиши аввалааш (ҳамроҳи Шавкат Ҳарисов дар бораи устод Айнӣ китобе чоп карда буд, ки онро адабиётшиноси фақид Иосиф Брагинский «тадқиқоти бебарор» номида буд) «ноӯҳдабароёна» (14) номид. Мунаққид ва адабиётшинос Ҷӯра Бақозода дар бораи ин роман бо номи «Қисса аз баҳри дафъи малолат нест» тақризи муфассале навишта, аз ҷумла таъкид карда буд, ки «аз мутолиаи «Ёддоштҳо» ва «Дунё ба умед» хулосае бармеояд, ки Юсуф Акобиров афкори иҷтимоию сиёсии устодро абгор карда, назаррастарин бозёфтҳои ӯро чун маҳсули бофтаи бадеии худ ба қалам додааст» (14, 159). Дар ин мақола мунаққид меафзояд, ки нависанда ҳангоми навиштани роман зери «таъсири» устод монда ва ин «таъсир» ба се тарз сурат гирифтааст: «истифодаи айнан, бо таҳрири ҷузъӣ ва мазмунан». Ва мунаққид «ин кирдори Юсуф Акобировро ба ҷуз сирқати маҳз» чизи дигар намедонад.

Чунонки дидем, таҷрибаи охирини романнависӣ барои нависандаи пуртаҷриба на фақат бебарор, балки шармвор анҷом гирифт ва таи чанд

соли охир нависанда чизи ҷолибе ҳам нанавиштааст ва романҳои ӯ «Норак»-у «Водии муҳаббат» ҳамоно беҳтарин асарҳои бадеии ӯянд.

Саттор Турсун
(тав. 1946)

Саттор Турсун дар адабиёти давраи нави тоҷик аз ҷумлаи нависандагони соҳибном ва дардошное ба ҳисоб меравад, ки зиёда аз чиҳил сол боз дар ғанӣ гардонидани хазинаи адабиёти тоҷик заҳмат мекашад. Воқеан, ӯ нависандаест, ки диду назари тоза ба ҳаёт ва рӯзгори инсон дорад.

Саттор Турсун зодаи деҳаи Пасурхии ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон мебошад. Вай 15 –уми феврали соли 1946 дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1970 шӯъбаи арабии факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, аз ҳамин сол то соли 1990 дар идораи маҷаллаи «Садои Шарқ» ба сифати мудири шӯъба ва ҷонишини сармуҳаррир фаъолият намудааст.

Нависандаи маъруф Саттор Турсун як муддат дар муассисаҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Нависанда солҳои 1994 – 1996 мухбири рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва солҳои 1996 -1997 сармуҳаррири маҷаллаи «Памир» буд. Муддате сармуҳарририи рӯзномаи «Баҳори Аҷам» –ро ба ӯҳда дошт. Ҳоло муваффақона фаъолияти эҷодиашро идома дода истодааст.

Саттор Турсун фаъолияти эҷодиашро ҳанӯз айёми донишҷӯйӣ оғоз намудааст ва аввалин ҳикояҳояш поёни солҳои 60-уми асри XX ба табъ расидаанд. Нахустин маҷмӯаи ҳикояҳои нависанда бо номи «Дили гарм» соли 1971 чоп гардид, ки он ҳафт ҳикояро фароҳам овардааст. Ҳикояҳои ин маҷмӯа аз истеъдоди нигорандагӣ, азму иродаи қавии нависандаи ҷавон дар роҳи эҷодӣ дарак медоданд. Дар сарсухани нахустмаҷмӯаи нависандаи ҷавон Юсуфҷон Акобиров нигоштааст: «Саттор Турсун азм дорад, ки ба душвориҳо тоб оварда, аз пастиву

баландиҳои ин роҳи дарозу пурмашаққат гузар карда, ба шоҳроҳи матлаб барояд. Орзуҳои ӯ баландпарвозанд».

Баъдтар Саттор Турсун ба навиштани асарҳои калонҳаҷми насрӣ пардохт ва аввалин қиссаи нависанда «Сукути қуллаҳо» соли 1974 ҳамроҳи чанд ҳикоя ба табъ расад. Ҳамин тариқ, китобҳои нависанда «Камони Рустам» (1976, 1982), «Аз субҳ то шом» (1979), «Барф ҳам мегузарад» (1983), «Дувоздаҳ ҳикоя» (1986) пайдарпай ба дасти хонандагон расиданд.

Соли 1988 романи Саттор Турсун «Се рӯзи як баҳор» бо қиссаи «Девор» ва чанд ҳикоя чоп гардид. Маҷмӯаҳои дигари нависанда «Дарахти ҳазорсола» (1991), «Садама» (1994) ва «Санг дар бағал ба тӯфон» (1998) ном доранд. Ба муносибати 60 – солагии нависанда китобе бо номи «Зимистони умр» (2006) ба табъ расид.

Аксари асарҳои Саттор Турсун ба забони русӣ тарҷума ва чоп гардидаанд. Қисми дигаре аз асарҳои бадеии нависанда ба забонҳои ӯзбекӣ, эстонӣ, арабӣ ва забонҳои дигар тарҷума ва чоп шудаанд.

Саттор Турсун дар соҳаи тарҷума низ қалами хуб дорад. Вай асарҳои ҷудогонаи Л. Н. Толстой, Ҷек Лондон, Ш. Андерсен, А. Упит, Г. Матевосян, И. Друсе, У. Камол барин нависандагони барҷастаи ҷаҳониро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Саттор Турсун бо таълифи ҳикоя ба адабиёт ворид гардидааст. Аз аввалин ҳикояҳои нависанда мушоҳида мешуд, ки дар офаридани асари бадеӣ, диду назари хос дорад ва мавзӯъҳои мавриди тасвири ӯ низ ҷолибанд. Дар ҳикояву қиссаҳои Саттор Турсун асосан аз қисмати инсон, мақеи шахс дар ҷомеа, ахлоқу маънавият ва дастуру мароми зиндагии вай, яъне бузургӣ ва тинати пасти инсон сухан меравад. Нависанда дар асарҳояш ба паҳлӯҳои гуногун ва ба масъалаҳои то ҳол норавшан диққат медиҳад, ки барои ифшои хислатҳои гуногуни инсонӣ ҷолибанд. Саттор Турсун нависандаи ҳассос буда, ба ҳодисаю воқеаҳои атроф бетараф нест. Аз ин рӯ, вай ҳам рӯйдодҳои хурду бузурги иҷтимоӣ

ва ҳам ҷузътарин дигаргуниҳои табиати инсонро нозук дарк карда, мавриди тасвир қарор медиҳад.

Яке аз масъалаҳое, ки дар тамоми эҷодиёти Саттор Турсун мавқеи марказӣ дорад, ахлоқи ҳамидаи инсонист. Мавзӯи ахлоқ дар бисёр ҳикояҳои нависанда, аз ҷумла, дар ҳикоёти «Нисфирӯзӣ» (1972), «Падар» (1972), «Аз субҳ то шом» (1973), «Ситораи корвонкуш» (1973), «Қиссаи марди гаҳворасоз» (1984 – 1985), «Панҷаи нарми шафақ» (1985) мушоҳида мешавад.

Дар қиссаҳои Саттор Турсун – «Сукути қуллаҳо» (1972), «Камони Рустам» (1975), «Пайванд» (1976), «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» (1982), «Девор» (1988), «Санг дар бағал ба тӯфон» (1995-1996) муҳимтарин масъалаҳои зиндагӣ, сарнавишти инсон дар ҷомеа ва ахлоқу маънавияти одамон тасвир ёфтаанд. Дар ин асарҳо амалиёт ва муносибату муомилаи образҳои мусбату манфӣ табиӣ ва воқеӣ буда, таваҷҷӯҳи хонандаро ба худ ҷалб мекунанд. Нависанда ҳеҷ гоҳ барои хонданбоб шудани асарҳояш ба воқеанигории зоҳирӣ кӯшиш намекунад. Вай бо як тамкину оҳистаравӣ воқеаҳоро мӯъҷаз тасвир мекунад, ки ба ҷузъ маънии асл мазмуни таҳдонӣ низ доранд. Саттор Турсун воқеаҳои ба ҳаёти қаҳрамон вобастаро ба тафсил нақл намекунад, балки бо ҷузъиётҳои психологӣ он лаҳзаҳоро ба қалам медиҳад, ки ба ташаккули хислату характер, ҷаҳонбинии персонаж нақше гузошта, фалсафаи ҳаёти шахсӣ ва фаъолияти ҷамъиятии ӯро равшан мекунанд. Ҳамин тариқ, тасвир аз имрӯз оғоз гардида, воқеаҳои гузаштаро фаро мегирад ва бо имрӯз пайванд мегардад. Ин тарзи сужетсозӣ ба нависанда имкон додааст, ки ҳолати рӯҳӣ, муҳити фарогирифтаи персонажҳо ва фалсафаи зиндагии онҳо ва гузашта аз ин инкишофи минбаъдаи воқеаҳо ва характерҳоро муайян созад.

Ҷиҳати дигари асарҳои Саттор Турсун дар замону макони маҳдуд тасвир ёфтани ҳодисаю воқеаҳо мебошад. Ҳамин ҷиҳатҳоро мо ҳам дар ҳикояҳо ва ҳам дар қиссаҳои нависанда мушоҳида мекунем. Саттор Турсун саргарми саргузашту ҷараёни муфассали зиндагии персонаж

намешавад, балки аз гузашта ва ё ҳаёти имрӯзии қаҳрамон ду-се рӯзи онро мавриди тасвир қарор медиҳад ва дар сафҳаи ҳамин вақт ботину зоҳирро хуб нишон медиҳад.

Мавзӯи қиссаи «Камони Рустам» ҳаёти оилавӣ ва муҳаббати ҷавонон мебошад. Нависанда дар образҳои Фирӯз, Назокат, Шарофатхола, Носир, Шарифи шабкӯр ва дигарон ба масъалаҳои ҳалолкорӣ, сарбаландӣ ва ростқавлӣ диққат ҷалб намудааст. Образҳои асосӣ Фирӯз ва Назокат дар роҳи бахт талош меварзанд ва баъди маҳрумиятҳои зиёд ба мақсад мерасанд. Ҳолати рӯҳӣ ва туғёни қалбии ошиқонро дар охири асар манзараи баҳори дараи Оҳувон боз ҳам равшантар ифода намудааст.

Забони қиссаи «Камони Рустам» равон, пуробуранг ва нишонрас мебошад. Воситаҳои гуногуни тасвир таровати матнро афзуда, табиату хислатҳои образҳои асарро саҳеҳтар ошкор месозанд.

Дар эҷодиёти Саттор Турсун романи «Се рӯзи як баҳор» мавқеи калон дорад. Ин асар мухолифати табақавии мардуми тоҷикро дар солҳои бистуму сиюми асри XX дар бар мегирад ва аз ҷиҳати тарзи тасвири образҳо дар адабиёти тоҷик нав аст.

Дар маркази тасвир фидоии роҳи инқилоб Анвар ва сардори дастаи босмачиён Усмон Азиз қарор доранд. Нависанда якеро пурра мусбат ва дуюмиро тамоман манфӣ ба қалам надодааст, балки шахсияти ҳар ду барои ӯ яксон аст, ба тақдири онҳо дилаш месӯзад, ҳардуро якхела дӯст медорад, чунки образҳои асосии романи Саттор Турсун фарзандони як миллат, ҳамсояву хеш буда, ҳар кадом дар мавқеи худ ҳаққанд. Анвар мехоҳад ҳаёти нав бисозад. Усмон Азиз ба ҳаёти нав, ба ҳукумати Шӯравӣ муросо карда наметавонад, пуштибони замони худ аст, кӯшиш мекунад, ки хонаю дар ва дину мазҳаби худро дифоъ кунад. Бинобар ин, ба ҳукумат, ба арзиш нави ба миён омада зиддият нишон медиҳад, оқибат ба ҳалокат мерасад. Ӯ Ватанашро бо тамоми ҳастӣ дӯст медорад ва ҳангоми сафари маҷбурӣ аз деҳааш – Нилу ба нафаронаш чунин маслиҳат медиҳад: «Мегӯянд, ки хоки Ватан аз тахти Сулаймон

беҳтар. Пас, тадбир ин аст, ки ба саратон ҳар чӣ ояд, дар ватан монед. Ғам нахӯред, ки мо ба мақсад нарасидем… Шояд фарзандонатон роҳи дуруст ёбанд».

Чи хеле ки мушоҳида шуд, каломи Усмон Азиз мантиқан қавӣ буда, бо мақолу зарбулмасал ва ҳикматҳои халқӣ таквият ёфтааст. Анвар, Комрон, Таманно барин образҳои романи «Се рӯзи як баҳор» низ пуркуввату омӯзандаанд.

Асоси фалсафаи асарҳои Саттор Турсунро муборизаи некӣ ба бадӣ ташкил медиҳад. Қиссаи «Санг дар бағал ба тӯфон» ҳам дар ҳамин чорчӯба офарида шудааст. Қисса аз ҷиҳати ҳаҷм калон нест. Сужети асар дар ниҳояти бешитобӣ ва оҳистаравӣ инкишоф ёфта, аз ҷиҳати фарогирии макону замон хеле маҳдуд аст. Саттор Турсун дар қисса мисли асарҳои қаблан эҷод кардаи худ фақат ду рӯзи ҳаёти Рашод (қаҳрамони асоси повест)-ро ба қалам додааст. Нависанда дар ҷараёни зиндагии як чупони оддӣ -инсонеро, ки муҳити сахти иҷтимоӣ, носозгориҳои замона ба ӯ фишор овардааст, ба таҳқиқ мегирад. Адиб дар ибтидои қисса тӯфони сахт, беист боридани барф, талу теппаҳои саросари барфпӯш ва дашти хомӯшу ба сукутрафтаро ба қалам дода, сипас бо тасвири кулбаи чӯпонӣ, асбобу анҷоми дар он ҷой дошта ва саги бовафои Рашод, ки гирифтори бемории лоилоҷ аст, мегузорад ва хонандаро бо макону фазои ҳодисаву воқеоти минбаъд ба вуқӯъ пайваста ошно мегардонад. Услуби нигориш низ дар қисса хеле ҷолиб аст. Сухани нависанда дар асар хеле кам ба гӯш мерасад. Ибтидои қисса, тасвири ҳуҷуми шабонаи гургон,нобуд шудани чанд меш ва Малла (саг), инчунин даст ба гиребон шудани Рашод бо мудири ферма- Раҳим Акбар, аз забони муаллиф нақл шудаасту тамом. Дигар тасвирҳои дар қисса ҷараён ёфта асосан хаёлот, андеша ва монологҳои қаҳрамон мебошанд, ки аз забони ӯ нақл гардидаанд.

Тасвири ботинии қаҳрамон дар асар мавқеи хоса дорад. Барои кушодани симои ботини мураккабу пуртазоди персонаж монологи ботинӣ нақши муҳимро бозидааст. Дар ифшои ҷаҳони ботинии Рашод

пеш аз ҳама вазъу шароит ва муҳити ӯро фаро гирифта, восита гардидааст, зеро вазъу шароит бар рӯҳияи ӯ такони сахте шуда, Рашодро ба дарки амиқи асосҳои ҳастии маънавӣ равона кардааст. Ҳолатҳои конфликтомез ва шиддати қуввахои ботинӣ, ҷустуҷӯҳои маънавию ахлоқии Рашодро тезонидаанд. Воқеан ҳам нависанда қаҳрамонашро яку якбора ба муҳокимарониву таҳлил ва муқоисаву хулосабарорӣ ворид накарда, балки нахуст заминае фароҳам овардааст, яъне лаҳзаҳоеро ба қалам додааст, ки он ба рӯҳияи қаҳрамон таъсир намуда, ба фаъолиятмандии минбаъдаи персонаж замина гардидаанд. Ин тасвирҳо тӯфони сахт, бемории саг, барнагаштани дастёраш – Собир, ҳамлаи гургони чилламаст, нобуд шудани гӯсфандону Малла мебошанд. Мегӯянд, ки одам ҳамон вақт фаъолу ҷӯянда мешавад,агар дар дил дард дошта бошад. Рашод дар вуҷудаш дард дошт, дардҳои пешина, ки дар он Раҳими Акбарро сабабгор медонист. Бо вуҷуди он, ки ин ҳама ба рӯҳияи Рашод таъсир расонида, Раҳими Акбарро ба ҳамаи бадбахтиҳояш гунаҳкор шуморидааст, инҷо ҳоло сабабгор ва гунаҳкор будани Раҳими Акбар ба хонанда маълум нест. Аз ҷумла, симои худи Рашод дар ибтидои қисса мураккаб ва торик ба тасвир омадааст, лекин он оҳиста-оҳиста дар ҷараёни инкишофи воқеаҳо аз монологҳои ӯ равшан шудан мегирад.

Дар зиндагии Рашод корнамоие ба назар намерасад. Вай як чӯпони оддӣ, марди заҳматпеша, ҳақиқатхоҳ, ба атрофиён то андозае меҳрубон. Касби чӯпониро аз падар мерос гирифтааст. Рашод ба касе бадӣ кардан намехоҳад, ҳатто ба махлуқи ғайри инсон ҳам. Ӯ ба ҳоли саги бемораш нигариста, ин махлуқи безабон, вале боақлу бовафоро дилбардорӣ мекунад. Ба тақдири дастёраш Собир-дилаш афгор аст, дар барнагаштани Собир худро гунаҳкор меҳисобад. Аз сӯи дигар, Рашод инсони мураккабтабиат буда, хулқу атвор, хислатҳои пуртазоде дорад. Албатта, ин табиист, инсон фақат дорои хислатҳои нек шуда наметавонад. Дар пиндори кас ва дар радифи рафтору кирдори неки инсонӣ, боз хислатҳое маскан доранд, ки дар муқобили рафтору кирдори

ҳамидаи инсонӣ меистанд. Дар ҳамин замина Саттор Турсун дар повест на фақат иқтидори дили некхоҳи инсонро нишон додан мехоҳад, балки кӯшидааст, то қувваи аҳримониеро, ки дар қаъри дили инсон ниҳон аст, нишон диҳад ва ба чӣ қодир будани онро ошкор созад.

Чӣ тавре ки дар боло қайд кардем, баъзе лаҳзаҳои ба тасвир омада ба рӯҳияи Рашод бетаъсир намондаанд. Нахустин бемории саг Рашодро ба гузашта мебарад. Рашод ҳоли раҳмангези Бебокро дида, воқеаи чор сол қабл аз ин рӯзро ба хотир меорад. Вай чор сол пеш ин ҷонвари ҳушёр, ба қавле боақл ва нотарсро аз як чӯпони қунғурот талабида, ба дастони худ калон кардааст. Рашод ҳеҷ гоҳ он хидматҳои Бебокро фаромӯш намекунад, зеро ин ҷонвари безабон борҳо Рашод ва рамаашро аз балоҳои ногаҳонӣ нигоҳ доштааст. Лекин имрӯз вай бемор аст, азоб мекашад. Ин хотирот, аз як тараф, хидматҳои сагро аз хотир набаровардани Рашодро ифода кунад, аз тарафи дигар, мулоҳизаҳои ӯ доир ба олами ҳастӣ ва муборизаи мавҷудоти зинда ба гармию сардии ҳаёт аст.

Рашод дар он рӯзи пуртаҳлука оромӣ надошт. Дар сари ӯ ҳамеша фикрҳои бесарунӯг чарх мезананду вайро азоб медиҳанд. Замоне ки Рашод дастёраш Собирро ба хотир меорад, боз беқарортар мегардад. Ин азобкашиҳои ӯ гувоҳи онанд, ки Рашод ба тақдири Собир бетараф нест, зеро Собири ҷавон, дар зиндагӣ ҳеҷ чизро надидааст: «Дар ҳар сурат оқибати ин сафари Собир ба хайр шавад-ку нағз. Охир, ҷавон аст вай. Нав ба бистуяк даромад. Тобистон зан гирифта, ба сад орзуи нек сарашро ҷуфт кардан мехост, рӯзи равшан дидан мехост. Ва Рашод, ки худаш дар зиндагӣ бадбахт буд, аз даргоҳи парвардигор ба ӯ сидқан бахти сафед металабид».

Рашод ҳам пешомад, чӣ нохушиҳо ва чӣ шодию сурури зиндагиро аз насибу тақдир донад ҳам, лекин ба ҳамаи ин бесарусомониҳо вуҷуд доштани як чиз ё як каси таъсиррасонандаро ҳис мекард. Ба мисли он, ки ба хушбахтии ӯ Раҳими Акбар зомин шуд.

Аз ин андешаҳо ҳоло хонанда аз нияту мақсади қаҳрамон ҳеҷ чизро дарк намекунад, чунки дар ин тасвирҳо чизи асосӣ дарҷ наёфтаанд. Ба қавли худи нависанда ин эпизодҳо мисли парда ё пероҳане мебошанд, ки чизи асосӣ дар зери он ниҳон аст. Воқеан ҳам ҳамин тавр аст, нависанда бо овардани ин тасвирҳо кӯшидааст қаҳрамонашро фаъолтар кунад, то ки қаҳрамон асоси бадбахтиҳояшро ҷӯяд.

Рашод дар миёни гиру дори зиндагӣ, нобарориҳои ҳаёт ва ҳаводиси табиат худро нотавон, ҳақиру танҳо ҳис мекунад. Барои рафъи ин ҳолат чораҳо меҷӯяд. Ба коре машғул шудан мехоҳад, то ки аз андешаҳои бесарунӯг фориғ шавад. Бо ҳамин мақсад шароб менӯшад, вале шароб ҳам таскине намебахшад. Баръакс ӯро андешаҳои дигар фаро гирифта, хотираҳои кӯҳнаи дар дил доштааш зинда мегарданд. Хотираҳои пешинааш бошанд талх, дардноканд. Он хотираҳои талх ҳамон ишқи нотамом ва бевафои Насрин буданд. Агар то он рӯз Рашодро ҳодисаҳои рӯзҳои охир нороҳат мекарда бошанд, акнун ба дили ӯ ҳаводиси гузашта фишор меовард. Рашод чеҳраи Насринро фаромӯш карда наметавонист. Рашод Насринро дӯст медошт. Замоне ки сурати Насринро пеши назар орад, дилаш реш-реш мешуд. Мехост баъди хатми мактаби миёна ба ягон шаҳри калон рафта хонад, муаллим шавад. Баъди баргаштан бо Насрин оила барпо кунад. Лекин ҷанги хонумонсӯз ҳамаи орзую умеди Рашодро барбод медиҳад. Рашод ҳам мисли ҳамсолонаш бе ёрмандии волидайн ба роҳ мебарояд. Ҳамин тавр, аз 15-солагӣ асойи чӯпонӣ ба даст мегирад.

Рашод ба ин пешомади зиндагӣ нафрин мехонад, худро шӯрбахт медонад. Ба ноомади кор ва бахташ Раҳим Акбарро гунаҳкор мешуморад. Бо вуҷуди он, ки Рашод дар хотираҳояш аз Раҳими Акбар ёдрас шуда, ба ӯ нафрин мехонад, лекин хонанда то огоҳӣ аз муносибати Рашод ва Насрин аз гунаҳкории Раҳими Акбар чизеро дарк намекунад. Воқеан, дар ибтидои қисса ҳамин тавр аст, зеро андешаҳои Рашод маҳдуд, яктарафаанд. Вай сабаби бадбахтиҳояшро дар он медонад, ки аз майдони ҷанг баргашт ва Раҳими Акбар бо Насрин оиладор шуд. Гӯё

Раҳими Акбар дидаю дониста гаҳворабахши Рашодро ба занӣ гирифта бошад.

Бале, Рашод Насринро дӯст медошт, бо ӯ вохӯриҳо мекард, изҳори муҳаббат менамуд. Бар замми ин Насрин ба Рашод гаҳворабахш ҳам буд, ки онро ҳама аҳли деҳа медонистанд. Лекин Рашод як чизро дарк намекард. Барои чӣ Насрин розӣ шуд, ки ба Раҳими Акбар ба шавҳар барояд? Фақат ҳаминро медонист,ки Раҳими Акбар шахси сарватманд, доро, ба қавле дар ин қаламрав касест, ки «тангаю тилло ҳам дорад». Хулосаи Рашод ҳамин буд, ки Насрин ба молу чизи Раҳими Акбар шайдо шуда, ба ӯ розигӣ дод. Аммо сабаби асосӣ дар ин нест, ин ҷо чизи дигаре ҳаст. Рашод намефаҳмид, ки муҳаббати ӯ бо Насрин ҳоло муҳаббати ҳақиқӣ нест ва ӯ ин ҷиҳати масъаларо фикр ҳам намекард. Вай бовар дошт, ки Насрин ба ӯ гавҳорабахш аст, пас Насрин фақат аз они ӯст. Аз ҳамин ҷиҳат Рашод хотирҷамъ буд. Дар асл муҳаббати байни Рашод бо Насрин муҳаббате набуд, ки онҳоро ба висоли якдигар расонад. Ин дар баъзе андешаҳои Рашод ҳам зоҳир аст. Рӯзе, ки Рашод бо Насрин вомехӯрад: «дар умраш аввалин ва охирин маротиба ба Насрин гуфта буд, ки бениҳоят дӯст медорад ӯро… Насрин низ гӯё дар омади гап ҷавоб гардонида буд: ман ҳам туро баъзан фикр мекунам».

Ҳувайдост, ки ин гуфтугӯй тасодуфан ва гӯё дар омади гап ба вуқӯъ пайвастааст. Суханони Насрин дар воқеъ як андоза нобоварона ва ноустувор садо медиҳанд. Инчунин, мулоқоти он ду дилдода ба мулоқоти ошиқон монандие надорад, ки бо ҳам аҳду паймон намуда, барои расидан ба мақсаду ҳадафи хеш мубориза мебаранд. Сониян, агар муносибати онҳо самимӣ мебуд, Насрин ҳеҷ гоҳ ба Раҳими Акбар розигии худро намедод. Кӯшиш менамуд, ба ҳар роҳе, ки бошад, ба висоли Рашод расад. Рашод ҳам коре мекард, ки дӯстдоштааш ба каси дигар нарасад. Вале дар ин роҳ ҳеҷ коре накардаву чорае ҳам намеҷӯяд. Фақат ба тақдир тан додааст. Аз ин рӯ, Рашод дар ин роҳ як андоза камфаъол ва бечуръатӣ зоҳир кардааст. Камфаъол ва бечуръат будани Рашод дар тангназар ва ҷаҳонбинии васеъ надоштани ӯст. Бар замми ин

вуҷуди Рашодро ба тамом рашк фаро мегирад. Ва ниҳоят, ин рашк Рашодро ба роҳи интиқомгирӣ мебарад ва ӯ ҳалли мушкилоти хешро дар нобуд кардани Раҳими Акбар мебинад.

Чизи дигарро ҳам бояд қайд кард, ки агар ба асарҳои ошиқонаи адабиёти гузашта назар афканем, мебинем, ки дар он дилдодагон барои ба висоли ҳамдигар расидан мубориза мебаранд, вале дар ин ҷо воқеа ранги дигар гирифтааст. Рашод ба ҷои ҳалли мушкилоти худ роҳи қасосро пеш мегирад. Рашод дар зиндагӣ хушбахтии Насринро бо каси дигар чашми дидан надорад.

Персонажи дигари қисса Раҳими Акбар асосан дар охири қисса ба майдони воқеа мебарояд. Ҳарчанд ки дар баъзе хотироти Рашод хонанда ба симои Раҳими Акбар ғоибона шинос мегардад, лекин симои воқеии ин шахс дар охир ба таври бояду шояд зоҳир мешавад. Қаблан, аз андеша ва муҳокимаву хулосаҳои Рашод кас дар симои Раҳими Акбар шахси худбин ва бештар ҷӯяндаи манфиатҳои шахсиро дармеёбад. Ин баҳо аз нигоҳи Рашод буда, дар асл ин тавр нест. Раҳими Акбар хислатҳои хуб ҳам ба монанди дасткушодӣ, мардонагӣ, нотарсӣ ва ғайраро дорад. Муҳокимаву хулоса аз нигоҳи Рашод яктарафа бошад ҳам, ботини Раҳими Акбар ба василаи он равшан мегардад. Албатта, хислатҳои бади Раҳими Акбар-ғарраи дороӣ доштан, одамонро писанд накардан, раҳму шавқатро надонистан, аз дуздӣ рӯй нагардондан ва урфу одати бобоиро зери пой кардан, дарди ҷомеа буда, зараровар аст. Ва аз ин ҷиҳат метавон Раҳими Акбарро шахси дар ҷамъият зараровар донист. Вале дар муносибат бо Рашод симои Раҳими Акбар рангу бӯи дигар дорад. Дар оғоз Раҳими Акбар аз дилу нияти Рашод огоҳ нест. Замоне аз мақсаду нияти Рашод воқиф мегардад, ки барои хабаргирӣ аз ҳоли рама ба назди ӯ меояд. То он рӯз Рашод гарчанде дар дил кинаю нафрат нисбат ба Раҳими Акбар дошт, аммо онро ошкор намекард, яъне бо вуҷуди он ки дар ҳама кор ӯро гунаҳкор медонист. Рашод фурсати муносиб меҷуст, то бо Раҳими Акбар даст ба гиребон шаваду дилашро ба тамом холӣ намояд. Ду-се рӯзи охир косаи сабри Рашодро лабрез

карда буд. Ба хусус тӯфони шадид, талафи чанд меш ва бедаракии Собир дигар Рашодро аз ҳеҷ роҳ боз дошта наметавонист. Хулоса, Рашод фурсате ёфта буд, то дилашро холӣ кунад. Билохира, Рашод бо Раҳими Акбар кашокашу занозанӣ намуда, ҳамзамон тамоми дарди дилашро мегӯяд. Рашод ҳам мушт кӯфта, ҳам мегӯяд: «инаш барои он ки фарзанди одам дар назарат пашша барин наметобад! Раҳму шафқатро намедонӣ! Дилат мисли ангишт сиёҳ. Ҳаргиз мусулмон нестӣ! Аз Худо бехабарӣ! Бо вуҷуди бадавлат будан дуздӣ мекунӣ! Мани камбағалро аз сони одам баровардӣ! Пулу молатро пеш андохта, ба фиребу найранг гавҳорабахши маро ба занӣ гирифтӣ! Расму оини бобоиамонро зери по кардӣ! Аз ягон разолат рӯй намегардонӣ! Зеро аз рӯзи азал палидӣ, шарирӣ!

Ҳамин тарз баъд аз шунидани ин суханон Раҳими Акбар ба асли воқеа хабардор мешавад. Мефаҳмад, ки сабаби он ҳама дар дил кина парваридани Рашод, бад-бад нигоҳ карданҳо, гап гардондан ва супоришҳои ӯро иҷро накардани Рашод, Насрин будааст. Насринро Рашод дӯст медоштааст.

Дар асл агар муносибати Раҳими Акбарро ба моликияти ҷамъиятӣ ва дуздию манфиатҷӯияшро сарфи назар кунем, ӯ дар муносибат бо Рашод ва ба занӣ гирифтани Насрин гуноҳе надорад, зеро вай Насринро ба зӯрӣ ба занӣ нагирифтааст. Раҳими Акбар ба хонаи Насрин хостгор мефиристад, падару модар розӣ мешаванду ӯ Насринро ба занӣ мегирад. Ин гуноҳ нест, балки як чизи табиӣ буда, дар зиндагӣ рух медиҳад. Дар ин кор Раҳими Акбарро гунаҳкор кардан хатост. Баръакс ба ин тарз сурат гирифтани кор худи Рашод ва Насрин гунаҳкоранд. Мутаассифона, онро Рашод дарк намекунад.

Ин ҷо боз як чизи дигар тааҷҷубовар аст. Бо нобуд кардани Раҳими Акбар дили Рашод сабук намегардад. Баъд аз ин вай аз паи нобуд кардани Насрин мешавад, ки ин ҳайратовар аст. Магар кас дӯстдоштаи худро нобуд мекунад? Не, ин аз рӯи тангназарӣ ва нисбат ба Насрин

муҳаббати ҳақиқӣ надоштани Рашод аст ва билохира, бадрашку кинапарвар будани Рашодро нишон медиҳад.

Ҳарчанд ки зиндагии Рашод дарднок аст ва ҳаёти вай бо фоҷеа анҷом мепазирад, Рашодро наметавон шахси комилан хуб ё бад баҳо дод, зеро бо вуҷуди он, ки ӯ дар зиндагӣ дар роҳи ҳақ талош менамояд, барои беҳбудии зиндагӣ мубориза мебарад, ҳоло Рашод инсони дар кӯраи зиндагӣ комилан ташаккулёфта нест. Шояд ин ба он вобаста бошад, ки воқеоти дар повест тасвиршуда ҳаводиси нимаи якуми солҳои 50-умро дар бар мегирад. Он солҳо замонест, ки акнун чорчӯбаи ҳизбӣ шикаста шуда, мардум нисбатан озод ва ҷаҳонбиниашон дигар гардида буд. Инқилоби рӯҳии дар ин давра ба вуҷуд омада ба қаҳрамони повест бетаъсир намонда, ӯро водор кардааст, ки аз шахсони бадкирдор, аз касоне, ки ба молу мулки ҷамъият ба чашми ғараз ва ба урфу одатҳои бобоӣ хунукназарона менигаранд, интиқом гирад.

Абдулҳамид Самад
(тав. 1947)

Абдулҳамид Самад аз зумраи нависандагони баркамоли тоҷик буда, аз оғози фаъолияти эҷодиаш осорашро бо такя бар савияи насри пешрави муосир таълиф намудааст. Бинобар ин ҳам навиштаҳояш бо ҳусни таълиф ва муҳтавои арзишманд барор гирифта, нақди адабӣ низ ба таълифоти ӯ баҳои баланд додааст.

Ин нависандаи маҳбуб имрӯз ҳам ба синну сол ва ҳам аз нигоҳи малакаи ҳунарӣ ба камол расидааст. Чандин маҷмӯаи ҳикоя ва қиссаҳо, ҳамчунин романи «Гирдбод» раҳоварди сафари ӯянд. Дар маҷмӯъ Абдулҳамид Самад бо василаи осори бадеиаш меъёрҳои тозаи шинохти инсон ва рафтору кирдори ӯро вазъ намуд, ки аз бисёр ҷихатҳо мунҳасир ба соҳиби ин осор аст. Ба ифодаи дигар, вай воқеъияти зиндагӣ ва сарнавишти одамонро бо диди хоси худ ба қалам оварда, тасвири тозаеро аз зиндагӣ ва амалу кирдори одамон барои муосирон ва

баъдиниёнаш ифода намуд. Ин фазилати ҳунарии ӯ аз сарнавишти инсонӣ ва савияи касбияти ӯ сарчашма мегирад.

Муҳити маънавии осори ӯ хоҳу нохоҳ диққати моро ба зиндагиномаи нависанда мутаваҷҷеҳ месозад. Абдулҳамид Самад соли 1947 дар дехаи Шикоргоҳи ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Азобу машаққати солҳои баъди ҷангии чаҳонии дуввумро, ки ба сари мардуми деҳот ранҷҳои зиёди моддиву маънавӣ овардааст, низ таҳаммул намудааст. Ин омилҳо, албатта, дар ташаккули тафаккури бадеии нависанда бетаъсир набудааст.

Абдулҳамид Самад баъди гузашти солҳо, замоне, ки хонанда ӯро чун нависандаи баркамол мешинох, дар бораи зодгоҳаш, меъодгоҳи даврони бачагиаш бо муҳаббат чунин андеша меронад: «Деҳаи Шикоргоҳи ноҳияи Ховалинг, кӯҳистони сабзу дарахтпӯш, чашмасорон ва рӯдҳои тезҷараён, хонадони марди барзгар, вале дилбохтаи китоб, яъне гузаштаҳои мо бо китобу калом пайванд будаанд. Бобоям Мулло Қурбон ва бибиям – кампири Бузург аз шахсони соҳибилм ба шумор мерафтанд ва ба писарону духтарони атроф хату савод меомӯхтанд. Модарам Ойҷонбибӣ, хоҳари домулло Латифи Зоғичагистанд, ки то сини 40 дар мадрасаҳои Бухорои Шариф таҳсил карда буданд. Шукри Худо гузаштагони мо бо китоб қаробат доштанд» (Абдулҳамиди Самад. «Ба китобчаат чашм нарасад, бачам» // «Оила», № 4 (22), соли 2001).

Нависанда пайванди маънавиашро бо зодгоҳаш дар як мусоҳибааш ба тариқи зайл таъкид мекунад: «Бо зодгоҳам ифтихор мекунам. Аз ин мавзеъ ҳафт тан адиби машҳур ба дунё омада, бузургтаринашон Муҳаммад Шамсиддини Шоҳин ва Хоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аст. Охири наққош ва хаттоти машҳур ҳам буд, дар ҳаждаҳ намуд хат навишта, барвақт сафари ҳаҷ намуда, аз рӯи гуфтаҳо шаш моҳ дар Фаронса ҳам будааст. Бо номи «Сафарнома» асари ҷолиб ҳам навиштааст, дар Найзор манзили эшон ва дар мазори «Кангурт» оромгоҳи он ҳазрат аст. Ин сарзамин он қадар файзу баракат дорад, ки қалам дар тасвираш оҷиз

аст» (А.Бердизода. «Дар қатори занҷири сайёраҳои коинот» // «Чумҳурият», 26-уми июли соли 1997).

Ин ишораи нависанда таъкид бар он дорад, ки дарахти андеша ва ҳунари ӯ дар ҷои холӣ сабз нашудааст. Яъне ӯ посдор ва ривоҷдиҳандаи суннатҳои волои ҳунарии ачдоди худ аст. Барои шинохти муҳити даврони бачагии ӯ пеш аз ҳама осораш сарчашмаи бебаҳост. Махсусан, қиссаи ӯ «Аспи бобом» хонандаро бо ҷузъиёти зиндагӣ ва ахлоқу одоби мардуми зодгоҳи нависанда хеле амиқ ошно мекунад.

Хонадони нависанда соли 1953 аз деҳаи Шикоргоҳи ноҳияи Ховалинг ба деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъ кӯч мебанданд. Ӯ дар ҳамин деҳа мактаби таҳсилоти ҳамагониро хатм мекунад. Дар ташаккули шахсияти А.Самад на фақат мактаб, балки падараш низ саҳми босазо гузоштааст. Ҳарчанд падараш Абдусамад (1900-1966) деҳқон буд, вале марди саводнок ва бодониш низ буд. Вай ризқу рӯзии аҳли байташро асосан бо кишоварзию чорводорӣ таъмин менамуд. Сарнавишти падари деҳқонашро нависанда дар ҳикояи «Асп меравад…» бо муҳаббати хос ва дақиққорӣ ба қалам додааст.

Аз санадҳои зиндагиномаи Абдулҳамиди Самад ва ёддошту мусоҳибаҳои матбуотии ӯ бармеояд, ки дарахти сабзи ҳунар ва истеъдодаш дар ҷои холӣ сабз ва боровар нашудааст. Ҳам муҳити хонаводагӣ ва ҳам ҷомеа дар камолоти инсонӣ ва ҳунарии ӯ нақши муҳим доштаанд. Ба хусус таҳсил дар факултети забон ва адабиёти Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе (ҳоло Донишгоҳи омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ), ки онро соли 1969 ба анҷом мерасонад, дар ташаккули шахсияти ҳунарӣ ва инсонии ӯ нақши муҳим доштааст. Қаробати маънавӣ бо устодони забардасте чун Носирҷон Маъсумӣ, Холиқ Мирзозода, Абдулғанӣ Эшонҷонов дар муайян кардани роҳи зиндагии ӯ нақши муҳим доштаанд. Шояд бештар ҳамин муҳити таълиму тарбияи донишгоҳӣ ӯро даставвал бо қоғазу қалам дилбаста кард. Тасодуф набуд, ки ҳанӯз замони донишҷӯияш бо

рӯзномаи «Ҷумҳурият» («Тоҷикистони советӣ») ҳамкорӣ мекард ва баъди хатми донишкада солҳои тӯлонӣ дар ҳамин рӯзнома кор кард.

Баъдтар Абдулҳамиди Самад дар маҷаллаи «Садои шарқ» ба ҳайси ходими адабӣ, муҳаррири шӯъба ва сардабир ифои вазифа намуд. Муддате дар вазифаи ҷонишини сардабири ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» низ кор карда, аз соли 1993 то ҳол ҷонишини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

Абдулҳамиди Самад дар куҷое, ки фаъолият карда бошад, худро чун инсони асил, намакшинос ва нависандаи соҳибҳунар намудааст. Ӯ аз зумраи нависандагонест, ки ба муҳит ва одамон назари некбин доранд. Дар яке аз мусоҳибаҳояш дар бораи онҳое, ки дар сабзишу камолоти маънавии ӯ нақши муҳим доштаанд, бо муҳаббат чунин менигорад: «Аз тақдир розиям, ки аз азал маро бо инсонҳои нек рӯ ба рӯ кард, аз онҳо баракат ёфтам, худро назди онҳо қарздор ҳам медонам. Аз ҷумла, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ғоиб Сафарзода, Муҳиддин Хоҷаев, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Саттор Турсун, ки аз эшон бисёр омӯхтаам; устод Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор, Гулназар ва Гулрухсор бароям олами дигаранд, эҷодиёти онҳо ба кас завқу ҳаловате мебахшад. Аммо сӯҳбати фарҳангиашон дарси донишу ҷустуҷӯст. Ва бо донишманде чун Ҳоҷӣ Исмоил гоҳ-гоҳ сари сӯҳбат нишастан бебаҳост.

Устодоне, ки дар мактаби миёна ва донишгоҳ доштам, ҳама одамони нек буданд. То зиндаам назди эшон худро шогирд меҳисобам, сари таъзим фуруд меорам. Сарчашмаи ман аз ин хоку аз ин одамҳои нек оғоз меёбад» (А.Бердизода. «Дар қатори занҷири сайёраҳои коинот» // «Ҷумҳурият», 26-уми июли соли 1997).

Маҳз ҳамин хислати неки қадршиносӣ ва назари некбинона ба зиндагӣ ва одамон меъёри аслии диду шинохт ва зиндагию фаъолияти ҳунарии ӯст, ки бешак дар шаклгирии андешаҳову орои ӯ дар бораи имрӯзу оянда таъсири бафайз гузоштааст.

Эҷодиёти Абдулҳамиди Самад хеле бармаҳал оғоз ёфта, вай дар овони наврасӣ ба навиштани хабару мақола ва аз айёми донишҷӯӣ бо

иншои лавҳаву ҳикояҳо машғул будааст. Нависанда дар як мусоҳибаи ихтисосӣ ба саволи «ҳикояи нахустинатонро ёд доред?» чунин посух додааст: «Бале, айёми донишҷӯӣ навиштам. Баъд соли 1970 зери унвони «Ду гусел» дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият» - шарҳи мо) чоп шуд ва дар озмун ҷои дуюмро гирифт» (Абдулҳамиди Самад. «Аз беимонии инсонҳо метарсам» // «Чархи гардун», 10-уми декабри соли 1999).

Адабиётшинос Ҷӯра Бақозода соли нашри «Ду гусел»-ро 1972 таъйин карда, сипас меафзояд: «Аввалин ҳикояи нависанда «Ду гусел» мебошад, ки соли 1972 дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» чоп шудааст. Қабл аз ин лавҳаҳо ва баъзе чизҳои ҳикоямонанд ба табъ мерасонд. Дар маҷмӯаҳои нависанда низ аз рӯи таърихи таълиф ҳикояи мазкур нахустин мебошад» (Ҷ.Бақозода. Абдулҳамиди Самад ва инкишофи ҳикоя. Душанбе: Эҷод, 2007. – С. 16).

Ҳамин ҳикояи шогирдонаи «Ду гусел» гувоҳи аз аввалин қадамҳо нисбат ба кори эҷодӣ масъулиятшинос будан ва ҷиддӣ муносибат кардани нависанда мебошад. Ин ҳикоя дидгоҳи нависандаро ба воқеъият ва ҳунари нависандагӣ низ собит мекунад. Яъне аз оғози фаъолият вай ба тасвири воқеъиятҳои сабақомӯзи зиндагӣ майли тамом доштааст. Нависанда дар ҳикояи «Ду гусел» ҳаёти душвор ва фоҷиавӣ, вале рӯҳан қавии пиразан Зиккамоҳро тасвир намудааст.

Абдулҳамиди Самад аз нависандагонест, ки давраи наврасиашон ба солҳои пуразоби баъди ҷанги ҷаҳонии дуввум рост меояд. Вай худ бевосита шоҳиди таъсироти пурфоҷиаи ин ҷанг ба сарнавишти мардуми деҳот буд ва табиист, ки ҷарақаҳои ин фоҷиаи инсониро дар нахустин ҳикояаш бо диди хос тасвир ва арзёбӣ намудааст. Ҳикояи «Ду гусел» дидгоҳҳои иҷтимоӣ ва бадеии нависандаро дар ҳамин замина матраҳ мекунад.

Қаҳрамони ҳикоя типи он занонест, ки дар тӯли умр аз ҷандин санҷишу имтиҳони зиндагӣ гузаштааст. Шавҳараш барвақт дар роҳи барқарор кардани низоми нав шаҳид гардид. Се фарзандашро бо азобу

машаққати зиёд парвариш кард. Ба умеди рӯзҳои неки баъдӣ буд, вале ҷанг ормонҳои ӯро барбод дод. Аввал писари калониаш Ашӯр дар ҷанг қурбон шуд. Баъд писари дуюмаш Наимро низ ба ҷанг гусел кард. Номи ҳикоя низ ба ҳамин ҳодиса ишора мекунад. Дар ҳикоя ҳамаи ин ҳодисаҳо муқаррароти замони ҷанганд. Вале чизи ҷолиб дар ин ҳикоя лаҳзаест, ки модар фарзандашро ба ҷои нолаву фиғон бо суруди пурсӯзу гудоз гусел мекунад. Мақсади нависанда аз тасвири ин саҳна ифшои ҳолати рӯҳии на фақат Зиккамоҳ, балки мардум аз фоҷиаи ҷанг мебошад. «Навои пурдард, овози ширадору пурҷозибаи Зиккамоҳ ба гуфти одамон, дили одамонро сӯрох мекард. Баъзеҳо ҳайкалвор рост меистоданд, ангушти ҳайрат мегазиданд».

Ҷ.Бақозода дуруст пай бурдааст, ки «дар ин саҳна рӯҳи тавоно ва меҳри бепоёни модарии Зиккамоҳ ифода ёфтааст. Аз ду фарзанд ду қоғаз нишона монд. Рӯҳаш нашикаст. Аз одаму аз зиндагӣ дур нашуд. Ва имрӯз набераашро ба хизмати аскарӣ гусел мекунад» (Ҷ.Бақозода. Ҳамон асар, с. 18). Аз ин ҳикоя сар карда, андешаи зиндагисоз меъёри аслии диду шинохти нависанда қарор гирифта, дар осори баъдиаш тадриҷан инкишоф меёбад. Аз ин ҷиҳат ҳикояи дуввуми нависанда «Субҳ медамид» чунин консепсияи эҷодии ӯро тақвият бахшида, қадами ҷиддии ӯро дар роҳи эҷодкорӣ таъйид мекунад.

Зикамоҳ дар ҳикояи «Ду гусел» ва Чаман дар «Субҳ медамад» образҳои қавию тавоноанд. Вале усули тасвири нависанда дар ҳикояҳо гуногун аст. Дар «Ду гусел» моҳияти образро андешаҳои персонаж ошкор мекунад. Аммо дар ҳикояи баъдӣ амалу кирдор ва гуфтори персонаж ифодагари хислату хӯи ӯянд. Ин ҷо нависанда ба воситаи тасвир рӯҳияи қаҳрамонро ишфо намудааст, ки минбаъд дар эҷодиёти ӯ ба ҷустуҷӯҳои амиқи равоншиносӣ бурда мерасонад.

Нависанда ҳикояҳои «Ду гусел» ва «Субҳ медамид»-ро солҳои 1972 ва 1974 таълиф намудааст. Вале дар ин байн ду ҳикояи дигаре, ба ифодаи Ҷ.Бақозода «захираи сабук» аз ҳаёти ҷавонон, эҷод намуд, ки яке «Хаёли ширин» (1973) ва дигаре «Эҳтиёт» (1973) мебошад. Ҳикояи «Хаёли

ширин» як навъ ифшои орзуҳои қаҳрамони ҳикоя Шер мебошад, ки орзуи ҷаҳонпаҳлавон шудан дорад. Дар ҳикояи «Эҳтиёт» нависанда симои рӯзноманигори ҷавонро меофарад ва мӯҳтавои ҳикояро андешаҳои мухталифи пуризтироби Сайёд ташкил медиҳад. Нависанда дар ҳикоя масъалаи шинохти қадр ва ҷойгоҳи инсон, ба хусус дар муносибат ба тақдири духтаронро бо ҷиддият ба миён мегузорад.

Аз ин ҳикояҳо бармеояд, ки нависанда ба тасвири олами ботинӣ ва ҳолати равонии инсон таваҷҷӯҳ карда, ба ин васила барои дарки зарфиятҳои ҷисмонӣ ва равонии қаҳрамон муваффақ мешавад. Ҳамин нуктаро Ҷ.Бақозода дар насри тоҷик нисбатан нав шинохтааст, ки воқеан ҳам аз тарзи тозаи идроки бадеии нависанда дарак медиҳад.

Абдулҳамиди Самад минбаъд бо таълифи ҳикояҳои «Нони гарм» (1974), «Шикор» (1975), «Қарз» (1976), «Ришта» (1976), «Навои най» (1977), «Модар» (1978), «Сафеду сиёҳ» (1978), «Боздиди падар», «Хотира», «Пойандоз» ва ғайра собит сохт, ки дар саҳнаи адабиёт шахси тасодуфӣ нест. Ин ҳикояҳо консепсияи пешгирифтаи эҷодии адибро тақвият бахшида, аз ҷустуҷӯҳои тозаи бадеии ӯ дарак медоданд.

Муҳаққиқон дар байни ҳикояҳои дар ин давра таълифкардаи нависанда «Навои най»-ро беҳтарин шинохтаанд. Аввал нависанда ин ҳикояро дар шакли лавҳа нашр карда, сипас бо таҳрир ва такмил чоп кард. Ҳикоя зоҳиран ба қисса ва ривоятҳои халқӣ монандӣ дорад. Воқеаи мавриди тасвир дар деҳаи зебои бағали кӯҳ мегузарад: шаби ширмаҳтоб, осмони ситорарез, навои най, пирамарди маъюб дар рӯи тахтасанг. Сипас нависанда мулоқот ва сӯҳбатҳои марди зиндагидидаро тасвир мекунад. Дар ҳикоя най василаест,ки ба воситаи он нависанда ду наслро рӯ ба рӯи ҳам мегузорад. Ҳарчанд мӯйсафеди найнавоз фоҷиаҳои сахти зиндагиро аз сар гузаронидааст, вале нигоҳи хушбин рӯҳи ӯро устувор ва зинда доштааст. Вай ба инсон меҳру эҳтироми зиёд дорад. Най таъсири фоҷиаи ҷангро ба зиндагии инсон қисса мекунад. най ҳам василаи адабист, ҳам образ.

Най рози дили мӯйсафедро тафсир мекунад. Қаҳрамони ҳикоя Азиз медонад ва дарк мекунад, ки бо ин касби худ малоли хотири касе намешавад. Вай бо навои най ба мардум ғановати маънавии барояш муқаддасро ифшо мекунад. Най ифшогари розу ниёз ва эҳсосу андешаи ӯст. Ба василаи най нависанда чеҳраи хабиси ҷангро менамоёнад. Ҷанг дар тасвири ӯ маънии таълимӣ мегирад ва моҳияти ночизи инсонии онро дар ҳамаи давру замонҳо ошкор месозад. Аз ин ҷиҳат арзиши ахлоқии ҳикояи «Навои най» хеле баланд буда, ҳадафҳои ғоявии нависандаро, ки дар аввалин ҳикояҳояш «Ду гусел» ва «Субҳ медамид» гузошта буд, тақвият мебахшад.

Бояд гуфт, ки дар тамоми даврaҳои фаъолияти нависанда ҳикоя дар эҷодиёти ӯ мавқеи хос дорад. Вай тадриҷан маҳорaташро дар ин самт такмил дода, ҳикояҳои қобили мулоҳиза таълиф ва нашр намуд, ки аз ҷониби аҳли танқид низ баҳои муносиб гирифт. Дар ин равиш метавон аз ҳикояҳои «Мурофиа», «Ҳазл», «Зодрӯз», «Пиёлаи шикаста», «Гули наврӯзӣ», «Шаҳсутун», «Акаи ошиқ» ва ғайра ёд кард, ки дар насри муосири тоҷик бо масъалагузорӣ ва сабки нигориш ҷойгоҳи хос доранд. Ин ҳикояҳои нависанда имконеро фароҳам оварданд, ки аҳли танқид дар заминаи онҳо «барои фаҳмидани самти асосии инкишофи ҳикояи имрӯзаи тоҷикӣ» (М.Шукуров) сухан ба миён оваранд. Воқеан ҳам А.Самад дар ҳикояҳояш кайфияту рӯҳияи инсон, фикру ҳиссиёт ва ҳолатҳои мухталифи равонии ӯро тасвир кард, ки ин қадами ҷиддие дар ҳикоянависии тоҷик буд. Хусусияти дигари ҳикояҳои ин давраинаи адиб дар он аст, ки дар онҳо мавқеияти иҷтимоӣ ва граждании муаллиф ошкор аст. Масалан, ҳамин иқдоми нависанда ба сохти бадеии ҳикояи «Ҳазл» таъсири мусбат расонидааст. Қаҳрамони ҳикоя Азиз, ки ӯро Азизи маҷлис мегуфтанд, як марди худписанди бадкирдор аст, ки мансаб ва фармонравоиро дӯст медорад ва ба сари ҳама мехоҳад чормағз шиканад. Ин вазъро нависанда тарзе тасвир мекунад, ки ҳама вақт фикри мардум дар бораи он бетамиз, аз тарафи одамон маҳкум шудани ӯ равшан намудор мегардад. Ниҳоят муносибати одамон тезу тунд

мегардад. Онро нависанда дар шакли халқии мутоибаомез нишон медиҳад: онҳо Азизро сахт масхара карданд ва бо ин кор муносибати худро ба маҷлисбозиву гапфурӯшӣ, дағдағаю даҳонкалонӣ ва фармонфармоиҳо баён намуданд. Ин ҳикоя ва ҳикояи «Мурофиа» намунаи возеҳи фаъолиятмандӣ ва дахолати нависанда ба авзои иҷтимоъ ва ахлоқи одамони гуногунмақом аст.

Аз аввал то ба имрӯз диду водиди хоси нависанда ба ҳикояҳои А.Самад афзалият медиҳад ва сабки нигориши ӯро низ аз дигарон фарқ мекунонад. Бинобар ин ҳам дар маркази ҳамаи ҳикояҳо як масъала: тасвири бадеии моҳияти ҳастии инсон, сири инсонӣ, одамият ва ноодамӣ ва беш аз ин фалсафаи шинохти одаму олам қарор мегирад. Диди бадеии нависанда ба рӯйдодҳои зиндагӣ ва амалу кирдори инсон амиқ ва пурмаънӣ буда, диққати нависанда пеш аз ҳама ба падид овардани рӯҳия ва маънавиёти инсон нигаронида шудааст. Ин гуна инсон аз табақоти гуногуни ҷомеа интихоб шудааст ва донишҷӯ ҳам ҳасту дӯзанда ҳам ва ғайра. Яъне чун зиндагии воқеӣ дар ширкати инсонҳо маҳдудият надорад, осори ӯ низ аз ин гуна интихоб бархурдор аст. Инсонҳое, ки нависанда тасвир мекунад, дар гардишҳои қатъии зиндагӣ санҷида мешаванд. Ҳолатҳои табиию рӯзмарра онҳоро ба майдони амал медарорад.

Дар ин раванд ҳикояҳои «Мурофиа», «Пиёлаи шикаста» ва «Шоҳсутун» ҷолиби диққат буда, моҳияти ҳастии инсон дар онҳо мавриди арзёбии бадеӣ қарор гирифтаанд. Нависанда дар симои Мурод («Мурофиа»), кампири Гулшан, Мирзошариф ва Рустам («Пиёлаи шикаста»), Алибахш («Шоҳсутун») ва Қосими сапалпо, бобои Саидаҳмад, бобои Юнус, («Ҳазл») ҳолати рӯҳӣ ва маънавиёти одамони гуногунхилқатро дар вазъиятҳои гуногун нишон медиҳад. Ба ифодаи дигар, нависанда ба воситаи ин образҳо андешаву назари худро оид ба амалу кирдори одамон, муносибати онҳо ба ҳолатҳои хушу нохуши зиндагӣ баён мекунад.

Дар ҳикояҳои «Мурофиа», «Пиёлаи шикаста», «Дармончӯ», «Ҷигарсӯхта» нависанда айбу нуқсон, ҳисси бемеҳрӣ, беш аз он бадтинатии инсонҳоро нишон додааст. Амалу кирдори номатлуби шахсиятҳои ин ҳикояҳо заминаҳои иҷтимоӣ ва равонӣ дошта, зимни рӯйдодҳои зиндагӣ инъикос ёфтаанд. Дар ҳикояҳои нависанда масъалаҳои худбинӣ, бемеҳрии инсон ҳамчун масъалаи иҷтимоиву фалсафӣ ба миён гузошта шудаанд, ки арзиши фаровони ахлоқӣ дорад. Нависанда ҳисси худбинӣ ва манфиатхоҳиро ҳамчун бемории иҷтимоӣ таъбир карда, таҳкими онро дар тинати инсонҳо барои ҷомеаи инсонӣ фоҷиабор арзёбӣ мекунад.

Дар ҳикояи «Мурофиа» ин масъала хеле ҷиддӣ ба миён гузошта шудааст. Нависанда асосан ба он чиз диққат додааст, ки кадом омилҳо ва заминаҳои иҷтимоию равонӣ сабаби бемеҳрии шахсияти ҳикоя ба модар, ба шахсони наздик ва зодгоҳ гаштааст.

Дар ҳикояҳои «Дармончӯй» ва «Ҷигарсӯхта» муносибати ғайриинсонӣ ва пастфитратии фарзандон нисбат ба шахси муқаддас, модар, ки ба онҳо ҳаёт бахшидааст, бо азобу машаққати зиёд тарбия намуда, ба воя расонидааст, тасвир мешавад. Нависанда дар ин ҳикояҳо ба масъалаи меҳру муҳаббат, ҳурмату азиздошти волидайн, пос доштани хотираи онҳо ва ё бемеҳрию носипосӣ ба шахсони наздик аз паҳлуҳои гуногун менигарад. Вобаста ба интихобу ҳалли бадеии масъалаҳои мавриди тасвир воситаҳои тасвири бадеӣ, зарбу оҳанг, рангомезиҳои мухталиф ва тарзи нигориши хос ба кор рафтааст. Дар ҳикояҳои «Мурофиа» ва «Шоҳсутун» ба тақозои мавзӯю масъалаҳо тарзи тасвир ҷиддӣ ва ботааннию андешамандона аст. Дар ҳикояи «Дармончӯй» амалу кирдори шахсиятҳо комилан мусоидат намудааст.

Мавзӯи меҳр ва бемеҳрӣ аз масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ, ки аз оғози фаъолият диққати нависандаро ба худ ҷалб намудааст ва дар афкори ҳикояву қиссаҳои ӯ ҷойгоҳи хос доранд. Ба ифодаи дигар, масъалаи одамият дар ҳикояҳои нависанда ба тарзи хос арзёбӣ шудаанд. Новобаста ба он ки ин ҳикояҳо дар замони шӯравӣ таълиф шудаанд ва аз

таъсири сиёсати он давра озод нестанд, ғояи онҳо ба замон ва макони мушаххас маҳдуд намешавад, балки тааллуқ ба имрӯзу оянда дошта, дар парвариши рӯҳияи одаму одамгарӣ мадад хоҳад кард.

Аз таҳлилу арзёбии ҳикояҳои дар даврaҳои гуногун таълифкардаи А.Самад метавон ба чунин хулоса омад, ки назари ӯ ба воқеъият ва сарнавишти одамон амиқ ва сабақомӯз аст. Бинобар ин ҳам дар маркази ҳамаи ҳикояҳо як масъала, тасвири бадеии моҳияти ҳастии инсон, сиришти инсонӣ, одамият ва ноодамӣ, беш аз ин моҳияти ҳастии фалсафии инсон меистад. Дар ин равиш ҳикояҳои «Мурофиа», «Пиёлаи шикаста» ва «Шоҳсутун» ғолиб буда, оид ба арзишу маънии ҳастии инсон ва арзиши зиндагӣ баҳс мекунанд. Нависанда дар ин ҳикояҳо нафақат шахсиятҳои бадеӣ офаридааст, балки тавассути ин образҳо назарашро низ оид ба моҳияти зиндагии инсонӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва таъсири мусбату манфии онҳо дар ғомеъаи инсонӣ равшан баён мекунад. Таваҷҷӯҳи бештари нависанда ба ифшои ҳолати равонӣ, иҷтимоӣ ва маънавии шахсиятҳо аз матни воқеъияти дирӯз ва имрӯз ғудо набуда, сабаби бақои андешаву орои ӯ ва осораш низ ҳаст.

Абдулҳамиди Самад аз зумраи нависандагонест, ки ғустуҷӯҳояш дар кори эҷодӣ мустақиман аз рӯи меъёри осори асили бадеӣ идома ёфтааст. Аз оғози фаъолияташ вай бо такя бар савияи насри пешрави муосир асар офарида ва дар ҳамин замина муваффақиятҳои чашмрас низ ба даст овардааст. Ин муваффақияти ӯро на фақат ҳикояҳояш, ки дар бораи онҳо иҷмолан сухан гуфтем, балки қиссаву романаш низ таъйид мекунанд.

Аввалин қиссаи ӯ «Баъд аз сари падар» соли 1979 нашр шуд ва М.Шакурӣ онро ғолиби диққат унвон кард. Ҷӯрахон Бақозода таълифи ин қиссаро «дар эҷодиёти Абдулҳамиди Самад як навъ таҳаввули ғиддӣ» ё як навъ «ғаҳиши сифатӣ» шинохт.

Воқеан ҳам ин қисса дар қисмати нависанда мавқеи муҳим дошта, равиши минбаъдаи инкишофи эҷодиёти ӯро сареҳан муайян намуд. Ҷ.Бақозода дар ин боб менависад, ки қиссаи «Баъд аз сари падар» «он

вазифаеро иҷро кард, ки қиссаҳои «Тобистон» ва «Одамони кӯҳна» дар эҷодиёти Толис ва Фазлиддин Муҳаммадиев ва умуман дар насри реалистии тоҷик ишғол карданд».

«Баъд аз сари падар» аввал бо унвони худ диққати касро ба худ ҷалб мекунад. Нависанда хонандаро ба олами шахсе ворид мекунад, ки аз ноновари хонавода – падари меҳрубон маҳрум шудааст. Ин ҳодиса ҳамсафари доимии зиндагии инсонист. Зоҳиран, чунин ба назар мерасад, ки падарро бармаҳал аз даст додан аз қонуниятҳои муқаррарии зиндагӣ буда, лекин мақсади нависанда аз чунин унвон гузоштан ба асар таъкиди нақш ва ҷойгоҳи падар дар зиндагии афрод аст. Ва нависанда тағйироти зиндагии қаҳрамонаш Хусравро маҳз дар ҳамин оина нишон медиҳад. Боз ҳамчун дар ҳикояҳои нависанда меъёри аслӣ арзёбии амалу кирдори одамон дар ин қисса низ одамият ва ахлоқи инсонист.

Хусрав, модари ӯ Маҳингул, Шариф – раиси колхоз, бобои Саид, Қурбони подабон ҳама аз роҳи ростӣ, ҳалолкорӣ ва некӣ кардан ба мардум амал мекунанд. Дар муқобил Аҷик ва ҳамдастони ӯ гузошта шудаанд, ки тимсоли одамони нопок, ҳаромхӯр ва пасту разиланд. Нависандаро беш аз ҳама он санад ба ташвиш меоварад, ки низоъҳо ва бадбиниҳо дар байни авлод ва акрабо рух медиҳад. Тасвири симои Аҷики бераҳм дар ин қисса тасодуфӣ нест. Он маҳсули муҳити иҷтимоии худкомаест, ки ҳадафҳои моддӣ ӯро аз масири тарбияи маънавии инсонҳо берун бурдааст. Аҷик дар тасвири Абдулҳамиди Самад аз шарофати инсонӣ маҳрум аст. Пас аз марги Ҳайдар дигар ӯ байни хоҳараш ва молу ашё фарқе намебинад ва мехоҳад хоҳарашро фурӯшад. Хусрави хурдсол ин ҳамаро мебинад, андоза мегирад ва тадриҷан аз тағои баддин, бадният ва бадаъмол рӯ мегардонад.

Нависанда хонандаро зина ба зина бо сурату сирати ҳайвони одамсурат (Аҷик) ошно карда, заминаҳои ирсӣ ва иҷтимоии хислатҳои ӯро ошкор мекунад. Дар ин замина Абдулҳамиди Самад бо таҳлили амиқи бадеӣ нишон додааст, ки чӣ тавр дастурҳои солими ахлоқӣ метавонанд урфу одат ва суннатҳои санҷидаро бишкананд, балки дар

лаҳзаи лозимӣ онро ислоҳ намоянд, то бунёди одамгарӣ фақат ба расму одат маҳдуд намонда, дар заминаи мантиқи зиндагии инсонӣ ва ахлоқи ҳамида дар ҷомеаи инсонӣ ҳамеша устувор бошад.

Дидгоҳҳои Абдулҳамиди Самад аз оғоз ба воқеияти зиндагӣ ва хӯю хислати инсонҳо тасодуфӣ ё беҳадаф набудааст. Вай аз нависандагонест, ки дар ин замина консепсияи хоси шинохти воқеиятро дорад. Ва бардоштҳои ӯ бевосита заминаи воқеӣ доштаанд. Чунончи, ӯ дар мавриди қиссаи «Баъд аз сари падар» чунин гуфтааст: «Қиблагоҳам соли 1966, ҳангоми дар курси аввали донишгоҳи омӯзгорӣ таҳсил карданам, аз олам гузашт. Ва табиист, ки дарду доғ дар дилам гузошт. Вале қиссаи «Баъд аз сари падар» аз мушоҳидаҳои зиёд ва омӯхтани сарнавишти печидаи бисёр ҷавонон рӯи қоғаз омадааст. Меҳру меҳаббати рӯякӣ ва назарфиреб тақдири бисёр ҷавононро, ки дили чун булӯр пок доранд, талх, балки фоҷиабор месозад. Қисса аслан кӯшишест барои худшиносии наврасон, ташаккули рӯҳии онҳо, бо чашми ибрат нигаристани онҳо ба муҳит ва муносибати одамон, дар мавридҳои мушкил худро набохтани эшон» («Чархи гардун», 1997, 18-уми июл). Ҳамин тамоюли эҷодиро нависанда дар тамоми эҷодиёташ, аз ҷумла қиссаҳои дигар ва романи «Гардиши девбод» низ ҳифз карда, тақвият бахшидааст.

Аз ин мавқеъ миқдори масъалаҳо, ҷузъиёти сужет ва сифати характерҳо дар қиссаи «Паррончакҳо» боз ҳам мураккаб ва пурмаънотар шудаанд. «Паррончакҳо» дуввумин қиссаи нависанда аст, ки воқеияти рӯзгори донишҷӯёнро таҷассум кардааст. Ин қисса яке аз китобҳои аввалину беҳтарин аз ҳаёти донишҷӯён мебошад. Қисса хонандаи огоҳро бо олами зиндаву пурҷӯшу хурӯши зиндагии толибилмон ошно месозад, донишҷӯи ҳақиқӣ ва «асобағал»-ро мешиносад, хонанда бо қаҳрамони асосии қисса Насим, ки шахсияти хушодоб ва дорои фазилатҳои наҷиби инсонист, ошно гардида, аз ин ошноӣ дарси одамият меомӯзад.

Қиссаи «Аспи бобом» низ аз асарҳои дилангези нависанда буда, дар он лавҳаҳои зебои зиндагӣ ва ормонҳои дирӯзу имрӯзи зиндагӣ дар симои Шариф-паҳлавон, зани вай, Фарҳод, Зикамоҳ ва дигарон бо

камоли ҳунар таҷассум ёфтаанд. Ба василаи «ёди таърихӣ» - қиссаи аспи бобо, ки ҳар шаб туфайли момо ба Фарҳод нақл мешавад, нависанда ба таври ноаён пайванди наслҳо, идомаи хислатҳои наҷиб, тарбияи насли наврасро дар замони дигар шудани арзишҳои зиндагӣ (шаҳрнишинӣ, хонаҳои бисёрошёна, нигоҳубини кабк) бо маҳорати хос тасвир менамояд. Ҳунар ва малакаи дар заминаи маводи маҳал ва дар зиндагиву фикру зикри хурдсолон ғунҷонида тавонистани мазмунҳои калон, муҳим ва замонавӣ дар қиссаи «Аспи бобом» низ мушоҳида мешавад. Гӯё ин ҷо сухан аз орзуҳои хаёлии бачаи хурдсол, аз муҳаббати ӯ ба асп меравад, ки ваъдаи харидани асп, ки падараш дода буд, барояш афсона гаштааст. Дар паҳлуи он қиссаи дигаре дар бораи бобо дар ҷанг фавтидани аспи ӯ аз тарафи модаркалонаш нақл мешавад ва бо он орзуҳо омехта, образи аспи боборо ба миён меорад, ки боди наҳси ҷанг боиси вайрон шудани он афсонаи ҳақиқии зиндагӣ гашта буд. Нависанда ин ҷо баробари тасвири рӯзгори муқаррарӣ бо хушиву нохушиҳояш муяссар шудааст, ки ҷанг барин як қувваи манҳусро, ки дар рӯзгори мо ба қувваи хавфоваре табдил ёфтааст, маҳкум намояд.

Дастоварди бадеии Абдулҳамиди Самад дар ин қисса он аст, ки бо тасвири намодӣ ва рамзӣ андешаҳои ислоҳотхоҳонаашро ифода кардааст. Дар қисса симои худро нишон додани асп маънии амиқи ҳадафманд дорад, ки ба суннатҳои ахлоқиву инсонӣ талмеҳ мезанад. Нависанда комёб шудааст, ки бо таҷассуми бадеии асп меҳру муҳаббати дуҷонибаи инсон ва ҳайвонро нишон дода, маънои инсонсози онро низ ба тариқи рамз баён кунад.

Абдулҳамиди Самад бо эҷоди як силсила ҳикояву қиссаҳо дар зинаи аввали эҷодиёташ собит кард, ки ба кори нависандагӣ муносибати ҷиддӣ дорад. Вай аҳамияти инсонсозии адабиётро сареҳан дарк намуд. Масъалаҳо ва ашхосро аз меъёри ахлоқи неку бад, одамгариву ноодамӣ ба тасвир мегирад ва арзёбӣ мекунад. Аз аввалин навиштаҳояш маълум буд, ки ӯ ба зиндагии мардуми деҳот, ки дар замони сиёсатзадагӣ ва сохторгароӣ ва тамоюлҳои маънавиятҷудоӣ арзишҳои неки аахлоқиро

ҳанӯз дар сурати аслӣ ва покизааш нигоҳ дошта буданд, хеле хуб медонад, устухонаш дар миёни дарку омӯзиш ва тафовут додани қазияҳои ахлоқӣ шах шудааст. Инро бо камоли қатъият аз фаъолияти аслии нависандагии А.Самад бояд донист.

Аз ин назар, Абдулҳамиди Самад дар қиссаи «Косаи давр» комёбии бештар дорад. Дар қиссаи мазкур тасвири воқеъият доманадор буда, миқдори қаҳрамонони асар низ зиёд аст. Дар тасвири нависанда хислат ва симои ботиниву зоҳирии шахсиятҳо равшан зоҳир мешавад. Нависанда бо ошкор сохтани моҳияти миллии амалу кирдори онҳо муваффақ шуда, ба ин васила ба афзудани ҷанбаи инсондӯстии онҳо ва пайвандашон бо қонуниятҳои зиндагии умумиинсонӣ мусоидат намудааст.

Нависанда дар симои Шоҳини даҳмарда як образи пургунҷоишу ибратбахшеро офарида, ба ин васила дороии маънавӣ ва арзиши ахлоқии ӯро таъйид намудааст. Абдулҳамиди Самад тавонистааст, ки дар ин қисса рӯҳи халқ, хӯю хислати наврасону пирон, табъи зарифи мардумро падид оварад. Дар ин раванд шахсиятҳои офаридаи ӯ моҳияти таърихӣ ва рамзиву фалсафӣ касб намудаанд. Ҳадафи аслии нависанда дар ин қисса низ арҷгузорӣ ба ахлоқи ҳамидаи инсонист.

Дар қиссаи «Косаи давр» нависанда ҳаёти мардуми деҳот, эҳсосу андешаи онҳо, ба хусус табақаи чорводоронро хеле барҷаста тасвир намудааст. Дар тасвири ӯ зиндагии Шоҳини чӯпон, хонавода ва ҳолати равонии ӯ бо зиндагии мардуми деҳот, ки моҳияти ҳалол зистану ҳалол мурдан ташкил медиҳад, робитаи бевосита пайдо мекунад.

Шоҳин шахсияти марказии қисса аст ва маҳз аз дидгоҳи ӯ, ки таҷрибаи зиёди зиндагӣ ва меҳнатӣ дораду ҳоло ба нафақа баромада, роҳи тайкардаашро аз назар мегузаронад, ба ҳодисаву одамони гуногун назар андохта, ҳодисаҳои солҳои дуру наздики деҳотро тасвир мекунад ва муносибаташро ба зиндагии имрӯза ва амалу кирдори ҷавонон муайян мекунад. Барои Шоҳин меҳнатдӯстӣ, далериву баномусӣ ва масъулиятшиносиву некандешӣ барин хислатҳои одамон маҳаки

шинохти инсони комил аст, аз роҳи некӣ ва ояндабинӣ ба онҳо панди зиндагӣ медиҳад.

Абдулҳамиди Самад дар қисса огоҳона воқеаҳоро тафсил медиҳад, сарнавиштҳои дигарон, аз ҷумла Валии чӯпон, Фазилату фарзандонаш, тӯи Латифи осиёбон ва ҷавонии нобасомони вайро тасвир карда, инчунин масъалаҳои тӯю азо, қалин, ҷанҷолҳои қавмӣ ва ғайраро ба миён мегузорад. Тасвири бамуддао доираи инъикосро вусъат бахшида, саргармии нависанда ба таҷассуми маъракаи тӯй, маълумотҳои этнографӣ домани суханро то ҷое парешон кардааст. Вале тасвири масъалаи хонадоршавии Ҳошим ва ишқварзиҳои ӯ бо Мижгон, воқеаву ҳодисаҳои нав оид ба таърихи муносибат ва кинаву адовати авлодии байни Шоҳон ва авлоди тоҳириҳо (Мижгон набераи Амири Тоҳир аст), воқеаҳои замонҳои дур (пеш аз инқилоб) ва баҳсу талошҳои Шоҳин ва Амир, ки ба андешаҳои Шоҳин медароянд, мундариҷаи қиссаро ғанӣ месозанд. Нависанда вуҷуд доштани кудурати авлодиро ҳамчун омили парешонӣ тафсир мекунад, ки арзиши хоси ахлоқӣ дорад. Абдулҳамиди Самад таърихи дур доштани моҷароҳои авлодиро таъкид карда, мақсади асосияш нишон додани он аст, ки замон чӣ гуна тадриҷан ин бемориро аз байн мебарад.

Ҳамин тариқ, нависанда ба воситаи тасвири ҷиддӣ, ифшои ҷузъиёти равонӣ ҷиҳатҳои маишӣ ва рӯҳи миллиро нишон медиҳад. Рӯҳи миллӣ қиссаро мутоиба ва зарофату шахсиятҳои мусбат (Шоҳин ва Гулбону) боз ҳам тақвият додаанд.

Қиссаҳои дигари нависанда «Маҳбус» ва «Сарлашкар» ба зоҳир аз мавзӯи асосии навиштаҳои нависанда ҷудоянд, вале дар масъалагузорӣ ва аҳдофи ахлоқӣ ва инсонӣ баёнгари идомаи ниятҳои неки нависанда ҳастанд.

Қиссаи «Маҳбус», ки қаҳрамони асосиаш Фил (номи аслиаш Сафар) аст, як асари аз ҷиҳати мавзӯъ ва тарзи таҳқиқи бадеӣ тоза, саъйи дидан ва ошкор кардани афроди маҳбус аст, ки яке бо гуноҳи дигаре бо тӯҳмат ба маҳбас афтодааст.

Ин қисса зоҳиран як рӯзи бандиёнро фаро мегирад: онҳоро ҳар субҳ ба як гӯшаи дурдасти шаҳр ба сохтмон мебаранду шом «ба ҷою ҷалолашон» меоранд. Нависанда дар ин муддат сарнавишти дирӯза ва имрӯзаи бандиёнро ба риштаи тасвир мекашад. Диққати нависанда ба он нигаронида шудааст, ки кадом сабаб ва омилҳое боиси маҳбус шудани ин афрод гардидаанд ва онҳо дар ин «давлати дар давлат» асли инсонии худро чӣ гуна зоҳир ва ҳифз мекунанд. Назари нависанда ба ҳамаи маҳбусон манфӣ нест. Вай бо муҳокима ва андешаҳои онҳо гӯш медиҳад, фикру зикри онҳоро таҳлил менамояд, гоҳо бо раҳму шафқат ва тараҳҳум ба онҳо менигарад. Масалан, «Фил», ки «шоҳи дуздон» асту дар муҳокимаҳояш фикри солим зиёд аст, дар натиҷаи тарбияи бади оилавӣ, азобу шиканҷаҳои зиёд дидан ҷиноятқор шудааст: падараш Ғаюршоҳ аз аҳволи оилаву фарзандаш бехабар, саргарми айшу нӯш буд, бибиаш-зани шаттоҳ Сафарро дар амалҳои бад дастгирӣ мекард.

Дар тасвири нависанда Фил шахсияти мураккаб аст. Вай ба афтодагон ёрӣ мерасонад, соҳибмансабонро ба хорӣ мекашад, ҳатто Носеҳ ном ҳамдиёрашро бо дасти худ мекушад. Баъд ӯро ба Сибир мефиристанд, он ҷо писанди Аждаҳо ном ҷиноятқори минтақавӣ мегардад ва номи Сиёҳакро мегирад, зеро ӯ ва Аждаҳо дар масъалаи шинохти ҳокимони дузду ҳаққи мардумхӯр ҳамақида буданд. Аммо онҳо бо ин ҳама ҳокимият «дар давлати худ» аз шароити зиндагиашон ба танг омада буданд, ки инро худ як ҷузъи муҳим дар андешаи онҳо ба шумор овардан мумкин аст. Фил аз он норизост, ки нафси худро ҳоким шуда натавонист, кори неке накард, вале акнун ба иҷрои он қодир нест. Вай зери таъсири насиҳатҳои домулло ва ҳикмати зиндагӣ бо андешае расидааст, ки то ин замон дар зиндагӣ ҳеҷ нақше нагузоштааст: на хона сохтаву на фарзанд тарбия кардааст ва ҳатто дарахте низ сабз накардааст.

Ин қисса гувоҳи он аст, ки нависанда дар тасвиргарӣ ба камол расида, имкон пайдо кардааст, ки мавзӯъҳои мураккабро омӯхта, бо мантиқи бадеӣ ба тасвир гирад, дар зоҳир намудани олами андеша ва

рӯҳияи инсон ҳунари воқеӣ нишон диҳад ва масъалаҳои номакшуфро кашф намояд.

Абдулҳамиди Самад чанд қиссаи хурдҳаҷми дигар, аз ҷумла «Шаҳдрези садо», «Рӯдапо» ва «Ҳавои тирамоҳ»-ро низ таълиф кардааст, ки гувоҳи ҳунари мӯъҷазбаёнии ӯянд. Хусусан ду қиссаи охир дар мавзӯи имрӯз навишта шуда, образи одамонро дар шакли таъмимӣ – «одами калон» фаро гирифтаанд. Ин тарзи тасвири инсон дар насри тоҷик барои кашидани чеҳраи умумӣ ва дастнораси сарварони ҳизбиву давлатии замони шӯравӣ роиҷ шуд (масалан чунин образҳоро Ӯрун Кӯҳзод «он кас» номида буд) ва шабеҳашро дар ҳар давру замон ёфтан мумкин аст. Вале қиссаи «Сарлашкар» дар эҷодиёти нависанда саҳифаи тоза аст. Дар ин қисса дурӯягиву духавоии ҳаёти сотсиалистӣ ба тасвир омадааст. Нависанда ба тарзи боварибахш нишон медиҳад, ки сарварони ҳизбу давлат ба ҳақиқати кори худ бовар надоштанд. Ин назари беэътимодӣ ба кору нафс, ба хусус содалавҳии Султон, ки лақаби Сарлашкарро гирифтааст, заминаро барои тасвири истеҳзоомез муҳайё сохтааст. Дар асар таърихи талошҳои фардир шӯҳратталабу мансабхоҳ ба тарзи типӣ (таъмимӣ) барои давлату ҳизб аз бунёд сохтакорона ва манфиатхоҳона буда, гувоҳи заволи маънавии ӯянд.

Эҷоди як силсила қиссаҳо тадриҷан нависандаро барои тасвири пурвусъати воқеъиятҳо омода сохт ва ниҳоят ӯ романи нахусти худ «Гардиши девбод»-ро таълиф намуд.

Ин роман аз бисёр ҷиҳат ба асарҳои пешинаи муаллиф иртиботи ғоявию бадеӣ дорад. Аввалан, дар ин асар низ нависанда ба мавзӯи аслии эҷодиёташ, ки тасвири зиндагии мардуми деҳот аст, содиқ мебошад. Дигар ин, ки дар ин асар низ ҳамон масъалаи зуҳури одамияти инсон дар вазъи мураккабу ҳаводиси пурошӯб аз масоили асосӣ ба шумор меояд. Нависанда дар роман боз ҳам дар бораи одамони оддӣ меандешад. Дар бораи онҳое сухан мегӯяд, ки ҳеҷ гоҳ дар бораи мансаб наандешидаанд, балки фақат аз паи иҷрои рисолати инсонии хеш будаанд, он рисолате, ки Худованд ба ӯҳдаашон гузоштааст ва он иборат

аст аз сомон додани хонавода, тарбияи фарзанд, хизмат ба диёр, кӯмак ба якдигар, дастгирии инсонҳои бекасу камбизоат аст, риояи одобу суннати бобоӣ, гӯш додан ба ҳикмати халқ, фармудаи Худову Расул, аҳли фазлу фаросат ва дониш. Аммо масъалаи марказӣ, ки дар ин маҷмӯи масоили ахлоқиву маънавӣ мақоми аввалро дорад, ҳамоно аз даст надодани адолат ва одамият будааст. Нависанда ба таҳқиқи бадеии зиндагии урфӣ бевосита накӯшидааст, балки дар оинаи он фоҷиаҳои фароравӣ аз суннатҳои неки ахлоқиро нишон додааст. Девбод дар роман намодест, ки бо вазиши он зиндагии осоиштаи мардум тағйир меёбад, на ба сӯи беҳӣ, балки ба сӯи бадӣ. Девбод рамзест, ки сабабгори тағйири суннатҳо ва муқаррароти зиндагии инсонҳо, шикастани қолабҳо ва тавозун, иваз шудани арзишҳо ва ба сари инсони асил омадани сахтиҳои ғайриинтизор мегардад. Ба ин ҳама нависанда тавоноии рӯҳӣ ва маънавии инсонро муқобил мегузорад ва ин омилро боиси нақоти инсони худшиносу раҳҷӯ таъбир мекунад.

Нависанда образи Дилёбро дар маркази тасвир гузошта, ба воситаи қисмати талхи вай одамонро ҳушдор медиҳад, ки ҳуқуқи аввалини инсон шарафмандона зистан аст. Ҳолатҳои фавқулодда набояд инсонро аз роҳи суннатии ахлоқ ва одамият берун барад. Масъалаи дигаре, ки дар роман хеле муҳим аст, шинохти қадру манзалати инсон мебошад. Дар ин самт меъёри назари нависанда ҳар касро ба характери худаш нишон додан аст. Агар ин меъёр риоят нашавад, зиндагии мардум бо фоҷиаҳои нафсонӣ ва моддӣ мувоҷеҳ хоҳад шуд.

Абдулҳамиди Самад бо мавзӯву масъалаҳои осораш, ки пеш аз ҳама барои ислоҳи инсон нигаронида шудаанд, бо забони рангин ва тасвиркориҳои дилпазир маҳбуби хонандагон аст. Осори ӯ суннатҳои волои маънавии халқро дар худ фаро овардаанд, ки дар роҳи поксозии маънавии ҷомеаи имрӯзу оянда хидмати арзанда хоҳанд кард.

Баҳманёр

(тав.1953)

Баҳманёр аз нависнадагони тозаназари адабиёти имрӯзаи тоҷик аст. Вай соли 1953 дар деҳаи Ғазаи ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Баъди хатми факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» ва маҷаллаи «Садои Шарқ» фаъолият менамояд.

Нахустин маҷмӯаи ӯ соли 1984 бо номи «Ишқи сайёд» аз чоп баромад, ки ҳикояҳои дар солҳои мухталиф навиштаи нависнадаро фаро мегирад. Насри Баҳманёр бо усули тасвир ва дидгоҳҳои бадеӣ аз ҳамқаламонаш комилан фарқ мекунад. Тахайюл ва тасвирҳои рамзомез дар навиштаҳои ӯ имтиёз доранд. Назар ба андешаҳои мунаққид Абдухолиқ Набиев, маҷмӯаи нахустини Баҳманёр «Ишқи сайёд» низ аз ҷиҳати тасвири пайванди инсону табиат, алоқаҳои гуногунҷиҳату мураккаби онҳо, ташхиси ҳодисаҳои табиат ва дар ин иҳота талқин кардани некӯкорӣ ва маҳкуми инсони бадсиришт имтиёз дорад. Ҷиҳати муҳимми биниши бадеии ӯро софкории ахлоқи инсон ва моҳияти рафтори он тавассути тасвири тамсилӣ, ки ба дарки фалсафии зиндагии инсон роҳ мекушояд, ташкил менамояд. Материали тасвири нависанда ҳанӯз аз воқеаҳои ҷудогона ва хурд иборат буда, дараҷаи тадқиқу ҷамъбасташ ҳанӯз мазмуни иҷтимоиро ба тариқи мукаммал фаро нагирифта бошад ҳам, нависанда кӯшиш дорад, ки дар падидаҳои конкрети зиндагӣ масъалаҳои нисбатан доманадори ахлоқиву иҷтимоиеро гунҷоиш диҳад. Масъулияти инсон дар назди табиате, ки аз бисёр ҷиҳатҳо беҳбудии зиндагиаш ба дороию сиҳатии он алоқаманд аст, хеле бузург мебошад. Баҳманёр ин фикрро дар ҳикояҳои «Ду мӯйсафед» ва «Зови Карафса» тавассути фикри ду мӯйсафеде, ки ба кӯҳу замин, сангу хок, обу гиёҳ, ба ҳайвоноту растаниҳои диёрашон меҳри беандозаву самимӣ доранд, табиӣ тасвир кардааст» (60,101).

Дар нахусткитоби нависанда якчанд ҳикояи ҷолиб ва хотирмон ҳастанд, ки як дараҷа сабки нигорандагӣ ва моҳияти биниши

нависнадаро таъин мекунанд. Аз ин ҳикояҳо мо шаклҳои гуногуни дарки табиат ва пайвастагӣ бо онро аз дидгоҳи бадеии Баҳманёр пай мебарем. Дар ин замина нависнада пайванди маънавиро аз шаклҳои муҳимми ин алоқамандӣ медонад. Дар ҳикояи «Шикордузд» қаҳрамони ҳикоя ҳамин гуна пайвандро гусаст. Натиҷа ҳамин шуд, ки барои кирдорҳояш ҷазои муносиб гирифт, яъне ба марг маҳкум шуд.

Табиат ҷони зиндаи ҳикояҳои Баҳманёр аст. Пайванди маънавии қаҳрамони вай бо табиат ногусастанист ва зиндагии ҳаррӯзаи онҳо дар партави амал карданашон бо табиат ё худ ифодаи маъмул муҳити зист маънӣ пайдо мекунад. Ҳикояи «Нозанини шӯх» ифодагари ишқи ҳамчун табиат поку беғубори шикорчӣ ва онҳое, ки бо ӯст. Табиат ва афсонаҳои он таскинбахши дили пурталошу пурташвиши қаҳрамонони ин ҳикоя аст. Ин маънӣ дар ҳикояи «Аспи заринёл» низ инкишоф ёфтааст.

Дар ҳикояи «Ишқи сайёд», ки афсонамонанд аст, муҳаббати беандозаи сайёд ба касби шикорчигӣ, ки пешаи авлодии ӯст ва ҳам ба Моҳаки нозанин, ки низ сахт дӯсташ медорад. Ин ҳама эҳсоси поки инсонӣ дар оинаи табиат ва дар пайванд бо ҳамдигар бозгӯй шудаанд, ки қувваи таъсири ҳикояро хеле афзудаанд.

Нависанда авзои рӯҳӣ, омади кори Моҳакро ба авзои шикорчӣ, ки ба гардишҳои табиат сахт вобастагӣ дорад, алоқаманд мекунад. Зиёда аз ин вазъи табиат ва муҳит ба дараҷаи ишқи ин ду вобастагӣ дошта, тасвирҳо ин ҳолатро хеле дақиқ ишора мекунанд. Ба ин тасвири афсонамонанд диққат диҳед: Моҳаки нозанин хост назди сайёд равад, ҳамин лаҳза «дар худ аз худ кушода шуд – то ғижиросаш сахт ба гӯш нарасад, абрҳое, ки рӯи моҳро пӯшида буданд, зуд титу пош шуданд – то роҳи ӯ равшан бошад, дарахтон навдаи худро бардоштанд – то сари ӯ ба онҳо барнахӯрад, сангчаҳои сари роҳ ғелида худро канор гирифтанд – то пойҳои бараҳнаи ӯ ба онҳо зада озор наёбанд.

Дар тасвири нависанда сарнавишти сайёд аз мардум нест. Мардум аз ӯ роҳате низ доранд. Яъне ишқи поку созандаи ин чатри орзуву умед амнияти мардум буда, дар хаёли мардум ин ду ҳаст, ки «дигар гургҳои

гурусна ба рама дарнамеафтанд, тармаҳо ламида, киштзорҳо пахсӣ намекунанд, обхез пулҳои ларзонро рӯфта намебарад…»

Ҳикояи «Марги тортанак» низ аз ҳикояҳои ҷолиби Баҳманёр буда, дар он муаммои муносибати инсон ба табиат, ба муҳити зист, ба дахолати ноҷои инсон ба табиат мавриди диққати муаллиф аст. Вале моҳияти фалсафӣ ва ахлоқии ин ҳикоя аз ин ҳам фаротар меравад.

Мазмуни мухтасари ҳикоя чунин аст: ду ҷавон – яке духтару дигаре писар дар домани табиат истироҳат мекунад. Ин муҳити зебо хаёлҳои шоиронаеро дар хаёли духтар бармеангезанд. Ҳама чиз дар нигоҳи ӯ поку беғаш ва нотакрор менамояд. Мехоҳад ҳама чизи табиатро азиз ва муқаддас дорад. Чунин муносибати ғамхоронаву беозори духтар нисбат ба табиат ба ҷавон маъқул нест. Духтар низ амалҳои бераҳмонаи ҷавонро нисбат ба табиат намеписандад ва ҷузъиёти онро мушоҳида мекунад. Ҷавон ба қуллаи кӯҳ аз барои духтар баромад, вале дар бозгашт аз бераҳмиву коҳилӣ бачаи сангпуштро зери по карда кушт. Ин амали ӯ барои духтар ҳам дардовар буду ҳам раҳмовар. Беш аз ин ҳангоме ки духтар маҳви хаёлу андешаи худ оиди табиат ва махлуқоти он буд, ҷавон бепарвоёна дуди сигорро ба атроф сар медод. Ногоҳ духтар дид, ки ҷавон оташи сигорро ба болои тортанак пахш кард ва ӯро кушт.

Марги тортанак марги ишқи нопойдори ин ҳар ду буд. Ишқе, ки дар фосилаи вақту фазо кӯтоҳ, вале моҳиятан пур аз ҳикмат. Нависанда хонандаро маҷбур мекунад, ки маҳз сари ҳамин масъала, ки ба воситаи тасвири рамзомези марги тортанак ифода кардааст, биандешад. Он ҷузъиёте, ки нависанда аз амалу кирдори ин ду қаҳрамони ҳикоя мушоҳида кардааст, моҳият ва савияи ахлоқу маънавиёти онҳоро муайян мекунад. Духтар ҷавонро меомӯхт. Ва чанд ҷузъиёте, ки дар тасвири нависанда буду шуди одамияти ӯро ошкор сохт, дили духтарро аз ҷавон хунук кард. Нависанда пеши назари мо ду типи инсонро, ки яке (ҷавон) бедарду лоқайду сабукрӯҳу бешафқат аст ва дигаре (духтар) боақлу бораҳму аҳамиятхоҳу адолатпарвар аст, ба вуҷуд меоварад.

Албатта, ин маънӣ барои мо гапи нав нест. Тимсоли чунин одамонро мо дар зиндагӣ ва адабиёт бисёр медонем. Вале чизи тозае, ки ин маънии кӯҳнаро тобиши нав бахшидааст, ҳамоно усули тасвири хаёлангез, шоирона ва андешапарвар аст, ки онро нависанда бо муваффақият анҷом додааст.

Дар фароварди таҳлили ин ҳикоя як мулоҳизаи ҷолиби мунаққид Абдухолиқ Набиевро оварданием, ки мегӯяд: «тавассути навиштаҳои Баҳманёр табиат аз як воситаи муқаррарӣ, як воситаи санҷиши инсон, ба объекти муҳими тасвири тадқиқи бадеии зиндагӣ ва олами ботинии инсон табдил ёфта истодааст» (60,101).

Ин пайбурди мунаққидро ҳикояҳои маҷмӯаи дигари нависанда «Аспи обӣ» (1988) низ таъйид мекунад. Омезиши мавзӯъ ва муаммоҳои табиат бо тақдири инсон ва ҷомеа мазмуни ахлоқӣ ва иҷтимоии навиштаҳои Баҳманёрро афзудааст. Мунаққид Раҳим Мусулмонқулов ба китоби «Аспи обӣ» тақриз навишта, аз ҷумла таъкид карда буд, ки «боиси диққати ҷиддии адиб ба экология барои соҳибдилон маълум: торафт хароб шудани муҳити табиӣ. Оё инҳо нишони харобӣ нестанд, ки ҳаво торафт ғализ мешавад, об торафт бештар заҳролуд мегардад, ба полезу боғот торафт зиёдтар дору мезанем. Обанборҳои азим месозем… Адиб ҳам ба табиат аз чандин ҷониб нигаристааст: онро ба одобу ахлоқ, ба урфу русуми аҷдодӣ, ба саодати имрӯзию фардоӣ, ба тансиҳатию умрдарозӣ ва ғайраю ҳоказо пайвастааст» (53,140).

«Аспи обӣ» номи яке аз ҳикояҳои Баҳманёр аст, ки китоби дуюмаш ба он мусаммо шуда. «Аспи обӣ» як ҳикояи пуртасвири афсонамонанд аст, вале мазмуни он афсона нест. Ҷузъиёте аз ҳикоя замону макони мушаххаси воқеаи дар ҳикоя тасвиршударо низ ишора мекунанд. Тасвир дар ин ҳикоя ба ҳадде тасаввурист, ки чун навори кино пеши чашми мо ба ҳаракат меояд.

Марди аспбоз бо тамоми шӯру шавқ аспро дӯст медорад. Ин хислат дар тинати ӯ зотист, зеро «Вақти зода шудан вай гиряву фарёд накард. Шиҳа кашид. Чун асп шиҳа кашид. Доя кар буду ин шиҳаро

нашунид. Модар зирак буду ин нуқсро пинҳон дошт». Баъдтар вақте ки вай ба по равон шуд, ӯро «гум мекарданду дар охури асп хобида меёфтанд». Ин мард аз ҳамон тоифаи аспбозоне буд, ки «якашон, ба гуфтаи мардум, сад нашуд. Солҳои шастум, яъне ба тартиботи чорводории хрушёвӣ, аспашро ба гӯшт надод, балки ба дарахт қантар карда, аз пушти гӯшаш парондааст ва худ ҳам девона шудааст». Ин ҷо маънии таъкидии нависнада якест: дасти далохати бераҳмона ба сранавишти махлуқони табиат барои инсон ҷузъ фоҷиа натиҷаи дигаре нахоҳад овард. Гоҳо оқибатҳои дахолати ин ислоҳоти бемаънӣ ислоҳнопазир буда, зиёнаш ба наслҳои баъдӣ низ мерасад. Ба ин маънӣ, аспи обӣ рамзи муқаддасоти муҳити зиндагӣ буда, фарёди вай ва марди аспбоз бонги хатарест, ки ба ҳарфҳои калон-калони «SOS» бояд дар дилу рӯҳи насли одамизод навишта ва посдорӣ шавад.

Дигар аз ҳикояҳои ҷолиби нависанда ҳикояи «Соли малах» мебошад. Ин ҳикоя бо гунҷоиши масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ ва ҳам тасвири устокорона яке аз ҳикояҳои хуби Баҳманёр аст. Ин ҳикоя низ тасвири рамзомез дорад. рафтори ҷоҳилона ва гоҳо аҳмақонаи шоҳзодаи Валиаҳд ҳам маънии ошкории дахолат ва бедодӣ нисбат ба табиатро дорад, ҳаммаънии пӯшида ва рамзомези нобаладӣ ва кӯтаҳандешии ҳокимони вақтро ифода мекунад. Бубинед: бо як нозу итоби занаш, ки аз вақвақи ғукҳо гӯё хобаш намебарад, Валиаҳди ноқисулақл ба дӯхтани даҳони ғукҳо фармон дод. Натиҷаи ин фармон ҳамин шуд, ки ҳамон сол мамлакатро пашаву хомӯшак зер кард». Ва боз ба кандани даҳони ғукҳо амр намуд. Амри кадушоҳонаи дувуми валиаҳд зиёд кардани шабушкпарварӣ буд, ки оқибаташ худ аз худ маълум аст. Валиаҳд ҳамоқатро ба ифрот мерасонад: ӯ мефармояд, ки паррандаҳоро нест кунанд, то анборҳо аз гандум пур шавад, тиҷорат афзояд ва ғайра. Ҳамин тавр ҳам мекунанд. Паррандаҳо комилан аз байн рафтанд, мамлакатро малах пахш кард.

Дар баробари ду рӯҳ як тасвири тимсол қарор дорад, яке ҳамоқати валиаҳдҳо, дигаре воқеиятест, ки нисбати табиат хунхорӣ

буда, ба қавли адиб «табиат ин хунхориҳоро» ба мо намебахшад, балки «ҳоло вай аз мо» қасос мегирад.

Ҳикояи «Нархи одам» ривоятеро дар бораи Аттори Нишопурӣ зинда месозад. Дар ҳикоя нависнада боз ба мавзӯи хунхорони вақт ва халқу аҳли ҳунари ҷафокаш боз мегардад. Аторро ҷондорҳои амири вақт – «сояи худо» дастгир мекунанд ва истинтоқаш менамоянд. Нависанда як саҳнаи зинда, пур аз фоҷиаро, ки аз ҳамоқати амирзодагон сар шуда, ба таҳқиру азоб ва ниҳоят сар буридани Аттор анҷом мегирад, тасвир мекунад.

Нависанда дар ин ҳикоя «як рӯзи тираву пурдард»-и зиндагии инсонро дар мисоли сарнавишти ривоятии Аттор «Айёми номард» ба тасвир кашидааст. Барои чоқуи муғул кӣ будани Аттор аҳамият надорад, зеро ба назари ӯ касе набошад «ин мардум ғайр аз он ки бо шамшер сар заниву даст машқ диҳӣ, дигар ба коре намеоянд». Аттор низ дар назари мардуми бумӣ (соҳибватан) Аттор буд. Атторе буд, ки «Олам ғайр аз некӣ аз ӯ чизе надидааст». Чоқуи муғул аз буридани сари шайх Аттор лаззат мебарад. Леймотиви ҳикоя – «Офтоб чун як курси ларзони сард аз Машриқ ҷониби Мағриб меғелид. Боз як рӯзи пурдард аз ин айёми номард доман печид»- дар таъкиди фоҷиаи таърихие гуфта шудааст, ки муғул ба сари тоҷикон ҳамчун қазои яздонӣ оварда буд ва бисёр аламангез аст, ки тоҷикон онро дар ҳақиқат «қазои яздон» шинохта, ҳатто аксаран муқобилият ҳам намекарданд.

Ҳикояи «Пешрави дор» низ бисёр муассир буда, дар таъкиди бемаргии марди боҳунар ва фанопазирии ҷабру зулм ва салтанати ҳокимони вақт гуфта шудааст.

Яке аз хусусиятҳои эҷодиёти Баҳманёр аз он иборат аст, ки вай бо рамзу тимсол сухан мегӯяд ва заминаи бештарини ҳикояҳояш афсонаву ривоятҳоянд. Яъне афсонаву ривоят сабки ӯро муайян мекунанд. Мо ин хусусиятро дар ҳикояҳои «Соли малах» ва «Нархи

одам» дидем. Ин тарзи тасвир дар қиссаи «Заринаи Зарнигор» тобиши тозае пайдо кардааст.

Агар мазмуни мухтасари қиссаро берун кашем, албатта, чизи бисёр оддӣ менамояд.

Мири Сармаддара, ки ба Мири Валӣ мулаққаб буд, Зарина ном духтар дошт. Зарина калон мешуд. Вақте ки мири Агмаддара ба ӯ хостгор фиристод, падар ҷавобе надод. Хостгор мири нави Агмаддара Бектош валади Темуртош буд. Чун Мири Валӣ Бектошро ноумед кард, ӯ ба ғазаб омад ва ба Сармаддара ҳуҷум овард. Баъди хунрезиҳои зиёд духтари Мири Валӣ розӣ шуд, ки падар ба ивази қатъи хунрезиву ҷанг ӯро ба Бектош диҳад. Ва ҳамин тавр ҳам мешавад. Ҳамин ки Бектош Заринаро ба Агмаддара, ба қасраш мебарад, азоби ӯ бештар мешавад. Ӯ, ки зани аввалашро бо хизматгораш дар як ҷогаҳ дида, ҳардуро кушта буд, метарсад, ки бо ин ҳусну малоҳат Зарина нашавад, ки ба ӯ хиёнат кунад. Барои эҳтиёт деворҳои қалъаро баланд мекунад, посбонҳову занони ҷосусро низ зиёд мекунад, то касе ба ҳарам надарояд.

Бо вуҷуди ин дар наздикии девори қалъа мусофире пайдо мешавад, ки ӯро Бектош девона мешинохт. Ин ҳамон ҷавоне буд, ки Зарина дар хоб дидаву ба дугонаҳояш ҳар гоҳ таъриф мекард. Ин ҳамон ҷавоне буд, ки Зарина ӯро барои Сармаддара фоли бад шинохта буд ва боре ӯро ҷуста-ҷуста то пои қалъаи Мири Валӣ аз барои Зарина омада буд. Ин ҳамон ҷавоне буд, ки низ хоб дида буд, ки Зарина аз ӯст.

Чун Бектошро оташи рашк месӯхт ва донист, ки Зарина ҳангоми аз қалъа берун омадан бо мусофири девона ҳарфҳое радду бадал мекунад, зиёда девона шуд ва мусофирро амр кард, ки хоки ӯро тарк кунад, то зинда монад. Чун мусофир ба ӯ итоат наовард, Бектоши Темуртош ӯро кушт. Вале боз ҳам Заринаи Зарнигор ҳангоми аз канори қароргоҳи сангии мусофир гузаштан ба шабеҳаи ӯ, ки дар хаёлаш буд, ҳарф мегуфт ва ҳарфаш ин буд: «Орзуи ман дидан буд, дидам, шунидан буд, шунидам. Биҳишт, ки хӯрдан надорад?!»

Бадгумонӣ Бектошро ба он меоварад, ки Заринаро низ мекушад ва худашро низ хидматгорон субҳе «бо даҳони то бехи гӯш кач мурда ёфтанд». Ҷасади валади Темуртошро се роҳ ба хок месупоранду хок ҳар бор берун меафканад. Ниҳоят кулол Боғшо сағонае месозад, онро дар танӯр мепазид ва ҷасади Бектошро ба сағона гузошта бо нӯкароне, ки ҳамроҳаш оварда буд, ба ватанаш роҳӣ мекунад.

Сужети қисса аз ҳамин гуна афсона иборат аст. Вале ин афсона сарнавишти талхи инсон ва замонро дар худ фаро гирифтааст. Ин афсона тимсол дорад. Тимсолаш замон, макон ва ҳокими золими вақт аст, ки тамоми маънӣ ва ғояи асар гирди он чарх мезанад. Қиссагӯ – қаҳрамони ҳамешагии Баҳманёр Бобои Баҳром ба ин қисса рангу равған мерезад. Вале дар оғози қисса Бобои Баҳром қаринаи воқеаи қисса – маҳалли зуҳури онро ишора мекунад ва мулло Бухоризодаи олим онро тасдиқ менамояд. Бо ин муаллиф таъкид карданист, ки таваҷҷӯҳ кунед, он чи ин ҷо ҳаст, ҷуз афсона дарде ҳаст, ғаме ҳаст, ранҷе ҳаст.

Ва мо аз сарнавишти Мири Валӣ – ҳокими Сармаддара дармеёбем, ки ӯ ба туфайли одамият ва ақлу фаросат «дар ин қаламраву дигар обравҳои ҳамсоя обрӯву эътибори зиёде» доштааст. Духтари Заринаи Зарнигор намод – тимосли ишқи пок, саодати худодода, малоҳату покӣ ва орзуву зиндагист. Ӯ ба ҳадде дар камоли иффат ва одамият аст, ки дар тасвири нависанда мутлақ аст, ваҳӣ аст, дар хаёлҳову гумонҳо зиндагӣ дорад, бинобар ин, чун биҳишт дидан дораду хӯрдан не. Ва дар замин ҳамтои худу рӯъёҳояш касеро ҷуз девонаи мусофир намедонад. Ин девонаи мусофир низ шахси оддӣ нест. Ӯ дар ҷавонӣ дари ганҷинаҳои илмро кушод, чанд китобе навишт ва «илмзада» шуд. Ӯро палидиву палаштиҳои ҷаҳони воқеӣ «илмзада» кард.

Ин ду намоди (тимсоли) мутлақ дар қисса, Зарнигору Мусофир, ки ҳар ду толиби ҳаманд, ҳамдигарро меёбанд, вале Биҳишт дидан дораду хӯрдан не! Достони сарнавишти ин ду, ки поку беғуборанд, дардовару андӯҳзояст, зеро ҳуқуқи одамвор зистанро аз онҳо гирифтаанд. Кӣ гирифтааст?

Вақте ба ин савол ҷавоб меҷӯем, қабл аз ҳама чеҳраи Бектош валади Темуртош пеши назар меояд. Дар шинохти ҳайсияти инсонии ӯ он қадар майна об кардан лозим нест. Ӯ ҷаббор аст, золим аст, мисли ҳамтипҳои худ беақлу гумроҳ. Типи ҳокимонест, ки қаринаашро ҷаҳон бисёр дидаву шунида. Ӯ бо ҷафоҳое, ки ба муҷримон мефармояд, амирони манғитро, кору амали онҳоро пеши чашми мо зинда медораду зинда мекунад. Нависанда дар тасвири ботину зоҳири ӯ рангҳои равшани заминиро ба кор мебарад. Ва бо ин таъкид мекунад, ки маҳз ҳамин тоифа зиндагиро фалаҷ, одамонро бадбахту сияҳрӯз ва ҷаҳонро фосид месозанд. Сабабгори рехтани хуни одамон ва сарсонии онҳо мешаванд.

Ин қиссаи Баҳманёр қасидаи ишқи поку қудсӣ, ҷавонмардиву иффат, достони сарнавишти инсони покест, ки зиҷри таърих ва маъмурони онро беандоза кашидааст.

Дар қисса лаҳзаҳои муассире ҳастанд, ки нависанда бо эҷоди онҳо ба кори ҷаҳон механдад. Масалан: «Қавиҳайкал гуфт: «Ман мири Агмаддара – Бектош валади Темуртошам!» Мусофирро ин ҷавоб асар накард, ки боз суол дод: «Болотар аз ту кист?» Мири Агмаддара гуфт: «Арҳиманпаноҳ, амири аморат, волии мақомат, нерубахши диёнат, зимомдори қазоват, султони мусулмонони Варзруд Ғиёсиддиншоҳ валади Шаҳобиддиншоҳ!» Мусофир гуфт: «Болотар аз ӯ кист?» Бектош валади Темуртош лаҳзае андеша кард ва гуфт: «Ҳеҷ кӣ!» Мусофир лабханд дод ва гуфт: «Ҳамон ҳеҷ кӣ» - манам». Вале афсӯс, ки ин таъризи кушандаи девонае (девонаи ба кори худ ҳушёр) ба умқи ақли Бектошҳо намерасад.

Қисса рамзҳои зиёде дорад ва ҳар кадоме маънию асоси асарро тақвият мебахшад.

Дар навишти Баҳманёр сабки устувори ривоят, ки баҳрае аз насри ривоятии классикӣ дорад, равшан зоҳир гардидааст. Дар мавриди далоили сӯи такомул ва пешрафт будани ҳунари нависандагии ӯ боз

сухан гуфтан мумкин аст, вале мо ҳамин ҷо нукта гузошта, қиссаи дигари вай «Санги сабӯ»-ро аз назар мегузаронем.

Ин қиссаи Баҳманёр аз навиштаҳои пешинааш бо фарогирии воқеияти дардовар, бо ифшои рӯҳияи қаҳрамонон, бо тасвири амиқ ва пурмаънии ҷузъиёти воқеият, ки ҳолати равонии қаҳрамононро хеле дақиқ ифода мекунад, фарқи зиёд дорад. Хонандаро ба андешахои дардовари дар бораи инсон ва мақому манзалати ӯ дар зиндагӣ водор месозад. Ба ифодаи дигар, ин қиссаи сирф фоҷиавист. Тақдир не, балки шароити зиндагӣ сарнавишти фоҷиавии қаҳрамонони қиссаро, ки аз онҳо ҷуз ёди дарднок чизе ба ёдгор нест, таҳия кардааст. Мо дар тасвири нависанда осиёбонро мебинем, ки танҳо ба хотири муҳайё сохтани ризқи зану духтараш умр мефарсод. Холдор зани осиёбон низ коре дорад. Гулбутта – ягона фарзанди онҳо гирду пеши падару модар пилмида мегардад. Омаду рафти Шаҳбози дузд ва қаробати ӯ бо ин хонавода шояд боиси фоҷиаи сарнавишти ин хонадон мегардад.

Осиёбон Шаҳбози дуздро қабул кард, нону ҷо дод. Вале ин раҳзани сарсон дар сари ҷонкании осиёбон ба зани ӯ дасти таарруз дароз кард. Ва дар ин амал зан низ гуноҳшарик буд. Осиёбон, ки мурд. Шаҳбоз зани бевамондаи осиёбонро никоҳ карда, ба занӣ гирифт. Вале «нигоҳи мизонӣ»-аш ба духтари осиёбон – Гулбутта ӯро, ки аслан дар бисоташ одамият набуд, ба кӯи ноодамӣ тела дод. Бо ваҳшонияти ба худаш хос модари Гулбутта – зани никоҳиашро дар ҷангал бо дос зада кушт ва мурдаи ӯро руст карда, пораҳои мӯй ва либосҳои хунолудашро далел оварда, эълон кард, ки гург хӯрд. Баъди ин фоҷиа замина тайёр кард ва Гулбуттаи «бекас»-ро ба занӣ гирифт. Оқибат Гулбутта донист, ки модарашро Шаҳбоз куштааст, бо ҳамон досе, ки модарашро кушта буд, Шаҳбозро кушт ва худаш низ «чун зуғутаи карафси бурида, бечон ба замин афтод». Бо ҳамин нависанда ба сарнавишти пурфоҷиаи қаҳрамононаш нуқта мегузорад. Ин ҳама воқеият бо як ҷаззобӣ ва назокати хоси суханварӣ дар қисса ба тасвир омада, ба сари кас як коса оби сард мерезад. Суоли аввале, ки пайдо мешавад, ин аст: мо ба киву чӣ

дар ин дунё дил мебандем? Эҳсоси ноумедӣ дар қисса ҳаст ва ба дили хонанда соя меафканад. Сояи ҳам даҳшат ва ҳам раҳмат. Бале, раҳмати мо меояд ба осиёбоне, ки барои зани бунёди ахлоқиаш ковок умрашро сарф кардаасту ин зан ҳатто дар вақти ҷонкании ӯ натавонист, ки худро ба гуноҳ олуда накунад. Дар шафати ҷасади шавҳари мурдаистодааш зино кард. Раҳмати мо меояд ба зане, ки шавҳари дардмандаш хоҳишҳои нафсонии ӯро бароварда наметавонаду сабабгори ангезаи меҳри ӯ ба Шаҳбози дузд шудааст. Раҳмати мо меояд ба духтараки муштипари дар охир «бекас» монда - Гулбутта, ки аз дарди модар воқиф буд ва оқибат қурбони сабукандешии модар гардид. Ва бо орияте, ки дошт, қасди падар ва модарро аз Шаҳбози дузд, ки зӯран бо ӯ ҳамтан шуда буд, гирифт. Ин ҳама таассуфангез аст, вале чӣ илоҷ воқеияти зиндагист.

Нависанда дар баробари ин ҳама разолату бераҳмӣ ва худфидоӣ чеҳраи маънавии осиёбонро мегузорад. Осиёбон мурд, вале вақти ҷанозабарон аз беэҳтиётӣ мурдаи ӯ аз тобут ғелид ва ба дарё рафт. Ин ҳодиса занро зиёда метарсонад, шабаҳи осиёбон ӯро барои гуноҳаш думболгир аст. Вай барои худ чунин хулоса кард, ки яқин осиёбон он шаби ҷонканданаш Шаҳбозу ӯро ҳамканор дида, аз кат нимхез шуд ва ҳамаро диду худашро ба мурда андохт. Дар хаёлаш буд ё воқеият овози ӯро чанд бор шунид. Шаҳбоз низ овози ӯро шунида, аз тарс ларзид. Балки ҳангоми куштан Холдона дид, ки осиёбон «байни шаппаҳои бурси муқобил сар бароварда буд ва заҳрханда мезад». Холдона низ «ресмонро ба қад партофта, рӯи он ҳезум мегузошт, як дарза монда буд, барои донаи дигар хам шуда буд, ки чизи тезе байни шонаҳояш фурӯ рафт, дарди ҷонкоҳе тамоми вуҷудашро сӯзонд, рӯи дарзаи ҳезум афтод ва ҷонталвоса қомат рост кард, аввал чизе ки дид, ин шавҳараш буд». Ин шабаҳи огоҳкунандаро Шаҳбоз низ вақте дид, ки Гулбутта досро ба шонаи ӯ фурӯ хаст ва Шаҳбоз «аз ин тааҷҷуб накард, аз он чи пушти сари Гулбутта дид, чашмонаш аз ҳайрат ба фарқи сар ва ҷисмаш ба замин чапагардон шуданд. Ин дам аз паси сари Гулбутта қаҳқаҳи ханда

баланд шуд, вай баргашту дар чорчӯбаи дари оғил падарро дид, падари ришу мӯйлабаш бетартиб, ба тан пӯстаккашидаро дид.

Осиёбон дами дар истода буду даст дароз мекард ва бо ангушти ишора Шаҳбозро нишон дода, аз ханда заъф мезад». Ва «таҳаммули ин ҳамаро дили нозуки Гулбутта» низ надошт, ки «беҷон ба замин афтод».

Образи мафҳуми сароб – шабаҳи осиёбон хости инсони ахлоқии нависанда аст, ки ҷанбаи ахлоқӣ ва зиндагисозии қиссаро тарҳ медиҳад: дар ин дунё ҳама чизро ҳисобе ҳаст, ҳар кас ба кардааш мукофот хоҳад гирифт. Ва шабаҳи осиёбон ба ёди онҳое, ки дар ин қисса ба ваҷҳе гуноҳ кардаанд, ёд аз киштаашон орад ба ҳангоми дарав!

Баҳманёр нависандаи соҳибсухан аст. Услуби хоси ифода дорад, тарзи сужетофариаш, истифода аз санъатҳои бадеӣ, забони фасеҳу ширадор насри ӯро ба шеър наздик месозад. Дар навиштаҳояш аз сабки насри ривоятӣ судманд истифода мекунад. Ва ба ифодаи дигар, дар онҳо таровати осори классикон мушоҳида мешавад.

Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ
(тав.1924)

Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ аз шоиронест, ки бо вуҷуди баъзе фарозу нишебҳо дар сабк ва ҳунари шоирӣ ба воқеияти зиндагӣ назари хоси шоирона дорад. Ва месазад, ки дар бораи ӯ ва баъзе аз навиштаҳояш ҳамчун намунаҳои марбут ба адабиёти имрӯз сухан кунем.

Вай дар шаҳри Конибодом ҳафтуми январи соли 1924 ба дунё омадааст. Баъди хатми донишкадаи омӯзгорӣ муддате муаллимӣ карда, баъд ба ҷанг меравад ва баъди ду бор маҷрӯҳ шудан ба ақибгоҳ боз гашта, дар рӯзномаҳои ҷумҳурӣ ифои вазифа мекунад. Солҳои тӯлонӣ роҳбарии нашриёти «Ирфон»-ро бо ӯҳда дошта, дар кори табъи нашри китоб саҳмгузор будааст.

Нахустин асари бадеии ӯ песаи «Қаҳрамони ҷавон» буда, соли 1942 ба саҳна гузошта шудааст. Шеъри аввалинашро низ тақрибан

дар рӯзҳои аввали ҷанг гуфта, вале ҷанг ва воқеияти он фаъолияти эҷодии шоирро ба самти дигар равона кард ва ӯро ҷисману рӯҳан обутоб дод. Ҳоло вай дар адабиёт ҳамчун муаллифи китоби шеърҳои «Гули баҳор» (1959), «Шукфаҳои аз хун дамида» (1968), «Гули шом» (1984) ва ғайра шинохта шудааст.

Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ асосан «баъд аз навиштани достони «Шаби пеш аз марг» ва силсилаи шеърҳои «Оҳангҳои дӯстӣ» ба адабиёт ҷасурона қадам гузошт (88). Ва маҳз ҳамин асарҳо «Диққати аҳли адабу хонандагони бешуморро ба худ ҷалб намуданд» (88).

Сабаби муваффақият пайдо кардани ин асар пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки шоир заминаи қофиеро барои ба савияи матлуб расидани достон муҳайё сохт. Аввалан дар ин роҳ таҷрибаи ҷангии шоир ба ӯ мадад карда бошад, сониян амиқ омӯхтани зиндагии қаҳрамони воқеии достон – Тӯйчӣ Эрйигитов муаллифро комёб сохтааст. Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ қабл аз навиштани ин достон аз ҳаёти ин қаҳрамони арсаи ҷанг бо номи «Дар диёри қаҳрамон» очерке низ ба чоп расонда буд. Ниҳоят, шоир баъди бист соли нашри очерк асари дилхоҳашро навишт.

Ин достон саргузашти ҳам ҷанговар ва ҳам шоир аст. Як шабе, ки аз сари ӯ ва қаҳрамонаш мегузарад, аз назари вақту фазо чандон тӯлонӣ набуда, вале аз нигоҳи андеша ва фарогирии сарнавишти инсон басо тӯлонист. Шоир дар ҳамин фосилаи вақту фазо муваффақ шудааст, ки хонандаро бо саргузашти қаҳрамонаш ошно созад.

Достон аз тасвири манзараи лаҳзаинаи хомӯшии майдони ҷанг шурӯъ мешавад. Дар як лаҳзаи хомӯшӣ, ки ба сол ва зиёда аз он баробар аст, қаҳрамони достон гузаштаро ба ёд меоварад. Он чи қабл аз ҷанг рафтанаш аз сари ӯ гузашта буд, барояш хеле азизу арҷманд менамояд… зеро он ҷузъи зиндагӣ ва ҳастии ӯст. Аз пеши чашмаш симои модараш, маҳбубааш Маҳҷамол ва беҳтарин ёдҳо якояк мегузаранд. Ёдҳое, ки эҳсоси дардолуд ва шукӯҳманде дар дили қаҳрамон бедор мекунанд. Дар оинаи хотираҳои қаҳрамон расму оини

аҷдодӣ, аз ҷумла гаҳворабахш будани ӯю Маҳҷамол арзиши хос пайдо карда, бо ёди саҳнаҳои ҷанг омехта мешавад. Ин лаҳзаҳо дар достон бисёр муассир ва шоирона ба қалам омадаанд. Вале дар саҳнаи авҷи достон шоир ба воситаи нерӯи тасвир нафсро дар гиру дори хонанда гирех мезанад. Мо мебинем, ки қаҳрамони захмӣ ба ҳамин меафтад, вале оинаи чашм модарашро, Маҳҷамолашро дар баробари ӯ меорад. Ҳамин ёди азизу гаронқадр дубора ӯро сари по мемонад ва бо синае, ки саршор аз меҳри ёру диёр аст, мили ДЗОТ-и душманро медорад. Ва сатрҳои ҷонсӯз, вале зиндагисозро аз забони қаҳрамон берун меорад, ки хеле воқеӣ ва ҳоловаранд. Онҳо як лаҳзаи пурдарди амалу кирдори қаҳрамони достонро хеле муассир ва пуртаъсир баён месозанд.

Аҷабо?
Модарам чаро ин ҷост?
Синаи худ ба тир карда сипар,
Пойлуч рӯи барф меояд,
Аз паси каммунисти ҷанговар?
Аҷабо?
Маҳҷамол ҳам ин ҷост,
Куртаи сип-сиёҳ пӯшидаст?
Қадам оҳиста монда меояд,
Сахт бигрифта модарамро даст?
Андаке ист, Маҳҷамоли азиз!
Зиндаам ман! Маро намебинӣ?
Ё маро кардаст гумон мурда?
Омадӣ аз пасам? Ту ғамгинӣ?
Зиндаам! Зиндаам! Машав ғамгин!
Марав он ҷо! Марав дами оташ!
Ҷони худро фидо накун, ҷонам!
Андаке ист, дилбари маҳваш!
Андаке ист, модари мушфиқ!

Эй ту хуршеди нурбахши ҷаҳон!
Набувад бе ту субҳи шафқату бахт,
Модаро, офарандаи дилу ҷон!
Сабр кун, ман ҳанӯз ҷон дорам,
Метавон ҷон сипар ба тир кунам,
Омадам ман ба саҳни ҷанг, ба ҷанг
Ҷонфишонӣ ба ҳаққи шир кунам.
Марав он ҷо, марав дами оташ,
Ки насӯзад тани муқаддаси ту.
Ачабо? Саф кашида меоянд.
Кӯдакон ҳам қатор аз паси ту?!

Ин саҳнаи дардхезу ҷонгудоз натиҷаи хаёли ваҳмовари қаҳрамон нест, балки хаёли имконпазир ва сареҳест, ки ӯро дубора сари по медорад ва эҳсос мекунад, ки назди Модару Ватан, ки яктоанд, назди Маҳҷамол, ки кишвари тан аст ва назди кӯдакон – ҳаёти ҷовидонаи ватан масъулияти сахте бар дӯш дорад. Эҳсоси ҳамин масъулият ӯро ба ҷонфидоӣ маҷбур месозад, чунки интихоби дуюм вуҷуд надорад. Мо достонро хонда мебинем, ки хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, аз ҷумла мардию садоқатмандӣ дар ниҳоди қаҳрамон зина-зина шакл мегиранд, ӯро аз назари ахлоқӣ такмил мебахшанд. Ана дар ҳамин раванд дохил кардани образи Ваня дар достон хеле табиист ва муҳаққиқон онро бо Миколаи достони Мирзо Турсунзода «Писари Ватан» ҳамсон донистаанд. Вале ба фикри Абдунабӣ Сатторов, «бисёр хусусият ва амалиёти онҳо ба ҳам монанд» бошанд ҳам, дар «айни замон аз якдигар фарқ мекунанд. Ваня симои ба худ хосе дорад» (88, 54).

Чеҳраҳои модар ва Маҳҷамол дар достон хеле муассир ва таъсиргузор тасвир шудаанд ва аз хусусияти хос бархурдоранд.

Достони «Шаби пеш аз марг» бар зидди ҷанг, ҷанге, ки оромӣ ва осудагии мардумро халалдор карда, боиси шикастани тақдирҳо, хонавайрониву харобии хонадонҳо ва кишварҳо мешавад. Донишманди

фақиди тоҷик Раҷаб Амонов менависад: «Аз мисраъҳои ҳаяҷонангези зерин на фақат ба ин фикр (вайронгарии ҷанг – шарҳи мо) бори дигар боварӣ ҳосил мешавад, балки заминаи оташи ғазаби кас бар зидди душманони инсоният шиддат мегирад:

Урра! – гӯён миёни оташу дуд,
Медавидем ҳамчу барқ ба шаст.
Аз сари мурдаҳо гузар кардем,
Бӯи хун ба димоғҳо биншаст.
Мурдаҳо! Ҳой мурдаҳо! Хезед!
Зинда гардед лаҳзае аз нав.
Хунатон, эҳтимол, гарм ҳанӯз,
Ҷисматон сӯхт гарчи тару алав.
Хонаи гарм тарк бинмуда,
Ашки хешу табор резонда,
Омадед ин тараф ба амри кӣ?» (12,144).

Аз ин ҷиҳат таъсир ва хусусияти иҷтимоии достон баланд буда, арзиши маънавии онро меафзояд.Мунаққид ва адабиётшинос Абдунабӣ Сатторов дар боби ҳунари тасвиркории шоир сухан ронда, аз ҷумла менависад, ки ин достон «на танҳо аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ва дар бар гирифтани воқиаҳо, балки аз ҷиҳати шакл низ қобили таваҷҷӯҳ мебошад. Ин достон хати муайяни сужет надорад, вай аз чанд қисмат ва ё лавҳаҳои ҷудогона иборат аст. Ба онҳо ҳатто метавон номи муносибе гузошт, чунон ки худи муаллиф ба ҳамин монанд коре кардааст. Масалан, ӯ лавҳаи аввалро «Ёди аҳди дилдорам», лавҳаи сониро «Ёди Маскави аъзам» ва саввумро «Ёди кору гуфтор» ва «Ҷӯраи дерин» меномад. Аммо он лавҳаҳо ба ҳамдигар алоқаи узвӣ дошта, давоми мантиқии якдигаранд» (88, 56). Ба ҳамин сабаб мунаққид миёни достони «Шаби пеш аз марг» ва «Панҷи ноором»-и Мирсаид Миршакар шабоҳатеро зикр мекунад. Ин достонҳо аз ҷиҳати шаклу, вазн низ ба ҳам монанд буда, «вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки шоир А. Қаҳҳорӣ дар шакли достон

навҷӯӣ накардааст» (88). Хонанда чунин навҷӯиҳои шоирро дар тасвири манзараҳо, махсусан манзараи корзори ҷанг муколамаҳои ҳолнамо, истифодаи пурмаънии ифодаҳои забоние, ки амалу кирдори қаҳрамононашро ошкор месозад, дида метавонад.

Умуман ин достон дар таърихи солномаҳои ҷангии адабиёти тоҷик аз саҳифаҳои ҷолибу хонданист.Мавзӯи ҷанг ва муҳофизати Ватан дар эҷодиёти Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ танҳо бо ҳамин достон маҳдуд намешавад. Вай дар ин мавзӯъ шеърҳои ҷолибе низ гуфтааст, ки «Агар дар ҷанг мемурдам » яке аз чунин шеърҳои пуртасвир ва пурмаънии ӯ мебошад. Образи тасаввурии ҳасрат дар ин шеър маънии эътирози қатъӣро бар зидди ҷанг ва осори он ифода мекунад:

Агар дар ҷанг мемурдам,
Ба сини бист мемурдам.
Муҳаббатрову нусратро,
Ба худ ҳамроҳ мебурдам.

Ин шеър ва шеърҳои «Буфи кӯр», «Фидои Ватан», «Лола», «Ёрон нахандед», «Ҷанг дорад магар ҳанӯз давом», «Гул ва гулфурӯш», бешак, аз навиштаҳои хуби Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ буда, ҳар кадоме порае аз зиндагӣ ҳастанд.

Дар эҷодиёти шоир силсилаи шеърҳои «Шукуфтаҳои аз хун дамида» ва «Оҳангҳои дӯстӣ», ки тасвир ва тараннуми дӯстии халқҳо, иқдоми сулҳхоҳонаи халқ, ҳифзи муҳити зист ва ғайра мебошанд, мақоми хос доранд.

Муҳимтарин чизе, ки дар ин силсилаҳо ба назар мерасад, ғоя ва осори дӯстиву шафқат, бародарию баробарӣ, мададу ёрӣ барин армонҳои қадима ва ҷовидонаи инсон аст, ки ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбанд ва хор ҳам намешаванд. Ҳамчунон ки аз кутуби таърих байти

Ёрӣ андар кас намебинем, ёронро чӣ шуд?
Дӯстӣ кай охир омад, дӯстдоронро чӣ шуд?

ки аз Ҳофиз аст, ҳамчунон зинда ва коршоям ба назар меояд.Дар силсилаи «Оҳангҳои дӯстӣ» ёриву рафоқати халқи ҳамҷавори афғону тоҷикон мавриди тааммуқи шоир буда, ӯ дар ин замина комёб шудааст. Вале бисёре аз шеърҳои ин силсила ҳамчун ҳуҷҷати эҷодиёти шоир шояд арзиш дошта бошанд. Имрӯз баъди гузашти солҳову тағйири авзои ҷаҳон бисёр армонҳои шоир дар ин шеърҳо танҳо дар шеър боқӣ мондаву бас. Ҳатто он хулосае, ки мунаққид А. Сатторов баъди хондани ин силсила мебарорад, яъне «алҳақ имрӯз мардуми Афғонистон оҳиста-оҳиста ба боғи муроди хеш наздик шуда истодаанд», ҳоло бисёр соддалавҳона ба назар меояд. Вуруди Шӯравӣ ба Афғонистон на фақат халқи онро «ба боғи мурод» наздик накард, балки бадбахтиҳои зиёдеро ба бор овард. Маълум мешавад, ки шоир дар ин силсилаи шеърҳо бештар ба арзишҳое сару кор гирифтааст, ки бозгӯи ақоиди расмӣ будаанд. Камбудии ҷиддии ин силсила дар он буд, ки шоир дар бораи кишвари ҷангзадаву маҷрӯҳ, тифлони сағиру шаҳру деҳоти харобгашта шеър гуфта, шеъраш ҳеҷ дарде надорад. Он замон шоири Шӯравӣ наметавонист ва ҳуқуқ ҳам надошт, ки харобиҳои иқтисодиву маънавии армияи Шӯравӣ ба вуҷуд овардаро ҳатто бо таассуф ёд оварад. Лобалои вайронаҳо гузашта, шаҳру деҳи харобро дида, сари садҳо кӯдакони сағирро сила карда, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ метавонист фақат бо лаҳни армонӣ аз Ватани хеш, аз ёрони хеш, аз фарзандони осудаву ба хоби роҳатрафтаи хеш ёд кунад. Шикастагиҳои иқтисодиву маънавии Афғонистони замони Шӯравӣ дар шеъри «Фикрҳо»-и силсилаи «Оҳангҳои дӯстӣ» танҳо фикреро илқо мекард, ки қудрати маънавии шоири тоҷик ба он мерасиду бас. Таваҷҷӯҳ кунед:

Дар Душанбе, ки ними шаб ҳоло,
Шоире, эҳтимол бедор аст.
Мисли ман дар утоқи худ танҳо,
Банди васфи диёри дилдор аст.
Андар оғӯши гарми модари хеш,

Хуфта ин дам писарчаам ором.
Балки бозӣ ба хоб мебинад,
Ё маро ёд карду бурд ӯ ном…
Ёд кардам висоли ёронро,
Шояд онҳо ба пешвоз оянд.
Шом ҳамсояҳо қатор-қатор,
Хона бар диданам фароз оянд.
Сӯҳбату базм то саҳар тафсад,
Сари зонуст тифли хоболуд.
Чун бирафтанд ёру ҳамсоя,
Гап кушояд ҷиян зи дилбари худ…

Чӣ илоҷ?! Ин аст воқеияти зиндагӣ, ин аст воқеияти эҷодиёти шоири ҷанговар Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ. Ба ҳар ҳол рӯҳи захмии корзорони ҷанг дар шеъри ин шоири тоҷик берун аз чорчӯбаҳо ва тарозуҳои сиёсии дирӯзу имрӯз боқӣ хоҳад монд, дар сурати пора-пора байту қитъаву шеърҳо мисли дилҳои шарҳа-шарҳа, мисли танҳои захмии сарбозони аз корзор зинда баргашта, мисли ҳазорон сарнавиштҳое, ки дар шӯълаи ҷанг сӯхта. Яъне, шеъри ӯ аз зиндагӣ ҳимоят меҷуст ва бо зиндагӣ хоҳад монд.

Баҳром Фирӯз

(1939-1994)

Нависандаи маъруфи тоҷик Баҳром Фирӯз 1 сентябри соли 1939 дар шаҳраки Нуратои вилояти ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар хонаводаи омӯзгор ба дунё омадааст.

Баъдтар омӯзишгоҳи омӯзгории Самарқандро хатм карда, дар факултаи таъриху филологияи Донишкадаи омӯзгории Лининобод (Хуҷанди имрӯза) таҳсил ва онро соли 1962 хатм намудааст. То соли 1964 дар кафедраи адабиёти тоҷики ҳамин донишкада фаъолият намуда, сипас ба Душанбе меояд ва фаъолияти меҳнатиашро дар кумитаи давлатии радио ва телевизион, рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон»,

маҷаллаи «Садаи Шарқ», нашриёти «Маориф» ва рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон» идома медиҳад.

Солҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон бар асари нооромиҳои Душанбе Баҳром Фирӯз ба Хуҷанд кӯч баста, соли 1994 бар асари беморӣ дар ин шаҳр дармегузарад.

Баҳром Фирӯз фаъолияти адабиашро бо шеър шурӯъ кардааст. Аввалин шеърҳояш ибтидои солҳои шастум дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шудаанд ва баъдтар маҷмӯаҳои ашъораш таҳти унвони «Розҳои маҳтобшаб» (1967), «Боварӣ» (1973) ва «Оташи дил» (1984) интишор гардидаанд. Бо нашри ин маҷмӯаҳо ӯ худро чун шоир ба хонанда шиносонд. Ӯ дар ашъораш кӯҳистону табиати нотакрори онро тараннум мекард ва ифтихор дошт, ки кӯҳҳо гаҳвораю аввалин ҷавлонгоҳ, ибтидои роҳи умру зиндагианд:

Кӯҳҳо-гаҳвораи ман, аввалин ҷавлонгаҳам,
Аз ҳамин ҷо роҳи умру зиндагӣ сар кардаам.
Аз ҳамин ҷо бори аввал чашми ҳайрат дӯхтам,
Ман ба паҳноии олам низ бовар кардаам…

Чаҳорчӯбаи назм барои Баҳром Фирӯз тангӣ накардааст, ки ба наср гузашта бошад, балки дар гуфтани шеър низ ҳунари комил дошт. Дар шеърҳояш ормонҳои ҷовидонии инсониро тараннум мекард, ки пораи зер намунаи он аст:

Гузашта аз баланду пасти дунё,
Ба оғӯши ту оям боз фардо.
Равам аз маҷлису ғавғои бисёр,
Бипечам дар ҷаҳони орзуҳо…
Дилам бо орзу пур мекунӣ боз,
Чи гум кардам ту ҳозир мекунӣ боз.
Ду чашмам бор мебардорад аз бахт,
Маро, кӯҳсор, шоир мекунӣ боз.

Баҳром Фирӯзи шоир на аз тангии қофия, балки бо мақсади фаротар рафтан дар таҳқиқи бадеии воқеият ва моҳияти амалу кирдори

одамон ба наср рӯ овард ва воқеан ҳам дар ин роҳ ҷиддӣ қадам заду зуд ба муваффақият низ даст ёфт.

Вай доир ба сабаби ба наср рӯ оварданаш чунин навиштааст: «Чи шуд, ки ман ҳамчун шоир ба арсаи адабиёт қадам ниҳодаму ба ин тариқа зуд дастгоҳи шеърро бастам ва гӯё аз шоирӣ истеъфо намудам ва рӯи ихлосу иродат ба ҷониби наср овардам? Ин матлабро бисёр китобхонон ва ҳаводорони адабиёт аз ман савол мекунанд, баъзан суханони устод Айниро аз ваҷҳи тангии чорчӯбаи назм ба ман хотирнишон мекунанд. Аз ин хусус хеле андешидам ва ҳақиқати кори ман ин аст, ки мавзӯъ, матлаб ва мадорики дигаре асос барниҳодааст. Шеър ҳикмат аст, сӯз аст, оҳанг аст, панди рӯзгор аст, хулосаест аз зиндагӣ, вале он ба ҳеҷ ваҷҳ тасвири комил ва возеҳи зиндагӣ нест ва инчунин тасвирро аз шеър чашм доштан натавон. Агар дар замони Рӯдакӣ таълифи қиссаву романҳои воқеӣ расм мебуд, мо имрӯз ҳаёту зиндагӣ, андешаву омоли ниёгонамонро нисбат ба ахбори ҷамъи китобҳои дигар равшантар қиёс мекардем».

Бо ҳамин ҳадаф ва ҷасорат Баҳром Фирӯз ба насрнависӣ оғоз ниҳод ва аввалин ҳикояи ӯ «Бобо» соли 1972 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуда, мақбули алоқамандони адабиёт гардид. Муҳаммадҷони Шакурӣ дар заминаи ҳамон ҳикоя ӯро нависандаи мушоҳидакор ва нозукбин шинохта, таъкид ҳам карда буд, ки «адабиёти форсии тоҷикӣ аз солҳои шасти қарни бист масъалаи одамият, масъалаи инро, ки инсон чӣ гуна бояд бошад ва муомилаи байни мардум бояд ба чӣ усуле асос ёбад, мавриди баррасӣ қарор дод. Баҳром Фирӯз яке аз ҳамон нависандагоне буд, ки дар сари ин масъала бисёр фикр мекунанд. Асарҳои Баҳром Фирӯз пур аз фикру мулоҳизаҳост ва мо, хонандагонро водор месозад, ки баробари ӯ фикр кунем, масъалаҳои муҳимеро, аз қабили ин, ки одам кист ва одамгарӣ чист, ҳаматарафа ба мулоҳиза гирем».

Ҳикояи зикршудаи «Бобо», ки зуд диққати хонандагон ва нависандагону мунаққидонро ба худ ҷалб кард, бо тасвири дақиқ, мушоҳидакорона ва пурмаънӣ аз навиштаҳои дигар ҳамқаламони

Баҳром фарқ дошт. Ӯ бо ин ҳикоя худро чун нависандаи мушоҳидакор ва нозукбин бо хонанда муаррифӣ кард.

Дар ҳикояи «Бобо» нависанда як кӯдак ва бобои пиронсоли ӯро тасвир кардааст, ки ҳар ду ба деҳа равонанд. Сӯҳбати бобову набера дар роҳ, манзараҳои кӯҳсор ва ғайра, ки дар ин ҳикоя тасвир шудааст, дар нигоҳи аввал чизи одӣ ва рӯзмарра аст. Лекин чун ба мазмун ва моҳияти он диққат диҳем, мебинем, ки ин сӯҳбат порае аз зиндагии аҷибу ғариби мардуми моро таҷассум ва ҳифз кардааст. Кӯдак дар ҷараёни ин сафар дар ҳар қадам чизе аз аҷоиботи зиндагии одамон ва ҳайвонот мебинад ва ё мешунавад. Гоҳ мебинад, ки «қуллаҳо чун сутун ба китфи худ осмонро бардошта истодаанд» ва «дилашро ваҳм зер» мекунад, гоҳ аз бобо дар бораи гургон нақлҳои аҷибе мешунавад. Кӯдак ҳам ба нақлҳои бобо ҳам ба атрофаш бо кунҷковӣ менигарад. Чизе, ки дар ин ҳикоя хонандаро дар ҳайрат гузошта, аз паси қаҳрамони хурдсол мебарад, ҳайрату тааҷҷуб ва ҳиссиёти баланди маъниҷӯйи кӯдак мебошад. Нависанда тавонистааст, ки ҷараёни мураккаби аз тарафи як кӯдаки зираку ҳассос кам-кам кашф шудани асрори зиндагиро ба тадқиқ гирад ва бо ковишҳои равоншиносона ба мо нишон диҳад. Симои бобои пурдону варзида ва ранҷҳои зиндагӣ кашида низ дар ин замина ҷолиби диққат аст.

Ин ҳикоя Баҳром Фирӯзро ҳамчун нависандае, ки аз ҷузъиёти зиндагӣ ва сарнавишти одамон маъниҳои баланди инсонсоз барчинад, ба хонанда шиносонд. Нахустин ҳикояи ӯ собит сохта буд, ки вай дар тасвири манзараҳои зиндагӣ ва зоҳир намудани олами ботинии инсон маҳорати комил дорад. Чанд ҳикояе, ки нависанда баъди ҳикояи «Бобо» чоп кард, мавқеъияти ӯро чун нависандаи мушоҳидакор ва андешаманд дар насри тоҷик устувор сохт.

Қаҳрамони ҳикояи «Шаҳрӣ»-мураббии боғчаи бачагон хислатҳои бад дорад: ба тарбиятгирандагонаш аз рӯи тӯҳфаи волидайнашон муомила мекунад, яъне агар аз падару модари кӯдакон чизе ба ӯ расад, муомилаи ӯ ба кӯдакон хуб аст, агар не, аз шафқат дур аст. Қаҳрамони

ҳикояи «Маҳтобшаб буд…» донишҷӯ Испанд дар вақти истироҳат ба деҳа рафта, духтараки содаи дилбохта Гулбаргро фиреб медиҳад. Дар ҳикояи «Ғурур» Мастура низ хислатҳои бад дорад. Ба тасвири хислатҳои бади инсон бештар диққат додани нависанда асоси воқеӣ дошта, зери таъсири коста шудани маънавиёти одамон сурат гирифтааст. Баҳром Фирӯз бо ин навиштаҳояш дар солҳои ҳафтоди асри гузашта диққати ҷомеаро ба дарки протсесҳои муҳими ахлоқӣ ва пешгирӣ аз паёмадҳои номатлуби он ҷалб карда буд. Ба ифодаи дигар, аз оғоз таҳқиқи бадеии ӯ ҳадафи муайяни ғоявӣ ва таълимӣ дошт.

Дар насри Баҳром Фирӯз одамияти баланди қаҳрамонон, адлу инсоф ва виҷдони поки инсон мавқеи муҳим дорад. Ин масъалаҳоро нависанда дар кадом мавзӯе, ки асар нависад, илқо мекунад. Дар ҳикояҳое, ки дар мавзӯи табиат нивиштааст, пеш аз ҳама ба пайванди ногусастании инсону табиат таъкид дошта, ҳифзи муҳити зистро боиси бақои зиндагии босаодати инсон медонад. Дар ин замина дар бисёре аз ҳикояҳои ӯ, аз ҷумла дар ҳикояҳои «Бобо», «Бузғола ва писарак», «Бераҳм» ва ғайра инсон ва ҳайвоноти гуногуни хонагию ёбоӣ якҷоя амал мекунанд. Ин гуна ҳикояҳои ӯ ҳам ба кӯдакону наврасон ва ҳам калонсолон нигаронида шудаанд. Ҳар кадоми чунин ҳикояҳои нависанда дарси одамиятро ба хонанда меомӯзад.

Дар ҳикояҳои маҷмӯаи «Ҳақиқати талх» ва повести «Ту танҳо не» консепсияи хоси диди бадеии ӯ оид ба табиат ва пайванди он бо сарнавишти инсон ифода шудааст. Ин навиштаҳои ӯ чашми хонанда, хусусан кӯдакону наврасонро ба зебоиҳои зиндагӣ, ба ҳусни табиат ва дунё кушода, диққати онҳоро ба дидани наҷобати дили инсон ва хулқу хӯйи неки ӯ равона месозанд ва ба ин васила барои устувор шудани пояҳои инсоният дар ҷомеа мусоидат мекунанд. Ғояи чунин асарҳои Баҳром Фирӯз ифодагари масъулиятшиносии шахс низ мебошад. Бо чунин навиштаҳояш нависанда на фақат меҳри зиндагӣ ва инсонро дар дили шахс мустаҳкам мекунад, балки зимнан чунин фикреро ҳам талқин менамояд, ки шахс дар назди чунин инсони олиҷаноб, дар назди чунин

зиндагӣ ва сарзамин ҷавобгар буда, бояд хулқашро ба онҳо мувофиқ гардонад, барои муҳофизати онҳо омода бошад, нагузорад, ки ин ҳама ҳусну зебоӣ ва назокату наҷобат осебпазир бошад.

Ғояи масъулиятшиносии шахс дар назди ҷомеа аз маънии таҳтулматни ҳикоя ҳосил мешавад. Чунончи, Комил-полвон (ҳикояи «Гӯштингирӣ») рафтори норавои шогирдаш Сангинро дида, ба одамияти ӯ шубҳа мекунад ва дар тарбияи ӯ худро айбдор мешиносад. Шинохтан ва эътироф кардани айби худ дар консепсияи ахлоқии нависанда ба маънии тақвияти одамият ва пешгирӣ аз ноодамӣ таъбир мешавад.

Баҳром Фирӯз дар насраш ба тасвири хислатҳои бади инсон таваҷҷӯҳи хос зоҳир карда, ин масъала гоҳо бо резакорӣ тасвир ва арзёбӣ мешавад. Нависанда ба падидаҳои номатлуби ноодамию ноинсофӣ, кӯтоҳақлию бадахлоқӣ, ки маънии зиндагии инсонворро доғдор мекунад, бо диққат нигариста, сабабҳо ва омилҳои ин ҳодисаро ҷустуҷӯ мекунад. Бо тасвири ботааннӣ ва арзёбии ахлоқи бад инсонҳои дигарро аз сабуксарию беандешагӣ барҳазар медорад. Ҳикояҳои «Чинор-кампир», «Як шаби танҳоӣ», «Товуси маст» (1977), «Камгап» (1979) ва ғайра дар тақвияти ҳамин ҳадафҳои ғоявии ӯ навишта шудаанд.

Дар ҳикояҳои Баҳром Фирӯз аксаран тасвири мушаххасу мӯҷаз ва оромона ҷойи мулоҳизаронихои доманадору пурҳиссиётро танг карда, ҳадафи ғоявии нависандаро равшан ифода мекунад. Аз ҷумла дар ҳикояи «Муаллими сахтгир» (1981) муаллиф ҳамин усулро ба кор бурдааст. Дар ин ҳикоя ба ваҷҳи раҳмдилии модар аз роҳи дуруст ба бероҳа рафтани ҷавоне тасвир шудааст. Ба ин васила дар ҳикоя нависанда масъалаи шахсият ва ҷамъиятро ба миён гузошта, масъулияти ҷомеаро дар қисмати инсон муҳим медонад. Ба назари ӯ агар атрофиён ба сарнавишти Шодӣ (қаҳрамони ҳикояи дар боло зикршуда) дахолат мекарданд, вай дар пеши назари ҳама «дузду авбош, коҳилу кӯрнамак ба воя» намерасид. «Ҳеҷ кас ба таври қатъӣ ба вай монеъ нашуд».

Нависанда сареҳан ба чунин хулоса меояд, ки чигунагии ташаккули шахсияти инсон, чӣ хусусиятҳо пайдо кардани роҳи зиндагии вай на фақат ба худи ӯ, балки ба муҳити иҷтимоӣ, ба атрофиён низ сахт вобаста мебошад. Хулосаи ӯ ин аст, ки агар инсоне аз роҳи одамият берун рафт, ҳиссае аз гуноҳони ӯ ба гардани атрофиён низ меафтад. Нависанда бо матраҳ сохтани ин масъала хонандагонашро ҳушдор медиҳад, ки ба он чи дар атрофашон мегузарад, бепарво набошанд. Дахолати ҷомеа ва аҳли онро ба сарнавишти одамон омили сиҳатии фазои маънавии ҷомеа ва хонадон меҳисобад. Бетарафӣ ба тақдири инсонҳои алоҳида ба осудагии ҷомеа низ бетаъсир наемонад. Як кас аз роҳи рост пой берун ниҳад, ба чанд кас осеб мерасад.

Қаҳрамони асосии повести Баҳром Фирӯз «Тору пуд» духтури ҷавон Даврон гирифтори ҳилаву найранги бадкирдорон шуда, аз тамоси наздик бо онҳо ба чунин натиҷа мерасад: «Ба ҳамаи ин пасту баландиҳо худамон гунаҳгор… Нуқсонро, ҷиноятро мебинему «ба ман чӣ» гуфта чашм пӯшида мегузарем» Ин ҳарфи Даврон масъулияти баробарро дар ҷомеаи инсонӣ дар назар дорад. Хулосаи нависанда аз тасвири сарнавишти пурмоҷарои Даврон ин аст: модом ки зиштиҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ қувват гирифтаанд, бояд инсонҳои солеҳ дар баробари онҳо истодагӣ кунанд. Аҳли ҷомеа ба муқобили бадӣ муқовимати якҷоя дошта бошанд.

Чунонки ишора ҳам шуд, масъалаи асосии повести «Тору пуд» масъулияти шахс дар назди ҷомеа ва баръакс ҷомеа дар назди шахс мебошад. Нависанда барои ҳар ҳодисаи баде, ки дар атрофи мо рух медиҳад, на фақат шахсони ҷудогонаеро, балки аҳли ҷомеаро низ гунаҳгор мешиносад. Ба назари ӯ, дар баробари шахс кормандони идораҳо, намояндагони ҳукумати иҷрокор масъулият доранд. Саргузашти қаҳрамони повест нишон дод, ки вазифаи худро фаромӯш кардани кормандони масъул, ба роҳи беинсофӣ даромадани онҳо зиндагии инсонҳои ҳалолкорро чӣ гуна осебпазир месозад.

Фикри бадеии нависанда дар асар ба воситаи байти зерини Фирдавсӣ ҷамъбаст шудааст:

Нигар, то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,

Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.

Ба ифодаи М. Шакурӣ, «нависанда ба мантиқи ҳамаи воқеаҳо ва сарнавишти қаҳрамонон, аз забони шоири бузурги моҳиятбин моро огоҳ месозад, ки ҷавобгарию вазифашиносиро бояд як лаҳза фаромӯш накунем. Инсон барои ҳар қадам ва ҳар суханаш дар пеши дигарон ҷавобгар аст ва ягон кору ягон гуфтори ӯ беоқибат намемонад. Аз ҳама ин рафтору гуфтори шахсони алоҳида симои умумии ҷамъият ҳосил мегардад ва ин ҷамъият ҳам дар пеши ҳар як узви худ, дар пеши мардумони имрӯз ва фардо, дар пеши таърих масъулият дорад.»

Қаҳрамони «Тору пуд» Даврон дар бемористон саргузашти даҳшатноки худ ва беинсофию разилиҳоеро, ки дар андак муддат аз инсонҳо дид, фикр карда, дар охир ба чунин хулоса меояд: «Зиндагӣ худаш ислоҳ мекунад, гузашти замон мусаҳҳеҳи забардаст аст. Ҷамъият агар солим аст, монанди оби баҳр худашро аз ҳар олоише покиза месозад».

Бо арзёбии масъалҳои муҳими ахлоқӣ ва намудани роҳи дурусти ташаккули шахсияти ҷавонон повести «Ту танҳо не» дар эҷодиёти нависанда ҷойгоҳи хос дорад Нависанда дар ин повест масъалаи мушаххаси одамгарӣ ва ҳимояи он аз тааррузи ноодамонро ба миён мегузорад. Дар ин асар дахолати ошкоро ва ҳиссиётомези адиб ба сарнавишти шахсиятҳои асар равшан ба назар мерасад. Ҳаяҷони нависандаро суханони пурфарёди ӯ таъсиргузор кардаанд. Ин далели дигари масъулиятшиносии нависанда дар назди ҷомеаи инсонӣ мебошад. Муколамаи зерини ботинии қаҳрамони асар ифодагари мавқеияти нависанда мебошад:

«Духтур бисёр шуду беморӣ ҳам афзуд- мегӯянд, гӯё сабабгори беморӣ духтурҳо бошанд. Ана, ин хел маразҳо бисёранд, инҳо одамҳоро касал мекунанд. Стрессс. Стресси рӯҳу эҳсос… Ғалатӣ, чаро барои

дурӯягӣ, турачигӣ ҳеҷ касро ҷазо намедиҳанд?...Аслан ин ҳам мараз, торафт меафзояд. Яъне марази ҳамагир аст. Кай пеши роҳаш мегирем, ҳой мардум?! Ин ҳам грипп барин, дарди зардпарвин барин, балки аз ин маразҳо бадтар аст..».

Баҳром Фирӯз дар ин повест ноодамии одамони ҳаромхӯр, пулмасту бетамиз ва ҳомиёни онҳоро бо нафрат ба тасвир мегирад. Гоҳо суханони ӯ мисли тири заҳролудест, ки бехато ба ҳадаф мерасад. Нависанда ба инсонҳои ҳалолкоре, ки гирифтори муҳити пурфасоди иҷтимоӣ шудаанд, дилаш месӯзад. Ҳолати инсонҳои поквиҷдон ӯро озор медиҳад. Мехоҳад бо неруи сухан чунин ҳолу ҳаворо ислоҳ кунад.

Баҳром Фирӯз осори дигари насрӣ аз қабили «Пеш аз шаби арӯсӣ», «Саҳнаи гардон» (маҷмӯам мақолаҳо) ва осори зиёди ҳанӯз чоп нашуда, аз ҷумла романи «Ғафлатзадагон» низ дорад.

Марги беамон ин марди некном ва адиби пурмаҳсулро бармаҳал аз байни мо бурда бошад ҳам, ба қавли Абдумалик Баҳорӣ, «адибони забардаст намемиранд, балки ба баҳри сухан ғӯта мехӯранд». Осори ин нависанда бо гузашти замон, тағйири низомҳо кӯҳна намешавад, балки андешаҳои инсонсози ӯ то як нафар китобхон ҳаст, ҳамроҳ ва ҳамдами инсоният хоҳад буд.

Фарзона
(тав.1964)

Фарзона дар шаҳри Хуҷанд ба дунё омада, дар ҳамин шаҳр таълиму тарбият дида ба камол расидааст. Шояд дар парвариши завқ ва камолоти инсониву ҳунариаш муҳити хонаводагиаш, ки ҳама аҳли илманд, нақши муҳим дошта бошад. Махсусан дар ин самт ӯ ба модараш, ки аҳли илм аст ва дар тарбияи ӯ саҳми назаррас дорад, миннатгузор аст.

Фарзона ба саҳнаи адабиёти тоҷик бо садои ба худаш хос ворид шуд ва шеъраш зуд ба дили хонандагон нишаст. Аввалин шеърҳояш гувоҳи он буданд, ки қариҳаи хос ва ба зиндагӣ назари тоза дорад. Вай

бо тасвири ҷаҳони ботинӣ ба адабиёт омад ва ҳам дар сабки суннатӣ ва ҳам тоза шеър эҷод кард, ки бо хусусиятҳои хоси худ аз навиштаҳои дигарон фарқ мекард. Ин фардияти ҳунарии ӯ дар он зоҳир мешуд, ки ҳар чи мегуфт, тоза мегуфт. Нигоҳи тоза ба умқи ботини инсон, худро дар ашё ва ашёро дар худ дидан, аз зоҳири ашё ба асли ҳақиқатҳо роҳ паймудан, шеъри ӯро ба ҳавзаи ягонаи фарҳангии форсии тоҷикӣ қарин сохт.

Китобҳои осори Фарзона «Шабохуни барқ», «Ояти ишқ» ва «Паёми ниёгон», ҳамчунин куллиёти тозанашри ӯ, ки ашъори дар солҳои гуногун сурудаашро фаро гирифтааст, ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти навини тоҷик сухан гӯем.

Аввал чизе ки аз ҳунари шоирии Фарзона берун меояд, ин таваҷҷӯҳи гарми ӯ ба масъалаву мавзӯотест, ки рангу намоди таърихиву миллӣ доранд ва дар онҳо аз гузаштаи мардуми тоҷик ва фарҳангу адаби он ва пайванди таърихиаш бо ҳамнажодон сухан меравад. Дар бисёре аз ин шеърҳо шоир ба мадади ҳофизаи таърихӣ ба ҷустуҷӯи ҳуввияти гумшуда ё хатчадоршудаи миллӣ бар мехезад.

Дигар аз мавзӯоти шеъри ӯ ситоиш ва қадршиносӣ аз зан ва модар мебошад; мавзӯи кӯдакӣ низ аз мазмунҳои собити шеъри ӯянд.

Фарзона шеъри сиёсӣ нагуфтааст, вале бар ҳар ранге дар хилоли сатрҳояш аз сулҳу рифоҳ ҳимоят кардааст ва ин мавзӯъ аз меъёрҳои диди инсонӣ ва иҷтимоии ӯст.

Шеъри Фарзона аз мояҳои ошиқона низ баҳраманд буда, дар ин равиш ӯ тозагӯву тозанигар аст. Васфи табиат, мазмунҳои иҷтимоӣ, андарзу ҳикмат ва андешаҳои ирфонӣ ҷузъи муҳими шеъри ӯянд.

Нахустнуктае, ки дар шеъри ин шоир диққатангез аст, масъалаи ваҳдати ишқи ватан ва инсон мебошад. Дар шеъри Фарзона ишқу муҳаббат ба чароғе шабоҳат дорад, ки торикиро ба равшанӣ мубаддал месозад, омилест, ки дилҳоро нарму зиндагиро гарм мекунад, душманиҳоро ба дӯст ва кинаро ба шафқат, бемориро ба сиҳатӣ, қаҳрро ба раҳмат бадал месозад. Дар тафсири шоиронаи ӯ ишқу муҳаббат зинаи

камоли маънавиёти инсонист. Ҳамчунон ки дар шеъри зер бо итминон гуфтааст:

Рӯзе, ки оламе зи ту рӯ тобад аз қазо,
Пайдо шавад миёни туву ҷумла кас низоъ,
Ёрони кӯҳна аз ту ба парҳез бигзаранд,
В-он хирагон ба сӯи ту ин бора нангаранд,
Ман мешавам ягона анисе барои ту…
Рӯзе, ки дар сукути сулҳ ғутавар шавӣ,
Номардӣ бинӣ аз касу худ мардтар шавӣ,
Аз оламе бурида худоро қарин шавӣ,
Танҳотарин, ягонатарин гӯшашин шавӣ,
Ман хок мешавам, ки ҷабам ашкҳои ту…

Ба назар чунин мерасад, ки Фарзона шеъри «Ё бонги бедори манӣ»-ро гӯё дар тафсири ҳарфҳои зерини Шекспир гуфта бошад: «Ишқро нармдил ва меҳрубон гумон накунед, вай ҳикматест хеле аламнок ва хорест дарднок, аз дида ашк ва аз дил чашмаи хун мекушояд». Вале чун ба ҳар сатри ӯ меандешед, дармеёбед, ки дар ин боб Фарзона тасаввури хоси шоиронаи худро дорад. Аз нигоҳи шоиронаи ӯ симои ошиқ ва ё маъшуқ дар ҳеҷ ҳоле хира намешавад, балки ишқ ҳамчун имтиҳони устуворию самоҷат ба ӯ зиндагии тоза ва пурмаъно мебахшад. Сатрҳои зер моломоли андеша ва тасвири эҳёгари шоиранд, ки дар матн ва пайванд бо шеъри ноби ҳазорсолаи тоҷикӣ офарида шудаанд:

Эй дури ман, ранҷури ман, ёдам ҳамоғӯшат шавад,
В-он ранҷҳои даргузар яксар фаромӯшат шавад.
Гар аз насиме бишнавӣ овози нӯшини маро,

*** *** ***

Нӯшаш бикун, нӯшат шавад, ҳамдарди хомӯшат шавад.
Ин субҳ мехезад шафақ аз шонаҳои Мевағул,
Хун мавҷгардон мешавад дар синаҳои Мевағул.
Чунӣ, азизи рафта, чун, шояд ба ёд орӣ кунун,

Афсонаҳои Мевағул, Фарзонаҳои Мевағул?!

*** *** ***

Зардолуҳо гул кардаанд андар ҳарими боғҳо,
Атри гули зардолу аст андар шамими боғҳо.
Эй кош, бо ман мебудӣ дар ин чаманҳои сапед,
Гул мезадӣ бар кокулам ҳамчун насими боғҳо.

Шеъри Фарзона ифодагари ҳолати зеҳнии ӯст дар муҳите аз зиндагӣ, аз табиат ба ин маънӣ, ки дар мисоли ҳамин шеър ба шоира ҳолате даст дода, ки дар натиҷаи он ӯ бо инсони тасаввурии худ навъе робитаи зеҳнӣ пайдо кардааст ва ин робита дар як вақт робтитаи рӯҳонӣ низ ҳаст, ки эҳсос ва андешаи ӯро зинда ва таъсиргузор ҷилва медиҳад.

Дар мисоли шеъри зикршуда метавон яқин кард, ки агар ишқ барои дигарон як ҷиҳати зиндагӣ бошад, барои Фарзона ҷавҳар ва нури зиндагист. Беш аз ин вай пояҳои устувори андешаашро ба дӯши ишқ устувор кардааст, ки он ишқи Ватан, ишқи инсон, ишқи табиат ва ишқи ирфонӣ мебошад.

Ҳарфи ошиқонаи Фарзона дар бораи Ватан ба ҳарфи дигарон монанд нест. Дар шеърҳое, ки шоира дар ин мавзӯъ гуфтааст, мо бо тавсифҳои умумӣ ва забонзади меҳрубон, муқаддас, мӯътабар, аз ҷон ширинтар, хуршеди ҷаҳон, ифтихори халқу миллат, баҳори бехазон, диёри дилрабо ва монанди инҳо дучор намешавем. Вай сари ин мавзӯъ бо диди хос ва тафаккури образнок меандешад.

Яке аз чунин асарҳои пурмаънӣ ва образноки шоира манзумаи «Ашки Сайҳун» мебошад. Шоира дар ин шеър аз ишқу ошиқӣ ва ватандӯстии Сайҳуну Ҳумоюн ҳикоят мекунад. Дар тафсири шоира маънои Ишқ ва Ватан бо ҳам алоқаманд буда, ишқи Ҳумоюн ба зодгоҳаш Хуҷанд бо ҳам пайванди маънавӣ ва ҷисмонӣ дорад. Ин пайванди табиӣ ва пурмаънӣ хонандаро ба чунин андеша меорад, ки муҳаббати инсон на танҳо бо ёраш, балки бо Ватан ва атою эъҷози табиати Ватан пайванди хунӣ дошта, аз он ниру мегирифтааст ва таъкиди шоира бар ин аст, ки ин пайванд танҳо ба василаи инсон воқеӣ

мешавад. Зеҳнияти шоир дар матни ин тасвир гузошта, ҳол ва ояндаро ба ҳам мепайвандад:

Ба сӯи Хуҷанд омаданд аз араб,
Саворони размандае нимашаб.
Чунин буда фармон, ки андар ҷаҳон
Зи Зардушту кешаш намонад нишон.
На кине биҷӯяд аз аҳли Хӯҷанд,
Гар исломро хуш пазируфтаанд.

Шоира дар ин манзума аз ишқи нокоми Ҳумоюн ва маъшуқаи ӯ Сайҳун ба таври образнок сухан мегӯяд. Ишқи ин ду дилдода ва фоҷеаи зиндагии онҳо қиссаи талхи сарнавити пурфоҷеаи миллати ҷабри бегонагон кашидаи тоҷик аст. Ҳумоюнро ба хотири эътиқод ва эътимодаш душмани имониаш мекушад. Вале ишқ ва ҳастии таърихии ӯро маъшуқааш Сайҳун зинда медорад. Шоира дар матни ин ривоят ҳастии Сайҳуни соҳибҷамолро бо руди Сир мепайвандад, ки тафсири возеҳи пайванди инсон, табиат ва Ватан мебошад.

Ҳарфҳои зерини пурмуҳаббати ошиқонаро шоира дар охирин лаҳзаҳои ҳаёти қаҳрамонаш ба забони вай мегузорад, ки ормони худи ӯ низ буда, ба эҳсосу андешаи хонанда таъсири амиқ ва корсоз мегузорад:

Хуҷанди ман, эй дору нодори ман,
Бузургӣ зи тасвиру пиндори ман.
Маро аз дами кӯдакӣ донӣ ту,
Ки будам паноҳе ба домони ту.
Чу дастони момои ғамхораам,
Насими ту ҷунбонда гаҳвораам,
Ман аз рӯди ту «Алла» бишнидаам,
Нахуст андар он хешро дидаам.

Мавзӯи Ватан дар тафсири образнок ва шоиронаи Фарзона тарзи ба худ хос дорад, ки ишқ василаи шинохт, муаррифӣ ва қадршиносии он мебошад. Ҳарфҳои шоиронаи ӯ дар ин боб такрор набуда, ифодагари

андешаи хос ва ватанпарастонаи ӯст. Чунон чи дар хитоб ба Ватани аҷдодиаш ба ин назокат менависад:

Дил буду ишқи ту ҳамепарвард,
Эй ту парвардигори ишқи ман.
Тоҷикистон, чу дил ҳамемонӣ,
Гоҳвору мазори ишқи ман!

Дар шеъри «Тоҷикистон», ки мазҳари эътиқоду ифтихори ӯст, шоира ба оташи Зардушт, аз Темурмалики ватанпарасту ҷоннисор ва пири маънавияш Камоли Хуҷандӣ паноҳ мебарад ва муҳаббаташро ба тарзи зер баён мекунад:

Тоҷикистон ҳама дам то ҳастам,
Пок аз гард саратро бинам,
Гарчи худ гарди туям, менозам,
Ки бари домани ту мешинам.

Ташбеҳи «гарди доман» шоирона буда, андешаи ватандӯстонаи шоирро мушаххас ва таъсиргузор сохтааст. Шеърҳои Фарзона гувоҳӣ медиҳанд, ки образу маъниҳои шоирона асоси ҳунари шоирии ӯро ташкил медиҳанд. Ҳамчу қоқу аз домони Ватан бурун омадани ишк, аз гиребони Ватан сар кашидани ҷисми хокшудаи қаҳрамони лирикӣ ҷавҳари каломи шоиронаи ӯст.

Чеҳраҳои фарҳангии гузаштаву имрӯз дар нигоҳи шоиронаи ӯ маҳаки эътибори дирӯзу имрӯз ва ояндаи халқу кишваранд. Дар ин замина аз Камол ифтихор карда, аз ӯ ҳимоят мечӯяд. Ситези шоиронааш мухотаби мушаххас дорад.

Магар як пайкара бар ёдбуди ӯ намеарзад,
Яке санге ба подоши суруди ӯ намеарзад.

Чунонки дидем, мавзӯи ишқ дар тафсири шоира яктарафа набуда, бо табиат, рӯди Сир, кӯҳи Мевағул ва чеҳраҳои фарҳангию таърихии Хуҷанд пайванди зеҳнӣ пайдо мекунад. Дар шеъри дигари ӯ «Пеш аз падруд» ишқи ёру ишқи Ватан чунон бо ҳам омехтаанд, ки ба монанди ду мисраи як байт пайванди азалӣ ва ҷудонашаванда доранд. Ҳамин тариқ,

дар ашъори лирикии Фарзона ваҳдати ишқи Ватан ва ишқи ёр ба ҳаддест, ки ин мавзӯъҳоро наметавон дар осори ӯ ба тарзи ҷудогона арзёбӣ кард.

Дигар аз мавзӯъҳое, ки ба васидаи Фарзона дар шеъри муосири тоҷик ворид шуд ва то ҷое нуфуз ҳам пайдо кард, ирфон мебошад. Алиасғари Шеърдӯст дар мисоли баъзе шеърҳои Фарзона мушоҳида кардааст, ки дар шеъри ӯ «фазои ирфонӣ-мазҳабии тоза ҷараён дорад». Ба ифодаи дигар, дахолати андешаи сиёсӣ ба эҷоди ҳолу ҳавои дигаргунае дар соҳати шеъри ирфонӣ анҷомидааст. Аз сӯе, сухан гуфтан аз нури субҳ, тариқи покдоманӣ, хӯи шайтонӣ, нӯшоби равонӣ, сураҳои нур, пайдоиву пинҳонӣ ва ғайра ба баъзе шеърҳои ӯ вачҳаи мазҳабӣ бахшида ва аз дигар сӯ, таъбирҳое чун «надорам рӯз ман, то муждаи гарми туро орад» ва «дар он фасли шукуфтанҳо фиреби бад мехӯрдам» як паёми тоза ва шукӯҳманде дар худ дорад, ки ифодагари ҳолат аст. Чунончи дар ин шеър:

Зи нури субҳ меёбам тариқи покдомонӣ,
Вале чун тирашаб дорам ҳамоно хӯи шайтонӣ.
Мани нозуктар аз шабнам ба коми шаб нахоҳам шуд,
Фақат хуршедро шояд чунин нӯшоби ризвонӣ.
Надорам рӯз ман, то муждаи гарми туро орад,
Ту хуршедиву бо кӣ сураҳои нур мехонӣ?
Дар он фасли шукуфтанҳо фиреби бод мехӯрдам,
Куҷоӣ, офтоби ман, дар ин рӯзони боронӣ?
Агар гӯям, ки пинҳонӣ, ҳамебинам, ки пайдоӣ,
Агар гӯям, ки пайдоӣ, ҳамебинам, ки пинҳонӣ.

Дар ашъори ирфонии Фарзона ишқ сифати камоли ҳастист. Ин ба он маънист, ки дар шеъри шоира ишқ ҳар падидаро дар олами ҳастӣ аз ҳар гуна нуқс пок намуда, ба он камол мебахшад. Шеърҳои ирфонии Фарзона хонандаро дар рӯҳияи шинохти ахлоқи поку ҳамида, некӯкориву ояндабинӣ тарбият мекунанд. Дар ин замина назари ахлоқии шоира маҳдуд набуда, моҳияти иҷтимоӣ ва умумиинсонӣ касб мекунад.

Чунончи, шоира дар матни воқеияти рӯзгори мо ба ин андеша мерасад, ки аз байн бурдани низову нифоқи мардум ва пойдор кардани дӯстии халқҳову миллатҳо дарёфти калиди хушбахтии ҷовидона аст. Дар ин замина ӯ менависад:

Кош, девори низоъро мефиканд овози нармам
Аз миёни халқҳо.
Кошкӣ, бегоналафзонро ба ҳам дилбанд мекард
Ҳурмати момоҳаво.
Зулмате бо панҷаи сардаш диламро мефишорад.
Панҷаи нуре куҷост?
Оҳ, шояд гуфтаи ман арзане мебошаду бас
Хонаи мӯре куҷост?

Шоири тоҷик Мӯъмин Қаноат боре гуфта буд, ки «Фарзона ба ҷаҳони офтобзадаи берун наменигарад, ӯ дар долонҳои дарун кӯшиши сайругашт дорад ва аз он ҷо чизҳои нуҳуфтаро берун меорад». Алҳақ Фарзона шоири даруннигар аст. Дил аз нигоҳи ӯ кӯчак аст ва фақат қисмате аз вуҷуди одамист. Шеър бошад ғариза асту эҳсос ва андеша низ. Аз ин назар ӯ шоири асил ва дар худи худ мутафаккир аст.

Фарзона мисли ҳамаи инсонҳо дар ҷаҳони воқеӣ, ки пур аз ҳаводису ашёҳост ва дар ҷаҳони вазъкардаи ҳис ва андешаи худаш зиндагӣ дорад. Ӯ мисли мо аз майдонҳо гузар мекунад, ба муҷассамаҳо менигарад, аз кӯчаҳову бунбастҳо убур мекунад, ба зоҳири обу фаввораҳо, гиёҳу гулҳо, мардуму мошинҳои хурду бузург менигарад. Аз ҷиноятy куштор ва қатли ом ва ғиреви инсонҳо огоҳ аст. Аз сафаҳоти таърих бӯи ҷигари сӯхтаи миллат ба машомаш мерасад ва мисли ҳаминҳо ҳазорон чиз, инсону ҳолат, ҳаракат, ки ӯ ва мо меҳмони нохондааш ҳастем.

Ӯ ҳам мисли мо ба рӯи замин истодааст. Вале аксари мо аз паҳлуи ашёву ҳаводис бепарво мегузорем. Ӯ бошад ба вуҷуди ашё ва моҳияти он чи ба сари инсонҳо омада ё меояд, шаҳодат дода метавонад. Фарзона бо сароҳат замони худро дида ва дида метавонад. «Бонги намози табоҳии

башар»-ро мешунавад ва дар шеъраш ба ин ҳодиса шаҳодат медиҳад, хиёнат намекунад. Ӯ дар шеъраш ба ин дастур қозии гузаштаву бинандаи ҳол ва печу хами оянда мебошад.

Ҳамин тариқ, ба Фарзона ҳам вичдон ва имони шоириаш, ки ба вуҷуди ашё ва моҳияти ҳаводиси зиндагӣ гувоҳӣ медиҳад, ҳам ҳунари волои тасвиргариаш тавони ҳампарвозӣ бо шеъри ноби ҳазорсолаи форсию тоҷикӣ додааст. Мо дар боби дастбурдҳои дарунмояи осори ӯ дар боло баъзе нуктаҳоро баён кардем. Акнун дар боби ҳунари шоирии ӯ чанд хулосаро зикр карданием.

Нахуст ин, ки ин шоираи тавоно завқ ва қареҳаашро дар гуфтани ҳам шеъри суннатӣ ва ҳам шеъри нав сареҳан нишон дод. Шеъри нави ӯ аз мисраъҳои пасу пеш ва кӯтоҳу дарози чида иборат нест. Дар ин гуна шеърҳояш ӯ баёнгари ҳолу ҳавои шоирона буда, бо вуҷуди дурпарвозию рангинии хаёли бадеиаш андешааш аз воқеият маншаъ мегирад. Сотим Улуғзода дар бораи яке аз ҳамингуна шеърҳои нави шоира чунин хулоса карда буд: «Романтикаи шеъри «Хуршед дар қафас» бар он гувоҳӣ медиҳад, ки шоира ба умқи рӯзгори мо сар фурӯ бурдааст ва ин шеъри шоирест, ки ӯ имрӯзи моро дуруст дарк кардааст ва мехоҳад ба ҷамоае, ки ба дурӯғу риё ва ҷаҳлу торикӣ хӯ гирифтааст, роҳи халосиро ишора кунад». Намунаи чунин шеър ин чанд мисраи зер мебошад:

Эй растухези пир!
Эй тозатар зи пироҳани субҳ
Зулмотро нигар, ки чу шерозии сиёҳ,
Домони беғубори туро сар намедиҳад.
Мемираду ҳанӯз ҳам инони ҳукмро
Бар дасти тозарӯзи музаффар намедиҳад.

Фарзона бо девони ғазалаш собит карда, ки дар гуфтани шаклҳои суннатӣ низ завқ ва қариҳаи хос дорад. Ғазалу рубоиёти ӯ илова ба саломату шевоии хос, ҳамчунин фазои тозаи маънавӣ низ доранд. Ҳам дар маънӣ ва ҳам дар ҳунар осори ин шоир «бо мероси ғазалсароёни

мутақаддим қатъи алоқа накардааст, балки тадовуми (идома) саҳеҳ ва пӯёи онҳост» (Алиасғари Шеърдӯст).

Ғазале, ки дар поён иқтибос мешавад, намунаи эъҷози Фарзона дар ин шакл аст:

Ин Шамс, ки меояд, аз ҷониби Табрез аст,
Ин реша, ки мечунбад, аз хоки самархез аст.
Розе, ки асир афтод андар дилу андар шаб,
Чун шер занад панҷа в-он панҷа, ки хунрез аст.
Ман дӯш туро дидам, эй ёри ҳақиқатгӯй,
Эй вой, забони ту чун теғи замон тез аст.
…Аз гум шуданаш тарсам, эй он ки наӣ аз ман,
Зеро ки зиёд аз ин моро аламангез аст.
Ҳар ҷо биравам, бинам он тез нигоҳатро,
Овехта чун теғе қаттолу диловез аст.
Одам пайи васли дӯст то сӯи фалак дар зад,
Ин васл пур аз дар аст, ин ҳукм ғамангез аст.

Ғазалҳои Фарзона ҳолу ҳавои ирфонӣ-мазҳабиро, ки такя ба фарҳанги ғании гузашта дорад, дар шеъри имрӯзи тоҷикӣ зинда кард ва то ҷое инкишоф дод, ки намунааш ин чанд байт аст:

Баргҳо каф мефишоранд, оби раҳмат рез боз,
Гавҳари ҳар қатраро дар гӯши гул овез боз.

*** ***

Зи нури субҳ меёбам тариқи покдомонӣ,
Вале чун тирашаб дорам ҳамоно хӯи шайтонӣ.

*** ***

Парвардигор! Ёри маро дар паноҳ дор!
Он гурди шаҳсавори маро дар паноҳ дор!

Фарзона дар кадом шакл ё мавзӯе шеър гӯяд, онро образнок мегӯяд. Сухани шоиронаи ӯ оддӣ набуда, андешаи хонандаро таҳрик мебахшад. Бо ин далел, нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар шеъри муосири тоҷик бузург аст.

Аскар Ҳаким
(тав.1946)

Аскар Ҳаким шоир ва мунаққиди шинохтаи тоҷик аст, ки охири солҳои шастуми асри гузашта ба арсаи адабиёт қадам ниҳод ва дар муддати кӯтоҳе миёни хонандагон шӯҳрат пайдо кард. Вай 10-уми октябри соли 1946 дар ноҳияи Хуҷанди вилояти Суғд Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омада, мактаби миёнаро дар зодгоҳаш хатм намудааст. Баъди хатми факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба ҳайси муҳаррир дар Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Тоҷикистон ифои вазифа намудааст. Соли 1969 ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии ба номи Ломонови Москва дохил шуда, соли 1974 дар кафедраи таърихи адабиёт дар мавзӯи «Ворисияти таърихӣ ва навҷӯиҳои шоирона» рисолаи номзадӣ дифоъ мекунад.

Солҳои баъд дар вазифаҳои ҷонишини сармуҳаррири маҷаллаи «Садо Шарқ», котиби Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, сармуҳаррири рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» фаъолият карда, як муддат масъулияти Раисии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро низ бар ӯҳда доштааст.

То нашри нахустин маҷмӯааш «Раҳовард» (1984) хонандагон ӯро «чун яке аз беҳтарин мунаққидони адабиёти муосир мешинохтанд, ки на фақат ҳусну қубҳи шеърро нозук дарк мекард ва сари вақт дилсӯзона, вале берӯю риё нишон медод, балки оид ба роли шеър, умуман адабиёт, мавқеи иҷтимоии шоир, санъаткор дар ҷамъият, дар ҳаёти маънавии инсон изҳори ақида менамуд» (Ҷ. Бақозода. Нависанда ва идеали замон.- Душанбе: «Адиб», 1987, с. 123-124).

Фаъолияти адабиётшиносӣ ва мунаққидии Аскар Ҳаким ба тариқи масъалаҳои назми муосири тоҷик, анъана ва навоварӣ ва таҳқиқи ҳунари шоирии шоирони ҷудогона рабт мегирад. Дар ин замина ӯ соли 1978 рисолаи «Шеър ва замон»-ро нашр кард ва дар он масъалаи ворисияти таърихиро дар партави мушкилоти хусусиятҳои замон ва тарзу усулҳои тасвири инсон ва эҳсосоти вай ба андеша гирифта, навоварии таркиби

сухан ва образ, услубу жанрҳо ва поэтикаи шеъри муосирро дар мисоли эҷодиёти М. Турсунзода, М. Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, А. Шукӯҳӣ, М. Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ ва дигарон нишон медиҳад. Ин рисолаи ӯ дар боби вазъи шеъри муосири тоҷик сухани тоза ва пуразриш буд. Баъдтар маҷмӯаи дувуми мақолаҳои ӯ бо номи «Дар қаламрави сухан» (1982) ба чоп расид, ки як силсила мақолаҳои муаллифро доир ба вазъи адабиёти муосири тоҷик, аз ҷумла равандҳои инкишофи шеър, нақди адабӣ ва эҷодиёти шоиру нависандагони ҷудогона, аз ҷумла Раҳим Ҷалил, Аминҷон Шукӯҳӣ, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир дар бар мегирифт.

Мақолаҳои танқидӣ ва чеҳраҳои адабӣ, ки Аскар Ҳаким чоп кардааст, бо вусъати чашмандоз ва амиқтар шудани назари танқидӣ фарқ доранд. Мақолаҳое, ки ин мунаққид дар бораи шеъри муосир навиштааст, танҳо бо баёни мазмун ва ғояи ин осор маҳдуд намешаванд. Вай кӯшидааст, ки ба олами ботинии асари шеърӣ, ба олами фикру ҳиссиёти шоир, ба масъалаи хусусиятҳои хоси зоҳиршавии шахсияти шоир сар фурӯ барад. Дар ин замина мақолаҳои ӯ «Обшори шеър»- доир ба эҷодиёти Муъмин Қаноат, «Даҳ сол ва чаҳор нигоҳ»- дар атрофи маҷмӯаҳои Лоиқ «Нӯшбод», «Хоки ватан», «Марди роҳ» ва «Бӯи гули хор», ки шеъри Бозор Собирро арзёбӣ кардаанд, дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии тоҷик ҳарфи бавазн ва арзишманд ҳастанд.

Аскар Ҳаким ҳарчанд то имрӯз аз навиштани мақолаҳои илмии адабиётшиносӣ ва танқидӣ даст накашида бошад ҳам, шеър ҷузъи аслии фаъолияти адабии ӯ қарор гирифтааст. Маҷмӯаи нахустини шеърҳояш ва истиқболи гарми нақди адабӣ аз он далолат мекард, ки Аскар Ҳаким аз рӯи ҳавас ба шеъргӯӣ оғоз накардааст. Назари воқеъбин ва шоирона ба зиндагӣ ӯро ба гуфтани шеър водоштааст. Аз ин ҷиҳат тасодуф ҳам набуд, ки шеърҳои маҷмӯаи аввалинаш дар матни воқеияти даври муаллиф гуфта шуда, бештар моҳияти иҷтимоӣ доштанд. Ба ифодаи дигар, шеърҳои дар ин давра гуфтаи Аскар дар васфи инсон ва сифатҳои

неку ҳамидаи он буд. Муаллиф бештар ба моҳияти зиндагии инсон таваҷҷӯҳ кардааст.

Ба ифодаи Ҷ. Бақозода, «Аскар Ҳаким бо мавзӯъ ва сабки хоси хеш ба адабиёт дохил шуд» (Ҷ. Бақозода. Нависанда ва идеали замон, с. 129) ва дар ин роҳ ҷиддан меҳнат карда, имрӯз ҷойгоҳашро ҳамчун шоир низ муайян намуд. Маҷмӯаҳои минбаъд нашр кардаи ӯ, аз ҷумла «Тарозуи офтоб», «Рӯзи умед», «Шаҳри меҳолуд», «Баргпайванд», «Илтиҷо аз уқоб», «Боз мерасад хуршед», «Санги ман-алмос», «Мунтахаби ашъор», «Замини сабзи боварҳо», «Ба саломи шукуфаҳо» баёнгари заҳмати мудаввом ва босамари ӯ дар ҷодаи шеъру шоирӣ мебошанд.

Садоқати ӯ ба суннатҳои неки адабиёти форсии тоҷикӣ ва шуҷоати навпардозиҳояш хатти сабзест дар лавҳаи навбаҳорони шеъри тоҷик. Ин хусусияти ҳунари шоирии ӯро мушоҳида карда, донишманди Афғонистонӣ Ғуломсахии Ғайрат навиштааст: «Ман мехоҳам аҳсант гӯям ба шоире, ки суннати шеъри бузурги форсиро, ки дар он сухан на танҳо сухани олист, балки гӯё сухани илоҳист ва хидмат ба рӯҳу равони одамӣ мекунад, идома медиҳад. Аз ин нуқтаи назар достони Аскар Ҳаким (манзур «Санги ман-алмос») достони хеле олист ва суханони он қудсӣ ва дар айни замон сурурбахшанд. Дар он ҳаёт бо тамоми пуррагию паҳнавариаш ҷӯш мезанад» (Маҷаллаи «Помир», №1-6, 2000, с. 129).

Аскар Ҳаким шеърашро дар қолаби ғазал, маснавӣ, қитъа, чаҳорпора, дубайтӣ ва рубоӣ мегӯяд. Дар ин миён бо шеърҳое вомехӯрем, ки ба тарзи нимоӣ ё худ «шеъри озод» низ сурудааст. Шеъри ӯ аз ҷиҳати мундариҷа ва шакл хусусиятҳои хосе дошта, чеҳраи шоириашро муайян мекунад.

Дар фарогирӣ ва баёни мазмуну мӯҳтаво Аскар Ҳаким равиши хоси эҷодӣ дорад. Ин равишро тамоюл ва пойбандии ӯ ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ мушаххас месозад. Аз ин ҷиҳат агар ба шеъри шоир назар андозем, мебинем, ки вай дар баробари мазмунҳои иҷтимоиву ошиқона ашъоре дар ситоишу ҳурмат ва бузургдошти ватану миллат ва шукӯҳу шарофати мардуми тоҷику Тоҷикистон низ сурудааст. Вай дар ситоишу

аҳамияти Наврӯз, васфи баҳор, арзи русуму оинҳои бостонӣ, рисолати шоир дар ҷомеаи инсонӣ, озодагӣ ва ворастагӣ, хушбахтӣ ва сарафрозӣ, нафрат аз ҷанг, душманӣ, хашму кин, дурӯғу дурӯягӣ, масоили инсондӯстӣ, ситоиши зан ва ғайра низ шеърҳои зиёде эҷод кардааст.

Дар ин гуна шеърҳо бо ироаи тасвирҳои табиӣ аз унсурҳои табиат, ба таъбирҳову тафсирҳо ва натиҷагириҳои иҷтимоӣ, ишқӣ, ахлоқӣ ва хулосаҳои хоси зеҳнии худ мепардозад.

Дар як дубайтиаш шоир мефармояд:

Эй башар, ман раҳини фардоят,
К-ин чӣ бахтеву ин чӣ иқболест.
Гарчӣ хокӣ туӣ, вале ҷоят
Дар миёни ситорагон холист.

Андешаҳои шоир дар ин шеър пойбанди маънавияти умумибашарӣ ва инсон аст. Маънавиятест, ки дар тарзҳои гуногун дар дигар шеърҳои шоир низ ба назар мерасад. Рамзи авҷу камоли ҳар амреву ҳар чизеву ҳар касе, ситораву каҳкашону осмон, аршу фалак ва самову чарх аст. Ин маъниҳоро дар пораи зерини шеъри «Авҷи ишқ» ҳунармандона хулоса кардааст:

Ман баландат зи арш биншонам,
Каҳкашонро ба пойи ту резам…
Бишнавӣ набзи дашти ҳомунро,
Ки фалаксайру ишқоҳанг аст.

Аскар Ҳаким шеъре дорад бо номи «Замини сабзи боварҳо» ва унвони яке аз маҷмӯаҳояш низ бо ин шеър ҳамном аст. Ин шеърро шоир дар ситоиши ватанаш-Тоҷикистон гуфтааст. Дар нигоҳи шоир на фақат шоирону бузургони ин сарзамин, балки худи ин диёр низ ба воситаи вуҷуди уламову удабо, бузургони гузаштаву муосир осмонест ва ин ватани кӯчак бо маънавияте, ки дорад, фарохиҳои бузурги маънавӣ ва қудсиро ба вуҷуд овардааст.

Вай дар бораи сарзамини модариаш бо муҳаббат ва самимият менависад:

Ҳарф мехоҳам занам аз сарзамини хеш,
Ҳар чӣ мегӯям, вале з-ин хок ҳарфи осмон ояд.
Баски ин марзи гаронмоя, ки мояш пой мемонем,
Дигаронро Каҳкашон ояд.
Шоиронаш ҳам бад-ин ваҷҳ осмониянд,
Гарчи рӯи ин ҷаҳон худрӯй месабзанд,
Онҷаҳониянд.

Дар гуфтани ин шеър шоир ҳунар менамояд ва кишварро мухотаб қарор дода, ормони дили пурмуҳаббаташро бо Ватан ҳамроҳ мебинад.

Вале саг:

Хунчакон омад, ба пеши пойи ӯ,
То ба пойи ӯ бимолад чашму рӯ,
Дар ҳамин имони худ ҷон дод саг,
Соҳибаш бар марги ӯ овард шак.
Бори дигар тир зад бар синааш,
Тир зад бар дӯсти деринааш.
Монд дасту монд имону шаке,
Монд тиру монд инсону саге.

Тасвири ин фоҷеа ҳикмати дерумри «ҷавоби некӣ бадист»-ро ба ранги дигар зинда мекунад. Шоир фоҷеаро ба тасвир мекашад, назар ва хулосаашро наменависад. Баҳо дар худи воқеа нуҳуфта аст ва хонанда аз он натиҷа мегирад. Донишманди эронӣ Алиасғари Шеърдӯст ин шеърро аз ҷумлаи беҳтарин шеърҳои муосир медонад ва таъкид мекунад, ки шоир бо ҳунари офаридани ҳолати фоҷеавӣ, нишон додани хулқу хӯ ва бе ҳеҷ сухане маҳкум кардани ахлоқи ношоиста, ки ҳосили манфиатҷӯист, шеъри худро дар радифи ашъори мондагори классикӣ қарор медиҳад. Алиасғари Шеърдӯст меафзояд: «Ва гоҳо саъдивор каломи хешро дар хидмати танбеҳу огоҳии инсон мегирад ва вайро аз лағзишҳову бемеҳриҳову номардиҳову номуродиҳо огоҳӣ медиҳад ва ҳақ ин аст, ки ин бахш аз ашъори Аскар Ҳаким дар зумраи беҳтарин сурудаҳои вай ба шумор мераванд. Намунаи ин гуна ашъор манзумаи

«Имони саг» аст, ки бо ниҳояти зебоӣ ва устодӣ суруда шуда…» (Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким. Интишороти байналмиллалии «Алҳудо», 1373 (1994). Алиасғари Шеърдӯст. Муқаддимаи ношир, с. «д»).

Назари ҳикматшиносии Аскар Ҳаким дар «Достони нону имон» низ равшан зоҳир шуда буд. Ин достон аз ёздаҳ боб иборат буда, бар воқеияти ахлоқие асос ёфтааст, ки поядори зиндагӣ ва ҳастии ҷисмонӣ ва маънавии инсон аст. Чанд байти даромади достон ба сарнавишти наслҳое талмеҳ мезанад, ки «суфраи модар»-ро надидаанд, бемодар дар канори дигарон парвариш ёфтаанд. Шоир бо ҳасрат менависад:

Суфраи момо маро чун кард бе модар калон,
Доштам чун суфраи модар гиромияш ба ҷон.
Лек мехоҳам ба ҷону дил, ки ҳар тифли ҳабиб
Ҳеҷ гаҳ аз суфраи модар намонад бенасиб.

Достон қиссаи манзуми пурдардест дар боби қадри нон, фоҷиаҳое, ки аз дасти балои гушнагӣ ба сари инсоният омадааст. Хулосаи достон дар ин байт ба сароҳат баён шудааст:

Нон набудаст аз азал ҳамчун ғизои одамӣ,
Нон чу имон будаасту ҷонфазои одамӣ…

Саросари осори Аскар Ҳакимро мисраъҳои муҳаббати муқаддас ва олӣ фаро гирифтаанд, ки он муҳаббати фарзандию падарӣ, зану мард, муҳаббат ба халқи хеш ва ба инсоният, ба тамоми ҳастӣ ва ба офаридгори оламҳо мебошад.

Рисолати шоирро Аскар Ҳаким дар он дидааст, ки вай ба василаи шеър барои сафо ва улвияти рӯҳи инсон мадад кунад. Ҳамин ҳадаф ҷанбаи башардӯстии ашъори ӯро тақвият бахшида, диққати ӯро бештар ба ҳастии таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон ҷалб кардааст.

Мавзӯи Ватан, ҳуввияти миллӣ ва аносири муҳими фарҳанги миллат ҷавҳари андешаи шоиронаи ӯро ташкил медиҳад. Дар ин замина шоир шеърҳои зиёде гуфтааст. Тоҷикистонро поядори ҳастии миллат медонад ва забони тоҷикиро ҳамчун намоди ҳувияти миллӣ тавсиф мекунад. Дар шеъри «Тоҷикистон» мо чунин сатрҳоро мехонем:

Тоҷикистон, обу хокам обу хоки поки туст,
Ту маро ҳам ҷои ҷон, ҳам ҷои дил, ҳам ҷои чашм.
Ман қадам чун мениҳам, дар зери поям хоки туст,
Гарди хокатро табаррук мениҳам болои чашм.
Гар касе як гарди ту дар баҳру бар гум мекунад,
Ӯ на гарди хоки поят, балки сар гум мекунад.

Дар шеъри «Забони тоҷикӣ» сарнавишти забонро ба ҳастии таърихӣ ва фарҳангии халқ пайваста, ба чунин хулосаи муҳим меояд:

Ман зи таърихи башар дарёфтам ин нуктаро,
Гар забони халқ мирад, зинда мирад хосу ом.
Бо забонаш сар шавад таърихи авлоди башар,
Бо заволи вожааш таърихи ӯ гардад тамом.

Вале вақту замон ҳодисаҳоеро ба роҳ меандозад, ки боз ҳам тарҳи тозаи шеъри Ватанро дар тасаввури ӯ меандозад ва рӯйи коғаз меояд. Ба ифодаи дигар, ёд кардан аз фоҷеаҳое, ки ба сари кишвари ӯ овардаанд, ҳар қадар дарднок, оид ба шароити носозгори вазъи имрӯзаи иҷтимоӣ андешидан ҳар қадар душвор бошад ҳам, ӯ тавонистааст аз манфиатҳои маҳдуди сиёсӣ ва даъвоҳои шахсӣ фаротар равад. Дар ин матн ӯ дар бораи манфиати инсон ва башарият меандешад. Дарди ӯ шахсӣ нест. Ғамаш ғами инсон аст. Дар ин замина метавон шеърҳои «Чӣ эҳсоне?», «Шаҳри меҳолуд», «Имон», «Мерос», «Хазони умр», «Чароғи дур», «Аспи кишандбанд», «Камарбанди кӯҳистон», «Шеъри хундори ман гиряд», «Сарви сабзу тути хушк», «Чӣ кунам?» ном бурд, ки шоир дар онҳо аз дард сӯҳбат мекунад.

Муҳаммадалии Аҷамӣ дар бораи яке аз ин шеърҳо «Чӣ кунам?» навишта буд, ки «ин шеър аз сарнавишти миллат, аз таърихи миллат, ранҷҳои миллат бар мо мегӯяд…Шеър аз аввал то охир як ҳуҷҷат аст, ки тоҷик дар масири таърих чӣ гуна зистааст, чӣ гуна аз нобудӣ худро ҳам ҳифз кунад ва ҳам бисозад» (М. Аҷамӣ. Нигоҳе кӯтоҳ ба қомати баланди шеър) // «Адабиёт ва санъат», 16-уми июли соли 2009, с. 14//. Дарди дигаронро дарди худ шинохтан аз афзалияти дигари маънавии ин шеър

аст. Ин шеърро дар маҷмӯъ метавон марсияе дар сари турбати орзуҳои мурдаи башарият донист, ки хеле пуртаъсир ифшо шудааст:

Мо гиристем,
Вале бар ғами мо хандиданд
Уфтодем,
Вале бар сари мо по монданд.
Мо ба онон ҳама аз хонаи худ ҷо додем,
Мақдуми хонагадо хонахудоро ронданд.
Лек моро ба дари хонаи худ
Ҳеҷ кас роҳ надод….

Мавзӯи дарди миллат дар шеъри Аскар Ҳаким бар забони таърихию фарҳангӣ маҳдуд намешавад. Умқи назари ӯ дар ин равиш амиқ ва пурвусъат аст. Масалан, дар шеъри «Мерос» шоир ба он дардҳо ва захмҳои миллат таваҷҷӯҳ кардааст, ки дар даҳсолаи аввали асри гузашта, миллатгудоз будаанд. Шоир фоҷеаи ҷисмонӣ ва маънавии ба сари миллат омадаро ба таври воқеӣ ва мушаххас дар мисраъҳои зер таҷассум кардааст, ки воқеӣ ва таъсиргузоранд:

Деҳаи мо сабз буд дар пойи кӯҳ,
То варо созанд дигар,
Аввалаш карданд хокистар.
Боз он тире, ки бояд бар тани бобом мерафт,
Пай бишуд дар санг пайдо.

Дар ин шеър ва бисёр шеърҳои дигари Аскар Ҳаким масъалаи маргу зиндагӣ пайванд бо сарнавишти миллат ва фарзандони он арзёбӣ шудааст. Дар ин замина аз шеъри «Ниёиш бар сари турбати Лоиқ» метавон ёд кард, ки дар фаҳмиши шоир марги ҳунарманд ҳамчун идомаи ҳаёти ӯ ва меросбарии маънавии наслҳои баъд маънидод шудааст. Дар ин шеър номҳову истилоҳоту унвонҳо фақат номбардори Лоиқ нестанд, бакли ба ин маънӣ таъкид доранд, ки Лоиқ дар замини холие наруст ва дигарон низ аз ӯ баҳра бурдаву хоҳанд бурд. Шоир тавонистааст, ки бемаргӣ ва ҷовидонагии Лоиқро ҳунармандона тасвир кунад.

Масъалаи маргу зиндагӣ дар бисёре аз шеърҳои шоир, аз ҷумла «Зиндагӣ бозтоби тақдир аст», «Чӣ эҳсоне?», «Дарё, маро бигир», «Интихоб», «Умеди паси девор» як силсила рубоиву дубайтиҳо, достонҳои «Достони нону имон» ва «Санги ман- алмос» бо дидгоҳҳои гуногун арзёбӣ шудааст. Шоир бо он эҳсоси тунду тез ва хунгармие, ки дар сиришташ аст, мушоҳиди бетарафи воқеияти зиндагӣ нест, балки майдони зиндагӣ барои ӯ ҷойи санҷидани қудрат, фаъолият ва мубориза барои пирӯзии инсон бар ҳама мушкилот ба хотири пирӯзии некӣ бар бадист, нур бар зулмот ва адолат бар разолат аст. Рубоии зерин ифодагари андешаи ҷомеъи ӯ дар ин замина мебошад:

Умрат ба масал агар чу дастовез аст,
Некаш нигарӣ, ба роҳи Ҳақ маҳмез аст.
Ҳоло накунӣ ба роҳи Ҳақ растохез,
Ҳар рӯзи пас аз марги ту растохез аст.

Зиндагӣ барои қаҳрамони лирикии шоир ба ҳадафҳои волояш арзиши ҷовидона дорад. Дар ин равиш шоир чигунагии маргро бо мақсуди зиндагӣ вобаста медонад. Агар муборизаи инсон барои адолат нест, пас худфидоӣ арзише надорад. Аз ин назар дар шеъри «Интихоб», ки оғозаш ба афсона шабоҳат дорад, ровӣ ними умри сипардаашро ёд карда, дар дуроҳае қарор мегирад ва зеҳнияташ пойбанди андешаҳои зер аст:

«Равию боз гардӣ, лек бемақсуд»
«Равию барнагардӣ, нек бомақсуд»
Ду хат сӯйи ду роҳи саъб ишорат дошт бепарво.

Ин гуна шеърҳо арзиши ахлоқӣ дошта, хонандаро барои сазовор зистан ҳушдор медиҳанд. Шоир дар тулӯъ ва ғуруби зиндагии инсон маъно ва моҳият меҷӯяд. Аз ин назар шеъри «Зиндагӣ бозтоби тақдир аст» ҷолиб мебошад. Дар ин шеър ҳарчанд шоир нақши тақдир, яъне қазову қадарро дар зиндагии инсон инкор намекунад, аммо дар ӯ на итоату коҳилӣ, баръакс иродаи талошу мубориза ва фаъолиятро бедор ва қавӣ месозад, то ҷое, ки ҳарфҳояш қатъият касб мекунанд: туро агар

зиндагӣ бо ҳазор макру фиребаш асир карданӣ бошад, ту бояд аз он раҳоӣ ёбӣ ва роҳеро, ки барои номҷӯӣ, яъне осори нек аз худ гузоштан интихоб кардаӣ, бояд идома диҳӣ, зеро:

Пой дар банд, роҳ беохир,
Тӯли раҳро нигоҳ медонад.
Раҳраверо зи роҳ бардоранд,
Ғам махур, тарҳи роҳ мемонад.

«Тарҳи роҳ» дар тафаккури бадеии Аскар Ҳаким идомаи бонатиҷаи зиндагист. Нақше, ки инсон аз худ боқӣ мегузорад. Ба ифодаи дигар, шоир зиндагиро майдони фаъолияти огоҳона ва мондагор медонад.

Аскар Ҳаким ба зиндагӣ ва ҳаводиси он назари шоирона дорад. Барои ӯ дар зиндагӣ чизе нест, ки ангезаи шеърӣ надошта бошад. Ба ифодаи дигар, ҳатто касифтарин зуҳуроти ҳастӣ метавонад ба тақозои мазмуну мӯҳтаво ба шеър кашида шавад ва ҳатто мӯҳтавои шеър шавад. Ӯ дар шеър ба зоҳири зебоиҳо таваҷҷӯҳ надорад. Зебоиро аз воқеият, ашё ва ҳодисаҳо меҷӯяд. Шоир дар чаҳорпораи тамсилии «Дарахти арчаи кӯҳам…» инсони ормониро ба дарахти побарҷои коҷе ташбеҳ мекунад, ки ҷои рӯиши ӯ на дар саҳни дарбор, балки баландии кӯҳ аст. Ин дарахт аз ҳаводиси ба сараш меомада намерасад ва шохаҳояш дар баробари ҳар насиме сар хам намекунад, балки такягоҳу дастгири касонест, ки роҳ ба қуллаҳои баланд меҷӯянд ва решаҳои ин дарахти рамзӣ барои устувории замини сабзи диёраш бо сахтӣ ба хок панҷа афкандааст. Чунончи:

Дарахти арчаи кӯҳам, на сарв дар лаби ҷӯй,
Маро ба қомати маъшуқагон шабоҳат нест…
Маҳалли рӯиши ман нест, саҳни дарборе,
Ки оварам ба насиме ба сӯйи он таъзим,
Ба решаҳои амиқам ба хок панҷа занам,
Ки устувор бидорам замини сабзи диёр.

Дар тавзеҳи фалсафаи ин шеър файласуф Мусо Диноршоев навиштааст: «шеърест, ки масъалаи мақоми инсонро дар ҷомеа бо отифатарин шакл ва сурату забони муносиб ба маърази андеша мегузорад, ки дар назари аввал гӯё ба фалсафа ҳеҷ иртиботе надорад, аммо дар он ба ғайр аз масъалае, ки қайд кардам, боз масъалаи пайванди инсону табиат бисёр моҳирона ба воситаи ташхисонидани арча, ё дақиқтараш, ба арча табдил ёфта, аз номи он сухан гуфтани шоир таҷассуми бадеии худро ёфтааст» (М. Диноршоев. Бозтоби фалсафа дар шеъри Аскар Ҳаким.-Душанбе: «Дониш», 2012, с.3).

Тавсифи робитаҳои инсону табиат ва ашё дар бисёр шеърҳои Аскар Ҳаким ҷойгоҳи хос дорад. Ин хусусияти шеъри ӯро Алиасғари Шеърдӯст чунин тавзеҳ додааст: «Гоҳ хешро бо аносир ва ашёву падидаҳои табиӣ ҳамзабон месозад ва бо онҳо дармеомезад ва ин гиреҳхӯрдагӣ чунон бо устодӣ ва маҳорат сурат мегирад, ки хонанда амиқан аз он мутаассир мешавад. Шеъри «Дарё, маро бингар…» дар зумраи ин гуна офаринишҳои шоир ба шумор меравад» (Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким. Интишороти байналмилалии «Алҳудо», 1373, с. «д»).

Мо дар боло аз «Достони нону имон» мухтасаран сухан кардем. Аскар Ҳаким бо номи «Ойинаву қайроқу шона» низ манзумае дорад. Шоир дар ин асари рамзӣ аз мардуме ёддошт медиҳад, ки дар «даҳри кажоинон» расму оини ҷавонмардиву родиро фаромӯш кардаву дар хоби ғафлату нодонӣ фурӯ рафтаанд ва мебояд онҳоро аз ин хоби бехабарӣ бедор кард, то битавонанд фарзандонашонро ҷиҳати ояндае рӯшан раҳнамо ва раҳкушо бошанд.

Тарҳу фазои ин манзумаи тамсилӣ чунин аст, ки чобуксавори ҷавону диловар (зоҳиран инсони омонӣ) тухми дарахти нуру биноӣ (рамзи басират ва бедорӣ)-ро аз зери болини деви хоб (намоди бехабарӣ ва ғафлат) барои дармони чашмони нобинои падараш(сарвари хонавода) мерабояд. Деви хоб ҷиҳати асир кардани ӯ се бор каманд меафканад ва шаҳсавор дар ҳар мартаба ойинаву қайроқу шонае ба тарафи дев партоб мекунад, то ойина дарёи пуртӯфон ва қайроқ кӯҳи сарбафалккашида ва

шона ҷангали махуф гардида, садди роҳи дев шаванд. Вале дев ҳар бор бо фотеҳа аз дарёву кӯҳу ҷангал мегузарад:

Меравад чобуксаворе тундтар аз бод,
Мепарад мавҷи шарор аз наъли сумҳои саманди ӯ…
Мебарад дар ҷайби худ тухми дарахту нуру бинойӣ,
К-аз таҳи болини деви хоби бадҳайбат рабудаст он,
То падарро чашми нобино кунад дармон.

Ривояти охирини манзума нишон медиҳад, ки деви зиштию хоб тухми дарахти нуру биноиро аз онон дуздидааст, куллан барбод рафтааст:

Худ вале он дев
Деви ҷангали анбӯҳи зулмонист,
Ки тавонад з-он биёяд дарзамон берун.
Лек ҳайфо,
З-ин агар чобуксавори роз огаҳ нест…

Дигар аз достонҳои Аскар Ҳаким «Санги ман-алмос» мебошад, ки аз ҷониби муҳаққиқон ва алоқамандони адабиёт баҳои баланд гирифтааст. Мӯсо Диноршоев ин достонро дар боби дарки фалсафии зиндагӣ намунаи болотарини шеъри муосир донистааст. (М. Диноршоев. Ҳамон асар, с.8). Темур Зулфиқоров онро «достоне шаффофу булӯрин, тозаву тар» тавсиф карда, меафзояд: «Бешубҳа, достони нави Аскар Ҳаким на танҳо сухани тару тозае дар шеъри тоҷик, балки умуман дар шеър мебошад». Шоира ва мунаққиди рус Искра Денисова менависад, ки «шояд, хусусияти ба худ хоси достон аз он иборат бошад, ки ҳар мисраи он аз ақоиди пантеистӣ-ягонагии худованду табиат саршор аст, ки эҳтимол аз таълимоти Зардушт, аз Суғди бостон сарчашма мегирад. Ин пантеизм заминаи асосӣ, пойдеворест, ки дар болои он бинои ҷустуҷӯҳои маънавии шоир бунёд мешавад. Доираи ҷустуҷӯҳои маънавии шоир хеле фарох аст ва он ҳамаи дину мазҳабҳоро фаро мегирад. Ва дар айни ҳол тафаккури ӯ аз ҳамаи ин дину мазҳабҳо мағзи онҳо-адолат, инсоф, пиндори нек ва албатта,

муҳаббат ба ҳамаи мавҷудият ва пеш аз ҳама муҳаббат ба инсонро ба оне, ки ба китфони то хуншоршавӣ хӯрдашудаи хеш осиёсанги зиндагиро мекашад, интихоб карда мегирад. Ба назари ман, чунин менамояд, ки ин гуна ифодаи фавқулоддаи зебоӣ, тавоноӣ, қудрати маънавии олӣ, фарҳанги олӣ ва аз решаҳои асили бостонӣ, бутпарастӣ, зардуштӣ, ҷавҳари табиӣ ва модарзодӣ ба вуҷуд омадааст» (Маҷаллаи «Помир», 2000,№ 1-6, с. 126).

Арзёбие, ки аз ин достон шудааст, ҳам ба мӯҳтавои он дахл дорад, ҳам ба ҳунари шоирии соҳибаш, яъне ин асар дар муҳити адабӣ «ҳамчун як падидаи мутлақо нав» (Станислав Золотсев) пазируфта шудааст.

Аскар Ҳаким дар ин асар масъалаҳои робитаи фарду ҷамеа, маргу зиндагӣ, имрӯзу фардо ва ғайраро ба муҳокима кашидааст. Воқеияти достон бо ёрии тахайюл ва рамзу маҷоз ба таври дилчасп баён гардидааст.

Дар оғози достон шоир ба моҳияти ҳастии инсон диққат ҷалб мекунад, вуҷуди ӯро бо табиат тавъам ва ҷудонопазир таъбир мекунад. «Санги ман-алмос» бо фаро гирифтани масъалаҳое, аз қабили инсону табиат, инсону инсоният, адолату разолат, ишқу муҳаббат ва нафрату адоват, озодию асорат достонест, ки барои ҳамеша бо афкор ва андешаи тоза диққатангез хоҳад монд, зеро бо гузашти замон масъалаҳои зикршуда кӯҳна намешаванд ва хонанда барои эҳтиёҷи маънавии худ аз он раҳнамоиҳо хоҳад дид.

Ин достонро воқеан ҳам метавон ба унвони симфонияи зебои зиндагӣ пазируфт, зеро дар он зуҳуроти гуногуни ҳаёт бо суханони самимӣ ва хаёлангез тасвир шудааст. Тасвир шоирона, тоза ва пурмаънист. Байтҳои зер намунаи волои тарзи нигориши Аскар Ҳаким мебошад:

Дӯст дорам фаварони гули шафтолуро,
Ишқи занбӯри асалро ба арӯси гули себ,
Ва ман обистани гулро
Ба қалам об диҳам,

То ки дар дафтари ман шохаи себ орад бор.

Ин тасвири шоиронаи зуҳуроти ҳаёт аст, ки сарчашмаи ҳамаи зебоиҳо будани онро таъкид мекунад. Ишқ низ дар андешаи шоир зуҳуроти бемонанди зиндагист. Шоир дар достон ишқро ҳамчун навъи эҳсоси поки инсонӣ тафсиру таъбир мекунад, ки тарзи бархӯрди ӯ тоза ва бесобиқа аст.

Масъалаи дигаре, ки шоир дар достон баён кардааст, тарзу тариқи дарки озодӣ мебошад. Дар ин замина шоир тамсили се мурғро меоварад, ки яке дар қафас асту обу донаш таъмин аст, дигаре озод асту барои дарёфтани обу дона ҷонаш ҳар лаҳза дар хатар аст, ниҳоят савумӣ чунон аз талошҳо хаставу дилзада шудааст, ки ҳатто дигар озодиву парвозро аз ёд бурдааст. Шоир ба суоли «Чист дар ҳасрати он мурғи қафас?» посух намедиҳад ва андар ин боб андешиданро ба ихтиёри хонанда вомегузорад. Вале як талмеҳе ба беболии шутурмурғ маъниро ошкор мекунад, ки талмеҳ ба озодӣ аст.

Аскар Ҳаким дар шеъри муосири тоҷик симои хоси худро дорад. Вай дар шаклҳои дигари шеърӣ, аз ҷумла ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ низ мавзӯю масъалаҳои муҳими зиндагиро бо камоли ҳунармандӣ тасвир ва баён кардааст, ки арзиши бузурги маънавӣ ва зебошинохтӣ дошта, саҳифаҳои рангини таърихи адабиёти навини тоҷикиро зеб медиҳад.

Камол Насрулло
(тав.1950)

Адабиёти навини тоҷикро имрӯз бе эҷодиёти шоири шинохта ва сарафрохта Камол Насрулло тасаввур кардан душвор аст. Ӯ дар қатори устодони каломи бадеъ дар инкишофу равнақи шеъри муосири тоҷик саҳми муносибе дорад.

Камол Насрулло соли 1950 дар деҳаи Панҷрӯди ноҳияи Панҷакенти Ҷумҳурии Тоҷикисон таваллуд шудааст. Соли 1968 мактаби миёнаи деҳаи Ғусари ҳамин ноҳияро хатм карда, ба Донишкадаи

омӯзгории Душанбе дохил мешавад ва шӯъбаи филологии ин донишкадаро соли 1971 ба итмом расонда, ба шӯъбаи хориҷии Қумитаи давлатии радио ва телевизиони Тоҷикистон ба кор медарояд.

Баъдан дар маҷаллаҳои «Машъал» ва «Садои Шарқ» ба сифати ходими адабӣ ва дар идораи тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба сифати сарвар кор кард. Соли 1986 бо супориши ҳукумат маҷаллаи кӯдаконаи «Чашма»-ро ба забонҳои тоҷикию русӣ, баъдтар ба ҳуруфи форсӣ таъсис дод. Соли 2003 дар Анҷумани нависандагони Тоҷикистон муовини раиси Иттифоқи нависандагон интихоб мешавад.

Камол Насрулло то имрӯз 13 маҷмӯаи ашъор чоп карда, китоби шеърҳои ӯ «Тоҷикистонро дигар қисмат макун» ба гирифтани Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ шарафёб мегардад.

Аввалин китоби ашъори Камол Насрулло бо номи «Навгонӣ» соли 1978 чоп шудааст, ки шеърҳои давраи ибтидои фаъолияти эҷодиашро дар бар мегирифт. Баъдтар маҷмӯаҳои дигари ӯ «Барги зуф» (1980), «Нидои шаҳидон» (1981), «Гузаргоҳи дил» (1983), «Номаи боли кабӯтар» (1994), «Тоҷикистонро дигар қисмат макун» (1996), «Дар фурудгоҳи як таманно» (2003), «Фаросӯи нигоҳ» (2007), «Рӯ ба меҳроби Ватан» (2010) ва «Зангӯлаҳои фарёд» (2011) ба чоп расиданд, ки дар маҷмӯъ чеҳраи комили шоирии ӯро муаррифӣ мекунанд.

Мӯъмин Қаноат дар бораи Камол ва ҳунари шоирии ӯ гуфтааст, ки «Камол Насрулло аз қадамҳои нахустин дар эҷод аз пайи навсозиву навпардозии шеър буд. Имрӯз мебинем, ки аз доғтарин падидаҳои замон ангораҳои равшанеро тавонистааст ба қалам орад.

Камол то камолоти маънавии хеш дастури устод Рӯдакӣ «парниён бикунам санги хороро» сармашқи сарнавиштсози худ намуда, комёб гардидааст».

Воқеан ҳам ин шоир аз ибтидо ба зиндагӣ ва воқеияти он назари хоси худро дошт. Шеъраш аз зиндагӣ ва сарнавишти одамон маншаъ мегирифт ва ба зиндагӣ боз мегашт. Ба ифодаи саҳеҳи Гулрухсор «шеъраш шеъри зиндагист».

Бинобар ин ҳам таваҷҷӯҳ ва дилгармии хонандагон ба осори ӯ бесабаб набуд. Хонанда ба чунин шеър ҳамеша ниёз дошту дорад, зеро метавонад аз шеъри ӯ ишқи худ, дарду ормони худ, ниёзҳои имрӯзаю фардоинаашро пайдо кунад.

Камол Насрулло аз аввалин қадамҳои эҷодиаш дилбастаи шеъри иҷтимоӣ буд ва хуб ҳам дарк карда буд, ки ин гуна шеър на фақат дар мавзӯву мӯҳтаво, балки дар сабку нигориш низ бояд фардӣ бошад. Ин дарк ӯро ба ҷодаи ҷустуҷӯи сабку равиши тозаи эҷод равона сохт ва ӯ дар ин роҳ бо ҷиддият пеш рафт. Ашъораш рангу бӯ ва суратҳои тозаи хотирмон пайдо кард. Вақте ки яке аз аввалин шеърҳои ӯ «Ҳанӯз метавон»-ро мехонем, мебинем ва ҳис мекунем, ки садои шоиронааш дар миёни овозҳои дигар гум намешавад, садои хоси ӯ чеҳраашро равшан муаррифӣ мекунад. Ин шеър як навъ барномаи ҳунарии шоир буда, талоши ӯро дар тасвиркорӣ аз оғози фаъолияти шоириаш то ба имрӯз таҷассум мекунад. Ин шеъри барномавӣ на фақат ифодагарӣ ормонҳои шоирии Камол аст, балки дар дили ҳар инсон тухми умед ва шавқи зистани шарофатмандонаро бедор мекунад:

Ҳанӯз метавон шукуфт чун гулҳо
Ба ранги сурху сафед,
Ба ранги ишқу умед.
Ҳанӯз метавон шабчароғи роҳе шуд…
Ҳанӯз кӯдакеро гирифта дар оғӯш-
Тавон зи набзи ӯ шунид набзи фардоро,
Ба як нигоҳи ошиқона соҳиб шуд
Тамоми кӯҳу паҳноро,
Тамоми дунёро.
Кушодани дидаи бино кушодани дари шодист,
Ба пои худ қадам ниҳодан саодати дунёст.
Ҳанӯз як табассуми офтоби саҳаргоҳӣ
Барои ман аз ҳама подошҳо болост.

Камол Насрулло дар замоне шеър гуфт ва ҳунари шоириаш шакл гирифт, ки замона ва соҳибони он-сиёсатмадорони расмии он давра талабманди шеъри иҷтимоии сиёсӣ буданд. Дар ин замина шеър ба сухани рӯзномаю маҷаллаҳо хеле монанд шуда буд. Ба ифодаи дигар гӯям, ҷанбаи ҳунарии шеър то ҷое аҳамияташро гум карда буд. Бисёр шеърҳое, ки зери таъсири ҳамин ҷараён эҷод шудаанд, имрӯз аз даҳон мондаанд. Камол ҳам дар матни ҳамин замона шеър гуфт, вале бо дарки худ ва тарзи биниши ҳунарии худ. Шеърҳои зиёди иҷтимоӣ ҳам гуфт, вале шеъраш ҷанбаи хабарӣ надорад. Воқеиятро бо чашми шоирона мебинад ва ба шеър мекӯчонад, ки он ба макони таърихии дигар низ ҳамчунон хонда ва фаҳмида мешавад. Ин гуна шеърҳоро Камол дар мавзӯъҳои гуногун гуфтааст. Дар кадом мавзӯе гуфта бошад, ин гуна ашъор бо тамомияти бадеӣ ва маънию мазмуни баланд ба хонанда таъсир мегузорад. Зайли намуна шеъри «Хоҳар»-ро иқтибос мекунем, ки аз ҳар ҷиҳат ҷолиб буда, дили хонандаро тасхир мекунад:

Ду дидаи ғамгусор дорад хоҳар,
Бӯи ватану диёр дорад хоҳар,
Чашмаш пури об аст ба дидору гусел,
Субҳест, ки сад баҳор дорад хоҳар.
Таскини дили умедворам, хоҳар,
Ҳусни дилу файзи рӯзгорам, хоҳар
Дар дидаи ман муҳаббати ин дунёст,
Ман ёди туро ба дида дорам, хоҳар.
Хоҳар, хоҳар, нишони модар, хоҳар,
Баъд аз модар ба ҷон баробар, хоҳар.
Дилсӯзтаре нест ба ҳарду олам
Эй марҳами доғҳои додар, хоҳар.
Хоҳар, хоҳар, чароғи додар хоҳар,
Ҳар лаҳза кунад суроғи додар хоҳар.
Сӯзад ба дарун сӯзаду дуде накунад,
То сӯхтани димоғи додар хоҳар.

Чун панҷаи даст панҷ хоҳар дорам,
Панҷ ахтари нурбор бар сар дорам.
Аз давлати дигарон надорам хабаре,
Ман давлати бебаҳои хоҳар дорам.

Аз оғози фаъолияти эҷодиаш Камол Насрулло ҳамчун шоир дар шеъраш ҳадаф ва вазифаи муайян дошт. Аз шеърҳои маҷмӯаҳои аввалинаш «Навгонӣ» (1978), «Барги зуф» (1980), «Нидои шаҳидон» (1981) ва ғайра бармеояд, ки шеъри ӯ дар ҷудоии ошиқони ноком, дар бечорагию дармондагӣ, танҳоӣ, худшиносӣ, нокомиҳо, ҳангоми раҳгумиҳо, беватанӣ, шикастарӯҳӣ ба кор меояд. Шоир, ба ифодаи дигар, рози дилу ҷони ҳамзамононаш ва низ баъдиниёнро бо камоли равшанӣ дарк карда ва дар шеъраш гунҷонидааст. Аз ин назар шеъри дигари ӯ ҳадаф ва вазифаи ахлоқӣ низ дорад ва мавзӯъву масъалаҳои шеъраш дар ҳамин замина матраҳ мешавад. Агар мавзӯи шеърҳои Камолро мушаххас кунем, мебинем, ки шоир асосан дар мавзӯъҳои муҳаббат ба ватан, миллат, забони модарӣ, ишқу муҳаббати инсонӣ, васфи табиат, меҳрубонию самимияти инсонӣ шеър гуфтааст.

Камол Насрулло дар заминаи воқеияти зиндагӣ ва ба тарзи худу самимона шеър мегӯяд. Аз ин назар, агар дар боби ишқномаҳои ӯ сухан кунем, равшан мебинем, ки тарзи дарки масъала аз ҷониби ӯ аз дигар ҳамқаламону ҳамсафонаш фарқ дорад. Ишқу муҳаббати инсонӣ дар шеъри шоир танҳо тафоҳум ва маънои заминӣ дорад.

Шоир дар ин мавзӯъ шеъре дорад бо номи «Дар саволи ишқ чист». Дар ин шеър маънӣ ва ҳадафи ин мавзӯъ тафсири шоирона ёфта, моҳияти ахлоқии он низ равшан баён шудааст:

Ишқ худ чист, кас намедонад,
Ҳарчи бошад-набошад аз покист.
Ҷоннисорист дар раҳи номус,
Дар раҳи рӯзгор бебокист.
Ошиқӣ низ мисли озодист
Аз худу гирумони ин дунё.

Ошиқӣ ҳамчу нақбканҳост
Аз дили дӯш ҷониби фардо.

Шоир дар ҳамин замина моҳияти ахлоқии ин мавзӯъро баррасӣ карда, хонандаашро ба оқилӣ, софдилӣ, покӣ, устуворӣ ва садоқатмандӣ даъват мекунад.

Мо ишора кардем, ки ашъори ошиқонаи Камол паҳлӯҳои гуногуни ин мавзӯъро фаро мегирад. Ишқ дар шеъри ӯ маънои хусуситар ва шавқонитар дорад. Аз ин ҷиҳат дидгоҳи ошиқонаи ӯ васеъ буда, ба масъалаҳои гуногун марбут мешавад. Бинобар ин ҳам мо шеърҳои дар васфи модар, ватан, табиат сурудаи ӯро наметавонем берун аз ин доира таҳлил ва арзёбӣ кунем.

Ба ин далел шеърҳои дар васфи модар сурудаи Камол рангу бӯи тоза дошта, ба хонанда таъсири амиқи маънавӣ ва зебошиноҳтӣ мегузоранд. Дар ин замина шеъри «Дур аз модар»-ро метавон зикр кард, ки яке аз беҳтарин сурудаҳои шоир дар ин мавзӯъ мебошад:

Аз ҳама ғам бо ту мехоҳам гурезам, модарам,
Дар бари домони ту хобам, нахезам, модарам.
Ҷумла тан чашме шавам, як чашми саршори сиришк,
Қатра-қатра пеши пои ту бирезам, модарам.
Дурам аз даргоҳи ту, ман-дарди ту, ман-оҳи ту,
Нестам гар ман асои пирият, чӣ чизам, модарам.
Вой бар ман, вой бар ман, хок резад бар сарам,
Бар сарат гар ганҷи умрамро нарезам, модарам…

Камол Насрулло мисли Лоиқ ашъори дар васфи модар, зан навиштаашро дар як силк гирд наовардааст. Ин гуна шеърҳоро ӯ дар солҳои гуногуни фаъолияти шоириаш навиштааст. Ин шеърҳоро вақте ки дар якҷоягӣ мехонем, чеҳраи ҷомеъ ва азизу шарифи модар, зан, хоҳар, ки дар якҷоягӣ поядори зиндагӣ ҳастанд, пеши назар муҷассам мешавад. Шеърҳои дар васфи модар сурудаи Камол заҳматҳои модар, ҷонфарсоиҳояш барои фарзандро дар ёди мо зинда мекунанд.

Дигар аз мавзӯҳое, ки дар маркази эҷодиёти Камол Насрулло қарор дорад, мавзӯи ватан, миллат ва ҳуввияти миллӣ мебошад, ки онро чун шинохту пайвастагӣ бо халқу кишвари худ мавриди таваҷҷӯҳ қарор додааст. Аз оғози фаъолияташ Камол ба ин мавзӯъ нигоҳи мушаххас дошт. Берун аз қайдҳои сиёсӣ вай ин мавзӯъро дар шеъраш ғунҷонда, ормонҳои ватанхоҳӣ ва миллатдӯстонаашро баён кардааст.

Ватанхоҳӣ ва таблиғи рӯҳияи ватанпарварӣ дар шеъри Камол ба тарзҳои гуногун ифода ёфтааст. Яке аз чунин тарзи баёни андешаи ватанхоҳӣ ситоиши ватани аҷдодӣ- Тоҷикистон аст. Ватан дар тасвир ва баёни шоиронаи Камол мафҳуми ҷомеъ буда, омили ҳастӣ ва бақои миллат аст. Камол дар шеъри «Дар баҳои зан» Ватанро «марзи фахру шон» дониста, «имону амони» мардумро дар он мебинад. Аз нигоҳи ӯ бе Ватан «ҳама чизи олам бе ҳусну таровату равон аст». Мисраъҳои поён ифодагари андешаи ҷомеъи ватанхоҳии шоир мебошанд:

Он чист ба ҳаҷр зинда дорад ёдаш,
Чун шаҳд ҳамеша дар забон аст?-Ватан!
Аз подшаҳӣ ба мулки ғурбат болост,
Хокаш зи ҳама ганҷ гарон аст?-Ватан!
Он чист, ки маънои тамоми ҳастӣ,
Дар маънии поки он ниҳон аст?-Ватан!
Сарбайти суруди безаволи ҳастист,
Сарманшаи ишқи ҷовидон аст?-Ватан!
Ҳам қимату ҳам ҳиммату ҳам ҳикмати ту-
Дар ваҳдати ҷони ӯ ниҳон аст?-Ватан!
Он чист, ба ҳеҷ қимате нафрӯшанд,
Он чист, ки дар баҳои ҷон аст?-Ватан!

Камол Насрулло дар шеъри дигари ба ин мавзӯъ бахшидааш «Ватан дар ҷон аст» амиқтар меравад ва қадру қимати Ватанро бо тасвирҳои эҳсосангези пурмаънӣ ба хонанда менамоёнад. Ин шеър аз беҳтарин шеърҳои ба мавзӯи ватан бахшидаи шоир буда, хеле конкрет ва

нишонрасу таъсиргузор аст. Байтҳои зер ҳоли дили шоир, дили аз муҳаббати ватан саршорро хеле равшан ва таъсиргузор ифода мекунанд:

Ватан-ҷоне, ки дар ҷони ману туст,
Ватан-ноне, ки дар хони ману туст.
Ватан оинаи оби зулол аст,
Ватан покии вичдони ману туст.
Ватан як пораи нури илоҳист,
Шабафрӯзи шабистони ману туст…

Дар эҷодиёти шоир масъалаи ифтихороти миллии таърихӣ, забон, адаб, урфу одат, ки аз унсурҳои муҳими ҳуввияти миллат аст, ҷойгоҳи хос доранд. Шеъри «Мо тоҷиконем» дар ин замина таҷассумгари воқеияти таърихӣ ва фарҳангии сарнавишти пуршебу фарози миллати кӯҳанбунёди тоҷик аст. Шоир барои таъкид ва таъйиди ҳастии тоҷикон ба таърих талмеҳ мезанад. Ифтихори ӯ дар заминаи далелҳои мантиқӣ ва асноди таърихӣ шакли маънавӣ пайдо мекунанд ва хонанда низ бовар мекунад, ки сабаби ифтихор ва рӯсурхӣ дар чист. Дар тафсири шоиронаи Камол ҳуввияти миллӣ ва ифтихор аз арзишҳои он ахлоқ ва маънавиёти суннатӣ, ки дар тӯли таърих омили шарафмандии миллат будааст, арзиши хос пайдо кардааст. Аз ҷумла, дар қитъаи зери шеъри зикршуда шоир дар заминаи санадҳои таърихию фарҳангӣ ҳастии маънавии тоҷиконро шарҳ медиҳад:

Мо ёдгори неки «Зарирон»,
Нахли «Асурик» дар мо шукуфон,
Оинадори оини некон,
Мо панди неки Анӯшервон,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Хусусияти муҳими ин гуна шеърҳои миллатдӯстонаи Камол Насрулло дар он аст, ки вай миллаташро бар миллати дигар афзал намешуморад, балки ин гуна шеърҳои шоир моломоли ғояҳои башардӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмии қавму халқҳо низ мебошанд. Дар ин

замина дар қитъаи дигари ин шеър ба хислатҳои инсонпарваронаи миллат таъкид меварзад:

Меҳмоннавозу ваҳдатшиорем,
Бо некроён хешу таборем,
Чизе, ки дорем, аз дил барорем,
Дар пеши меҳмон мо ҷон бимонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Адабиётшинос Худоӣ Шарифов барҳақ менависад, ки «дар Тоҷикистони охири замони Шӯравӣ ҳолате дар муносибат ба суннатҳо ва тамаддуни гузашта падид омад, ки аз ваҷҳе ба авзои маданию зеҳнии замони Фирдавсӣ монандӣ дошт. Масъалаи аз ҳама ҳассос вазъи забони форсии тоҷикӣ буд. Забони форсии тоҷикӣ нигаҳдору намудори фарҳанги ҳазорсола дар пушти дари муносибатҳои сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангӣ гузошта шуд. Бо ин сабаб, равшанфикрони тоҷик ба ҳимояти забон ҳамчун нишонаи миллату решаи фарҳанг бархостанд ва аксари шоирон дар васфи забон шеърҳо гуфтанд». (Х. Шарифов. Суннатҳои адабӣ.- Душанбе, 2007.-259(с.146). Камол Насрулло аз ин раванди муҳими худогоҳию худшиносӣ канор намондааст. Дар қатори шоирони маъруфе чун Лоиқ, Бозор Собир, Гулназар, Гулрухсор ва адибони дигар ба ҳимояи яке аз унсурҳои муҳими ҳуввияти миллӣ- забон бархост ва дар ин замина шеърҳо гуфт, ки ҷозибтарин ва дилнишинтарини онҳо шеъри пурмӯҳтаво ва ҳунармандона сурудашудаи «Ҳуҷҷати бунёди мо» мебошад. Дар ин шеър шоир забонро ҳамчун шаҳодатномаи ҳастии таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон тафсир карда, аз ҷумла менависад:

Миллати тоҷикро аслан забонаш зинда дошт,
Чунки ӯ ҳам ин забонро ҳамчу ҷонаш зинда дошт.
Ҷавшанаш буд ин забону меҳанаш буд ин забон,
Ин забонро чун тавоне дар равонаш зинда дошт.
Ин забоне, ки чу шири модарон покиза аст,
Покрӯву покҷисму покҷонаш зинда дошт.

То забони мардуми аҳли биҳишташ хондаанд,
Халқ онро чун каломи ҳақ ба ҷонаш зинда дошт.
Ҳамчунон дар ҳолати оинаву оини нек
Пок ҳамчун чашмаи оби равонаш зинда дошт.
Ҳар чи ӯ аз даст доду ҳарчи бирбуданд аз ӯ,
Дар забонаш, дар забонаш, дар забонаш зинда дошт.
Рӯдакӣ бар ӯ шукӯҳи безаволӣ додааст,
Бӯалӣ чун офтоби осмонаш зинда дошт.
Хоҷа Ҳофиз ин забонро худ забони ишқ кард,
Ин забонро гармии ишқи ниҳонаш зинда дошт.
Ӯ раҳи иқболи моро дар шаби таърихи тор,
Бо дурахши озарахши вожагонаш зинда дошт.
Кохи шаъну эътибори миллати фархундаро,
Устувони ин забон чун устухонаш зинда дошт.
Ҳуҷҷати пирӯзии мо, ҳуҷҷати бунёди мост,
Ин забоне, ки ҷаҳонро дар ҷаҳонаш зинда дошт.

Камол бо ин ғазал қадр ва азамати забони модариро таъкид карда, масъулияти соҳибонзабонро дар назди имрӯзу ояндаи он ёдрас мекунад.

Ҷанги дохилии Тоҷикистон мавзӯъву дарунмояи шеъри Камолро низ то ҷое тағйир дод. Шоире, ки танҳо ба ободии ватан меандешид ва қасидаи ифтихору осудагии онро месуруд, бо ҳаводисе рӯ ба рӯ шуд, ки интизораш набуд. Камол ҳам мисли Лоиқ, Бозор Собир ва ҳамқаламони дигараш сӯгсуруди (марсияи) қатлу ғорати ватанро суруд. Дар ин замина шоир шеърҳои «Ало, эй ҳамдиёр», «Зангулаи фарёд», «Ба куҷо», «Доғ», «Озодӣ», «Оҳ», «Тоҷикистонро дигар қисмат макун» ва ғайраро суруд, ки ифодагари ҳасрату дард ва ормонҳои шоиранд. Дар шеъри «Ало, эй ҳамдиёр» шоир ба мухотабаш ёдрас мекунад, ки «Наврӯз он наврӯзи пешина нест…» Вале худро, ватанро дар оинаи Наврӯз бояд диду шинохт. Шоир аз суннатҳои неки наврӯзӣ ёд карда, кинаҳо аз сина бадар карданро бузургтарин суннати он медонад ва хонандаашро фаро

мехонад, ки расми ҳамдигарбахшии Нарӯзро бояд зинда кард ва зинда дошт.

Яке аз шеърҳои бисёр ҳам ҷолиби шоир, ки дар матни фоҷеаҳои Тоҷикистон сурудааст, «Тоҷикистонро дигар қисмат макун» мебошад. Чунонки дар боло зикр шуд, Камол бо ҳамин ном китоби ашъорашро низ соли 1996 нашр намуда буд, ки маҳз барои ҳамон асар сазовори ҷоизаи ба номи Рӯдакӣ гардид.

Чунонки маълум аст, яке аз омилҳои шурӯъи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон маҳалгароию ҷоҳталабӣ буд. Шоир худ шоҳиди он ҳама бадбахтие буд, ки «зарпечаки нафси бади бадхоҳ» «дар рагҳои ҷони миллат» печида, онро ба нобудӣ мекашад. Ин зарпечак душмани «беназар»-и худиву бегона буд, ки миллатро ба пои дор ва нобудӣ раҳнамоӣ мекард. Шоир дар саҳнаи ватан ба ҷои Ҷамшеди созанда, ба ҷои Рустами диловари гарданкаш чизеро мебинад, ки интизораш набуд:

Нопоки дигар омад, Заҳҳоки дигар омад,
Сад вой ба Ҷамшедат, сад войи ту, эй меҳан.

Ҳамин ҳолати асафбори ватан ва соҳибони он шоирро водошт, ки бо таълифи шеъри пурмазмуни «Тоҷикистонро дигар қисмат макун» роҳи наҷот ва ҳамдигарфаҳмию муросоро намояд. Дар ин шеър ишораи вай ба гузаштаи пурифтихор ва имрӯзи фоҷеабори ватанест, ки маҳалгароён инъомаш овардаанд:

Қотили миллат ба тири «аз куҷоӣ?!»
Мекушад моро.
Душмани миллат ба ранги «аз куҷоӣ?!»
Мекунад ҳам рӯйу ҳам дилро сиёҳ,
Золими миллат ба банди «аз куҷоӣ?!»
Баста дасту чашму поро…
Тоҷикистонро дигар қисмат макун!
Як забон, як қалб, як ҷонро дигар қисмат макун!.....

Воқеияти Тоҷикистон дидгоҳҳои ҳунарии шоирро то ҷое тағйир дод. Фоҷеаҳои кишвар, ки коргардонҳояш мушаххас буданд, шоирро ба

таҳаммул дар сари ҳастии маънавии инсон водошт. Зери таъсири ин ҳаводис Камол ба гуфтани ашъори фалсафии тамсилӣ ва ҳикматомез шурӯъ кард ва дар ин замина «Манзумаи инсон ё аллоҳ»-ро суруд.

Ин манзума аз оғозу анҷом ва нуздаҳ пораи тамсили рамзомез иборат буда, шоир ба василаи мунозираи ҳайвонот-маймун, шер, хурӯс, мор, шутур, рӯбоҳ, каждум, моҳӣ, муш, хар, гов, саг, оҳу, хук, асп, харгӯш, кайк ва хирс, дар бораи инсон ва мавқеи он мулоҳиза меронад. Дар тасвири шоир ҳар ҳайвон қаробати хешро аз ягон ҷиҳат ба одам исбот кардан мешавад. Дар ниҳояти кор ҳайвонҳо як ба як «ҳар яке худро ба одам хеш хонд» ва:

Ҳеҷ ҳайвоне намонд андар миён,
З-одамӣ дар ӯ набошад як нишон.
Одамӣ ҳам саг шуду ҳам хирсу хар,
Ҳам хурӯсу мору моҳӣ, ҳам бақар.

Шоир аз тариқи гуфтугӯи ҳайвонот мухотаби зеҳниаш- инсонҳоро ҳушдор медиҳад, ки аз «доми дад»-ҳайвонӣ берун шавад ва ҷавҳари одамияти хешро аз даст надиҳад. Ин манзума арзиши ахлоқӣ дошта, дар шакл ва тарзи баён тозагиҳо дорад. Бо тарзи тасвир ва гузориши масъалаҳои таълимӣ аз ҳайвонотномаҳои адабиёти гузашта билкул тафовут дорад.

«Модарпаланг» манзумаи дигари Камол Насруллост, ки низ тамсилии рамзомез аст. Дар асоси асар воқеаи дар боғи ҳайвоноти Душанбе зоидани паланг ва фарзандонашро куштани он қарор гирифтааст. Камол чанд асари калонҳаҷмаш, аз ҷумла асари дар боло ёдшуда ва «Модарпаланг»-ро хоксорона манзума гуфтааст. Ин ҳар ду асар ва «Симои садод»-и ӯ (садод ба маънои ростӣ, адолат) ба сифати достони комили ҳунармандона гуфта шудаанд. Аз ҷумла шоир ба воситаи «Модарпаланг» масъалаи озодӣ ва ғуломиро хеле ҳунармандона ба миён мегузорад. Достон рамзӣ буда, шоир дар тимсоли модарпаланг озодиро бо нархи ҷон харидааст. Ба ифодаи дигар, дар таъбири шоиронаи ӯ марг беҳ аз ғуломист. Фарҷоми пурфоҷеаи достон, ки

модарпаланг фарзандонашро мекушад, дар таъкиди масъалаи қадри озодӣ ва саодати озод будан мебошад.

Камол Насрулло соли 2011 мунтахаби осорашро чоп кард ва дар ин китоб намунаҳои ашъори дар байни солҳои 1988-2007 сурудаашро фароҳам овардааст. Дар заминаи ашъори дар ин мунтахаб гирдомада метавон хулоса кард, ки ин давраи пурмаҳсули фаъолияти шоирии ӯ будааст. Ба хусус, Камол дар ин фосила беҳтарин намунаҳои ашъори лирикиашро суруда, мавзӯи асосии эҷодиёташро муайян ва шакли шеърашро такмил додааст. Дар ин замина Камол як силсила шеърҳое гуфтааст, ки аз ҷиҳати ҳаҷм чандон калон нестанд. Онҳо шаклан нав ҳастанд ва дар ҳаҷми як байт ва ё зиёдтар гуфта шудаанд. Муҳимтарин чизе, ки дар ин шеърҳо ба назар мерасад, андешаҳои тоза ва фалсафагунаи шоир аст. Зайли намуна аввал ҳамин гуна шеъри шоирро, ки «Фурӯғи тоза» ном дорад, иқтибос мекунем:

Боғчае соз кун дар замини эътиқод,
Муҳаббати худро бикор,
Фурӯғи тозае ба бор хоҳад омад.

Ва ё:

Бо ҳазорон сӯзанаш хуршед медӯзад
Бар тани дунё қабои рӯзро садранг.

Дар ин гуна шеърҳои ӯ зиндагии маънавии инсон ба таври ҷолиб ва образнок таҷассум меёбад. Мавзӯъҳои ҷовидонаи ишқ, танҳоӣ, муносибатҳои инсонӣ ва ғайра бо диди нав ва тасвири ҷолиб ба миён гузошта мешаванд.

Дар бораи ашъори Камол Насрулло сухан гуфта, пеш аз ҳама вусъати мавзӯъ ва дарунмояи осори ӯро бояд қайд кард. Шеъри ӯ таърихи дирӯз ва имрӯзро пеши назари хонанда зинда месозад ва ҳунармандона тафсири шоирона месозад. Ба ин далел бо камоли итминон метавон хулоса кард, ки Камол дар таърихи адабиёти навини тоҷик чеҳраи равшан ва тобнок аст.

Адаш Истад

(тав.1946)

Адаш Истад парвардаи хоки поки Самарқанд аст. Шаҳре, ки ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз гаҳвораи фарҳанг ва адабиёт тоҷикон будааст ва беҳтарин фарзандони ҳунарманди он дар пешрафти адабиёту ҳунар, илму дониш нақши муҳим гузоштаанд. Хидмати фарзандони ин шаҳр дар ташаккул ва таҳаввули фарҳанги тоҷикии асри бист низ бузург аст. Адаш Истад мисли даҳҳо ҳамшаҳриёни дигараш ибтидои солҳои ҳафтод аз Самарқанд ба Душанбе кӯч баста, то ибтидои нооромиҳои охири солҳои навадуми асри гузашта он ҷо зиста ва дар роҳи ташаккули адабу фарҳанг ва рӯзноманигории тоҷик саҳми арзишманд гузоштааст. Ин нависанда ба адабиёти тоҷик рангу бӯи хос, оҳанги тоза, садои рӯҳнавозу шеваи хоси баён овардааст.

Ӯ 7-уми сентябри соли 1946 дар ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд ба дунё омада, мактаби миёнаро дар ҳамон ҷо хатм кардааст ва соли 1969 баъди анҷоми таҳсил дар бахши филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба Душанбе- ба пойтахти Тоҷикистон меояд. Солҳои 1969-1973 ба ҳайси ходими адабии рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ва аз соли 1973 то соли 1981 ба сифати муҳаррири Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба радио ва телевизион хидмат менамояд. Аз ибтидои солҳои ҳаштод сар карда, то оғози нооромиҳои Тоҷикистон (с.1993) дар идораи ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» фаъолият намудааст.

Саҳми Адаш Истад дар рушду камоли рӯзноманигории тоҷик, ба хусус дар ривоҷи нашрияҳои адабиву фарҳангӣ назаррас аст. Вале чеҳраи аслӣ ва мондагори Адаш Истадро дар матни адабиёту фарҳанги садаи бисти тоҷик фаъолияти насрнависии ӯ муайян мекунад. Фаъолияти вай дар ин замина аз нимаи солҳои шаст оғоз гардида, натиҷаи ҷустуҷӯҳои аввалинаш дар маҷмӯаи «Мавҷи хаёлот» (1970) ҷамъбаст гардидааст. Аз аввалин маҷмӯааш маълум буд, ки ӯ бештар ба нигориши осори фантастикӣ барои кӯдакону ҷавонон таваҷҷӯҳи хос дорад.

Адабиётшинос Абдухолиқ Набиев Адаш Истадро дар эҷоди фантастика пайрави Мирсаид Миршакар ва Абдумалик Баҳорӣ намедонад, зеро, ба қавли вай, «ибтидои эҷодиёти ӯ бо таълифоти фантастикии ин ду адиб дар як вақт ҷараён гирифтааст» (А. Набавӣ. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср.-Душанбе: «Адиб», 2009, с.1941). Воқеият ин аст, ки Адаш Истад ба ин роҳ мустақиман бо диди хос ва тафаккури хаёлписанд қадам ниҳод. Ҳамчунин осори фантастикии ӯ гувоҳ аст, ки вай дар ин замина донишҳои фаровони илмӣ низ андӯхта будааст, ки нақши он дар эҷодиёти ӯ равшан ба назар мерасад. Ба ифодаи сареҳтаре, мо асос дорем, ки Адаш Истадро яке аз поягузорони насри фантастикии тоҷик шиносем.

Адаш Истад ҳанӯз дар оғози фаъолияти эҷодиаш ба масъалаҳои назарии фантастикаи бадеӣ ва илмӣ дахл карда, дар ин боб таҳти унвони «Фантастикаи имлӣ чист?» мақолаи пурмуҳтаво ва раҳнамое низ навишта буд. Дар ҳамин солҳо пайи ҳам маҷмӯаҳои ӯ «Суруди офтоб» (1974) ва «Замир» (1978) ба чоп мерасанд, ки махсусияти тафаккури бадеиашро дар эҷоди насри фантастикаи илмӣ ва иҷтимоӣ собит мекунад.

Ҳикоёти маҷмӯаҳои зикршуда гувоҳӣ медоданд, ки ҳадафи нависанда фақат баёни фарзияҳои илмӣ ё кашфиётҳои техникӣ набуда, балки ӯ хостааст, то дар заминаи кашфиётҳои илмию техникӣ тасаввуроти инсонро ба воқеият тағйир диҳад ва масъалаҳои ахлоқии муносибати муосиронашро бо табиат матраҳ созад. Аз оғози фаъолияташ ҳеҷ гоҳ нависанда бар он накӯшидааст, ки бо тасвири воқеаҳои аҷоибу ғароиб хонандаро саргарм созад. Зеҳнияти ӯ мутаваҷҷеҳи мушкилоти зиндагӣ ва ахлоқи инсоне будааст, ки дар фаросӯи асри илму техника ва кашфиётҳои азим ҳайратзада набошад ва дар пеши ҳаводиси ғайриинтизор дасту по гум накунад.

Дар яке аз ҳамин гуна ҳикояҳояш, ки «Мавҷи тамаддун» ном дорад, нависанда масъалаи иртиботи мутақобилаи инсон ва кайҳонро ба миён мегузорад. Нависанда нафақат ба воқеияти ғайриинтизор (ба замин

бозгаштани амвоҷи радиоӣ, ки аз замин ба кайҳон фиристода шудааст), ҳамчунин ба андешаҳои мураккаби қаҳрамонаш Рустам, ки натиҷаи тааммуқ дар атрофи ин ҳодисаҳо мебошад, диққат додааст. Дар ин ҳикоя, чунон ки М. Шакурӣ (М. Шукуров.Паҳлӯҳои тадқиқи бадеӣ.- Душанбе: «Ирфон», 1076, с.243) ба мушоҳида мерасад. Дар ин ҳикоя нависанда хостааст, ки, аз як тараф, масъалаи инкишофи минбаъдаи илму техникаро то андозае аз ҳиссу фикри инсон гузаронад, аз тарафи дигар, таъсири пешрафти техникӣ ва кайҳоннавардиро ба вазъи психологии одамон мавриди мулоҳиза қарор диҳад.

Қаҳрамони фарзии ӯ Спитамен дар ҳикояи ҳамноми «Спитамен» дар сайёраи дуре мошинаи худгардеро аз дасти махлуқи осмонӣ наҷот медиҳад. Қаҳрамони ҳикояи дигари ӯ «Рашк»- Маъруфҷон дар лоиҳаи роботе, ки бояд месохт, барномаи «Садоқат ва Инсон»-ро ворид месозад, ки ғояи иҷтимоӣ ва инсонпарваронаи нависандаро ифода мекунад.

Ҷанбаи инсонӣ ва ахлоқии консепсияи бадеии ӯ минбаъд дар маҷмӯаҳои «Дарахти пахтачормағз» (1981), «Парвози меъмор» (1985) ва «Баъди ҳазор сол» (1987) такмил ёфта, арзиши ҳунарӣ ва ғоявии осорашро боло мебарад. Акнун маводи фантастикӣ ва корбасти он дар баёни ғояҳои пешрав ба нависанда имконеро фароҳам меоварад, ки дар заминаи тахайюлот орзуву ормонҳои инсони ормончӯро ифода кунад. Кайҳон дар тасвири ӯ мисли як шаҳрест, ки дар фосилаи роҳҳои он истгоҳҳо мавҷуданд, аз як сайёра ба саёраи дигар бо пардохти роҳкиро сафар кардан мумкин аст. Метавон дар ин сафар дар тарабхонаҳо истироҳат кард ва ғайра. Қаҳрамонони нависанда дар баъзе ҳикояҳои ӯ, аз ҷумла ҳикояҳои «Аробакаши кайҳонӣ» ва «Роботи навбатдор» ба ислоҳи кайҳон мепардозанд. Дар ҳикояҳои «Асрори дарозумрӣ» ва «Ишқи ҷавони оҳанин» барҳӯрдҳои тамаддуни кайҳонӣ бо инсони заминӣ ва нобасомониҳои равонию ахлоқии ӯ ба тасвир меояд, ки арзиши ахлоқӣ ва иҷтимоӣ дорад.

Адаш Истад аввалин нависандаи фантастиканигоре буд, ки ҷузъиёти ҳаводиси тахайюлиро барои ифшои хӯю хислат ва амалу

кирдори инсони заминӣ ҳунармандона истифода кард. Дараҷаи тасвири бадеии шахсият ва корбасти комёбиҳои илму техникаро дар осори ӯ ҳамин ҳадафи воло муайян мекунад. Дар ин равиш нависанда ба василаи хаёлпардозиҳо мушкилоти ҷомеа ва ахлоқи инсонро ба андеша мегирад.

Барои иҷрои чунин ҳадафи бадеӣ афсонаи таърихӣ корсоз омад. Ин тамоюли фикрӣ далели соҳиби ормонҳои созанда будани нависанда низ ҳаст, ки мавқеияти инсонӣ ва маънавии ӯро дар баробари сарнавишти таърихӣ ва фарҳангии миллат ошкор месозад. Дар ин замина вай ба сарнавишти инсоне мутаваҷҷеҳ аст, ки ҳам покизакору хушармон аст, ҳам соҳиби маънавиёти бой ва худшиносии таърихию фарҳангӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат маҷмӯаҳои «Парвози меъмор» (1989) ва «Чароғи сеҳрнок»-ро дар эҷодиёти ӯ метавон марҳилавӣ шинохт. Ба ин далел, ки маҳз ба василаи ҳикояҳои ин ду маҷмӯа назари хоси нависанда нисбат ба таърих, миллат, одаму олам ва тағйироти гуногуни иҷтимоиву фарҳангии замон ошкор мешавад. Дар ин марҳила афсона ва ривоятҳои таърихӣ рукни аслии андеша ва ормони ӯ қарор мегиранд.

Боре Адаш Истад барҳақ навишта буд, ки «фантазиянавис низ ба як ҳисоб таърихнавис аст, яъне таърихи ояндаро менависад». Аз ин ҷиҳат истиноди ӯ ба сарнавишти таърихӣ ва фарҳангии миллат саъйи ояндасозии беғаразонаи ӯст. Ҳикояҳои таърихии тахайюлии ӯ дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ эҷод шуда, таърихи мардуми тоҷик ва ҷойгоҳи онро дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ бо диди хос ва моҳиятҷӯ арзёбӣ мекунанд. Нависанда ба воситаи афсонаву ривоятҳо дар бораи забони модарӣ («Забони мурғони хушхон»), кӯҳу водиҳо ва табиати сеҳрангези диёр («Зарафшон чӣ хел зарафшон шуд», «Мурғи бахти Сирдарё», «Помир ва фарзандони ӯ»), ватанпарастӣ ва қаҳрамонии мардум («Ҷоми Ҷамшед», «Камони Рустам», «Шӯхиҳои нахустини Мушфиқӣ» ва «Чароғи сеҳрнок») пораҳои муассир ва ибратбахшеро пешкаш мекунад.

Дар осори тахайюлии Адаш Истад симоҳои таърихию ривоятӣ, монанди Спитамен, Барзуя, Ҷамшед, Рустам, Мушфиқӣ, Маҳмуди Воҳид

ва ғайра ҷойгоҳи хос доранд. Дар заминаи осори таърихии Адаш Истад донишманди фақид Муҳаммадҷон Шакурӣ «Ҳикояҳо аз рӯзгори Борбад»-ро дар радифи асарҳое ном мебарад, ки «барои ташаккули ёди таърихии мардуми тоҷик, барои нав шудан ва амиқ шудани мундариҷаи он, барои ғаноафзоии поэтикаи адабиёт нақши муҳиме доштаанд». Воқеан ҳам дар «Ҳикояҳо аз рӯзгори Борбад» дар натиҷаи омӯзиши осори Фирдавсӣ, Низомӣ ва манобеъи дигар лаҳзаҳое аз зиндагӣ, талош, эҷодиёти як нобиғаи ҳунар дар муносибат ба фарҳанги миллӣ, ба ҳокимият, ҳамкасбон хеле муассир ифода шудааст. Осори таърихии ин нависанда дар роҳи ҷустуҷӯи шаклу воситаҳои тасвир ӯро бо равандҳои арзишманди насри муосири тоҷик қарин ва ҳампоя сохтааст.

Чунонки ишора кардем, муроҷиати Адаш Истад ба таърих, аз ҷумла чеҳраи таърихӣ ва фарҳангии Борбад, ручӯъ ба меъодгоҳҳои таърихии миллат мебошад. Вақте ки мардуми мо 1400- солагии солрӯзи Борбадро ҷашн гирифтанӣ шуданд, масъалаи шиносонидани чеҳраи инсонӣ ва фарҳангии ӯ ба миён омад. Муҳаққиқон оид ба рӯзгор ва ҳунари ин хунёгар мақолаву рисолаҳо навиштанд, шоиру нависандагон чеҳраи ӯро ба тасвири бадеӣ гирифтанд. Адаш Истад низ дар роҳи шиносонидани Борбад хидмати мондагор кард ва дар ин мавзӯъ як силсила ҳикояҳо навишт. Аз мутолиаи ҳикояҳои Адаш Истад дар бораи Борбад хонанда равшан дарк мекунад, ки чӣ тавр Борбад тавассути омӯзиш ва мушоҳидаҳои пайваста то ба дараҷаи ҳимоятгару таблиғгари таълимоти зардуштия ба «Кишвари нур» расид.

Бояд гуфт, ки ҳикояҳои ин силсила зоҳиран аз ҳам ҷудо бошанд ҳам, дар асл пайванди қавии маънавӣ ва ғоявӣ доранд. Агар дар ҳикояҳои «Бозёфт» ва «Гесӯи Навогар» айёми кӯдакӣ, ҷавонӣ, айёми омӯзишу ҷустуҷӯй, таъйин намудани роҳи худ дар ҳунар, айёми ҷавонӣ ва ошиқиҳои Борбад тасвир ёфта бошад, дар «Ҷасорати Борбад» нависанда ба тасвири мубориза ва мухолифати ӯ бо нируҳои аҳриманӣ мепардозад ва моҳияти зиддиахлоқии рашку ҳасад ва кинаву кудуратро ошкор месозад. Дар ҳикояи «Умрбод» зиндагиномаи хунёгар ва поёни

ҳаёташ ба тасвир омадааст. Силсилаи ҳикояҳои Адаш Истад дар бораи Борбад дар бедорӣ ва худшиносии инсон нақши муҳим доранд. Дар тасвири нависанда шахсият ва рӯзгори Борбад фоҷиавӣ тасвир шуда, то ҷое хусусияти афсонавӣ касб кардани шахсияти вайро нависанда фурӯ гузоштааст.

Дар ҳикояҳо Адаш Истад на ба шахсият, балки ба камолоти инсонӣ ва ҳунарии санъаткор таваҷҷӯҳ намуда, дар лавҳаҳои мушаххаси бадеӣ нишон медиҳад, ки чӣ тавр ӯ обруву эътибори ҳуннарро баланд бардошт ва рисолати ҳунарро дар ҳаёти мардум боло бурд. Аз тасвири нависанда бармеояд, ки Борбад тамоми умр барои дар хидмати мардум гузоштани ҳунар талош варзидааст.

Дар нахустин ҳикояи ин силсила «Бозёфт» Борбад ҳамчун шахси фавқулодда ба назар менамояд. Дар хурдсолӣ аз падару модар ятим монда, аз худ истеъдоди бемисл зоҳир мекунад ва боиси писанди Мӯбади Мӯбадон мегардад. Дар ҳикояҳои «Нолаҳои Мардуй», «Анӯша, бизӣ!», «Булбули навбаромад» ҷараёни кӯшишҳои Борбад дар роҳи такмили ҳунараш ва муқобили тақлид будани ӯ нишон дода шудааст.

Дар ҳикояҳои Адаш Истад зиндагии пурфоҷеаи хунёгар дар матни воқеияти таърихӣ воқеъбинона тасвир шудааст. Борбад ҳарчанд истеъдоди нодир дорад, вале озод нест. Вале фоҷеаи асосии ӯ танҳоист. Накисои чангӣ ӯро ҳушдор медиҳад, ки «ту ғайри ҳунарат ягон пушту паноҳи дигар надорӣ. Ба ин сабаб пеш аз амале аввал сад бор андеша кун. Ба ҳар ҷои ноозмуд қадам нагузор». Вале бар рағми бадхоҳону ҳасудон вай аз оҳангу таронаҳои халқӣ илҳом гирифта, суруду оҳангҳои худро ба дараҷаи эъҷоз мерасонад, ки ифодагари рӯҳи халқ ва орзуву омоли он буд. Беш аз ин дар суруду мусиқиҳои ӯ рӯҳи ватанхоҳӣ, қаҳрамонию оштинопазирӣ нисбат ба ситамгарон, аҷнабиён ифода ёфтаанд. Дурӯғ ва дурӯғсозон душмани Борбаданд. Бинобар ин ҳам Борбад ба Ширӯяи падаркуш хидмат карданро ба худ таҳқир меҳисобад ва ангуштони эъҷозофаринашро мебурад. Садоқати ӯ ба асли худ то ҷое

буд, ки баъди истилои арабҳо низ ба оини зардуштия содиқ монд. Мусиқӣ ва ҳунарашро василаи идомаи ҳаёти миллат шинохт.

Ҳикоёти таърихии Адаш Истад ифодагари таҳаввулоти амиқи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ахлоқиву маънавии замони таърихӣ буда, ба хонандаи имрӯз дарси худшиносӣ ва фардонигарӣ меомӯзанд.

Адаш Истад аз ҷумлаи нависандагонест, ки хоҳ перомуни таърихи дуру наздики тоҷикон, хоҳ дар боби нокомию беадолатӣ ва нобасомониҳои зиндагии инсонҳо, хоҳ оид ва вазъи ахлоқии ҷомеа асар нависад, навиштаҳояш ормони инсонӣ, миллӣ ва иҷтимоии ӯро ба сароҳат ифода мекунанд. Дар навиштаҳояш ӯ, пеш аз ҳама дар бораи қисмати таърихии халқи тоҷик, сарнавишти шахсиятҳои таърихиву фарҳангӣ, вазъи адабу фарҳанги он ва муқаддасоти миллӣ меандешад. Ин тарзи андеша ва баён ба сабки эҷодии нависанда низ таъсири судманд гузошта, оҳанги публитсистии ҷанговаронаи тарзи нигориши ӯро қавӣ сохтааст. Беш аз ин, диди моҳиятҷӯ ва танқидӣ меъёри зебошинохтии ӯ гардида, дар ин равиш танзу зарифгуфторӣ тарзи хоси нигориши нависанда қарор гирифта, моҳияти диди иҷтимоии ӯро муайян кардааст. Чунончи, дар ҳикояҳои «Вохӯрӣ» ва «Одамони барфӣ» вохӯрии намояндагони тамаддунҳои дигар, дар нигоҳи аввал хеле хандаовар менамояд. Вале ҳадафи аслии нависанда бо ин усули тасвир нишон додани камбудиҳои асосии ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла зоҳирпарастӣ мебошад. Ба ҳамин монанд дар ҳикояҳои «Баъд аз ҳазор сол…», «Офариниши одам», «Хари Хоҷа Насриддин», «Пунба» ва ғайра сипоҳигарии чоплусона ва беадолатиҳои манфиатхоҳона мавриди накӯҳиш қарор гирифтаанд. Дар тарзи нигориши Адаш Истад ин интиқоди оддии насри реалистона набуда, ҷузъиёт ва намоди тасвирест, ки аз диди рамзиву киноявӣ ба тасвир омада, умқу фарогириаш низ хеле вусъатнок мебошад. Масалан, образи Шайтони Сиёҳ дар ҳикояи «Офариниши одам» ё киноя «осмон дар болост ва ҳар вақт метавонад ба сарат балое орад» дар ҳикояи «Пунба», ё худ ба афсонаи «Бузаки ҷингилапо» дохил кардани ҷузъиёте чун «санитари олами ҳайвонот» ва

узви «Ҷамъияти олами ҳайвонот» будани гург, ки беадолатиҳояшро қонунӣ мекунад, як навъ таъризи сахт ва нишонраси нависанда ба беадолатиҳои иҷтимоӣ мебошад.

Чунонки мушоҳида кардем, тарзи бархӯрд ва натиҷагириҳои бадеии Адаш Истад аз воқеияти реалӣ ва тахайюлӣ огоҳона ва санҷида аст. Ҳанӯз дар ибтидои фаъолияти эҷодиаш вай дар ҳикояи «Спектакл», ки ба ҳунарпеша Маҳмуди Воҳид бахшида буд, суханони зерини Ҳусайн Воизи Кошифиро аз «Анвори суҳайлӣ» бо ҳадаф иқтибос кардааст: «Ҳар касеро, ки дӯст дорем, сирри ин тилисмро бо вай дар миён орем ва ҳақиқати симиё, ки намоише беш нест, буд-ӯ боз намоем». Нависанда бо ин иқтибос хостааст, ки қаблан хонандаро аз нияти бадеии худ огоҳ созад. Яъне ҳақиқати симиё (фантастика)-ро, ки ҷизҳои хаёлӣ ва мавҳумро муҷассам мекунад, ба хонанда намояд.

Дар ҳикояи «Спектакл» зуҳуроти Баҳромзода барои Вафозода (ва хонанда низ) тазоҳуроти ғайривоқеист. Вале нависанда ба василаи тасвир имконе фароҳам овардааст, то хонанда дарёбад, ки «дар таайюнободи зуҳур ҳар шакли муайян айни худ аст» (Бедил). Ногаҳон ҳувайдо шудани ҳунарманди асил Баҳромзода айни ҳамин гуна ҳодисаи тахайюлист. Нависанда ба ин васила масъалаи қадри ҳунар ва муносибати атрофиёнро ба фарди боистеъдод ба миён гузошта, ҷаҳолату кӯрдилӣ ва нотавонбиниро маҳкум месозад.

Дар вақти барҳаёт буданаш Барҳомзодаро, ки «аз ҷиҳати маҳорат ва истеъдод аз дигарон як сари гардан боло меистод», дар театр «чашми дидан надоштанд». Вай «орзу мекард, ки Баҳромзода ақаллан як рӯз ба намоиши ҳақиқӣ биёяду обруи театрро баландтар бардорад». Вале Баҳромзода наметавонист дигар ба пойтахт ояд. Ҳамин тариқ, мо вақте ба қадри гумкардаҳоямон мерасем, ки дигар аз дасти мо рафтаанд ва дар рӯҳамон нақши дилозор мондааст.

Адаш Истад бо тасвири ин воқеаи тахайюлӣ чашми хонандаро ба воқеияти ҳамарӯза мекушояд ва моро ҳушдор медиҳад, ки ба қадри марди ҳунар бояд расид.

Аз таҳлили ҳикояҳои фантастикии Адаш Истад метавон ба чунин натиҷа расид, ки ин намуди осори нависанда аз ҳамон сарчашмае об мехӯрд, ки сарманшаи насри реалистӣ низ ҳаст. Ба ин далел, дар ҳикояҳое, ки дар маҷмӯаи «Баъд аз ҳазор сол…» гирд омадаанд, фантастика махсусиятҳои шаклиашро то ҷое аз даст додааст. Дар ин тарзи нигориш барои асоснок кардани вазъияту ҳолатҳои мавриди тасвир риояи қатъии дастурҳои илмӣ чандон муҳим нест. Нависанда дар ин маврид ба он кӯшидааст, ки маводи асарро дар заминаи воқеияти ҳамарӯза шарҳ дода, онро ба фаҳми хонанда наздик созад. Дар ин равиш вай ҳангоми тасвири вазъиятҳои фавқулодда ва сарнавишти ҳайратангезу мӯъҷизаосои қаҳрамонон моҳияти амалу кирдори инсон ва вазъи муҳити ахлоқиву маънавии ҷомеаро ошкор месозад. Чунин тарзи идроки воқеият дар адабиёти қадими мо, махсусан дар намунаҳои насри ривоятӣ суннати устуворе дошт.

Қаҳрамонони ҳикояи «Баъд аз ҳазор сол…»-ро воқеаи мӯъҷизаосо ба ҳайрат меоварад. Онҳо бо намояндаи тамаддуни сайёраи Икс, ки заминиёнро ба шефи гирифта, барои санҷиши ҳолати зисти онон омадааст, вомехӯранд. Ин воқеа фантастикаи сирф буда, вакили сайёраи Икс ва ҳамзаминиён-Раис ва аҳли хоҷагӣ ду тарзи ҷаҳоншиносӣ, ду равиши ахлоқиро намоиш медиҳанд. Гурӯҳе аз заминиён, аз ҷумла Раис барои худнамоӣ ва рӯпӯш кардани иллатҳои ҳаёти ҷомеа ба сохтакориву худфиребӣ мекӯшанд. Онҳо барои накостани обрӯи дурӯғинашон ҳолати ғайривоқеии зиндагии яке аз деҳотиёнро ба комиссия-намояндаи сайёраи Икс нишон медиҳанд. Нависанда бо такя ба воқеият ва корбурди усули тахайюлии тасвир нуқсонҳои иҷтимоии ҷомеаро ошкор ва маҳкум месозад.

Дар ҳикоя заминиён намояндаи сайёраи Иксро фиреб медиҳанд. Яъне ӯро меҳмондорӣ карда, «камтарак май» мехӯронанд ва ин боис мешавад, ки киштии намояндаи сайёраи Икс ба дарахт бархӯрда нобуд мегардад. Яъне ӯ низ бо фаҳшу фуҷуре ҳамнишин гардид, ки солҳо боиси касолати ахлоқии заминиён гардида, ӯро низ ба коми худ фурӯ кашид.

Ҷанбаи воқеии насри фантастикии Адаш Истадро заминӣ будани қаҳрамонон, муҳити амалу андешаи онҳо низ муайян мекунад. Таваҷҷӯҳи амиқ ба арзишҳои суннатии ахлоқ, қиёси огоҳонаи имрӯз бо дирӯз аз фазилатҳои фарди огоҳу боилм буда, дар ҳамин равиш намояндагони сайёраҳои дигар гоҳо ба заминиён сабақи маънавию худшиносӣ медиҳанд. Ин имконест, ки ҳаллу фасли масъалаҳои муҳими замини ро ба муосирон талқин мекунад. Пайвандҳои кайҳонӣ ба сурати озмуни ахлоқ ва санҷиши бақои инсон зоҳир мегарданд. Нависанда дар ҳамин замина мавҷудияти назариёти гуногуни иҷтимоиро низ таъкид мекунад, ки унсурҳои зиёновараш дар муҳити зисти мо реша гирифта, нумӯ ҳам кардааст. Ҳикояи «Баъди ҳазор сол» ҳамин гуна воқеиятро пешорӯи мо ҷилва медиҳад.

Дар ҳикояи «Одамгиёҳ» низ нависанда ҳодисаи мӯъҷизаосоеро нақл мекунад. Мирзо Сангин аз анбори хоҷагӣ ба саҳро тухмӣ ва як халта кадудона мебарад. Дар роҳ трактор чапа мешавад. Ҳодиса сабаб мегардад, ки дар сари китфи ӯ кадупалак рӯяд. Ин ҳама мӯъҷизаи ношуданист. Вале нависанда замни ин воқеа сарнавишти Бобои Деҳқонро пеши назари хонанда меоварад, ки ҳамаи ранҷи зиндагиро бар дӯш гирифтааст. Сухани нависанда дар ин ҳикоя аз боби риояи меъёри кору истироҳат буда, риоя накардани он боиси заъфи инсон мегардад.

Адаш Истад дар бисёре аз ҳикояҳои фантастикиаш санъати ташхисро ба камоли ҳунар корбаст кардааст. Аз ҷумла ин тарзи нигоришро ба таври аҳёнан мо дар ҳикояи «Пунба» мушоҳида мекунем. Ба воситаи санъати ташхис нависанда сарнавишти мӯъҷизаосои пунбадонаро ба мо нақл мекунад. Сабаби диққатангезии ин ҳикоя аввалан ҳадди тасвир аст, ки ниҳоят мӯъҷаз ва нишонрас буда, то охир ба шиддати хос идома меёбад. Дигар ин ки маънии образҳои рамзӣ хеле фарох буда, ҳар кадоме як паҳлӯи воқеияти муҳити зистро равшан месозад. Масалан, одами мансабпарастро амакаш-Шамол ба ҷоҳ мерасонад. Зарпечак низ ҳамин гуна образи рамзии сермаънист. Бобои Деҳқон Зарпечакро канда, аз киштзор дур андохта мегӯяд: «адолат

ҳамон аст, ки танҳо манфиати одамизодро ҳимоя кунад». Ин ишора ба зарпечакҳои зиндагист, ки аз қабурғаи инсон сабз шуда, зиндагии сабзе доранд.

Дар бештарини ҳикояҳои Адаш Истад ғояи беҳдошти зиндагии инсон ва маънавиёти ҷомеа ҷойгоҳи хос дорад. Дар ин равиш нависанда чунин ғояро ташвиқ мекунад, ки набояд прогрес боиси коҳиш ётфтани ахлоқ ва маънавиёти инсон гардад. Дар ҳикояи «Маймун» аз силсилаи «Сабзаҳои хаёл» ҳамин гуна ғояи беҳдошти муҳити маънавӣ таъкид шудааст.

Навиштаҳои Адаш Истад аз тасвирҳои ҳайратангез, воқеияти сирф фантастикӣ то ҷое озод аст. Ӯ бисёр сода ва ҳамафаҳм менависад. Сарманшаи андеша ва сужети ҳикояҳои ӯ воқеияти ҳамарӯзаи муҳити мост, ки аслан мебинему кам таваҷҷӯҳ мекунем. Нависандаи дилогоҳ бо тасвири воқеияти шигарфи рӯзгор оинаро дар баробари мо мегузорад, ки хубиву бадиро бинем ва андоза гирем. Якеро тақвият бахшем, аз дигаре парҳез кунем.

Охири солҳои навад, Адаш Истад ҳанӯз дар Душанбе мезист, фаъолияти публитсистиаш хеле вусъат ёфт ва ӯ оид ба эҳёи суннатҳои миллӣ, пойдории забони давлатии тоҷикӣ, хатти ниёгон, ҳимояи фарҳанги тоҷикӣ як силсила мақолаҳо навишт. Хидматҳои дар ин равиш анҷомдодаи ӯ бо мукофоти ба номи Лоҳутӣ қадр карда шудааст.

Баъди бозгашт ба Самарқанд Адаш Истад дубора ба ковишҳо дар боби таърихи Самарқанд оғоз ниҳод ва дар ин мавзӯъ як қатор ҳикояҳо ва мақолаҳои муҳим эҷод кард. Мавзӯи Самарқанд дар навиштаҳои пешинаи ӯ, аз ҷумла «Спитамен» афсонаҳои «Самарқанд дар куҷост?» «Чароғи сеҳрнок», «Овозаи Рустам» ва ғайра матраҳ шуда буданд. Ҳарчанд он солҳо нависанда аз Самарқанд дур буд, вале бо ёди ин шаҳр мезист, обу ҳавояш доим бо ӯ буд.

Нависанда, чунон ки худаш таъкид мекунад, дар навиштаҳои баъдиаш саъй кардааст, ки «ба падидаи бузурги мӯъҷизавӣ, ки Самарқанд ном дорад, амиқтар ва васеътар назар» кунад. Нависанда

барои тасвири сарнавишти ин шаҳри мӯъҷизаосо як-ду жанрро кофӣ намедонад ва дар ин замина дар васфи Самарқанд шеъри суннатӣ ва сафед мегӯяд, афсонаву ҳикоя менависад ва ба миқдори зиёд мақолаҳои публитсистӣ нашр менамояд.

Дар ин замина метавон аз шеърҳои ӯ «Самарқанду Бухоро», «Ҳавзи Хоҷа Аҳрор», «Афсонаи Зардара», «Сайқал», «Дарвозаи Самарқанд», «Чорсӯ» ва аз ҳикояҳои «Мазори деҳи Муғон», «Рӯзи охирин», «Нардбони Хоҷа», «Пир дар осмон», «Зарчашма» ва мақолаҳои таърихию публитситиаш «Чорбоғҳои темурии Самарқанд чӣ гуна будаанд?», «Қаҳрамонҳои самарқандии шӯриши Абӯмуслим», «Сивилизатсияи Суғд ё худ Самарқанд», «Самарқанд ва пайғамбарон», «Айнӣ ва Самарқанд», «Восифӣ дар Самарқанд», «Ӯлуғбек ва забони тоҷикӣ» ва ғайра ёд кард, ки дар зинда кардани сарнавишти таърихӣ ва фарҳангии ин шаҳри қадима ва гаҳвораи тамаддуни тоҷикон сухани баарзиш ва андешаҳои мондагоранд.

Адаш Истад суханварест, ки бо эҷодиёташ пайванди беш аз ҳазорсолаи сухани форсии тоҷикиро миёни гузашта ва имрӯза ҳифз карда меояд, ба ояндагон мероси арзишманд, хонданӣ ва инсонсоз боқӣ гузоштанист .

Адиб аз соли 2008 инҷониб дар вебблоги фарҳангии худ «Герби шердор» форсизабонони оламро (ҷуғрофияи хонандагони блоги ӯ дар интернет аз 150 давлат зиёдтар) бо фарҳанги Самарқанд шинос карда меояд ва таваҷҷӯҳи донишмандони таърихро ба масоили аз эътибор дур мондаи таърихнигорӣ дар мисоли митроизм ҷалб мекунад. Теъдоди маводи дар ин блог гузоштаи ӯ дар санаи навиштани ин мақола (моҳи майи соли 2013) сесаду сенздаҳто буд. Маълум, ки адиб монда нашуда дар дар боби тарғиби адабиёту ҳунар, таърихи Ватан кор карда истодааст ва ин ҳаҷми кори ӯ, ки андак нест, интизори тадқиқоти алоҳидаи илмист. Адаш Истад аз маҷмӯаи аввалини ҳикояҳояш сар карда агар рӯзноманигорӣ, асарҳои публисистиашро, навиштану тарҷумаи дромҳои радиоиро канор бигзорем, танҳо барои кӯдакону

ҷавонон менавишт. Дертар асарҳояш тарзи афсона бошанд ҳам, таҳтулматн пайдо мекунанд ва ҳадафаш калонсолон низ қарор мегирад. Дроми якпардагии ӯ «Хӯса», ки ҳунарпешаи машҳур Бурҳон Раҷабов дар Самарқанд ба саҳна гузошта буд ва ҳикояву мақолаҳои дар матбуоти Ӯзбекистон ва дар интернет чоп кардааш гувоҳ бар онанд, ки акнун танҳо барои калонсолон навишта истодааст.

Меҳмон Бахтӣ

(тав.1941)

Меҳмон Бахтӣ шоир, носир ва драманавис буда, 25-уми марти соли 1941 дар деҳаи Шули ноҳияи Ғарм ба дунё омадааст. Меҳмон Бахтӣ то синфи VII дар мактаби зодгоҳаш таҳсил карда, баъд омӯзишро дар Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳраки Навободи ноҳияи Ғарм идома медиҳад.Омӯзишгоҳро дар соли 1958 бо муваффақият ба итмом расонида, ҳамон сол ба факултаи таърих ва забону адабиёти Донишкадаи омӯзгории Душанбе дохил мешавад.

Баъди хатми донишкада дар идораи телевизиони тоҷик ба фаъолият оғоз кард ва дар ин даргоҳ муҳаррир ва муовини сармуҳаррир буд. Сипас дар вазифаҳои сармуҳаррири редаксияҳои ҷавонон ва барномаҳои адабӣ-драмавии телевизиони Тоҷикистон фаъолият намуд. Маҳз дар ҳамин давра ба кори эҷодӣ ҷиддан машғул шуда, сенарияи филмҳои телевизионии «Корвони дӯстӣ» (1968) ва «Нуқра месарояд» (1970)-ро эҷод намуд. Филмномаи аввалӣ дар бораи Ҳафтаи адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳикоят мекард, ки худи муаллиф иштирокчии он буд. Бо ташаббуси бевоситаи ӯ он солҳо дар телевизони тоҷик барномаҳои «Чойхонаи дилкушо», «Ҳодӣ ва Шодӣ», «Дугонаҳо», «Майдон аз далер аст» таъсис дода шуда буд, ки дар ҳаёти фарҳангии кишвар таъсири мусбат дошт. Маҳз дар ҳамин давра песаҳои якпардагии ӯ «Шаҳидони роҳи озодӣ» (1964), «Бародарон» (1965), ба майдон омаданд ва муаллиф тадриҷан маъруфият пайдо кард. Маҳз аз ҳамин солҳо сар карда, роҳи адиби ҷавон ба Иттифоқи нависандагони

Тоҷикистон кушода шуд. Қисмат ӯро бо муҳите пайваст, ки мисли Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев устодони ғамхор дошт.

Аввалин китоби Меҳмон Бахтӣ бо номи «Лаҳзаи ҷовид» соли 1972 аз силсилаи «Навниҳолони боғи адабиёт» чоп шуд, ки осори драмавии ӯ, аз ҷумла драмаҳои «Лаҳзаи ҷовид» ва «Бародарон»-ро дар бар мегирифт. Санъатшинос Низом Нурҷонов дар бораи аввалин маҷмӯаи адиб навишта буд: «Меҳмон Бахтӣ дар сафи камодами драматургияи миллии мо соли 1968-ум ҳамроҳ шуд. Аввалин баромади ӯ бо песаи «Лаҳзаи ҷовид» сар шуд ва ин озмоиш сазовори эътироф гардид. Драма ҳамон сол дар саҳнаи театри мусиқӣ- мазҳакавии вилоятии ба номи А. Рӯдакӣ ва театрҳои халқии Ӯротеппаю Ҳисор гузошта шуд». Аввалин асари саҳнавии Меҳмон Бахтӣ дар муҳити адабӣ ва доираи васеи тамошобинон хуш пазируфта шуд ва ӯро соли 1972 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қабул карданд.

Солҳои 1973-1975 бо тавсияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ ба курсҳои олии адабии назди Донишкадаи адабиёти ба номи А. М. Горкий дохил шуда, онро бомуваффақият хатм мекунад ва ба Душанбе баргашта дар вазифаҳои Сармуҳаррири редаксияи адабию драмавии телевизиони тоҷик, мудири шӯъбаи адабии Театри академии драмавии ба номи Лоҳутии Тоҷикистон фаъолият менамояд. Солҳои 1979-80 директори хонаи адибони ба номи Мирзо Турсунзода буд. Аз соли 1980 то соли 1991 раисии шӯрои кор бо ҷавонони эҷодкори Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро бар ӯҳда дошт.

Дар давраи истиқлолият вакили мардумӣ ва аъзои раёсати Маҷлиси олӣ ва Раиси комиссияи одобу имтиёзи он буд. Дар Анҷумани 12-уми нависандагон (2003) Меҳмон Бахтӣ раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб шуд.

Меҳмон Бахтӣ ҳамчун нависанда, драманавис ва шоир дар миёни хонандагон обрӯю эътибори хос дорад. Дар эҷодиёти ӯ ҳам мавзӯҳои

замони ҳозира, ҳам масъалаҳои таърихӣ алоқамандона инъикос ёфтаанд. Вай дар радифи намоишномаҳои «Ташнаи дидор» (1969), «Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ» (1979) ва «Захми забон» (1979), ки ба эҷоди осори таърихӣ ҷиддан машғул шуд. Ба муносибати ҳазораи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ намоишномаи «Фирдавсӣ»-ро эҷод кард. Ин асар дар Эрон низ чоп шуд ва сазовори Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ гардид. Баъдтар ӯ намоишномаи «Исмоили Сомонӣ»-ро эҷод кард. Асарҳои манзуму мансур ва драмавиаш ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума ва нашр шудаанд.

Меҳмон Бахтӣ эҷодиёти худро аз шеър шурӯъ кардааст ва аввалин шеърҳояшро дар замони донишҷӯияш гуфтааст. Дертар шеърҳои индавраинаи Бахтиро бастакорон оҳанг баста, ҳофизон суруд кардаанд, ки «Хаёли ширин» (1965), «Мавҷигул» (1967), «Машъали бахт», «Орзу» (1967) аз ҷумлаи онҳост.

Пас аз нашри маҷмӯаҳои «Пайғоми баҳор» ва «Хаёли ширин» Меҳмон Бахтӣ чун яке аз шоирони ширинсухан эътибор пайдо кард. Мавзӯи асосии шеърҳои индавраинаи шоир дӯстию бародарӣ ва ягонагию ваҳдати миллӣ буда, моҳияти иҷтимоӣ ва ахлоқӣ доранд. Шоир дӯстию бародарӣ («Қадаҳи бародарӣ»), меҳнати фидокоронаи деҳқонони заркор («Ба деҳқон»), ҷавонони бунёдкор («Ҷавонӣ») обрӯю эътибори миллӣ («Ифтихори тоҷик»), қаҳрамонони ҳимоятгари Ватан («Поси хотир»), хизмати ҷавонон барои Ватан («Суруди шофёр») ва амсоли инҳоро ситоиш мекунад.

Дар шеърҳои индавраинааш Меҳмон Бахтӣ сарнавишти шахсиятҳои таърихию фарҳангӣ ва хидмати онҳо барои пешрафти ҷомеа ҷойгоҳи хос доранд. Масалан, вай дар шеъри «Дареғо» аз хидматҳои бузурги Мирзо Турсунзода ва Бобоҷон Ғафуров ёд карда, мавқеияти шахсиятҳои таърихӣ ва фарҳангиро дар пешрафти халқу ватан таъкид менамояд:

Агарчӣ рӯзҳою фаслҳо бисёр меоянд,
Агарчӣ наслҳо дунболи ҳам такрор меоянд.

Агарчӣ шоиру олим ба ҳар даврею давроне
Ба фазлу донишу бо табъи оташбор меоянд,
Агарчӣ баъд аз ин ҳам дар талоши бахти инсонӣ,
Бани одам барои зиндагӣ ҳақдор меоянд.
Вале ҷои Шумо андар бинои ифтихори халқ,
Ба мисли шаҳсутанҳо устувору ҷовидон монад.
Ҳама кори шумо, номи шумо дар дафтари таърих,
Чу фарзанди сазовори замон монад.

Бештарини ашъори Меҳмон Бахтӣ дар жанри суруд гуфта шудаанд. Ба ифодаи Атохон Сайфуллоев, «Сурудҳои Меҳмон Бахтӣ яке аз муҳимтарин омилҳои худогоҳии халқ ва бедории ифтихори миллии тоҷикон мегарданд. Дар онҳо болоравии тафаккури таърихии ҳамватанон ва ифтихормандӣ аз аҷдоди бузурги худ мушоҳида мешавад»//Атохон Сайфуллоев. Ҳусни нигорандагӣ.-Душанбе: Нашриёти «Шарқи озод», 2003.-с.31 (-127 с-и умумӣ)

Дар шеърҳо ва сурудҳои ошиқонаи Меҳмон Бахтӣ манзараҳои зебою дилфиреби Ватан дар алоқамандӣ бо сарнавишти фарзандони ошиқи он ба тасвир омадаанд. Шоир ҳусни расо ва ахлоқи шоистаи духтаронро васф мекунад, муҳаббати самимӣ ва поки онҳоро ба тасвир мегирад. Шеърҳои «Наргис», «Тӯёна», «Машъали бахт», «Рози пинҳон» ва ғайра дар ин бора шаҳодат медиҳанд. Аксари ин шеърҳо суруд ҳам шудаанд ва ҳофизон месароянд. Мисраъҳои зерин аз суруди машҳури «Наргис» аст, ки ҳофизони гуногун сурудаанд:

Як шаҳр ҳама ошиқу овораи Наргис,
Сад чашм фақат дар раҳи наззораи Наргис.
Оҳ, ин чӣ бало Наргис
Шӯри дили мо Наргис.

Шеърҳои сурудгонаи шоир бозгӯи ҳолати ҷавонони ишқпарвар дар тарзи мавқеиятҳои гуногун мебошанд. Хонанда ва шунаванда ба василаи ин гуна шеърҳо гоҳо шоҳиди шукуфтани гули орзуи онҳо мешавад («Тӯёна»), баъзан аз аҳду паймони ошиқу маъшуқ шод мегардад

(«Паймон»), дар пеши санами зебо бечуръатиии ҷавононро мебинад («Шиква»), аввалин азму иродаи «навсафари ишқ» («Якдонаи мо») мушоҳида мекунад. Муҳимтар аз ҳама орзуҳои наҷиби ошиқ дар бораи бахту саодат бо оҳанги шӯх иброз мегардад ва он сурудро ҳофизони тоҷик солҳои зиёд то ба имрӯз бо ҷӯшу хурӯш месароянд. Он суруди миёни мардум машҳур бо банди зерин шурӯъ мешавад:

Гар назаре ба мо кунӣ,
Хандаи дилкушо кунӣ,
Дар дили беқарори ман,
Олами ишқ ҷо кунӣ.
Умри ҳазор мебарам,
Кайфи баҳор мебарам.

Дар маҷмӯаи «Хаёли ширин» як силсила шеъру таронаҳои ошиқона ҳастанд, ки хеле самимона ва ҳунармандона суруда шудаанд. Шеърҳои шоир «Даври лабони нозук», «Аз пайи дил», «Чашми чор», «Олиҳаи ноз» ва «Нигоҳи дилписанд» ифодагари эҳсоси поки ҷавонони ошиқ ва дӯстдори халқу ватан ҳастанд.

Ҷуз ин Меҳмон Бахтӣ барои кӯдакону наврасон низ ашъори зиёд гуфтааст. Шеърҳои кӯдаконаи ӯ асосан оид ба ҳаёти томактабиён ва «Алифбо»-хонҳост. Ин гуна шеърҳо хӯву хислати кунҷковонаи бачаҳоро бо забони соддаву фаҳмо ва образҳои ба ақлу идроки кӯдакон наздик баён кардаанд. Масалан, дар шеъри «Алла» орзуҳои ширини модар дар ҳаққи тифлаки дӯстрӯи худ ифода ёфтааст:

Алла гӯям ширинам,
Оҳуяки зарринам.
Ҳаргиз азизаки ман,
Дарди сарат набинам.

Орзуҳои модар хеле баландпарвоз буда, ояндаи дурухшони фарзандашро фаро мегирад. Модар оқилу доно шудани тифли худро таманно дорад, дар симои фарзанд эҳё гардидани анъанаҳои маънавии миллатро мехоҳад:

Ботамизу доно шав,
Ду дидаи бино шав.
Мисли бобоҳои худ,
Рӯдакию Сино шав.

Ашъори кӯдаконаи Меҳмон Бахтӣ аҳамияти таълимию тарбиявӣ дошта, меҳри кӯдакону наврасонро ба муҳити зист, падару модар, мактаб, китоб, таҳсил ва амсоли инҳо бедор мекунад.

Мавзӯи қисме аз шеърҳое, ки Меҳмон Бахтӣ дар солҳои баъд навиштааст, асосан ба фоҷеаҳои таърихи тоҷикон дар солҳои навад рабт мегирад. Шоир аз даргириҳо ва фоҷеаҳои фалокатбори ҷанги бародаркуш мутаассир буда, маҳалгароӣ, ҷоҳпарастӣ, гурӯҳбозиҳои бемаъниро маҳкум мекунад. Ӯ аз фоҷеаҳои таърихи нави тоҷикон ба чунин натиҷа расид, ки дӯстию бародарӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ асоси ваҳдати миллат аст. Шоир дар ин мавзӯъ як силсила шеърҳо офаридааст, ки яке аз онҳо «Ғазали ваҳдат» мебошад:

Дӯстон, бо ҳам бисозед, ин замони ваҳдат аст,
Ҳамдилу ҳамдард будан ҷисму ҷони ваҳдат аст.
Он қадарҳо ваҳдати сарду забонӣ сохтем,
Он ҳама акнун дигар заҳре ба хони ваҳдат аст…
Эй, ки месӯзӣ ба уммеди фуруғи кишварат,
Дар забону дил яке будан нишони ваҳдат аст.
Хонаи тоҷик рӯшан чун дили тоҷик бод!
Тоҷикистон хонадони ҷовидони ваҳдат аст.

Аз ашъори Меҳмон Бахтӣ бармеояд, ки шоир пайваста бо дарди халқу Ватан умр ба сар мебарад. Вале бо камоли боварӣ метавон гуфт, ки насри бадеӣ ва намоишномаҳо дар эҷодиёти ӯ афзалият доранд. Ҳанӯз яке аз аввалин ҳикояҳои ӯ «Афсонаи деҳ» (1966), «Шукуфаҳо» (1966), «Оинаи хотир» (1997), «Қӯшапир шаванд» (1972) ва ғайра низ чеҳраи ӯро ҳамчун насрнавис ба хонанда ошно карданд. А.Сайфуллоев аҳамияти нахустин лавҳаву ҳикояҳои нависандаро дар он мебинад, ки онҳо Меҳмон Бахтиро дар насрнависӣ омода мекарданд. Нависанда дар

сужетбандӣ, образофаринӣ, банду басти воқеаҳо, истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ ва амсоли онҳо таҷриба меандӯхт.// А. Сайфуллоев. Ҳамон асар, с. 43/

Аввалин навиштаҳои ӯ «Ёди лаҳзае» ва «Наврӯзи деҳаи хуррам» ифодагари эҳсоси ватанпарварии қаҳрамони нависанда нисбат ба ватан ва муқаддасоти он буданд. Ин асарҳо моҳияти таърихию ватанпарварӣ дошта, хонандаро дар рӯҳи худшиносӣ ва худогоҳӣ тарбият менамоянд.

Дар ҳикояи «Афсонаи деҳ» ишқи поку беғубори наврасонаи Исматулло ном хонандаи синфи панҷум ба толибаи синфи нӯҳум боварибахш тасвир шудааст. Дар ин ҳикоя зебоии дилҳои Исматулло ва Ғунча, дунёи орзую омол ва рӯҳияи онҳо ҳаққонӣ тасвир ёфтааст.

Меҳмон Бахтӣ дар ҳикоянависию лавҳанигорӣ таҷриба андӯхта, ба жанрҳои нисбатан калон қадам гузошта, повести «Оҳи сабук» (1971)-ро офарид. Мавзӯи ин асар аз ҳаёти коргари ҷавоне гирифта шудааст, ки рӯзона кор ва шабона дар Донишкадаи политехникӣ таҳсил мекунад. Вобаста ба ин нависанда масъалаҳои ахлоқ, муносибати ҷавонон, ишқу муҳаббат, садоқату хиёнат, дӯстию бародарӣ, ҷангу ҷидол, хулоса пастию баландиҳои ҳаётро нишон медиҳад.

Повести «Хубон» (1978) дар эҷодиёти Меҳмон Бахтӣ ҷойгоҳи хос дошта, чун яке аз беҳтарин асарҳои насрии тоҷикӣ эътироф шудааст. Ин повест ҳаёти зани тоҷикро дар муҳити оила ва ҷомеа нишон медиҳад. Вақеаҳои асар дар давраи мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷараён мегиранд. Дар ҳамин давраи душвор бори вазнини бригадирии хоҷагӣ ба зиммаи Хубон гузошта мешавад. Хубон ин масъулиятро замоне ба ӯҳда гирифт, ки шавҳараш ба ҷанг рафта буд. Дар қисса нависанда тавонистааст, ки дар заминаи тасвири фоҷеаҳои зиндагии Хубон, бадгӯиҳои зани шавҳараш ба фронт рафта, воқеияти фоҷеабори он солҳо ва таъсири фоҷеавии ҷангро ба зиндагии инсон нишон диҳад. Дар ин замина нависанда Хубонро ҳамчун зани соҳибирода, ҷасур ва мубориз нишон медиҳад. Ӯ бо кирдорҳои зишт ва овозаҳои бардурӯғи ғаразнок муросо намекунад.

Хубон зани боиффат, хушахлоқ ва итоатпазир аст. Вай бисёр фикру андеша мекунад, роҳу василаҳои гуногунро ҷустуҷӯ менамояд, ки бо Соҳиб зиндагиашро ба роҳ монад. Мақсад аз ин саъю талошҳои Хубон ҳифзи шараф ва нангу номус аст.

Меҳмон Бахтӣ дар ин повест образи як силсила қаҳрамононеро офаридааст, ки бо амалу кирдорашон диққатангезанд. Соҳиб шахсест, ки ҳақиқат ва дурӯғро аз ҳам фарқ карда наметавонад. Ин хислати нокомил сабаб мешавад, ки вай дӯстро аз душман фарқ карда наметавонад, ба дӯстони дерин ва занаш Хубон бовар надорад.

Рамазон инсони некбин, покниҳод ва дурандеш аст. Равшан типи одамони мансабпараст ва худхоҳ буда, фақат дар бораи манфиати худ ва наздиконаш меандешад. Образҳое, ки нависанда офаридааст, ҳама аз зиндагӣ гирифта шуда, эътимодбахшанд.

Повести «Хубон»-ро муҳаққиқон асари психологӣ шинохтаанд. Олами ботинӣ ва фикру андешаҳои қаҳрамонони асар хуб ба тасвир омадаанд. Махсусан ҳиссу ҳаяҷону изтироб, кайфиятҳои гуногуни Хубон нағз тасвир шудааст.

Мо дар боло оид ба ду намоишномаи Меҳмон Бахтӣ мухтасар сухан гуфтем. Ин ҷо ҳаминро таъкид карданием, ки драмаҳои Меҳмон Бахтӣ дар таърихи адабиёти навини тоҷикӣ мавқеи хос доранд. Тасвири мавзӯъву масъалаҳои муҳим аз бартариҳои осори драмавии ин адиб аст.

Меҳмон Бахтӣ дар драмаи «Захми забон» (1978) масъалаи муҳими ахлоқи иҷтимоиро ба миён мегузорад. Симои мансабдоронеро фош мекунад, ки манфиати одамони оддиро зери по карда, ба ин васила ба обрӯи давлат низ латма ворид мекунанд. Рустамов дар асар ҳамин гуна шахсият аст.

Худоӣ Шарифов навишта буд, ки «аз асарҳои драмавии Меҳмон Бахтӣ, ба назари мо, беҳтаринаш драмаи «Захми забон » аст. Муҳими гап дар он аст, ки ин асар ҳам аз ҷиҳати ғоявию эстетикӣ ва ҳам аз рӯи сохти бадеӣ хусусиятҳои умда дорад. Пеш аз ҳама, сифатҳои сохти иҷтимоии замони рукуд ва ҳатто зиндагии имрӯзаи ҷомеаи моро хеле хуб

акс кардааст. Ин сохт аксари мардумро тобеи лутфу марҳамати бузургон (дар драма барои хона) гардонда, мансабдоронро худхоҳу худбин гардондааст. Мо муддати зиёде дар сари ин навъ асарҳо сухан ронда, чунин рӯйдодҳоро як тасодуфи барои чунин ҷамъияти олӣ бегона мепиндоштем.

Аз ҷиҳати шакл асари Меҳмон Бахтӣ ҷолиби диққат аст. Драматизм ҳам дар воқеа ва ҳам дар бархӯрди рӯҳияҳо аз аввал то охир идома ёфтааст. Дар натиҷа ҳар як образ бо хислату кирдори аниқи худ тадриҷан ташаккул ёфта, то ба симои ҷамъиятӣ мерасад»//Х. Шарифов. Фазилати нависандагӣ// «Адабиёт ва санъат», №14, 5-уми апрели соли 1980.

Дар ин песа хайру шар, адолат ва беадолатӣ, ахлоқу одоби шоиста ва ҳарому зишт ба муборизаи ошкоро даромадаанд. Вақте ки Рустамов бо теғи заҳролуди забон Азимовро ба ҳалокат расонд, гумон мебаред, ки хайр мағлуб ва шар музаффар шуд. Дар зиндагӣ ин гуна ҳолатҳо бисёр мушоҳида мешаванд. Адолат, инсоф, муравват ва одамгарӣ бепаноҳ мемонад. Вале бо намудани чунин вазъият Меҳмон Бахтӣ бар ин таъкид дорад, ки мағлубияти адлу инсоф муваққатист. Дар хотимаи песа ин таъкиди маънавии адиб ба воқеият табдил меёбад ва Рустамов, ки тимсоли шар ва беадолатист, бечораву мағлуб ва шармсор мешавад.

Дар песаи «Ошёни баланд» (1981) Меҳмон Бахтӣ масъалаи нақш ва ҷойгоҳи шоирро дар ҷомеаи инсонӣ ба миён мегузорад. Драматург ин асари худро «ба эҳтиром ва ёди неки устод Мирзо Турсунзода» бахшидааст. Иштирокчиёни намоишнома муосирони мо мебошанд, ки ашъори Шоири халқии Тоҷикистон на танҳо ба ташаккули фикру андеша, ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва завқи онҳо, балки ба тамоми рӯзгори маишӣ ва иҷтимоии эшон таъсири нек гузоштаанд. Дар намоишнома таъсири шеъру сурудҳои Мирзо Турсунзода дар тарбияи ахлоқии халқ ва ташаккули олами маънавии мардум инъикос ёфтааст. Бозёфти эҷодии Меҳмон Бахтӣ дар ин асар ин аст, ки ӯ шеъри Мирзо Турсунзодаро чун

пайвандагари дилҳои ҷавонон ва яке аз омилҳои муҳими ташкили оилаҳои нави намунавию ибратбахш нишон медиҳад.

Дигар аз асарҳои муҳими саҳнавии Меҳмон Бахтӣ намоишномаи «Фирдавсӣ» (1993-1994) мебошад. Атахон Сайфуллоев менависад, ки «асари Меҳмон Бахтӣ на танҳо аз лиҳози жанри адабӣ, балки аз ҷиҳати мавзӯю масъала ва ҳаллу фасли онҳо низ чизи нав аст»// А. Сайфуллоев. Асари зикршуда, с. 87). Драмнавис дар ин асар фақат поёни умри офарандаи «Шоҳнома»-ро тасвир мекунад. Аммо ба василаи хоббинӣ ва ёдоварии баъзе воқеаҳою манзараҳои ҳаёти Фирдавсӣ пораҳое аз зиндагии пурмоҷарои пешинаи шоир низ инъикос ёфтаанд. Масалан, шоир Дақиқиро хоб дидани Фирдавсӣ ва идома додани «Шоҳнома», ёдоварии сӯҳбати Фирдавсӣ бо Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, шоири қасидасаро Унсурӣ ва ғайра аз ҷумлаи ҳамин гуна саҳифаҳои рӯзгори собиқаи Фирдавсӣ мебошанд.

Намоишномаи «Фирдавсӣ» аз лиҳози шакл ва банду баст ҳам навҷӯиҳо дорад. Вай мисли асарҳои пештараи Меҳмон Бахтӣ аз қисмҳо ва пардаҳои анъанавӣ иборат набуда, манзараҳои мухталифи ҳаёт, кӯча, ҳавлию боғи Фирдавсӣ, дарбори Султон Маҳмуд ва ғайра паси ҳамдигар муҷассам шудаанд. Намоишҳо аз оғоз то ба анҷом як давраи ҳаёти Фирдавсиро аз рӯи сужети муайян фаро намегиранд, балки дирӯзу имрӯзи рӯзгори шоирро омехта, нишон медиҳанд. Дар натиҷа образи Фирдавсӣ на танҳо дар муҳити оила, балки дар маркази воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва мафкуравию мазҳабии замон инъикос меёбад.

Меҳмон Бахтӣ бо муколамаҳои қотеъона ва забони буррою фасеҳ нишон медиҳад, ки Фирдавсӣ аз ақидаҳои эронпарастӣ ва суннатҳои эҷодии худ, ҳатто ба хотири манфиатҳои оилавӣ ҳам даст намекашад, туркони бодиянишинро, ки бо зӯри теғ, оташ, куштор ба сари қудрат омада, фармонфармоӣ доранд, ситоиш намекунад, дар васфи эшон қасида намесарояд.

Намоишномаи «Фирдавсӣ» асари таърихии тарҷумаиҳолист. Дар он вазъи нооромии замони шоир, ғояҳои ғосибона ва кишваркушоиҳои

шоҳ Маҳмуд, вазъи рӯзгори халқ, зиддиятҳои динию мазҳабӣ, иғвогарию дасисакории ҷоҳпарастон, амалиёти мардумфиребонаи баъзе роҳбарон ва амсоли онҳо саҳеҳ инъикос ёфтаанд. Воқеаҳои асар бо фоҷеаҳои таърихи Тоҷикистони имрӯза ҳамоҳангӣ дошта, хонанда ва тамошобинро ба андешаи дуруст ва созанда вомедорад.

Масъалаҳои иштироки шоир Фирдавсӣ ба ҳаллу фасли воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқии замони ӯ, адабиёту ҳунар ва мақоми шоҳ ва шоир дар ҷомеа, дар пояи баланд қарор гирифтани сухан, қадру манзалати сухани бадеӣ ва ғайра, аз ҷумлаи мушклоте мебошанд, ки дар ҳамаи давру замонҳо муҳим ба шумор мерафтанд.

Меҳмон Бахтӣ муваффақ шудааст, ки дар ин песа чеҳраҳои шахсиятҳои таърихӣ Фирдавсӣ, Шоҳ Маҳмуд, Дақиқӣ, Унсурӣ ва образҳои хаёлии Абудулаф, Манижабону, Нӯшозар, Тобон, Амр ибни Мунзир, Лашкарӣ, Арслон Ҷозиб, Шайх Абусаъиди Сарахсӣ, Абдуллоҳи Аббос, Зирак, Навруста ва Яздонро хуб офарад. Нависанда тавонистааст, ки ба василаи забон ва тасвирҳои мушаххас ҳақиқати таърихӣ ва фарҳангиро дақиқ тасвир кунад. Песаи «Фирдавсӣ», бешак, аз беҳтарин намоишномаи Меҳмон Бахтӣ буда, таҷассумгари ҳақиқати таърихи пурфоҷеаи гузаштагони тоҷикон мебошад.

Дигар аз намоишномаҳои диққатангези Меҳмон Бахтӣ песаи «Шоҳ Исмоили Сомонӣ» мебошад. Асар дар бораи воқеаҳои таърихии 1100 сол пеш рух дода ҳикоят кунад ҳам, ғояи он барои имрӯзиён хидмат мекунад.

Намоишнома дар бораи натиҷаи набарди Шоҳ Исмоил ва Наср, асорати Наср ва муносибати Шоҳ Исмоил бо ӯ, ҳуҷумҳои пайдарҳами халифаҳои араб, Муҳаммади Башоро ва Амри Лайс бар зидди Бухоро ва ғалабаҳои Исмоили Сомонӣ, дасисабозиҳои аҳли дарбор, муносибати хонҳои бодиянишини турк бо Исмоили Сомонӣ ва ғайра нақл мекунад.

Дар ин асар 18 қаҳрамон иштирок карда, ҳамаи онҳо аз бисёр ҷиҳатҳо бо шоҳ Исмоил иртибот доранд. Исмоили Сомонӣ, вазир Ҷайҳонӣ, девондори амирулмулк Балъамӣ, Насри Сомонӣ, Яқуби

Сомонӣ, Аҳмади Сомонӣ, Муҳаммади Башоро, Амр ибни Лайс, Исҳоқи Сомонӣ ашхоси таърихӣ ва воқеӣ мебошанд. Меҳмон Бахтӣ дар эҷоди симои ашхоси таърихӣ ва тахаюлӣ маҳорати тамом нишон додааст, зеро дар баробари симои шахсиятҳои таърихию воқеӣ чеҳраҳои тахаюлӣ низ зиндаю ҷоннок, мароқангез ва барҷаста тасвир ёфтаанд.

Дар маркази асар шоҳ Исмоили Сомонӣ қарор дорад. Драманавис дар ҳар саҳна, дар ҳар манзара, ҳатто дар муколама ягона хислати наҷиб ва шоистаи қаҳрамони марказии асари худ Исмоили Сомониро ба зуҳур овардааст.

Драмнавис нишон медиҳад, ки Исмоили Сомонӣ меҳанпараст ва инсонпарвари бузург аст. Ин хислати ӯ на дар сухан, балки дар амал воқеъ мешавад. Дар тасвири адиб Исмоили Сомонӣ инсонпарвари муҳаррарӣ не, балки фаъол аст. Суханони ӯ фақат раҳму шафқати сарвари давлатро нисбат ба мардуми ранҷбар ифода намекунад, балки дар амал ҷорӣ гардида, боиси некуаҳволии мардум мешаванд.

Дар намоишнома симои сиёсии Исмоили Сомонӣ хеле рӯшану мукаммал инъикос ёфтааст. Дар муборизаи ватанхоҳона бар зидди ҳуҷумҳои халифаю волии араб Муҳаммад Башоро ва Амр ибни Лайс Шоҳи Бухоро ба сифати як нафар донишманди илми ҳарб, ташкилотчӣ ва сарвари халқ ва қувваҳои мусаллаҳи давлат дар роҳи ҳифзи мамлакат ба тасвир омадааст.

Ин асари Меҳмон Бахтӣ хонанда ва тамошобинро ба шинохти гузаштаи пурифтихори халқи тоҷик раҳнамоӣ карда, ба ӯ сабақи худшиносию худогоҳӣ медиҳад. Ғояи шинохт ва ба қадр донистани ифтихороти гузашта асоси асарҳои таърихии Меҳмон Бахтӣ, аз ҷумла намоишномаҳои «Фирдавсӣ» ва «Шоҳ Исмоили Сомонӣ»-ро ташкил медиҳад. Ин нависандаи ҳунарманд тавонист муҷассамаи ду тан аз абармардони таърих ва тамаддуни мо- Фирдвасӣ ва Шоҳ Исмоили Сомониро бо камоли ҳунармандӣ офарад ва номи онҳо ва худро ба рӯзгорони дигар интиқол диҳад.

НОМГӮИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. М., 1926, Теҳрон, 2008.
2. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Д., 1990
3. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. – Д.: 1987
4. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ.13, Д., 1977
5. Азизӣ Б. Зани директор. Маҷмӯаи очерку ҳикояҳо ва мақолаву лавҳаҳои танқидӣ. Д., 1985
6. Азизқулов Ҷ. ва Муллоҷонова З.. Феҳрасти асарҳои С.Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ, Д., 1963
7. Акбаров Ю. Шӯҳрати ҷаҳонии Айнӣ – Ҳаёт, қаҳрамон ва адабиёт, Д., 1977
8. Акбаров Ю. Маҳаки истеъдод. Дар китоби: Талаби ҳаёт ва қисмати адабиёт, Д. 1977, саҳ. 117-118.
9. Акбаров Ю. Хун дар димоғи булбули мискин. «С.Ш.», 1992, 5
10. Акбаров Ю. Талаби ҳаёт ва қисмати адабиёт. – Д.: 1977.
11. Аҳмади Дониш. Осори баргузидаи бадеӣ, Д., 1976
12. Амонов Р. Шукуфаҳои рангин, «Садои Шарқ», 1969, 3, саҳ. 144
13. Афсаҳзод А. Пайванди қарнҳо. Д., 1989
14. Бақозода Ҷ. Нависанда ва идеали замон. – Д.: 1987
15. Бакозаде Дж. Черты нового (современност и проза), Д., 1974
16. Бакозде Дж. Повести последних лет. «Памир». 1968. 1
17. Баҳманёр. Аспи обӣ. Д., 1988
18. Бозор Собир. Мижгони шаб. Д., 1981
19. Бозор Собир. Бо чамидан, бо чашидан. Д., 1987
20. Брагинский И.С.. Из истории таджикской литературы. М., 1972
21. Брагинский И.С. Проблемы творчества Садриддина Айни. – Д.: 1974
22. Брагинский И.С.. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. – Д.: 1968
23. Гулназар. Оинаи беғубори ман. «С.Ш.» 1992. 5
24. Гулрухсор. Бунафша. – Д.: 1970,

25. Гулрухсор. Хонаи падар – Д.: 1973;
26. Гулрухсор. Шабдарав. _ Д.: 1975;
27. Гулрухсор. Афсонаи кӯҳӣ. – Д.: 1975;
28. Гулрухсор. Оташи Суғд. – Д.: 1981;
29. Гулрухсор. Оинаи рӯз. – Д.: 1985.
30. Демидчик Л.А. Реалистическое обновление таджикской прозаической традиции. Авт.реф.дисс.докторӣ. – Д.: 1973
31. Дониш А. Порчаҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ». Сталинобод, 1957
32. Ёдбуди устод Лоҳутӣ. Д., 1987
33. Қаноат М. Достони оташ. Д., 1967
34. Қаноат М.. Осори мунтахаб. ҷ. 2, Д., 1982
35. Қаноат М. Сурӯши Сталинград. – Д.: 1972.
36. Кӯчаров А.. Тадқиқи текстологии «Одина»-и С.Айнӣ. Д., 1982
37. Кӯҳзод Ӯ.. Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз. Д., 1982
38. Кӯҳзод Ӯ. Ҳам кӯҳи баланду ҳам шаҳри азим. – Д.: 1983.
39. Кӯҳзод Ӯ. Тақвими роҳгум. – Д.: 1987.
40. Кӯҳзод Ӯ. Масъалаҳои насри муосир – «Садои Шарқ» 1983, 3, с.109
41. Лоҳутӣ А.. Шӯъла ва шамшер. – Д.: 1974
42. Маниёзов А. Публисистика ва назми устод Айнӣ, Сталинобод, 1958
43. Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Д.: 1987
44. Масъумӣ Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. _ Д.: 1966
45. Мирзозода Х.. Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт. Д., 1973
46. Мирзозода Х.. Мулоҳизаҳо дар бораи адабиёт. Д., 1963
47. Мирзо Сироҷи Ҳаким. Тӯҳафи аҳли Бухоро. Д., 1992
48. Миршакар М.. Ёди ёри меҳрубон, 1979
49. Меҳмон Бахтӣ. Песаҳо. Д., 1982
50. Модарнома. Д., 1981
51. Мукотибаи С.Айнӣ ва Лоҳутӣ. – Д.: 1978
52. Муллоҷонов М. Нависанда ва замон. «С.Ш.», 1970, 6.
53. Мусулмонқулов Р. Аспи обӣ зери зин. «С.Ш.», 1989, 7
54. Муҳаммадиев Ф. Ҳаёт, адабиёт, инсон. «С.Ш.», 1981, 6

55. Мӯъмин Қаноат. Маърӯза дар анҷумани IX нависандагон, «Садои Шарқ», 1986, 6, саҳ. 14.
56. Набиев А. Фолклор ва насри реалистӣ, С,Ш, 1977, №11
57. Набиев А. Эҷоди бадеӣ, инсон ва замон. Д., 1983
58. Набиев А. Адабиёт ва нақди адабӣ. – Д.: 1993.
59. Набиев А. Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон. – Д.: 1987.
60. Набиев А. Умеду ояндаи наср. «Садои Шарқ». 1986, 1, саҳ. 101).
61. Насриддинов А.. Маърифат ва шарҳи адабиёт. Д., 1990
62. Ниязов Х.Н. Путь Садриддина Айни – поэта, «Наука», М., 1965
63. Одинаев Ҷ. Авроқи рангин. – Д.: 1981.
64. Отахонова Х.. Пайванди ҳис ва андеша. -Д., 1982
65. Отахонова Х. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик. Д., 1983.
66. Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик. – Сталинобод: 1957
67. Паёми бародарӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои оид ба робитаҳои адабии халқи тоҷик. Д., 1972
68. Писатели Таджикистана. Д., 1986
69. Фошсозии Асирии Хуҷандӣ. Ашъори мунтахаб. Д., 1987
70. Раҳим Ҳошим. Сухан аз устодон ва дӯстон, Д., 1971
71. Раҳим Ҳошим. Солҳо дар саҳифаҳо. - Д., 1988
72. Рачабӣ М. Ислом: ҷадидия ва инқилоб.Д., 1987
73. Рачабӣ М. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ. Д., 1997
74. Рачабӣ М. Тадқиқи таърих-тадқиқи характер. Д., 1990
75. Садри Зиё. Наводири Зиёия. Д., 1991
76. Сайфуллоев А. Образи қаҳрамонони мусбати мубориз дар романҳои устод Садриддин Айнӣ, Сталинобод, 1960
77. Сайфуллоев А.. Дӯстии халқҳо - дӯстии адабиётҳо. Д., 1975
78. Сайфуллоев А. Бурду бохти насри тоҷик. «С.Ш.» 1976, 7.
79. Сайфуллоев А. Соле, ки накӯст аз баҳораш пайдост.«С.Ш.»,1990,7.

80. Салимов Ю.. «Одина» ва насри ривоятӣ. «С.Ш», 1977, 2
81. Самадов А. Насри солҳои охир. «С.Ш.». 1996, 9-12.
82. Сайфуллоев А. («Маориф ва маданият», 20 октябри соли 1974),
83. Сатторов А. Нуқтаи пайванд. – Д.: 1966
84. Сатторов А. Сарнавишти инсони покрав. «С.Ш.». 1989, 6.
85. Сатторов А. «Манфиатҷӯиҳои баъзе аз роҳбарони собиқи соҳаи идеологӣ» (с.110)
86. Сатторов А. Самараи меҳнат ва ҷустуҷӯй. Дар китоби: Нуктаи пайванд. – Душанбе: 1982, саҳ. 54.
87. Саттор Турсун. Сухан аз дард бояд гуфт. – «Адабиёт ва санъат» 9 июни соли 1988.
88. Сафаров С.П. С. Айнӣ – қофиласолори адабиёти советии тоҷик, Д., 1977
89. Смелков З.С. Слово в художественном пикете. М., 1980
90. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. – Д., 1989
91. Табаров С. ва Асозода Х. «Ташаккули фардияти нависанда» («Маориф ва маданият», 23 майи соли 1978),
92. Таърихи адабиёти советии тоҷик. – Д.: 1984
93. Турсунзода М.. Куллиёт. Ҷ.3, Д., 1979
94. Турсун С. Сухан аз дард бояд гуфт. «Адабиёт ва санъат», 9 июни соли 1988.
95. Улуғзода С.. Субҳи ҷавонии мо. Д., 1967
96. Улуғзода С. Интернатсионализм ҷаҳонбинии ман аст. – «Адабиёт ва санъат», 17 декабри соли 1987
97. Фитрат А. Мунозира. Д., 1992
98. Фитрат А.. Давраи ҳукмронии амир Олимхон. Д., 1987
99. Фитрат А.. Баёноти сайёҳи ҳиндӣ. «С.Ш.», 1989, 6
100. Ҳаким А. Шеър ва замон. Д., 1978
101. Ҳаким А. Раҳнавард. Д., 1983
102. Ҳаким А. Дар қаламрави сухан. – Д.: 1986.

103. Храпченко М.Б.. Творческая индивидуалност писателя и развитие литературы. М., 1977
104. Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX, Д., 1968
105. Ҷашнномаи Айнӣ, ҷ. 3, Д., 1966
106. Ҷашнномаи Айнӣ, ҷ. IV, Д., 1971
107. Ҷумъаев Ш. «Навишта ва ҳақиқати зиндагӣ» («Маориф ва маданият», 10 феврали соли 1977
108. Шукуров М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ. Д., 1973
109. Шакурӣ М.. Аз пайи фаҳмиши нав. «С.Ш», 1990, №4
110. Шукуров М. Пайванди замонҳо ва халқҳо – Д.: 1982
111. Шукуров М. Паҳлӯҳои тадқиқи бадеӣ. – Д.: 1976
112. Шукуров М. Мактаби одамият. – Д.: 1991
113. Шукуров М.. Рӯйдодҳои зиндагӣ ва моҳияти бадеӣ. – Душанбе: 1976, саҳ. 223.
114. Шукуров М. Тафаккури таҳлилӣ ва жарфои реализм, «Садои Шарқ», 1964, з, саҳ. 116.
115. Шукруллоев К. Масъалаҳои насри муосир. – «Садои Шарқ», 1988, 5, саҳифаи 128.
116. Юсуфӣ Ҳ. Сатрҳои нотамом. Китоби 2. – Д.: 1987
117. Юсуфӣ Ҳ. Роҳи нотамом. – Д.: 1973

МУНДАРИҶА

1. Муқаддима……...3
2. Адабиёти маорифпарварӣ…….....9
3. **Чеҳраҳои саршиноси адабиёти маорифпарварии тоҷик**
4. Аҳмади Дониш……...19
5. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ…….….27
6. Шарифҷон Махдуми Садри Зиё……44
7. Садриддин Айнӣ.....54
8. Саид Аҳмадхоҷаи Аҷзӣ……65
9. Тошхоҷаи Асрӣ……74

10.Абдурауф Фитрати Бухоройӣ…….….86

11.**Чеҳраҳои шинохтаи адабиёти суннатгарои охирҳои асри XIX ва авали асри XX**

12.Суннат ва Суннатгароӣ……..97

13.Шамсиддин Шоҳин……..100

14.Абдулқодирхоҷаи Савдо……112

15.Нақибхони Туғрал……126

16.**Даврони инкори суннатҳо ва мерос……138**

17.Насри солҳои бист……150

18.Насри даврони ҷанг……168

19.**Шахсиятҳои адабӣ**

20.Садриддин Айнӣ……....181

21.Абдулқосим Лоҳутӣ……....198

22.Пайрав Сулаймонӣ……...207

23.Ҳабиб Юсуфӣ……214

24.Муҳаммадҷон Раҳимӣ……..225

25.Фотеҳ Ниёзӣ……233

26.Мирсаид Миршакар……245

27.Абдусалом Деҳотӣ……258

28.Раҳим Ҷалил……269
29.Даврони бозгашт ва эхё (аз охирҳои солҳои панҷоҳум ба ин тараф)……...281
30.Сотим Улуғзода……289
31.Мирзо Турсунзода……..…..299
32.Ҷалол Икромӣ……310
33.Фазлиддин Муҳаммадиев……...323
34.Мӯъмин Қаноат……...332
35.Лоиқ Шералӣ……344
36.Ҷумъа Одина……357
37.Бозор Собир……..365
38.Гулрухсор……...372
39.Ӯрун Кӯҳзод……..388
40.Сорбон……404
41.Юсуф Акобиров……421
42.Саттор Турсун……431
43.Абдулҳамид Самад…….442
44.Баҳманёр……461
45.Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ……472
46.Баҳром Фирӯз……479
47.Фарзона……487
48.Аскар Ҳаким……497
49.Камол Насрулло……...510
50.Адаш Истад……523
51.Меҳмон Бахтӣ……535
52.Номгӯйи адабиёти истифодашуда……547